ISSN 2413-5151

# ПАЁМИ
## ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН
Бахши илмҳои иҷтимоӣ–иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ

2023. №1.

---

# ВЕСТНИК
## ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА
Серия социально-экономических и общественных наук

2023. №1.

---

# BULLETIN
## OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY
Series of economic and social sciences

2023. No.1.

**МАРКАЗИ**
**ТАБЪУ НАШР, БАРГАРДОН ВА ТАРҶУМА**
**ДУШАНБЕ – 2023**

**ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН**
**БАХШИ ИЛМҲОИ ИҶТИМОӢ–ИҚТИСОДӢ ВА ҶАМЪИЯТӢ**

**Муассиси маҷалла:**
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Маҷалла соли 2012 таъсис дода шудааст.



***САРМУҲАРРИР:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректори Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктори илмҳои химия, профессор, муовини ректор оид ба илми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР:**

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Номзади илмҳои филологӣ, дотсент, директори Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон* |

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ:

| | |
|---|---|
| | ***08.00.00 –иқтисод*** |
| **Ғаниев Таваралӣ Бобоевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Қамбар** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Чая Владимир Тигранович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Иброҳимзода Илхомуддин Раҷабалӣ** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исайнов Ҳисайн Раҳимович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор (Ҷумҳурии Қиргизистон)* |
| **Калемуллоев Мунир Воҳидович** | *Номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Низомова Туҳфамо Давлатовна** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Одинаев Ҳаёт Абдулхақович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Умаров Ҳоҷимуҳаммад** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Қурбоналиевич** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор* |
| | ***12.00.00 – ҳуқуқшиносӣ*** |
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Ғаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Раҳмон Дилшод Сафарбек** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| **Шарипов Тақдиршо Шарифович** | *Доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор* |
| | ***23.00.00 –сиёсатшиносӣ*** |
| **Зокиров Гулмаҳмад Нозимович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Курбонов Абдураҳмон Шерович** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Маҳмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктори илмҳои фалсафа, профессор* |
| **Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор, узви вобастаи АМИТ* |
| **Нуриддинов Раймалихон Шаҳбозович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор* |
| **Потселуев Сергей Петрович** | *Доктори илмҳои сиёсӣ, профессор (Федератсияи Россия)* |
| **Сафарализода Хуҷамурод Куддусӣ** | *Номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Номзади илмҳои сиёсӣ (Федератсияи Россия)* |



*Маҷалла ба Феҳристи нашрияҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Русия аз 03.06.2016 ворид гардидааст.*

*Маҷалла мақолаҳои илмии соҳаҳои зерини илмро барои чоп қабул менамояд:*

***Дар соҳаи илмҳои иқтисодӣ:*** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои ҳуқуқшиносӣ:*** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

***Дар соҳаи илмҳои сиёсӣ:*** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

*Маҷалла дар Индекси иқтибосҳои илмии Русия (РИНЦ) ворид карда шудааст.*

*Маҷалла бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ нашр мешавад.*

*Матни мукаммали маводи чопӣ дар сомонаи расмии маҷалла ҷойгир карда шудааст (www.vestnik-tnu.com).*

**Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.**
**Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ**
– 2023. – №1.
ISSN 2413-5151
Маҷалла дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №181/МҶ-97 от 19.02.2021 ба қайд гирифта шудааст.
Маҷалла дар Маркази табъу нашр, баргардон ва тарҷумаи ДМТ барои нашр таҳия мегардад. Нишонии Марказ:
734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17.
Сомонаи маҷалла: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41



© ДМТ, 2023

**ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО НАЦИОНАЛЬНОГО УНИВЕРСИТЕТА**
**СЕРИЯ СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИХ И ОБЩЕСТВЕННЫХ НАУК**

**Учредитель журнала:**
Таджикский национальный университет
**Журнал основан в 2012 г.**

***ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР ЖУРНАЛА:***

| | |
|---|---|
| **Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт** | *Доктор экономических наук, профессор, ректор Таджикского национального университета* |

**ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:**

| | |
|---|---|
| **Сафармамадов Сафармамад Муборакшоевич** | *Доктор химических наук, профессор, проректор по науке Таджикского национального университета* |

***ЗАМЕСТИТЕЛЬ ГЛАВНОГО РЕДАКТОРА:***

| | |
|---|---|
| **Исмонов Кароматулло** | *Кандидат филологических наук, доцент, директор Издательского центра Таджикского национального университета* |

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ:

***08.00.00 – Экономика***

| | |
|---|---|
| **Ганиев Таварали Бобоевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Давлатзода Кудрат Камбар** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Иброхимзода Илхомуддин Раджабали** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исайнов Хисайн Рахимович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Исраилов Мукаш Исраилович** | *Доктор экономических наук, профессор (Кыргызская Республика)* |
| **Калемуллоев Мунир Вохидович** | *Кандидат экономических наук, доцент* |
| **Кодирзода Диловар Бахриддин** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомов Самариддин Фахриевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Низомова Тухфамо Давлатовна** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Одинаев Хаёт Абдулхакович** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Умаров Ходжимухаммад** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Файзуллоев Машраб Курбоналиевич** | *Доктор экономических наук, профессор* |
| **Чая Влидимир Тигранович** | *Доктор экономических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Шамсов Илёс Сафарович** | *Доктор экономических наук, профессор* |

***12.00.00 – Юриспруденция***

| | |
|---|---|
| **Азиззода Убайдулло Абдулло** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Гаюров Шукрулло Кароматуллоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Диноршоев Азиз Мусоевич** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Муртазозода Джамшед Сайдали** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Насриддинзода Эмомали Сайфиддин** | *Доктор юридических наук, профессор, член-корр. НАНТ* |
| **Рахмон Дилшод Сафарбек** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Сотиволдиев Рустам Шарофович** | *Доктор юридических наук, профессор* |
| **Шарипов Такдиршо Шарифович** | *Доктор юридических наук, профессор* |

***23.00.00 – Политология***

| | |
|---|---|
| **Зокиров Гулмахмад Нозимович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Курбонов Абдурахмон Шерович** | *Доктор философских наук, профессор* |
| | *Доктор философских наук, профессор* |
| **Махмадизода Нозим Давлатмурод** | *Доктор политических наук, профессор, член-корр. АН РТ* |
| **Мухаммад Абдурахмон Навруз** | |
| **Нуриддинов Раймалихон Шахбозович** | *Доктор политических наук, профессор* |
| **Поцелуев Сергей Петрович** | *Доктор политических наук, профессор (Российская Федерация)* |
| **Сафарализода Худжамурод Куддуси** | *Кандидат политических наук, доцент* |
| **Сафранчук Иван Алексеевич** | *Кандидат политических наук (Российская Федерация)* |


Журнал входит в Перечень рецензируемых научных изданий ВАК Министерства образования и науки Российской Федерации от 03.06.2016.

Журнал принимает научные статьи по следующим научным специальностям:

**В области экономических наук:** *08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.*

**В области юридических наук:** *12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.*

**В области политических наук:** *23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.*

Журнал включен в базу данных Российского индекса научного цитирования (РИНЦ).

Журнал печатается на таджикском, русском и английском языках.

Полнотекстовые версии опубликованных материалов размещены на официальном сайте журнала (www.vestnik-tnu.com).

**Вестник Таджикского национального университета.**
**Серия социально-экономических и общественных наук.**
– 2023. – №1.
ISSN 2413-5151
Журнал зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.
Свидетельство №181/ЖР-97 от 19.02.2021 г.
**Журнал подготавливается к изданию в Издательском центре ТНУ.**
**Адрес Издательского центра:**
734025, Республика Таджикистан,
г. Душанбе, проспект Рудаки, 17.
Сайт журнала: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Тел.: (+992 37) 227-74-41

© ТНУ, 2023

**BULLETIN OF THE TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**Series of economic and social sciences**
**Founder of the journal:**

**TAJIK NATIONAL UNIVERSITY**
**The journal is established in 2012.**

***CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Khushvakhtzoda Kobildzhon Khushvakht** | *Doctor of Economic Sciences, Professor, Rector of the Tajik National University* |

**DEPUTY CHIEF EDITOR:**

| | |
|---|---|
| **Safarmamadov Safarmamad Muborakshoevich** | *Doctor of Chemical Sciences, Professor, Vice-rector for Science of the Tajik National University* |

***DEPUTY CHIEF EDITOR:***

| | |
|---|---|
| **Ismonov Karomatullo** | *Candidate of philology sciences, associate professor, director of the Publishing Center of the Tajik National University* |

MEMBERS OF THE EDITORIAL BOARD:

***08.00.00 - Economy***

| | |
|---|---|
| **Ganiev Tavarali Boboevich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Davlatzoda Kudrat Kambar** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Chaya Vladimir Tigranovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Ibrohimzoda Ilhomuddin Rajabali** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Isainov Khisain Rakhimovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Israilov Mukash Israilovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor (Kyrgyz Republic)* |
| **Kalemulloev Munir Vohidovich** | *Candidate of Economic Sciences, Associate Professor* |
| **Kodirzoda Dilovar Bahriddin** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomov Samariddin Fakhrievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Nizomova Tuhfamo Davlatovna** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Odinaev Hayot Abdukhakovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Faizulloev Mashrab Kurbonalievich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Shamsov Ilyos Safarovich** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |
| **Umarov Khojamuhammad** | *Doctor of Economic Sciences, Professor* |

***12.00.00 – Jurisprudence***

| | |
|---|---|
| **Azizzoda Ubaydullo Abdullo** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Gayurov Shukrullo Karomatulloevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Dinorshoev Aziz Musoevich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Murtazozoda Jamshed Saidali** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Nasriddinzoda Emomali Saifiddin** | *Doctor of Law, Professor, Corresponding Member of the National Academy of Sciences of Tajikistan (NAST)* |
| **Rahmon Dilshod Safarbek** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sotivoldiev Rustam Sharofovich** | *Doctor of Law, Professor* |
| **Sharipov Taqdirsho Sharifovich** | *Doctor of Law, Professor* |

***23.00.00 – Political sciences***

| | |
|---|---|
| **Zokirov Gulmahmad Nozimovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor,* |
| **Kurbonov Abdurakhmon Sherovich** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Mahmadizoda Nozim Davlatmurod** | *Doctor of Philosophy, Professor* |
| **Muhammad Abdurahmon Navruz** | *Doctor of Political Sciences, Professor, Corresponding Member of the NAST* |
| **Nuriddinov Raimalikhon Shahbozovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor* |
| **Potceluev Sergey Petrovich** | *Doctor of Political Sciences, Professor (Russian Federation)* |
| **Safaralizoda Khujamurod Quddusi** | *Candidate of Political Sciences* |
| **Safranchuk Ivan Alekseevich** | *Candidate of Political Sciences, Associate Professor (Russian Federation)* |

The journal is included in the List of peer-reviewed scientific journals of the Higher Attestation Commission of the Ministry of Education and Science of the Russian Federation from 03.06.2016.

The journal accepts scientific articles on the following scientific specialties:

**In the field of economic sciences:** 08.00.01, 08.00.05, 08.00.10, 08.00.14.

**In the field of jurisprudence:** 12.00.01, 12.00.02, 12.00.03, 12.00.08, 12.00.09, 12.00.10, 12.00.11, 12.00.12, 12.00.14.

**In the field of political sciences:** 23.00.01, 23.00.02, 23.00.03, 23.00.04, 23.00.06.

The journal is included in the database of the Russian Scientific Citation Index (RSCI).

The journal is printed in Tajik, Russian and English languages.

Full-text versions of published materials are posted on the official website of the journal (www.vestnik-tnu.com).

**Bulletin of the Tajik National University. Series of economic and social sciences**
– 2023. – №1.
ISSN 2413-5151

The journal is registered in the Ministry of Culture of the Republic of Tajikistan.

**The journal is being prepared for publication in the Publishing Center of TNU.**

**Address of the Publishing Center:**
17, Rudaki avenue, Dushanbe, 734025, Republic of Tajikistan,
Web site of the journal: www.vestnik-tnu.com
E-mail: vestnik-tnu@mail.ru
Tel.: (+992 37) 227-74-41

©TNU, 2023

## ИҚТИСОД – ЭКОНОМИКА

УДК 33Т

# МУҚАРРАРОТИ МЕТОДОЛОГӢ ВА КОНСЕПТУАЛИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ

*Хушвахтзода Қ.Х., Хамидова С.Х.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б.Ғафуров**

Дар шароити муосири рушди инноватсионӣ ва модернизатсияи иқтисодиёт дар илми ватанӣ ва хориҷӣ дар заминаи рақамисозии муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ ва тағйирот дар шаклу усулҳои ҳамкории байни иштирокчиёни бозори меҳнат консепсияи ягонаи идоракунии сармояи инсонӣ корбаст нагардида, гуногунии равишҳои консептуалӣ ва муқаррароти методологии татбиқшаванда бо назардошти тағйироти бозорҳои ҷаҳонӣ, миллӣ ва минтақавии манфиатҳои иқтисодӣ ва омилҳои истеҳсолот, ташаккул ва рушди системаҳои идоракунии захираҳои инсониро хеле душвор мегардонад.

Мушкилоти объективии ҷамъоварӣ ва коркарди минбаъдаи иттилооти муосир оид ба технологияҳои татбиқшудаи идоракунии захираҳои инсонӣ ва мушкилоти баҳодиҳии миқдории таъсири онҳо ба натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти истеҳсолӣ ва иқтисодӣ ва фазои маънавию психологии коллектив дар бисёр ҳолатҳо имкон намедиҳад, ки ба самаранокии идоракунии сармояи инсонӣ на танҳо дар доираи муҳити дохилии сохторҳои алоҳидаи соҳибкорӣ, балки дар сатҳи минтақавӣ ҳам баҳодиҳии холисона дода шавад.

Идоракунии стратегии сармояи инсонӣ ин таҳияи як ҷузъи барномавии стратегияи умумии рушди сохтори соҳибкорӣ аст, ки татбиқи амалии он дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- муайян кардани мушкилот ва асосноккунии зарурати ҳалли идоракунии захираҳо;
- муайян кардани ҳадафҳои идоракунии стратегии захираҳои инсонӣ;
- таҳияи фаслҳои стратегии дурнамои умумии рушди сохтори соҳибкорӣ;
- муайян намудани захираҳое, ки барои рушди системаи идоракунии сармояи инсонӣ заруранд;
- тақсимоти нақшаи стратегии идоракунии сармояи инсонӣ ба барномаҳои амалиётӣ;
- амалисозии ҷузъиёти стратегия ва нақшаҳои амалиётии идоракунии сармояи инсонӣ;
- назорати татбиқи фаслҳои дурнамо ва стратегияҳои амалиётии идоракунии сармояи инсонӣ.

Дар раванди банақшагирии стратегӣ сармояи инсонӣ ҳамчун сармояи берунии комёбӣ ба ҳисоб меравад ва тамоми фаъолияти стратегӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои пешбинишудаи афзалиятҳои рақобатии рушди сохтори соҳибкорӣ дар дурнамои дарозмуддат нигаронида шудааст.

Ҳадафҳои ташаккули системаи идоракунии захираҳои инсонӣ бояд бо истифодаи сармояи инсонӣ барои ноил шудан ба нишондиҳандаҳои банақшагирифташуда ва таъмини афзалиятҳои рақобатии корхона алоқаманд бошанд. Дар баробари ин, ба ҷузъи стратегии низомсоз ҷалби коргарон, ҷустуҷӯ ва интихоби кормандон ва таълими онҳо, таҳия ва идоракунии нишондиҳандаҳои самаранокӣ, системаи ҳавасмандкунӣ ва муносибатҳои меҳнатӣ диққати махсус дода мешавад.

Самаранокии идоракунии стратегии захираҳои инсонӣ, асосан, аз таваҷҷуҳи тамоми кормандон ба татбиқи стратегияи тиҷорат, мураккабӣ ва сатҳи ҳамгироии фаъолияти амудӣ ва мустақиман ҳамкории уфуқӣ муайян карда мешавад. Бо ин равиш стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ ҷузъи ҷудонашавандаи стратегияи умумии рушди сохтори корхона гардида, муносибати байни идоракунии сармояи инсонӣ ва идоракунии стратегии корхонаро танзим мекунад, ба истифодаи самараноки сармояи инсонӣ барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва рақобатпазирии он дар бозор нигаронида мешавад.

Идоракунии стратегии сармояи инсонӣ як қатор масъалаҳои марбут ба самаранокии ташкилот тавассути тағйир додани сохтори ташкилӣ ва фарҳанги истифодаи захираҳо, идоракунии дониш ва тағйирот, бо назардошти талаботи эҳтимолии бозор, муайян ва таҳияи омилҳои асосии муваффақият, иҷрои нишондиҳандаҳои нақшаҳои фаъолияти истеҳсолию фурӯши маҳсулот ва тараққиёти стратегии корхонаро бо назардошти ҳамаи масъалаҳои асосии вобаста ба кадрҳо ҳал менамояд.

Дар раванди идоракунии сармояи инсонӣ ба масъалаҳои муайян кардани хусусиятҳои фарққунандаи сохтори соҳибкорӣ аз рақибон, банақшагирии ҳадафҳои дарозмуддат ва воситаҳои ноил шудан ба онҳо диққати махсус дода мешавад, аз ин рӯ, ҷойгиронии дарозмуддати захираҳо ба имкониятҳои муҳити беруна дар дурнамои стратегӣ мувофиқат мекунад.

Стратегия ҳамчун маҷмуи самтҳои асосии рушди корхона барои муддати дароз бо ноил шудан ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ, истифода аз омилҳои асосии муваффақият ва таҳкими онҳо, аз ҷумла тавассути сармояи инсонӣ баррасӣ карда мешавад.

Идоракунии стратегии сармояи инсонӣ як қисми стратегияи умумии рушди ташкилот буда, аз бахшҳои зерин иборат аст:

– банақшагирии ноил гардидан ба ҳадафҳои пешбинишуда, аз ҷумла истифодаи сармояи инсонӣ ҳамчун яке аз омилҳои муҳимтарини таъмини натиҷаҳои нақшавӣ ва таъмини афзалиятҳои рақобатӣ дар бозор;

– коркард ва таҳияи фалсафа ва рисолати мавҷудияти сохтори соҳибкорӣ, таъмини истифодаи самараноки сармояи инсонӣ;

– муайян кардани вобастагии сармояи инсонӣ чун ҷузъи стратегӣ аз нишондиҳандаҳои фаъолияти истеҳсолӣ ва маркетингӣ, ҳамчун яке аз омилҳои асосии муваффақияти корхона;

– муайян кардани нақш ва мавқеи кормандони корхона ҳамчун захираи стратегӣ.

Ҳангоми таҳияи стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ ҳадафи асосӣ фароҳам овардани имкониятҳои стратегӣ тавассути кадрҳои баландихтисос, ки дар дурнамо бартариятҳои рақобатпазирро тавассути таҳия ва татбиқи барномаҳои стратегӣ ва амалиётӣ таъмин намояд. Дар баробари ин коллектив фаъолона кор карда, дигаргуниҳои ояндаи табиати бозор ва муҳити беруниро пешбинӣ намуда, коллективи худомузанда ва худтараққикунандаро ташкил медиҳад.

Ҳангоми таҳияи як ҷузъи стратегӣ бояд ба назар гирифт, ки муваффақияти стратегии идоракунии сармояи инсонӣ ба он вобаста аст, ки то чи андоза манфиатҳои ҳамаи гурӯҳҳои таъсиррасон ба назар гирифта мешаванд: соҳибон, саҳмдорон, менеҷерҳо, коргарон ва дигар гурӯҳҳо. Бо истифода аз модели «нарм»-и идоракунии захираҳои инсонӣ, таваҷҷуҳи бештар ба муносибатҳои одамон, эътимод, эҳтиром, рушди пайваста, муошират, инчунин сифати шароити корӣ дода мешавад. Ҳангоми таҳияи модели нарм ба масъалаҳои ахлоқӣ низ диққат дода шуда, аҳамияти устувории ҷомеаи меҳнатӣ таъкид мешавад. Шакли "сахт"-и идоракунии захираҳои инсонӣ ба натиҷаҳо нигаронида шудааст: фоида, арзиши саҳмия, арзиши корхона, даромади сармоягузорӣ ба захираҳои инсонӣ ва ба манфиати корхона.

Модели «оқилона»-и идоракунии захираҳои инсонӣ аз он бармеояд, ки ҳама ташкилотҳо барои ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва амалиётие, ки аз рӯи нишондиҳандаҳои нақшаҳои амалиётӣ ва пешгӯиҳои стратегӣ тақсим шудаанд, бо тамоми захираҳои зарурӣ таъмин мешаванд. Истифодаи самараноки захираҳо ва ҳадафҳои стратегӣ ҳангоми банақшагирӣ бояд ба омили инсонӣ ва услуби кори коллективӣ, ки дар модели нарми идоракунии захираҳои инсонӣ бо назардошти манфиатҳо ва талаботи тамоми кормандони корхона истифода мешаванд, алоқаманд бошад.

Идоракунии стратегии сармояи инсонӣ дар давраи нақшавӣ тавассути кори ҳамоҳангшудаи ҷустуҷӯ, пойгоҳи додаҳо, усулҳои нави идоракунии одамон бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва равишҳои инноватсионӣ бо тамаркузи пешгӯишаванда ба тағйироти оянда дар бозор ва муҳити беруна бартариҳои назарраси рақобатиро фароҳам меорад. Стратегияҳои рақобатие, ки бартарии рақобатро фароҳам мемоvarанд, имкон медиҳанд, ки зуд амал кунем, аз ҳама гуна имкониятҳои иловагии бозор истифода барем

ва хатарҳои аз муҳити беруна интизоршударо коҳиш дода, ба онҳо муқобилат намоем. Дар айни замон танҳо коллективи пурмаҳсул истифода ва сарфа намудани тамоми захираҳоро таъмин карда метавонад, ки ин муҳимтарин бахши таъмини афзалияти рақобатӣ мебошад.

Бо модели оптималии идоракунии захираҳои инсонӣ, афзалиятҳои рақобатӣ тавассути рушди захираҳои инсоние, ки тезтар меомӯзанд, донишу истеъдоди беназири кормандонро самараноктар истифода мебаранд, самаранокии баланд, сифат, навоварӣ, сатҳи баланди хидматрасониро аз ҳисоби сатҳи донишу малакаи баланди кадрҳо нисбат ба рақибон, сармояи беназири зеҳнӣ ва фарҳанге, ки ҳавасманди омӯзиши ҷамоавӣ доранд, таъмин мекунанд.

Назарияи сармояи зеҳнӣ, ки ба истифодаи самараноки захираҳо низ нигаронида шудааст, таъкид мекунад, ки маблағгузории асосӣ ба кадрҳо арзиши онҳоро барои корхона зиёд мекунад [3]. Идоракунии сармояи инсонӣ ҳамчун ҷузъи стратегӣ, ҷалб ё омода кардани коргарони боистеъдод, ки бартариҳои рақобатӣ фароҳам меоранд, бо ба даст овардани сармоя, рушд ва нигоҳдории сармоя машғуланд, назарияи идоракунии сармояи зеҳниро мукаммал месозад. Азбаски муҳити беруна дар ҳолати тағйирёбии доимӣ қарор дорад, истифодаи самараноки захираҳо метавонад таъсироти берунаро коҳиш дода, самаранокӣ ва устувории динамикиро таъмин кунад.

Назарияи идоракунии сармояи инсонӣ эҳтиёҷоти сармояи зеҳниро аз нуқтаи назари стратегӣ муайян карда, рушди иқтидори захираҳоро баррасӣ мекунад ва мувофиқати стратегиро байни рушди сармояи зеҳнӣ дар оянда ва стратегияҳои амалиётие, ки барои татбиқи коргарони алоҳида муайян ва муфассал пешбинӣ шудаанд, таъмин менамояд ва бо масъалаҳои мувофиқоварӣ ва конфигуратсияи беҳтарини сохтори корхона амал менамояд. Ҳамзамон, захираҳои кадрии корхона ҳамчун манбаи асосӣ ҳисобида мешаванд, ки бартарии рақобатпазирии корхонаро аз ҳисоби захираи инноватсияҳо барои дурнамои стратегӣ таъмин мекунанд.

Ҳангоми таҳияи нақшаҳои стратегӣ ва стратегияҳои амалиётӣ самтҳои асосии фаъолияти корхонаро фаро гирифтан лозим аст, дар давраи пеш аз банақшагирӣ бояд мунтазам муҳити беруна аз рӯи таҳлили SWOT бо мақсади таҳияи чорабиниҳо оиди инкишофи неруи интеллектуалӣ омӯхта шавад.

Дар амал ташаккул додани стратегияи идоракунии захираҳои инсонӣ дар давраи ибтидоӣ хеле душвор аст, зеро стратегия дар посух ба вазъи рушдёбанда бо мурури замон ба вуҷуд меояд.

Ҳангоми таҳияи стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ як қатор душвориҳо вобаста ба ҳамоҳангсозии дохилии раванди идоракунӣ ба миён меоянд [7]:

– нокифоя будани корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба самтҳои нави стратегӣ боиси муқовимат ва ихтилофот байни кормандон мегардад;

– роҳбарияти олӣ зуд натиҷагирии беҳтарро мехоҳад, вазъиятҳои низоӣ эҷод мегардад;

– сиёсати инноватсионии корхона бе тайёрии ҷиддии кадрҳо сурат мегирад, ки ба ҳалли масъалаҳои нав аз ҷиҳати техникӣ ва технологӣ тайёр набудани кадрҳо далолат медиҳад;

– бинобар маҳдудиятҳои молиявӣ дар инкишофи сармояи инсонӣ байни таҷҳизонидани технологӣ ва дараҷаи тайёр кардани кадрҳо фарқият ба вуҷуд меояд;

– бад шудани мавқеи корхона дар бозор дар натиҷаи нокифоя кор карда баромадани тадбирҳои оперативӣ ва детализатсияи барномаҳои самтҳои стратегӣ;

– набудани шавқу ҳавас ва дараҷаи пасти тайёрии роҳбарони шуъбаҳо, ки аз уҳдаи ҳалли масъалаҳои мураккаби стратегӣ баромада наметавонанд.

Монеаҳои гуногуне, ки ҳангоми татбиқи стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ дучор мешаванд, бо фаҳмиши нодурусти ниёзҳои стратегии корхона алоқаманданд ва ташаббусҳои инфиродӣ бо муқовимат, нофаҳмӣ рӯбарӯ мешаванд, аксар вақт номуносиб ва ҳатто зараровар ба назар мерасанд, агар фарҳанги ташкилӣ мувофиқат накунад ва рушди он аз мақсадҳои стратегии пешбинишуда ақиб мемонад. Ташаббусҳои инфиродӣ дар соҳаи идоракунии сармояи инсонӣ аз он асос меёбад, ки татбиқи онҳо ба фаъолияти оперативӣ ва нақшаҳои муфассали корхона, ки барои соли нақшавӣ мувофиқа ва тасдиқ

шудаанд, таъсир расонад. Омили дигари боздоранда аз қабули ташаббусҳои нав майл надоштани роҳбарони зинаи миёна, нодуруст баҳогузории онҳо нисбати маблағгузорӣ ба захираҳои инсонӣ мебошад.

Таҳлили осори олимон (А.Р. Алавердов [1], А.Л. Гапоненко [2], К.П. Каменева [4], Ю.Р. Николаева [6], Д. Аҷемугли [9], Ф. Аналоу [10] ваҶ.К. Гэлбрейт [11] ва ғ. оид ба ин масъала нишон медиҳанд, ки барои бартараф намудани мушкилот ва маҳдудиятҳои дар боло зикршуда дар рушди корхона истифода бурдани усулҳо ва чорабиниҳои амалии зерин ба мақсад мувофиқ аст:

- гузаронидани банақшагирии муфассал ва таҳлили SWOT STEP-и сатҳи рушди ташкилот, баҳодиҳии ҳолати воқеии сармояи инсонӣ;
- таҳияи стратегия, муайян намудани мақсадҳо, захираҳои зарурӣ барои татбиқ ва нишондиҳандаҳои амалӣ;
- тадбирҳои оперативӣ ва нақшаҳои муфассалро тавре тартиб диҳанд, ки ҳамаи коркунони корхонаро фаро гиранд;
- баҳодиҳӣ ба хавфу монеаҳои эҳтимолӣ, махсусан ҷиҳати татбиқи инноватсияҳо ва ташаббусҳои инфиродӣ. Бояд аҳамияти махсус ба таъмини захираҳо, аз ҷумла ба маблағгузории сармояи инсонӣ дод;
- оид ба марҳилаҳои татбиқи барномаҳои матритсавӣ бо таъини иҷрокунандагони мушаххас ва нишон додани муҳлатҳои иҷрои онҳо кори ташкилӣ гузаронад;
- таъмини иттилоотию машваратиро барои марҳилаҳои татбиқи стратегияҳо муайян намояд;
- нишондихандаҳои рақобатӣ ташкил намуда, назоратро ба иҷрои стратегияҳо, нақшаҳои оперативӣ ва барномаҳои мушаххас пурзӯр намояд.

Низоми идоракунии сармояи инсонӣ, бархилофи идоракунии кадрҳо, аз эҳтиёҷоти кормандон ба талаботи корхона ба қувваи корӣ равона карда мешавад ва натиҷаҳои идоракунии кадрҳо на аз рӯи потенсиали мавҷудаи кадрҳо, балки ниёз ба кадрҳо аз ҷониби лоиҳа муайян карда мешавад. Дар низоми идоракунии сармояи инсонӣ сиёсати кадрӣ фаъол мешавад, аз сиёсати реактивии ғайрифаъол дур гардида, системаи идоракунии кадрҳо ба натиҷаҳои фаъолият, ба кори инфиродӣ бо кадрҳо бо самти пешгӯишаванда ба оянда нигаронида мешавад. Агар системаи идоракунии кадрҳо ба сарфаи хароҷоти такрористеҳсоли қувваи корӣ нигаронида шуда бошад, пас, технологияҳои идоракунии сармояи инсонӣ ба баланд бардоштани самаранокии сармоягузорӣ, оид ба инкишофи сармояи инсонӣ тавассути баланд бардоштани касбияти кормандон ва беҳтар намудани шароити меҳнат равона шудааст. Агар мувофиқи системаи куҳна танҳо коргарони одӣ машғул шаванд, пас, дар системаи нав ба салоҳиятнокӣ диққат дода мешавад, самаранокии меҳнат унсури асосии потенсиали кадрҳои корхона мегардад. Ҳамзамон, ба ташаккули фарҳанги қавии мутобиқшавии ташкилӣ ва ташаккули фазои ҳавасмандгардонии масъулияти мутақобилаи кормандон ва корфармоён тавассути ҷорӣ намудани навовариҳои ташкилию техникӣ ва муҳокимаи ошкорои масъалаҳои гуногун нақши муҳимро касб мекунад.

Барои ташаккули низоми самараноки идоракунии сармояи инсонӣ шартҳои муайян заруранд [5]:

1) ташаккули зерсистемаи идоракунии захираҳои инсонӣ, ки ба шароити тағйирёбандаи муҳити беруна ва вазъи ноустувори сиёсӣ мутобиқ гардидан қодир бошад;

2) банақшагирии карераи фардӣ, тайёр кардан ва бозомӯзии кадрҳо;

3) сари вақт иваз намудани кадрҳо ва ҳавасмандгардонии рушди касбӣ;

4) истифодаи низоми чандирии музди меҳнат, ки ба ҳисоб гирифтани саҳми шахсии кормандон ва салоҳияти онҳоро таъмин менамояд;

5) баҳодиҳии дониши касбӣ, маҳорат ва малакаҳои воқеӣ, сатҳи маълумот оид ба ҳар як корманд;

6) таъмини иштироки баланди гурӯҳҳои корӣ ва кормандони алоҳида дар таҳия ва татбиқи қарорҳои ҳаррӯзаи идоракунӣ;

7) истифода бурдани таҷрибаи ба тобеон додани қабули қарорҳои идоракунӣ;

8) ташаккули системаи васеи алоқа: амудӣ, уфуқӣ ва диагоналӣ дар доираи идоракунии корхона.

Дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, мо метавонем дар бораи мавҷудияти ду равиши концептуалии идоракунии стратегии сармояи инсонӣ, ки ба ҷанбаҳои муосири навсозии низоми иқтисодӣ мувофиқанд, сухан ронем:

1. Равиши оқилона (ратсионалистӣ) дараҷаи баланди мутобиқшавии корхонаро дар шароити рақобат, чандирии идоракунии кадрҳо ва интенсификатсияи меҳнат, инчунин, иштироки кормандонро дар тақсимоти фоида таъмин менамояд. Дар системаи идоракунии сармояи инсонӣ муносибати оқилона масъулияти мутақобилаи роҳбарият ва кормандонро барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди стратегӣ дар назар дорад. Бо ин равиш, раёсати кадрӣ ба ҳайати раёсати корхона дохил карда мешавад ва худи кор барои қонеъ кардани ниёзҳои ширкат бо қувваи кории содиқ, ки татбиқи стратегияи рақобатро таъмин мекунад, равона карда шудааст. Хусусияти фарккунандаи муносибати оқилона аз усулҳои пештар истифодашудаи хоҷагидорӣ дар он аст, ки ин гуна сиёсат ба тобеияти меҳнаткашон асос намеёбад.

2. Дар равиши инсондӯстона худи кормандон барои таъмини афзалиятҳои рақобатӣ масъул буда, онҳо ба баланд бардоштани самаранокии алоқа тавассути идоракунии чандирӣ ва ҳавасмандии кормандон машғуланд ва масъулияти мутақобилаи тарафҳо самаранокӣ ва бартариятҳои рақобатии корхонаро таъмин менамояд. Хуб аст, ки бо муносибати инсонпарварона иштироки зиёди кормандон дар банақшагирӣ ва тарҳрезии ҷойҳои корӣ, беҳтар намудани шароити сифати кор, моли истеҳсолшуда, дастрасӣ ба иттилоот, қонунӣ донистани манфиатҳои шахсони гуногун вазъияти навро мутобиқи талаботи навсозии бозори меҳнат ба вуҷуд меорад.

**АДАБИЁТ**


1. Алавердов А.Р. Внедрение профессиональных стандартов в практику HR-менеджмента как резерв повышения качества человеческого капитала современного банка и его общей конкурентоспособности / А.Р. Алавердов. -М.: Синергия, 2015. -642 с.
2. Гапоненко А.Л. Специфика менеджмента знаний в новых малых организациях / А.Л. Гапоненко, П.С. Мясоедов // Управленческое консультирование. - 2017. -№5(101). -С.103-111.
3. Диденко Д. Интеллектуал ёмкая экономика. Человеческий капитал в российском и мировом социально-экономическом развитии / Дмитрий Диденко. -М.: Алетейя, 2015. -408 с.
4. Каменева К.П. Человеческий капитал аграрного сектора экономики: особенности оценки и направления развития / К.П. Каменева // Вестник Орел ГАУ. – 2009. -№6. -С.33-37.
5. Маркс К. Капитал. Критика политической экономии. Т. 1. Книга 1. Процесс производства капитала / К. Маркс. -М.: АНО «ЦСЭ», 2001. -799 с.
6. Николаева Ю.Р. Мировые тренды управления человеческими ресурсами / Ю.Р. Николаева, Е.А. Шубина // В сборнике: Менеджмент и логистика: теория, практика. сборник материалов Всероссийской (национальной) научно-практической конференции. - 2019. -С.70-74.
7. Устинова К.А. Человеческий капитал в инновационной экономике / К.А. Устинова, Е.С. Губанова, Г.В. Леонидова. -Вологда: Институт социально-экономического развития территорий РАН, 2015. -195 с.
8. Человеческий капитал. [Электронный ресурс]. URL: http:/ru.wikipedia.org/wiki/ (дата последнего обращения-30.04.2021).
9. Accmoglu D. The Structure of Wages and Investment in General Training / D. Accmoglu, J. Pischke // The Journal of Political Economy. – 1999. -№107(3).
10. Analoui F. CEOs and development of the meaningful mission statement / F. Analoui, A. Karami // Corporate Governance. The International Journal of Effective Board Performance. – 2002. -№2(3). –С.13-21.
11. Galbraith J.K. The affluent society / J.K. Galbraith. -Boston: Houghton Mifflin Co., 1958.


## МУҚАРРАРОТИ МЕТОДОЛОГӢ ВА КОНСЕПТУАЛИИ ИДОРАКУНИИ СТРАТЕГИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ ДАР ШАРОИТИ РАҚАМИКУНОНИИ ИҚТИСОДИЁТ


Дар мақола масъалаҳои назариявӣ ва амалии низоми идоракунии сармояи инсонӣ дар шароити муосири рушди инноватсионӣ, рақамисозии муносибатҳо дар бозорҳои ҷаҳониву минтақавии меҳнат, ҳамчунин, навсозии иқтисодиёт баррасӣ ва мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаммоҳо, чорабиниҳои амалӣ омӯхта шуда, корбаст ва таҳияи стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ чун ҷузъи стратегияи умумии сохтори соҳибкорӣ муайян гардидааст. Дар раванди таҳқиқ алоқамандии сармояи инсонӣ ва сармояи зеҳнӣ қайд гардида, самаранокии истифодаи захираҳои меҳнатӣ таъкид шудааст. Душвориҳои ба мувофиқат даровардани стратегияи идоракунии сармояи инсонӣ бо раванди дохилии идоракунии ташкилот қайд гардидаанд. Ҳолатҳои истифодаи моделҳои идоракунии захираҳои инсонӣ баррасӣ гардида, ҷиҳати бартараф намудани мушкилот ва маҳдудиятҳои рушди корхона шартҳои ташаккули низоми самараноки идоракунии сармояи инсонӣ, ба монанди ташаккули зерсистемаи идоракунии захираҳои инсонӣ, тайёр намудан ва бозомӯзии кадрҳо, ҷойивазкунӣ ва ҳавасмандгардонии рушди касбӣ, низоми чандирии музди

меҳнат, малака ва дониши касбӣ, қабули қарори идоракуни аз ҷониби гурӯҳи корӣ ва равишҳои оқилона ва инсондӯстона пешниҳод гардидааст.

**Калидвожаҳо:** сармояи инсонӣ, сармояи зеҳнӣ, идоракунии сармояи инсонӣ, стратегия, низоми самараноки идоракунӣ, кадрҳо, идоракунии кормандон, сохтори соҳибкорӣ, бозори меҳнат, иқтисодиёт.

## МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ И КОНЦЕПТУАЛЬНЫЕ ПОЛОЖЕНИЯ СТРАТЕГИЧЕСКОГО УПРАВЛЕНИЯ ЧЕЛОВЕЧЕСКИМ КАПИТАЛОМ В УСЛОВИЯХ ЦИФРОВИЗАЦИИ ЭКОНОМИКИ

В статье обсуждаются и исследуются теоретические и практические вопросы системы управления человеческим капиталом в современных условиях инновационного развития, цифровизации отношений на глобальном и региональном рынках труда, а также модернизации экономики. Изучены проблемы, практические мероприятия, определено использование и развитие стратегии управления человеческим капиталом в составе общей стратегии бизнес-структуры. В процессе исследования была отмечена взаимосвязь между человеческим капиталом и интеллектуальным капиталом, подчеркнута эффективность использования трудовых ресурсов. Отмечены трудности согласования стратегии управления человеческим капиталом с внутренним процессом управления организации. Использованы модели управления человеческими ресурсами и для решения проблем и ограничений развития компании рассмотрены условия формирования эффективной системы управления человеческим капиталом, такие как формирование подсистемы управления человеческими ресурсами, подготовка и переподготовка кадров, ротация и стимулирование профессионального развития, гибкая система оплаты труда, навыки и профессиональные знания, принятие управленческих решений рабочей группой и рациональные и гуманные подходы.

**Ключевые слова:** человеческий капитал, интеллектуальный капитал, управление человеческим капиталом, стратегия, эффективная система управления, персонал, управление персоналом, структура бизнеса, рынок труда, экономика.

## METHODOLOGICAL AND CONCEPTUAL PROVISIONS OF STRATEGIC HUMAN CAPITAL MANAGEMENT IN CONDITIONS OF ECONOMY DIGITALIZATION

The article discusses and explores the theoretical and practical issues of the human capital management system in modern conditions of innovative development, digitalization of relations in the global and regional labor markets, as well as economic modernization. The problems, practical measures have been studied, the use and development of the human capital management strategy as part of the overall strategy of the business structure has been determined. In the course of the study, the relationship between human capital and intellectual capital was noted, and the efficiency of the use of labor resources was emphasized. Difficulties in harmonizing the strategy of human capital management with the internal management process of the organization are noted. Models of human resource management are used and, to solve the problems and limitations of the company's development, the conditions for the formation of an effective human capital management system are considered, such as the formation of a human resource management subsystem, training and retraining of personnel, rotation and stimulation of professional development, a flexible system of remuneration, skills and professional knowledge. , making managerial decisions by the working group and rational and humane approaches.

**Keywords:** human capital, intellectual capital, human capital management, strategy, effective management system, personnel, personnel management, business structure, labor market, economy.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Хушвахтзода Қобилҷон Хушвахт*** - Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор, ректор. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Ҳамидова Сарвиноз Ҳамрабоевна*** – Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи Б. Ғафуров, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи кори бонкӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Хуҷанд, гузаргоҳи Мавлонбеков, 1. E-mail: **istambonu@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-701-97-55**

**Сведения об авторах:** ***Хушвахтзода Кобилджон Хушвахт*** – Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор, ректор. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru.** Телефон: **(+992) 919-16-98-64**
***Хамидова Сарвиноз Хамрабоевна*** - Худжандский государственный университет им. Б. Гафурова, кандидат экономических наук, доцент кафедры банковского дела. **Адрес**: 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, проезд Мавлонбекова 1. E-mail: **istambonu@mail.ru.** Телефон: **(+992) 92-701-97-55**

**Information about authors:** ***Khushvakhtzoda Kobiljon Khushvakht*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor, Rector. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. E-mail: **kobil_barfiev@mail.ru**. Phone: **919-16-98-64**
***Hamidova Sarvinoz Khamraboevna*** - Khujand State University named after B. Gafurova, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Banking. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Mavlonbekov passage 1. E-mail: **istambonu@mail.ru**. Phone: **(+992) 92-701-97-55**

**УДК 336.15(575.31)**

# ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРӢ ДАР ТАҲҚИҚИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД

***Собирзода Нуралӣ Миралӣ, Маҷидов А.А.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Илми иқтисодиёти муосир бозори меҳнатро ҳамчун ниҳоде муайян менамояд, ки дар он ҳам харидор ва ҳам пешниҳодкунандагони молу хизматрасониҳо ҳамҷоя мешаванд. Тибқи назарияҳои муосири иқтисодӣ, бозори меҳнат соҳаи татбиқи равишҳои макроиқтисодие мебошад, ки ба таҳлили талаботу таклифот сахт алоқамандӣ дорад.

Воқеиятҳои иқтисодиёти бозориро ба назар гирифта таъиноти бозори меҳнатро ба ҷанбаҳое васл намудан мумкин аст, ки аввалини он функсияҳои иҷтимоӣ буда, дар таъмини мусоиди сатҳи даромад ва некуаҳволии одамон асос меёбад. Нақши бозори меҳнат дар ин ҳолат дар истифодабарӣ, ҷалб намудан ва тақсим намудани қувваи корӣ таҷассум мегардад. Функсияҳои ҳавасмандкунандаи бозори меҳнат, ки ба рушди рақобати байни иштирокчиёни он мусоидат менамояд, боиси баланд гардидани сифати меҳнат гардида, ба баланд шудани сатҳи тахассуси мутахассисон сабаб мегардад.

Аз таҳлилҳои гузаронидашудаи ва мавриди омӯзиш қарор додани назарияҳои пешниҳодгардидаи муҳаққиқон маълум мегардад, ки барои таҳқиқи пурраи бозори меҳнат бояд самтҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- таҳлили эмпирикии (таҷрибавии) бозори меҳнат ва шаклҳои шуғлнокӣ дар соҳаҳои иқтисоди муосир;
- сегментатсия намудани бозорҳои мушаххаси маҷмуи бозори меҳнат;
- таҳлил ва баҳисобгирии таъсири иқтисодиёти ғайримаъмул ба шуғлнокии аҳолӣ;
- механизмҳои амалии, ки самтҳои танзими бозори меҳнат таъсир мерасонанд;
- таҳлил ва мавиди омӯзиш қарор додани хусусиятҳои ниҳодии танзими бозори меҳнат [2].

Таҳлилҳои муосир нишон медиҳанд, ки яке аз омилҳои асосии муайянкунандаи тамоюлҳои рушди иқтисодӣ ин фаъолияти меҳнатии инсон мебошад. Дилхоҳ фаъолияти меҳнатӣ, дар навбати худ, барои васеъ намудани имкониятҳои мавҷудаи афзоиши шуғли аҳолӣ, ки аз пайдо шудани ҷойҳои кори иловагӣ ё ташаккули намудҳои нави фаъолият иборат аст, замина ба вуҷуд меоварад. Ҳамин тавр, хулоса баровардан мумкин аст, ки пешрафти иктисодиёт ва ҳалли масъалаи бо кор таъмин намудани аҳолӣ, ҳам натиҷа ва ҳам самараи алоқамандии якдигаранд.

Вазъи бозори меҳнат, аз ҷумла шуғл дар консепсияи рушди инсонӣ ҳамчун гуногунии фаъолияти меҳнатии инсон, ки барои ба даст овардани даромад нигаронида шудааст, баррасӣ мешавад. Таъмини самарабахши аҳолӣ имкон медиҳад, ки масъалаи бо даромади зарурӣ таъмин намудани аҳолии қобили меҳнатро таҳлил намуда, асосҳои ташаккулёбии сатҳи рушди иқтисодии давлат ба вуҷуд оварда шавад. Дар ин замина моделсозии коррелятсионӣ ва регрессионии омилҳои ба рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсиррасон мувофиқи мақсад ва вазифаҳои дар таҳқиқоти зерин мебошад.

Барои таҳқиқи омилҳои ба шуғли аҳолии вилояти Суғд таъсиррасон нишондиҳандаи аҳолии фаъоли иқтисодиро ҳамчун омили вобаста қабул карда, омилҳои ҳисоби миёнаи даромади пулӣ (моҳона), музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандон, хароҷоти аҳолӣ, андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа ва дигар нишондиҳандаҳое, ки дар ҷадвали 1 пешниҳод шудаанд, ҳамчун нишондиҳандаҳои омилӣ интихоб карда мешаванд.

**Ҷадвали 1. Тағйирёбии омилҳои ба шуғли аҳолӣ таъсиррасон дар вилояти Суғд барои солҳои 2014-2021**

**Table 1. Indicators affecting the employment of the population in the Sughd region for the years 2014-2021**

| Натиҷанокии нишондиҳандаҳои $X_1$, $X_2$ ,..., $X_{23}$ | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| 1. Ҳисоби миёнаи даромади пулӣ (моҳона), бо сомонӣ (X1) | 396,35 | 380,01 | 418,52 | 500,60 | 496,15 | 543,11 | 671,03 | 854,22 |
| 2.Даромадҳои меҳнатӣ бо сомонӣ | 193,39 | 196,96 | 244,80 | 271,08 | 256,02 | 306,26 | 305,68 | 386,82 |
| 3. Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандон, бо сомонӣ (X2) | 645,72 | 696,80 | 774,23 | 1012,87 | 1072,28 | 1182,69 | 1236,26 | 1418,81 |
| 4. Хароҷоти аҳолӣ, ҳамагӣ бо сомонӣ (x3) | 367,85 | 349,21 | 396,60 | 452,72 | 448,26 | 491,33 | 641,47 | 895,42 |
| 5. Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ (x5) | 215,45 | 216,46 | 259,12 | 258,87 | 296,98 | 291,2 | 307,42 | 291,1 |
| 6. Андозаи ҳадди ақалли нафақаи пиронсолӣ, (ба ҳисоби миёна дар як моҳ) бо сомонӣ | 130,00 | 130,00 | 156,00 | 156,00 | 180,00 | 180,00 | 207,0 | 207,0 |
| 7. Андозаи ҳадди ақалли музди меҳнат, ба ҳисоби миёна дар як моҳ, бо сомонӣ | 250,00 | 250,0 | 400,00 | 400,00 | 400,00 | 400,0 | 400,0 | 400,0 |
| 8. Шумораи аҳолӣ, ҳазор нафар | 2455,5 | 2511,1 | 2560,8 | 2608,5 | 2658,4 | 2707,3 | 2783,0 | 2823,9 |
| 9. Шумораи мардҳо, ҳазор нафар | 1234,1 | 1260,6 | 1288,6 | 1314,4 | 1339,3 | 1366,6 | 1397,8 | 1426,5 |
| 10. Шумораи занҳо, ҳазор нафар | 1221,4 | 1250,5 | 1272,2 | 1294,1 | 1319,1 | 1340,7 | 1385,2 | 1397,4 |
| 11. Шумораи аҳолии шаҳр, ҳазор нафар | 607,2 | 621,9 | 635,6 | 646,7 | 658,3 | 668,7 | 664,8 | 674,4 |
| 12. Шумораи аҳолии деҳот, ҳазор нафар | 1848,3 | 1889,2 | 1925,2 | 1961,7 | 2000,1 | 2038,6 | 2118,2 | 2149,5 |
| 13. Шумораи аҳолии синни аз қобили меҳнат хурд, ҳазор нафар | 790,1 | 811,4 | 831,6 | 850,9 | 867,6 | 886,1 | 900,6 | 959,0 |
| 14. Шумораи аҳолии қобили меҳнат, ҳазор нафар (x5) | 1477,7 | 1505,4 | 1533,3 | 1555,8 | 1577,2 | 1597,0 | 1620,2 | 1662,9 |
| 15. Шумораи нафақахӯрон, ҳазор нафар | 194,9 | 202,7 | 209,2 | 214,4 | 219,4 | 227,7 | 231,5 | 236,6 |
| 16. Шумораи ҷиноятҳои ба қайд гирифташуда, нафар | 5181 | 5982 | 5921 | 5712 | 6083 | 6378 | 6291 | 6628 |
| 17. Шумораи бекорони расман эътирофшуда, ҳазор нафар | 10,9 | 10,9 | 10,8 | 9,7 | 8,1 | 8,9 | 7,9 | 7,8 |
| 18. Шумораи миёнасолонаи аҳолии машғул дар | 804,8 | 798,7 | 802,0 | 797,5 | 807,7 | 820,1 | 845,0 | 882,8 |

| | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| иқтисодиёт, ҳазор нафар (У) | | | | | | | | |
| 19. Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар) (х6) | 401,5 | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 | 438,0 |
| 20. Фонди музди меҳнат (ҳазор сомонӣ) | 1691192,4 | 1775297,5 | 1915337,0 | 2061463,6 | 2263135,6 | 2513590,3 | 2608139,0 | 3072041,2 |
| 21. Кормандоне, ки шароити кориашон ба меъёри беҳдошт мувофиқ нест (нафар) | 1465 | 1536 | 1387 | 1709 | 1218 | 1715 | 1889 | 2656 |
| 22. Шумораи ашхоси захмбардошта, ки як рӯзи корӣ ва бештар корношоям шудаанд ё ба ҳалокат расидаанд (нафар) | 35 | 17 | 22 | 19 | 64 | 17 | 15 | 15 |
| 23. Сарфи маблағ ба тадбирҳои ҳифзи меҳнат (ҳазор сомонӣ) (х3) | 15791,0 | 9930,5 | 15580,4 | 64841,9 | 2757566 | 57979,4 | 499,7 | 11838,8 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд. – 2022. -С.8-329 ва Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С.13-246.

Дар навбати аввал дар моделсозии математикӣ-омории нишондиҳандаҳои бозори меҳнат барои муайян намудани таъсири омилҳо таҳлили коррелятсионии онҳоро мегузаронем (ҷадвали 2).

Дар раванди гузаронидани таҳлили коррелятсионӣ ва инъикоси натиҷаҳои он дар намуди ҷадвали 2 бояд қайд намоем, ки нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашудае, ки 23 нишондиҳандаро ташкил медиҳад, дар ҷадвал як нишондиҳанда ба ҳайси омили вобастаи (У) қабул гардида, омилҳои боқимонда бошанд, ба ҳайси омилҳои новобаста ($X_i$, $i=1,2,\ldots,22$) баромад мекунанд.

**Ҷадвали 2. Натиҷаи таҳлили коррелятсионии омилҳо**
**Table 2. The result of factor correlation analysis**

| | **1** | **2** | **3** | **4** | **5** | **6** | **7** | **8** | **9** | **10** | **11** | **12** | **13** | **14** | **15** | **16** | **17** | **18** | **19** | **20** | **21** | **22** | **23** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **1** | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **2** | 0,9 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **3** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **4** | 1,0 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **5** | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **6** | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **7** | 0,7 | 0,9 | 0,8 | 0,6 | 0,9 | 0,8 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | | |
| **8** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | | |
| **9** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | | |
| **10** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | | | |
| **11** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | | |
| **12** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | | |
| **13** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | | |
| **14** | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | | |
| **15** | 1,0 | 0,9 | 1,0 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 0,7 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | | | | | | | | |
| **16** | 0,6 | 0,7 | 0,7 | 0,6 | 0,8 | 0,7 | 0,6 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 1,0 | | | | | | | |
| **17** | -0,9 | -0,8 | -0,9 | -0,8 | -0,9 | -0,9 | -0,7 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,9 | -0,7 | 1,0 | | | | | | |
| **18** | 0,9 | 0,7 | 0,7 | 0,9 | 0,7 | 0,8 | 0,4 | 0,8 | 0,8 | 0,8 | 0,7 | 0,8 | 0,7 | 0,7 | 0,8 | 0,6 | -0,7 | 1,0 | | | | | |
| **19** | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,9 | 0,5 | 0,9 | 0,9 | 0,9 | 0,8 | 0,9 | 0,8 | 0,8 | 0,9 | 0,7 | -0,8 | 1,0 | 1,0 | | | | |
| **20** | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 0,9 | 0,9 | 1,0 | 0,7 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 1,0 | 0,8 | -0,9 | 0,8 | 0,9 | 1,0 | | | |
| **21** | 0,7 | 0,6 | 0,5 | 0,7 | 0,3 | 0,4 | 0,2 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,3 | -0,3 | 0,6 | 0,7 | 0,5 | 1,0 | | |
| **22** | -0,2 | -0,2 | 0,0 | -0,2 | 0,1 | 0,0 | 0,0 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,1 | -0,2 | -0,3 | -0,2 | -0,3 | -0,1 | -0,8 | 1,0 | |
| **23** | 0,1 | 0,1 | 0,3 | 0,0 | 0,4 | 0,3 | 0,4 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,3 | 0,3 | 0,2 | 0,2 | -0,5 | -0,2 | -0,1 | 0,2 | -0,6 | 0,9 | 1,0 |

**Эзох:** дар сатри якум ва сутуни якуми ҷадвал ба ҷои номи пурраи нишондиҳандаҳои дар ҷадвали 1 овардашуда ба хотири ҷойгир шудани маълумотҳо рақами тартибии онҳо навишта шудааст

Чунончи аз маълумотҳои ҷадвали 2 бармеояд, байни бештари омилҳои таҳлилгардида вобастагии коррелятсионии зич ҷой дорад. Дар байни омили шумораи бекорони расман эътирофшуда ва тамоми нишондиҳандаҳо алоқамандии баръакс ҷой дошта, дар ин росто дар миёни нишондиҳандаҳо вобастагии начандон зичдошта низ ба қайд гирифта шуданд. Ғайр аз ин, дар рафти гузаронидани моделсозии коррелятсионӣ маълум гардид, ки байни нишондиҳандаҳои пешниҳодгардида мушкилоти муллтиколлинеарӣ вуҷуд дорад. Пас, барои бартараф кардани ин мушкилот тавассути сохтани муодилаҳои регрессияи ҷуфт (иборат аз ду омил) мушкилоти муллтиколлинеарии мавҷудбудаи моделро бартараф мекунем. Барои ин кифоя аст, ки ҳар як нишондиҳандаро бо тамоми нишондиҳандаҳо моделсозӣ накарда, фақат бо омили вобаста таҳлил намоем.

**Ҷадвали 3. Муодилаҳои регрессияи ҷуфти омилҳо ва қиматҳои аппроксиматсияи онҳо**
**Table 3. Regression equations for a pair of factors and their approximation values**

| Муодилаи регрессия | $R^2$ |
|---|---|
| 1. $y = 5,3144x_1 - 3822,5$ | 0,7801 |
| 2. $y = 1,8532x_2 - 1249,1$ | 0,4601 |
| 3. $y = 10,089x_3 - 7234,4$ | 0,506 |
| 4. $y = 5,3359x_4 - 3876,9$ | 0,8338 |
| 5. $y = 1,5351x_5 - 981,06$ | 0,4788 |
| 6. $y = 1,3875x_6 - 962,35$ | 0,6844 |
| 7. $y = 1,5998x_7 - 940$ | 0,1356 |
| 8. $y = 4,9597x_8 - 1464$ | 0,5785 |
| 9. $y = 2,4308x_9 - 686,66$ | 0,5633 |
| 10. $y = 2,483x_{10} - 740,57$ | 0,5851 |
| 11. $y = 1,1854x_{11} - 327,87$ | 0,5492 |
| 12. $y = 3,7743x_{12} - 1136,2$ | 0,5878 |
| 13. $y = 1,7553x_{13} - 574,96$ | 0,5481 |
| 14. $y = 2,2299x_{14} - 255,73$ | 0,5509 |
| 15. $y = 0,9749x_{15} - 633,78$ | 0,7048 |
| 16. $y = 13,44x_{16} - 4961,8$ | 0,3185 |
| 17. $y = -0,056x_{17} + 55,045$ | 0,5113 |
| 18. $y = 0,7018x_{18} - 159$ | 0,9396 |
| 19. $y = 17172x_{19} - 1E+07$ | 0,6591 |
| 20. $y = 8,3142x_{20} - 5181,5$ | 0,3785 |
| 21. $y = -0,2318x_{21} + 214,98$ | 0,049 |
| 22. $y = -896,09x_{22} + 789487$ | 0,0242 |

Аз маълумоти ҷадвали 3 чунин хулоса мебарорем, ки муодилаҳо ва қиматҳои апроксиматсияи омилҳои дар модел истифодашуда, мавриди таҳлил қарор дода шуда, омилҳои ба проблеммаи муллтиколлинеарӣ оваранда аз модел хориҷ карда мешаванд. Ҳамин тавр, бо мавриди таҳлил қарор додани ҳар як омили новобаста бо омили асосӣ, яъне У муодилаҳоро муайян карда, мушкилоти муллтиколлинеариро бартараф намудем. Дар идома омилҳои дар моделсозӣ таъсири бевосита доштаро ҷудо намуда, онҳоро мавриди таҳлил қарор медиҳем.

Дар заминаи методологияи оморӣ модели регрессияи маҷмуавии намуди зеринро тартиб медиҳем:

$$Y=f(x_1, x_2,\dots, x_n) \qquad (1)$$

Дар ин ҷо: Y- шумораи захираҳои меҳнатии вилояти Суғд;

$X_1$- ҳисоби миёнаи даромади пулӣ (моҳона);

$X_2$-музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандон;

$X_3$- хароҷоти аҳолӣ;

$X_4$- андозаи миёнаи нафақаи меҳнати якмоҳа;

$X_5$- шумораи захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар;

$X_6$- шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар).

Барои таҳияи модели регрессия маълумотҳои зеринро дорем:

**Ҷадвали 4. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии вилояти Суғд**
**Table 4. Economic and social indicators of Sughd region**

| Нишондиҳандаҳо | Солҳо | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** | **2021** |
| Шумораи аҳолии захираҳои меҳнатӣ, ҳазор нафар (*Y*) | 1477,7 | 1505,4 | 1533,3 | 1555,8 | 1577,2 | 1597,0 | 1620,2 | 1652,2 |
| Ҳисоби миёнаи даромади пулӣ (моҳона), сомонӣ (X1) | 396,35 | 380,01 | 418,52 | 500,60 | 496,15 | 543,11 | 671,05 | 854,22 |
| Музди миёнаи меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандон, сомонӣ (X2) | 645,72 | 696,80 | 774,23 | 1012,87 | 1072,28 | 1182,69 | 1236,26 | 1418,81 |
| Хароҷоти аҳолӣ, ҳамагӣ бо сомонӣ (X3) | 367,85 | 349,21 | 396,60 | 452,72 | 448,26 | 491,33 | 641,47 | 895,42 |
| Андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа, бо сомонӣ (X4) | 215,45 | 216,46 | 259,12 | 258,87 | 296,98 | 291,2 | 307,42 | 291,1 |
| Шумораи миёнасолонаи аҳолии машғул дар иқтисодиёт, ҳазор нафар (X5) | 804,8 | 798,7 | 802,0 | 797,5 | 807,7 | 820,1 | 845,0 | 882,8 |
| Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар) (X6) | 401,5 | 402,0 | 401,9 | 402,7 | 408,2 | 421,5 | 432,4 | 438,0 |

Сарчашма: Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои омори солонаи вилояти Суғд // Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд.– 2022. -С.14-329. ва Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. -С.13-246.

Барои сохтани модели регрессия аз рӯйи маълумотҳои ҷадвали 2 аввал матритсаи коэффитсиентҳои коррелятсияро ҳисоб карда, то кадом андоза алоқамандии зич доштани байни омилҳоро муайян мекунем. Бо ин мақсад аз воситаи таҳлили омории пакети барномаҳои амалии MS Excel истифода бурдан мувофиқ аст [19,с.30-36; 10,с.30-39; 2,с.27-33; 20,с.244-250]. Бо иҷрои алгоритмаи махсус дар MS Excel матритсаи коэффитсиентҳои ҷуфти коррелятсияро ҳосил мекунем.

**Ҷадвали 5. Матрисаи коэффитсиентҳои коррелятсияи ҷуфт**
**Table 5. Matrix of pair correlation coefficients**

| | *Y* | *X1* | *X2* | *X3* | *X4* | *X5* |
|---|---|---|---|---|---|---|
| X1 | 0,926 | | | | | |
| X2 | 0,972 | 0,983 | | | | |
| X3 | 0,926 | 0,995 | 0,973 | | | |
| X4 | 0,955 | 0,874 | 0,911 | 0,891 | | |
| X5 | 0,668 | 0,620 | 0,614 | 0,632 | 0,601 | |
| X6 | 0,822 | 0,776 | 0,791 | 0,775 | 0,693 | 0,935 |

Аз маълумотҳои ҷадвали 5 дида мешавад, ки аломати натиҷавии *Y*- шумораи захираҳои меҳнатӣ бо ҳамаи аломатҳои омилии $X_1$, $X_2$, $X_3$, $X_4$, ва $X_6$ алоқамандии зич доранд.

Бояд тазаккур дод, ки омилҳои новобастаи $X_1$, $X_2$, $X_3$, $X_4$, ва $X_6$ дар як вақт байни ҳам алоқаманд мебошанд, ки ин ба пайдо шудани проблемаи мултикореллинеарӣ (байни ҳам вобаста будани омилҳои новобаста) боис мешавад. Бинобар ин, сохтани муодилаи регрессияи маҷмуӣ бо чунин омилҳои ба ҳамдигар вобаста модели параметрҳояш ғайривоқеиро ба бор меорад. Илова бар ин, модели регрессияи маҷмуӣ барои нишондиҳандаҳои зиёди оморӣ тартиб дода мешавад. Яъне, барои ҳар як омили муодилаи

регрессия на камтар аз 6 мушоҳидаи оморӣ талаб карда мешавад. Барои фирор аз мушкилии мултикореллинеарӣ баъзе аломатҳои омилиро хориҷ карда, модели регрессияи маҷмуиро дар намуди зерин тартиб медиҳем:

$$Y=a+bX_2+cX_4+dX_6+\varepsilon. \qquad (2)$$

Бо ин мақсад аз пакети барномаҳои амалӣ истифода мебарем. Бо иҷрои фармонҳои махсус замимаи “Таҳлили маълумотҳо”-и пакети барномаҳои амалиии Excel-ро фаъол карда, натиҷаҳои таҳлили коррелятсиониро дар шакли ҷадвали хулосавӣ ҳосил мекунем:

**Ҷадвали 6. Таҳлили коррелятсионӣ**
**Table 6. Correlation analysis**

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Хулосаҳои ҷамъбастӣ | | | | | | |
| *Омори регрессионӣ* | | | | | | |
| R- бисёрченак | 0,992 | | | | | |
| R-квадрат | 0,984 | | | | | |
| R-квадрати нормалӣ | 0,961 | | | | | |
| Хатогии стандартӣ | 10,660 | | | | | |
| Мушоҳидаи оморӣ | 6 | | | | | |
| Таҳлили дисперсионӣ | | | | | | |
| | *df* | *SS* | *MS* | *F* | *Аҳаммият-нокӣ F* | |
| Регрессия | 3 | 14420,02 | 4806,67 | 42,30 | 0,02 | |
| Бақия | 2 | 227,27 | 113,64 | | | |
| Ҳамагӣ | 5 | 14647,29 | | | | |
| | *Коэффит - сиентҳо* | Хатоии стандартӣ | *t-омор* | *P-аҳаммият-нокӣ* | *Кам аз 95%* | *Зиёд аз 95%* |
| Y- аъзои озод | 788,029 | 388,200 | 2,030 | 0,179 | -882,259 | 2458,317 |
| X2 | 0,106 | 0,062 | 1,705 | 0,230 | -0,162 | 0,374 |
| X4 | 0,677 | 0,333 | 2,035 | 0,179 | -0,755 | 2,109 |
| X6 | 1,209 | 0,999 | 1,211 | 0,350 | -3,089 | 5,507 |

Аз маълумотҳои дар ҷадвали боло ҳосилшуда тавсифҳои омории зеринро ҳосил мекунем:

Муодилаи регрессияи маҷмуӣ:

$$\mathbf{Y=788{,}029+0{,}106X_1+0{,}677X_4+1{,}209X_6+\varepsilon} \qquad (3)$$

Модели регрессияи тартибдодашуда тавсифҳои хуби оморӣ дошта, аҳамиятнок ҳисобида мешавад. Параметрҳои модел чунин арзёбӣ мешаванд:

*a*=788,029 – аъзои озод буда, шарҳи иқтисодӣ надорад;

*b*=0,106 – коэффитсиенти регрессия буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 сомонӣ афзудани ($X_1$) ҳисоби миёнаи даромади пулӣ ва бетағйир будани омилҳои боқимонда нишондиҳандаи шумораи захираҳои меҳнатӣ – Y ба 106 нафар меафзояд;

*c* =0,677 коэффитсиенти регрессия буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба 1 сомонӣ афзудани ($X_4$) андозаи миёнаи нафақаи якмоҳа ва бетағйир будани омилҳои боқимонда нишондиҳандаи шумораи захираҳои меҳнатӣ – *Y* ба 677 нафар меафзояд;

*d* = 1,209 – коэффитсиенти регрессия буда, нишон медиҳад, ки ҳангоми ба ҳазор нафар афзудани ($X_6$) шумораи миёнасолонаи кормандони кироя ва бетағйир будани омилҳои боқимонда нишондиҳандаи шумораи захираҳои меҳнатӣ – *Y* ба 1209 нафар меафзояд;

$R^2$ – 0,984 коэффитсиенти детерминатсия буда, сифати хуби моделро нишон медиҳад;

$R_{xy}$ = 0,992 – коэффитсиенти коррелятсияи маҷмуӣ буда, алоқамандии зич доштани *Y*-ро ба омилҳои мавриди назар – $X_2$, $X_4$, ва $X_6$ нишон медиҳад.

F-критерияи Фишер ба 42,30 баробар буда, аз қимати ҷадвалиаш (5,69) ба маротиб калон ва ин гипотезаи сифриро инкор карда, доир ба аҳамиятнок будани муодилаи регрессияи (3) ва параметрҳои он хулоса бароварда мешавад.

Яке аз нишондиҳандаи сифатнокии модели регрессия хатоии миёнаи аппроксиматсия мебошад, ки фоизи аппроксиматсияро нишон медиҳад. Нишондиҳандаи он дар ҳудуди то 10-12% ин сифати хуби моделро нишон медиҳад:

$$\bar{A} = \frac{1}{n}\sum\left|\frac{y-\tilde{y}_x}{y}\right| \cdot 100\% = 0{,}28\%. \quad (4)$$

Хатоии аппроксиматсия тамоман ночиз буда, сифати хеле хуби моделро нишон медиҳад.

Тавсия дода мешавад, ки модели (3) барои қабули қарорҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ваояндабинии ин равандҳо истифода бурда шавад.

Тибқи таҳлили гузаронидашуда ва ба моделсозии риёзӣ-оморӣ фарогир намудани нишондиҳандаҳои таҳлилӣ месазад, киояндабинии тамоюли нишондиҳандаҳо гузаронида шавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДМТ - Низомов С.Ф.**

**АДАБИЁТ**


1. Андерсон Т. Введение в многомерный статистический анализ. - 1963. -24 с. [Электронный ресурс]. http://ami.nstu.ru
2. Бобоева Р.М. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда / Р.М. Бобоева, М.А. Одинаев, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№6. -С.27-33.
3. Гмурман В.Е. Теория вероятностей и математическая статистика: Учебное пособие для вузов / В.Е. Гмурман. - 10-е издание, стереотипное. –М.: Высшая школа, 2004. -479 с.
4. Гусаров В.М. Статистика: Учеб пособие/ В.М. Гусаров, Е.И. Кузнецова. - 2-е изд., перераб. и доп. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2007.
5. Елисеева И.И. Общая теория статистики: Учебник / И.И. Елисеевой, М.М. Юзбашев. -4-е издание, переработанное и дополненное. –М.: Финансы и Статистика, 2002. -480 с.
6. Кожухарь Л.И. Основы общей теории статистики / Л.И. Кожухарь. -М.: Финансы и статистика, 2010.
7. Колесникова И.И. Социально-экономическая статистика: Учеб. пособие / И.И. Колесникова. -М.: Новое Издание, 2007.
8. Лукасевич И.Я. Анализ статистических расчетов. Методы, модели, техника вычислений: Учебн. пособие для вузов / И.Я. Лукасевич. -М.: Финансы, ЮНИТИ, 2008.
9. Мелкумов Я.С. Социально-экономическая статистика: Учебно-методическое пособие / Я.С. Мелкумов. -М.: ИМПЭ-ПАБЛИШ, 2005.
10. Набиев Б.А. Моделсозии раванди сармоягузорӣ ба энергетика ва таъсири он ба нишондиҳандаҳои рушди иқтисодӣ / Б.А. Набиев, О.С. Табаров, С.А. Набиев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№5. -С.30-39.
11. Общая теория статистики: Статистическая методология в изучении коммерческой деятельности: Учебник / Под ред. О.Э. Башинойи, А.А. Спирина. -М.: Финансы и статистика, 2005.
12. Попов Л.А. Анализ и моделирование статистических показателей показателей: Учебник / Л.А. Попов. -М.: Финансы и статистика, 2009.
13. Пудова Н.В. Статистика рынка: Учебное пособие / Н.В. Пудова. -М.: Изд-во Рос. экон. Акад., 2006.
14. Салин В.Н. Практикум по курсу «Статистика» (в системе STATISTICA) / В.Н. Салин, Э.Ю. Чурилова. -М.: Социальные отношения, Перспектива, 2007.
15. Салин В.Н. Социально-экономическая статистика: Учебник / В.Н. Салин, Е.П. Шпаковская. -М.: Юристъ, 2008.
16. Социальная статистика: Учебник / Под ред. чл. - корр. РАН И.И. Елисеевой. -М.: Финансы и статистика, 2006.
17. Социально-экономическая статистика: учебник для вузов / Под ред проф. Б.И. Башкатова. -М.: ЮНИТИ - ДАНА, 2008.
18. Статистика: Учебник / Под. ред. Е.В. Заровой, Г.И. Чудилина. -М.: Финансы и статистика, 2006.
19. Ходиев Д.А. Моделирование и прогнозирование привлечения инвестиций для освоения природно-ресурсного потенциала региона / Д.А. Ходиев, Х.А. Хофизов, О.С. Табаров // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2018. -№6. -С.30-36.
20. Ҳофизов Ҳ.А. Моделсозии регрессионӣ-коррелятсионӣ доир ба ҷалби сармоягузориҳо барои азхудкунии потенсиали захираҳои табиӣ / Ҳ.А. Ҳофизов // Саноатикунонии кишвар ва таъмини рушди босуботи иқтисодиёт. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ (Душанбе, 27-уми феврали соли 2020). -Душанбе, 2020. -С.244-250.

**ИСТИФОДАИ МОДЕЛҲОИ ИҚТИСОДӢ-ОМОРӢ ДАР ТАҲҚИҚИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ВИЛОЯТИ СУҒД**

Мақола ба масъалаи мубрам - таҳияи модели иқтисодӣ-оморӣ ва ҳисоби тавсифҳои омории ба бозори меҳнат алоқаманд буда бахшида шудааст. Аз ҷониби муаллифон интихоби нишондиҳандаҳо, муҳтавои онҳо, натиҷаҳои ниҳоӣ, инчунин, усулҳои истифодаи онҳо дида баромада шудаанд. Таҳлили нишондиҳандаҳои бозори меҳнати вилояти Суғд имкон медиҳад, ки моделҳои ба ин монанд дар дигар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон низ татбиқи худро ёбанд. Аз ҷониби муаллифон таъсири якчанд омил тариқи таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ, аз қабили усулҳои коррелятсияю регрессия дар муҳити ҷадвалҳои электронӣ гузаронида шудааст. Омилҳои ба нишондиҳандаи дидабаромадашуда таъсирдор ҷудо карда шудаанд. Ҳамзамон, дар моделсозӣ омилҳое, ки ба мушкилоти мултиколлинеарӣ оварда расондаанд, бартараф карда шуданд. Дар назар аст, ки бо чунин ҳол сурат гирифтани таҳлилҳои иқтисодӣ-оморӣ имконияти гузаронидани таҳлили омори бисёрченака мавҷуд буда, дар заминаи он гузаронидани тамоюли ояндабинӣ низ мавҷуд мебошад.

**Калидвожаҳо:** моделҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бозори меҳнат, нишондиҳандаҳо, таҳлили коррелятсионӣ, таҳлили регрессионӣ, омори бозори маҳнат, хароҷоти аҳолӣ, музди меҳнат, коэффитсиенти коррелятсия.

**ПРИМЕНЕНИЕ ЭКОНОМИЧЕСКИХ И СТАТИСТИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ ПРИ ИЗУЧЕНИИ РЫНКА ТРУДА В СОГДИЙСКОЙ ОБЛАСТИ**

Статья посвящена актуальному вопросу, а именно разработке экономико-статистической модели и расчету статистических характеристик, связанных с рынком труда. Авторы рассмотрели выбор индикаторов, их содержание, конечные результаты, а также методы их использования. Анализ показателей рынка труда Согдийской области позволяет реализовать аналогичные модели в других регионах Республики Таджикистан. Авторы осуществили влияние (связь) нескольких факторов с помощью экономико-статистического анализа, таких как методы корреляции и регрессии в среде электронных таблиц. Выделены факторы, влияющие на рассматриваемый показатель. При этом при моделировании были устранены факторы, приводившие к проблемам мультиколлинеарности. Считается, что при данном виде экономико-статистического анализа имеется возможность проведения многомерного статистического анализа, а на его основе также перспективного направления.

**Ключевые слова:** социально-экономические моделы, рынок труда, показатели, анализ, анализ корреляции, анализ регрессии, статистика рынка труда, затраты населения, заработная плата, коэффициент корреляции.

**APPLICATION OF ECONOMIC AND STATISTICAL MODELS IN STUDYING THE LABOR MARKET IN SUGHD REGION**

The article is devoted to a topical issue, namely the development of an economic and statistical model and the calculation of statistical characteristics related to the labor market. The author considered the choice of indicators, their content, final results, as well as methods of their use. An analysis of labor market indicators in the Sughd region makes it possible to implement similar models in other regions of the Republic of Tajikistan. The author has carried out the influence (connection) of several factors using economic and statistical analysis, such as methods of correlation and regression in the spreadsheet environment. The factors influencing the considered indicator are singled out. At the same time, the modeling eliminated the factors that led to multicollinearity problems. It is believed that with this type of economic and statistical analysis, it is possible to conduct a multivariate statistical analysis, and on its basis also a promising direction.

**Keywords:** socio-economic models, labor market, indicators, analysis, correlation analysis, regression analysis, labor market statistics, population costs, wages, correlation coefficient.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Собирзода Нуралӣ Миралӣ*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи баҳисобгирии бухгалтерӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17

***Маҷидов Абдулмаҷид Абдуҳамидович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи омор. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **abd.majidov@mail.ru**. Телефон: **+992 936-00-88-40**

**Сведения об авторах:** ***Собирзода Нурали Мирали*** - Таджикский национальный университет, доктор экономических наук, профессор кафедры бухгалтерского учета. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17

***Маджидов Абдулмаджид Абдухамидович*** - Таджикский национальный университет, старший преподаватель кафедры статистики. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **abd.majidov@mail.ru.** Телефон: **+992936-00-88-40**

**Information about the authors:** ***Sobirzoda Nurali Mirali*** - Tajik National University, Doctor of Economics, Professor of the Department of Accounting. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17

***Majidov Abdulmajid Abdukhamidovich*** - Tajik National University, Senior Lecturer of the Department of Statistics. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. E-mail: **abd.majidov@mail.ru**. Phone: **+992936-00-88-40**

УДК 332.8

# ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ КИШВАР ДАР ДАВРАИ ГУСТАРИШИ ПАНДЕМИЯИ КАРОНАВИРУСИ “COVID-19”

*Ҳикматов С., Маҳмадризоиён С.Ҳ.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ин баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардуми Тоҷикистон мебошад. Аз ин лиҳоз, дар рушди иҷтимоии кишвар нақши калидиро рушди иқтисодиёт, пеш аз ҳама, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебозанд, ки он сабаби афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ ва коҳишёбии бекорон ва беҳтар шудани шароити зиндагии мардуми кишвар хоҳад гашт.

Ҳамчунин, он дар татбиқи ҳадафҳо ва афзалиятҳои “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, рушди фаъолияти ташкилотҳои молиявӣ (қарзӣ) дар тамоми минтақаҳои кишвар хеле муҳим арзёбӣ мегардад [8,с.187].

Бояд қайд кард, ки дар шароити имрӯзаи ноустувории иқтисоди кишвар, паҳн шудани бемории сироятии каронавирус ва дар ин замина паст гардидани фаъолнокии иқтисодию иҷтимоӣ ва афзоиши шумораи бекорӣ на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми сайёраро буҳрони шадиди иқтисодиву молиявӣ фаро гирифта истодааст.

Дар Паёми навбатии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (26.01.2021) қайд карда шуд, ки паёмадҳои пандемия ба иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон, аз ҷумла, ба рушди иқтисоди миллӣ, инчунин, ба фаъолияти корхонаҳои саноативу муассисаҳои хизматрасонии мо низ таъсири манфии худро расонида истодаанд. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки дар соли 2020 буҳрони молиявии шадид боиси мушкилоти зиёд гардида, бо дарназардошти ҳифзу амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои фаврӣ роҳандозӣ карда шуд. Дар навбати аввал, вобаста ба коҳиш ёфтани даромади буҷет, афзоиши талаботи маблағгузорӣ, пеш аз ҳама, ба соҳаҳои иҷтимоӣ аз ҷумла, тандурустӣ ва дигар хароҷоти пешбининашуда буҷети давлатиро барои соли 2020 бознигарӣ карда, ба нишондиҳандаҳои қисми даромад, хароҷот ва касри он тағйироти дахлдор ворид карда шуданд. Дар ин самт ба соҳаи тандурустӣ барои хариди доруворӣ ва таҷҳизоти тиббӣ, бунёди беморхонаҳои муваққатӣ ва таҷҳизот барои кормандони тиб аз буҷети давлат 1 миллиарду 600 миллион сомонӣ маблағҳои иловагӣ равона карда шудаанд. Илова бар ин, бо мақсади дастгирии гурӯҳҳои осебпазири ҷомеа ва соҳибкорони ватанӣ тибқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 5 июни соли 2020 имтиёзҳои зиёди андозиву қарзӣ ва сабукиҳо дар ҷубронпулиҳо ба маблағи умумии беш аз 450 миллион сомонӣ пешниҳод карда шудаанд, ки ин иқдом аз ғамхориҳои Ҳукумати мамлакат дарак медиҳад [7,с.1].

Бояд қайд кард, ки дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар нақши ташкилотҳои молиявӣ хеле назаррас мебошад. Инак, дар соли 2020 аз ҷониби ташкилотҳои молиявии (қарзии) кишвар ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемия ба зиёда аз 260 ҳазор нафар муштариён ба маблағи 2 миллиарду 300 миллион сомонӣ имтиёзҳои вобаста ба қарздорӣ пешниҳод гардида, ба соҳибкорони истеҳсолӣ 4 миллиард сомонӣ қарз дода шуд, ки ин нишондиҳанда нисбат ба соли 2019 2% зиёд мебошад [8,с.1].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар рушди иқтисодиву иҷтимоии мамлакат ҳиссаи соҳибкории хурду миёна назаррас мебошад ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 30. 05. 2017 таҳти №143 муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ дар бахши фаъолияти соҳибкорӣ таъмин менамояд [8,с.105].

Чораҳои андешидаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар рушди иҷтимоию иқтисодии субъектҳои хоҷагидорӣ, фаъолияти соҳибкории ватанию хориҷӣ, ҷалби сармоягузорӣ, рушди корхонаҳои хурду миёнаи истеҳсолӣ, сайёҳӣ, ҳунарҳои мардумӣ ва ғайра вусъат ёфта, онҳо баҳри таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар равона шуда

истодааст. Ин, албатта, аз ғамхории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дарак медиҳад. Барои беҳтар намудани шароити иҷтимоии аҳолӣ, аз 1-уми сентябри соли 2020 нафақа, музди меҳнати кормандони ташкилоту муассисаҳои буҷетӣ ва стипендияҳо 15%, барои кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва хизматчиёни ҳарбӣ 10% зиёд гардида, нафақаи гурӯҳи маъюбоне, ки ба нигоҳубин ниёз доранд, 50% зиёд карда шуд, ки он исботи гуфтаҳои боло мебошанд. Инчунин, тақвияти вазъи иҷтимоии донишҷӯёну магистрҳо, аспиранту докторантҳо, ки стипендияи онҳо аз 1. 09. 2021 ба андозаи 30% зиёд мегардад, боиси боз ҳам ҳавасманд гардидани онҳо мегардад.

Бояд зикр намуд, ки бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои зикршуда, дар натиҷаи амалӣ гардидани тадбирҳои таъхирнопазир аз ҷониби Ҳукумати мамлакат устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, дар самти беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ, тамоюлҳои мусбат нигоҳ дошта шудаанд. Инак, иқтисодиёти кишвар дар соли 2020 4,5% афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ баробар гардид [8,с.4].

Гуфтан бамаврид аст, ки новобаста аз баъзе омилҳои манфии зикрёфта дар соли 2020 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ, кишоварзӣ-8,8% ва гардиши савдои хориҷӣ 0,8%, аз ҷумла содирот дар ҳаҷми 19,8% заминаи рушди иқтисоди кишварро ба вуҷуд овард.

Бо мақсади таъмини рушди иқтисодии мамлакат дар соли гузашта 300 коргоҳу корхонаи нави саноатӣ бо беш аз 6500 ҷойи корӣ, 157 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ ва биноҳои иловагӣ барои 63 ҳазор нафар хонанда, 108 муассисаи тиббӣ ва ба масоҳати беш аз 1,2 миллион метри мураббаъ манзили истиқоматӣ сохта ба истифода дода шудаанд. Инчунин, дар ин давра зиёда аз 193 ҳазор ҷойи кории доимӣ ва мавсимӣ ташкил карда шуда, даромади пулии аҳолӣ 10% афзоиш ёфт. Пасандозҳо дар низоми бонкии кишвар соли 2020 – 17,2% афзуда, ҳиссаи 11,4 миллиард сомониро ташкил кардaнд, ки ин гувоҳи зиёд шудани даромади аҳолӣ ва эътимоди мардум ба ташкилотҳои қарзӣ мебошад.

Қайд кардан бамаврид аст, ки бахри рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар натиҷаи дастгирии пайвастаи давлату ҳукумат ҳоло бахши хусусӣ бомаром инкишоф ёфта, имрӯз саҳми он дар маҷмуи маҳсулоти дохилӣ беш аз 70%, дар таъмини аҳолӣ бо ҷойи корӣ-68% ва даромадҳои андозӣ ба буҷети давлат 80%-ро ташкил медиҳад. Бинбар ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоми захираҳои хешро бахри рушди фаъолияти соҳибкорӣ, махсусан, соҳибкории истеҳсолӣ равона сохта истодааст.

Дар ҳафт соли охир ҳаҷми умумии даромади буҷети давлатӣ аз 14,6 миллиард сомонии соли 2014 то 23,6 миллиард сомонӣ дар соли 2020 ва дар соли 2021 27,6 миллиард сомониро ташкил дода, аз таъмини рушди иҷтимоӣ-иқтисодии кишвар гувоҳӣ медиҳад [8,с.3].

Дар рушди фаъолияти иҷтимоию иқтисодии кишвар нақши соҳибкории хурду миёна, ки он дар шаклҳои субъектҳои хоҷагидории хурд амал мекунад, хеле назаррас аст. Соҳибкории хурд дар афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, таъмини даромади буҷети давлат, таъмин намудани ҷойи корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар нақши муҳим мебозад [10,с.105].

Ба ҳамагон маълум аст, ки қисми таркибии иқтисодиёти кишварро секторҳои молиявӣ-қарзӣ ташкил дода, он яке аз омилҳои рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат ба ҳисоб меравад ва сол то сол рушд меёбад. Вале дар давраи паҳн гаштани бемории сироятии каронавирус ва вобаста ба он, босуръат паст рафтани фаъолнокии иқтисодӣ ва афзоиши шумораи бекорӣ дар сайёра боз ҳам печида гардида, ба бухрони шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ рӯ ба рӯ омад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои бартараф кардан ва пешгирӣ намудани паёмадҳои бухрон ва ҳифзи амнияти иқтисодии мамлакат як қатор чораҳои хешро андешида истодаанд. Ба таври мисол, дар соли 2020 барои коҳиш додани таъсири пандемия ба зиёда аз 260 ҳазор нафар муштариён ба маблағи 2 миллиарду 300 миллион сомонӣ имтиёзҳо дар шакли қарзӣ пешниҳод гардид, ки он нисбат ба соли 2019 20% зиёд мебошад [3,с.1].

Қайд кардан зарур аст, ки дар соли 2020 на фақат сохтори воқеии иқтисодиёти кишвар, балки ташкилотҳои қарзии молиявӣ низ ба душвориҳои молиявӣ рӯ ба рӯ

гаштанд, ки сабаби ин паҳн гаштани бемории сироятии каронавирус дар ҷаҳон, махсусан, дар кишвари мо мебошад.

Бояд гуфт, ки ба таври расмӣ бемории сироятии каронавирус “COVID-19” дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2020 ба қайд гирифта шудааст. Барои пешгирӣ ва коҳиш додани доираи паҳншавии пандемия дар ҷомеа зарурат пеш омад, ки аз як ҷониб фаъолияти як қатор корхона ва соҳаҳои хизматрасонӣ, аз қабили: тарабхонаҳо, ошхонаҳо, бозорҳо, мағозаҳо (бо истисnoи мағозаҳои хӯрокворӣ), марказҳои хизматрасониҳои маишию фарҳангӣ ва ғайра дар кишвар муваққатан баста шуданд. Аз ҷониби дигар, дар ин давра 15 адад (93,75%) ташкилотҳои қарзии молиявӣ, ки дар назарсанҷӣ иштирок доштанд, ба як қатор мушкилотҳо дучор гаштанд [9,с.15]. Дар маҷмуъ, арзёбии қарзӣ ба мушкилот, метавонад ба сатҳи муътадили хизматрасониҳои онҳо ва ба мизоҷон таъсири манфӣ расонад. Ҳиссаи қарз, 26,83% (11 адад) барои коҳиш ёфтани талабот ба қарз ва 17,07% (7 адад)-ба тағйирёбии фаъолияти воҳидҳои сохторӣ дучор шудаанд [3,с.16].

Бояд қайд кард, ки ташкилотҳои қарзии молиявие, ки бо намудҳои гуногуни мушкилӣ дучор гардидаанд, ба монанди коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок, кам шудани мизоҷон, вориди маблағҳо берун аз кишвар, коҳиш ёфтани ҳавасмандии мизоҷон ва бо сабабҳои аз бонк вобаста набуда, бо ташаббуси худи мизоҷон ва ғайра мебошад.

Таҳлилҳое, ки бо тариқи пурсиш аз тарафи кормандони Бонки миллии Тоҷикистон барои фаҳмидани сабабҳои коҳиш ёфтани сатҳи молиявии ташкилотҳои қарзии молиявӣ амалӣ карда шудаанд, барои баррасии масъалаҳои мубрами соҳа замина мегузоранд. Яке аз намудҳои мушкилоти ташкилотҳои қарзӣ, коҳиш ёфтани ҷалби пасандозҳои мӯҳлатнок дар давраи густариши пандемияи “COVID-19” мебошад. Таҳлилҳо нишон дод, ки ҳиссаи 33% (3 адад) ташкилотҳои қарзии молиявӣ сабаби ҷой надоштани эҳтиёҷот ба пасандозҳои мӯҳлатнок ва ҳиссаи 11% (1 адад) – афзудани хавфи дар оянда баргардонидани пасандозҳо ва 45% (4 адад) дигар сабабҳоро номбар намудаанд.

Ҳамчунин, ташкилотҳои қарзии молиявӣ дигар сабабҳои дучоршавӣ бо мушкилотҳоро номбар намудаанд, ки онро ба таври зайл метавон арзёбӣ намуд: бинобар муроҷиат накардани мизоҷон, коҳиш ёфтани ҳавасмандии мизоҷон ва бо сабабҳои беруна, инчунин, бо ташаббуси худи мизоҷон [3,с.17].

Мушкилоти дар давраи густариши пандемия баамаломада инҳоянд: тарсу ҳароси мардум дар давраи пандемия ва коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз дар ин давра.

Бояд қайд кард, ки то давраи паҳншавии бемории сироятии каронавирус дар самти қарздиҳӣ ташкилотҳои қарзии молиявии кишвар фаъолияти худро баҳри татбиқ намудани ин чорабиниҳо равона кардааст:

– таҷдиди сиёсати қарзӣ ҷиҳати дастрасии маблағҳои қарзӣ, қонеъ намудани талаботи мизоҷон ба тарзҳои нисбатан имтиёзнок ва аз ин ҳисоб зиёд намудани даромаднокии бонкҳо;

– ҷорӣ намудани хусусиятҳои имтиёзнок ба қарзҳо бо мақсади гуногуншакл намудани ҷойгиршавии маблағҳои сандуқи қарзӣ ва паст кардани дараҷаи хавфи консентратсия аз фишанги диверсификатсия намудани маҳсулоти қарзӣ;

– таҳияи маҳсулоти нави қарзӣ ба самтҳои афзалиятнок ва ба ин васила зиёд намудани ҳаҷми қарз ба соҳаҳои истеҳсолӣ, бахусус, истеҳсоли маҳсулоти ватании воридот ивазкунанда, соҳибкории хурду миёна, рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ, инчунин, барои табибон ва омӯзгорон, ҷиҳати дастгирии истеҳсолоти ватанӣ ва фоизҳои миёнавазни бозори пасттар;

–вусъат бахшидани амалияи ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ дар самти фаъолияти қарзӣ, бахусус, тавассути кортҳои пардохтӣ ва ғайра.

Дар давраи густариши пандемия ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба як қатор мушкилиҳо дучор гаштанд, ки дар натиҷа аз тарафи онҳо коҳиш ёфтани пешниҳоди қарз ба амал омад.

Дар баробари андешидани тадбирҳои саривақтӣ ҷиҳати коҳиш додани таъсири пандемияи каронавирус, ба иқтисодиёти иҷтимоии кишвар аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, Бонки миллии Тоҷикистон ба ин мақсад ва нисбатан муътадил нигоҳ доштани интизориҳои таваррумӣ дар дохили кишвар, сиёсати пулию қарзиро баҳри нигоҳ доштани муътадилии сатҳи нархҳои дохилӣ, коҳиш додани фишангҳои қурбӣ, ба

танзим даровардани афзоиши ҳаҷми пул дар муомилот тавассути механизму фишангҳои монаторӣ амалӣ намуда истодааст. Инак, дар моҳҳои январ-октябри соли 2020 қурби расмии сомонӣ нисбатан ба доллари ИМА 6,7% (аз 9,6910 сомонӣ дар аввали сол то 10,3398 сомонӣ дар санаи 30 октябр) коҳиш ёфта, дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 3,9% зиёд мебошад [4,с.42].

Бо дарназардошти вазъи имрӯзаи номуътадили иқтисоди ҷаҳонӣ дар ин давра қурби асъори миллии аксари кишварҳои шарикони асосии тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ноустувор гашта, зиёда аз 30,0% нисбат ба доллари ИМА коҳиш ёфтаанд.

Ба ақидаи мо, яке аз сабабҳои асосии дар ин давра баланд шудани қурби фурӯши доллари нақдии ИМА дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва зиёд намудани талабот ба он, ин идома ёфтани тавозуни манфии савдои кишвар, коҳишёбии воруди интиқолҳои пулӣ ва сармояи хориҷӣ ба кишвар ва вобаста ба ин кам шудани пешниҳоди асъори хориҷӣ дар бозори дохилӣ ба ҳисоб меравад [10,с.105].

Ҳамзамон, паҳншавии пандемияи каронавирус дар баробари дигар давлатҳои ҷаҳон, бахусус, шарикони асосии савдо ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бинобар зиёд шудани омилҳои берунӣ аз ҷумла, маҳдуд гардидани равобити марзӣ ва коҳиш ёфтани муомилоти тиҷоратӣ таъсири манфӣ расонид ва ин раванд то ҳол идома дорад.

Омили мазкур, бахусус, дар нимсолаи якуми соли ҷорӣ бо роҳи болоравии нархи молу маҳсулоти воридот, кам гардидани ҳаҷми сармоягузориҳо, паст шудани сатҳи даромаднокии аҳолӣ, тағйирёбии қурбӣ ва зиёд гардидани хавфи қарзӣ дар низоми бонкӣ ва рушди иқтисодиёти кишвар таъсири манфии худро расонида истодааст ва ояндаи он маълум нест.

Таъсири манфии иқтисодиёти шарикҳои иқтисодиву савдои мо, ба монанди Федератсияи Русия, ки таҳлилҳо нишон медиҳад, нархи нафт ба ҳолати 16-уми отябри соли ҷорӣ барои 1 барел 42,8 доллари ИМА-ро ташкил дода, нисбат ба аввали сол 35,2% коҳиш ёфтааст [3,с.14]. Ба ҳамагон маълум аст, ки рушди воқеии иқтисодиёт ва қурби пули миллии (рубли) Федератсияи Русия аз тағйирёбии нархи нафт вобастагии зиёд дошта, метавонад ҳамчун шарики стратегӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфии худро расонад. Бинобар ин, Бонки миллии Тоҷикистон минбаъд низ татбиқи сиёсати пайгиронаи пулию қарзиро ҷиҳати ноил гардидан ба сатҳи муътадили нархҳо дар давраи дарозмуҳлат идома хоҳад дод.

Воқеан, дар натиҷаи паҳн гаштани каронавирус на фақат иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳонӣ, балки иқтисодиёти кишвари Тоҷикистон низ ба пастрави рӯ ба рӯ омад, ки дар натиҷа шумораи беморон, муваққатан паст гаштани фаъолияти сохторҳои иқтисодӣ, баландравии нархҳо, ки он буҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ ва молиявии кишварро боз ҳам тезу тунд намуд. Тавре дар боло қайд карда шуд, дар соли 2020 на фақат бахшҳои воқеии иқтисодиёт, балки бахшҳои молиявии қарзӣ низ зарари калон дидаанд.

Бо вуҷуди таъсири манфии омилҳои зикршуда, дар натиҷаи амалӣ намудани чорабиниҳои таъхирнопазир аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон устувории нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъмин гардида, иқтисодиёти кишвар дар соли 2020 4,5% афзоиш ёфта, ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ба 82,5 миллиард сомонӣ таъмин гашт. Дар ин давра, истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 9,7%, кишоварзӣ- 8,8%, гардиши савдои хориҷӣ- 0,8% аз ҷумла, содирот дар ҳаҷми 19,8%, ки он заминаи рушди иқтисоди кишварро таъмин намудаанд [8,с.2].

Қайд кардан бамаврид аст, ки дар даври зиёд гардидани таъсири манфии пандемияи каронавирус ба иқтисодиёт, коҳиш ёфтани сатҳи даромаднокии аҳолӣ ва талаботи маҷмуӣ, нисбатан паст шудани интизории таваррум, Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади дастгирии бахши хусуси як қатор тадбирҳои саривақтиро амалӣ намуд. Аз ҷумла, ҷиҳати андешидани тадбирҳои саривақтӣ ва дастгирии пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар муқобили таъсири хавфҳои эҳтимолӣ аз пандемияи каронавирус, ки чунин ҷиҳати коҳиш додани хароҷоти иловагӣ ва арзиши қарзҳои ба иқтисодиёт пешниҳодшаванда, меъёри захираҳои ҳатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯҳдадориҳои дигари ба онҳо монанд, аз 1 апрели соли 2020 муваққатан то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ 4 банди фоизӣ паст карда шуда, мувофиқан 1% ва 5% муқаррар карда шуд [3,с.45].

Иқдоми мазкур имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзии молиявиро дар давраи буҳрон беҳтар карда, маблағи 24, 7 миллион сомонӣ пардохтпазирии иловагиро барои низоми бонкӣ пешниҳод намуд. Бинобар ин, дар ин самт бо назардошти нисбатан муътадил гардонидани интизориҳои таваррумӣ дар ҷаҳон ва дар дохили кишвар, инчунин, ҷиҳати дастгирии бахши воқеии иқтисодиёти миллӣ, меъёри бозтамвил дар ин давра 2% паст карда шуда, дар сатҳи 10,75%-и солона муқаррар гардид [4,с.10]. Илова бар ин, бо мақсади таъмини пардохтпазирии ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар давраи ҳисоботӣ ба ташкилотҳои қарзии молиявӣ дар ҳаҷми 1,2 миллион сомонӣ қарзҳои кутоҳмуҳлат ҷудо карда шуд, ки дар муқоиса ба ҳамин давраи соли гузашта 313,3 миллион сомонӣ камтар мебошад. Коҳишёбии талаботи маҷмуӣ ва паст шудани суръати рушди иқтисодиёт дар натиҷаи таъсири манфии пандемияи каронавирус ҳамчун омили асосӣ ба раванди пешниҳоди қарзҳои кутоҳмуддат, барои таъмини пардохтпазирӣ таъсир расонид.

Бо мақсади таъминии гардиши пул вобаста ба талаботи иқтисодиёт дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ба маблағи 4858,3 миллион сомонӣ пули нақд ба муомилот бароварда шуда, маблағи 3230,0 миллион сомонӣ аз муомилот гирифта шуд. Эмиссияи софи пули нақди бошад, ба 1629,3 миллион сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 13,4% кам мебошад.

Аз омӯзиши ин раванд бармеояд, ки то моҳи сентябри соли 2020 ҳаҷми пулҳои захиравӣ ҳамчун нишондиҳандаи амалиётӣ дар давраи гузариш ба ҳадафгирии таваррум 20,1 миллиард сомонӣ ва ҳаҷми пули нақд дар муомилот 17,6 миллиард сомониро ташкил дода, он нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ мутуносибан 20,0% ва 16,6% зиёд мебошад. Ҳиссаи пули нақди дар муомилотбуда ба санаи 30 сентябри соли ҷорӣ 87,6%-и ҳаҷми пулҳои захиравиро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда аз хусусияти ба таври нақдӣ фаъолият намудани иқтисодиёти кишвар шаҳодат медиҳад. Бо дарназардошти ин нукта Бонки миллии Тоҷикистон ва дигар сохторҳои дахлдори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои зарурӣро бояд андешанд, то ки ҳаҷми пули нақдӣ дар муомилот кам гардад [9,с.16].

Омили мазкур гувоҳи аз он аст, ки ҳиссаи зиёди ҳаҷми пул берун аз низоми бонкӣ дар гардиш буда, бештари аҳолии кишвар маблағҳои нақдиро дар хона нигоҳ медоранд, зеро дар кишвар аксари молҳои истеъмолӣ, хизматрасониҳои маишӣ ва дигар масолеҳи сохтмонию рӯзгорӣ танҳо бо пули нақд харидорӣ мешавад. Аз ин рӯ, тавсия карда мешавад, ки ҳисоббаробаркуниҳо бо кортҳи электронӣ ба роҳ монда шавад. (Дар баъзе нуқтаҳои савдои шаҳри Душанбе ин масъала қисман ҳалли худро ёфта истодааст, ки он хело кам мебошад).

Аз маълумотҳои омории Бонки миллии Тоҷикистон маълум гашт, ки дар даври ҳисоботӣ ҳиссаи амалиётҳои ба таври ғайринақдӣ бо истифода аз воситаҳои электронии пардохтӣ анҷомдиҳанда 8,1%-ро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 1,5% зиёд мебошад. Инчунин, вобаста ба таъсири пандемияи каронавирус дар давоми соли ҳисоботӣ имкониятҳои қарзбаргардонии муштариёни ташкилотҳои қарзии молиявӣ коста шуда, талаботи маҷмуӣ коҳиш ёфт.

Дар нуҳ моҳи соли ҷорӣ ҳаҷми умумии қарзҳои додоашуда 6,6 миллиард сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли қаблӣ 1,6% коҳиш ёфт.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки се моҳи аввали соли ҷорӣ ҳаҷми қарзҳои додашуда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 29,5% ё 577,1 миллион сомонӣ зиёд шуда бошад ҳам, дар се моҳаи дуюм бо сабаби авҷ гирифтани пандемияи каронавирус ва ба корҳои низоми бонкӣ, суръати афзоиши онҳо коҳиш ёфта, нисбат ба семоҳаи аввали соли ҷорӣ 43,5% ё 1101,3 миллион сомонӣ кам гардиданд. Аз аввалҳои семоҳаи сеюм сар карда, афзоиши ҳаҷми қарзҳо нисбати семоҳаи 2-юми соли ҷорӣ ба назар расид, яъне, афзоиши ҳаҷми қарзҳо ба 1,8 маротиба баробар шуд [3,с.46]. Инчунин, дар ин давра бақияи пасандозҳои низоми бонкӣ ба ҳолати 30-юми сентябри соли ҷорӣ 10,8 миллиард сомониро ташкил дода, бо пули миллӣ 21,5% ва бо асъори хориҷӣ 10,0% афзоиш ёфт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Қаюмов С.**

**АДАБИЁТ**


1. Ахбори Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2018. –С.1-3.

2. Акрамов, Ш. Привлечение зарубежных инвестиций для развития сельского хозяйства / Ш. Акрамов, Ф.Б. Махмадиев, З.М. Чабборова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2014. -№2/8(149). -С.273-276.
3. БМТ: Бонкдорӣ, тараққиёт, ҷаҳонишавӣ (октябр-декабри соли 2020). – 2020. -С.42-48.
4. БМТ: Бюллетени омори бонкӣ. -Душанбе, 2020. -С.10-79.
5. Қонуни ҶТ "Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон". Аз 14. 05. 2016, №1316.
6. Қонуни ҶТ "Дар бораи фаъолияти бонкдорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон".– Душанбе, 2013.
7. Молияи Тоҷикистон, маҷмуаи оморӣ. Агентии омории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.– Душанебе, 2019. – С. 120-124.
8. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон "Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ" ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 26.01.2021.
9. Хикматов С.Х. Состаяние экономики и деятельност кредитных организаций Таджикистана: Ситуации, проблемы и развитие / Х.С. Хикматов, Джахоншох С. // Вестник Таджикского нацмионального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2020. –С. 16-22.
10. Ҳикматов С.Ҳ. Нақши ташкилотҳои қарзии хурд дар рушди фаъолияти соҳибкории хурд / Ҳ.С. Ҳикматов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2020. -№4. -С. 105.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030. – Душанбе, 2016. - С. 187.
12. Ҳикматов С.Ҳ. Низоми бонкӣ дар рушди соҳаҳои иқтисодиёти кишвар ва камбудиҳои онҳо / Ҳ.С. Ҳикматов, Маҳмадризоиён Ҳ.С. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020 - №4. – С.78-81..
13. Ҳикматов С.С. Буҷет ва низоми буҷетӣ. Воситаи таълимӣ / С.С. Ҳикматов, Ҷаҳоншоҳ С. -Душанбе, 2021. -343 с.
14. Ҳикматов У.С. Микрофинансирование / У.С. Ҳиқматов. И.Р. Ибрагимов. -Душанбе: Ирфон, 2016. -С. 90-102.

## ВАЗЪИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ КИШВАР ДАР ДАВРАИ ГУСТАРИШИ ПАНДЕМИЯИ КАРОНАВИРУСИ "COVID-19"

Ҳадафи асосии сиёсати иҷтимоӣ-иқтисодии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии мардуми кишвари азизамон мебошад. Аз ин лиҳоз, дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат нақши калидиро рушди иқтисодиёт, пеш аз ҳама, рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт мебозанд, ки он сабаби афзоиши маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, даромади миллӣ, коҳишёбии шумораи бекорон, афзоиши даромади буҷети давлатӣ ва беҳтар шудани зиндагонии мардуми кишвар мебошад. Вале дар шароити имрӯзаи ноустувории иқтисодии кишвар, паҳн шудани бемории сироятии каронавирус ва вобаста ба он босуръат паст рафтани фаъолиятнокии иқтисодӣ- иҷтимоӣ ва афзоиши шумораи бекорон зарурати омӯзиши ин раванд пеш меояд. Муваққатан қатъ гаштани фаъолияти сохторҳои истеҳсолию хизматрасонӣ, пастравии сатҳи молиявии ташкилотҳои молиявии қарзӣ ва ғайра, ки вазъияти Тоҷикистонро ва дигар кишварҳои дунёро фаро гирифта, ба буҳрони шадиди иқтисодиву молиявӣ ва иҷтимоӣ боис мегардад, ба пастравии вазъи иқтисодиву молиявию иҷтимоии кишвар ва субъектҳои иқтисодии он таъсири манфӣ мерасонад. Дар мақола таъсири манфии пандемияи каронавируси "COVID-19" ба вазъи иқтисодиву молиявию иҷтимоии кишвар ва ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба таври васеъ бозгӯӣ шудааст.

**Калидвожаҳо:** иқтисодӣ, иҷтимоӣ, молиявӣ, пандемияи каронавирус, соҳибкорӣ, саноат, кишоварзӣ, тандурустӣ, буҷет, қарз, танзим, таваррум, пули нақд, муомилот.

## СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКОЕ И ФИНАНСОВОЕ ПОЛОЖЕНИЕ СТРАНЫ В ПЕРИОД РАСПРОСТРАНЕНИЯ ПАНДЕМИИ КОРОНОВИРУСА COVID-19

Основной целью социально-экономической политики Правительства Республики Таджикистан является повышение уровня и качества жизни народа. В связи с этим ключевую роль в социально-экономическом развитии страны играет экономическое развитие, в первую очередь, развитие реальных секторов экономики, которое заключается в росте ВВП, национального дохода, снижении безработицы, повышении государственного дохода бюджета и улучшении жизни людей. Однако в условиях нынешней экономической нестабильности страны, распространения короновируса и связанных с ним заболеваний, быстрого снижения экономической и социальной активности и роста числа безработных, временного прекращения производства и предоставления услуг, упадка финансовых институтов и т. д. мир переживает тяжелейший экономический, финансовый и социальный кризис, который оказал и продолжает оказывать негативное влияние на ухудшение экономического, финансового и социального положения страны и ее хозяйствующих субъектов. Данная статья посвящена экономическому, финансовому и социальному положению страны и ее финансовых институтов, чтобы осветить негативное влияние пандемии короновируса COVID-19 в период ее распространения.

**Ключевые слова**: экономический, социальный, финансовый, пандемия короновируса, бизнес, промышленность, сельское хозяйство, здравоохранение, бюджет, долг, регулирование, инфляция, наличные деньги, обращение.

**SOCIO-ECONOMIC AND FINANCIAL SITUATION OF THE COUNTRY DURING THE SPREAD OF THE PANDEMIC CORONA VIRUS COVID-19**

The main goal of the socio-economic policy of the Government of the Republic of Tajikistan is to increase the level and quality of life of the people of our beloved country. In this regard, economic development plays a key role in the socio-economic development of the country, first of all, the development of real sectors of the economy, which consists in the growth of GDP, national income, reducing unemployment, increasing state budget revenues and improving people's lives. However, in the context of the current economic instability of the country, the spread of coronavirus and related diseases, the rapid decline in economic and social activity and the growing number of unemployed, the temporary cessation of production and services, the decline of financial institutions, etc., the world is experiencing a difficult economic, financial and social the crisis that has had and continues to have a negative impact on the deterioration of the economic, financial and social situation of the country and its economic entities. This article focuses on the economic, financial and social situation of the country and financial institutions in order to highlight the negative impact of the COVID-19 coronavirus pandemic during its spread.

**Keywords:** economic, social, financial, coronavirus pandemic, business, industry, agriculture, healthcare, budget, debt, regulation, inflation, cash, circulation.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Ҳикматов Сафаралӣ*** – Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
***Маҳмадризоиён Сухроб Ҳабибулло*** **-** Донишгоҳи милиии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи идоракунии молияи давлатӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш Душанбе, хиёбони Рудакӣ, 17. Телефон: (+992) **555555737**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Хикматов Сафарали*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 935-05-55-99**. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
***Махмадризойон Сухроб Хабибулло*** – Таджикский национальный университет, ассистент кафедры управления государственными финансами. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 555555737**. E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Hikmatov Safarali*** - Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: (+992) 935-05-55-99. E-mail: **ilm-tj@mail.ru**
***Mahmadrizoyon Sukhrob Khabibullo*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Public Finance Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 555555737.** E-mail: **soba_95.1@mail.ru**

УДК 368.1

# ҶОЙГОҲИ ИНСТИТУТИ СУҒУРТА ДАР СОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИҚТИСОДИЁТ


*Мирсаидов А.Б., Муминов А.Б.*

**Институти иқтисод ва демографияи АМИТ**

**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**


Субъектҳои бахши суғуртаи иқтисодиёти миллӣ, ташкилотҳои суғурта агенти бозори хизматрасониҳои молиявӣ маҳсуб мешавад. Дар "Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030" дар ҷодаи баланд бардоштани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявӣ ва рушди инфрасохтори бахши молиявӣ "пурзӯр намудани иқтидор ва рақобатпазирии муассисаҳои молиявию қарзӣ (бонкҳо, ташкилотҳои қарзии хурд, ширкатҳои суғуртавӣ, лизингӣ, биржаи қоғази қиматнок ва ғайра) аз ҳисоби ҷорӣ намудани низоми стандартҳои байналмилалии фаъолият, баланд бардоштани талаботи ҳадди ақал нисбати сармоя, пурзӯр намудани талаботи захиравӣ барои таъмини афзоиши суботи молиявии онҳо, ташкили низоми муосири идоракунии хавфҳо" [8,с.90] яке аз самтҳои асосии фаъолият пешбинӣ карда шудааст. Суғурта пайваста бо гузариши мамлакат ба зинаи иқтисоди бозории рушдёбанда тадриҷан, на танҳо ба яке аз агентҳои бонуфузи бозори молиявӣ, балки ниҳоди иқтисодии муҳим табдил ёфта истодааст.

Бояд қайд намуд, ки суғурта дар баробари шаклҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ якчанд аср вуҷуд дошта, тамоми аломатҳои институти иқтисодиро дорад. Он маҷмуи муназзами қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин, механизмҳои таъминкунандаи риояи онҳо мебошад. Моҳияти институтсионалии суғурта дар мавҷудияти низоми санадҳои қонунӣ, меъёрӣ ва дигар санадҳои зерқонунию маъмурӣ-ҳуқуқӣ, инчунин, қоидаҳои ғайрирасмии пешбиникунандаи талаботи муайян нисбати фаъолияти субъектони бозори суғурта ва дар мавҷудияти механизмҳои риоя ва назорати иҷрои ин қоидаҳо таҷассум меёбад. Фаъолияти суғурта бо санадҳои меъёрӣ қонунишударо қоидаҳои ғайрирасмӣ низ танзим мекунанд. Принсипи адолат ва боинсофӣ, ки дар таҷрибаи бисёрсолаи суғурта обутоб ёфта, асоси қарордодҳои суғуртаро ташкил медиҳад, ғайрирасмӣ мебошад.

Дар навбати худ, суғурта ҳам низоми институтҳои иқтисодиест, ки дар доираи муносибатҳои суғурта муттаҳид шудаанд. Институти суғурта чун низом аз чандин қисми таркибӣ, ба мисли суғуртаи тиҷоратӣ, иҷтимоӣ, ҳатмӣ ва ихтиёрӣ иборат аст, ки онҳо бо меъёрҳои умумӣ ва махсус танзим шудаанд. Ташкилоте, ки дар чорчӯбаи фаъолияти суғурта сохта шудаанд, инчунин, қарордодҳои суғурта шаклҳои институтсионалӣ мебошанд, ки ба қоидаву меъёрҳо асос меёбанд. Ба шакли умумӣ институти суғурта аз ду институти табиатан гуногун: суғуртаи иҷтимоӣ ва суғуртаи тиҷоратӣ таркиб меёбад.

Хосиятҳои суғурта ва қисмҳои таркиби он, мисли ҳар институти иқтисодӣ, ҳамешагӣ, устуворӣ ва қобилияти боқимонӣ мебошанд. Принсипҳои асосии фаъолияти суғурта, аз қабили принсипи баробарарзишӣ, принсипи тақсимбандии зарар ва дигарҳо, дар ҳама гуна низоми иқтисодӣ вуҷуд доранд, онҳо дар шароити кунунӣ низ амал мекунанд.

Шаклҳои институтсионалии фаъолияти иқтисодӣ дорои як қатор аломатҳое ҳастанд, ки барои суғурта низ хос мебошанд. Аломати муҳимми институт қобилияти боқимонӣ мебошад. Дар давоми якчанд садсола суғурта қобилияти боқӣ мондани худро исбот кард. Сарфи назар аз сохти иҷтимоӣ суғурта дар ҳама низоми иқтисоди миллӣ вуҷуд дорад. Ҳатто дар шароити иқтисодии номусоидтарин соҳаи суғурта кор мекунад ва саҳми худро дар некуаҳволии миллат мегузорад. Динамикаи ҷамъоварии мукофоти суғуртаӣ дар бозори ҷаҳонии суғурта аз соли 1999 то соли 2020 аз вобастагии соҳаи суғурта ба тамоюли рушди иқтисоди ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад. Дар ин давра ҳаҷми бозори ҷаҳонии хизматрасониҳои суғуртавӣ аз 2,6 трлн то 6,3 трлн долл., яъне беш аз 2,4 маротиба афзудааст. Дар ин давра ҷамъоварии мукофоти суғуртаӣ бар ҳар нафар аҳолӣ 2 маротиба афзудааст -аз 395 долл. то 793 долл [10]. Дар 20 рейтинги беҳтарин аз рӯи ҳаҷми мукофоти суғуртаи ҷаҳонӣ дар соли 2020 Иёлоти Муттаҳидаи Амрико, Чин ва Ҷопон бори дигар дар қатори се бозори беҳтарини суғуртаи ҷаҳонӣ дар соли 2020 қарор гирифтанд, ки тақрибан 58% бозори ҷаҳониро ташкил медиҳанд. Чин дар айни замон саҳми афзояндаро нигоҳ

дошта, ба 10,5% бозори ҷаҳонии суғурта расид. Минтақаи босуръат рушдёбандаи Осиё торафт бештар бартарӣ гирифта истодааст. Интизор аст, ки бозорҳои рушдёбанда аз бозорҳои мутрақкӣ мегузарад ва мамлакатҳои Осиё аз дигар минтақаҳо бартарӣ хоҳанд дошт [7].

Суғурта як падидаи таърихӣ, расмӣ ва дорои механизми назорат аст. Устувории институти суғуртаро, чунонки таҷрибаи байналмилалӣ нишон медиҳад, миқдори зиёди ташкилотҳои суғурта - субъектони бахши иқтисодиёти суғурта тибқи меъёру қоидаҳои махсус амалкунанда таъмин менамоянд. Дар мамлакат шумораи ташкилотҳои суғуртавӣ дар бозори хизматрасониҳои суғуртавӣ дар ҳолати 01.01.2021 - 19 ададро ташкил дод, ки аз онҳо 2-тои он ташкилоти суғуртавии давлатӣ буда, 17-тоаш ғайридавлатӣ мебошад (расми 1). Шумораи онҳо соли 2021 нисбат ба соли 2010 - 7 адад кам шудаст.

**Расми 1. Шумораи ташкилотҳои суғурта дар мамлакат**
**Figure 1. Number of insurance organizations in the country**




**Расми 2. Динамикаи ҳаҷми даромад ва хароҷоти ташкилотҳои суғурта**
**Figure 2. Dynamics of income and expenses of insurance organizations**



Ҳарчанд шумораи онҳо дар 10 соли охир кам шудааст, аммо ҳаҷми даромадҳои ташкилотҳои суғуртавӣ тамоюли болоравиро гирифтааст. Чуноне, ки аз расми 1 аён аст, дар ҷумҳурӣ дар давраи солҳои 2010-2021 ҳаҷми даромади ташкилотҳои суғуртавӣ аз 115,6 то 295,5 млн. сомонӣ ва ё беш аз 2,5 маротиба зиёд шудааст. Мувофиқан ҳаҷми хароҷоти онҳо аз 112,2 то 216,7 млн. сомонӣ ва ё беш аз 1,9 маротиба афзудааст. Муҳимтарин унсури фаъолияти суғурта, пардохтҳои ҷуброни суғуртавӣ мебошад, ки дар давраи таҳлилӣ аз 14,9 то 22,1 млн сомонӣ ва ё 48,3% зиёд шудаст [5].

Дар ҳоли ҳозир талабот ба сармояи оинномавии ташкилотҳои суғурта афзуда, низоми назорати суғурта бозсозӣ шуд, ба қонунгузорӣ оид ба фаъолияти суғурта тағйирот ворид карда шуд, ки ин ҳам ба аҳволи бозори суғуртаи кишвар таъсир расонд. Таъмини институтсионалии системаи танзими ин бозор тадриҷан комил шуда истодааст.

Таҷрибаи рушди кишварҳои дорои иқтисоди бозорӣ шаҳодат медиҳад, ки суғурта ба як унсури комилҳуқуқи низоми институтсионалии ҷомеа табдил ёфтааст, зеро ки ин комилан асоснок аст ва он аз маҷмуи меъёрҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ таркиб ёфтааст. Аммо масъалаи ҷои суғурта дар сохтори институтсионалии ҷомеа то охир таҳқиқ нашудааст.

Бо истифода аз равиши институтсионалии таҳлили мавқеи суғурта дар низоми иқтисодӣ онро ба бахши трансаксионии иқтисод дар қатори соҳаҳои дигари хизматрасонии трансаксионӣ, мисли савдои яклухту чакана, молия ва амалиёт бо амволи ғайриманқул мансуб донистан мумкин аст.

Т. Эггертссон дар ин бора навиштааст: «Норт ва Уоллис кӯшиш карданд то ҳаҷми бахши трансаксионии иқтисоди ИМА-ро дар солҳои 1870 то 1970 чен кунанд. Муаллифон ҳаҷми умумии захираҳои истифодакардаи корхонаҳо, инчунин, ҳаҷми захираҳои барои раванди трансаксионӣ ҷудошудро дар дохили корхонаҳои тавлидгари молу хадамоти дигар арзёбӣ карда, истифодаи захираҳо бо ҳисоби ҳиссаи онҳо дар МММ дарёфтанд. Яке аз ҷанбаҳои муҳимми ташкили фаъолияти суғурта ин аст, ки дар он қоидаҳои расмӣ хеле бештар мебошанд. Сабаби ин мушкилу таваккалнок будани фаъолияти соҳибкорӣ, инчунин, хосияти иҷтимоӣ доштани хизматрасонии соҳа мебошад.

Институти суғурта дар доираи бахши трансаксионии иқтисодиёт метавонад андозаи хароҷоти трансаксионии соҳибкоронро бо тариқи ҷуброн намудани талафи онҳо паст намояд. Зеро, онҳо фаъолияти худро дар шароитҳои номуайянии бозор ва хавфу хатарҳо ташкил менамоянд ва ҳама талафи иқтисодиро интизоранд. Масалан онҳо дар мавриди сармоягузорӣ талафҳои иқтисодиро аз хавфу хатар, аз таваррум интизор мешаванд. Дар ин маврид онҳо метавонанад ба хизматрасониҳои суғурта, яъне ба суғуртакунии сармоягузорӣ рӯ оваранд. Соҳибкори аграрӣ барои аз худ намудани 1 гектари замини кишоварзии иловагӣ ва парвариши гандум дар он 6000 сомонӣ сармоя ҷудо менамояд. Ҳамин тариқ, арзиши лоиҳаи сармоягузорӣ 6000 сомониро ташкил дода, муҳлати амалишавии он 4 сол мебошад. Натиҷаҳои интизориро дар 4 сол ва дараҷаи таъсири хавфу хатарҳо метавон муайян намуд, ки он дар ҷадвали 1 оварда шудааст.

Барои арзёбии сармоягузорӣ методи дисконтро истифода мебарем, яъне индекси даромаднокии сармоягузориро бо формулаи зерин муайян менамоем [1,с.31]:

$$P_i = \frac{1}{I}\sum_{t=1}^{T}\frac{P_t}{(1+r)^t}$$

**Ҷадвали 1. Арзёбии лоиҳаи сармоягузорӣ вобаста ба истифодаи институти суғурта**
**Table 1. Evaluation of the investment project related to the use of the insurance institute**

| Нишондиҳандаҳо | **2021** | **2022** | **2023** | **2024** |
|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми фурӯш, сомонӣ | 11340 | 12010 | 12784 | 13021 |
| Хароҷотҳои ҷорӣ (арзиши аслӣ), сомонӣ | 7938 | 8266 | 8821 | 8724 |
| Фоида, сомонӣ | 3402 | 3843 | 3963 | 4298 |
| Эҳтимолияти талафи фоида ҳар сол (дар сатҳи 3,5%), сомонӣ | 119 | 134,5 | 138.7 | 150,4 |
| Суғуртакунонӣ (дар сатҳи 2,5%) ва фоидаи суғурта, сомонӣ | 85 | 96 | 99,0 | 107,4 |

Таҳияи муаллиф.

Барои муайян намудани индекси даромаднокии сармоягузорӣ андозаи дисконтро бо формулаи Фишер ҳисоб менамоем:

$$R = (j_b + 1)(j_i + 1) - 1,$$

ки дар ин ҷо $j_b$ – меъёри пасандози бонкӣ;

$j_i$ - сатҳи таваррум.

Дар мамлакат меъёри пасандози бонкӣ ба ҳисоби миёна 12% ва сатҳи таварруми солона бошад 4,5%-ро ташкил медиҳад. Аз ин рӯ, меъёри дисконт R = (0,12 +1) (0,045 +1) = 0,170-ро ташкил медиҳад. Азбаски суғурта 71,4%-и талафи фоидаро пардохт менамояд, пас меъёри тахфифро дар сатҳи 1,7% (2,5 * 0,71) кам менамоем, ки меёри тахфиф ба 0,153 баробар мешавад. Меъёри дисконтро дар солҳои мувофиқ муайян менамоем: соли якум – 0,867(1/1,153), соли дуюм – 0,752(1/1,329), соли сеюм 0,652(1/1,532), соли чорум –0,566 (1/1.766). Вобаста ба ин даромадро аз сармоягузорӣ муайян менамоем: $NPV = \sum_{t=1}^{t} \frac{P_t}{(1+r)^t} - I$ = (7938x0,867 + 8266x 0,752 + 8821x0,652 +8724x0,566) - 6000 = 17787,3. Индекси меъёри даромаднокии сармоягузорӣ, ки бо формулаи $PI = \left(\sum_{t=1}^{T} \frac{P_t}{(1+r)^t}\right)/I$ ҳисоб карда мешавад ба 2,96 (17787,3/ 6000) баробар аст. Пас даромаднокии сармоягузорӣ хеле самаранок мебошад. Барои ноил гаштан ба ин сатҳи баланди самаранокии саромоягузорӣ суғуртакунӣ нақши муҳим дорад. Зеро, эҳтимоли аз даст додани фоидаи интизорӣ агар 3,5%-ро вобаста ба болоравии таваррум ташкил диҳад, пас дар чор соли таҳлилӣ ба ҳисоби миёна 135,6 сомониро ташкил медиҳад. Андозаи солонаи суғуртакунӣ 2,5%-ро ташкил диҳад, пас соле ба ҳисоби миёна ба 96,8 сомонӣ баробар аст. Дар мавриди талафоти пурра ва ё аз даст додани фоида ташкилотҳои суғуртавӣ 71%-и онро ҷуброн менамоянд ва бо ҳамин андозаи хароҷоти трансаксионӣ вобаста ба талаф паст мегардад. Масалан сармоягузор соли 2024 агар фоидаи интизориашро дар ҳаҷми 4298 сомонӣ комилан гирифта натавонад, пас ташкилоти суғурта 3051,6 сомонии онро, яъне 71%-и онро ҷубро менамояд. Пас мебинем, ки соҳибкории аграрӣ дар давоми чор сол полиси суғуртавиро дар чор сол ҳамагӣ дар ҳаҷми 387,4 (85+96+99,0+107,4) сомонӣ суғурта намудааст, ки нисбат ба ҳаҷми талафи худ 23 маротиба кам мебошад. Яъне, истифодаи институти суғурта имкон додааст, ки соҳибкори аграрӣ бо харҷи камтарин талафи молиявии худро рӯйпӯш намояд. Бинобар он зарураст, ки дар иқтисодиёт фарҳангу рафтори суғуртакунии субъектҳои иқтисодиро баланд бардорем, то ин, ки аз хариди полиси суғуртавӣ бархӯрдор гардан ва дар портфели сармоягузории худ ҷой диҳанд. Зеро, полиси суғуртавӣ метавонад ҳамчун коғази қиматнок баромад намуда, дар мавриди рӯй додани хавфу хатар талафро ҷуброн намояд, даромад орад. Чуноне, ки дар адабиёти иқтисодӣ бархе муалолифон [11] таъкид менамоянд, принсипи ташаккулёбии полиси суғурта ҳамчун институти муҳим ва неъмати иқтисодии ғайримоддӣ аслан дар ҷараёни истеҳсолоти неъматҳои моддӣ нуҳуфта аст ва дар он ду талаботи асосии иқтисодӣ ва ё захираи иқтисодӣ зуҳур менамояд: интиқоли хавф ва ҷамъоварии сармоя, ки дар умум ғанӣ гаштани сарватҳо ва дороиҳои субъектҳои иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Бинобар ин метавон гуфт, ки институти суғурта аз давраи гузариши инсон аз зинаи истеъмолгар ба истеҳсолгар пайдо шуда, пайваста бо рушди тарзи истеҳсолоти ҷамъиятӣ, бахусус дар сурати пайдоиши маҳсулоти изофа ташаккул ва рушд ёфтааст. Суғурта ҳамчун институти иқтисодӣ, бахусус дар давраи иқтисоди капиталистӣ ба нуқтаи баландтарини инкишофи худ расида буд. Дар заминаи қоидаҳои ғайрирасмӣ асосҳои расмии институтсионалии фаъолияти суғурта – маҷмуи қонунҳо, кодексҳо пайдо шуда буданд. Маҳз ҳамин гуна раванд таҳаввулот ё генетикӣ номида мешавад. А.А. Олейник чунин меҳисобад, ки институтҳои расмии нав на дар ҷои холӣ, балки дар раванди дигаргуншавии институтҳои ғайрирасмии мавҷудбуда ба миён меоянд [4,с.132]. Асосҳои фаъолияти суғурта, ки дар асрҳои XVIII-XIX поягузорӣ шуданд, таҳкурсии қоидаҳои муосири он мебошанд.

Суғурта бо дигар унсурҳои низоми институтсионалӣ алоқаманд аст. Алоқамандию ҳамкории институтҳои сатҳҳои гуногун дар умум, ба қавли Д. Норт, маҷмуи низоми институтсионалиро ба вуҷуд меорад, ки дар таркиби он институтҳои умумӣ, хусусӣ ва ягона ҷой доранд. Г.Б. Клейнер аз равиши дигар кор гирифта пешниҳод мекунад, ки

институтҳои асосӣ ва ёрирасон, ки амали институтҳои асосиро таъмин мекунанд, ҷудо карда шаванд [2,с.75]. Низоми институтсионалии ҷомеа чун маҷмуи унсуру институтҳои ба ҳам алоқаманде тасвир карда мешавад, ки ба институтҳои асосӣ ва комплиментарӣ тақсим карда мешаванд. Ба гурӯҳи асосӣ институтҳои моликият, бозор, давлат ва ғайраҳо дохил карда мешаванд. Дар баробари институтҳои асосӣ ва комплиментарӣ (ёрирасон) институтҳои ҳосилшударо ҷудо кардан мумкин аст, ки дар заминаи шаклҳои институтсионалии нисбатан доимӣ ба вуҷуд меоянд.

Бояд гуфт, ки ташкили институтсионалии ҷомеаро дар шакли пирамидаи дорои шакли нисбатан устувор, ки асосашро институтҳои асосӣ ташкил медиҳанд, метавон тасвир кард. Дар заминаи онҳо институтҳои иловагӣ ё ёрирасони қарз, суғурта, буҷет, андоз ва дигарон сохта мешаванд. Дар қуллаи ин “пирамидаи” институтсионалӣ институтҳои ҳосилшуда, мисли шарикии давлат ва бахши хусусӣ, ипотека, лизинг ва ғайраро ҷойгир мекунанд. Чунин институтҳо дар марҳалаҳои муайяни таърихӣ ба вуҷуд омада, дар сурати тағйир ёфтани шароити макроиқтисодӣ дигаргун ва ё нопадид мешаванд [3,с.145].

Алоқамандӣ ва вобастагӣ, такмили мутақобилаи ин институтҳо мавҷудияти тартиби муайяни институтсионалиро дар назар дорад. Барои муайян намудани ин ташкилот аз мафҳумҳои низоми институтсионалӣ, сохтори институтсионалии ҷомеа, муҳити институтсионалӣ истифода мебаранд. Дар низоми институтсионалӣ унсуре нест, ки бе унсурҳои дигар самаранок кор карда тавонад. Институтҳои гуногун бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Баъзе аз онҳо замина барои фаъолияти муътадили дигаронаш мебошанд. Дарки ин падида имкон медиҳад, ки онро ба қонунҳои табиии олами моддӣ ташбеҳ диҳем.

Яке аз шаклҳои алоқаи устувории унсурҳо панҷараи кристаллӣ мебошад. Ҳамин гуна дар низоми институтсионалӣ низ ҳар унсур-институт ҷойи муайянро ишғол намуда, нақши пайвандгарро иҷро мекунад ва кори тамоми унсурҳои дигарро таъмин менамояд. Низомҳои иҷтимоӣ-иқтисодии қаблиро дар марҳалаи ташаккулашон ҳамчун шакли одитарини панҷараи институтсионалӣ нишон додан мумкин аст. Дар низомҳои нисбатан тараққикарда низоми охирин аз шакли сода ба шакли мураккабтар таҳаввул мекунад. Носозгории меъёрҳои институтҳои алоҳида бо шароити берунӣ яке аз сабабҳои асосии тағйироти институтсионалӣ мебошад. Равандҳои тағйиротие, ки дар солҳои истиқлолияти давлатӣ дар иқтисоди кишвар рух доданд, асосан ба дигаргуниҳои муҳити институтсионалӣ дахл доштанд.

Тағйироти ҷиддӣ дар институтҳои асосӣ, пеш аз ҳама, дар шаклҳои моликият ва механизмҳои ҳамоҳангсозии иқтисодӣ рӯй доданд. Дар натиҷа таркибу сохтори институтҳои ёрирасон ҳам тағйир ёфт. Баъзеяшон бо сабаби номувофиқӣ ва ихтилоф бо институтҳои асосӣ аз байн рафтанд. Инҳо низоми пешинаи банақшагирии мутамаркази давлатӣ ва низоми ҳисоби хоҷагӣ мебошанд. Институтҳои дигар, ки қобилияти бақои худро исбот карданд ба сохтори кунунии иқтисод мутобиқ шуданд.

Суғурта, ки дар иқтисоди сотсиалистӣ дар ихтиёри давлат буд ва дар монополияи давлат қарор дошт, солҳои 1990-ум аз лиҳози институтсионалӣ куллан тағйир дода шуд. Вақте ки суғурта дар дасти як молик қарор дошт, он як омехтае аз суғуртаи иҷтимоӣ ва тиҷоратӣ буд. Институти асосии моликият хосияту сохтори дохилии муносибатҳои моликият ва захираҳо, фондҳои суғуртаро муайян мекард. Дар як вақт методология, усул ва василаҳои суғурта аз амалияи «капиталистӣ» ба мерос монда буданд.

Таҷрибаи низоми сотсиалистии суғурта ва дар кишвар сохтани низоми усулан навини фаъолияти суғурта ҳамчун шакли соҳибкорӣ як тағйироти инқилобӣ буд. Пас аз бозсозии куллии фаъолияти суғурта, раванди ҷорисозии усулу воситаҳои нави суғурта ва системаи танзими он шуруъ шуд. Институти суғурта ҳамроҳ бо раванди ислоҳи тамоми низоми институтсионалии миллӣ тағйир меёфт.

Имрӯз институти суғурта дар ҷумҳурӣ як шакли институтсионалии навтаъсис аст, ки ба гуногунии шаклҳои моликият бо бартарии моликияти хусусии капиталистӣ асос ёфтааст. Аммо шаклҳои нави суғурта барои шаклҳои пешини он мутлақо “бегона” нестанд. Бисёре аз воситаҳои татбиқи он шабеҳи ҳамдигар мебошанд. Ҳар низоми

институтсионалии нав ҳамеша аломатҳои низоми пешинро дорад, ки якҷоя бо аломатҳои нав арзи вуҷуд мекунанд.

Суғуртаи тиҷоратӣ дар ҷомеаи пасошуравӣ то андозае шаклҳои тоинқилобии онро эҳё карда буд. Ҳамчунин, принсипҳои асосӣ, усулу шаклҳои суғуртаи муосир аз таҷрибаи хориҷӣ ба орият гирифта шудаанд. Бештари меъёрҳои инноватсионӣ аз низоми суғуртаи хориҷӣ ворид карда шудаанд.

Айни замон фаъолгардии раванди истифода принсипу қоидаҳои муосир, ки самаранокии худро исбот кардаанд, сурат гирифта истодааст. Баъзан меъёрҳо батадриҷ ба муҳити институтсионалӣ мутобиқ карда мешуданд. Чунин ҳолат бо усули ҳисоббарории захираҳои суғурта дар навъҳои дигари суғурта низ ба назар мерасид. Маслан, усули ҳисобкунии таносуби активҳо ва уҳдадориҳои ташкилоти суғурта ё ҳисоби фоидаи қобилияти пардохт батадриҷ ҷорӣ карда шуданд.

Инноватсияи институтсионалии мазкур номуайяниҳоро ба хавф (риск) табдил медиҳад. Муаммоҳои қобилияти пардохтпазирии ташкилотҳои суғурта пас аз татбиқи ин усул возеҳтар шуданд. Ғайр аз ин, ҷорисозии низоми озмоишоти буҳронӣ ба мақомоти нозир имкон медиҳад, ки хавфи иҷро накардани уҳдадориҳоро аз ҷониби ташкилотҳои суғурта воқеитар бинанд. Ба ақидаи Д. Норт ва муҳаққиқони дигар, инноватсияҳои институтсионалӣ хосияти неъматҳои ҷамъиятиро доранд, зеро ки ба як фард додану дигаронро маҳрум кардан аз онҳо номумкин аст. Вақте инноватсияи институтсионалӣ ба як шахс дода мешавад, дигарон ҳам метавонанд аз он бидуни хароҷоти иловагӣ баҳра баранд [9,с.41].

Институти инноватсионӣ ва меъёри институтсионалӣ нисбати ҳама фаъолони иқтисод, ки соҳаи фаъолияташон таҳти амали ин институт ва меъёр қарор мегирад, амал мекунанд. Институти ваколатдори ҳуқуқи суғурта, ки бояд дарояндаи наздиктарин ҷорӣ гардад, муносибатҳои байни ҳама мизоҷон ва ҳамаи ширкатҳои суғуртаро дар чорчӯбаи масъалаҳои баррасишуда ҳамоҳанг хоҳад кард. Институти ваколатдор аз низомҳои суғуртаи дигар ворид карда мешавад, зеро дар он ҷо самаранокии худро собит кардааст.

Рушди институтсионалии суғурта дар Ҷумҳурӣ дар заминаи таҷрибаи таърихии худӣ ва истифодаи таҷрибаи хориҷӣ сурат мегирад ва бинобар ҳамин дорои хосиятҳои худ мебошад, зеро шароити миллӣ таъсир мерасонад. Мақсади инноватсияҳои институтсионалӣ ҳамеша афзоиш додани самараи фаъолияти муҳити иқтисодӣ мебошад. Аммо татбиқи қоидаву меъёрҳои нав на ҳамеша самараи дилхоҳро медиҳад. Меъёрҳое, ки дар як шароит самарабахшанд, дар шароити дигар метавонанд натиҷаи баръакс диҳанд.

В.М. Полтерович «нокомии бисёре азислоҳот аз кӯшиши воридсозии институтҳои пешқадами низоми институтсионалии мутараққӣ, бидуни ташкили шароити мусоиди кори онҳо бар меояд» [6,с.4]. Чунин ҳол дар суғуртаи масъулияти касбӣ дида мешавад. Масалан, суғуртаи масъулияти касбии кормандони тиббӣ самара надода истодааст. Омори иштибоҳоти пизишкон тағйир наёфтааст.

Заминаи қонунии танзими фаъолияти тиббӣ комил нест. То кунун раванди ташаккули он, аз ҷумла дар қисми таъйини масъулияти кормандони тиб идома дорад. Мисоли дигар суғуртаи масъулияти касбии баҳодеҳон мебошад. Ин навъи фаъолият ҳатмӣ буда, зарараш хеле кам аст. Уҳдадории пардохт танҳо дар сурати эътирофи ҳолати суғурта бо тартиби судӣ фаро мерасад. Маълум аст, ки теъдоди даъвоҳои судӣ оид ба масъулияти баҳодеҳон хеле кам мебошад, чунки исбот кардани робитаи байни амалҳои баҳодеҳон ва ба вуҷуд омадани зарар душвор аст. Дар асл, ин «механизм» кор намекунад, яъне доми институтсионалӣ мебошад.

**АДАБИЁТ**


1. Гераськин М.И. Инвестиционный менеджмент: модели и методы - Самар. гос. аэрокосм. ун-т / М.И. Гераськин, О.А. Кузнецова. -Самара, 2007. -С.31-74.
2. Клейнер Г.Б. Особенности процессов формирования социально-экономических институтов в России / Препринт # WP/2001/126. -М.: ЦЭМИ РАН, 2001. -75 с.
3. Мирсаидов А.Б. Инкишоф матритсаи институтсионалии Тоҷикистон (ҷанбаҳои иқтисоди сиёсӣ) / А.Б. Мирсаидов. –Душанбе: Дониш, 2021. -300 с.
4. Олейник А.А. Институциональная экономика / А.А. Олейник // Вопросы экономики. - 1999. -№1. -С.132-143.

5. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 2021. -С.690-691; Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2022. –С.405.
6. Полтерович В.М. Стратегии институциональных реформ: Препринт #WP/2005/190. -М.: ЦЭМИ РАН, 2005. -51 с.
7. Рейтинг ТОП-20 крупнейших мировых страховых рынков в 2020 году. [Электронный ресурс]. URL: https://news.myseldon.com/ru/news/index/254288285 (дата обращения 3.01.2023).
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. -С.90.
9. Тамбовцев В.Л. Экономическая теория институциональных изменений / В.Л. Тамбовцев. -М.: ТЕИС, 2005. -542 с.
10. [Манбаи электронӣ]. URL: https://rusus.jes.su/s207054760013364-7-1/(санаи муроҷиат 3.01.2023)
11. Farny Dieter. Die Geslallimg von Versiherungsprodukten im Marketing von Versihcrungsuntcrnchmen. -Karlsruhe, 1986.

## ҶОЙГОҲИ ИНСТИТУТИ СУҒУРТА ДАР СОХТОРИ ИНСТИТУТСИОНАЛИИ ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақола институти суғурта, ки дар баробари шаклҳои дигари фаъолияти иқтисодӣ якчанд аср вуҷуд дошта, тамоми аломатҳои институти иқтисодиро дораду он маҷмуи муназзами қоидаҳои расмӣ ва ғайрирасмӣ, инчунин, механизмҳои таъминкунандаи риояи онҳоро доро мебошад, мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллифон бо истифода аз равиши институтсионалии таҳлили мавқеи суғурта дар низоми иқтисодӣ онро ба бахши трансаксионии иқтисод дар қатори соҳаҳои дигари хизматрасонии трансаксионӣ, мисли савдои яклухту чакана, молия ва амалиёт бо амволи ғайриманқул мансуб дониста, таҳлили институти суғурта дар доираи бахши трансаксионии иқтисодиёт, ки метавонад андозаи хароҷоти трансаксионии соҳибкорон ва сармоягузоронро бо тариқи ҷуброн намудани талафи онҳо паст намояд, таваҷҷуҳи ҷиддӣ додаанд. Истифода аз методи дисконтии арзёбии сармоягузорӣ ҷойгоҳи суғурта ва полиси суғуртаро дар сохтори институсионалии сармоягузорӣ, умуман фаъолияти сармоягузории субъектҳои иқтисодӣ асоснок намудаанд. Дар мақола тамоюли рушди институтсионалии суғурта дар ҷумҳурӣ мавриди таҳлил қарор гирифта, доир ба таъмини рушди инноватсияҳои институтсионалии суғурта, ки самараи фаъолияти муҳити иқтисодиро таъмин менамояд, якчанд пешниҳодот асоснок шудааст.

**Калидвожаҳо:** низоми иқтисодӣ, бахши трансаксионии иқтисодиёт, институти суғурта, сохтори институсионалии бахши суғуртаи иқтисодиёт, бозори хизматрсонҳои молиявӣ ва суғурта, хавфу хатари иқтисодӣ, полиси суғурта, сармоягузорӣ, арзёбии сармоягузорӣ, соҳибкории суғуртавӣ.

## МЕСТО СТРАХОВОГО ИНСТИТУТА В ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ СТРУКТУРЕ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается страховой институт, который, наряду с другими формами экономической деятельности, существует уже несколько столетий, все признаки экономического института, имеет систематизированный набор официальных и неофициальных правил, а также механизмы, обеспечивающие их соблюдение. Используя институциональный подход при анализе места страхования в экономической системе, авторы относят его к трансакционному сектору экономики наряду с другими сферами трансакционных услуг, такими как оптовая и розничная торговля, финансы и операции с недвижимостью, которые способствуют сокращению сделок предпринимателей и инвесторов за счет возмещения их убытков. Используя дисконтный метод оценки инвестиций, они обосновали место страхования и страхового полиса в институциональной структуре инвестирования, в целом инвестиционной деятельности хозяйствующих субъектов. В статье проанализирована тенденция институционального развития страхования в республике, а также внесен ряд предложений по обеспечению развития институциональных инноваций страхования, обеспечивающих эффективность экономической среды деятельности субъектов экономики.

**Ключевые слова**: экономическая система, трансакционный сектор экономики, институт страхование, институциональная структура страхового сектора экономики, финансово-страховые услуги, экономический риск, страховой полис, инвестиции, инвестиционная оценка, страховое дело.

## THE PLACE OF THE INSURANCE INSTITUTE IN THE INSTITUTIONAL STRUCTURE OF THE ECONOMY

The article deals with the insurance institution, which, along with other forms of economic activity, has existed for several centuries, has all the signs of an economic institution, has a systematic set of official and unofficial rules, as well as mechanisms to ensure their observance. Using the institutional approach, the places of insurance in the economic system are analyzed, the authors attribute it to the transactional sector of the economy along with other areas of transactional services, such as wholesale and retail trade, finance and real estate, which contributes to the reduction of transactions of entrepreneurs and investors by compensating for their losses. Using the discount method of estimating investments, they substantiated the place of insurance and the insurance policy in the institutional structure of investment, in general, the investment activity of economic entities. The article analyzes the trend of the institutional development of insurance in the republic, and also makes a number of proposals to ensure the development of institutional insurance innovations that ensure the effectiveness of the economic environment for the activities of economic entities.

**Keywords:** economic system, transactional sector of the economy, institution of insurance, institutional structure of the insurance sector of the economy, financial and insurance services, economic risk, insurance policy, investments, investment appraisal, insurance business.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Мирсаидов Аброр Бобоевич*** – Институти иқтисод ва демографияи академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, доктори илмҳои иқтисодӣ, муовини директор. **Суроға**: 734024, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи С. Айнӣ, 44. Телефон: **(+992) 904-44-60-12.** E-mail: **chirad-58@mail.ru**
***Муминов Абдукарим Бегович*** – Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, мудири кафедраи фаъолияти гумрукӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 110-07-46-46.** E-mail: **muminov-abdukarim@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Мирсаидов Аброр Бобоевич*** – Институт экономики и демографии Национальной Академии наук Таджикистана, доктор экономических наук, профессор, заместитель директора. **Адрес**: 734024, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица С.Айни, 44. Телефон: **(+992) 904-44-60-12.** E-mail: **chirad-58@mail.ru**
***Муминов Абдукарим Бегович*** – Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой таможенной деятельности. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 110-07-46-46.** E-mail: **muminov-abdukarim@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Mirsaidov Abror Boboevich*** **-** Institute of Economics and Demography of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Doctor of Economics, Professor, Deputy Director. **Address:** 734024, Republic of Tajikistan, Dushanbe, S. Aini street, 44. Phone**: (+992) 904-44-60-12.** E-mail: **chirad-58@mail.ru**
***Muminov Abdukarim Begovich*** **-** Tajik State Financial and Economic University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Customs Activities. **Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone**: (+992) 110-07-46-46.** E-mail: **muminov-abdukarim@mail.ru**

УДК 311.313

# ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲАВВУЛОТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

*Саидмуродова М.А., Қурбонова М.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Таъмини рушди устуворонаи иқтисоди миллӣ ҳадафи ҳар як кишвари алоҳида дониста мешавад. Рушди босуботи иқтисодӣ ва таҳкими соҳаҳои афазалиятноки он аз омилҳои зиёди дохилӣ ва берунӣ вобастагии зиёд дорад. Муайянсозии соҳаҳои афазалиятноки иқтисоди миллӣ ва раванди таъмини инкишофи мунтазами онҳо аз сиёсати иқтисодии пешанамудаи давлат вобаста аст. Дар шароити иқтисоди бозорӣ давлатҳо кӯшиш менамоянд, ки зиёдтар ба соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ маблағгузорӣ намоянд ва бо ин васила рушди устуворро таъмин созанд. Таҷриба нишон медиҳад, ки кишварҳои дар ҳолати рушд қарор дошта, бештар кӯшиш мекунанд, ки сармоягузорони хориҷиро дар ин самт ҷалб намоянд. Ҷалби сармоягузорони хоиҷӣ ва дохилӣ раванди ташаккули иқтисоди миллиро таҳким бахшида, самаранокии фаъолияти субъектони иқтисодиро метавонад таъмин созад. Аз ин рӯ, ҷиҳати ҷалби бештари сармояи хориҷӣ ва дохилӣ барономаҳои гуногуни иқтисодӣ дар сатҳи давлатӣ қабул мегарданд ва механизмҳои гуногуни иқтисодӣ мавриди истифода қарор дода мешаванд. Яке аз чунин механизмҳои иқтисодӣ, ки дар таъмини рушди иқтисоди воқеии ҳар як кишвари алоҳида мавқеи муҳимро касб намудааст ва сабаби рушди иқтисодии кишварҳои зиёде гардидааст, таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ (МОИ) дониста мешавад. Баъд аз гузариш ба низоми хоҷагидории бозорӣ ва роҳандозии фаъолияти субъектони хоҷагидорӣ тибқи принсипҳои иқтисоди бозорӣ, масъалаи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ боз ҳам мубрам гардид. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун механизми такондиҳанда ва таъминкунандаи тараққиёти иқтисоди миллӣ дар кулли кишварҳои олам мавриди истифода қарор гирифтааст. Имрӯз таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва ба ин восита ҷалби бештари сармоягузорони хориҷӣ метавонад омили асосии рушди иқтисодӣ бошад. Ташкили МОИ ҳамчун механизми идоракунии фаъолияти иқтисодӣ бо роҳи пешкашнамоии имтиёзҳои муайян, ки давлат таҳия намудааст, дониста шуда, дар баландбардории иқтидори содиротӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ нақши арзанда доранд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ яке аз воситаҳои муҳим дар баландбардории дараҷаи рақобатпазирии иқтисоди миллӣ ва роҳёбии субъектони иқтисодӣ ба бозорҳои ҷаҳонӣ ба шумор меравад. Ҳамчун институти вижа МОИ дар низоми хоҷагидории ҷаҳон яке аз фишангҳои таъмини рушди иқтисоди миллӣ мебошанд. Барои қисми зиёди давлатҳо МОИ роҳи асосии ҳавасмандсозӣ ва иштирок дар тақсимоти байналхалқии меҳнат аст. Бо истифода аз ташкили МОИ давлатҳо метавонанд ба вазъи дохилииқтисодӣ, ҳолати тавозуни пардохт, баландбардории иқтидори содиротӣ, ҷалби сармояи хориҷӣ, устувории қурби асъори миллӣ, дастрасӣ ба технологияи муосири инноватсионӣ ва ҳамгироии иқтисоди миллӣ бо иқтисодиёти ҷаҳонӣ таъсири мусбӣ расонанд.

Ташаккули МОИ ҳанӯз аз давраҳои қадим, замони пайдоши аввалин муносибатҳои иқтисодӣ миёни давлатҳо сарчашма мегирад ва чандин асрро дарбар мегирад. Як қатор аз олимони иқтисоддон замони пайдоиши МОИ-ро бо давлатдории Рими Қадим мепайванданд. Масалан Абакарова Р.А. чунин ақида дорад, ки МОИ ҳанӯз дар давлатдории Рими Қадим дар шакли дигар мавҷуд буд [1,с.18-23]. Абделхалим М.А. бошад, рушди МОИ-ро дар Фаронса медонад. Ба андешаи ӯ МОИ дар бандарҳои обии шаҳри Марсел пайдо шудааст. Баъзеи дигар чунин меҳисобанд, ки МОИ дар шаҳрҳои Гамбург ва Бремене-и Олмон пайдо шудаанд [2,с.58]. Қисми дигари олимони соҳа ба он ақидаанд, ки дар давраи Финикӣ (Ливан) давлатҳо барои рушди тиҷорати байналхалқӣ макони махсусеро девор кашиданд ва ин маконро аз ситонидани ҳар гуна пардохтҳо озод намуданд. Аввалин ҳуҷҷат, ҳамчун МОИ дар ҷазираи Делоси Юнони Қадим ба қайд гирифта шудааст [6,с.51-53]. Донишмандони рус Т.П. Данко ва З.В. Округ зимни таҳқиқотҳои хеш муайян сохтанд, ки пайдоиши аввалин МОИ дар шакли комил аз солҳои 1510-и асри XVI сарчашма мегирад [4,с.42]. Онҳо чунин қайд менамоянд, ки истилогари

испанӣ Васко де Бальбоа соли 1510 дар соҳили баҳри Панама дар ҷое, ки ду уқёнусро аз ҳам ҷудо мекунад, ҷойгоҳ гирифта, бандарҳои тиҷоратӣ таъсис дод, ки аввалин маротиба дар ин давра дар ҷаҳон назорати гумрукӣ мавриди истифода қарор гирифт [3,с.168]. Заминаҳои пайдоиши МОИ гувоҳӣ онанд, ки ин минтақаҳо дар аввал ҳамчун қаламрави махсуси бандарӣ аз қаламрави гумрукӣ ҷудо шуда, барои воридоту содироти бемамонияти молу коло таъсис ёфта буданд. Баъдан МОИ ҳамчун маконҳои махсуси савдо барои соҳибкорон дар Италия (Генуя) ба миён омада, фаъолияти соҳибкориро рушд дод. Маҳз дар ҳамин ҷо идеяи таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодии шакли бандарҳои озод ба миён омад. Иштирокчиёни бозор ва тоҷирон баъди муборизаи дароз дар ин қаламрав фурӯши молро бидуни ситонидани андозу боҷи гумрукӣ ҳуқуқ пайдо карданд. Статуси бандарҳои озодро Генеуя 1595 сол, Венесия 1661 сол, Марсел 1669 сол доро буданд. Дар асри XVII минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар Триесте Италия ва Хорватия дар соли 1704, дар Гибралтар соли 1782 ва минтақаи транзити тиҷоратӣ дар Бангкок таъсис дода шудаанд. Дар баробари ин, вобаста ба рушди бозор ва устувории сиёсати протексионистии давлат бандарҳои озод шакли дигарро касб карда, дар қаламрави онҳо минтақаҳои озоди иқтисодӣ таъсис дода шудаанд. Дар асри XVIII баъзе давлатҳои Аврупо, дар ҳудуди худ барои таъсиси минтақаҳои озоди иқтисодӣ барои тиҷорати озод қаламрав ҷудо кардаанд. Ба ҳайси мисол овардан мумкин аст Сингапур, ки дар соли 1819, Гонконг (Хитой) дар соли 1848, Гамбург соли 1888, Одесса 1817 ва Копенгагин дар соли 1891 минтақаҳои озоди иқтисодиро таъсис додаанд. Қайд кардан муҳим аст, ки то ҷанги дуюми ҷаҳонӣ дар 26 давлат ва минтақаҳои ҷаҳон 75 бандарҳои озод ва минтақаҳои озоди тиҷорати таъсис дода шуд. Чунин минтақаҳо қариб як функсияро иҷро мекарданд, яъне дар онҳо арзиши боҷи воридоту содирот паст карда шуда буд ё тамоман аз боҷи гумрукӣ озод буданд [1; 4; 6]. Ташаккулёбии МОИ мавҷудияти механизми имтиёзноки танзими фаъолияти иқтисодиро пешбинӣ карда, бо мақсади ҷалби сармоягузории хориҷиву ватанӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ таъсис дода мешаванд. Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ҳамчун механизми ҷалби сармояи хориҷӣ ва равонасозии он ба соҳаҳои ҳаётан муҳимми иқтисоди мамлакат ҳанӯз дар асарҳои олимони классики иқтисодӣ мавриди пажуҳиш ва баҳс қарор гирифтааст. Зарурати ба вуҷуд овардани шароити имтиёзноки иқтисодӣ бори аввал дар асарҳои Ҷ.М. Кенс ба назар мерасад. Дар рисолаи худ Ҷ.М. Кейнс "Общая теория занятости, процента и денег" мавқеи минтақаҳои имтиёзнокро дар иқтисодиёт зарур ва таҳрикдиҳанда арзёбӣ кардааст. Ба назари Кейнс, объекти асосии танзими давлатӣ дар соҳаи муомилот, ин тақозо ба бозори истеъмолӣ ва бозори воситаҳои истеҳсолот мебошад, яъне талаботи сармоягузорӣ, ки метавонад рушди МОИ-ро тақвият бахшад [8,с.544]. Мувофиқи ҳуҷҷатҳои конвенсияи байналхалқӣ оиди содагардонӣ ва ҳамоҳангсозии маросими гумрукӣ (Киото 18 май соли 1979), дар зери мафҳуми МОИ қисми қаламрави кишвар фаҳмида мешавад, ки дар он ҷо мол ҳамчун объекти берун аз қаламрави гумрукӣ арзёбӣ гардида, бинобар ин, аз назорати одатани гумрукӣ ва андозбандӣ озод мебошад. Коршиносони Созмони Миллали Муттаҳид қайд мекунанд, ки МОИ, ин минтақаҳои маҳдуди саноатӣ бо низоми бебоҷи гумрукӣ ва тиҷоратие мебошад, ки дар он ҷо ширкатҳои хориҷӣ молу маҳсулотро асосан барои содирот истеҳсол карда, аз баъзе имтиёзҳои андозбандӣ ва молиявӣ бархурдор мебошанд [13,с.122]. Дарк кардан муҳим аст, ки яке аз хусусиятҳои хосси МОИ ин пешниҳоди имтиёзҳои молиявӣ, андозбандӣ ва гумрукӣ ба ҳисоб меравад ва маҳз ба ин хотир соҳибкоронро ҷалб мекунад. Олимони рус Зименков Р.И. ва Костюнина Г.М. оиди МОИ чунин ақида доранд: «МОИ ин қаламрави маҳдуди бандарҳои баҳрӣ ва ҳавоие, ки дар он ҷо имтиёзҳои махсуси иқтисодӣ барои соҳибкорони ватанию хориҷӣ амал карда, барои ҳалли масъалаҳои тиҷорати хориҷӣ, умумииқтисодӣ, иҷтимоӣ, илмиву-техникӣ ва ҳалли масъалаҳои илмиву технологӣ мусоидат мекунанд» [6,с.63-64]. Дар адабиётҳои илмӣ ва таълимӣ мафҳуми минтақаҳои озоди иқтисодӣ ба таври васеъ шарҳ дода шудааст. Мувофиқи ақидаи Данко Т.А. зери мафҳуми минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар таҷрибаи байналхалқӣ, қаламрави алоҳидаи давлат фаҳмида мешавад, ки дар он ҷо ҳалли масъалаҳои мушаххаси иқтисодӣ ва дигар масъалаҳо шароити махсуси иқтисодӣ барои корхонаҳои хориҷӣ муҳайё мешавад [4,с.85]. Олимони дигар Семенов Г. ва Бунегина И. ба он ақидаанд, ки МОИ қаламрави мустақили давлат ва қисми ҷудонашавандаи комплекси

хоҷагидории давлат мебошанд, ки дар он ҷо истеҳсолот ва тақсимоти маҳсулоти ҷамъиятӣ барои ба даст овардани дастовардҳои муайян ва мушаххаси ҳамгироии умумимиллӣ бо мақсади истифодаи механизми махсуси танзими муносибатҳои ҷамъиятии иқтисодиву истеҳсолиии тақсимот таъмин шуда, барои васеъ намудани ҳудуди диффузӣ (омезиш) қодир мебошанд [11,с.36]. Ҳамчунин, Зименков Р.И. дар кори тадқиқотии худ қайд мекунад, ки МОИ қисми фазои иқтисоди миллӣ мебошад, ки дар он ҷо барои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ низоми махсуси имтиёзноки хоҷагидорӣ пешбинӣ шуда, дар дигар қисми қаламрав амалӣ нашуда, барои ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву-иқтисодӣ ва илмиву техникӣ мусоидат мекунанд [6,с.55]. Боз ҳам мафҳуми васеътари МОИ-ро дар корҳои илмии худ В.Е. Рыбалкин пешниҳод менамояд. Ба ақидаи Рыбалкин МОИ ин минтақаи ҷузъи қаламравӣ миллӣ бо ҳудуди махсуси имтиёзноки тиҷорати беруна, гумрук, сармоягузорӣ, асъориву-молиявӣ, низоми андозбандӣ ва мусоидаткунандаи фаъолияти хоҷагидории иштирокчиёни хориҷӣ (истеҳсолии-тиҷоратӣ, соҳибкорӣ), ҷалби сармояи беруна ва инчунин, технологияи пешқадами хориҷӣ ба ҳисоб меравад [10,с.35]. Мувофиқи ақидаи В.В. Ушаков МОИ ин қисми фазои иқтисоди миллӣ мебошад, ки дар он ҷо барои соҳибкорони ватаниву хориҷӣ чунин намуди имтиёзҳо ва сабабҳо пешниҳод мешаванд, ки дар асоси технологияи навтарин рушд додани соҳаҳои афзалиятноки иқтисодӣ имкон дода, барои истеҳсоли маҳсулоти баландсифат баровардан ба бозори ҷаҳон ва рушди бомуваффақияти муҳити иҷтимоиву иқтисодии минтақаи пешбинишуда, мусоидат мекунад [13,с.19]. Аз таҳлилҳои назариявии гузаронидашуда бар меояд, ки аксари ин назарияҳо ба ҳайси мутлақ ва комил пешниҳод нашудааст ва ҳар як муаллиф вобаста аз диди худ нисбат ба МОИ андешаронӣ намудааст. Муқаррароти мазкур вобаста ба ин ё он дараҷа, ки аз тарафи олимони ватаниву хориҷӣ пешниҳод гардидааст. Таҷрибаи ҷаҳон ва таҷрибаи фаъолияти бисёрсола таъсири мусбии минтақаҳои озоди иқтисодиро ба рушди иқтисодиёт собит сохт. Аз инҷост, ки аз оғози солҳои 1990 дар ҳамаи кишварҳои дунё мувофиқи баҳодиҳии мухталиф аз 800 то 1200 МОИ фаъолият менамуд, ки дар онҳо зиёда аз 27 млн. нафар аҳолӣ ба кор машғул буданд. Дар охири солҳои 90-ум шумораи МОИ дар саросари ҷаҳон то 2 ҳазор адад афзуд. Ташкили минтақаҳои озод яке аз ғояи қадим ва дар баробари ин идеяи муассири инсоният дар соҳаи иқтисод ва алоқаи байналхалқӣ ба ҳисоб меравад ва то ҳол яке аз нишондиҳандаҳои асосӣ дар таъмини рушди иқтисодиёти мамлакатҳо дониста мешавад [14,с.62].

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба раванди ташаккул ва рушди МОИ олимони зиёд таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд, ки метавонад дар болоравии аҳамияти чунин минтақаҳо дар ҳудуди кишвар нақши калидӣ дошта бошад. Махсусан корҳои илмии Шарифзода М.М., Иброҳимзода И.Р., Каримова Т.Ҳ., Каримов А., Давлатов Ф.Ҳ. дар ин самт назаррас арзёбӣ мегарданд. Шарифзода М.М. нақши минтақаҳои озоди иқтисодиро дар саноатикунонии босуръати кишвар баланд дарҷ намудааст ва ба чунин андеша мебошад, ки "дар роҳи расидан ба ҳадафи чаҳоруми миллӣ саноатикунонии босуръати кишвар нақши минтақаҳои озоди иқтисодӣ назаррас буда, дар МОИ бо истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ, ашёи хоми ватанӣ ва қувваи корӣ баҳри рушди иқтисоди миллӣ ва афзун гардидани номгӯи маҳсулоти ватанӣ ва ҳаҷми он шароитҳои мусоид фароҳам оварда мешавад" [16,с.12]. Дар ин асно метавон зикр намуд, ки МОИ на танҳо дар рушди саноатикунонии босуръат, балки метавонад ба тараққиёбии куллии иқтисоди миллӣ таъсир расонад. Иброҳимзода И.Р. дар навбати худ ба он андеша аст, ки МОИ дар бунёди иқтисоди рақобатпазир, тақвияти соҳаҳои афзалиятнок ва ҷалби сармоягузорони хориҷӣ нақши муҳим дорад [7,с.72].

Дар воқеъ, мавқеи МОИ дар таҳкими иқтисоди миллӣ баланд аст ва мебояд дар ин самт заминаи мусоид фароҳам оварда шавад. Ҷиҳати таҳқиқи жарфтар ва муайянсозии моҳияти иқтисодии МОИ зарур аст, ки нуқтаи назари олимони соҳа ба таври ҷадвал мавриди баррасӣ қарор гирад (ҷад.1).

**Ҷадвали 1. Ақидаи олимони соҳа оид ба моҳияти иқтисоди минтақаҳои озоди иқтисодӣ**
**Table 1. Opinions of industry scientists on the essence of the economy of free economic zones**

| МУАЛЛИФ | ШАРҲИ МОИ ҲАМЧУН ИСТИЛОҲИ ИҚТИСОДӢ | САРЧАШМА |
|---|---|---|
| *Андреев В.* | Ҳудуди муайяне, ки молу маҳсулоти воридшуда берун аз назорати гумрукӣ ва тарифҳои андозбандӣ қарор дорад. | Свободные экономические зоны: учеб пособия для студентов вузов, обучающихся по мировая экономика. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005. -223 с. |
| *Моргачев В.* | Минтақае, ки бо истифода аз имтиёзҳои гумрукӣ ва бо татбиқи чораҳои гуногуни иқтисодӣ ҳавасмандгардонии сармоягузорони хориҷиву дохилӣ роҳандозӣ карда мешавад. | Свободные экономические зоны в мировом хозяйстве: методологические проблемы организации хозяйственного механизма. -Ростов Н/Д, 1998. -С.19. |
| *Фаминский И.П.* | Макони муайяне, ки бо фарқ аз дигар ҳудудҳои мамлакат имтиёзҳои гуногуни андозиву гумрукӣ амал менамояд. | СЭЗ: мифы и действительность // Биржевые ведомости. – 2003. -№11-19. |
| *Авдокушин Е.Ф.* | Марказҳои махсусе, ки дар қаламрави он корхонаҳову ширкатҳои гуногуни сабти ном шудаанд ва бидуни пардохти андозҳо ва дастрасӣ ба имтиёзҳои гумрукиро доро мебошанд. | Свободные экономические зоны. Учеб. пособие. –М., 1993. |
| *Смородинск Н.В.* | Қисме аз ҳудуди муайяни давлат, ки дар он имтиёзҳои гуногун ҷиҳати ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ таҳия гардидааст ва чунин имкониятҳо дар минтақаҳои дигари кишвар амал намекунанд. | Свободные экономические зоны: опыт, проблемы создания и развития. Учеб. пособие. -М., 1993. -33 с. |
| *Овчинников С.Г.* | Минтақаҳои озоди иқтисодӣ шакли ташкилӣ – ҳуқуқии дар як минтақаи алоҳидаи мамлакат ҷойгиршудае мебошад, ки дар он механизми мушаххаси иқтисодӣ тибқи қонунҳои иқтисоди бозорӣ амал менамояд. | Свободные зоны и проблема экономического подъема в России. -М., 2006. -С. 36. |
| *Андрианов В.* | Ин қисми муайяни ҳудуде мебошад, ки дорои низоми махсуси иқтисодӣ мебошад ва шароити имтиёзноки фаъолияти иқтисодиро барои соҳибкорон фароҳам овардааст. | Зоны свободного предпринимательства. - Санкт-Петербург, 1994. - С.10-11. |
| *Шарифзода М.М.* | МОИ, ҳудуди махсуси аз ҷониби давлат ҷудонамудае мебошад, ки дорои имтиёзҳои андозӣ, боҷӣ, молиявӣ буда, бо ҳадафҳои рушди иқтисодиву иҷтимоӣ таъсис дода мешавад. | МОИ-и “Суғд” ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар/ Паёми ДДҲБСТ. №4 (81), -2021.- С8-16. |
| *Иброҳимзода И.Р.* | МОИ минтақаҳое ба шумор меравcomponentsанд, ки ҷиҳати рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ташкил карда мешаванд ва дар ин минтақаҳо ба соҳибкорон имкониятҳои махсуси иқтисодӣ пешниҳод карда мешавад. | Таҳаввулоти назариявии пайдоиш ва рушди МОИ / Паёми ДДМИТ. 2022, №2 (31).-С.71-78. |

Таҳияи муаллифон

Бояд зикр намуд, ки миёни олимони хориҷӣ ва ватанӣ мавқеи ягона оид ба шарҳи моҳияти минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавҷуд нест ва андешаҳо дар ин самт гуногунанд. Аз ҷадвали 1 дида мешавад, ки андешаҳои аксари муаллифон танҳо хусусиятҳои иқтисодии МОИ-ро дар бар гирифтааст ва фаъолияти МОИ-ро маҷмуъан инъикос намудааст. МОИ ба ғайр аз манфиати иқтисодӣ дар рушду инкишофи минтақаҳои ҷойгирифтааш аз нигоҳи иҷтимоӣ низ манфиатбахш мебошад. Илова бар ин, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини рушди иқтисодии минтақаҳо ва дар ниҳоят ба вазъи некуаҳволии аҳолӣ таъсири

мусбат мерасонад. Гузашта аз ин, МОИ бо иштироки бевоситаи давлат ташкил карда мешаванд, ки ин таъсиррасонии давлат ба иқтисодиётро нишон медиҳад. Давлат бо истифодаи аз имкониятҳои мавҷуда, макони махсусеро ҷиҳати рушди устуворонаи иқтисодиёт барои соҳибкорон пешниҳод менамояд ва натиҷаи мусбии онро интизори мекашад. МОИ, яъне минтақаҳои махсусе, ки дар ҳудуди алоҳидаи мамлакат бо дастгирии бевоситаи давлат ташкил карда мешавад ва дар он ҷо принсипҳои имтиёзии гумрукиву андозӣ татбиқ мегарданд.

Метавонем дарҷ намоем, ки МОИ ҳамчун воситаи ҷалби сармояи хориҷиву дохилӣ, таъмини амнияти иқтисодӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъминкунандаи рушди устувори иқтисодӣ ба вуҷуд омада, иқтисодиёти мамлакатҳоро таҳрик додааст. Ғояи ташкили МОИ дар асоси рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва ривоҷёбии савдои байналхалқӣ ба вуҷуд омада, дар кишварҳои аз нигоҳи иқтисодӣ пешрафта, пайдо шудааст. Имрӯз, МОИ ҷузъи ҷудонопазири иқтисоди ҳар як кишвар буда, тамоми фаъолияти хоҷагидориро фаро гирифтааст. Таҷрибаи кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон нишон медиҳад, (Чин, Ҷопон, Сингапур, Кореяи Ҷанубӣ ва ғ.) ки таъсиси МОИ амри зарурӣ мебошад ва ҳар як давлатро зарур аст, ки барои таъмини тараққиёти иқтисодиёт заминаи мусоидро ҷиҳати фаъолияти самаранокии чунин минтақаҳо фароҳам оварад. Дар ин замина, метавон қайд кард, ки раванди ташаккули МОИ ҳамчун механизми махсус ва тақвиятбахшандаи соҳаҳои иқтисодӣ воқеӣ давраҳои мушкили ташаккулро аз сар гузаронидааст, ки онро метавонем дар шакли расм нишон диҳем (расми 1).

**Расми 1. Давраҳои ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ**
**Figure 1. Periods of formation and development of free economic zones**




Таҳияи муаллифон

Расми 1 аз давраҳои инкишофёбии МОИ дар ҷаҳон гувоҳӣ медиҳад ва тибқи маълумотҳои овардашуда, метавонем дарҷ намоем, ки давраи аввали бавуҷудоии МОИ бо пайдоиши савдои байналхалқӣ, тараққиёбии доду гирифт миёни давлатҳо ва таҳкими муносибатҳои иқтисодии Аврупо ва Шарқ алоқаманд мебошад. Дар ин давра, ки Италия ҳамчун маркази савдои байналхалқӣ дониста мешуд, дар соҳилҳои Генуя, Венетсия, Марсел ва дигар шаҳрҳои аврупоӣ маконҳои махсусе дар бандарҳо тахассус дода шуданд, ки аз боҷи гумрукӣ ва андозбандӣ озод буданд. Ҳамаи ин ба тадриҷан рушд ёфтани ҳамлу нақли транзитӣ дар ин ҳудудҳо, тавсеаи истеҳсолот мусоидат намуда, боиси таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва бо мол таъмин гардидани аҳолӣ гардид. Барои зиёд намудани ҳаҷми андозҳо ба хазина дар баъзе шаҳрҳои соҳилибаҳрӣ ба ҷойи «бандарҳои озод», «маконҳои нигоҳдорӣ» ташкил гардид, ки дар ин ҷо молу маҳсулоти соҳибкорони хориҷӣ бидуни андоз ва бемуҳлати муайян нигоҳдорӣ карда мешуд. Дар баробари ин, хусусияти асосии фарққкунандаи «маконҳои нигоҳдорӣ» аз он иборат буд, ки дар ҳудуди онҳо зистани шахсоне, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ ва истифодаи мол бевосита алоқаманд нестанд, манъ

буд. Баъдтар ба шаҳрҳои Гамбург, Любек, Дансиг, Генуя, Марсел ва бандарҳои Русия, аз қабили Одесса, Владивосток, Батуми мақоми «маконҳои нигоҳдорӣ» дода шуд [9,с.127].

Марҳилаи дуюми ташаккули МОИ авохири асри XIX ва ибтидои асри XX-ро дарбар мегирад. Ба ин марҳила таҳаввулоти илму техника, афзоишёбии истеҳсолоти молу маҳсулот, зиёдшавии интиқоли сармоя миёни кишварҳо, тавсеи ёфтани тақсимоти байналхалқии меҳнат таъсири созанда гузоштанд. Дар ин давра, алоқаҳои иқтисоди берунӣ на танҳо дар соҳаи савдо, балки дар соҳаҳои дигар низ инкишоф ёфтанд. Хусусияти хосси ин марҳила дар он аст, ки олимони англис П. Халл, Г. Хаув ва иқтисодчии амрикоӣ С. Бутлер консепсияи наверо ҷиҳати раҳоии минтақаҳо ва соҳаҳои алоҳида аз буҳрон, ки дар минтақаҳои озод фаъолият мекарданд, пешниҳод намуданд [13,с.112]. Тибқи консепсияи пешниҳодшуда, дар чунин минтақаҳо ба соҳибкорони манфиатдор имтиёзҳои гуногуни андозӣ дода мешуд, вале мақомоти давлатӣ вазифадор буданд, ки чорчӯбаи фаъолияти онҳоро муайян ва танзим намоянд. Гузашта аз ин, барои анҷом додани амалиёти гуногуни бонкӣ ва суғуртавӣ, ки қонунгузории амалкунанда барои субъектҳои иқтисодии дар дигар минтақаҳо амалкунанда манъ намуда буд, дар чунин минтақаҳо иҷозат дода шуд. Ин омил дар навбати худ баривоҷу равнақи фаъолияти хизматрасонӣ, истеҳсолоти молу маҳсулот ва савдо саҳм гузошт.

Давраи сеюми тараққиёти МОИ бо кашфиёту комёбиҳои зиёди илму техника, муборизаи зиддимустамликадорӣ дар нимаи дуюми асри XX ва ташкилёбии як қатор давлатҳои мустақил вобастагии ногусастанӣ дорад. Раванди ташаккули муносибатҳои иқтисодӣ-истеҳсолӣ ба пайдоиши шаклҳои нави ташкил ва фаъолияти минтақаҳои озоди истеҳсолие, ки ба содирот нигаронида шудаанд, такони ҷиддӣ бахшид. Дар ин марҳила Ирландия бо истифода аз иқтидори илмӣ-техникӣ соли 1959 дар ҳудуди фурудгоҳи Шеннон минтақаи озоди саноатӣ таъсис дод, ки ин марҳилаи рушди МОИ-ро вусъати тоза бахшид [2,с.28]. Аз он вақт инҷониб, минтақаҳои озоди саноатӣ мақоми нав пайдо карда, асосан дар саросари олам паҳн гардиданд. Хусусияти хосси минтақаҳои озоди содиротии истеҳсолӣ аз он иборат буд, ки дар натиҷаи ба даст овардани низоми имтиёзноки ҳуқуқӣ ва пулию молиявӣ рушди соҳаҳои ба содирот нигаронидашуда, бо ҷалби сармояи маҳаллӣ ва хориҷӣ таъмин гардид. Илова ба ин, даромади содиротӣ аз ҳисоби фурӯши молу маҳсулот ва техникаву технологияи пешқадам афзоиш ёфт.

Бояд қайд кард, ки баъд аз ҳамроҳшавии кишварҳои аврупоии Булғористон, Лаҳистон, Руминия, Югославия ва давлатҳои осиёӣ ба монанди: Чин ва Ветнам ба раванди ҳамгироии МОИ, рушди чунин минтақаҳоро дар иқтисодиёти кишварҳои ҷаҳон боз ҳам густариш бахшид.

Ҳамин тавр, иштироки фаъолонаи давлатҳои ҷаҳон дар муносибатҳои иқтисоди байналхалқӣ боис гардид, ки МОИ ба таври васеъ паҳн гардад ва иқтисоди миллии кишварҳои ҷаҳонро рушд диҳад. Дар ин замина, МОИ сабаби ба муносибатҳои байналхалқӣ ворид гардидани иқтисоди миллии кишварҳо низ гардид.

Дар маҷмуъ, таҳаввулоти ташаккули минтақаҳои озоди иқтисодиро таҳлил намуда, ба хулосае омадан мумкин аст, ки онҳо дар рушди худ якчанд марҳилаҳоро тай кардаанд, ки ҳар кадоми онҳо бо ҳавасмандгардонӣ ба ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ ва ноил шудан ба таҳкими иқтисоди миллӣ алоқаманд буд. Имрӯз бояд дар назар дошт, ки раванди ҷаҳоншавии иқтисодиёти ҷаҳонӣ босуръат идома дорад, фаъолгардонии МОИ ва ба ин васила ҷалб намудани сармоя хориҷӣ ва устуворгардонии мавқеи иқтисоди миллӣ дар ҷаҳон зарур мебошад. Ташкили МОИ дар ҳудуди кишвар ва ҷалби бештари сармояи хориҷӣ бо якчанд омилҳое ба мисли: сатҳи рушди иқтисодӣ, иқтидори содиротӣ, рушди илму техника, рушди инфрасохтори иқтисодӣ ва хусусиятҳои географӣ вобаста мебошад ва давлатҳоро зарур аст, ки таъсири омилҳои болозикрро ба инобат гиранд. Ғайр аз ин, таъсиси МОИ дар мамлакат аз заминаҳои қонунгузорӣ ва дараҷаи ташаккули инфрасохтори иқтисодӣ вобаста мебошад. Дар асоси таҳқиқи адабиёти иқтисодӣ метавон қайд намуд, ки ташкили МОИ раванди мушкил буда, давраҳои аз нигоҳи иқисодӣ муҳимро фарогир аст. Яъне, пеш аз таъсиси МОИ нақшаи он бояд ба таври комил тарҳрезӣ карда шавад. Чи тавре, ки таҷрибаи кишварҳои пешрафта нишон медиҳад, бо назардошти вазъи минтақа ва дараҷаи рушди заминаи мусоид дар ин самт, таъсиси МОИ ба нақша гирифта шавад. Рыбалкина В.Е. ба он назар аст, ки пеш аз таъсиси МОИ

инфрасохтори минтақае, ки дар он МОИ ташкил мегардад, бояд ба таври лозимӣ таҳия карда шавад. Аз гуфтаи Рыбалкина В.Е. бармеояд, ки рушди инфрасохтори минтақаҳои ҳар як мамлакат ҷиҳати ташкили МОИ ба назар гирифта мешавад. Бо назардошти талаботҳои таҳияи МОИ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд зерсохтори иқтисодӣ-иҷтимоӣ ба таври зарурӣ ташкил карда шавад. Мушкилиҳои ҷойдошта дар самти қонунгузорӣ ва аз байн бурдани бюрократия бояд бартараф карда шаванд. Зеро дар аксари кишваҳое, ки МОИ амал менамоянд, соҳибкорон аз сатҳи баланди бюрократия ризо нестанд [10,с.125]. Гузашта аз ин, дар минтақаҳое, ки МОИ таъсис дода мешаванд, зарур аст, ки санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ мукаммал карда шаванд ва зиддияте, ки миёни қонунҳои амалкунандаи иқтисодӣ ҷой доранд, аз байн бурда шаванд. Дар ин ҳолат шумораи сармоягузорони хориҷӣ афзоиш ёфта, сармоягузорӣ ба МОИ зиёд мегардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди таъсиси МОИ баъд аз аъзо гардидан ба Созмони Умумиҷаҳонии Савдо (СУС) (аз 02.03.2013) мақоми хоссаеро касб намудааст ва бо ташкили инфрасохтори такмилёфта метавонем, ки ба ҷалби соҳибкорон ва сармоягузорони хориҷӣ заминаи мусоидро фароҳам оварем.

Агар зерсохтори иқтисодӣ ҷавобгӯи талаботҳои таъсиси МОИ набошад, пас давлатро лозим меояд, ки чунин заминаро фароҳам орад, зеро пеш аз роҳандозии фаъолияти МОИ таҳқиқотҳои муҳиме, аз қабилӣ омӯзиши вазъи иқтисодӣ, ҷойгиршавии географӣ, ҳолати инфрасохтори иқтисодӣ гузаронида мешаванд (расми 2).

**Расми 2. Ҷанбаҳои ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ**
**Figure 2. Organizational aspects of free economic zones**




Таҳияи муаллифон

Вобаста ба расми 2 метавон дарҷ намуд, ки ташкили МОИ дар иқтисодиёт раванди мушкил буда, ҷиҳати фаъолияти самаранокии он кулли давраҳои болозикр бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳамчунин, дар амалияи байналмилалӣ ҳангоми ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ ду равиши гуногун: ҳудудӣ ва функсионалӣ истифода мешавад. МОИ-ҳои ҳудудӣ ба паркҳои истеҳсолӣ ва илмӣ, инчунин, ба воҳидҳои маъмурӣ-ҳудудӣ тақсим мешаванд. Минтақаҳои озоди иқтисодии функсионалӣ, дар навбати худ, ба марказҳои молиявии оффшорӣ, маҷмааҳои савдою анборҳо ва минтақаҳои ҷудогона (онҳо чун қоида ба корхонаҳои алоҳида) тақсим мешаванд. Тибқи равиши ҳудудӣ, минтақаи озоди иқтисодӣ ҳамчун қаламрави алоҳидаи кишвар ба ҳисоб мераванд, ки дар он ҳамаи корхонаҳои резидентӣ барои фаъолияти иқтисодӣ аз низоми имтиёзнок истифода мебаранд. Намунаи чунин минтақа метавонад МОИ-и Ҷумҳурии Халқии Чин «Манаус», ки дар Бразилия воқеъ аст, баромад намояд [11,с.41].

Бо такя ба сарчашмаҳои илмӣ метавон қайд намуд, ки фаъолияти самараноки МОИ аз сиёсати иқтисодии ҳар як давлати алоҳида вобастааст [8; 11; 12; 13]. Зеро тартиби фаъолияти МОИ, имтиёзҳои пешниҳодгардида ва имкониятҳои рушд аз ҷониби давлат пешбинӣ карда мешавад. Дар ин маврид лозим аст, ки таҷрибаи кишварҳое ба монанди ИМА, Чин, Ирландия, Кореяи Ҷанубӣ ва ғайраҳо мавриди истифодаи самаранок қарор гиранд. Ҳамзамон, фаъолияти МОИ бояд ба заминаи устувори ҳуқуқӣ асос ёбад ва мувофиқан рушди чунин самтҳоро таъмин намояд:

- ➢ рушди устувори иқтисодӣ-иҷтимоӣ дар натиҷаи ҷалб намудани техникаи нав, технологияи мукаммал, сармояи истеҳсолӣ ва таҷрибаи пешқадами хоҷагидорӣ;
- ➢ дар шароити воқеӣ истифода намудани усулҳои муассири хоҷагидорӣ, ки ба омезиши шаклҳои гуногуни моликият асос ёфтаанд;
- ➢ дар раванди фаъолияти субъектони иқтисодӣ ҷорӣ намудани комёбиҳои илмиву технологии ватанӣ ва хориҷӣ;
- ➢ таъмини бозори миллӣ бо маҳсулотҳои рақобатпазир ва ҷавобгӯ ба талаботҳои сатҳи ҷаҳонӣ;
- ➢ таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва коҳишдиҳии сатҳи бекорӣ дар мамлакат ва ғ.

Дар шароити муосир МОИ дар кулли мамлакатҳои ҷаҳон, агар аз нигоҳи аввал барои ноилгардӣ ба мақсадҳои иқтисодӣ ташкил карда шаванд, аз нигоҳи дигар, манфиатҳои сиёсии давлатҳоро низ дар бар мегиранд. Тазутдинов И.Р вобаста ба ин қайд мекунад, ки давлатҳо ба василаи таъсиси МОИ сармояи хориҷӣ ва ширкатҳои бузургро ба иқтисодиёт ҷалб менамоянд ва мавқеи сиёсии худро дар ҷаҳон устувор мегардонанд [13,с.17]. Ғайр аз ин, таъсиси МОИ дар тараққиёбии ҳудудҳои алоҳидаи мамлакат ва субъектони алоҳида таъсири манфӣ дошта, ҳадафи таъсиси чунин минтақаҳо бояд аз чунин мақсадҳо иборат бошад:

- ⇨ такони ҷиддӣ ва рушди иқтисодиёти минтақаи ҷойгирифта;
- ⇨ ҷалби сармояи хориҷӣ;
- ⇨ ташкили ҷойҳои корӣ дар минтақаи ҷойгиршуда;
- ⇨ омодасозии мутахассисони баландихтисос ва кадрҳои идоракунанда;
- ⇨ ислоҳоти иқтисодӣ дар сатҳи минтақа;
- ⇨ таъмини рушди иқтидори содиротии минтақа ва давлат дар маҷмуъ;
- ⇨ роҳандозии истеҳсолот ва таъмини бозори дохилӣ бо маҳсулотҳои хушсифати воридотивазкунанда.

Ҳамин тариқ, бо пажуҳиши назариявии пайдоиш ва рушди МОИ дар давраҳои гуногуни таърихӣ, метавонем чунин хулоса намоем, ки МОИ қисмати майяни ҳудуди миллии давлате мебошад, ки барои ташаккули низоми махсуси фаъолияти субъектҳои иқтисодӣ ташкил гардидааст ва дар ин ҳудуд фазои мусоиди иқтисодӣ-ҳуқуқӣ амал мекунад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Гулов Ш.М.**

**АДАБИЁТ**


1. Абакарова Р.Ш. Формирование и развитие региональных особых экономических зон: автореферат к.э.н. 08.00.05 / Р.Ш. Абакарова. -Санкт-Петербург, 2017. -28 С.
2. Абдельхалим М.А. Свободные экономические зоны в странах Восточной, Юго-Восточной Азии и арабского мира: возможности использования их опыта в Судане: диссер.к.э.н. 08.00.14 / М.А. Абдельхалим. –М., 2003. -С.5.
3. Данько Т.Л. Свободные экономические зоны в мировом хозяйстве / Т.Л. Данько. -М.: ИНФРА-М, 1998. -168 с.
4. Данько Т.П. Свободные экономические зоны / Т.П. Данько, Э.М. Окрут. -М.: Инфра-М, 1998.
5. Закон Республики Таджикистан от 25 марта 2011 года №700 «О свободных экономических зонах». Глава 1. Статья 1.
6. Зименков Р.И. Свободные экономические зоны / Р.И. Зименков. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2005.
7. Иброҳимзода И.Р. Таҳаввулоти назариявии пайдоиш ва рушди МОИ / Иброҳимзода И.Р. // Паёми ДДМИТ. – 2022. -№2(31). -С.71-78.
8. Кейнс Дж.М. Избранные произведения / Дж.М. Кейнс; пер. с англ., предисл., коммент., сост. А.Г. Худокормов. -М.: Экономика, 1993. -544 с. (серия "экономическое наследие").
9. Костюнина Г.М. Свободные экономические и оффшорные зоны (экономико-правовые вопросы зарубежной и российской практики): учеб. пособие / Г.М. Костюнина, В.И. Баронов. -М.: Магистр: ИНФРА-М, 2019. -560 с.
10. Рыбалкина В.Е. Международные экономические отношения: Учебник для вузов / В.Е. Рыбалкина. -М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2003. -С.35.

11. Семенов, Г.В. Развитие свободных экономических и оффшорных зон / Г.В. Семенов // Российский экономический журнал. – 2010. -№11. -С.23-35.
12. Смородинская Н.В. Свободные экономические зоны: мировой опыт и российские перспективы / Н.В. Смородинская, А. Капустин // Вопросы экономики. - 1994. -№12. -С.126-140.
13. Тазутдинов И.Р. Особые экономические зоны в системе обеспечения экономической безопасности: дисс.к.э.н. 08.00.05 / И.Р. Тазутдинов. –М., 2015. -С.16.
14. Тоштемиров Д.А. Состояние и перспективы развития свободных экономических зон в Республике Узбекистане / Д.А. Тоштемиров // Аналитический доклад. Институт прогнозирования и макроэкономических исследование. –Ташкент, 2015. -С.4.
15. Ушаков В.В. Государственное регулирование создания и функционирования особых экономических зон в России: автореферат к.э.н. 08.00.14 / В.В. Ушаков. –М., 2007. -С.10.
16. Шарифзода М.М. МОИ-и “Суғд” ва нақши он дар саноатикунонии босуръати кишвар / Шарифзода М.М. // Паёми ДДҲБСТ. – 2021. -№4(81). –С.8-16.

## ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАҲАВВУЛОТИ МИНТАҚАҲОИ ОЗОДИ ИҚТИСОДӢ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур масоили ташаккул ва рушди минтақаҳои озоди иқтисодӣ мавриди пажуҳиш ва баррасӣ қарор гирифтааст. Аз ҷониби муаллифон заминаҳои таърихии пайдошиши минтақаҳои озоди иқтисодӣ таҳқиқ гардида, сабабҳои ба вуҷуд омадани ин минтақаҳо асоснок карда шудаанд. Муаллифон минтақаҳои озоди иқтисодиро яке аз омилҳои муҳим дар раванди рушди устуворонаи иқтисоди миллӣ దониста, ташкили онро дар иқтисодиёти ҳар як кишвар зарур донистаанд. Ба ақидаи муаллифон минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар натиҷаи рушду инкишофи муносибатҳои иқтисодӣ миёни кишварҳои дунё ба вуҷуд омада, айни замони ҳамчун механизми муҳимми ҷалби сармоягузориҳои хориҷӣ баромад менамояд. Марҳилаҳои ташаккулёбии минтақаҳои озоди иқтисодӣ дар ҷаҳон даврабандӣ гардида, сабабҳои таъсирбахш ба раванди рушди ин даврaҳо муайян гардидаанд. Дар мақола аҳамияти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии минтақаҳои озоди иқтисодӣ шарҳи худро ёфта, зарурати ташкили чунин минтақаҳо барои иқтисоди миллии мамлакатҳои ҷаҳон манфиатнок арзёбӣ гардидааст. Дар маҷмуъ, муаллифон вобаста ба рушду инкишофи минбаъдаи минтақаҳои озоди иқтисодӣ тавсияҳои худро пешниҳод намудаaанд, ки метавонанд ба раванди инкишофи минтақаҳои мазкур таъсири мусбӣ расонанд.

**Калидвожаҳо:** минтақаҳои озоди иқтисодӣ, минтақаҳои махсуси иқтисодӣ, бандарҳои обӣ, иқтисоди миллӣ, иқтисоди воқеӣ, рушди устувори иқтисодӣ, инфрасохтори иқтисодӣ, рақобанокӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РАЗВИТИЯ СВОБОДНЫХ ЭКОНОМИЧЕСКИХ ЗОН В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье исследованы и обсуждены вопросы формирования и развития свободных экономических зон. Авторы исследовали исторические предпосылки возникновения свободных экономических зон и обосновал причины возникновения этих зон. Авторы рассматривали свободные экономические зоны как один из важных факторов в процессе устойчивого развития национальной экономики и считал необходимым организовать их в экономике каждой страны. По мнению авторов, свободные экономические зоны были созданы в результате развития экономических отношений между странами мира и в настоящее время выступают важным механизмом привлечения иностранных инвестиций. Классифицированы этапы формирования свободных экономических зон в мире и определены причины, влияющие на развитие этих периодов. В статье объясняется экономическое, социальное и политическое значение свободных экономических зон, а необходимость создания таких зон рассматривается как важный фактор для национальной экономики стран мира. В целом, авторы представили свои рекомендации по дальнейшему развитию свободных экономических зон, что может положительно повлиять на процесс развития вышеназванных зон.

**Ключевые слова:** свободные экономические зоны, особые экономические зоны, водные порты, национальная экономика, реальная экономика, устойчивое экономическое развитие, экономическая инфраструктура, конкурентоспособность.

## THEORETICAL ASPECTS OF THE DEVELOPMENT OF FREE ECONOMIC ZONES IN MODERN CONDITIONS

This article explores and discusses the formation and development of free economic zones. The authors investigated the historical prerequisites for the emergence of free economic zones and substantiated the reasons for the emergence of these zones. The authors considered free economic zones as one of the important factors in the process of sustainable development of the national economy and considered it necessary to organize them in the economy of each country. According to the authors, free economic zones were created as a result of the development of economic relations between the countries of the world and are currently an important mechanism for attracting foreign investment. The stages of formation of free economic zones in the world are classified and the reasons influencing the development of these periods are determined. The article explains the economic, social and political significance of free economic zones, and the need to create such zones is considered as an important factor for the national economy of the countries of the world. In general, the authors presented their recommendations for the further development of free economic zones, which can positively affect the development of the above-mentioned zones.

**Keywords:** free economic zones, special economic zones, water ports, national economy, real economy, sustainable economic development, economic infrastructure, competitiveness.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Саидмуродова Малика Абдуваҳобовна*** – Донишгоҳи миллииТоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Қурбонова Марҳабо Сафаровна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи иқтисодиёти ҷаҳон. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **904454477**

**Сведения об авторах:** ***Саидмуродова Малика Абдувахобовна*** – Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспепкт Рудаки, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-62-68-95**
***Курбонова Мархабо Сафаровна***- Таджикский национальный университет, соискатель кафедры мировой экономики. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспепкт Рудаки, 17. Телефон: **904454477.** E-mail: **Shi-fo@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Saidmurodova Malika Abduvakhobovna*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **malika-63-63@mail.ru.** Phone**: (+992) 918-62-68-95**
***Kurbonova Markhabo Safarovna*** **-** Tajik National University, applicant for the Department of World Economy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. Phone**: 904454477.** E-mail: **Shi-fo@mail.ru**

УДК 311.314(575.3)

# ҶАНБАҲОИ МИНТАҚАВИИ СОДИРОТИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЙАТИ СОХТОРҲОИ ҲАМГИРОӢ ВА БЕРУН АЗ ОН

*Зиёев С.С.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Ҳамгироии иқтисодии минтақавӣ раванди нисбатан мураккаб буда, ҳамоҳангсозии амалҳоро барои ноил шудан ба ягонагии савдои хориҷӣ, андоз, буҷет, нақлиёт, инфрасохтор, гумрук ва дигар соҳаҳои фаъолияти иқтисодии давлатҳои соҳибихтиёр дар бар мегирад.

Иқтисодиёти ҷаҳонии муосир ду тамоюли ба ҳам муқобилро фарқ мекунад. Тамоюли якум агар ҷаҳонишавии афзуншаванда, якпорчагии иқтисодиёти ҷаҳонӣ бошад, дигарӣ бо ҷудошавӣ ва ташаккули марказҳои иқтисодии хоҷагии ҷаҳонӣ, ба ҳам наздикшавии иқтисодӣ ва таъсири мутақобилаи кишварҳо ва минтақаҳои алоҳида, ташкили гурӯҳҳои ҳамгироии байналмилалӣ мебошад.

Айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди фаъоли ташаккули заминаи нави ҳуқуқии иқтисоди бозорӣ ҷараён дорад, саъю кӯшишҳои мақсадноки давлат барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, дастгирии ташкилӣ ва дигар фаъолияти содиротӣ аҳамияти махсус ба худ касб мекунад. Дар баробари кам шудани дахолати давлат ба фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла дар соҳаи савдои хориҷӣ, нақши шаклҳои бавосита (ғайримаъмурии) иштироки он дар татбиқи мақсад ва вазифаҳои миллӣ дар ин соҳа хеле меафзояд. Системаи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ ва махсуси ҳавасмандгардонии содирот, ки дар баробари механизмҳои иқтисодии дастгирии содиркунандагон пешниҳод шудаанд, имкон медиҳад, ки вазифаҳои ба зиммаи давлат гузошташуда оид ба рушд ва тавсеаи иштироки Тоҷикистон дар тақсимоти байналмилалии меҳнат самараноктар иҷро карда шаванд.

Бо мақсади ба бозорҳои хориҷӣ пешниҳод намудани маҳсулоти тайёр, фаъол гардонидани фаъолияти содиротии субъектҳои соҳибкорӣ, дастгирии корхонаю ташкилотҳои ватанӣ ва асосан ба содирот нигаронидашуда, мубориза бар зидди иқтисодиёти ниҳонӣ дар муддати кутоҳ масъалаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

- васеъ ҷорӣ намудани системаи штрих-кодкунии ба маҳсулоти содиротӣ;
-таҳияи заминаи меъёрӣ ва ташкили ҷорӣ намудани савдои электронӣ дар ҷумҳурӣ;
- ҷорӣ намудани системаи аломатҳои махсуси мутобиқат (нишонаҳои тоҷикии мутобиқат) барои маҳсулоти воридотӣ ва фурӯхташуда, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ истеҳсол мешавад;
- васеъ намудани вазифаи биржаи ҷумҳуриявии ашёи хом оид ба савдои яклухти навъҳои муҳимтарини ашёи хом ва дар доираи муносибатҳои байнибиржаҳо дар кори биржаҳои ҷаҳонии ашёи хом ва иштирок намудани он;
- ташкили минтақаҳои озоди саноатӣ барои истеҳсоли маҳсулоти ба содирот ва воридотивазкунанда нигаронидашуда;
- васеъ намудани минтақаҳои савдои озод (наздисарҳадӣ) дар ВМКБ, вилоятҳои Хатлон, Суғд ва ноҳияҳои тобеи марказ;
- ҷорӣ намудани таъминоти иттилоотӣ дар мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо имкони таъмини алоқаи фаврӣ ва муассир бо Вазорати рушди иқтисоди савдо бо мақсади мониторинги амалиёти содироту воридот ва таҳлили вазъи бозорҳои хориҷӣ ва дохилӣ;
- ратсионализатсия ва содагардонии низом ва тартиби додани иҷозат аз ҷониби мақомоти давлатӣ ба маҳсулоти содиротӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон истеҳсолшаванда.

Бояд қайд кард, ки омилҳое, низ ҷой доранд, ки сабаби асосии боздорандаи содирот мегарданд. Ба сифати сабабҳои асосии объективии боздорандаи афзоиши содирот инҳоро номбар кардан мумкин аст:

-дурӣ аз ҷараёни магистрали нақлиётӣ ва бозорҳои асосии хориҷӣ;

-ҳиссаи баланди хароҷоти нақлиётию экспедиторӣ дар арзиши маҳсулоти содиротӣ, аз ҷумла хироҷҳои ғайрирасмӣ;

-набудани сохторҳои мусоидат ва пешбурди маҳсулот дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ;

-сатҳи нокифояи дастгирии давлатии мусоидат ба рушди содирот;

-набудани воситаҳои воқеии ҳавасмандгардонии содирот барои истеҳсолкунандагон.

Яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили таъсиси намояндагиҳои тиҷоратӣ дар хориҷи кишвар бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои хоҷагидории ватанӣ, афзоиш ва рушди фаъолияти иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Ҳоло намояндагиҳои тиҷоратии кишвар дар бисёр мамлакатҳои ҷаҳон кушода шудаанд. Шарти зарурии фаъолияти системаи иттилоотии савдои беруна, ташаккули шабакаи хизматрасониҳои иттилоотию машваратӣ мебошад, ки ба таври муассир ва саривақт пешниҳод намудани иттилоотро дар шакли барои муштарӣ мувофиқ таъмин менамояд. Дар байни лоиҳаҳои ҷорӣ дар соҳаи дастгирии иттилоотии содирот инҳоро метавон ҷудо кард:

-таъсиси Маркази иттилоотию машваратии Тоҷикистон оид ба содирот;

-таҷдид ва рушди низоми маълумот дар бораи дастовардҳои илму техникаи ватанӣ ва хориҷӣ, таҷрибаи пешқадами истеҳсолию соҳибкорӣ бо истифода аз имконоти марказҳои илмӣ, аз ҷумла муассисаҳои таҳсилоти олӣ ва муассисаҳои хориҷии Тоҷикистон;

-баланд бардоштани рақобатпазирии маҳсулоти ватанӣ ва ташкили низоми самараноки сертификатсияи маҳсулоти содиротӣ.

Равандҳои стандартикунонӣ на танҳо ба соҳаи истеҳсолоти моддӣ, балки ба истифодаи варианти ҳозиразамони электронии гардиши ҳуҷҷатҳо дар савдои берунӣ, ки ба стандарти Комиссияи иқтисодии СММ оид ба Европа асос ёфтаанд, таъсир мерасонад. Истифодаи шаклҳои прогрессивии гузарондани ҳуҷҷатҳои савдои берунӣ ва мукотиба имконият медиҳад, ки хароҷоти пеш аз фурӯш кам карда шуда, вақт сарфа карда шавад. Вобаста ба ин, бояд кор оид ба оммавӣ ва васеъ ҷорӣ намудани стандарти дахлдор дар коргузорӣ ва таҷрибаи истифодаи он дар фаъолияти содиркунандагони тоҷик пурзӯр карда шавад.

Яке аз самтҳои муҳимми дастгирии давлатии содирот мусоидат дар пешбурди маҳсулоти Тоҷикистон ба бозорҳои хориҷӣ мебошад. Ҳамин тариқ, гардиши умумии молу маҳсулот дар савдои берунии Тоҷикистон дар соли 2020 - 4557,8 млн.доллар ва дар соли 2021 бошад, 6359,1 млн.долларро ташкил дод, ки ин афзоиши нишондиҳанда нисбат ба соли пешин 29%-ро ташкил медиҳад [13,с.10].

**Диаграммаи 1. Гардиши моли Ҷумҳурии Тоҷикистон (солҳои 2016-2020, млн.доллари ИМА)**
**Diagram 1. Trade turnover of the Republic of Tajikistan(years 2016-2020, million US dollars)**



Аз ҳаҷми умумии гардиши мол дар соли 2020-ум ҳаҷми содироти мол 1406,9 млн.долларро ташкил дод, ки ин нишондиҳанда дар соли 2021 - 2149,6 млн.долларро ташкил дода, нисбат ба соли гузашта 35% бештар аст. Содироти молу маҳсулот аз рӯи гурӯҳи молҳо дар соли 2020 чунин нишондиҳандаҳои назаррасеро ба худ касб намуд.

**Диаграммаи 2. Содирот аз рӯи гурӯҳи молҳо (дар соли 2020 бо фоиз)**
**Chart 2. Exports by group of goods (in 2020 in percentage)**




Аз маълумотҳои дар боло овардашуда бар меояд, ки фоизи зиёди маҳсулоти содиротиро маҳсулоти маъданӣ, аз ҷумла тилло, нукра, металлҳои қиматбаҳо ва нимқиматбаҳо ва алюминий ташкил медиҳад. Баъдан масолеҳи бофандагӣ ва маснуоти бофандагӣ ҳиссаи бештари содиротиро аз рӯи гурӯҳи молҳо ташкил медиҳад. Мавҷудияти чунин молу маҳсулоти содиротӣ барои Ҷумҳурри Тоҷикистон имкон фароҳам меорад, ки ҳамгироиро дар сатҳи сохторҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ боз ҳам афзоиш диҳанд.

Ҳамгироии иқтисодии ҷаҳонӣ, раванди табдил додани тамоми иқтисодиёти ҷаҳонӣ ба бозори ягонаи молҳо, хизматрасониҳо, сармоя ва меҳнат мебошад. Омӯзиши равандҳои ҳамгироии ҷаҳонӣ имкон медиҳад, ки роҳҳои рушдиояндаи ҷомеаи ҷаҳонӣ пешгӯӣ карда шаванд.

Дараҷаи ҳамгироии сохторҳои минтақавии баррасишаванда (ИДМ, ЭКО ва СҲШ) як хел нест. Чунин тамоюлҳо, масалан, барои нишондиҳандаҳои нисбии содироти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи блокҳои иқтисодии минтақавӣ хос аст. Таҳлили динамикаи содирот нишон медиҳад, ки нақши Тоҷикистон дар савдои дохили минтақавӣ меафзояд. Дар баробари ин, қисми зиёди содирот (зиёда аз 61%) ба ҳиссаи кишварҳои ЭКО (30,6%), ИДМ (20,5%) ва кишварҳои СҲШ (11,9%) рост меояд, ки нисбат ба соли гузашта қариб 8% зиёд мебошад [13,с.9-12].

Такмили таблиғи маҳсулоти содиротии Тоҷикистон ҷузъи ҷудонашавандаи сиёсати танзимкунанда ва пешбарандаи содирот мебошад. Айни замон, аллакай маҳсулоти рақобатпазир дар сатҳи кишвар мавҷуданд, ки метавонанд объекти таблиғот бошанд. Аз ин рӯ, барои ба бозорҳои хориҷӣ пешкаш кардани молҳои ватанӣ шаклҳои анъанавӣ ва нави реклама бояд васеътар истифода шаванд.

Шаклҳои ояндадори ҳаракати маҳсулоти милии ба содирот нигаронидашуда ин намоишгоҳҳо дар хориҷа, аз ҷумла ярмаркаҳо, рӯзҳои робитаҳои байналмилалии тиҷорати хурд, намоишгоҳҳои инноватсияҳо ва технологияҳо, инчунин, ташкили ҳайатҳои махсуси тиҷоратӣ (соҳибкорон, тоҷирон) барои шиносоӣ бо вазъият дар бозорҳои берунӣ ва ба роҳ мондани муносибатҳои расмии тиҷоратӣ мебошад.

Унсури муҳимми сиёсати миллии пешбурди содирот ташкили маъракаҳои таблиғотии дастгирии содиркунандагон, аз ҷумла мукофотонидани беҳтарини онҳо мебошад. Ба ин мақсад зарур аст, ки тартиб додани мукофоти давлатӣ, ба субъектҳои ватанӣ фаъолияти иқтисодии хориҷӣ дошта (ҳам шахсони ҳуқуқӣ ва ҳам шахсони воқеӣ),

ки дар се соли охир ва зиёда аз он дар рушди содироти Тоҷикистон ба натиҷаҳои барҷаста ноил гаштаанд, коркард ва пешниҳод шавад.

Бо мақсади ташаккули шуури ҷамъиятии мусоидаткунанда ба рушди содирот, инчунин, ба манфиати баланд бардоштани мақоми фаъолияти содирот, таъсис додани Ассотсиатсияи содиркунандагони тоҷик, гузаронидани маъракаҳои таблиғотӣ ва маърифатӣ дар мавзуи «Бозорҳои хориҷӣ барои Тоҷикистон», аз ҷумла фаъолияти дузандагии фирмаҳои нав, инчунин, ҳафтаҳои ҳарсолаи савдои байналхалқӣ, ки мукофотҳоро барои беҳтарин содиркунандагон пешбинӣ мекунанд, мақсаднок хоҳад буд.

Мутобиқи вазифаи фароҳам овардани шароит ва механизмҳои расонидани кумаки тахассусии содиротӣ ва бо назардошти таҷрибаи ҷаҳонии ассотсиатсияи содиркунандагон вазифаҳои зерини иттилоотӣ, машваратӣ ва дигар вазифаҳоро иҷро кардан мумкин аст:

- ҳамоҳангсозии фаъолияти содиркунандагони тоҷик дар бозорҳои хориҷӣ ва созиш дар бораи шартҳои ворид шудан ба бозорҳо байни аъзоёни манфиатдори ассотсиатсия ба манфиати истифодаи оптималии вазъи бозор, риояи қоидаҳои рақобат ва ӯҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маълумот оид ба ҳолат ваояндаи савдои хориҷӣ дар кишварҳои хориҷӣ ва расонидани хизматҳои машваратӣ ба содиркунандагони навкор;

- ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маълумот оид ба ҳолат ва дурнамои рушди бозорҳои ҷаҳонии молӣ, ки барои содиркунандагон манфиатдор мебошанд;

- ҷамъоварӣ ва паҳн намудани маълумот оид ба талаботи сифати молҳои содиротӣ ба хориҷа (аз нуқтаи назари манфиатҳои истеъмолкунандагон, бехатарии маҳсулот, мутобиқат ба стандартҳои экологӣ ва дигар меъёрҳои ҳатмӣ) ва мусоидат намудан ба беҳтар шудани сифати ин молҳо, ки ба ҳамаи ин талабот ҷавобгӯ мебошанд.

Фаъолияти пайвастаи давлат оид ба таҳкими ассотсиатсияҳои содиркунандагон, аз ҷумла ҳавасмандгардонии таъсиси чунин иттиҳодияҳо, пеш аз ҳама, дар саноати коркард ва кишоварзӣ, имкон медиҳад, ки дар оянда ҳаҷми кумак ба содирот хеле васеъ ва диверсификатсия карда шавад. Ҳамкории мутақобила бо иттиҳодияҳои содиркунандагон ба таҳияи чораҳои ғайримаъмурии таъсиррасонӣ ба содирот дар асоси дастгирии давлатии фаъолияти онҳо мусоидат мекунад.

Татбиқи ин тадбирҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва махсуси ҳавасмандгардонии содирот, хароҷоти муайянро талаб мекунад. Маблағи онҳо кам хоҳад буд, зеро чорабиниҳои дахлдор, чун қоида, калонхарҷ нестанд ва метавонанд марҳила ба марҳила дар ҳамкорӣ бо фирмаҳои манфиатдор ва ассотсиатсияҳои онҳо амалӣ гарданд.

Дар марҳилаи кунунӣ ба дастгирии содироти маҳсулоти коркардшуда тавассути тадбирҳои давлатӣ оиди мусоидат ба истеҳсолкунандагони ватании ин маҳсулот, аз ҷумла бо ҷалби буҷет, ки истифодаи механизмҳои қарзи содиротӣ, суғуртаи қарзҳои содиротӣ ва додани кафолатҳои давлатӣ аҳамияти аввалиндараҷа дода мешавад.

Кумаки молиявӣ, воситаи муассиртарини сафарбар намудани иқтидори содиротии кишвар мебошад. Бо дарназардошти вазъи кунунии иқтисодиёти ватанӣ ва проблемаҳои таъхирнопазири рушди комплекси иқтисодии хориҷии он, таъмини ӯҳдадориҳои кафолати давлатӣ ва суғуртаи қарзҳои содиротӣ аз тиҷоратӣ (бонкӣ) ва хавфҳои сиёсӣ барои таъмини ҳифзи содиркунандагон дар самти ҳамкориҳои моливии содирот масъалаи аввалиндараҷа ба шумор меравад.

Дар қатори дигар самтҳои кумаки молӣ, ки метавонанд ба содироти Тоҷикистон таъсири қобили таваҷҷуҳ дошта бошанд, бояд чунин тадбирҳо ба мисли суғуртаи амалиёт барои рушди бозорҳои хориҷӣ баррасӣ шаванд.

Барои ташкили низоми суғуртаи қарзҳои содиротӣ як ширкати суғуртаи содироту воридоти тоҷикро ташкил кардан лозим аст, ки тавассути механизми азнавтақсимкунии таваккал дар байни ширкатҳои суғурта, аз ҷумла хориҷӣ метавонад бозпардохти қарзҳои содиротии давлатиро зиёд намояд, инчунин, пурра намудани маблағҳои худӣ, ки дар оянда барои суғуртаи содирот бо дастгирии маҳдуди давлатӣ ва баъд бе он истифода бурда мешавад ва бояд истифода шавад, таъмин намояд.

Яке аз самтҳои муҳимми дастгирии содирот, бахусус маҳсулоти коркардшуда, бо истифодаи тадбирҳои танзими андоз алоқаманд аст. Вобаста ба ин, дар доираи такмили

низоми андоз ва пурзӯр намудани таъсири ҳавасмандгардонии он ба истеҳсолкунандагони ватанӣ зарур аст:

- ҷорӣ намудани системаи ҳавасмандгардонии андоз барои содиркунандагон;

-кам кардани андозаи боҷи давлатӣ ҳангоми баррасии даъвоҳо дар судҳои ҳакамӣ вобаста ба истеҳсол ва содироти минбаъдаи молу хизматрасонӣ;

- ҷорӣ намудани тадбирҳои иқтисодии ҳавасмандгардонии субъектҳои хоҷагӣ ба аз нав мусаллаҳкунӣ, нав кардани таҷҳизоти технологӣ, истифодаи комёбиҳои навтарини технологияи истеҳсолот.

Бояд қайд кард, ки самараноктарин ҳамгироии иқтисодӣ дар замони муосир, дар сатҳи минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Вазъи кунунии иқтисодӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар зарурати таҳкими робитаҳои иқтисодии онро бо давлатҳои ИДМ, ЭКО ва СҲШ муайян мекунад. Ба як қатор ин гурӯҳҳои мамлакатҳо хусусиятҳое, ки ба ҳамкории иқтисодӣ бо ҷумҳурӣ таъсир мерасонанд, робитаҳои анъанавӣ, талаботи рӯзафзун ба захираҳои энергетикӣ, майли мустаҳкам намудани комплекси мудофиавӣ ва ғайра хосанд. Чунин менамояд, ки вусъатёбии ҳамгироии Тоҷикистон бо ин кишварҳо, бо дарназардошти манфиатҳои худ, бо истифода аз имкониятҳои минтақавӣ, самараноктар амалӣ карда мешаванд [3,с.46-50].

Тамоюлҳои асосии ҳамгироии иқтисодии минтақавиро дар марҳилаи муосир муайян кардан мумкин аст:

• тақвияти нақши гардиши байналмилалии сармоя, савдои маҳсулоти коркардшуда ва табодули хизматрасонӣ ҳамчун унсурҳои асосии ҳамгироии иқтисоди минтақавӣ;

• ҷалби бештари кишварҳое, ки мехоҳанд дар раванди ҳамгироии иқтисодӣ дар сатҳи минтақавӣ шомил шаванд;

• зиёд намудани ҳиссаи хизматрасонӣ дар сохтори мубодилаи минтақавӣ;

• баланд шудани нақши шароити мушаххасе, ки ба равандҳои ҳамгироӣ таъсир мерасонанд (мавқеи мусоиди географӣ, захираи бойгариҳои табиӣ ва ғайра).

Бартариҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таъмини раванди ҳамгироии иқтисодӣ ва афзоиши имкониятҳои содиротӣ, пеш аз ҳама, инҳоянд: [4,с.285]

- мавқеи муҳим дар иқтисодиёти ҷаҳон аз ҷиҳати захираҳои гидроэнергетика ва маъдан, даромаднокии содироти онҳо ва ҳавасманд будани бисёр кишварҳо ба ҳамкорӣ дар ин соҳа;

- нисбатан арзиши пасти қувваи корӣ;

- муътадилшавии вазъи сиёсию иқтисодӣ, ки дар солҳои охир ба амал омадааст, афзоиши бемайлони иқтисодиёт, афзудани захираҳои тиллою асъории мамлакат.

Дар баробари ин, иқтисоди Тоҷикистон бо як қатор тамоюлҳои манфӣ тавсиф мешавад, ки иштироки онро дар рушди сохторҳои ҳамгироии минтақавӣ ба таври назаррас маҳдуд мекунад:

- дар муқоиса бо кишварҳои пешрафта паст будани сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва рақобатпазирии бархе аз маҳсулоти кишоварзӣ ва саноати ватанӣ;

- рушди сусти соҳаҳои технологӣ ва хизматрасонӣ, аз ҷумла нақлиёт, махсусан дар ноҳияҳои кӯҳии ҷумҳурӣ;

- номукаммалии баъзе қонунгузориҳо дар соҳаи иқтисодӣ, монеъ шудан ба ташаккули шароити зарурии ҳуқуқӣ барои рушди иқтисоди миллӣ ва паст кардани сатҳи ҷолибияти сармоягузории кишвар барои ширкатҳои хориҷӣ.

Бо вуҷуди ин, ба қатори мушкилоти асосии боздорандаи имкониятхои содиротии иқтисодиёти кишвар мушкилоти зеринро шомил кардан мумкин аст: [2,с.5]

- сатҳи пасти рақобатнокии маҳсулот, бинобар сатҳи пасти сифати технология, таҷрибаи истеҳсолкунандагон ва паҳлуҳои институтсионалии соҳаҳои дахлдор;

- мавҷудияти монеаҳои маъмурӣ барои содироти маҳсулот ҳам дар кишвар ва ҳам дар давлатҳои ҳамсоя;

- дараҷаи нокифояи озодии соҳибкорӣ, муҳити ғайри қобили пешгӯии соҳибкорӣ ва манфиатдории маҳдуд барои ҷорӣ намудани инноватсия;

- мавҷуд набудани низоми мақсадноки маркетинг ва начандон самаранок будани менеҷмент, аз ҷумла менеҷменти сифат.

Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамгироии муваффақиятнок ва пурра ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳамкории фаъолтар бо иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ имкониятҳои зиёд дорад. Барои татбиқи ин имкониятҳо сиёсати амиқи иқтисодиро пеш бурдан лозим аст, ки қодир ба таъмини рушди устувори иқтисодиёт, тағйир додани сохтори он ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ бошад [10,с.3-6].

**Ҷадвали 1. Шарикони асосии тиҷоратӣ бо Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2021 (млн.доллари ИМА)**

**Table 1. Main trade partners with the Republic of Tajikistan for 2021 (million US dollars)**

| Кишварҳо | Гардиши мол | Содирот | Воридот | Ҳиссаи умумӣ аз гардиши мол |
|---|---|---|---|---|
| Россия | 1353 | 72,5 | 1280,5 | 21,3% |
| Қазоқистон | 1178,6 | 360,1 | 818,5 | 18,5% |
| Чин | 839,3 | 159,6 | 679,7 | 13,1% |
| Туркия | 390,5 | 232,2 | 158,3 | 6,1% |
| Ӯзбекистон | 447,8 | 129,6 | 318,2 | 7,1% |
| Шветсария | 916,4 | 896,7 | 19,7 | 14,4% |
| Олмон | 107,4 | 0,3 | 107,1 | 1,7% |
| Ҷопон | 88,9 | 2 | 86,9 | 1,4% |
| Эрон | 121 | 38,9 | 82,1 | 1,9% |
| Покистон | 32,3 | 15,2 | 17,1 | 0,5% |

Шарикони асосии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар гардиши молу маҳсулот дар ҷадвали боло овардем, ки дар қатори дигар кишварҳои ҷаҳон бо Тоҷикистон дар ҳамкориҳои иқтисодӣ қарор доранд [8,с.507].

Таҳлилҳои охир нишон медиҳанд, ки дар рӯйхати молу маҳсулоти содиротии Ҷумҳурӣ, пеш аз ҳама, маҳсулоти алюминии аваалия (101,5 млн.долл.) ва пахта (44,9 млн.долл) қарор гирифтаанд, ки аксаран ба кишвари Туркия содир карда мешаванд. Инчунин, ба кишварҳои дигар, асосан пахта ба монанди кишвари Эрон (5,3 млн.долл) ва Покистон (4,6 млн.долл) содир мешаванд. Дар рӯйхати маҳсулоти содиротӣ ба кишвари Ӯзбекистон бошад, намак, сулфур, сангҳои қиматбаҳо, семент (26,6 млн.долл) бештар ба назар мерасад. Беш аз 90% молу маҳсулоти содиротиро ба Шветсария марворидҳои табиӣ ё коркардшуда, сангҳои қиматбаҳо ё нимқиматбаҳо, металлҳои қиматбаҳо, металлҳои бо металлҳои қиматбаҳо пушидашуда ва маснуоти онҳо ташкил медиҳад.

Бо кишварҳое ба монанди Русия, Қазоқистон ва Чину Ҷопон муносибатҳои Тоҷикистон асосан дар самти воридот назаррас мебошанд.

Барои таъмини ҳамкории самарабахши Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дигар кишварҳо ба хусус кишварҳои узви иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани самтҳои асосии рушди робитаҳои ҳамгироӣ муҳим аст.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, ҳамгироӣ дар чаҳорчӯби иттиҳодияҳои минтақавӣ бояд фазои самарабахши иқтисодиро бидуни вайрон кардани марзҳои геополитикии давлатҳо васеъ намуда, ин фазоро аз ҷиҳати баъзе ҷанбаҳо ба қоидаҳои идоракунии боломиллии иқтисоди миллии давлатҳо тобеъ гардонад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Комилов А.Қ.**

**АДАБИЁТ**


1. Архипов, А.Ю. Внешнеэкономическая деятельность российских регионов / А.Ю. Архипов. -М.: Ростов н/Д: Феникс, 2015. -192 с.
2. Барномаи давлатии мусоидат ба содирот ва воридотивазкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020. -С.5. [Манбаи электронӣ]. URL: https://www.export.tj/storage/normativ-tj-1643494791.pdf //
3. Зиёев С.С. Анализ зарубежного опыта развития интеграционных процессов и их применение в условиях РТ / С.С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2015. -№2/4(169). -С.46-50.
4. Зиёев С.С. Роль региональных интеграционных объединений в развитии экономики РТ // С.С. Зиёев // Вестник Таджикского национального университета. –Душанбе, 2014. -№2/4(138). –С.284-287.
5. Кандыерова Д.О. Интеграционные процессы в странах с переходной экономикой: теория, методология, практика / Д.О. Кандыерова. -Душанбе: Ирфон, -179 с.

6. Клименко А.Ф. Проблемы становления Шанхайской организации сотрудничества и взаимодействия России и Китая в Центральной Азии / А.Ф. Клименко. -М.: Ин-т Дальневост. РАН, 2005.
7. Округ З.М. Теоретические концепции и объективные предпосылки международной экономической интеграции / З.М. Округ. -М., 2001. -34 с.
8. Омори солонаи ҶТ: "Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ" // Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2021. -702 с.
9. Особенности современных макроэкономических условий инфляции в Республике Таджикистан / [С.С. Мирзоев, А.Дж. Хайдаров и др.] // Экономика Центральной Азии. – 2017. -№1.
10. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии ҶТ (ш.Душанбе, 22.12.2022). -Душанбе, 2022.
11. Саидов Қ.Т. Масъалаҳои ҷалби сармояи хориҷӣ ба инфрасохтор (дар мисоли инфрасохтори сайёҳии ҶТ): автореферат диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ / Қ.Т. Саидов. – Душанбе, 2022. -С.30.
12. Солехзода А.А. Развитие производственного предпринимательства в условиях открытости // А.А. Солехзода, Ф.М. Имомёрбеков. –Душанбе: Ирфон, 2020. -138 с.
13. Фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти ҶТ. -Душанбе, 2021. -581 с.
14. Холиков М.Г. Направления обеспечения импортозамещения и экспортоориентированности продукции пчеловодства Республики Таджикистан // М.Г. Холиков // Экономика Центральной Азии. - 2017. -№4.
15. Хушвахтзода, К.Х. Создание регионального агропродовольственного кластера в условиях ВТО / Хушвахтзода К.Х., Махмадизода Ф.Б. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. –Душанбе, 2022. -№2. -С.5-12.
16. Юскпов С.А. Институциональные основы рыночного землепользования в современных условиях Республики Таджикистан /С.А. Юсупов // Вестник Таджикского национального университета. -Душанбе, 2020. -№9. -С.76-81.

## ҶАНБАҲОИ МИНТАҚАВИИ СОДИРОТИИ ҲАМКОРИҲОИ ИҚТИСОДИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ҲАЙАТИ СОХТОРҲОИ ҲАМГИРОӢ ВА БЕРУН АЗ ОН

Дар мақолаи мазкур вазъи воқеии содиротии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил карда шуда, имкониятҳои мавҷудбуда дар кишвар пешниҳод мегардад. Бояд гуфт, ки айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки раванди фаъоли ташаккули заминаи нави ҳуқуқии иқтисоди бозорӣ ҷараён дорад, саъю кӯшишҳои мақсадноки давлат барои такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, дастгирии ташкилӣ ва дигар фаъолияти содиротӣ аҳамияти махсус ба худ касб мекунад. Яке аз вазифаҳои асосии фаъолияти иқтисодии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили таъсиси намояндагиҳои тиҷоратӣ дар хориҷи кишвар бо мақсади баланд бардоштани иқтидори содиротии ҷумҳурӣ, баланд бардоштани фаъолияти савдои хориҷии субъектҳои хоҷагидории ватанӣ, афзоиш ва рушди фаъолияти иқтисодии Тоҷикистон мебошад. Самараноктарин ҳамгироии иқтисодӣ дар замони муосир, дар сатҳи минтақавӣ амалӣ карда мешавад. Вазъи кунунии иқтисодӣ, робитаҳои иқтисодии хориҷӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар зарурати таҳкими робитаҳои иқтисодии онро бо давлатҳои узви сохторҳои минтақавии ҳамгироӣ (ИДМ, ЭКО ва СҲШ) муайян мекунад. Дар маҷмуъ метавон гуфт, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳамгироии бомуваффақ ва пурра ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва ҳамкории фаъолтар бо иттиҳодияҳои иқтисодии минтақавӣ имкониятҳои зиёд дорад. Барои татбиқи ин имкониятҳо сиёсати амиқи иқтисодиро пеш бурдан лозим аст, ки қодир ба таъмини рушди устувори иқтисодиёт, тағйир додани сохтори он ва баланд бардоштани рақобатпазирии молҳои ватанӣ бошад.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёт, содирот, воридот, ҳамгироӣ, иқтисоди минтақавӣ, рушди устувор, рақобатпазир, савдои хориҷӣ, низоми содиротӣ, маҳсулоти таёр, субъектҳои соҳибкорӣ, захираҳо, дурнамо.

## РЕГИОНАЛЬНЫЕ ЭКСПОРТНЫЕ АСПЕКТЫ ЭКОНОМИЧЕСКОГО СОТРУДНИЧЕСТВА ТАДЖИКИСТАНА В РАМКАХ ИНТЕГРАЦИОННЫХ СТРУКТУР И ЗА ИХ ПРЕДЕЛАМИ

В данной статье проанализирована реальная экспортная ситуация Республики Таджикистан и представлены имеющиеся в стране возможности. Следует сказать, что в настоящий момент в Республике Таджикистан, где идет активный процесс формирования новой правовой базы рыночной экономики, целенаправленные усилия государства по совершенствованию нормативно-правовой базы, организационному обеспечению и др. имеют особое значение. Одной из основных задач внешнеэкономической деятельности Республики Таджикистан является совершенствование организации торговых представительств за рубежом с целью увеличения экспортного потенциала республики, повышения внешнеторговой активности отечественных хозяйствующих субъектов, роста и развития экономической деятельности Таджикистана. Наиболее эффективная экономическая интеграция в современности осуществляется на региональном уровне. Текущая экономическая ситуация, внешнеэкономические связи и географическое положение Республики Таджикистан определяют необходимость укрепления ее экономических связей с государствами-членами региональных интеграционных структур (СНГ, ЭКО и ШОС). В целом, можно сказать, что у Республики Таджикистан есть много возможностей для успешной и полной интеграции в мировую экономику и более активного сотрудничества с региональными экономическими объединениями. Для реализации этих возможностей необходимо проводить глубокую экономическую политику, способную обеспечить устойчивое развитие экономики, изменение ее структуры и повышение конкурентоспособности отечественных товаров.

**Ключевые слова:** экономика, экспорт, импорт, интеграция, региональная экономика, устойчивое развитие, конкурентоспособность, внешняя торговля, экспортная система, готовая продукция, хозяйствующие субъекты, ресурсы, перспективы.

**REGIONAL EXPORT ASPECTS OF TAJIKISTAN'S ECONOMIC COOPERATION WITHIN INTEGRATION STRUCTURES AND BEYOND**

In this article, the real export situation of the Republic of Tajikistan is analyzed and the opportunities available in the country are presented. It should be said that at the moment, in the Republic of Tajikistan, where the active process of forming a new legal basis of the market economy is underway, the purposeful efforts of the state to improve the regulatory and legal basis, organizational support and other export activities are of special importance. One of the main tasks of the foreign economic activity of the Republic of Tajikistan is to improve the establishment of commercial missions abroad with the aim of increasing the export capacity of the republic, increasing the foreign trade activity of domestic economic entities, growth and development of the economic activity of Tajikistan. The most effective economic integration in modern times is implemented at the regional level. The current economic situation, foreign economic relations and geographical location of the Republic of Tajikistan determine the need to strengthen its economic relations with member states of regional integration structures (CIS, ECO and SSC). In general, it can be said that the Republic of Tajikistan has many opportunities for successful and complete integration into the world economy and more active cooperation with regional economic associations. In order to implement these opportunities, it is necessary to carry out a deep economic policy capable of ensuring the sustainable development of the economy, changing its structure and increasing the competitiveness of domestic goods.

**Keywords**: economy, export, import, integration, regional economy, sustainable development, competitiveness, foreign trade, export system, finished products, business entities, resources, prospects.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Зиёев Сулаймон Саъдулоевич*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисодӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992 37) 918-87-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Зиёев Сулаймон Саъдулоевич*** - Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент общеуниверситетской кафедры экономической теории. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992 37) 918-87-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

**Information about the author**: ***Ziyoyev Sulaimon Saduloevich*** - Tajik National University, candidate of economic sciences, associate professor of the university department of economic theory. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue 17. Phone: **(+992 37) 918-87-92-71.** E-mail: **ms_tj78@mail.ru**

УДК: 331.5.024.5

# ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

*Шералии Сайдалӣ*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Бозори минтақавии меҳнат дар худ низоми муносибатҳои ҷамъиятиро байни корфармоён ва кормандон ифода менамояд. Вазъи бозори минтақавии меҳнат, ки аз шароит ва рушди иқтисодиёти минтақа вобаста мебошад, бинобар ин, танзими давлатии бозори меҳнат муҳим арзёбӣ мегардад.

Танзими давлатии бозори минтақавии меҳнат дар худ маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии давлатиро дар бар мегирад, ки ба таъмини тавозуни талабот ва таклифоти қувваи корӣ, муайян намудани ҳаҷми муносиби музди меҳнат, таъмини ҳифзи иҷтимоии кормандон ва ҳуқуқи меҳнати онҳо, таъмини шароити мусоиди такрористеҳсоли неруи инсонии рақобатпазир ва мақсаднок истифодабарии қувваи кории мавҷуда барои ба даст овардани самараи иқтисодию иҷтимоӣ равона шудааст.

Дар амалияи муносибатҳои меҳнатӣ ду шакли танзими бозори меҳнат вуҷуд дорад, яъне фаъол ва ғайрифаъол [13]. Шакли фаъоли танзими бозори меҳнат бо роҳи бунёди шароити афзоиши ҷойҳои корӣ, пеш аз ҳама, таъмини шуғл аз тариқи баландбардории тахассуснокии қувваи корӣ ҷорӣ карда мешавад, ки натиҷаи ниҳоии он ноилгардӣ ба шуғли пурра мебошад. Тибқи муқаррароти моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” чораҳои фаъоли мусоидат ба шуғли аҳолӣ, чораҳое мебошанд, ки барои аз нав оғоз гардидани шуғли шаҳрвандони бекор мусоидат намуда, ба васеъшавии имконияти бо кор таъмин кардани онҳо равона гардидаанд [4,с.5]. Ба сифати чунин чораҳо ёрӣ расонидан дар ҷустуҷӯи кор, тайёрӣ ва бозомӯзии касбии аҳолии бекор, мусоидат ба фаъолияти инфиродии меҳнатӣ, корхонаҳои соҳибкории хурд ва миёна, инчунин, дигар намуди чораҳо ҷиҳати мусоидат ба шуғли аҳолӣ дохил мешаванд.

Бо назардошти шароити иқтисодии минтақа самтҳои афзалиятноки сиёсати фаъоли шуғл бояд чораҳои зерин баромад кунанд: дастгирии давлатии сармоягузории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти минтақа бо мақсади бунёди ҷойҳои корӣ; ташкили бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси бекорони намуди сохторӣ; рушди хадамоти шуғли аҳолӣ дар минтақа; мусоидат ба рушди соҳибкории хурд ва соҳибкории намуди оилавӣ; ҳавасмандкуниҳои давлатӣ дар намуди сабукиҳои андозӣ ва дигар имтиёзҳои бо қонунгузорӣ асосёфта ба корфармоёне, ки шумораи назарраси ҷойҳои кориро ба бозори минтақавии меҳнат пешниҳод менамоянд, аз ҷумла таъсиси ҷойҳои корӣ барои ҷавонон; мусоидат ба таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ, ки аз рӯйи зарурат ҷойи истиқомати худро тағйир додаанд.

Чораҳои асосии танзими ғайрифаъоли бозори меҳнат – ин дастгирии бекорон ва маҳдуд намудани пешниҳоди қувваи корӣ маҳсуб меёбад. Чораҳои сиёсати ғайрифаъоли танзими бозори меҳнат ба самти дастгирии бекорон ва ҳимояи иҷтимоии онҳо нигаронида мешаванд. Ба манфиати рушди бозори меҳнат хоҳад буд, агар таъмини бекорон бо кумакпулӣ; дастгирии моддӣ ва пардохтҳои дигари иҷтимоӣ аз рӯйи бекорӣ; ҷорӣ намудани хизматрасонии тиббӣ ва таҳсилоти ройгон ба бекорон ба роҳ монда шавад. Аз нигоҳи мо, дар шароити минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷорӣ намудани танзими ғайрифаъоли бозори меҳнат натиҷаҳои мусбӣ намедиҳад, чунки ин намуди танзими бозори меҳнат дар ҳолати кам будани шумораи бекорон манфиатнок аст. Танзими фаъол, ки барои зиёд намудани ҷойҳои корӣ шароити мусоид фароҳам меоварад, барои ҳалли мушкилоти кунунии бозори меҳнати минтақаҳои ҷумҳурӣ, яъне барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ мувофиқ мебошад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, алалхусус вилояти Хатлон, ки номутаносибии талаботу таклифоти қувваи корӣ аз ҳисоби норасоии ҷойҳои корӣ нисбат ба қувваи корӣ ҷой дорад, барои такмили сиёсати минтақавии шуғл ба инобат гирифтани нуқтаҳои зерин метавонад рушди бозори меҳнати минтақавиро таъмин менамояд:

– сиёсати шуғл бояд мақсадҳои кутоҳмуддат ва дарозмуддати бозори меҳнатро муайян карда тавонад, яъне бо роҳҳои макроиқтисодӣ ва микроиқтисодӣ танзими босамари шуғл амалӣ намояд;

– сиёсати шуғли вилоят бояд бо сиёсати иҷтимоию-иқтисодӣ, аз ҷумла банақшагирии иқтисодӣ ва барномаҳои амалкунандаи рушди соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ мувофиқ бошад;

– сиёсати шуғл бояд муҳаррики низоми ҳамкориҳои иҷтимоии минтақа баромад намояд;

– сиёсати шуғл бояд диққати асосиро ба танзими ҳолати бозори меҳнати дохилӣ ва бо мақсади таъсир расонидан ба маҷмуи бекорӣ равона созад;

– сиёсати шуғл бояд диққати асосиро ба чораҳои чандирӣ, ки барои бунёди низоми минтақавии идоракунии рушди захираҳои меҳнатӣ ва дастгирии суроғавии гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ мусоидат менамояд, равона созад.

Бо назардошти мушкилоти молиявӣ-иқтисодӣ, алалхусус инфрасохтори рушднакардаи минтақа танзими давлатии бозори минтақавии меҳнат ба манфиати иқтисодиёти минтақа ва ҷумҳурӣ мебошад, агар он дар асоси чораҳои сиёсати сармоягузорӣ, молиявӣ-қарзӣ, андозӣ ва иҷтимоӣ татбиқ карда шавад. Чораҳои зикршуда имконият медиҳанд, то ҷобаҷогузории босамари қувваҳои истеҳсолкунанда дар ҳудуди ҷумҳурӣ таъмин карда шуда, мушкилоти ҷойдошта ҳал карда шавад. Сиёсати шуғли аҳолии минтақа дар чунин шароит бояд ба бунёди шароити баландбардории некуаҳволии шаҳрвандон, таъмини шуғли пурмаҳсул ва танзими тавозуни талаботу таклифоти қувваи корӣ, инчунин, баландбардории сифат ва рақобатпазирии қувваи корӣ аз тариқи ҷорӣ намудани таҳсилоти мунтазами онҳо вобаста ба шароити ҷойдошта нигаронида шавад.

Бо мақсади ноил гардидан ба оқибатҳои мусбии рушди иқтисодиёти минтақа зарур аст, то модели идоракуниеро дар бозори меҳнат истифода намоем, ки ҳамчун унсури самаранок истифодабарии неруи захираҳои меҳнатӣ ва таркибдиҳандаи механизми ҳифзи иҷтимоии аҳолии вилояти Хатлон баромад намояд. Унсурҳои калидии низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он дар расми 1 оварда шудааст.

Тавре аз расми 1 бар меояд, унсурҳои низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он дар алоқамандии якдигар қарор дошта, яке дигареро пурра менамояд. Унсурҳои низоми мазкур барои ба шуғл фарогирии ҳама гуна захираҳои меҳнатӣ шароитҳои муносибро фароҳам меоварад. Ҳамкории иҷтимоӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ низ барои рушди бозори минтақавии меҳнат мусбӣ арзёбӣ гардида, имконият медиҳад, то ҳама иштирокчиёни муносибатҳои меҳнатӣ барои таъмини шуғли захираҳои меҳнатӣ мусоидат намоянд. Инчунин, пиёда гардонидани чораҳои танзими давлатӣ аз тариқи татбиқи барномаҳои давлатӣ, баландбардории сатҳи касбияти шаҳрвандон, расонидани хизматрасониҳои машваратӣ ва ҷалби доираи васеи иштирокчиёни бозори меҳнат ба соҳаи мусоидат ба шуғл метавонанд самаранокии ҷараёни танзими давлатии бозори меҳнати минтақаро баланд бардоранд.

Воқеан сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ яке аз унсурҳои ҷудонашавандаи сиёсати иҷтимоӣ дониста мешавад, ки аз ҷониби давлат дар ҳама сатҳҳо татбиқ карда мешавад. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолии минтақаи Хатлон бояд инҳо маҳсуб ёбанд (ниг. ба расми 2).

Дар шароити кунунии минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки мушкилоти таъмини шуғли аҳолӣ дар назар дошта мешавад, муайян ва ҷустуҷӯи самтҳои асосӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлатии шуғл яке аз масъалаҳои муҳимми бозори меҳнат дониста мешавад. Ба ақидаи мо дар чунин вазъият дастгирии соҳибкории хурд ва рушди хоҷагиҳои фермерӣ дар вилоят, ки мустақиман ба сатҳи худмашғулии аҳолӣ таъсир мерасонад, самти афзалиятноки таъмини шуғли пурмаҳсул дониста мешаванд. Дар шароити кунунӣ соҳаҳое мавҷуданд, ки метавонанд шуғли ҳиссаи назарраси қувваи кориро таъмин намоянд. Вобаста ба имкониятҳои ҷойдошта татбиқи сиёсати шуғли аҳолӣ дар сатҳи вилоят аз тариқи барномаҳои мусоидат ба шуғл дар соҳаи кишоварзӣ, сохтмони роҳҳо ва объектҳои сохтмонии инфрасохтори соҳаҳои иҷтимоию иқтисодӣ барои таъмини шуғли қувваи корӣ мусоидат менамоянд. Дар навбати худ барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ бояд баҳри бунёди бозори меҳнати чандир, ки имконияти тағйироти шароити дохилию берунии рушди соҳаҳои иҷтимоию иқтисодиро дорад, шароит муҳайё намояд [11,с.117].

**Расми 1. Унсурҳои низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва минтақаҳои он**
**Figure 1. Elements of the current system of state regulation of the labor market of the Republic of Tajikistan and its regions**

**УНСУРҲОИ НИЗОМИ АМАЛКУНАНДАИ ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА МИНТАҚАҲОИ ОН**

**1.Шароитҳои ба шуғл фарогирии шаҳрвандон:**
- асосҳои институтсионалии муайянкунии шуғл ва бекорӣ;
- принсипҳои сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- кафолатҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба таъмини шуғл;
- кафолатҳои иловагии шуғл барои гурӯҳҳои алоҳидаи аҳолӣ.

**2.Ҳамкории иҷтимоӣ дар самти мусоидат ба шуғли аҳолӣ:**
- ҳамкории сетарафа дар соҳаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳамоҳангсозии мусоидат ба шуғли аҳолӣ.

**3.Танзими давлатӣ ва чораҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ:**
- барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- муҳоҷирати ихтиёрии шаҳрвандон;
- маблағгузории чорабиниҳои мусоидат ба шуғли аҳолӣ;
- ҳисоботдиҳӣ дар бораи шуғли аҳолӣ;
- мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ;
- иттифоқҳои касаба ва дигар мақомоти намояндагии кормандон дар мусоидат ба шуғл;
- тайёрии касбӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзонии шаҳрвандони бекор;
- ташкили корҳои ҷамъиятӣ;
- машваратдиҳӣ ва кумаки молиявӣ ба шаҳрвандон оид ба фаъолияи соҳибкорӣ.

**4.Кафолатҳои иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ:**
- кафолатҳо оид ба дастгирии иҷтимоии бекорон;
- пардохти кумакпулиҳо барои бекорӣ ва асосҳои тамдиди муҳлати он;
- боздоштан ва қатъ намудани пардохти кумакпулӣ барои бекорӣ;
- стипендияҳо ба шаҳрвандони бекор;
- суғурта ҳангоми бекорӣ.

**5.Ҳамкории соҳаи маориф ва бозори меҳнат:**
- хамкории давлат ва бахши хусусӣ;
- ташкили таҳсилоти касбии мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат;
- назорати интихоби довталабон ба муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ;
- ташкили кор вобаста ба қабули таълимгирандагон;
- омӯзиши мақсаднок, бозомӯзии касбӣ ва такмили ихтисоси мутахассисон;
- иштироки корфармоён дар ҷараёни таҳсилоти касбӣ;
- фаъолияти муштарак дар таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолии таълимгирандагон;
- мусоидат ба шуғли хатмкунандагони муассисаҳои таълимии таҳсилоти касбӣ;
- арзёбии мустақили сатҳу сифати таҳсилоти касбӣ;
- маблағгузории низоми таҳсилоти касбӣ ва ҳавасмандгардонии бозори меҳнат.

**Манбаъ:** Муаллиф дар асоси адабиёти 3, 4 тартиб дода аст.

Номутаносибии талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнати минтақаи Хатлон, хусусан ноустувории иқтисодиёти ҷумҳурӣ ва минтақаи мазкур тақозо менамояд, ки давлат ба муносибатҳои ҷамъиятӣ-меҳнатӣ дахолат кунад, то ин ки тавозуни манфиатҳои корфармоён ва шаҳрвандон таъмин гардида, қобилият ва малакаи захираҳои меҳнатии вилоят истифода гардад.

Таҷриба аз фаъолияти хадамоти минтақавии шуғли аҳолӣ нишон медиҳад, ки самаранокии чораҳои ғайрифаъол, аз ҷумла пардохти кумакпулиҳо ба бекорон, ёрии моддӣ қаноатбахш нест, аз ин рӯ, чораҳои мазкур мушкилоти бекориро ҳал карда наметавонанд. Дар баробари ин, дар сатҳи вилояти Хатлон ва дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ ҳастанд шаҳрвандоне, ки бо сабабҳои надоштани саломатӣ, синну сол ва дигар иллатҳо дар рафти чорабиниҳои сиёсати фаъоли таъмини шуғл иштирок карда наметавонанд. Аз нуқтаи назари мо ҳалли мушкилоти зикршуда аз таносуби оптималии чораҳои фаъол ва ғайрифаъоли танзими бозори меҳнатии минтақа вобаста мебошад.

**Расми 2. Самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ дар соҳаи мусоидати шуғли аҳолии минтақаи Хатлон**

**Figure 2. Priority areas of state policy in the field of employment promotion of the population of Khatlon region**

**САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СИЁСАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ МУСОИДАТИ ШУҒЛИ АҲОЛИИ МИНТАҚАИ ХАТЛОН**

- Таъмини имкониятҳои баробар байни шаҳрвандони минтақа барои доштани ҳуқуқ ба меҳнати ихтиёрӣ ва интихоби озоди шуғл.
- Бунёди шароите, ки барои расидан ба зиндагии арзанда ва рушди озодонаи аҳолии минтақа мусоидат менамояд.
- Дастгирии ташаббусҳои меҳнатӣ ва соҳибкории шаҳрвандони минтақа, ки дар доираи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии амалкунанда рушди қобилияти онҳоро барои афзоиши шуғли пурмаҳсул таъмин менамояд.
- Татбиқи чораҳо дар самти таъмини шуғли шаҳрвандоне, ки дар ҷустуҷӯи кор мебошанд.
- Пешгирии бекории ҳаҷман зиёд ва маҳдуд намудани бекории давомнок (зиёда аз як сол).
- Муттаҳид намудани иштирокчиёни бозори минтақавии меҳнат ва ҳамоҳангсозии амалҳои онҳо дар ҷараёни таъмини шуғли аҳолӣ.
- Ҳамкории минтақаи Хатлон бо дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ дар самти ҳалли мушкилоти шуғли аҳолӣ.
- Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомотҳои давлатӣ ва корфармоён дар коркард ва татбиқи чораҳо оид ба таъмини шуғли аҳолии минтақа.

**Манбаъ:** Муаллиф тартиб додааст.

Дар шароити афзоиши шумораи бекорон дар минтақа, ки ба таври фаврӣ таъсиси ҷойҳои корӣ барои онҳо ғайриимкон мебошад, татбиқи сиёсати ғайрифаъоли давлатӣ мубрам қониста мешавад. Дар чунин вазъият дастгирии хадамоти шуғл низ муҳим дониста мешавад, чунки он бояд ба ҳифзи иҷтимоии бекорон мепардозад. Дигар мушкилоти ҷойдошта дар ин самт нокифоя будани бузургии кумакпулиҳои бекорон мебошад, ки аз ҳаҷми он аз аққалияти рӯзгузаронӣ кам мебошад.

Воқеан сиёсати ғайрифаъол бояд чораҳои сиёсати фаъолро дар бозори меҳнат пурра намояд, на баракс. Ба ақидаи мо, аҳамияти татбиқи чораҳои сиёсати фаъоли шуғли аҳолии минтақа дар он ифода меёбад, ки харҷи воситаҳо тафриқаи захираҳои меҳнатиро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад. Масалан таъминоти моддии корҳои ҷамъиятӣ аз ҳисоби ташкили ҷойҳои корӣ талабот ба қувваи кориро дар бозорҳои меҳнатии маҳаллӣ зиёд менамояд, чунки шуғли аҳолӣ дар ин корҳо омодагии пешакии касбиро талаб намекунад. Аммо ҳаҷми воситаҳо, ки барои касбомӯзӣ масраф мешавад, тағйироти сифатии таклифоти қувваи кориро дар бозори меҳнат ба вуҷуд меорад. Самтҳои истифодабарии воситаҳо дар сиёсати фаъоли шуғл ҳолати бозори меҳнати маҳалиро на ба таври фаврӣ, балки дар доираи вақти муайян беҳтар месозанд. Воситаҳое, ки барои касбомӯзӣ масраф мешаванд, барои зиёд намудани даромадҳои бекорон мусоидат менамоянд, яъне бекорони зикршуда дар оянда донишҳои касбии худро нав карда, аз ҷониби бозори меҳнати беруна низ ҳамчун қувваи кории рақобатпазир эътироф мешаванд ва аз ҷониби бозори меҳнат баҳои баланд гирифта, ба шароити шуғли аҳолии минтақа тағйироти мусбӣ ворид менамоянд. Ба вазъи бозори минтақавии меҳнат хароҷот барои дастгирии худмашғулӣ таъсири назаррас мерасонад. Молиякунонии самти мазкур аз ҳисоби воситаҳои барои танзими бозори минтақавии меҳнат ҷудогардида оқибатҳои мусбӣ ва манфӣ дошта, ба сиёсати шуғл асос меёбад. Ташкили чунин намуди ҷойҳои корӣ ба он оварда мерасонад, ки шумораи шаҳрвандони қобили меҳнати бекор, ба ҳисоби шаҳрвандони машғули кор гузаронида мешаванд. Вобаста ба муносибатҳои молиявию тақсимотӣ онҳо ҳиссаи худро аз даромади миллӣ намегиранд, балки худашон истеҳсолкунанда мебошанд.

Соҳибкории хурд дар ҳалли мушкилоти бекорӣ ва таъмини устувории муносибатҳои иҷтимоию ҷамъиятии минтақаҳои ҷумҳурӣ, аз ҷумла вилояти Хатлон ҳиссаи назаррас гузошта истодааст. Вобаста ба ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ташаккули

ҷиҳати институтсионалии рушди фаъолияти соҳибкории хурд ҳамчун соҳаи афзалиятноки иқтисодӣ, ки дар ҳалли мушкилоти бекорӣ саҳми назаррас дорад, заминаҳои мусоид фароҳам овардааст.

Таҳқиқи танзими давлатии бозори меҳнати минтақаи Хатлон имконият дод, то хулосаю пешниҳодҳои зерини илмӣ бароварда шаванд:

1.Дар шароити минтақаи Хатлон чун дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, ки мушкилоти барзиёдии қувваи корӣ нисбати ҷойҳои корӣ дида мешавад, татбиқи чораҳои шакли фаъоли танзими бозори меҳнат нисбатан манфиатнок мебошад. Чунки бо сабаби зиёд будани шумораи бекорони минтақа дастгирии молиявӣ ва моддии қисми бештари онҳо ғайриимкон мебошад. Вобаста ба ин, мақмотҳои минтақавӣ бояд диққати худро бештар ба барномаҳои фаъоли мусоидат ба шуғл, аз ҷумла ҷустуҷӯи кор, касбомӯзӣ ва бозомӯзии шаҳрвандони бекор, инчунин, маҳдуд намудани муҳлати мақоми бекории шаҳрвандон равона кунанд, то самаранокии барномаҳои болозикрро таъмин намоянд.

2.Дар шароити минтақаи Хатлон маҳдудияти захираҳои молиявии ба татбиқи сиёсати фаъоли шуғл сафарбаршаванда яке аз омилҳои манфии рушди бозори меҳнат маҳсуб меёбад. Дар ин самт ташаккул ва рушди ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ оид ба истифодабарии сарчашмаҳои алтернативӣ, аз ҷумла: дастгирии хадамоти шуғл аз ҷониби соҳибкорони маҳаллӣ, ташкилотҳои қарзӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар субъектони бахши хусусӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

3.Иқтисодиёти вилоят ва бозори меҳнати он дар алоқамандии зич қарор доранд. Дар шароите, ки иқтисодиёти вилоят дар ҳолати нисбатан ноустувор қарор дорад, имконияти сафарбар намудани захираҳои молиявиро барои ташаккули бозори меҳнати босамар надорад. Рақамҳои оморӣ нишон медиҳанд, ки бо сабаби ноустувории шароити иқтисодии вилоят тамоюли нишондиҳандаҳои бозори меҳнат низ дар сатҳи лозимӣ қаноатбахш нестанд. Масалан, нишондиҳандаи дараҷаи аҳолии фаъоли иқтисодӣ дар вилоят давоми солҳои таҳлилшуда (2014-2019) ба ҳисоби миёнасолона 0,07% афзоиш ёфтааст, ки наметавонад ба рушди бозори меҳнат таъсири назаррас дошта бошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Базыленко Т.Ю. Роль государственной службы занятости в регулировании рынка труда на региональном уровне: диссертация ... кандидата экономических наук: 08.00.05 / Т.Ю. Базыленко. –М., 2013.- 239 с.
2. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Кишоварз. – 2014. -№3. -С.91-93.
3. Комилов С.Дж. Основы формирования и функционирования рынка труда в Республике Таджикистан: монография / С.Дж. Комилов, Ю.Р. Юсуфбеков; под общ. ред. Кабутова М.К. –Душанбе, 2010. -154 с.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ”. ш.Душанбе, 1 августи соли 2003. -№44.
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тайёр намудани мутахассисон бо назардошти талаботи бозори меҳнат”. ш.Душанбе, 1 августи соли 2012. -№895.
6. Маслова Е.В. Условия и формы занятости в оценках работников и работодателей / Е.В. Маслова // V Социальный форум «Рынок труда и политика занятости: состояние и перспективы развития»: Сборник докладов. -М.: б/и, 2015. -С.115-119.
7. Махмадиев, Ф. Б. Государственное регулирование зернового рынка / Ф. Б. Махмадиев // Вестник Таджикского технического университета. – 2012. -№1(17). -С.99-103.
8. Миграция и рынок труда России и Таджикистана: проблемы и перспективы / Р.У. Ульмасов и др. -Душанбе: Фонд им. Ф.Эберта, 2010. -160 с.
9. Муминова Н.Р. Обеспечение сбалансированности национального рынка труда: дис. ... к-та экон. наук: 08.00.05 / Н.Р. Муминова. -Худжанд, 2019. -188 с.
10. Набиева Д.М. Развитие трудовых ресурсов и регулирование рынка труда в Таджикистане / Д.М. Набиева // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№8(64). -С.107-111.
11. Саидов Р.Н. Пути уменьшения безработицы и снижения инфляции в Республике Таджикистан / Р.Н. Саидов // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе: Сино, 2016. -№2/4(204). -С.114-121.
12. Саломова Г.Г. Институциональные основы формирования и развития рынка труда в РТ: автореф. дисс. канд. экон. наук: 08.00.01 / Г.Г. Саломова. -Душанбе, 2006. -26 с.
13. Стукен Т.Ю., Лапина Т.А., Коржова О.С. Методы и инструменты оценки эффективности активной политики занятости в регионах // Вестник ОмГУ. Серия: Экономика. - 2021. -№1. [Электронный ресурс]. URL:

https://cyberleninka.ru/article/n/metody-i-instrumenty-otsenki-effektivnosti-aktivnoy-politiki-zanyatosti-v-regionah (дата обращения: 3.06.2022).

**ТАНЗИМИ ДАВЛАТИИ БОЗОРИ МЕҲНАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН**

Дар мақола қайд карда мешавад, ки бозори минтақавии меҳнат дар худ низоми муносибатҳои ҷамъиятиро байни корфармоён ва кормандон ифода менамояд. Танзими давлатии бозори минтақавии меҳнат бошад, маҷмуи чорабиниҳои ҳуқуқӣ ва ташкилию иқтисодии давлатиро дар бар мегирад. Муаллиф чунин нуқтаи назар дорад, ки дар вилояти Хатлон, ки номутаносибии талаботу таклифоти қувваи корӣ аз ҳисоби норасоии ҷойҳои корӣ нисбат ба қувваи корӣ ҷой дорад, барои такмили сиёсати минтақавии шуғл ба инобат гирифтани шароити иҷтимоию иқтисодии минтақа муҳим мебошад. Низоми амалкунандаи танзими давлатии бозори меҳнат дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои он омӯхта шуда, муайян карда шудааст, ки унсурҳои низоми мазкур дар алоқамандии якдигар қарор дошта, яке дигареро пурра менамояд. Қайд карда мешавад, ки номутаносибии талабот ва таклифоти қувваи корӣ дар бозори меҳнати минтақаи Хатлон, хусусан ноустувории иқтисодиёти минтақа тақозо менамояд, ки давлат бояд ба муносибатҳои ҷамъиятӣ-меҳнатӣ дахолат кунад, то тавозуни манфиатҳои корфармоён ва шаҳрвандонро таъмин намояд. Дар ҷамъбасти мақола мушкилоти бозори минтақавии меҳнат ва роҳҳои ҳалли онҳо пешниҳод карда шудааст.

**Калидвожаҳо:** танзими давлатии бозори меҳнат, сиёсати фаъол ва ғайрифаъоли шуғл, захираҳои меҳнатӣ, такрористеҳсоли неруи инсонӣ, бекорӣ, мувозинати бозори меҳнат, талабот, таклифот, соҳибкорӣ, аҳолии қобили меҳнат.

**ГОСУДАРСТВЕННОЕ РЕГУЛИРОВАНИЕ РЫНКА ТРУДА В ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ**

В статье отмечается, что региональный рынок труда представляет собой систему социальных отношений между работодателями и работниками. Государственное регулирование регионального рынка труда включает комплекс государственных правовых, организационных и экономических мер. Автор придерживается мнения, что в Хатлонской области, где существует несоответствие между спросом и предложением рабочей силы из-за нехватки рабочих мест в сравнении с рабочей силой важно учитывать социально-экономические условия региона для совершенствования региональной политики занятости. Изучена действующая система государственного регулирования рынка труда в стране и ее регионах и установлено, что элементы этой системы взаимосвязаны и дополняют друг друга. Отмечается, что несбалансированность спроса и предложения рабочей силы на рынке труда Хатлонской области, особенно нестабильность экономики региона, требует вмешательства государства в общественно-трудовые отношения для обеспечения баланса интересов работодателей и граждан. В статье обобщены проблемы регионального рынка труда и пути их решения.

**Ключевые слова:** государственное регулирование рынка труда, активная и пассивная политика занятости, трудовые ресурсы, воспроизводство человеческих ресурсов, безработица, баланс рынка труда, предложение, спрос, предпринимательство, трудоспособное население.

**STATE REGULATION OF THE LABOR MARKET IN KHATLON REGION**

The article notes that the regional labor market is a system of social relations between employers and employees. State regulation of the regional labor market includes a set of state legal, organizational and economic measures. The author is of the opinion that in the Khatlon region, where there is a mismatch between the demand and supply of labor due to the lack of jobs compared to the labor force, it is important to take into account the socio-economic conditions of the region in order to improve the regional employment policy. The current system of state regulation of the labor market in the country and its regions has been studied and it has been established that the elements of this system are interconnected and complement each other. It is noted that the imbalance of demand and supply of labor in the labor market of the Khatlon region, especially the instability of the region's economy, requires state intervention in social and labor relations to ensure a balance of interests of employers and citizens. The article summarizes the problems of the regional labor market and ways to solve them.

**Keywords:** state regulation of the labor market, active and passive employment policy, labor resources, reproduction of human resources, unemployment, labor market balance, supply, demand, entrepreneurship, able-bodied population.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Шералии Сайдалӣ*** **–** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи фаъолияти биржавӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов, 64/14. Телефон: **(+992) 987-62-63-62.** E-mail**: Sherali-19922@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Шералии Сайдали*** **–** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры биржевого дела. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 987-62-63-62.** E-mail**: Sherali-19922@mail.ru**

**Information about the author:** ***Sheralia Saidali*** - Tajik State Financial and Economic University, Assistant of the Department of Exchange Business. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street, 64/14. Phone: **(+992) 987-62-63-62**. E-mail: **Sherali-19922@mail.ru**

УДК 312.1(575.3)
# МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ШУҒЛИ ФОСИЛАВӢ БАЙНИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Васиев Ф.М., Раҷабов Н.П.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Дар қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ” шуғли аҳолӣ чунин тавсиф шудааст: “Ҳама гуна фаъолияти шаҳрвандони қобили меҳнат, ки хилофи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон намебошад, бо қонеъ гардонидани қаноатмандӣ алоқаманд аст. Эҳтиёҷоти шахсӣ ва ҷамъиятии онҳоро таъмин намуда, ба онҳо даромад меорад. Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки дар муқоиса бо вазифаҳои иқтисодӣ функсияҳои сотсиологии шуғл камтар инкишоф ёфтааст. Чунон ки қайд карда шуд, дар адабиёти илмӣ баррасӣ намудани проблемаҳои шуғл асосан аз нуқтаи назари иқтисодӣ бартарӣ дорад. Вале бояд қайд кард, ки мисли масъалаҳои иқтисодиёт, проблемаҳои бо кор таъмин кардани аҳолӣ ҳам ба масъалаҳои иҷтимоӣ алоқамананд. Чунки онҳо дар асоси муносибатҳои иҷтимоии субъектҳо ба вуҷуд омада, дар натиҷаи ин талабот ва манфиатҳои онҳо қонеъ гардонида мешаванд. Ҳамин тариқ, дар ин асос пурра метавон гуфт, ки муносибатҳои меҳнатии вобаста ба меҳнат низ муносибатҳои иҷтимоӣ ҳисобида мешаванд. Мо чунин мешуморем, ки шуғл на танҳо мафҳуми иқтисодӣ, балки мафҳуми иҷтимоӣ ҳам мебошад, зеро вай дар одам алоқаманд аст, вай бо эҳтиёҷоти ӯ, дараҷа ва сифати инкишофи қобилиятҳои ӯ, бо шароити зиндагонӣ алоқаманд аст. Шуғлро метавон қонунан аз ҷониби муносибатҳои меҳнатие, ки дар сатҳи микро байни соҳибкор ва корманд ба вуҷуд меояд, дар сатҳи макро- муносибатҳои байни аъзои ҷамъият, шаҳрванд ва давлат, ки ба ӯ кафолат медиҳад, баррасӣ кардан мумкин аст. Ҳамчун мафҳуми иҷтимоӣ шуғл бо иқтидори меҳнатӣ, бо сармояи инсонӣ, ки сарвати миллӣ мебошад, алоқаманд аст. Таҳлили таснифоти татбиқшуда, тамоми равишҳои истифодашударо нишон дода, имкон медиҳад, ки умумияти онҳо дар таснифоти шаклҳои шуғл, ки муаллифон пешниҳод кардаанд, нишон дода шудааст. Бояд гуфт, ки гуногунии равандҳои иҷтимоию иқтисодие, ки дар бозори меҳнати муосир ба амал меоянд, боиси ташаккули шаклҳои гуногуни шуғл мегардад. Айни замон аксари олимон шаклҳои гуногуни шуғлро тафсир намуда, дар якҷоягӣ модели шуғлиро ташкил медиҳанд, ки дар бозори меҳнати муосир мавҷуд аст. Модели мазкур ҳам шаклҳои нави шуғл, васеъ намудани сарҳади шуғл ва ҳам бо мазмуни ба воқеияти имрӯза мувофиқ пурра намудани шаклҳои муайяни шуғли меҳнатро инъикос мекунад. Шуғли оқилона ва самаранок вуҷуд дорад, аммо ин мафҳумҳо якхела нестанд. Тафовут аз он иборат аст, ки кори оқилона метавонад аз ҷиҳати иҷтимоӣ самаранок бошад. Ин дар сохтмони корхонаҳои нави саноатӣ бо мақсади беҳтар намудани истифодаи аҳолии қобили меҳнат, инчунин, тараққиёти сотсиалию иқтисодии ин ё он маҳал равшан дида мешавад. Дар баробари ин, мо зарур мешуморем, ки на танҳо барои одамони синни қобили меҳнат, балки ҷойҳое, ки ба фаъолияти меҳнатии онҳое, ки дар хоҷагиҳои ёрирасони наздиҳавлигӣ машғуланд, мусоидат мекунанд. Ташаккули соҳаҳои саноат вазифаи аввалиндараҷа дониста мешавад. Дар асоси ин шуғли оқилона, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати иҷтимоӣ самаранок буда, масалан, ба бунёди корхонаю иттиҳодияҳои нав бо мақсади таъсиси ҷойҳои нави корӣ бо кор таъмин намудани аҳолии минтақаи қувваи корӣ ё ба тараққиёти сотсиалию иқтисодии минтақаи муайян нигаронида шудааст. Раванди пайдоиши шаклҳои нави шуғл натиҷаи тағйироти технологӣ, коммуникатсионӣ, ташкил ва ҳавасмандии дар иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад, ки дар давоми 10-15 соли охир махсусан тез-тез ба амал омаданд. Дар ин давра технологияҳои иттилоотӣ ва компютерӣ бо суръати махсусан баланд инкишоф меёбанд. Ба вуҷуд омадани шаклҳои нави меҳнат ба омилҳои таъсиркунанда вобаста аст.

Гузариш ба ҷомеаи иттилоотӣ, ки дар чорроҳаи тағйироти технологияҳои коммуникатсионӣ ва ҳавасмандии рафтори меҳнатии одамон ташаккул меёбад, ба тағйирёбии муносибатҳои меҳнатӣ, яъне ба пайдоиши муносибатҳои фосилавӣ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ таъсир мерасонад. Рушди шуғли фосилавӣ бахше аз раванди ташаккули бозори тағйипазири меҳнат ва таъмини ҷавонон бо кор аст, ки ҷузъи

ҷудоношавандаи неруи корӣ дар Тоҷикистон аст. Миқёс ва суръати васеъшавии шуғли фосилавӣ дар кишварҳои мутараққӣ хеле баланд аст (аз рӯи ҳисобҳо дар кишварҳои Аврупо ҳиссаи коргарони потенсиалии бо кор таъминшаванда аз 10% то 22% шумораи умумии кормандонро ташкил медиҳад). Мутаассифона, дар Тоҷикистон шаклҳои фосилавии шуғл чандон паҳн нашудаанд. Бо вуҷуди ин, дар шароити паҳншавии пандемияи COVID-19 дар Тоҷикистон кори телефонӣ низ дар ҳоли афзоиш аст.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки равандҳои ҷаҳонишавӣ ва иттилоотонии ҷомеа дар ҷаҳон, истифодаи густурдаи интернет дар тамоми қитъаҳои сайёра боиси тағйироти куллӣ на танҳо дар технология ва иқтисодиёт балки боиси таҳаввулоти куллӣ гаштааст. Дар олами меҳнат боиси пайдо шудани шаклҳои нави самарабахши шуғл мегардад. Айни замон умедбахштарини онҳо кори дурдаст мебошад. Ва ба гуфтаи коршиносон, шуғли фосилавӣ шакли босуръат рушдёбандаи шуғл аст, ки бо суръат ба як қатор навъҳои кори чандирӣ табдил меёбад. Ин дар навбати худ, таҳлили амиқро барои фаҳмидани моҳияти тамоюлҳои пайдошавандаи шуғл ва оқибатҳое, ки онҳо метавонанд дар бозори меҳнат дошта бошанд, тақозо мекунад, ки ҳадафи ин тадқиқотро пешакӣ муайян кардааст, ки дар назди худ вазифаи таҳқиқи шуғли дурдастро гузоштааст.

Дар шароити рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон проблемаҳои омӯзиши ҷалби шуғли аҳолӣ ба фаъолияти меҳнатӣ, бо мақсади инкишоф додани неруи меҳнатии онҳо ва истифодаи он дар рушди иқтисодиёти саноат ва кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Дар баробари ин, бояд гуфт, ки раванди ташаккули иҷтимоии ҷавонони муосир, ташаккули тамоюлҳои арзишманди он дар шароити хеле душвори иҷтимоию иқтисодие сурат мегирад, ки дар натиҷа фалокатҳои иқтисоди бозорӣ ба вуҷуд омадааст. Ба тезу тунд будани проблемаҳои иҷтимоии ҷавонон надида мондан мумкин нест. Дар байни насли наврас бекорӣ, ҷинояткорӣ, нашъамандӣ, танфурӯшӣ ва дигар паталогияи иҷтимоӣ афзоиш меёбад. Рафтори каҷравонаи ҷавонон шиддат мегирад, тамоюли дур шудани он аз қишри пешрафтаи ҷомеа баръало эҳсос мешавад [1,с.340].

Бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои хосси бозори меҳнати ҷавонон дар Тоҷикистон, таҳлили хусусиятҳои асосии иҷтимоию иқтисодии ташаккул ва рушди сегментӣ мавриди баррасӣ қарор дода шуд. Таҳлил аз муайян кардани нишондиҳандаҳои зерин иборат буд:

- шумораи ҷавонон, аз ҷумла аз рӯи гурӯҳҳои синну сол, дар байни аҳолии доимӣ;
- дараҷаи иштироки ҷавонон дар неруи меҳнат, шуғл ва бекорӣ;
- сохтори шуғли ҷавонон аз рӯи намуди фаъолияти иқтисодӣ ва дигар нишондиҳандаҳое, ки ба ташаккули бозори меҳнати ҷавонон дар кишвар таъсир мерасонанд.

Маълум аст, ки тараққиёти пурсамари иқтисодиёт ба ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умумии аҳолӣ ва дар ҳаҷми ресурсҳои меҳнати вобаста аст.

Тавре маълум аст, захираҳои инсонӣ, аз ҷумла “ҷавонон дар баробари дигар арзишҳо яке аз омилҳои асосии рушди ҳар як давлат ба шумор мераванд. Ин имкон медиҳад, ки сиёсати давлатии ҷавононро яке аз самтҳои муҳимми рушди ҷомеа арзёбӣ кунем. Муайян намудани сиёсати давлатии ҷавонон аз нигоҳи сиёсӣ ва иҷтимоӣ дар кишваре муҳим аст, ки вазъи демографиаш пайваста меафзоояд ва беш аз 35%-и аҳолии онро насли наврас ташкил медиҳад” [17,с.15].

Қисмати фаъолтарин ва мутаҳарриктарини қувваи кории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавонон мебошанд. Шумораи умумии онҳо дар аввали соли 2020 беш аз 2877,7 ҳазор нафарро ташкил дод. “Тибқи тавсияи СБМ, ки агенти махсуси Созмони Миллали Муттаҳид (СММ) мебошад, ба гурӯҳи ҷавонон бештар маъмул дар бозори меҳнат шахсони аз 15 то 24 сола дохил мешаванд” [3,с.46].

Дар баробари ин, бояд қайд кард, ки ҳадди синну сол, ки имкон медиҳад шаҳрвандон ба ҷавонон тасниф карда шаванд, вобаста ба муқаррарот дар ҳар як кишвари мушаххаси ИДМ қабулшуда фарқ мекунад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 1-и Қонун “Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон” зикр шудааст: “Ҷавонон гурӯҳи иҷтимоию демографӣ буда, ашхоси аз 14 то 30-соларо фаро мегиранд”.

**Расми 1. Ҷавонон дар бозори меҳнати Тоҷикистон**
**Figure 1. Young people in the labor market of Tajikistan**




Дар доираи ин ҳудудҳо дар асоси маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон се гурӯҳи асосии ҷавонон (14-19-сола, 20-24-сола, 25-30-сола) мавҷуд аст), ки аз рӯи “хусусиятҳои психофизиологӣ, дараҷаи маълумот, рафтори иқтисодӣ, мутобиқшавии меҳнат фарқ мекунанд” [2,с.23-55; 10,с.12].

Дар давраи таҳлилшуда тағйирёбии шумораи ҷавонони бекор дар байни занон ва мардон ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, агар соли 2004 ҳиссаи ҷавонони бекор дар байни мардон 63,4%-ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2016 он ба 69,3% ё 5,9 банди фоиз афзуд. Дар байни занони бекор тамоюли баръакс мушоҳида мешавад. Саҳми онҳо дар шумораи умумии бекорон 6,2 пункт кам шуд. Тибқи натиҷаҳои як пажуҳиши Д. Қудусов ва Е. Янсова, “ҷавононе, ки захираҳои таҳсилии маҳдуд доранд, қариб ки имкони пайдо кардани кори расмӣ надоранд. Ҳамин тариқ, 46% ҷавонони дорои маълумоти ибтидоӣ ё камтар аз он ҳатто баъди як соли хатми таҳсилот бекор буданд ва танҳо 6%-и онҳо ҷойи кориро ба қайд гирифтаанд” [13,с.18].

Ба андешаи мо, дар заминаи таҳқиқшаванда аз ҷумлаи равандҳои аввалиндараҷаи бозори меҳнати ҷавонон, ки ба танзими ҳамаҷониба (дар сатҳи ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ) ва такмили шаклҳои асосӣ эҳтиёҷ доранд, бояд худи раванди шуғли аҳолӣ ҷудо карда шавад, ба интизориҳои касбии он ва ҳамгироии пурраи ҷавонон ба ҷомеа таъсири мустақим дорад. “Шуғл дар бозори меҳнат мафҳуми низоми муайяни тадбирҳои сатҳҳои гуногун, ки ба таъмини шуғли шаҳрвандони ҷавони 14-30 сола, бо назардошти салоҳияти онҳо, омодагии касбӣ, ки хилофи қонунгузории амалкунандаи меҳнат нест, нигаронида шудааст, фаҳмида мешавад [9,с.34].

Барои ба кор таъмин намудани ҷавонон ва беҳтар намудани мавқеи онҳо дар бозори меҳнати дохилӣ корҳои зеринро амалӣ кардан зарур аст:

1) Системаи роҳнамоии касбро инкишоф диҳад, то ки ҷавонон дар раванди таълим интихоби касб ва ихтисоси ояндаи худро ташаккул диҳанд:

2) Таҳияи барномаҳои таълимие, ки салоҳиятҳои хатмкунандагонро ташаккул медиҳанд, ки ба талаботи муосири бозори меҳнати миллӣ ва байналмилалӣ ҷавобгӯ бошанд:

3) Баланд бардоштани сифат ва мутобиқати таълим дар ҳамаи зинаҳо, аз ҷумла маълумоти миёна, миёнаи махсус ва олӣ:

4) Фаъолияти хадамоти давлатии шуғли аҳолиро оид ба масъалаҳои шуғли ҷавонон пурзур намояд:

5) Барномаҳои миёнамуҳлати таъмини шуғли ҷавонон дар бозори меҳнатро таҳия мекунанд:

6) Дастгирии тадқиқоти саҳрои, ки ба дарёфти роҳҳои шуғли аҳолӣ ва махсусан ҷавонон нигаронида шудааст.

7) Тайёр кардани ҷавонон ба шуғли фосилавӣ то ки онҳо имконият пайдо намоянд, ки мустақилона дар шакли фосилавӣ кор пайдо кунанд.

Дар асоси гуфтаҳои боло метавон бо итминон қайд кард, ки шуғли ҷавонон яке аз равандҳои мураккабтарин дар бозори меҳнат мебошад, ки он бояд бо истифода аз усулҳои равиши мақсаднок ва махсусгардонидашуда, ки барои хусусиятҳои фардии ҳар як гурӯҳи синну соли ҷавонон пешбинӣ шудааст, таъмин карда шавад.

**Расми 2. Таснифи ҷавонон аз рӯи гурӯҳҳои синну сол**
**Figure 2. Classification of young people by age groups**

**ҶАВОНОН 14-30**
(Қонуни ҶТ «Дар бораи ҷавонон ва сиёсати давлатии ҷавонон»)

**ГУРӮҲҲОИ СИНО**
I. 14-19 сола; II. 20-24 сола; III. 25-30 сола (Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон)

**Хосиятҳо**

I
- ҷустуҷӯи фаъолона ва интихоби намуди фаъолияти касбии оянда;
- иштироки эпизоди дар фаъолияти меҳнатӣ: кори ҷамъиятӣ, муваққатӣ
- (истисно: хатмкунандагони ташкилотҳои миёнаи касбӣ);
- ба даст овардани дониш, малака ва маҳорати касбӣ;
- сатҳи пасти рақобатпазирӣ дар бозори меҳнат ва ғайра.

I
- гирифтани таҳсилоти миёнаи касбӣ ва олӣ;
- хоҳиши шуғли доимӣ;
- набудани таҷрибаи кофии касбӣ ва таҷрибаи корӣ ва ғайра.

- мавҷудияти тахассус, таҷрибаи касбӣ, собиқаи корӣ;
- талаботи баланд ба кори пешниҳодшуда;
- гирифтани таҳсилоти иловагии касбӣ;
- зарурати тасдиқи худ;
- сатҳи баланди рақобатпазирӣ нисбат ба гурӯҳҳои синну соли пештарава ғайра.

**афзалиятҳо ва нуқсонҳо дар бозори меҳнат**

- дараҷаи баланди ҳаракати меҳнатӣ:
- (тайёр будан ба дигаргуниҳои меҳнатӣ фаъолият),
- донистани забонҳои хориҷӣ ва технологияҳои компютерӣ;
- потенсиали таълими касбӣ,
- бозомӯзи ва такмили ихтисос;
- қобилияти зуд мутобиқ шудан ба навоварӣ,
- самаранокии баланд,
- набудани бемориҳои касбӣ;
- қобилияти баланди фаъолияти эҷодӣ ва ғайра.

- муболиғакунонии талабот нисбат ба мансаби ишғолкарда, шартҳо ва музди меҳнат;
- сатҳи нокифояи дониши касби,надоштани малакаҳои меҳнатӣ, махсусан дар синни 15-24-солагӣ;
- огоҳии пасти вазъи бозори меҳнат;
- набудани ташаббус дар ҳалли масъалаҳои шуғли аҳолӣ;
- омода набудани амалҳои мустақил дар бозори меҳнат;
- Дараҷаи баланди ноустувории меҳнат бо сабаби қатъи кор дар байни ҷавонони аз 18 то 27 сола (хизмати ҳарбӣ), дар байни духтарони ҷавон (рухсати ҳомиладорӣ)ва ғайра.

Сиёсати давлатӣ дар самти таъмини шуғли ҷавонони ҷумҳурӣ бояд ба таъмини кафолатҳои зерин нигарониди шавад:

- Таъмини интихоби озоди ҷойи кор.

- Ҳифзи ҳуқуқҳои меҳнатии ҷавонон дар раванди шуғл.

- Бо кори аввал таъмин намудани хатмкунандагоне, ки дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касби (ДМТ), таҳсилоти ибтидоӣ ва миёнаи касбӣ (НПО ва КМИ) тайёр карда шудаанд.

- Муҳайё намудани шароит барои роҳнамоӣ дар раванди шуғли ҷавонон ба шуғли самаранок ва ғайра [14,с.35].

Тақсимоти ҷавонон аз рӯи соҳаҳои шуғл хос аст. Қисми зиёди ҷавонписарон ва духтарони то 30-сола дар истеҳсолоти ҷамъиятӣ кор мекунанд. Дар соли 2017 ҳиссаи

бештари ҷавонони коргар дар шумораи умумии кормандон ба технологияҳои иттилоотӣ 37,5%, дар сохтмон 31,2%, дар саноат 18,2%, дар соҳаи фарҳанг ва санъат 13,1% рост меояд.

Хусусиятҳо, навъҳо, афзалиятҳо ва шароити рушди шуғли фосилавӣ. Шуғли фосилавӣ шакли шуғлиест, ки дар он корфармо ва корманд аз ҳамдигар дар масофаи хеле дур ҷойгир шуда, маълумотро тарҷума ва қабул мекунанд (фармоишҳои техникӣ, натиҷаи меҳнат ва музди меҳнат). Фаъолиятҳои шуғли фосилавӣ бо истифода аз технологияҳои муосири интернетӣ амалӣ карда мешаванд. Умуман, шуғли фосилавӣ шакли нисбатан нави фаъолияти меҳнатист. Кори телефонӣ дорои сохтори чандир мебошад, ки онро аз муҳити анъанавии корӣ фарқ мекунад. Тавре олими амрикоӣ Френк Скиф қайд мекунад "Шуғли дурдаст ҷойи кори чандир" аст, он бензин ва вақтро барои омадан ва рафтан ба кор сарфа мекунад.

Намудҳо ва навъҳои шуғли фосилавӣ: мутахассисони IT, менеҷерони фурӯш, баҳисобгирӣ, молия, ҷалб, тарроҳӣ, меъморӣ, пул кор кардан дар шабакаҳои иҷтимоӣ, интишори мақолаҳои таблиғотӣ, хидматрасонии тарҷумаи фосилавӣ (англисӣ, олмонӣ ва ғайра), коркарди матни адабӣ, мундариҷа, менеҷер, копирайтер, тарроҳони квартира, тарроҳони меъмор, дизайнери веб, дизайнери корпоративӣ, аудиторияи бисёрмиллиони тиҷорат, машваратҳои тиббӣ, хидматрасонӣ, мағозаҳои онлайн, телефонияи IT, хадамоти фурӯши чиптаҳо, машваратҳои ҳуқуқӣ, менеҷерони фурӯш.

Афзалиятҳои шуғли фосилавӣ: имкониятҳои шуғли ҷавонон ҳамчун категорияи осебпазир дар нақшаи касбии аҳолии кишвар, ҳалли мушкилоти нақлиёт. Онҳо роҳбандии нақлиётро дар шаҳрҳо, афзоиши мунтазами шумораи корбарони интернет, потенсиали иҷтимоӣ барои пешбурди бренди баъзе маҳсулот, паст будани "ҳадди воридшавӣ" ба бозори навро коҳиш медиҳанд. Яъне, ҳадди ақалии бюрократӣ дар ташкили чорабиниҳо, имкони бо кор таъмин намудани маъюбон, соҳибхоназанон, занони нигоҳубини тифлон, бо кор таъмин намудани аҳолии деҳоти дурдаст, кори дурдаст хатари сироятёбӣ ба вирусҳоро то ҳадди имкон кам мекунад. Ин махсусан дар соли 2020, ҳангоми паҳншавии пандемияи COVID-19, коргароне, ки дар хона кор мекунанд, аксар вақт ба кор дар хона эҳтиёҷ доранд ё бартарӣ медиҳанд, ки хароҷоти корфарморо коҳиш медиҳанд, зеро коргароне, ки дар хона кор мекунанд, аксар вақт компютерҳои шахсии худ, интернетро таъмин мекунанд, сетҳо, алоқа ва дигар таҷҳизот, корфармо, инчунин, хароҷоти биноҳои истиқоматӣ, қувваи электр, мебели идора ва ғайраро сарфа мекунад.

Ҳавасмандӣ барои шуғли фосилавӣ: малакаҳои гуногун, хусусияти вазифа, аҳамияти вазифа, мустақилияти вазифа, фикру мулоҳиза аз корфармо, ҳамаи инҳо ба баланд шудани дараҷаи ҳавасмандгардонӣ, қаноатмандии кор, ҳосилнокии баланди меҳнат, кам шудани прогул ва ҷойивазкунии кадрҳо мусоидат мекунад.

Хусусиятҳои хосси шуғли дурдаст.

1. Кори дурдаст муташаккилии баланд ва худ ҳавасмандиро талаб мекунад.
2. Кори дурдаст барои мутахассисони собит беҳтар аст.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ одатан шартномаи меҳнатӣ бо коргарони дурдаст бо имзои электронӣ баста мешавад ё дар шакли хаттӣ баста мешавад ва тавассути почтаи фармоишӣ фиристода мешавад.

Роҳҳои асосии инкишофи шуғли фосилавӣ. Самти муҳимми рушди шуғли фосилавӣ ба ҷавонон омӯзонидани тарзи истифодаи кори фосилавӣ мебошад. Масалан, кушодан, паҳн кардан ва рушди ХАБ (HUB)-ҳо ҷойест, ки дар он интернет барои он одамоне, ки имконият надоранд, таъмин карда мешаванд. Дар Тоҷикистон аллакай ду ХАБ (HUB) фаъолият мекунанд. ХАБ (HUB) аввал дар пойтахт дар шаҳри Душанбе ва ХАБ (HUB) дуюм дар шаҳри Хоруғ фаъолият мекунанд. Боздид аз ХАБ (HUB) бешубҳа ба рушди шуғли фосилавӣ мусоидат мекунад ва ба ҷавонон имкон медиҳад, ки пул кор кунанд. ХАБ (HUB) пешниҳоди тренингҳо, интернети ройгон ва компютерҳо барои 3-4 моҳ мебошад. ХАБ (HUB)-ҳо барои рушди шуғли фосилавӣ хидматҳои зеринро пешниҳод мекунанд:

- Барои ҷавононе, ки маълумот ва ихтисос надоранд, тренингҳо гузаронида, ба онҳо малакаҳои шуғли фосилавӣ, асосан барои шуғли хурд, яъне имкони гирифтани 30-40 сомонӣ дар як рӯз омӯзонида мешаванд.
- Рушди малакаҳои компютерӣ бо мақсади рушди шуғли фосилавӣ.

- Омӯзонидани малакаҳо ва асосҳои соҳибкорӣ ва ташкили тиҷорати шахсии худ.

Бояд тазаккур дод, ки ашрофи шуғли фосилавӣ ҷалби ҷавононе, ки таҳсилот, кор ва ғайра надоранд, ба шуғл, ҷавонон, ки қисми осебпазири қувваи корӣ дар бозори меҳнат мебошанд. ХАБ (HUB) - ҳамчун марказҳои фосилавии шуғл бояд аз ҷониби соҳибкорони хусусӣ, созмонҳои байналмилалӣ ташкил карда шаванд. Омили муҳим ин ҷалби бахши хусусӣ дар таъсиси ХАБ (HUB) мебошад. Ҷалби ҳамаи гуфтаҳои боло дар таъсиси хуб ва дар оянда интиқоли ин марказҳои таълим ва омӯзонидани ҷавонон бо усулҳои шуғли фосилавӣ барои идоракунии сохторҳои профили давлатӣ, масалан, сохторҳои Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ: Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади боз ҳам инкишоф додани шуғли фосилавӣ ва таъмини қувваи корӣ, махсусан ҷавонон, бо шуғли пурсамар.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Раҳмонов Ҷ.Р.**

**АДАБИЁТ**


1. Ашуров С.Б. Об экономической сущности государственной молодежной политики / С.Б. Ашуров // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе: Сино, 2010. -№1(65). -С.340.
2. Бобков В.Н. Влияние неустойчивой занятости на переходы молодежи на рынке труда / В.Н. Бобков, Е.А. Черных // Уровень жизни населения регионов России. – 2014. -№3(193). -С.23-55.
3. Васиев Ф.М. Муаммоҳои таъмини шуғли аҳоли дар давраи Пендемия COVID-19 / Ф.М. Васиев // Паёми Донишгоҳои миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2021. -№2. - С.81-86.
4. Васиев Ф.М. Оценка процесса трансформации занятости на рынке труда Таджикистана / Ф.М. Васиев // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет. -Душанбе: РТСУ, 2019. -№2(66). - С.85-93.
5. Васиев Ф.М. Проблемы обеспечения занятости молодежи Таджикистана в условиях рынка / Ф.М. Васиев // Вестник университета (Российско-Таджикский (славянский) университет. -Душанбе: РТСУ, 2019. -№3(67). - С.115-126.
6. Васиев Ф.М. Формирование организационно-экономического механизма занятости населения Таджикистана / Ф.М. Васиев; под общ. ред. д.э.н., профессора Комилова С.Дж. -Душанбе: РТСУ, 2019. -250 с.
7. Гоибназаров, С.М. Государственное регулирование кадровых процессов в условиях повышенной миграции / С.М. Гоибназаров, Ф.Б. Махмадиев, С.Ф. Хошимов // Кишоварз. – 2014. – № 3. – С. 91-93.
8. Ермолаева С.Г. Рынок труда. Институт гуманитарных наук и искусств. Учебное пособие / С.Г. Ермолаева. – Екатеринбург, 2015. -110 с.
9. Закон Республики Таджикистан «О занятости населения»; Концепция государственной кадровой политики Республики Таджикистан // Утв. Указом Президента Республики Таджикистан от 17 мая 2018 г., №1526.
10. Закон РТ «О молодежи и государственной молодежной политике».
11. Золин Е.И. Рынок труда и занятость населения в современной экономике: дисс. канд. эк. наук. 08.00.01 / Е.И. Золин. –М., 2001. -154 с.
12. Костьков Л.Д. Рынок труда. Институт экономики и финансов. Учебное пособие / Л.Д. Костьков. –М., 2013. -162 с.
13. Кудусов Д. Переход от образования и обучения к труду в Республике Таджикистан / Д. Кудусов, Е. Янсова. - Душанбе: Ирфон, 2014. -С.18.
14. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года.
15. Национальные статистические службы стран СНГ. [Электронный ресурс]. URL: www.cisstat.com/rus/cisserv.htm (дата обращения: 25.06.2014).
16. Рофе А.И. Рынок труда. Управление персоналом / А.И. Рофе. –М.: Кнорус, 2018. -260 с.
17. Стратегия государственной молодежной политики в Республике Таджикистан до 2020 года.
18. Хамидов А.Х. Влияние внешней трудовой миграции и финансово-экономического кризиса на неформальную занятость в сфере услуг / А.Х. Хамидов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2019. -№5. -Част 1. –С.217-223.


## МУАММОҲО ВА ДУРНАМОИ РУШДИ ШУҒЛИ ФОСИЛАВӢ БАЙНИ АҲОЛИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола муаллифон муҳимият ва аҳамияти рушди шуғли фосилавиро дар Тоҷикистон асоснок менамоянд. Рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ ва компютер муайян карда шудаанд. Аз тарафи муаллифон муайян карда шудааст, ки рушди шуғли фосилавӣ, як қисми ташаккулёбии бозори меҳнати майлшаванда мебошад, ки аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо шуғл таъмин месозад. Ба ақидаи муаллифон, дар шароити паҳншавии пандемия COVID-19, дар Тоҷикистон паҳншавии шуғли фосилавӣ ба назар маресад. Муайян шудааст, ки дар мавриди омӯзиши муаммоҳои таъмини шуғли аҳолӣ, ҷавонон ҷузъи осебпазири аҳолӣ мебошанд. Хусусиятҳои хосси аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда шудаанд. Мувофиқи ақидаи муаллифон, рушди самаранокии иқтисодиёти давлат аз ҳиссаи ҷавонон дар шумораи умумии аҳолии кишвар вобастааст. Дар нақша ҳисса ва шумораи умумии ҷавонон дар бозори меҳнати Тоҷикистон муайян шудааст. Муаллифон як қатор чорабиниҳоро оид ба бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод кардаанд. Қайд карда мешавад, ки дар шароити имрӯза, самти

афзалиятноки таъмини шуғли аҳолӣ, шуғли фосилавӣ мебошад. Хусусиятҳо, намудҳо, афзалиятҳо ва шароити рушди шуғли фосилавӣ муайян карда шудаанд.

**Калидвожаҳо:** шуғли аҳолӣ, шуғли фосилавӣ, ҷавонон, захираҳои меҳнатӣ, омӯзиши кадрҳо, фаъолияти меҳнатӣ, технологияҳои иттилоотӣ, захираҳои инсонӣ, синни қобили меҳнат, бозори меҳнат.

## ПРОБЛЕМЫ И ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ДИСТАНЦИОННОЙ ЗАНЯТНОСТИ СРЕДИ НАСЕЛЕНИЯ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье автором обосновывается важность и значение развития дистанционной занятости в Таджикистане. Определяется ускоренное развитие информационных и компьютерных технологий, практически во всех странах мира. Автором установлено, что развитие дистанционной занятости является частью процесса формирования гибкого рынка труда и обеспечения занятостью молодежи, которая является составной частью трудовых ресурсов Таджикистана. Автор указывает, что в условиях распространения пандемии COVID-19, в Таджикистане наблюдается распространение дистанционной занятости. Определяется, что при рассмотрении проблем обеспечения занятости, наиболее уязвимой частью населения является молодежь. Определены характерные особенности молодежи Таджикистана. По мнению автора, эффективное развитие экономики страны зависит от доли молодежи в общей численности населения и в объеме трудовых ресурсов. Автором схематично определяется доля и общая численность молодежи на рынке труда Таджикистана. Автором предлагаются мероприятия относительно трудоустройства молодежи на рынке труда республики. Автор утверждает, что в нынешних условиях, приоритетным направлением обеспечения занятости молодежи является развитие и распространение дистанционной занятости. Определены особенности, разновидности, преимущества и условиях развития дистанционной занятости.

**Ключевые слова:** занятость населения, дистанционная занятость, молодежь, трудовые ресурсы, обучение кадров, трудовая деятельность, информационные технологии, человеческие ресурсы, трудоспособный возраст, рынок труда.

## PROBLEMS AND PROSPECTS OF THE DEVELOPMENT OF REMOTE EMPLOYMENT AMONG THE POPULATION OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the article, the author substantiates the importance and significance of the development of distance employment in Tajikistan. The accelerated development of information and computer technologies is determined, practically in all countries of the world. The author found that the development of distance employment is part of the process of forming a flexible labor market and providing employment to young people, which is an integral part of the labor force in Tajikistan. The author points out that in the context of the spread of the COVID-19 pandemic, the spread of distance employment is observed in Tajikistan. It is determined that when considering the problems of employment, the most vulnerable part of the population is the youth. The characteristic features of the youth of Tajikistan are determined. According to the author, the effective development of the country's economy depends on the share of young people in the total population and in the volume of labor resources. The author schematically determines the share and total number of young people in the labor market of Tajikistan. The author proposes measures regarding the employment of youth in the labor market of the republic. The author argues that in the current conditions, the priority direction of ensuring youth employment is the development and spread of distance employment. The features, varieties, advantages and conditions for the development of distance employment have been determined.

**Keywords:** employment of the population, distance employment, youth, labor resources, training of personnel, labor activity, information technology, human resources, working age, labor market.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Васиев Фаридун Маҳмадович*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 905-40-40-15**. E-mail: **faridun.75@bk.ru**
***Раҷабов Носирҷон Пулотович*** **-** Донишгоҳи милли Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и кафедраи идоракунии захираҳои инсонӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 988-21-58-58.** E-mail: **nosirchon.rachabov @mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Васиев Фаридун Махмадович*** **-** Таджикский национальный университет, кандидат экономических наук, доцент кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 905-40-40-15**. E-mail: **faridun.75@bk.ru**
***Раджабов Носирджон Пулотович*** **-** Таджикский национальный университет, докторант Ph.D кафедры управления человеческими ресурсами. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 988-21-58-58.** E-mail: **nosirchon.rachabov @mail.ru**

**Information about the authors:** ***Vasiev Faridun Mahmadovich*** **-** Tajik National University, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 905-40-40-15.** E-mail: **faridun.75@bk.ru**
***Radjabov Nosirjon Pulotovich*** **-** Tajik National University, doctoral student Ph.D of the Department of Human Resource Management. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 988-21-58-58.** E-mail: **nosirchon.rachabov@mail.ru**

УДК -330.322.1.

# ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Хоҷазода Д.Қ.*
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Айни замон яке аз муҳимтарин самти рушди иқтисодиёти муосири ҷаҳониро равандҳои сармоягузорӣ ташкил медиҳад. Ин масъала барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои иқтисоди хурди кушода ва эҳтиёҷдошта ба захираҳои пулию технологӣ низ хеле муҳим мебошад. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дар лоиҳаҳои сармоягузорӣ ва ҷалби онҳо ба иқтисодиёти кишвар ҷиҳати мусоидат кардан ба рафъи тангнои бозори дохилӣ ва таҳкими мавқеиятҳои рақобатӣ дар тақсимоти байналмилалии меҳнат бисёр зарурӣ буда, танҳо бо ин роҳ иқтисодиёти онро барои ҷалби сармояҳои хориҷӣ имконпазир менамояд.

Ҷараёни васеи сармоягузории хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт яке аз шартҳои муайянкунандаи рушди босуръати индустриалӣ ва инноватсионии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Рушди индустриалӣ ва инноватсионии иқтсодиёт дар Тоҷикистон, ҳамчун модели минбаъдаи рушди иқтисодиёти кишвар интихоб гардидааст. Аз ин рӯ, дар “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” таъкид шудааст, ки барои гузариши пурра ба ин модели рушд 118,1 миллиард доллари амрикоӣ лозим аст [8,с.26].

Бо дарназардошти воқеият, ки сармоягузории дохилӣ айни замон талаботи афзояндаи дохилиро ба захираҳои сармоягузорӣ қонеъ гардонида наметавонад, ҷалби сармояи хориҷӣ аҳамияти калон дорад. Ин аст, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии кишвар дар соли 2021 зарурати ҷалби сармояи хориҷиро иборз дошта, қайд намуданд, ки “…Беҳтар гардонидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ ва ҷалби сармояи мустақим барои таъмин намудани рушди устувори иқтисоди миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иқтисодии мо ба ҳисоб меравад” [4,с.5].

Қайд намудан ба маврид аст, ки ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар метавонад дар пайдоиши лоиҳаҳои нави инноватсионӣ, афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, афзоиши даромад бо воситаи андозҳо ба буҷети давлатӣ мусоидат намуда, суръати рушди иқтисодиро боз ҳам боло барад. Ҳамзамон, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва воридоти технологияи пешқадам ба иқтисоди кишвар низ накши калидӣ дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки сармоягузории мустақими хориҷӣ нисбат ба дигар шаклҳои муносибатҳои иқтисодӣ як қатор бартариятҳо дорад, аз ҷумла: якум, онҳо метавонанд манбаи иловагии маблағгузориҳо дар ҷараёни истеҳсоли мол ва хизматрасониҳо бошанд; дуюм, ба давлат имконият фароҳам меорад, ки захираҳои пулиро дар шакли қарзи берунаи давлатӣ аз ҳад зиёд ҷалб накунад ва фоизи гарон низ пардохта нашавад. Инчунин, бо ҷуброни камбуди сармоя ва технология, сармоягузориҳои хориҷӣ ба афзоиши шуғл ва музди кор, сафарбар кардани манбаъҳои иловагии сармоя ва афзоиши даромади содиротӣ таъсири мусбат мерасонад [10,с.53-58].

Ҷалби сармояи мустақими хориҷиро метавон яке аз нишондиҳандаи кушодагии иқтисодиёт ва рақобатпазирии баланди он арзёбӣ намуд. Аз ин лиҳоз, ҷиҳати боло бурдани нишондиҳандаи ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар бояд таваҷҷуҳи хосса зоҳир карда шавад ва мушкилот дар роҳи воридшавии онҳо бартараф карда шавад. Махсусан ба бахши воқеии иқтисодиёт ҷалб намудани сармояи мустақими хориҷӣ бисёр муҳим мебошад. Зеро ҷалби зиёди сармояи мустақими хориҷӣ ба бахши воқеии иқтисодиёт яке аз шартҳои муайянкунандаи рушди босуръати индустриалӣ ва инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [7,с.14].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар пасманзари буҳрони ҷаҳонии молиявӣ, ки дар соли 2020 вобаста ба бемории ҳамаро фарогири COVID-19 бавуҷуд омад, боиси коҳиши ҳаҷми сармоягузорӣ дар тамоми ҷаҳон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки қисми

чудонопазири ин равандҳо мебошад, бухрони бавучудомада дар самти ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти мо низ таъсири мусбӣ расонид. Тибқи маълумоти Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2020 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 162,5 млн.дол. ИМА ташкил додааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2019 (345,9 млн.дол. ИМА) 183,4 млн.дол. ИМА кам мебошад. Бояд гуфт, ки барои рафъи сабабҳои коҳиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар кишвар, сиёсати беҳбудбахшии фазои сармоягузорӣ андешида шуд, ки дар натиҷа соли 2021 ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон 342,5 млн.дол. ИМА сармояи мустақими хориҷӣ ворид гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2020 (162,5 млн.дол. ИМА) 180 млн.дол. ИМА зиёд мебошад [3,с.1].

Бояд гуфт, ки хусусиятҳои хосси иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар ба сиёсати ҷалби сармояи хориҷӣ таъсир мерасонанд. Ба гуфтаи муҳаққиқони ватанӣ, иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кишварҳое монанд аст, ки иқтисоди хурди кушод доранд, ва тағйироти фоизии онҳо ба вориди сармояи хориҷӣ таъсир мерасонад. Дар ин ҷо ислоҳоти институтсионалӣ, устувории сиёсати андозӣ, низоми бонкӣ, беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ ва ғайра муҳим аст. Махсусан ислоҳоти дар самти дастгирии соҳаи соҳибкорӣ ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири мусбат расонидааст [5,с.31].

Ҳамин тариқ, тайи 10 соли охир ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 7,9 миллиард доллари ИМА сармояи хориҷӣ ҷалб карда шудааст, ки аз он 3,5 миллиард долларашро сармояи мустақими хориҷӣ ташкил медиҳад (ниг. ба ҷадвали 1). Тавре аз ҷадвали 1 бар меояд, воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар маҷмуъ тамоюли афзоиш дорад, ки ин аз беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ дар кишвар гувоҳӣ медиҳад. Аммо новобаста аз тамоюли умумии афзоиш, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон дар 10 соли охир бо назардошти зарфиятҳои мавҷуда қонеъкунанда намебошад.

**Ҷадвали 1. Ҳаҷми воридоти сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2012-2021 млн. долл. ИМА**
**Table 1. The volume of foreign capital inflows into the economy of the Republic of Tajikistan in 2012-2021 mln. dollar USA**

| Солҳо | 2012 | 2013 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2021 | 2021 нисбат ба 2012 бо % |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Срмояи мустақими хориҷӣ | 391,3 | 341,1 | 377,4 | 470,9 | 434,2 | 354,5 | 326,8 | 345,9 | 162,5 | 342,2 | 8,7 (коҳиш) |
| Сармоягузории портфелӣ | 0,1 | 0,2 | 1,4 | 0,0 | 0,1 | 500,0 | - | 0,1 | - | 0,1 | (бетағйир) |
| Дигар намуди сармоягузориҳо | 355,0 | 670,6 | 530,4 | 506,9 | 408,4 | 245,2 | 317,7 | 261,1 | 265,9 | 376,0 | 10,5 (рушд) |
| **Ҳамагӣ** | **746,4** | **1011,9** | **909,2** | **977,8** | **842,7** | **1100,4** | **644,5** | **607,1** | **428,4** | **718,3** | 9,6 (коҳиш) |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30-соли Истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С.371-372. Маълумоти омории кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи дархост 11.04.2022 сол)

То давраи бухронӣ ҳаҷми бештари воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли 2014 мушоҳида мешуд, ки дар ҳаҷми 470,9 миллион доллари ИМА-ро ташкил менамуд. Дар натиҷаи таъсири бухрони бавуҷудомада, соли 2020 вазъ ба куллӣ тағйир ёфта, якбора коҳиши воридоти сармояи мустақими хориҷӣ баназар расид. Дар соли 2020 воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар маҷмуъ 162,5 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014, 308,4 миллион доллари ИМА кам мебошад.

Аз соли 2021 инҷониб вазъ ба эътидол омада, ҳаҷми воридоти сармояи мустақими хориҷӣ дар соли ҷорӣ 342,2 миллион доллари ИМА-ро ташкил дод. Ҷойи зикр аст, ки дар давоми солҳои 2012-2021 аз ҳама зиёд воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба

иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2014 (470,9 млн. дол. ИМА) муйясар гардида, нишондиҳандаи пастарин дар ин самт соли 2020 (162,5 млн. дол. ИМА) ба қайд гирифта шудааст.

Ин ҳолат гувоҳӣ аз он медиҳад, ки иқтидори сармоягузории ҷумҳурӣ ҳанӯз пурра истифода нашудааст ва механизмҳои устувори ҷалби сармоягузории хориҷӣ дар кишвар ба таври пурра коркард нагаштаанд. Вусъат додани фаъолияти сармоягузории кишвар василаи муҳимми таъмини рушди иқтисодӣ буда, ҷалби бештари сармяи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти давлат метавонад ба афзоиши иқтидори истеҳсоли он мусоидат намояд ва омили гузариши кишвар ба рушди индустриалии иқтисодиёт гардад.

Қайд намудан ба маврид аст, ки зиёд гардидани ҳаҷми сармоя дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, таъсири мустақим ба рушди Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ мерасонад, ки дар натиҷа дигар нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ рушд менамоянд (ниг. ба ҷадвали 2). Ҳамбастагии зиччии сармоягузорӣ бо Маҷмуи маҳсулоти дохилӣ нишон медиҳад, ки кишвар дар асоси муносибатҳои сармоягузорӣ рушд намуда истодааст ва ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ дар рушди муносибатҳои иқтисодӣ нақши калидӣ дорад.

**Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои иқтисодӣ-иҷтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2020 млн. долл. ИМА**

**Table 2. Economic and social indicators of the Republic of Tajikistan in 2014-2020 mln. dollar USA**

| Солҳо | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ сармоягузорӣ | 977,8 | 842,7 | 1100,4 | 644,5 | 607,1 | 428,4 |
| Сармояи мустақими хориҷӣ | 470,9 | 434,2 | 354,5 | 326,8 | 345,9 | 162,5 |
| Сармоягузории портфелӣ | 0,0 | 0,1 | 500,0 | - | 0,1 | - |
| Дигар сармоя гузориҳо | 506,9 | 408,4 | 245,2 | 317,7 | 261,1 | 265,9 |
| ММД | 978,5 | 808,7 | 852,8 | 860,0 | 900,3 | 851,5 |
| Музди миёнаи як коргар (ҳаз. сомонӣ) | 878,91 | 962,16 | 1144,19 | 1233,82 | 1335,52 | 1393,78 |
| Шумораи миёнасолонаи кормандон дар бахши иқтисодӣ (ҳаз. нафар) | 2379,7 | 2385,3 | 2407,0 | 2425,5 | 2463,4 | 2506,2 |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30-соли Истиқолияти давлатӣ // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С.186, 211,330. Маълумоти омории кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи дархост 11.04.2022 сол).

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки нақши саромояи мустақими хориҷӣ дар афзоиши музди миёнаи кормандон ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ таъсири мусбат расонида, омили муҳимми рушди иқтисоди кишвар дар шароити кунунӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, чунин ҳамбастагӣ таҳлили амиқи як қатор ҷанбаҳои муҳимми ҷалби сармояи хориҷиро ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, дигаргуниҳои сохтори онро дар назар дорад. Дар баробари ин, таҳлили сармоягузорони асосии кишвар, ҳамчун талаботи беруна ба афзалиятҳои мутлақи дохилӣ ё муқоисавӣ муҳим аст.

Қобили зикр аст, ки дар давраи таҳлилшуда, дар ҷуғрофияи воридоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Ҷумҳурии Тоҷикистон дигаргунии куллӣ ба амал омад. Ин дигаргунӣ қисман ба тағйир ёфтани вазъи иқтисоди ҷаҳон ва минтақа бо назардошти пайдоиши сармоягузорони нав дар низоми сармоягузории ҷаҳонӣ вобаста мебошад. Масалан соли 2010 Ҷумҳурии Исломии Эрон вобаста ба ҳаҷми сармоягузории мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зинаи якум қарор дошт. Аз ҳаҷми умумии сармояи мустақими хориҷии ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон воридгардида, 33,9% ба Ҷумҳурии Исломии Эрон рост меомад. Ҳамзамон, ба давлатҳои бештар сармоя воридкарда, дар ҳамон сол Британияи Кабир бо 42 млн. долл. ИМА (18,2%), Федератсияи Россия бо 39,6 млн. долл. ИМА (17,1%), Ҷумҳурии Мардумии Чин бо 31,5 млн. долл. ИМА (13,6%) шомил буданд [2,с.384].

Аммо аз соли 2011 инҷониб баъди бартараф шудани муаммоҳои маъмурию иқтисодӣ миёни Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷуғрофиёи воридоти сармояи

мустақими хориҷӣ ба иқтисоодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таври куллӣ тағйир ёфт. Айни ҳол Ҷумҳурии Мардумии Чин аз рӯи воидоти сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон миёни давлатҳои воридкунандаи сармояи мустақими хориҷӣ бо 211,4 млн. доллари амрикоӣ ё 61,8% аз ҳаҷми умумии сармояи воридшуда дар соли 2021 ҷойи аввалро ишғол менамояд. Қайд намудан ба маврид аст, ки аз соли 2012 инҷониб Ҷумҳурии Мардумии Чин аз рӯи ин нишондиҳанда аз Федератсияи Россия пеш гузашт, ки аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ яке аз сармоягузорони асосӣ дар иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт (ниг. ба ҷадвали 3).

**Ҷадвали 3. Сохтори воридоти срмояи мустақими хориҷӣ аз рӯи 10 давлати шарик (млн. долл.)**

**Table 3. The structure of foreign direct capital imports by 10 partner countries (million dollars)**

| Солҳо | 2010 | 2012 | 2014 | 2016 | 2018 | 2020 | Ҷамъ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Федератсияи Россия | 39,6 | 71,6 | 47,0 | 35,1 | 23,1 | 14,0 | **230,4** |
| Ҷумҳурии Мардумии Чин | 31,5 | 82,8 | 105,3 | 322,7 | 215,5 | 120,3 | **878,1** |
| Кипр | 28,5 | 2,0 | 3,3 | 6,2 | 4,3 | 8,2 | **52,5** |
| Ҷумҳурии Исломии Эрон | 78,5 | 28,8 | 77,2 | 0,11 | 0,15 | - | **184,7** |
| Аморати Муттаҳидаи Араб | 0,0 | 65,7 | 2 | 3,2 | 2,4 | 0,1 | **73,4** |
| ИМА | 0,0 | 8,9 | 14,9 | 15,9 | 11,6 | 0,18 | **51,48** |
| Британияи Кабир | 42,0 | 60,2 | 78,7 | 6,3 | 5,2 | 0,9 | **193,3** |
| Ҷумҳурии Қазоқистон | 6,9 | 5,2 | 11,7 | 5,5 | 3,6 | - | **32,9** |
| Шветсария | 3,3 | 9,4 | 3,5 | 10,9 | 11,7 | 5,9 | **44,7** |
| Туркия | 0,6 | 18,3 | 0,4 | 6,3 | 4,1 | 7,8 | **37,5** |
| **Ҳамагӣ** | **238,9** | **391,3** | **377,4** | **434,2** | **326,8** | **342,2** | **2110,8** |

**Сарчашма:** Тоҷикистон: 30-соли Истиқолияти давлатӣ // Маҷмуаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -С.186, 211,330. Маълумоти омории Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи дархост 11.04.2022 сол).

Боиси қайд аст, ки солҳои охир ширкатҳои чинӣ бештар ба саноати кӯҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузорӣ мекунанд. Аз ҷумла 75% сармояи ширкати муштараки «Зарафшон» ба ширкати чинии Zijin Mining GroupCo. Ltd тааллуқ дорад. Ҷаъмияти саҳомии кушодаи «Ширкати коркарди маъдани тоҷикиву-чинии (Горпром)», ки ба истеҳсоли консентрати сурб машғул аст, 100% бастаи сармояҳояш ба ҷаъмияти саҳомии кушод «Динь шин хе» тааллуқ дорад. Ҳамзамон, саҳҳомони кулли ширкати «Покруд», ки ба истихроҷи тилло дар қисмати ҷанубу-шарқии мамлакат машғул аст, аз ҷониби ширкати China Nonferrous Gold Limited идора карда мешавад [6,с.70-78].

Солҳои охир таваҷҷуҳи сармоягузорони Ҷумҳурии Мардумии Чинро яке аз соҳаҳои ояндадори кишвар, яъне соҳаи саноат ба худ ҷалб намудааст. Ҳоло дар ин соҳа ширкатҳои зиёди чинӣ сармоягузорӣ намуданд. Ҳамзамон, ширкатҳои чинӣ маблағҳои зиёдеро барои таъсиси корхонаҳои саноатӣ дар минтақаҳои озоди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон сафарбар намудаанд.

Таҳлили ҷараёни сармоягузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёт нишон медиҳад, ки сарфи назар аз тамоюлҳои мусбати ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, кишвар дар низоми гардиши сармоягузории байналмилалӣ саҳми ночизро доро мебошад. Воридшавӣ ва ҷамъшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ бо диверсификатсияи пасти ҷуғрофӣ ва соҳавӣ хос буда, барои навсозии низоми иқтисодӣ ва ислоҳоти соҳавии кишвар дар низоми савдои байналмилалӣ мусоидаткунанда намебошад.

Дар шароити иқтисодиёти хурди кушоди Ҷумҳурии Тоҷикистон, афзоиш додани сармоягузорӣ ба соҳаи саноат дар низоми сармоягузории кишвар бояд дарояндаи наздик мавқеи марказиро ба худ касб намояд. Зеро ҳанӯз захираҳои зиёди истифоданашуда, ки иқтидори бузург доранд, дар кишварамон мавҷуд мебошанд. Бо вуҷуди ин, ба ҳамагон маълум аст, ки соҳаи истеҳсолот барои рушди иқтисодиёт, таъмини ҷойҳои нави корӣ, баланд шудани даромаднокии аҳолӣ ва боло бурдани сатҳи зиндагӣ мусоидаткунанда мебошад.

Дар ҷараёни ҷаҳонишавии иқтисодиёт сармояи хориҷӣ дар қатори тиҷорати байналмилалии молу хадамот дар рушди иқтисодиёт нақши муассир дорад. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки дар шароити муосир рушди устувори иқтисодиро бе иштироки самаранок дар равандҳои сармоягузорӣ, аз ҷумла бе ҷалби самараноки сармояи мустақими хориҷӣ тасаввур кардан ғайри имкон аст.

Дар гузориши UNCTAD (Созмони Милали Муттаҳида оид ба тиҷорат ва рушд) қайд шудааст, ки танҳо номуайянии сиёсати соҳавӣ, тағйирот дар сиёсати андозӣ, метавонад ба ҷараёни сармоягузории байналмилалӣ таъсири ҷиддӣ расонад ва гардиши онро коҳиш диҳад [1,с.17]. Чунин тавсияҳои институтсионалӣ барои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иқтисодиёти хурди кушод, ки дар он ислоҳоти институтсионалӣ механизми асосии ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошад, комилан қобили қабул мебошанд.

Дар ҳоли ҳозир фазои сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нигоҳи сармоягузорони хориҷӣ бо он имкониятҳои бузурги табиию иқлимӣ, ки дар кишварамон мавҷуд аст, иқтидори воқеии сармоягузории кишварро нишон намедиҳад. Аз ин рӯ, таҳияи маҷмуи тадбирҳое, ки бевосита ба мусоид намудани фазои сармоягузории кишвар алоқаманд бошад, ба мақсад мувофиқ аст. Талошҳои ниҳодҳои давлат, ки марбут ба ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ мебошанд, бояд барои бартараф намудани монеаҳои сунъӣ ва сохторӣ дар ин самт равона карда шаванд. Ҳамзамон, коҳиш додани гаронии андоз, такмили санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дар смти идоракунии корпаративӣ, бо мақсади қавӣ намудани ҳимояи ҳуқуқи саҳмдорон низ дар ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ муҳимияти хосса дорад.

Ҷойи қайд аст, ки ҳиссаи сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ва дигар сармоягузориҳо ба иқтисодиёти кишвар дар тули 13 сол (2007-2020) мутаносибан 44,2 ва 51,1%-ро ташкил медиҳад. Таносуби сармоягузориҳои мустақим ва дигар намуди сармоягузориҳо, яъне қарзи хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар, ҷавобгӯи манфиатҳои миллӣ нест, зеро он ба зиёд шудани ҳаҷми қарзи берунаи давлатӣ оварда мерасонад. Дар муқоиса бо онҳо, ҳиссаи сармоягузориҳои портфелӣ дар ҳаҷми умумии сармоягузориҳои хориҷӣ дар ҳамин давра хеле кам буда, 3,2%-ро ташкил медиҳад ва гувоҳӣ аз он аст, ки иқтисодиёти дохилии мо ҳоло бо бозорҳои молиявии ҷаҳонӣ, хусусан бо биржаҳои фондӣ робитаи мустаҳкам надорад [11,с.621].

Ҳамин тариқ, метавон қайд кард, ки мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар низоми гардиши байналмилалии сармоягузории мустақими хориҷӣ чандон зиёд нест. Аз ин рӯ, ҷиҳати баланд бардоштани мавқеи давлат дар гардиши байналмилалии сармоягузории мустақими хориҷӣ ва зиёд ҷалб намудани он ба иқтисодиёти кишвар, беҳсозии фазои сармоягузорӣ муҳим мебошад. Дар ин ҷо, пеш аз ҳама, бояд кор дар самти рушди бозори такрории коғазҳои қиматнок ва беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ вусъат дода шавад.

Диққати махсус зоҳир намудан ба рушди муҳити рақобат, ҷорӣ намудани низоми инноватсионии идоракунии истеҳсолот ва хизматрасонӣ муҳим мебошад. Иштирок дар лоиҳаҳои инфрасохтори байналмилалӣ ва минтақавии истеҳсолӣ ва такмили инфрасохтори иқтисоди бозорӣ яке аз механизми муҳимми беҳсозии фазои сармоягузории кишвар мебошад. Ин ва дигар вазифаҳо бояд бо назардошти риояи манфиатҳои давлатҳо дар шароити ҳамгироии ҷаҳоншавии бозори захираҳои сармоягузорӣ ба амал бароварда шаванд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Содиқзода Парвиз**

**АДАБИЁТ**


1. Доклад о мировых инвестициях за 2020 год. Инвестиции и цифровая экономика (издание Организации Объединенных Наций, в продаже под №E.17.II.D.3). [Электронный ресурс]. URL: https://unctad.org/en/PublicationsLibrary/wir2020_overview_ru.pdf (дата обращения 11. 04. 2022).
2. Кандёрова Д.О. Формирование инвестиционной модели развития Республики Таджикистан / Д.О. Кандёрова, Д.К. Ходжаев // Сборник материалов международной научно-практической конференции. -Душанбе, 2018. -384 с.
3. Маълумоти омории кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/tj/sarmoya/faolijati-sarmojaguzor/27-omori-sarmojaguzorii-hori.html (санаи дархост 11.04.2022 сол).

4. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». –Душанбе, 26.01.2021. -С.5.
5. Рахимов Р.К. Некоторые вопросы инвестирования экономического роста / Р.К. Рахимов // Экономика Таджикистана: стратегия развития. – 2003. -№1. -С.31.
6. Сафаров Б.Г. Формирование механизма привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Б.Г. Сафаров, Д.К. Ходжаев // Вестник Таджикский государственный университет коммерции. -Душанбе, 2019. -№2(27). -С.70-78.
7. Солиев А.А. Источники финансового оздоровления экономики Республики Таджикистан / А.А. Солиев // Материалы международной научно-практической конференции на тему «Финансово-экономическая система: реалии и перспективы». -Бишкек, 2014. -С.14.
8. Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. –Душанбе, 2016. -С.26.
9. Фасехзода И.С. Использование зарубежного опыта в формировании продовольственной безопасности Республики Таджикистан / Фасехзода И.С., Джурахонзода Б. // Журнал «Наука и образование сегодня» Российская Федерация. –М., 2020. -№1(48). -С.11-17. ISSN 2414-5718
10. Ходжаев Д.К. Привлечение иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан / Д.К. Ходжаев, Н.Ф. Нуруллоев // Сборник материалов международной научно-практической конференции на тему «Система народного хозяйства в условиях формирования мирового хозяйства». –Крым, 2019. –часть 2. –С.617-621.
11. Ходжаев, Д.К. Формирование региональной интеграции на постсоветском пространстве: теоретической аспект / Д.К. Ходжаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия экономических наук. -Душанбе, 2014. -№2/6(144). -С.53-58.
12. Хофизов Х.А. Альтернативные направления, привлечения прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Проблемы обеспечение устойчивого сбалансированного развития мировой экономики: тенденции и перспективы. Материалы международной научно-практической конференции (Душанбе, 28 октября 2019 г.). – Душанбе: Институт предпринимательства и сервиса, 2019. -С.29-34.
13. Хофизов Х.А. Эконометрический анализ факторов, влияющих на привлечение прямых иностранных инвестиций / Х.А. Хофизов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2021. -№2. -С.44-53.

## ТАҲЛИЛИ СОХТОРИ САРМОЯИ МУСТАҚИМИ ХОРИҶӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур тамоил ва сохтори ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф дар мақола иброз медорад, ки солҳои охир ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли болоравиро ба худ касб намудааст. Ин нишондиҳанда гувоҳӣ аз он медиҳад, ки воридшавии сармоягузориҳои мустақими хориҷӣ ба иқтисодиёти кишвар таъсири мусбӣ гузошта, муҳити макроиқтисодиро беҳтар менамояд. Ҳамзамон, дар мақола дарҷ гардидааст, ки ҳиссаи сармоягузориҳо ба иншооти истеҳсолӣ дар солҳои охир афзоиш ёфтааст. Ин асосан аз афзоиши сармоягузориҳо дар иншоотҳои саноатӣ, аз ҷумла корхонаҳои шаклҳои гуногуни дар соҳаҳои саноат, энергетика, кишоварзӣ, нақлиёт ва ғайра мебошад. Бо вуҷуди ин, муаллиф қайд мекунад, ки новобаста аз тамоюли умумии афзоиш, ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ ба иқтисоди Тоҷикистон бо назардошти зарфиятҳои мавҷуда қонеъкунанда намебошад. Барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ иқлими сармогузорӣ ҳанӯз рушд наёфтааст. Дар қисмати хулосавии мақола муаллиф якчанд тадбирҳоро барои ҷалби сармояи мустақими хориҷӣ пешниҳод менамоянд, ки онҳо аз беҳбуд бахшидани фазои сармоягузории кишвар, такмил додани заминаи қонунгузорӣ, озодкунии тиҷорати хориҷӣ ва дохилӣ, рушди инфрасохтори бозор, баланд бардоштани устувории низоми бонкии кишвар, тақвият бахшидани фаъолияти бозори коғазҳои қиматнок, таҳияи муҳити рақобатбахш ва ғайра иборат мебошанд.

**Калидвожаҳо**: иқтисодиёт, сармоягузорӣ, сармояи мустақими хориҷӣ, фазои сармоягузорӣ, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ, ҷуғрофии сармоягузорӣ, бозори коғазҳои қиматнок, сармоягузорӣ дар соҳаҳои саноат, рақобат, инфрасохтори бозор, сармоягузории портфелӣ.

## АНАЛИЗ СТРУКТУРЫ ИНОСТРАННЫХ ИНВЕСТИЦИЙ В ЭКОНОМИКУ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В данной статье анализируются тенденции и структура привлечения прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан. Автор статьи отмечает, что в последние годы привлечение прямых иностранных инвестиций в экономику Республики Таджикистан имеет тенденцию роста. Этот показатель означает, что приток прямых иностранных инвестиций оказывает положительное влияние на экономику страны и улучшает макроэкономическую среду. В то же время в статье отмечается, что в последние годы увеличилась доля инвестиций в производственные мощности. В основном, это связано с ростом инвестиций в промышленные объекты, в том числе предприятия различных форм промышленности, энергетики, сельского хозяйства, транспорта и так далее. Однако автор отмечает, что, несмотря на общую тенденцию роста, привлечение прямых иностранных инвестиций в экономику Таджикистана не является удовлетворительным, учитывая имеющийся потенциал. Инвестиционный климат для привлечения прямых иностранных инвестиций еще не создан. В заключительной части статьи автор предлагает ряд мер по привлечению прямых иностранных инвестиций, в том числе улучшение инвестиционного климата страны, совершенствование правовой базы, либерализацию внешней и внутренней

торговли, развитие рыночной инфраструктуры, развитие банковской системы страны, развитие рынка ценных бумаг, развитие конкурентной среды и так далее.

**Ключевые слова:** экономика, инвестиции, прямые иностранные инвестиции, инвестиционный климат, валовой внутренний продукт, география инвестиций, рынок ценных бумаг, инвестиции в промышленность, конкуренция, рыночная инфраструктура, портфельные инвестиции.

**ANALYSIS OF THE STRUCTURE OF FOREIGN INVESTMENTS IN THE ECONOMY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

In the article it is analyzed the structure and trends of attracting foreign direct investment in the economy of the Republic of Tajikistan. The author of the article notes that in recent years, attracting foreign direct investment in the economy of the Republic of Tajikistan has a growing trend. This indicator shows that the inflow of foreign direct investment has a positive impact on the country's economy and improves the macroeconomic environment. At the same time, in the article it is noted that in recent years the share of investments in production capacities has increased. This is mainly due to the growth of investment in industrial facilities, including enterprises of various forms of industry, energy, agriculture, transport and so on. However, the author notes that, despite the general growth trend, attracting the foreign direct investment in the economy of Tajikistan is not satisfactory, given the existing potential. The investment climate for attracting the foreign direct investment has not yet been created. In the final part of the article, the author proposes a number of measures to attract the foreign direct investment, including improving the country's investment climate, improving the legal framework, liberalizing foreign and domestic trade, developing market infrastructure, developing the country's banking system, developing the stocks and bonds market, developing a competitive environment and etc.

**Keywords:** economy, investment, foreign direct investment, investment climate, gross domestic product, investment geography, the stocks and bonds market, industrial investment, competition, market infrastructure, portfolio investment.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Хоҷазода Давронҷон Қурбоналӣ* -** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, декани факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодӣ. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14. E-mail: **d.hojaev86@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-41-81-11**

**Сведения об авторе**: ***Ходжазода Давронжон Курбонали*** - Таджикский государственный финансово-экономический университет, кандидат экономических наук, доцент, декан факультета менеджмента и финансового права. **Адрес**: 734067, Республика Таджикистан, г. Душанбе, улица Нахимова, 64/14. E-mail: **d.hojaev86@mail.ru**. Телефон: **(+992) 918-41-81-11**

**Information about the author:** ***Khojazoda Davronjon Kurbonali*** - Tajik State University of Finance and Economics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Dean of the Faculty of Management and Financial Law. **Address**: 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. E-mail: **d.hojaev86@mail.ru.** Phone: **(+992) 918-41-81-11**

УДК 336.777

# САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИДОРАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ

***Каримов Б.И.***
**Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон**

Рушди низоми идоракунии истеҳсолот ва баҳодиҳӣ, самаранокии барномаҳои электронӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ ҳолати дуруст ташкилкунии технологияҳои ҷамъоварӣ, интиқол ва коркарди иттилооти иқтисодиро иҷро менамояд.

Раванди технологии коркарди иттилоот дар системаҳои иттилоотӣ, ин маҷмуи амалҳои бо ҳам алоқаманди мубодилаи иттилоот, мувофиқи масъалаҳои гузошташудаи истифодабарандагон, аз давраи бавуҷудоӣ то коркарди он мебошанд.

Новобаста аз шаклҳои ташкилкунӣ раванди технологӣ бояд ба принсипҳои асосии зерин ҷавобгӯй бошад:

- амалкунии эътимодноки равандҳои идоракунии электронӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ;
- камкунии хароҷотҳои моддию меҳнатӣ бо бавуҷуд омадани низоми идоракунии электронӣ низоми идоракунии молияи давлатӣ;
- сарфакунии вақти коркарди ахбор бо технологияҳои нав тавассути низоми идоракунии электронӣ дар идоракунии молияи давлатӣ.

Барои ҳар як истифодабаранда лозим аст, ки бо тайёркунии маълумотҳои ибтидоӣ, ҷамъоварию нигоҳдории маълумотҳо, пуркунии ҳуҷҷатҳои гуногун, тайёркунии китобҳои қайдкунӣ, тавассути барномаҳои электронӣ дар идоракунии молияи давлатӣ машғул шаванд. Қисми зиёди вақт дар рафти тайёркунии ҳуҷҷатҳои молиявӣ сарф шуда, бо бавуҷуд омадани низоми нави электронӣ кам сарфа мегардад. Дар ин маврид, дуруст аст, ки равандҳои технологӣ бо хосиятҳои гуногуни худ асоснок карда мешаванд ва дар байни онҳо асосиашон амалҳои механикунонӣ ва автоматикунонӣ дар соҳаи молия ба ҳисоб мераванд [7,с.125].

Ба тарзи механикии равандҳои технологӣ ва идоракунии молияи давлатӣ он амалҳое дохил шуда метавонанд, ки ҳангоми иҷрои онҳо истифодабаранда, ақалан ягон воситаи техникии одиро истифода барад, масалан калкулятор, МЭҲ, ё ин ки бисёре аз ҳуҷҷатҳо ба воситаи мошинкаи чопкунӣ пур карда мешаванд. Одатан ҳангоми истифодаи ин гуна воситаҳои техникӣ, қисми зиёди корро дастӣ иҷро менамоянд. Давраҳои асосӣ ва амалҳои равандҳои пешравии технологияи идоракунии молияи давлатӣ, коркардро ба таври зерин нишон додан мумкин аст (расми 1).

**Расми 1. Давраҳои асосӣ ва амалҳои равандҳои технологии коркарди иттилоот дар низоми идоракуни молияи давлатӣ**

**Figure 1. The main periods and actions of the technological processes of information processing in the state financial management system**

| Давраҳо | Амалҳо |
|---|---|
| Ибтидоӣ | Ғункунӣ ва бақайдгирии маълумотҳо<br>Ирсол ва қабули маълумотҳо |
| Тайёрӣ**МАРЊИЛ** | Воридкунӣ, ҷойгиркунии маълумотҳо<br>Назорати воридкунӣ<br>Сабти маълумот ба барандаҳои мошинӣ дар низоми нави электронӣ. |
| Асосӣ | Ғунҷоиш<br>Гурӯҳбандӣ<br>Коркарди маълумотҳои иқтисодию молиявӣ<br>Таҳрир<br>Баровардани ахбори натиҷавӣ<br>Архивкунии маълумотҳо молиявӣ |

Амалҳои автоматикунонии равандҳои технологияи итиллотӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ бошанд, дар худ истифодаи васеи воситаҳои техникии навтаринро талаб менамоянд ва ҳангоми иҷрошавии онҳо иштироки инсон камтар ба ҳисоб меравад. Масалан, чопи ҳуҷҷатҳои натиҷавӣ дар коғаз, назорати камеравии кормандон, назорати равандҳои молиявии электронӣ TFMis/SGB.net аз тарафи Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сабтнамои барномаҳо, ҳисоботдиҳӣ тавассути барномаи TFMis/SGB.net дар идоракунии молия тавассути барномаҳои нав.

Ба амалҳои автоматикӣ бошад, чунин амалҳое дохил карда мешаванд, ки дар онҳо иштироки инсон кам аст ва техникаи навтаринро талаб менамоянд. Ба ин амалҳои асосӣ нақши муҳимтаринро технологияҳои нав иҷро менамоянд.

Раванди коркарди иттилооти иқтисодиро дар низоми идоракунии молияи давлатӣ вақти ҳалли дилхоҳ масъала ба давраҳои зерин ҷудо кардан мумкин аст:

- ибтидоӣ;
- омодакунӣ;
- асосӣ;
- интиҳоӣ.

Давраи ибтидоӣ-ҷамъоварӣ, бақайдгирии иттилооти ибтидоӣ ва воридкунии он ба компютер ба ҳисоб меравад. Давраи омодакунии гузаронидани иттилоотро ба барандаҳои иттилоотӣ ва назорати онро ифода мекунад. Давраи асосӣ бошад, коркарди бевоситаи иттилоотро таъмин менамояд. Дар давраи интиҳоӣ санҷиш, хатм ва додани натиҷаҳо ба истифодабарандагон иҷро карда мешаванд.

Дар идоракуни равандҳо ва объектҳои иқтисодӣ масъалаҳои муайяни идоракунӣ мавриди муоина қарор мегиранд. Чунин масъалаҳои идоракуние мавҷуданд, ки дар онҳо ҳама ҷараёнҳои коркарди иттилоот аз аввал маълуманд. Чун қоида, ин масъалаҳои доимии ҳалкунанда дар давраҳои муайян мебошанд [8,с.13].

Ҳалли онҳо, ҳангоми ташкили системаи иттилоотии иқтисодӣ (СИИ), дар навбати аввал, автоматикунонида мешаванд. Аммо, дар ин ҳолатҳо низ, одам аз идоракунӣ хориҷ карда намешавад, чунки ба зиммаи вай вазифаҳои назораткунӣ, қабули қарори натиҷавӣ оиди тамоми масъалаҳои асосӣ ва имконияти дигар кардани гузориши масъала меистад. Мафҳуми идора чун раванди такроршавандаи мураккаб нишон медиҳад, ки коркарди иттилоот аз қабули қарори идоракунӣ ҷудонашаванда аст [7,с.21].

Дар шароити ҷудонамоии коркарди иттилоот аз идоракунӣ, аз як тараф, ҳангоми ихтисосгардонӣ ва аз тарафи дигар, ҳангоми зарурати муттаҳидкунии равандҳои коркард ва қабули қарорҳо ба раванди ягонаи идора масъалаҳои ҷорикунии органикии усулҳои нави коркарди иттилоот ба системаи идоракуниро ба вуҷуд меорад.

Ҳангоми сохтани системаҳои автоматикунонӣ ин масъалаҳо доимо дар маркази диққат қарор мегиранд, чунки таъминоти иттилоотӣ якҷоя бо зерсистемаҳои иҷрои вазифа лоиҳасозӣ карда мешаванд. Масъалаҳои ҷорикунии органикии усулҳои мошинии коркарди иттилоот, бояд бо кӯшишҳои якҷояи кормандони ташкилотҳои идоракунӣ, ки барои таъминоти барномавӣ ва компютерӣ ҷавобгаранд, ҳал карда шаванд. Тавассути органҳои идоракунӣ бояд ҷараёнҳои коркарди иттилоот бо иттилооти воридшаванда ва хориҷшаванда интихоб карда шаванд. Такмили равандҳои коркарди иттилоот дар маҷмуи чораҳо оиди такмили идора нақши аз ҳама асосиро мебозанд.

Дар ин маҷмуъ се самтро қайд намудан мумкин аст:

1) Такмили бутуни сохти иқтисодӣ мебошад. Ба ин самт муайянкунии масъалаҳои глобалӣ, усулҳои идоракунии инкишофи иқтисодӣ, аз тарафи корхона, чун звенои марказии идора, инчунин, баҳодиҳию ба мувозинатдарории фаъолияти объектҳои иқтисодиро дохил кардан мумкин аст. Ҳалли ин масъалаҳои пурмазмун, таҳлили босифат ва зеҳниро талаб мекунанд ва гирифтани натиҷаҳо дар актҳои қонунии қарорҳои корхона ба қайд гирифта мешаванд.

2) Инкишоф додани ташкили раванди идоракунӣ мебошад. Ин самт мақсад ва масъалаҳои ишкишофро дар бар мегирад. Вай аз ҳама зиёдтар сохтори органҳои идоракунии истеҳсолот ва тавсифи алоқаҳои байниҳамдигарии онҳоро меомӯзад ва равандҳои қабули қарорҳоро тағйир медиҳад. Ба вай алоқамандии зарсистемаҳои поёнӣ, масъалаҳои ба онҳо вобаста, тарҳи (схемаи) фиристодани ҳуҷҷатҳо ба органҳои

идоракунӣ тааллуқ доранд. Яке аз чунин тарзҳои инкишоф, ташкили системаҳои идоракунии автоматикунонӣ мебошад [6,с.121].

3) Инкишоф додани идоракуни молиявӣ бо таъминоти иттилоотӣ мебошад. Ин самт барои хуб намудани тавсифҳои он иттилооте равон гаштааст, ки бо он органҳои идоракунии молиявиро таъмин мегарданд. Шакли асосии онҳо, ин сохтани системаҳои иттилоотӣ ва экспертӣ, ки тавассути барномаҳои нав ба роҳ монда мебошанд. Агар дар системаҳои идоракунии автоматикунонӣ ба тамоми раванди идора диққат дода шавад, пас дар системаҳои иттилоотӣ дар идоракунии молияи давлатӣ, ба коркарди иттилооти он диққат медиҳанд.

Дар байни самтҳо ва дараҷаҳои контури идоракунӣ монандиро овардан мумкин аст. Дар расми 2, тарҳи идоракунии раванди тиҷоратии як объекти иқтисодӣ оварда шудааст.

**Расми 2. Тарҳи умумии идоракунии раванди тиҷоратӣ молиявӣ**
**Figure 2. General design of financial business process management**




Бо ададҳо чунин алоқаҳои иттилоотӣ ифода гаштаанд:

1. Селоби иттилоотӣ, ки аз органҳои берунӣ (идоракунанда, захиравӣ, молиявӣ ва монанди онҳо) ворид мегарданд.

2. Иттилоот оиди шартҳои фаъолияти хоҷагидорӣ дар низоми идоракунии молияи давлатӣ (захираҳои нақдӣ ва ғайринақдӣ, муҳлатҳои расонидани иттилооти молиявӣ ва ғайраҳо).

3. Таъсиротҳои идорашаванда, расонидани қарорҳои идоракунии молиявӣ ба объекти идора.

4. Иттилоот оиди амалигардонии низоми электронии молиявӣ, таъсиротҳои идора.

5. Иттилоот оиди натиҷаҳои истеҳсолот ва натиҷаҳои молиявӣ (масалан, қоғазҳои қиматнок, чек, пулҳои нақдӣ, маҳсулотҳои баровардашуда, ҳаҷми фурӯш ва ғайраҳо).

Автоматикунонии ҷойи кор асосан барои ҳамон истифодабарандагоне ташкил карда мешавад, ки онҳо соҳиби донишҳои амиқи соҳаи техникаи ҳисоббарор ва барномасозӣ намебошанд.

Маҷмуи воситаҳои техникӣ ва барномавии автоматикунонии ҷойи кор барои ҳар як мутахассис махсусонида мешавад.

Ба ҷойҳои кории автоматикунонидашудаи муҳосиб як қатор талаботҳои умумӣ пешкаш карда мешаванд, ки муҳимтаринаш инҳоянд:

-мавҷудияти воситаҳои худи иттилоот;

-имконияти кор дар режимҳои коркарди иттилоот;

-иҷрои талаботҳои асосии эргономикӣ, тақсими оқилонаи вазифаҳо дар байни истифодабарандагон, ҷузъҳои МЭҲ, муҳити атроф, ташкилкунии шароити мусоиди кор бо усулҳои техникӣ, қулайи сохти ҶКА, баҳисобгирии омилҳои психологии истифодабаранда, динамикаи шакл ва ранги ҷузъҳои ҶКА ва ғайраҳо;

-ҳосилнокӣ ва эътимоднокии баланди воситаҳои дар системаи ҶКА коркунанда;

-таъминоти барномавии бо масъалаҳои истифодабаранда мувофиқ;

-дараҷаи баландтарини автоматикунонии амалиётҳои меҳнатталаб.

ҶКА-и муҳосибон аз чунин унсурҳои сохторӣ тартиб ёфтааст:

-воситаҳои техникӣ, воситаҳои иттилоотӣ, воситаҳои барномавӣ ва таъминоти ташкилӣ.

Воситаҳои техникӣ ҶКА-и муҳосибон асосан аз компютерҳои фардӣ иборат аст, ки мувофиқи талаботҳои ҳар як истифодабарандаи мушаххас ба онҳо дигар воситаҳои ёрирасон, ба монанди иттилоотғункунакҳои дискӣ, дастгоҳи чопкунӣ, дастгоҳи графиксоз, воситаҳои пайвасткунӣ бо дигар компютерҳои система ҳамроҳ карда мешаванд.

Дар ҶКА муҳосибон бештар компютерҳои фардӣ намуди IBM ва PENTIUM истифода бурда мешаванд. Ба воситаҳои иттилоотии ҶКА муҳосибон массивҳои иттилоотии дар базаҳои локалии маълумотҳо нигоҳдошташаванда ва системаи идоракунии базаҳои маълумотҳо дохил мешаванд. Воситаҳои барномавии ҶКА-и муҳосибон аз системаҳои амалиётӣ, барномаҳои хизматӣ, воситаҳои барномасозӣ, барномаҳои аслии истифодабарандагон, дастаҳои барномаҳои амалиявӣ, редакторҳои матнҳо, протсесорҳои матнӣ ва ҷадвалӣ иборат мебошанд.

Таъминоти ташкилии ҶКА – ин маҷмуи воситаву чорабиниҳое мебошад, ки ташкилкунӣ, амалкунӣ ва инкишофи ҶКА, тайёркунии кормандон, банақшагирӣ, баҳисобгирӣ, назорат, таҳлил ва танзимкунии корҳои истифодабарандагонро таъмин менамояд.

Барои он ки унсурҳои ҶКА самаранок истифода бурда шавад, ба такроршавии маълумотҳову барномаҳо роҳ дода нашавад. Имконияти мубодилаи иттилоотӣ дар байни компютерҳо ташкил карда ва ҶКА дар ҳайати шабакаҳои ҳисоббарор муттаҳид карда шаванд.

Пеш аз он ки ташкили ҶКА-ро дар ҳайати шабакаҳои ҳисоббарор муоина намоем, бо мафҳуми умумии шабакаҳои ҳисоббарор шинос мешавем.

Шабакаҳои ҳисоббарор, ин маҷмуи компютерҳо ва дигар воситаҳои коркарди иттилоот мебошад, ки бо ҳамдигар бо ёрии хатҳои интиқоли маълумотҳо пайваст гардида, амал мекунанд. Дар ин ҳолат компютерҳоро бо ҳамдигар мубодила намуда, воситаҳои барномавии иттилоотӣ ва таҷҳизотҳои ёрирасонро ҳамҷоя истифода мебаранд.

Шабакаҳои ҳисоббарор дар ҳудуди корхонаҳо, музофотҳо ва мамлакатҳо амал мекунад. Ташкил ва амаликунонии шабакаҳои ҳисоббарор, самаранокии истифодабарии воситаҳои коркарди иттилоотро баланд мебардорад ва ба истифодабарандагон имконият медиҳад, ки онҳо ресурсҳои пуриқтидори системаи ҳисоббарор, барномаҳо ва бонкҳои маълумотҳоро ҳамҷоя истифода баранд. Шабакаҳои ҳисоббарор ба чунин гурӯҳи асосӣ ҷудо мешавад: глобалӣ, музофотӣ ва локалӣ [3,с.86].

Шабакаҳои ҳисоббарори глобалӣ асосан дар ҳудуди мамлакат ва ё байни давлатҳо амал менамоянд. Шабакаҳои ҳисоббарори музофотӣ дар ҳудуди ноҳияҳо, вилоятҳо ва музофотҳо амал менамоянд. Шабакаҳои ҳисоббарори локалӣ бошад, асосан аз компютерҳои фардӣ иборат буда, дар дохили як корхона ё муассиса ташкил карда мешавад.

Шабакаҳои ҳисоббарори локалӣ аз як файл-сервер, ки вазифаи якчанд ҷойи кори автоматикунонидашударо иҷро менамояд ва ё аз файл серверҳо ва серверҳои коммуникатсионии зиёде бо даҳҳо ва садҳо ҷойҳои кории автоматикунонидашуда пайваст буда, иборат буда метавонад.

Файли сервер мағзи ШҲЛ-ро ташкил менамояд ва он аз компютерӣ персонали пуриқтидор иборат мебошад. Файл-сервер системаи амалиётиро ба шабака бор менамояд ва селоби маълумотҳои ба шабака дохилшавандаро идора менамояд. Ҷойҳои кории автоматикунонидашуда ба файл –серверҳо пайваст мешаванд. Ҳар як ҷойи кории шабака аз компютери персоналие иборат мебошад, ки таҳти системаи амалиётии худ амал менамояд. Ҳар як ҶКА барномаи махсусеро сар медиҳад, ки пардаи шабака ном дорад ва ба компютери фард имконият медиҳад, ки ба файл-сервер алоқа барно намуда, файлҳо, барномаҳои дастгоҳҳои онро истифода барад.

Фаъолияти файл-серверро системаи амалиётии шабакавӣ идора менамояд, ки чун системаи амалиётии мухтор амал менамояд (windovs NT), бо ҳамон фарқияте, ки он барои идораи равандҳои додугирифти маълумотҳо хизмат мекунад.

Бартариҳои истифодаи ҶКА ва шабакаҳои локалӣ дар ҳалли масъалаҳои муҳосибӣ чунинанд:

-имконияти мубодилаи диалогии иттилоот ба миён меояд;

-эҳтимолияти ҷой доштани хатогиҳо дар ҳуҷҷатҳои муҳосибӣ кам мегардад;

-сари вақт ҳуҷҷатҳо коркард шуда, маълумотҳои натиҷавӣ гирифта мешаванд;

-меҳнати дастии коркарди иттилоот кам карда мешавад.

Ҳамаи ин омилҳо ба самарнокии иқтисодии коркарди иттилооти муҳосибӣ оварда мерасонад.

Дар маҷмуъ, баъди омӯзиши масъалаи мазкур хулоса намудан мумкин аст, ки ташаккулёбии ҳукумати электронӣ, яке аз дастовардҳои муосири инсоният буда, баҳри пешрафт ва самаранок ба роҳ мондани муносибати шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ мусоидаткунанда баҳисоб меравад. Дар баробари амалишавии ҳукумати электронӣ, дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои мақомоти давлатӣ рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, имконият медиҳад, ки тамоми сохтори давлатӣ ва хизматрасониҳо рӯ ба беҳбудӣ ниҳода, барои ҷомеа мувофиқ гарданд. Аз ин лиҳоз, мо гуфта метавонем, ки бо ташаккулёбии ҳукумати электронӣ сатҳи зиндагии мардум хело боло рафта, дар маҷмуъ, ҷиҳати татбиқи ҳадафҳои стратегии кишвар ҳукумати электронӣ мусоидаткунанда мебошад.

**Муқарриз: н.и.и, дотсенти ДМТ – Худойназаров Д.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Автоматизированные информационные технологии в банковской деятельности / Под. ред. Г.А. Титоренко. -М.: Финстройинформ, 1998. -53 с.
2. Автоматизированные информационные технологии в экономике / Под ред. Г.А. Титоренко. -М.: ЮНИТИ, 2002. -265 с.
3. Автоматизированные информационные технологии в экономике. Учебник / Под общ. ред. М.Т. Трубилина. -М.: Финансы и статистика, 2000. -416 с.
4. Атоев, А. Ҳукумати электронӣ ва мавқеи Тоҷикистон дар ҷомаеи донишбунёди ҷаҳонӣ / А. Атоев. -Душанбе, 2012. -215 с.
5. Барномаи давлатии рушди пахши телевизиони рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2010-2015. [Манбаи электронӣ]. URL: www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=12543. (санаи муроҷиат: 12.10.2021с
6. Гадоев С. Омӯзиши компютерӣ / С. Гадоев, Б. Саидов. -Душанбе, 2009. -209 с.
7. Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020с: -125 с. [Манбаи электронӣ]. URL: www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn=115901 (санаи муроҷиат: 25.10.2021с.).
8. Мирзоалиев А.А. Масоили рушди иқтисодиёти рақамӣ дар шароити мирӯза / А.А. Мирзоалиев, П.И Холиқова. // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. -№2. –С.155-161.
9. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. –Душанбе: Шарқи озод, 26 апрели соли 2013. -13 с.
10. Пажуҳиши омадагии электронии Тоҷикистон. Тадқиқот (бо дастгирии молиявии Институти «Ҷамъияти Кушода»-и Бунёди Мадад – Тоҷикистон. Дар моҳҳои май-июли соли 2010). -Душанбе, 2010. -97 с.
11. Ҳукумати электронӣ - рушди идорасозӣ ё таҳлил ва амнияти кишвар. [Манбаи электронӣ]. URL: www.jumhuriyat.tj/index.php?art_id=11533. (санаи муроҷиат: 28.10.2021с.).
12. Сайдуллаев У.У. Основы обеспечения качества услуг цифрового телевидения / У.У. Сайдуллаев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2022. -№11. –С.161-167.
13. Самадова З.А. Оид ба асосҳои илмии консепсияи иқтисодиёти рақамӣ / З.А. Самадова, М.И. Ҳасанова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. –Душанбе, 2022. -№7. –С.31-37.


## САМАРАНОКИИ НИЗОМИ ЭЛЕКТРОНӢ ОМИЛИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ ИДОРАИ МОЛИЯИ ДАВЛАТӢ


Дар мақолаи мазкур самаранокии низоми электронӣ омили баланд бардоштани идораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди барарсӣ қарор дода шудааст. Дар замони рушди бемайлони низоми иттилоотӣ ва торафт мураккаб гардидани муносибатҳои бозорӣ, талабот ба тайёр намудани мутахасисони дорои донишҳои баланди идоракунӣ ва технологияҳои гуногуни коркарди ахбори иқтисодӣ меафзояд. Чуноне ба мо маълум аст, ҳоло тараққиёти дилхоҳ соҳаи иқтисодиётро бе таҳлили саривақтии иттилоот тасаввур кардан ғайриимкон аст. Мақолаи мазкур маҳз муҳиммияти татбиҳи ҳукумати электрониро дар рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон арзёбӣ намуда, муаллиф паҳлуҳои гуногуни мавзуи мазкурро таҳлил намудааст. Ҳамзамон, аз ҷониби муаллиф сатҳи амалишавии Консепсияии ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифта, тавсияҳои мушахас пешниҳод гардидааст.



**Калидвожаҳо:** захираҳои иттилоотӣ, ахбор, ҷамъоварӣ, коммуникатсионӣ, таҳлил, автоматикунонии системаҳои иттилоотӣ, каналхои алоқа, телефон, телеграф, телефакс, шабакаҳои локалӣ, шабакаҳои глобалӣ.


## ЭФФЕКТИВНОСТЬ ЭЛЕКТРОННОЙ СИСТЕМЫ- ФАКТОР УЛУЧШЕНИЯ УПРАВЛЕНИЯ ГОСУДАРСТВЕННЫМИ ФИНАНСАМИ


В данной статье рассматриваются эффективность электронной системы- фактор улучшения управления государственными финансами Республики Таджикистан. С постоянным развитием информационной системы и усложнением рыночных отношений растет потребность в подгоготовке специалистов с высокими управленческими знаниями и различными технологиям обработки экономической информации. Как известно,

сейчас невозможно представить развитие любого сектра экономики без своевременного анализа инфомации. В статье дается оценка важности внедрения электронного правительства в экономическом развитии Республики Таджикистан, и автор анализирует различные аспекты этой темы. В то же время автор изучил реализацию Концепции электронного правительства в Республике Таджикистан и дал конкретные рекомендации.

**Ключевые слова:** информационные системы, новости, сборник, коммуникация, анализ, автоматизация информационных систем, каналы связи, телефон, телеграф, телефакс, локальные сети, глобальные сети.

**THE EFFECTIVENESS OF THE ELECTRONIC SYSTEM IS A FACTOR IN IMPROVING THE MANAGEMENT OF PUBLIC FINANCES**

This article discusses the effectiveness of the electronic system - a factor in improving the management of public finances of the Republic of Tajikistan. With the constant development of the information system and the complication of market relations, the need for training specialists with high managerial knowledge and various technologies for processing economic information is growing. As you know, now it is impossible to imagine the development of any sector of the economy without a timely analysis of information. The article assesses the importance of introducing e-government in the economic development of the Republic of Tajikistan, and the author analyzes various aspects of this topic. At the same time, the author studied the implementation of the e-Government Concept in the Republic of Tajikistan and gave specific recommendations.

**Keywords:** information resources, news, collection, communication, analysis, automation of information systems, communication channels, telephone, telegraph, fax, local area networks, global networks.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Каримов Бахромҷон Исматуллоевич*** **-** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, ассистенти кафедраи менеҷмент. **Суроға**: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Наҳимов, 64/14. Телефон: **(+992) 904-46-77-33**. E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Каримов Бахромжон Исматуллоевич*** **-** Таджикский государственный финансово-экономический университет, ассистент кафедры менеджмента. **Адрес:** 734067, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Нахимова, 64/14. Телефон: **(+992) 904-46-77-33**. E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**

**Information about the author:** ***Karimov Bakhromjon Ismatulloevich*** **- T**ajik State Financial and Economic University, assistant Department of Management**. Address:** 734067, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Nakhimov street 64/14. Phone: **(+992) 904-46-77-33.** E-mail: **k.bahrom94@mail.ru**

УДК 338.15

# ФОИДА – НАТИҶАИ НИҲОИИ ҲАДАФИ СОҲИБКОР ВА ИДОРАКУНИИ ОН ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

*Сафарзода Гулбегим Гурез*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ**

Масъалаҳои таъмини рақобатпазирӣ, устуворӣ, амният, рушди корхона, пеш аз ҳама, бо ҳамоҳангсозии ҳадафҳои корхона алоқаманд мебошад ва яке аз душвортарин вазифаҳои раванди ҳар як тағйирот дар корхона, ба ҳам мутобиқ кардани манфиатҳои ба ҳам мухолиф ба ҳисоб меравад. Ҷиҳати расидан ба ҳадафҳои гузошташуда дар асоси таҳлили ҳолати молиявии фаъолияти корхона, пеш аз ҳама, мақсади фаъолият ва роҳҳои расидан ба он муайян карда мешавад.

Мафҳуми "мақсад" мафҳуми бисёрҷанба буда, ҳамчун ҳадафҳои фаъолияти корхонаҳо бо назардошти намудҳо ва манфиатҳои иштирокчиёни истеҳсолот, равандҳои гузоштани ҳадафҳо дар идоракунии стратегии корхона ва критерияҳои ноил шудан ба ҳадафҳо аз ҷониби тадқиқотчиёни соҳаи менеҷмент П. Дракер, Э. Локк ва Г. Летхам, Р. Акофф, Н.В. Боровкова, З.Е. Шершнева, С.В. Потапов, Н.П. Калашникова, Н. Межлумян ва М. Полутова омӯхта шудааст.

Мафҳуми "мақсад" аз ҷиҳати маъно ба мафҳуми "критерий" наздик буда, критерий (аз калимаи юнонии kriterion - воситаи мулоҳизаҳо) нишонаест, ки дар асоси он самти фаъолият баҳо дода шуда, муайян ё тасниф карда мешавад ва ҳамчун ченаки баҳодиҳӣ истифода мешавад. Аз ин рӯ, критерияи ноил шудан ба ҳадафҳо метавонад нишона ё ченак бошад, ки натиҷа ва дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳоро муайян мекунад. Аммо дар аксар маврид метавон қайд намуд, ки мафҳуми мақсад ва критерияҳои ноил шудан ба он дар ҳамҷоягӣ истифода бурда мешавад.

Мақсад натиҷаи ниҳоиро дар худ тасвир намуда, барои расидан ба он критерияҳои гуногун пешниҳод карда шудааст ва роҳҳои ноил шудан ба ҳадафҳо аз ҷониби менеҷер баҳо дода мешавад. Вобаста аз он, ки кадом намуди ҳадафҳо дар ҳар як ҳолат муҳокима карда мешаванд, критерияҳои арзёбӣ низ метавонанд ҳам миқдорӣ ва ҳам сифатӣ бошанд. Меъёрҳои сифатӣ метавонанд баланд бардоштани сифати маҳсулот, баланд бардоштани садоқати истеъмолкунандагон ба корхона, қаноатмандии кормандон аз ҷойи кор ва ғайра бошанд. Ба меъёрҳои миқдорӣ зиёд шудани ҳаҷми фоида, ба миқдори муайян кам шудани арзиши аслии маҳсулот, ба фоизи муайян афзудани ҳосилнокии меҳнат мисол шуда метавонад ва барои ноил шудан ба ҳадафҳои гузошташуда дар корхона, критерияи миқдорӣ интихоб карда мешавад.

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳар як соҳибкоре, ки фаъолияти худро шуруъ мекунад, мақсади асосии вай қонеъ гардонидани талаботи истеъмолкунандагон бо хароҷотҳои камтарин ва гирифтани фоидаи максималӣ мебошад. Бинобар ин, бисёр муттахасисон дуруст қайд мекунанд, ки ..."Бар фоида кор кардан ифтихор аст - бар зарар шармандагӣ. Ҳар як корхонаи саноатӣ дар фаъолияти худ уҳдадор аст, ки дефитситро бартараф намуда, фоидаро баланд бардорад" [2].

Дар шароити кооператсия ҳар як истеҳсолкунанда танҳо як қисми кори умумиро иҷро мекунад, бинобар ин, барои ба даст овардани натиҷаи умумӣ кӯшишҳо барои пайвастшавӣ, ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳамаи иштирокчиёни раванди меҳнати муштарак зарур аст. Менеҷмент ҳамоҳангии байни корҳои алоҳидаро муқаррар мекунад ва вазифаҳои умумиеро, ки аз ҳаракати корхона дар маҷмуъ бармеоянд, иҷро мекунад. Дар ин асно, идоракунӣ барои ҳамаи иштирокчиёни ҷараёни истеҳсолӣ ҷиҳати ноил шудан ба мақсадҳои умумии корхона робитаи умумӣ ва ягонаро муқаррар менамояд.

Классики менеҷмент А.Файол ба менеҷмент чунин мафҳум медиҳад: "Идора кардан ин пешгӯӣ кардан, ташкил кардан, яъне, дучандон - аз ҷиҳати моддиву маънавӣ барпо намудани корхона; идора, ҳамоҳангсозӣ ва назорат; пешгӯӣ кардан, яъне ояндаро ба назар гирифта, барномаи амалиро тартиб додан; ташкил кардан, ихтиёр кардан, яъне ҷобаҷогузории дуруст ва кор фармондани кадрҳо; мутобиқ намудан, яъне пайвастан, муттаҳид кардан, ҳама амалу кӯшишҳоро ҳамоҳанг кардан; назорат, яъне таҳти назорат

қарор додани ҳама корҳо то, ки аз рӯи қоидаҳои муқарраршуда ва супоришҳои додашуда, иҷро шудан, мебошад”[8].

Ба кор ҷалб намудани коргарон худ идоракунӣ буда, сифати менеҷер маҳз аз рӯи он арзёбӣ муайян карда мешавад, ки он то чӣ андоза одамонро ба кор ҷалб намуда, аз ҳар яки онҳо бо истифодаи қобилияту кордонӣ натиҷаҳои беҳтаринро ба даст меорад ва кормандонро бо ҳам муттаҳид менамояд [8].

Идоракунӣ ҳамчун як намуди махсуси фаъолиятест, ки издиҳоми ғайримуташаккилро ба як гурӯҳи мутамарказ, муассир ва самарабахш табдил медиҳад ва онҳоро ба муваффақият ноил мегардонад. Идоракунӣ раванди банақшагирӣ, ташкил, ҳавасмандкунӣ ва назорат аст, ки барои таҳия ва ноил шудан ба ҳадафҳои созмон тавассути одамони дигар зарур аст [8].

Гуфтаҳои олимонро ба инобат гирифта, гуфтан мумкин аст, ки идоракунӣ ин омодасозӣ, қабул ва татбиқи қарорҳо дар ҳама самтҳои фаъолияти корхона мебошад, ки ноил шудан ба ҳадафҳои пешбинишуда, нигаронида шудааст.

Вазифаи асосии идоракунии корхона, таъмин намудани фоидаи максималии соҳибкор дар якҷоягӣ бо некуаҳволии максималии ҳар як коргар буда, манфиатҳои ҳақиқии ҳар ду ба ҳам мувофиқ буда, некуаҳволии яке дар оянда бе некуаҳволии дигаре буда наметавонад.

Роҳбарӣ кардан, маънои аз тамоми захираҳои мавҷуда ба даст овардани имкониятҳои максималӣ ва ба сӯи мақсад равона кардани корхонаро дорад. Тақсимоти меҳнат, ҳокимият-масъулият, интизом, ягонагии фармондеҳӣ, ба манфиатҳои умумӣ тобеъ будани манфиатҳои шахсӣ, иерархия, адолат ва ғ. барои расидан ба ҳадафҳои гузошташудаи роҳбар мувофиқ буда, иҷрои принсипҳои мазкур то ҳол мубрам буда, дар ҳама гуна сохторҳо истифода бурда мешавад [10].

Файол ҳокимият - қудрат ва масъулиятро бо ҳам пайваст карда, масъулиятро натиҷаи қудрат мешуморад. "Ҳокимият ҳуқуқи фармон додан ва қувваест, ки онҳоро ба итоат маҷбур мекунад." Ба ақидаи ӯ, ҳокимият ду омилро дар бар мегирад: “ҳокимият дар асоси оиннома ва салоҳияти шахсе, ки ба ақл, дониш, таҷриба, қувваи маънавӣ, меҳнатдустӣ, шоистагӣ асос ёфтааст ва ҳокимиятро бе масъулият тасаввур кардан ғайриимкон аст”[3].

Банақшагирӣ, ташкили ҳайати кормандон, роҳбарӣ, ҳамоҳангсозӣ ва ҳисоботҳдиҳӣ унсурҳои асосии фаъолияти маъмурӣ ба ҳисоб рафта, ҳамчун принсипҳои ташкили идоракунӣ то имрӯз аҳамияти худро гум накардаанд ва дар корхона ба он диққати махсус дода мешавад. “Дақиқӣ, суръат, набудани номуайянӣ, идоракунии дақиқи баҳисобгирӣ, муттасилӣ, эҳтиёткорӣ, ягонагӣ, тобеияти қатъӣ, кам кардани ихтилофи байни аъзоёни корхона ва кам кардани хароҷоти меҳнат ва дигар хароҷотҳо дар натиҷаи якдилии катъӣ дар корхона ба амал меояд” [17].

Дилхоҳ корхона бидуни идоракунии самаранок ба ҳадафҳои худ ноил шуда наметавонад ва дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ талаботи ҷиддӣ ба сифат, саривақтӣ, пуррагӣ, эътимоднокии маълумотҳои иқтисодӣ ва таҳлили нишонҳидандаҳои молиявиро талаб менамояд.

Яке аз вазифаи муҳимми ҳар як корхона, сарфаи боигариҳои моддӣ мегарадад, зеро хароҷотҳои моддӣ қисми зиёди хароҷотҳои истеҳсолиро ташкил медиҳанд, ки аз онҳо бузургии фоида вобастагӣ дорад. Фоида дар шароити иқтисодиёти бозорӣ мақсади асосиву ниҳоии ҳар як субъекти хоҷагидорист. “... Вақте, ки фоидаи ба даст даровардашуда аз арзиши аслӣ арзонтар бошад, натиҷаи молиявӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки фоидаи холис ба даст дароварда шудааст. Корхона ҳамеша дар назди худ мақсад мегузорад, ки фоидаи бештар ба даст дарорад, вале муттаасифона на ҳамеша ба ин мақсад ноил мешавад” [13].

Азбаски фоида яке аз категорияҳои гуногунфаҳм дар илми иқтисодиёт ба шумор меравад, иқтисодчиён то ҳол тафсири ягонаро оиди ин мафҳуми илмӣ надодаанд. Аз ин лиҳоз, мазмунан гуфтан мумкин аст, ки фоида ин маблағи фурӯше мебошад, ки баъд аз хароҷот ва супоридани андоз дар ихтиёри корхона мемонад.

Албатта, дар қатори омилҳои истеҳсолот, фоида низ яке аз омилҳои истеҳсолот ба ҳисоб рафта, аз “маҳорати соҳибкор” вобаста мебошад ва қисми фоидае, ки дар ихтиёри

соҳибкор аст, аз натиҷаи фаъолияти ӯ, маҳорати ӯ ва тарзи роҳбарии ӯ ба даст меояд ва ӯро ҳавасманд месозад [11].

Бори аввал Й.А. Шумпетер назарияи фоидаро ҳамчун натиҷаи амалишавии навоварӣ татбиқ намуда, зарур шуморид, ки дар таҳлили иқтисодии худ нусхаи соҳибкор-навоварро ворид намояд. Нақши навовар дар ҷустуҷӯ ва татбиқи омилҳои нави истеҳсолот (захираҳои) ба ҳам тавъам буда, дар соҳа имкон медиҳад, ки фоидаи аз меъёри даромад зиёд ба даст оварда шавад. Натиҷаи таҳлили Й.А. Шумпетер собит намуд, ки дар муқоиса бо роҳбар соҳибкор, пеш аз ҳама, бо масъулияти худ нисбати идораи соҳа ба куллӣ фарқ дошта, баръакси роҳбари оддӣ дар ҷустуҷӯйи навоварӣ мебошад.

Ҳамин тавр гуфтан мумкин аст, ки соҳибкор дар муқоиса бо роҳбари одӣ бо кӯшиши навоваронаи худ ҳаракатдиҳандаи прогресси илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад. Вақто, ки соҳибкор дар натиҷаи ворид намудани навоварӣ ба фоида ноил мегардад, дар бозор ҳамранги моли худро аз тарафи рақибон мебинад ва маҳз дар ана ҳамин ҳолат барои ба рақобат тоб овардани нақши навовар ба миён меояд. Яъне, фоида ифодаи арзиши он чизе мебошад, ки соҳибкор меофарад, ҳамон тавре ки музди меҳнат ифодаи арзиши он чизе аст, ки коргар иҷро мекунад.

Азбаски фоида натиҷаи фаъолияти таваккалонаи соҳибкор ба ҳисоб меравад, хатари ба даст овардан ё наовардани он низ ба инобат гирифта шуда, метавонад. Бо назардошти эҳтимолияти ба вуҷуд омадани он, ҳаҷми маблағи суғурта ҳисоб карда шавад (масалан, сӯхтори анбор ё рӯй додани офати табиӣ) ва бо сабаби номуайян будани хатар масалан, ҳангоми вуҷуд надоштани талабот дар бозор ба маҳсулот, ки харҷи истеҳсоли он таваккалона буд, суғурта нашавад [9].

Дар баробари ин, ки фоида дар баъзе мавридҳо ҳамчун натиҷаи фаъолияти монополистӣ ҳисобида мешавад, он ҳаракатдиҳанда ва асоси рушди иқтисодиёт ба ҳисоб рафта, дар шароити иқтисоди бозоргонӣ, маҳз интизории гирифтани фоида соҳибкорро водор месозад, ки лоиҳаҳои навро омода намуда, фаъолияти худро бо сармоягузориҳои зиёдтар идома бахшад [9].

Мураккабии муайян намудани пайдоиши мафҳуми асосии фоидаи корхонаҳои саноатӣ, тадқиқотчиёни ин масъаларо водор месозад, ки ба ҳар як таърифи пешомада тафсири нав илова намоянд. Фоида – ин афзоиши активҳои соф дар муддати муайян ва ё афзоиши даромад нисбати хароҷот дар шароити мукаммали ба инобат гирифтани ҳамаи хароҷотҳо, алалхусус мукофотпулии роҳбарияти корхона мебошад. Фаъолияти корхонаҳои саноатиро дар ҳоле самаранок ҳисобидан мумкин аст, ки хароҷоти умумӣ фоидаи баландтарро таъмин намояд.

Фоида – ҳамчун инъикоскунандаи натиҷаи фаъолияти молиявии хоҷагидорӣ, ин афзоиши даромад нисбат ба хароҷот буда, категорияи иқтисодӣ ба ҳисоб меравад ва он ҳам яке аз омилҳои истеҳсолот ва ҳам ҳақи меҳнати соҳибкор мебошад [15].

Вазифаҳои муҳимтарини идоракунӣ аз ташкили истеҳсоли мол ё хизматрасонӣ бо назардошти эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон дар бозор, дар асоси захираҳои дар ихтиёри корхона мавҷудбуда ва таъмини фаъолияти даромадноки корхона ва аз мавқеи устувори он дар бозор иборат мебошад.

Самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатӣ аз рӯи дараҷаи ноил шудан ба ҳадафи ниҳоии фаъолияти он муайян карда мешавад. Муддати дароз дар асоси баланд бардоштани қаноатмандии ҷонибҳои манфиатдор фаъолият намудан, рушди устувор ва афзоиши рақобатпазирии корхонаро дар назар аст. Илова бар ин, самаранокии идоракунии корхонаҳои саноатӣ, самаранокии низоми идоракунӣ ва фаъолияти воқеии идоракуниро дар бар мегирад. Гарчанде нишондиҳандаҳои умумӣ ва қисман самарабахши низоми идоракунӣ дар корхонаҳои саноатӣ, дар амал татбиқ карда шудаанд, аммо нишондиҳандаҳои наверо, ки хусусиятҳои корхонаҳои конкретии саноатиро ҷустуҷӯ менамоянд, истисно намекунад.

Бояд қайд намуд, ки қисми афзалиятноки фоидаи корхонаҳои саноатӣ дар иқтисоди муқаррарӣ амалкунанда аз фурӯши маҳсулоти аз фаъолияти асосӣ ба даст оварда мебошад. Аммо, фоидаи умумӣ дар ҳама ҳолат фоида аз фурӯши маҳсулоти асосӣ иборат аст, ки ширкати махсус гардонидашуда, фоида аз дигар фурӯшҳо фоидаи ғайрирасмӣ мебошад. Бинобар ин, таҳияи чораҳо оид ба зиёд кардани фоида ҳамчун ҳадафи ниҳоии

соҳибкорон дар фаъолияти корхонаҳои саноатӣ, албатта, зиёд кардани тамоми ҷузъҳои фоидаи умумӣ ва тавозунӣ зарур аст. Аз дигар фурӯшҳо ба қадри имкон фоида ба даст овардан лозим аст, ҳамон тавре, ки бо тадбирҳои зиёд кардани фоида аз фаъолияти асосӣ бо истифода аз ҳамон омилҳо ва роҳҳо амал мекунад, инчунин, аз тамоми имкониятҳои ба даст овардани фоидаи дигари ғайрирасмӣ оқилона истифода бурда шавад.

Фоида дар шароити иқтисоди бозоргонӣ мақсади асосии субъекти хоҷагидори соҳаи иқтисодӣ, хусусан дар шароити иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад; натиҷаи мусбии истифодаи захираҳо ҳамчун омили истеҳсолот буда, маҳорати соҳибкорро муайян менамояд; нишондиҳандаи асосии ҳавасмандгардонии соҳа ба ҳисоб рафта, ба даст овардани натиҷаи муваффақиятро нишон дода, соҳибкорро водор месозад, ки дар фаъолияти худ хавфро бартараф намояд; на танҳо бо натиҷаҳои молиявии ба даст омада соҳибкорро ҳавасманд месозад, балки дар зеҳни ӯ шуълаи умедро бедор месозад, чунки дар фаъолияти тавакалонаи худ, соҳибкор вақти худ, маҳорати худ ва дониши худро истифода бурда, қарорҳои вобаста ба фаъолият дахлдоштаро қабул менамояд.

Агар дар рушд ва барқарорсозии корхонаҳои саноатии мамлакат аз як ҷониб сиёсати давлат саҳмгузор бошад, аз ҷониби дигар стратегияи интихобнамудаи соҳибкорону менеҷерон дар корхона мебошад, ки ҳангоми интихоби дурусти он сиёсати молиявии корхона мустаҳкам гардида, ба фоидаи банақшагирифташуда ноил мегардад.

Ба натиҷаҳои баланди фаъолият ноил шудани корхонаҳои саноатӣ, идоракунии ҷараёни ташаккулёбӣ ва истифодабарии фоидаро дар назар дорад. Идоракунӣ таҳлили фоида, банақшагирии он ва ҷустуҷӯи имкониятҳои зиёдкунии фоидаро дар назар дорад.

Масъалаи муҳимми идоракунии ҷараёни ташаккулёбии фоида, банақшагирии фоида ва дигар натиҷаҳои молиявии корхонаҳои саноатӣ бо назардошти хулосаҳои таҳлили иқтисодӣ ба ҳисоб меравад. Таҳлили иқтисодӣ марҳилаи муҳимми кор мебошад, ки барои банақшагирӣ ва ояндабинии захираҳои молиявии корхонаҳо, самаранок истифодабарии онҳо, шароит фароҳам меоварад. Натиҷаҳои таҳлил барои қабули қарорҳои идоракунӣ дар сатҳи роҳбарияти корхона, ҳамчун асос хизмат менамояд.

Мақсади асосии таҳлил ва банақшагирии фоида бешинасозии даромадҳо мебошад, ки талаботҳои корхонаро ба маблағҳои молиявӣ барои инкишофи худ қонеъ мегардонад.

Корхонаҳои саноатӣ ҳавасманданд, ки мунтазам фоидаи худро на танҳо аз ҳисоби пасткунии арзиши аслии маҳсулот, балки ҳам аз ҳисоби зиёд кардани миқдори маҳсулоти истеҳсолшаванда, васеъкунӣ ва навкунии номгӯи маҳсулот, баландбардории сифати маҳсулот баланд намояд. Фоида назар ба арзиши аслӣ ҳамаи тарафҳои фаъолияти истеҳсолӣ – хоҷагидориро пурратар инъикос мекунад.

Фоидаи корхонаҳои саноатӣ нишондиҳандаи асосии сермаҳсулгардонии фаъолияти истеҳсолӣ ба ҳисоб меравад ва дар ҳаҷми он таъсири ҳамаи омилҳои истеҳсолӣ – хоҷагидорӣ, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии кори тамоми коллективи корхона инъикос меёбад.

Таҳлили иқтисодии фоида – марҳилаи муҳимми банақшагирии захираҳои молиявии корхона, самаранок истифода намудани онҳо ба ҳисоб меравад. Натиҷаҳои таҳлили фоида барои қабули қарорҳои оптималӣ дар истифода ва тақсимоти даромад ҳамчун асос хизмат мекунад.

Вазифаҳои асосии таҳлили фоида аз баҳодиҳии динамикаи нишондиҳандаҳои фоида, омӯзиши унсурҳои таркибии ташаккулёбии фоидаи балансӣ, ошкоркунӣ ва ченкунии таъсири омилҳои ба фоида таъсиррасон, ошкоркунии захираҳои баландбардории даромад, кор карда баромадани чорабиниҳо оиди истифодабарии ин захираҳо иборат аст.

Мақсади асосии таҳлили иқтисодии фоида – ин маҳдудкунии таъсири омилҳои берунӣ ва манфӣ, муайянкунии ҳаҷми умумии фоида, ки дар натиҷаи амалкунии омилҳо ба даст оварда шудааст, муайянкунии омилҳое, ки кӯшишҳои меҳнатии кормандони корхона ва самаранокии истифодабарии захираҳои истеҳсолиро инъикос мекунад, мебошад.

Ҳангоми истифодабарии маълумотҳои ҳисоботи солонаи корхонаҳои саноатӣ таҳлили фоидаро аз тафтиши асосноккунии нақшаи даромад оғоз кардан ба мақсад мувофиқ аст.

Бо ин мақсад муқаррар мекунанд, ки оё ҳаҷми фоида бо нақшаи солонаи қабул кардашудаи соли ҷорӣ мувофиқат мекунад. Агар фоида аз нақшаи солонаи қабулшуда аз даромади нақшаи барои соли ҷорӣ муқарраршуда кам набошад, он гоҳ нақша асоснок ҳисобида мешавад.

Дар ҳолати баръакс сабабҳоеро, ки боиси камшавии фоида гаштаанд, муайян кардан зарур аст. Барои тафтиши асоснокии нақшаи фоида, дараҷаи нақшавии даромаднокии маҳсулоти истеҳсолшуда ва фурӯхташударо бо даромаднокии ҳақиқии боқимондаҳои маҳсулоти фурӯхтанашуда дар аввали сол муқоиса кардан зарур аст.

Таҳлили динамикаи даромади балансӣ, суръати афзоиши он дар муқоиса бо динамикаи бузургӣ ва афзоиши даромади соф бениҳоят аҳамияти калон дорад. Натиҷаҳои таҳлили даромад метавонад оиди пастшавии суръати афзоиши даромади соф нисбат ба даромади балансӣ шаҳодат диҳад ва баръакс. Ахбори муфидро метавон аз таҳлили динамикаи ҳиссаи даромади соф дар даромади балансӣ ба даст овард. Агар ҳиссаи даромади соф зиёд шавад, он гоҳ ин дар бораи бузургии оптималии андозҳои пардохтшаванда, ҳавасмандии корхонаро аз натиҷаҳои кор ва самаранокии хоҷагидорӣ инъикос менамояд.

Даромад аз фурӯши маҳсулот – ин фарқи байни пулии бадастомада аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти тайёр ва арзиши аслии он фаҳмида мешавад. Аз ин ҷо бар меояд, ки ба вуҷуд омадани он ба даромади умумии корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби фурӯши маҳсулоти худаш бо нархҳое, ки дар асоси талабот ва пешниҳодот ба вуҷуд омадааст, вобастагӣ дорад.

Даромад аз фурӯши маҳсулот, кору хизматҳо дар сохтори даромади балансии корхонаҳои саноатӣ вазни қиёсиро ишғол мекунад. Бузургии он дар зери таъсири се омилҳои асосӣ ташаккул мeёбад: арзиши аслии маҳсулот, ҳаҷми фурӯш ва дараҷаи нархҳои амалкунанда ба маҳсулоти фурӯхташаванда. Омили муҳим дар байни онҳо арзиши аслӣ мебошад. Миқдоран арзиши аслӣ дар сохтори нархҳо вазни қиёсиро ишғол мекунад, бинобар ин, таъсири пасткунии арзиши аслӣ ба афзоиши даромад бараъло ҳис карда мешавад.

Даромад аз фурӯши маҳсулот натиҷаи ҳам фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам ҷараёни гардиш мебошад. Суръати гузаштани маҳсулот ба воситаи ҷараёни гардиш – омили муҳимми зиёдкунии даромад, ки аз фурӯши маҳсулот ба даст оварда шудааст, ба ҳисоб меравад. Даромади ҳақиқӣ, ки аз фурӯши маҳсулот ба даст оварда мешавад, дар зери таъсири омилҳои зиёд аз даромади нақшавӣ тафовут дорад.

Зимни баҳодиҳии иҷроиши нақшаи даромади балансӣ, фоизи иҷроиши нақшаи солона ва тафовут аз нақша нисбат ба давраи гузашта муайян карда мешавад. Пас аз баҳодиҳии умумӣ иҷроиши нақшаро аз рӯи унсурҳои таркибдиҳандаи он, инчунин, сохтори даромади балансӣ дар корхонаҳои саноатӣ дида мебароянд.

Дар навбати аввал муайян карда мешавад, ки чӣ қадар маблағи умумии даромади ҳақиқӣ аз фурӯши маҳсулот, аз даромади нақшавӣ тафовут дорад ва ҳаҷми фурӯшро бо тарҳ намудани андоз аз гардиш ва хароҷотҳо барои таъмини маҳсулот аз даромад аз фурӯши маҳсулот ҳисоб менамоянд.

Ҳангоми асосноккунии маълумотҳо оиди таҳлили фоида бояд даромадеро муайян намоем, ки дар зери таъсири омилҳои берунӣ, ки аз фаъолияти корхона вобаста нестанд, ба даст оварда шудааст (тағйирёбии нархҳои яклухт ба маҳсулот, тарифҳо ба хадамот, арзонкунии фурӯши номгӯи маҳсулоти истеҳсолшаванда, миқдор ва маоши тарифӣ, бо сабаби тафовутҳо дар нақша муқарраркунии иловапулиҳои ҳавасмандӣ барои истеҳсоли маҳсулоти сифаташ беҳтаркардашуда, ки дар нақша пешбинӣ карда шудааст).

Таҳлили боз ҳам амиқи дараҷаи фоида аз рӯи сеххои алоҳида имконият медиҳад, ки захираҳои зиёдкунии даромади корхонаҳои саноатӣ ошкор карда шавад.

Натиҷаи таҳлил нишон медиҳад, ки нишондиҳандаҳои нақшавӣ аз рӯи даромади балансӣ, аз фурӯши маҳсулот, дигар фурӯш аз нақша зиёд иҷро карда шудаанд. Нишондиҳандаи арзиши тамоми фаъолияти истеҳсолию хоҷагидории корхона даромади балансӣ мебошад. Дар бузургии даромади балансӣ натиҷаҳои ниҳоии корхонаҳои саноатӣ, ки аз фаъолияти асосӣ ва ғайриасосӣ ба даст оварда шудааст, инъикос мeёбанд. Фаъолияти асосии корхонаҳои саноатӣ бевосита ба коркард ва фурӯши маҳсулот

алоқаманд аст, фаъолияти ғайриасосии корхона бошад, бо иҷрокунии амалиётҳои хоҷагӣ аз рӯи қисмати «Фурӯшҳои дигар», муносибатҳои мутақобила бо дигар ташкилотҳо ва корхонаҳо алоқаманд аст.

Ба ақидаи мо, фоида ҳамчун категорияи иқтисодӣ бо моҳияти васеъ доштанаш ҳам аз нуқтаи назари моддӣ ва ҳам аз нуқтаи назари маънавӣ қонеъ гардонидани талаботи инсонро иҷро менамояд. Фоида аз нуқтаи назари моддӣ маблағҳои пулии бадастовардае мебошад, ки бо он инсон талаботҳои аввалиндарҷаву дуюмдараҷаашонро қонеъ мегардонад ва нуқтаи назари маънавӣ бо маблағҳои пулии бадастоварда мустақилият ва боварииро ба даст меорад.

Нақши фоида дар иқтисодиёт мақоми марказиро дар рушди микро- ва макро-иқтисодиёт доро буда, қувваи ҳаракатдиҳандаи иқтисодиёт ба ҳисоб меравад.

Оид ба нақши фоида ҳамчун меъёри самаранокии фаъолияти ҷамъиятӣ қайд менамоем, ки фоида натиҷаи фаъолияти молиявии субъекти хоҷагидориро муқаррар намуда, фоидаи умумӣ ё зарари фаъолияти корхонаи саноатӣ ҳаҷми ММД-ро дар сатҳи давлат нишон дода, самаранокии иқтисодиётро ба ҳайси ченаки самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ инъикос менамояд.

Фоида сарчашмаи асосии такрористеҳсолии ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад, чунки ҳангоми нокифоятии бузургии фоидаи соф бо мақсади маблағгузории раванди хоҷагидории корхонаи саноатӣ, раванди такрористеҳсолии ҷамъиятӣ метавонад қатъ карда шавад, яъне дар ин ҳолат фоида вазифаи меъёри андухтро иҷро менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади тақвият бахшидан ба бунёд ва таҷдиди корхонаҳои саноатӣ ва баланд бардоштани самаранокии фаъолияти онҳо, ки ба рушди иқтисоди миллӣ замина мегузорад, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор қарору қонунҳо ва стратегияву барномаҳо ба тасвиб расидаанд, ки амалисозии он барои беҳтар намудани вазъи молиявии корхонаҳои саноатӣ шароит фароҳам меорад. Вобаста ба ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дастгирии фаъолияти соҳибкории истеҳсоливу хизматрасонӣ, афзалиятҳо аз қабили кам намудани андозҳо, расонидани кумак аз ҳисоби буҷети давлатӣ ва ҷалби сармоягузории хориҷӣ пешниҳод карда шудааст.

Ба ақидаи мо, омилҳои истеҳсолот - воситаҳои меҳнат, олотҳои меҳнат ва захираҳои меҳнат на танҳо омили ташаккулёбии фоидаи корхона, балки ба ҳайси муайянкунандаи захираҳои афзоиши он хизмат мекунад. Истифодаи самараноки онҳо ба афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар ифодаи аслӣ, баландбардории сифати маҳсулот мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, фоида барои корхона, нишондиҳандаи самаранокии фаъолият ва мутмаиниятро барои рушди фаъолияти минбаъда таъмин намуда, идоракунии он дар корхонаҳои саноатӣ нақши муҳимро барои васеъ намудани фаъолияти истеҳсолӣ ва нақшаҳои дигари дар пеш гузошташуда, таъмин менамояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

**АДАБИЁТ**


1. Адилова Д.А. Основные особенности современного менеджмента / Д.А. Адилова, А.Р. Ботаева // Экономика и современный менеджмент: теория и практика: сб. ст. по матер. XLIX междунар. науч.-практ. конф. - Новосибирск: СибАК, 2015. –№5(49).
2. Андре Бабо. Прибыль. Перевод на русском / Андре Бабо. -М., 1997. -С.5-7.
3. Ахмадиева З.Р. Прибылт как экономическая категория / З.Р. Ахмадиева // Вестник науки и образования. - 2019. -№9(63). -Часть 2. -С.18-22.
4. Ашуров А. Промышленная политика РТ в условиях перехода к рыночным отношениям / А. Ашуров // Экономика Таджикистана: стратегия развития. - 2000. -№4. -С.18-33.
5. Джурабоев Г. Вопросы развития промышленного производства Республики Таджикистан с учетом политики импортозамещения / Г. Джурабоев // Вестник международного университета К.Ш. Токтаматова. –Жалалабад, 2018. -№1. -С.91-95.
6. Джурабоев Г. Некоторые приоритетные направления стратегии инновационного развитием промышленности Республики Таджикистан / Г. Джурабоев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. -Душанбе, 2017. -№2/8(173). -С.134-139.
7. Джурабоев, Г. Некоторые особенности стратегического управления инновационным развитиz промышленности регионов Республики Таджикистан в условиях нестабильности / Г. Джурабоев // Вестник Российско-Таджикского (славянского) университета. -Душанбе: РТСУ, 2017. -№1(57). -С.101-108.
8. Дорофьева Л.И. Основы теории управления / Л.И. Дорофьева. -Саратов, 2015. -433 с.

9. Кеннеди К. Гуру менеджмента: «Кто есть кто» в бизнес-элите / К. Кеннеди. -М.: АСТ, 2006. -272 с.
10. Кудрявцев Е.М. Организация, планирование и управление предприятием / Е.М. Кудрявцев. -М.: АСВ, 2015. -416 с.
11. Найт Ф. Риск, неопределенность и прибыль / Ф. Найт. -М., 2003. -355 с.
12. Нехайчук Ю.С. Управление прибылью предприятия в современных условиях развития экономики / Ю.С. Нехайчук, Е.А. Мухина // Международный научный журнал «Инновационная наука». – 2016. -№10-1. -С.85-91. ISSN 2410-6070.
13. Низомова Т.Д. Ташкили истеҳсолот дар корхона / Т.Д. Низомова. -Душанбе, 2012. -236 с.
14. Сей Ж.Б. Трактат политической экономии / Ж.Б. Сей. -М., 2007. -67 с.
15. Современный экономический словарь / Под ред. Лазовского Л.Ш. –М.: ИНФРА-М, 2004. -897 с.
16. Титов В.В. Проблемы организации внутрикорпоративных рынков и активизации инновационного предпринимательства / В.В. Титов // Экономика/ Профессия. Бизнес. - 2017. -№4. -С.92-98.
17. Управление производством. Центры финансовой ответственности. Энциклопедия производственного менеджера. [Электронный ресурс]. URL: http://www.up-pro.ru/encyclopedia/centry-finansovoyotvetstvennosti.html
18. Файзуллоев, М.К. Проблемы менеджмента инноваций на промышленных предприятиях Таджикистана / М.К. Файзуллоев // Кластерные инициативы в формировании прогрессивной структуры национальной экономики сборник научных трудов Международный научно-практической конференции (19-20 марта 2015года). Ответственный ред. Горохов А.А. в 2-х томах, Том 2. –Курск: ЗАО «Университетская книга», 2015. -С.390-393.
19. Чейз Р.Б. Производственный и операционный менеджмент / Р.Б. Чейз, Н.Дж. Эквилайн, Р.Ф. Якобс. -М.: Экономика, 2009. -704 с.
20. Шумков М.А. Новые тенденции в развитии системы управления / М.А. Шумков // Молодой ученый. – 2020. – №15(305). –С.373-375. URL: https://moluch.ru/archive/305/68834/

## ФОИДА – НАТИҶАИ НИҲОИИ ҲАДАФИ СОҲИБКОР ВА ИДОРАКУНИИ ОН ДАР КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Фоида, ки яке аз меъёри миқдори расидан ба ҳадафи ниҳоии корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад, дар фаъолияти менеҷерон дуруст ба роҳ мондани принсипҳо, усулҳо ва стратегияи дурусти идоракуниро талаб менамояд. Баланд бардоштани сифати маҳсулот ва ҳосилнокии меҳнат, кам кардани арзиши аслии маҳсулот дар асоси идоракунии хароҷотҳо ва ҷорӣ намудани навовариҳо дар истеҳсолот, роҳҳои асосии баланд бардоштани фоидаи корхонаҳои саноатӣ ба ҳисоб меравад. Самаранокии идоракуниро дар баланд шудани обрӯю эътибор ва садоқати кормандон нисбат ба кор буда, ҳосилнокии меҳнат на танҳо ба шароити меҳнат, ҳавасмандгардонии моддӣ ва амалиёти маъмурият, балки ба муҳити иҷтимоиву равонии байни коргарон низ вобаста аст ва маҳз менеҷер метавонад муҳитеро ташкил намояд, ки ба ҳадафҳои худ тавассути қонеъ намудани ниёзҳои кормандони худ ноил гардад. Дилхоҳ корхона бидуни идоракунии самаранок ба ҳадафҳои худ ноил шуда наметавонад ва дар шароити рақобати шадиди иқтисодӣ талаботи ҷиддӣ ба сифат, сариваќтӣ, пуррагӣ, эътимоднокии маълумотҳои иқтисодӣ ва таҳлили нишонҳидандаҳои молиявиро талаб менамояд. Дар мақола нақши фоида ҳамчун меҳвари корхонаҳои саноатӣ ва давлат арзёбӣ гардида, дар қатори дигар омилҳои истеҳсолот фоида низ яке аз омили дигари истеҳсолот нақши бузург дорад.

**Калидвожаҳо:** фоида, идоракунӣ, корхонаҳои саноатӣ, меъёр, ҳадафи ниҳоӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, навоварӣ, омилҳои истеҳсолот, даромад аз фурӯш.

## ПРИБЫЛЬ – ИТОГОВЫЙ РЕЗУЛЬТАТ ЦЕЛИ ПРЕДПРИНИМАТЕЛЯ И ЕЕ УПРАВЛЕНИТ НА ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЯХ

Прибыль, являющаяся одним из количественных критериев достижения конечной цели промышленных предприятий, требует правильной реализации принципов, методов и правильной управленческой стратегии в деятельности менеджеров. Повышение качества продукции и производительности труда, снижение себестоимости продукции на основе управления затратами и внедрение инноваций в производство являются основными способами увеличения прибыли промышленных предприятий. Эффективность управления зависит от повышения репутации и лояльности работников к труду, производительность труда зависит не только от условий труда, материального стимулирования и управленческих операций, но и от социально-психологической среды среди работников, и именно руководитель может создать среде, отвечающе. целям, достигаемым за счет удовлетворения потребностей своих сотрудников. Предприятие не может достичь своих целей без эффективного управления, а в условиях острой экономической конкуренции предъявляет серьезные требования к качеству, своевременности, полноте, достоверности экономических данных и анализе финансовых показателей. В статье оценивается роль прибыли как оси деятельности промышленных предприятий и государства, и среди других факторов производства прибыль является одним из факторов производства.

**Ключевые слова:** прибыль, управление, промышленное предприятие, критерий, конечный результат, предпринЬмательская деятельность, инновация, факторы производства, доход от реализации.

## PROFIT IS THE FINAL RESULT OF THE GOAL OF THE ENTREPRENEUR AND ITS MANAGEMENT IN INDUSTRIAL ENTERPRISES

Profit, which is one of the quantitative criteria for achieving the ultimate goal of industrial enterprises, requires the correct implementation of principles, methods and the correct management strategy in the activities of managers. Improving product quality and labor productivity, reducing production costs based on cost management and introducing

innovations in production are the main ways to increase the profits of industrial enterprises. The effectiveness of management depends on increasing the reputation and loyalty of employees to work, labor productivity depends not only on working conditions, financial incentives and management operations, but also on the socio-psychological environment among employees, and it is the manager who can create an environment that meets the goals achieved through meeting the needs of its employees. An enterprise cannot achieve its goals without effective management, and in the conditions of intense economic competition, it makes serious demands on the quality, timeliness, completeness, reliability of economic data and analysis of financial indicators. The article as the role of profit as the axis of activity of industrial enterprises and the state, and among other factors of production, profit is one of the other factors of production.

**Keywords:** profit, management, industrial enterprise, criterion, final result, entrepreneurial activity, innovation, factors of production, sales income.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Сафарзода Гулбегим Гурез*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С.Айнӣ, аспиранти кафедраи иқтисод ва идора. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 908-08-38-83.** E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Сафарзода Гулбегим Гурез*** **-** Таджикский государственный педагогический университет им. Садриддина Айни, аспирант кафедры экономики и управления. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки 121. Телефон: **(+992) 908-08-38-83.** E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

**Information about the author:** ***Safarzoda Gulbegim Gurez*** - Tajik State Pedagogical University. Sadriddina Aini, postgraduate student of the Department of Economics and Management. **Address**: 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121. Phone: **(+992) 908-08-38-83**. E-mail: **safarovagulbegim1989@mail.ru**

УДК 339.138(575.3)

# АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Холиқзода Аҳлиддин Юлдош*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Дар шароити иқтисоди бозорӣ ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ нақши муҳимро дар бунёди иқтисодиёти ба иҷтимоиёт нигаронидашуда мебозад, ки таъмини ҳуқуқҳои иҷтимоии шаҳрвандон ва дастрасии онҳоро ба хизматрасонии муайяни давлатӣ кафолат медиҳад. Дар давоми тамоми солҳои истиқлолии кишвар ва ҳамчунин, пеш аз он масъалаи таъмини тавозуни иҷтимоӣ мубрам ба ҳисоб мерафт, ки нақши ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳалли он беандоза муҳим арзёбӣ мегардид. Дар замони муосир ҳифзи иҷтимоӣ қисми ҷудонашавандаи низоми сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад, ки сатҳ ва сифати ҳаёт ва ҳамчунин, дараҷаи некуаҳволии мардуми кишварро ифода менамояд. Аз ин нуқтаи назар, таҳқиқи вазъи кунунии ҳифзи иҷтиморо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти унсурҳои калидии он, дараҷаи самаранокии сиёсати иҷтимоӣ ва дурнамои рушди ҳифзи иҷтимоӣ зурур мешуморем.

Тибқи назарияи Михальчук В.Ю «Таъмини нафақа яке аз вазифаҳои муҳимтарини иҷтимоию иқтисодии давлат мебошад. Давлат бояд барои нигоҳубини шаҳрвандони ба синни нафақарасида онро барои нафақа таъмин созад» [7,с.13-15].

Г.М Четыркин андеша дорад, ки «фонди нафақа як шакли тақсимкунӣ ва азнавтақсимкунии як қисми маблағҳои давлатӣ барои маблағгузории пардохтҳои нафақа ва таъмин намудани маблағҳои иловагӣ ба самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт равона шудааст. Ғайр аз ин, дар шароити гузариш ба системаи нафақа, фонди давлатии нафақа яке аз шаклҳои самарабахши маблағгузории дастаҷамъонаи пасандозҳои аҳолӣ ба ҳисоб меравад [14,с.24-35]. Аз ҳамин нуқтаи назар дар кишвари мо низ нафақа як ҷузъи муҳим барои шаҳрвандон ба ҳисоб меравад.

Дар давоми солҳои охир ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳалли масъалаҳои мубрами иҷтимоии шаҳрвандон равона карда шудааст, ки то андозае дар пешгирии ҳолатҳои бухронӣ дар бахши иҷтимоиёт, ҳифзи ҳуқуқу уҳдадориҳои ҳар як шаҳрванд нақш офаридааст. Ислоҳоти гузаронидашуда тамоми ҷанбаҳои ҳаёти шахсро дар бар мегирад, ки некуаҳволии мардумро то андозае беҳтар гардонидааст.

Идоракунии иҷтимоӣ ба тағйирёбии равандҳои иҷтимоӣ, ки ба ҳаёти ҷомеа таъсири манфӣ мерасонанд, нигаронида шудааст. Ба ин муносибат чунин мафҳуме, аз қабили назорати равандҳо аҳамияти калон пайдо мекунад. Дар зери мафҳуми идорашаванда, будани раванд имкони воқеии дахолати оқилона ба ҷараёни он, имконпазирии таъсир расонидан ба ҳаракати барои самти ҷомеа қобили қабул фаҳмида мешавад [1,с.245].

Ҳамин тавр, ба гуфтаи К.С. Батыгин «таъминоти иҷтимоӣ - ин низоми таъминоти моддӣ ва хизматрасонии шаҳрвандон аз рӯи синну сол, беморӣ, маъюбӣ, бекорӣ, аз даст додани саробон, тарбияи фарзанд ва дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонун мебошад» [2,с.7].

Ба андешаи М.И. Хоҷаева «вазифаҳои мақсадноки таъминоти иҷтимоӣ, пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки вай шакли махсуси қонеъ гардондани эҳтиёҷоти манбаъҳои василаи рӯзгор ва зиндагии пиронсолон ва маъюбон ба ҳисоб меравад» [12,с.120].

М.Х. Абдураҳмонова чунин таърифи таъминоти иҷтимоиро пешниҳод намудааст «таъминоти иҷтимоӣ - ин низоми тадбирҳои амалигардонии сиёсати иҷтимоии давлат мебошад, ки ба таъмини шаҳрвандон бо суғуртаи ҳатмии нафақа аз рӯи синну сол, маъюбият, суғуртаи тиббӣ, кумакпулиҳо барои беморӣ, барои бекорӣ, бо сабаби гум кардани саробон ва дар дигар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун аз ҳисоби маблағҳои ғайрибуҷетӣ ва буҷетӣ имтиёзҳо нигоҳ дошта мешавад» [1,с.163].

Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи синну сол, аз рӯи маъюбӣ, ба сабаби маҳрум шудан аз саробон ва сабабҳои дигари дар Қонуни мазкур, ба таъмини нафақа ҳуқуқ доранд. Шаҳрвандони давлатҳои дигар ва шахсони бетабаае, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқомат мекунанд, баробари шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба

нафақа ҳуқуқ доранд, агар шарти дигаре дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ нашуда бошад [3].

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳимми кафолати устувории ҷомеа таъминоти сатҳи зарурии ҳаёт барои аҳолӣ ба шумор меравад. Таъсири беморӣи сироятии Ковид-19, болоравии индекси нархҳои истеъмолӣ вобаста ба тағйирёбии ҳолати сиёсии ҷаҳон ва афзоиши назарраси аҳолӣ ба вазъи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бетаъсир намонд. Новобаста ба ин масъалаи мазкур зери таваҷҷуҳи хоссаи Ҳукумати кишвар буда, бо ташабуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомоалӣ Раҳмон ҳамасола баланд бардоштани пардохтҳои иҷтимоӣ ба роҳ монда мешавад. Таъминоти сатҳи арзандаи ҳаёт мавқеи махсусро дар сиёсати иҷтимоию иқтисодии роҳбарияти давлат ишғол намуда, мунтазам музди меҳнати кормандони соҳаи буҷет, нафақапулӣ, идрорпулӣ зиёд карда мешавад. Барои мисол, дар соли 2011 нишондиҳандаҳои зикркардашуда аз 30 то 40%, дар соли 2012 аз 30 то 60%, дар соли 2013 аз 20 то 30%, дар соли 2018 аз 10 то 15%, дар соли 2020 аз 10 то 15% баланд бардошта шуданд.

Яке аз самтҳои муҳимми ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифзи иҷтимоии нафақахӯрон ба шумор меравад. Дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи умумии нафақахӯрон 729,4 ҳазор нафарро ташкил менамуд, ки ин нисбат ба соли 2014 20,8% зиёд аст. Аз миқдори умумии нафақахӯрон дар соли 2020 460,0 ҳазор нафар ё 63,07% аз рӯи пиронсолӣ, 62,5 ё 8,57% аз рӯи маъюбӣ, 26,5 ё 3,63% бинобар маҳрум шудан аз саробон, 3,9 ё 0,53% барои хизмати дароз муддат ва 152,9 ё 20,96 аз рӯи вазъи иҷтимоӣ ба нафақа баромадаанд.

Дар баробари ин, дар соли 2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 39,2 ҳазор нафақахӯрони коргар вуҷуд доранд, нисбат ба соли 2014 16,32% зиёд аст [9,с.225].

**Ҷадвали 1. Динамикаи афзоиши шумораи нафақахӯрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар қайди мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошанд**

**Table 1. The dynamics of the increase in the number of pensioners in the Republic of Tajikistan, who are registered with the social protection authority of the population**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 603,6 | 617,4 | 642,8 | 664,8 | 687,1 | 711,2 | 729,4 | 120,84 |
| занҳо | 379,9 | 379,6 | 411,0 | 425,9 | 435,7 | 443,2 | 452,8 | 119,19 |
| Аз онҳо: | | | | | | | | |
| аз рӯи пиронсолӣ | 377,3 | 390,6 | 410,3 | 425,1 | 442,6 | 458,8 | 460,0 | 121,92 |
| аз рӯи маъюбӣ | 82,7 | 76,4 | 74,2 | 72,0 | 67,2 | 67,1 | 62,5 | 75,57 |
| бинобар маҳрум шудан аз саробон | 37,9 | 36,1 | 33,3 | 32,6 | 31,3 | 29,6 | 26,5 | 69,92 |
| барои хизмати дароз муддат | 3,9 | 4,3 | 5,0 | 5,3 | 4,8 | 4, 3 | 3,9 | 100,00 |
| иҷтимоӣ | 97,9 | 106,2 | 116,5 | 126,5 | 137,9 | 148,4 | 152,9 | 156,18 |
| Шумораи нафақахӯрони коргар | 33,7 | 31,5 | 48,1 | 45,1 | 42,3 | 39,0 | 39,2 | 116,32 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.259

Андозаи миёнаи нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 320,90 сомониро ташкил менамуд, ки нисбат ба соли 2014 39,44% зиёд мебошад. Нафақаи нисбатан баланд дар Ҷумҳурии Тоҷикистонро нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ, беморӣи касбӣ, ва аз рӯи маъюбӣ бинобар беморӣи умумӣ мегиранд, ки он ба 509,84 сомонӣ ва 440,73 сомонӣ муттаносибан баробар аст. Сатҳи пасти нафақа нафақаи иҷтимоӣ ба шумор меравад, ки он дар соли 2020 ба 196,05 сомонӣ баробар аст.

Дар соли 2020 нисбат ба соли 2014 андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъиншудаи нафақахӯрон аз рӯи пиронсолӣ 47,64%, аз рӯи маъюбӣ дар натиҷаи маслуқии меҳнатӣ 56,19%, аз рӯи маъюбӣ бинобар беморӣи умумӣ 46,63%, бинобар маҳрум шудан аз саробон 41,42% ва нафақаи иҷтимоӣ 57,61% зиёд гардидааст. Дар ин давра андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъиншудаи нафақахӯрон аз рӯи маъюбӣ беморӣи касбӣ 0, 13% паст гардидааст.

**Ҷадвали 2. Динамикаи тағйирёбии андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъиншудаи нафақахӯрон, аз рӯи намудҳои таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 2. The dynamics of changes in the average monthly pension of pensioners, according to the types of pension provision in the Republic of Tajikistan**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ нафақахӯрон | 230,14 | 228,17 | 272,13 | 270,67 | 309,94 | 303,21 | 320,90 | 139,44 |
| -аз рӯи пиронсолӣ | 237,33 | 234,76 | 282,38 | 282,91 | 328,33 | 322,86 | 350,39 | 147,64 |
| аз рӯи маъюбӣ дар натиҷаи маслуҷии меҳнатӣ | 253,05 | 258,36 | 299,57 | 310,69 | 359,06 | 357,66 | 395,25 | 156,19 |
| -аз рӯи маъюбӣ бемории касбӣ | 510,48 | 484,04 | 556,95 | 569,60 | 617,68 | 628,06 | 509,84 | 99,87 |
| аз рӯи маъюбӣ бинобар бемории умумӣ | 300,58 | 301,92 | 356,89 | 358,21 | 404,35 | 396,62 | 440,73 | 146,63 |
| бинобар маҳрум шудан аз саробон | 250,17 | 242,32 | 304,53 | 300,17 | 354,56 | 345,70 | 353,78 | 141,42 |
| иҷтимоӣ | 124,39 | 125,90 | 145,72 | 145,62 | 168,23 | 167,78 | 196,05 | 157,61 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.705

**Диаграммаи 1. Андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақаи тайиншуда ва таносуби он бо музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа**
**Diagram 1. The average monthly amount of the appointed pension and its correlation with the average monthly salary**




Сарчашма: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.263

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ ба хона, дар соли 2020 43 воҳидро ташкил менамояд, ки нисбат ба соли 2014 3 воҳид ё 7,5% зиёд аст. Теъдоди кормандони соҳаи иҷтимоӣ бошад дар соли 2020 580 нафар ва шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон 5365 нафарро ташкил доданд. Гарчанде дар солҳои охир шумораи кормандони соҳаи иҷтимоӣ тамоюли камшавиро дорад (8,2% нисбат ба соли 2014), шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон тамоюли зиёдшавиро дорост (4% нисбат ба соли 2014).

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи нафақаи таъиншуда нисбат ба андозаи музди меҳнати ҳармоҳа камтар буда, таносубияти он дар соли 2020 23,0%-ро ташкил менамояд. Ин нишондиҳанда дар 7 соли охир тамоюли пастравиро дорад. Зеро дар соли 2014 чунин таносубият ба 28,2% баробар буд, ки аз соли 2020 5,2 воҳид ё 18,44% кам гардидааст.

**Ҷадвали 3. Ёрии иҷтимоӣ ба шахсони яккаву танҳо ва пиронсолон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 3. Social assistance to lonely and elderly people in the Republic of Tajikistan**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/ 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| теъдоди шуъбаҳои ёрии иҷтимоӣ ба хона, воҳид | 40 | 40 | 39 | 41 | 41 | 42 | 43 | 107,50 |
| шумораи кормандони соҳаи иҷтимоӣ | 634 | 688 | 645 | 751 | 773 | 789 | 580 | 91,48 |
| шумораи хизматгузорони пиронсолон ва маъюбон | 5125 | 5053 | 5096 | 5000 | 5022 | 5153 | 5365 | 104,68 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.269

Дар замони муосир қисми зиёди табақаҳои осебпазири ҷомеа ба чораҳои ҳифзи иҷтимоӣ аз тарафи давлат фаро гирифта шудаанд. Дар соли 2020 хароҷоти буҷети давлатӣ ва суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ 3865,9 млн. сомониро ташкил дод, ки ин ба 18,8% - и хароҷотҳои умумии буҷети давлатӣ баробар аст. Ин нишондиҳанда дар соли 2010 ба 860,22 млн. сомонӣ ё 30,9%-и хароҷоти умумии буҷети давлатӣ баробар буд.

**Ҷадвали 4. Хароҷоти буҷети давлатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ**

**Table 4. State budget expenditures for social insurance and social protection in the Republic of Tajikistan, mln. somoni**

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2020 | 2020/ 2014 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| Андозаи хароҷот ба ҳифзи иҷтимоӣ, ҳазор сомонӣ | 32,094 | 232,41 | 860,22 | 2637,38 | 3865,9 | 120,4 маротиба |
| % | 9,9% | 26,6 | 30,9 | 18,2 | 18,8 | |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.658-677

Нишондиҳандаи муҳиме, ки ифодакунандаи беҳдошти вазъи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад, дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд ба шумор меравад. Дар соли 2020 ин нишондиҳанда барои тамоми аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 75,1 солро ташкил дод, ки нисбат ба соли 1995 9,1 сол ё 13,77% баланд аст. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қимати ин нишондиҳанда бештар барои занон баланд буда, дар соли 2020 76,8 солро ташкил дод. Дарозумрии эҳтимолии занон нисбат ба соли 1995 8 сол ё 11,6% зиёд гардидааст. Дарозумрии эҳтимолӣ барои мардон бошанд, дар давраи муқоисавӣ 10,2 сол ё 16,06% зиёд гардидааст.

**Ҷадвали 5. Тағйирёбии нишондиҳандаи дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба болоравии некуаҳволӣ (миқдори сол)**

**Table 5. Changes in the indicator of life expectancy at birth in the Republic of Tajikistan depending on the increase in well-being (number of years)**

| | 1995 | 2000 | 2005 | 2010 | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 | 2020/ 1995 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| тамоми аҳолӣ | 66,1 | 68,2 | 70,6 | 72,5 | 73,4 | 73,6 | 73,7 | 74,9 | 75,0 | 75,1 | 75,2 | 113,77 |
| мардон | 63,5 | 66,1 | 68,1 | 70,8 | 71,6 | 71,8 | 71,9 | 73,0 | 73,3 | 73,5 | 73,7 | 116,06 |
| занон | 68,9 | 70,3 | 73,2 | 74,4 | 75,4 | 75,6 | 75,7 | 76,9 | 76,9 | 76,8 | 76,8 | 111,61 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.36-37

Дар ҷадвали 5 фарқияти тағйирёбии индексҳои нафақа, музди миёнаи маош нисбат ба нархҳои истеъмолӣ оварда шудааст. Чи тавре аз ҷадвал бармеояд, тағйирёбии андозаи нафақа нисбат ба сатҳи нархҳои истеъмолӣ ба дараҷаи назарраз паст аст. Барои мисол, дар соли 2020 андозаи нафақа нисбат ба индекси нархҳои истеъмолӣ 2,77%-ро ташкил менамояд. Дар солҳои алоҳида ин нишондиҳанда то 7,84% низ пасттар аст. Чунин ҳолат

ифодакунанаи он аст, ки зиёдшавии ҳаҷми нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рӯпуш кардани баландравии сатҳи нархҳо кифоягӣ наменамояд.

Гарчанде фарқияти тағйирёбии музди маоши миёна нисбати нархҳои истеъмолӣ дар аксари солҳо қимати мусбӣ дошт, он дар соли 2020 аз сабаби якбора баланд гардидани индекси нархҳои истеъмолӣ қимати манфиро касб намудааст. Чунин фарқият дар соли 2020 4,24 соатро ташкил менамояд.

**Ҷадвали 6. Фарқияти тағйирёбии индексҳои нафақа, музди миёнаи маош нисбат ба нархҳои истеъмолӣ**

**Table 6. The difference in changes of pension indices, average salary compared to consumer prices**

| | 2014 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Индекси тағйирёбии андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳа | 100,82 | 99,14 | 119,27 | 99,46 | 114,51 | 97,83 | 105,83 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ | 106,1 | 105,8 | 105,9 | 107,3 | 103,8 | 107,9 | 108,6 |
| Индекси тағйирёбии музди маоши миёна | 117,47 | 107,67 | 109,47 | 118,92 | 107,83 | 108,24 | 104,36 |
| Фарқияти тағйирёбии андозаи нафақа нисбат ба нархҳои истеъмолӣ | -5,28 | -6,66 | 13,37 | -7,84 | 10,71 | -10,07 | -2,77 |
| Фарқияти тағйирёбии музди маоши миёна нисбат ба нархҳои истеъмолӣ | 11,37 | 1,87 | 3,57 | 11,62 | 4,03 | 0,34 | -4,24 |

Ҳисоби муаллиф аз рӯи: Тоҷикистон: 30-соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. -702 с.

Таҳлил нишон медиҳад, ки ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ аз қабили нафақа, ёрдампулӣ ва стипендия дар ҷамъи даромади умумии аҳолӣ 5,9-5,5%-ро дар давоми 7 соли охир ташкил медиҳад. Дар баробари ин, ҳиссаи пардохтҳои ҷубронӣ, аз ҷумла кумаки башардӯстона аз ҷамъи даромади аҳолӣ аз 0,18% то 0,7% баробар аст (диаграммаи 2).

**Диаграммаи 2. Ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ дар ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна**

**Diagram 2. The share of social payments in the total income per capita on average**




Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикстон ҳаҷми ёрдампулиҳои иҷтимоӣ барои харидории молҳои истеъмолӣ кифоягӣ наменамояд. Дар баробари ин, ҳиссаи асосии даромади аҳолӣ низ имрӯзҳо барои харидории молҳои истеъмолӣ сарф карда мешавад. Мувофиқи маълумотҳои омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 99%-и хароҷоти аҳолиро хароҷоти истеъмолӣ ташкил дод, ки аз он 60,7%-аш барои хариди хӯрокворӣ, 26,7 барои хариди маҳсулоти ғайриозуқа ва 10,7%-аш барои пардохти хизмати шахсӣ ва истеҳсолӣ сарф карда шудааст.

**Ҷадвали 7. Тадбирҳои ёрии иҷтимоӣ ба бекорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**
**Table 7. Measures of social assistance to the unemployed in the Republic of Tajikistan**

| | 2014 | | 2016 | | 2018 | | 2020 | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | ҳамагӣ | занон | ҳамагӣ | занон | ҳамагӣ | занон | ҳамагӣ | занон |
| Ҳамчун бекорон эътироф шудаанд, дар охири давра | 55502 | 28742 | 53087 | 27359 | 47522 | 22562 | 49888 | 23840 |
| аз шумораи умумии бекорон ёрдампулӣ муқаррар шудааст | 11335 | 443 | 13199 | 596 | 12374 | 299 | 15712 | 342 |
| бекороне, ки ёрдампулӣ мегиранд | 8758 | 337 | 12224 | 396 | 11319 | 288 | 13195 | 277 |
| дар як сол ёрдампулӣ пардохта шудааст, ҳаз. сомонӣ | 4308,5 | 242,3 | 5669474 | 311057 | 7433,0 | 213,7 | 8160,7 | 286,5 |
| андозаи миёнаи ёрдампулӣ ҳармоҳа, сомонӣ | 491,9 | 719,0 | 463,80 | 785,5 | 656,7 | 607,9 | 618,5 | 540,8 |

Сарчашма: Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ //Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. - С.167

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, яке аз қишрҳои дигари осебпазири аҳолӣ бекорон ба шумор меравананд, ки ба пардохтҳои иҷтимоӣ ниёз доранд. Соли 2020 дар мамлакат 49888 нафар бекорон ба қайд гирифта шуда буданд, ки аз онҳо 23840 нафарашон занҳо мебошанд. Аз шумораи умумии бекорон дар соли 2020 танҳо нисбати 15712 нафар ёрдампулӣ таъсис дода шудааст, ки ба 31,49% -и миқдори умумии бекорон баробар аст. Дар соли 2014 бошад, аз теъдоди умумии бекорон нисбат ба 11335 нафар ёрдампулӣ муқаррар карда шуда буд, ки ба 20,42% аз миқдори умумии бекорон баробар буд. Аммо новобаста аз муқаррар гардидани ёрдампулӣ ба миқдори зикргардидаи бекорон, дар соли 2020 танҳо 13195 нафар ва дар соли 2014 танҳо 11335 нафар ёрдампулӣ гирифтаанд, ки ин мутаносибан ба 83,98% ва 77,27% аз шумораи умумии бекороне, ки нисбаташон ёрдампулӣ муқаррар карда шудааст, баробар аст.

Андозаи миёнаи ёрдампулии ҳармоҳа барои бекорони эътирофшуда дар соли 2020 540,8 сомониро ташкил дод, ки нисбат ба соли 2014 ба 25,73% зиёд аст. Андозаи ёрдампулии иҷтимоӣ нисбат ба занон дар соли 2020 618 сомониро ташкил дод. Ин нишондиҳанда дар соли 2014 ба 719 сомонӣ баробар буд.

Ҳамин тавр, новобаста аз рушди мусбии нишондиҳандаҳои муқарраркунандаи сатҳи некуаҳволии аҳолӣ, масъалаи ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба тафриқаи зиёди сатҳи даромад байни аҳолӣ ва дастрасӣ ба соҳаи иҷтимоӣ то ҳол ҳалталаб ба шумор меравад.

Барои мукаммал гардонидани низоми ҳифзи аҳолӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур мешуморем татбирҳои иловагӣ оид ба баланд бардоштани дастрасии табақаҳои осебпазир ба хизматрасониҳои иҷтимоӣ, роҳандозӣ карда шавад, то он ки имкониятҳои онҳо барои иштирок дар ҳаёти иқтисодиву иҷимоии кишвар боз ҳам фаъолтар гардад.

Ҳифзи самараноки иҷтимоӣ, гузаронидани сиёсати самаранокеро тақозо менамояд, ки ҳолатҳои иҷтимоии шахсро фаро гирифта, ба коҳиши норизогии иҷтимоии аҳолӣ, шиддати иҷтимоӣ, сарзадани ихтилофҳои иҷтимоӣ тариқи беҳдошти вазъи шаҳрвандон мусодит намояд. Ба андешаи мо шаклҳо ва усулҳои ҳифзи иҷтимоӣ бояд гуногунранг бошад ва ба ҳамаи табақаҳои аҳолӣ дастрас бошад. Чунин сиёсат метавонад беҳдошти некуаҳволии аҳолиро таъмин намуда, пастравии сатҳи камбизоатӣ ва ниёзмандии аҳолиро пешгирӣ созад. Дар баробари ин, зарур аст равишҳои комилан нави идоракунии

равандҳои иҷтимоӣ коркард карда шаванд, ки мунтазам иттилоотҳои заруриро оид ба тақозои шаҳрвандон ба кумаки иҷтимоӣ пайгирӣ намуда, тақсимоти боадолати захираҳои молиявиро таъмин намояд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

### АДАБИЁТ


1. Абдурахманова М.З. Особенности развития и модернизации системы социальной защиты населения в национальной экономике Таджикистана: диссертация на соискание ученой степени кандидата экономических наук / М.З. Абдурахманова. –Худжанд, 2018. -163 с.
2. Батыгин К.С. Право социального обеспечения. Общая часть: учебное пособие / К.С. Батыгин. -М., 1998. -7 с.
3. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «дар бораи таъмини нафақаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон»-аз 25 июни соли 1993.
4. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи суғуртаи ҳатмии нафақавии касбӣ». –Душанбе: Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2016 .
5. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нафақаҳои суғуртавӣ ва давлатӣ». –Душанбе: Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2015.
6. Консепсияи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1.04.2011, №184, аз 5.11.2017 №709.
7. Михальчук В.Ю. Пенсионная реформа и «длинные деньги» для экономики / В.Ю. Михальчук // Финансы. - 2006. -№9. -С.13-15.
8. Темавова, Н.М. Состав и значение системы социальной защиты населения / Н.М. Теманова // В сборнике: Теоретический и практический потенциал современной науки Сборник научных статей. Научный редактор Д.В. Фурсова. –М., 2019. -С.134-137.
9. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ // Маҷмуаи оморӣ. –Душанбе: АОНПҶТ, 2020. -С.167.
10. Урусова, А.Б. Перспективы развития социальной защиты населения в сельской местности / А.Б. Урусова // International Agricultural Journal. - 2020. -Т. 63. -№1. -С.16.
11. Федоренко, П.А. Правовая природа и соотношение понятий «социальная защита» и «социальное обеспечение» населения / П.А. Федоренко, Е.В. Коваленко // В сборнике: Проблемы и перспективы современной науки. Материалы Международной (заочной) научно-практической конференции. - 2019. -С.179-182.
12. Ходжаева М.И. Социальная защита как важнейшая составляющая социальной политики / М.И. Ходжаева // Экономика Таджикистана: стратегия развития. –Душанбе, 2012. -С.120.
13. Хромойкина, А.Н. Социальная защита населения в механизме реализации социальной политики / А.Н. Хромойкина // В сборнике: Актуальные проблемы и современные тенденции социально-экономического развития региона и страны. Сборник научных трудов по итогам Международной научно-практической конференции. - 2018. -С.125-126.
14. Четыркин Г.М. Пенсионные фонды. Зарубежный опыт для отечественных предприятий. Актуальные расчеты / Г.М. Четыркин. -М.: Изд-во «АРГО», 1993.


## АРЗЁБИИ ВАЗЪИ МУОСИР ВА МАСЪАЛАҲОИ ИДОРАКУНИИ САМАРАНОКИ ҲИФЗИ ИҶТИМОӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар мақола таҳқиқот оид ба баҳодиҳии вазъи муосири идоракунии самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ дар шароити иқтисодиёти муосир мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муҳақиқи мақола андешаҳои баъзе олимони хориҷӣ ва ватаниро вобаста ба идоракунии ҳифзи иҷтимоӣ, таъминоти иҷтимоӣ ва самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ оварда, муҳиммияти мақоларо арзёбӣ кардааст. Дар қисмати таҳлили мақола муаллиф масъалаҳои зеринро мавриди таҳлил қарор додааст: афзоиши шумораи нафақахӯрон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, динамикаи тағйирёбии андозаи миёнаи нафақаи ҳармоҳаи таъиншудаи нафақахӯрон, аз рӯи намудҳои таъминоти нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозаи миёнаи ҳармоҳаи нафақаи тайиншуда ва таносуби он бо музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа, ёрии иҷтимоӣ ба шахсони яккаву танҳо ва пиронсолон, хароҷоти буҷети давлатӣ ба суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, тағйирёбии нишондиҳандаи дарозумрии эҳтимолӣ дар лаҳзаи таваллуд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба болоравии некуаҳволӣ, фарқияти тағйирёбии индексҳои нафақа, музди миёнаи маош нисбат ба нархҳои истеъмолӣ, ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ дар ҷамъи даромади ҳар нафар аҳолӣ ба ҳисоби миёна ва тадбирҳои ёрии иҷтимоӣ ба бекорон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Таҳлили илмии муаллифи мақола дар асоси маълумотҳои оморӣ дар шакли ҷадвалу диаграммаҳо баррасӣ шудааст.



**Калидвожаҳо:** таъминоти иҷтимоӣ, самаранокии ҳифзи иҷтимоӣ, нишондиҳандаи дарозумрии аҳолӣ, ҳиссаи пардохтҳои иҷтимоӣ, низоми нафақа, андозаи миёнаи нафақа, нафақаи сину солӣ, индексҳои нафақа.


## ОЦЕНКА СОВРЕМЕННОЙ СИТУАЦИИ И ВОПРОСЫ ЭФФЕКТИВНОГО УПРАВЛЕНИЯ СОЦИАЛЬНОЙ ЗАЩИТОЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В статье исследуется оценка современного состояния управления социальным обеспечением в условиях современной экономики. Исследователь статьи привел мнения некоторых зарубежных и отечественных ученых, касающиеся управления социальной защитой, социальным обеспечением и эффективностью социальной защиты, и оценил значимость статьи. В аналитической части статьи автор проанализировал следующие вопросы: увеличение численности пенсионеров в Республике Таджикистан, динамика изменения среднемесячной пенсии пенсионеров

по видам пенсионного обеспечения в Республике Таджикистан, среднемесячный размер пенсии и ее соотношение со среднемесячной заработной платой, социальная помощь одиноким и пожилым людям, расходы государственного бюджета на социальное обеспечение и социальную защиту в Республике Таджикистан, изменение показателя ожидаемой продолжительности жизни на рождаемост в Республике Таджикистан в зависимости от прироста благосостояния, разницы изменения пенсионных показателей, средней заработной платы, по сравнению с ценами потребления, доли социальных выплат в общем доходе населения в среднем и показателей социальной помощи безработным в Республике Таджикистан. Научный анализ автора основан на статистических данных в виде таблиц и диаграмм.

**Ключевые слова:** социальное обеспечение, эффективность социальной защиты, показатель продолжительности жизни населения, доля социальных выплат, пенсионная система, средняя пенсия, пенсия по старости, пенсионные показатели.

**ASSESSMENT OF THE PRESENT SITUATION AND ISSUES OF EFFICIENT MANAGEMENT OF SOCIAL PROTECTION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN**

The article examines the assessment of the current state of social security management in the modern economy. The researcher of the article cited the opinions of some foreign and domestic scientists regarding the management of social protection, social security and the effectiveness of social protection, and assessed the significance of the article. In the analytical part of the article, the author analyzed the following issues: an increase in the number of pensioners in the Republic of Tajikistan, the dynamics of changes in the average monthly pension of pensioners by type of pension provision in the Republic. Tajikistan, average monthly pension and its ratio with the average monthly wage, social assistance to lonely and elderly people, state budget expenditures on social security and social protection in the Republic of Tajikistan, change in the indicator of life expectancy on the birth rate in the Republic of Tajikistan depending on the increase in welfare, difference changes in pension indicators, average wages compared to consumption prices, the share of social payments in the total income of each population on average and indicators of social assistance to the unemployed in the Republic of Tajikistan. The scientific analysis of the author is based on statistical data in the form of tables and diagrams.

**Keywords:** social security, effectiveness of social protection, life expectancy indicator, share of social payments, pension system, average pension, old-age pension, pension indicators.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Холиқзода Аҳлиддин Юлдош*** **-** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, муаллими калони кафедраи молия ва қарз. **Суроға:** 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Кӯлоб, кӯчаи С. Сафаров, 16. Телефон: **(+992) 931-57-32-57.** E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

**Сведения об авторе:** ***Ахлиддин Халикзода Юлдош*** - Кулябский государственный университет имени Абуабдуллоха Рудаки, старший преподаватель кафедры финансов и кредита. **Адрес**: 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: **(+992) 931-57-32-57.** E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

**Information about the author:** ***Akhliddin Khalikzoda Yuldosh*** **-** Kulyab State University named after Abuabdulloh Rudaki, Senior Lecturer of the Department of Finance and Credit. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street, 16. Phone: **(+992) 931-57-32-57.** E-mail: **holikzodaahliddin@gmail.com**

УДК: 519.862.6

# МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА УСУЛҲОИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ МОДЕЛҲОИ ЭКОНОМЕТРИКӢ БАРОИ АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНА: «НАРХИ МАҲСУЛОТ ВА ФОИДАИ КОРХОНА»

***Рустамова Ш.А., Раҳимов А.А.***

**Донишгоҳи политехникии донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар ш.Хуҷанд**

Дар шароити имрӯза бе донистани илми инноватсия, инчунин, технологояҳои иттилоотии - коммуникатсионӣ ва ташаккули донишҳои техникӣ ба пеш рафтан номумкин аст. Бинобар ин, мақсади баланд бардоштани омӯзиши фанни технологияи информатсионӣ дар муассисаҳои олии техникӣ дар 20 - соли омӯзиши рушди фаннҳои табиӣ, дақиқ ва риёзӣ бо воситаи баланд бардоштани салоҳиятнокии омӯзиши фанни информатика мебошад [14,с.212].

Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, татбиқи моделҳои иқтисодию риёзӣ бо мақсади пешгӯйии маҷмуи мураккаби оморӣ муҳим ба ҳисоб меравад, чунончи воситае, ки барои таҳлил ба кор меравад, ба объекти таҳлил – иқтисоди бозорӣ мувофиқ аст.

Модел ва усулҳои эконометрикӣ қисми ҷудонопазири дилхоҳ низоми муосири мутобиқ барои қабули тадбирҳои идорӣ ва иқтисодӣ маҳсуб мегардад. Имрӯзҳо усулҳои эконометрикӣ ҳангоми ташхиси ҳолати корхона, барои ҳалли вазифаҳои идораи молиявии корпоративӣ ва хатар, ҳангоми баҳогузории самаранокии фаъолияти сармоягузорӣ ва инноватсионӣ, арзиши активҳо ва соҳибкорӣ, барои таҳлили тамоюли нарх ва сатҳи зиндагӣ, ҳангоми баҳогузории хусусиятҳои логистикаи моделҳои иқтисодию риёзӣ ба кор мераванд [8].

Модели математикӣ - эконометрикӣ дар баробарӣ ё системаи баробариҳо ва нобаробариҳо овардашуда, намои математикии объект маҳсуб мегардад, ки дар он ҳамаи ҷиҳатҳои муҳим ва хусусиятҳои вазифавӣ ба назар гирифта шуда, тавассути он беҳтарин гунаи рушди объект дарёфт мегардад. Маълум аст, ки ҳар қадар моҳият ва мундариҷаи объект, робитаи мутақобилаи ҷузъиёти он ва таъсири онҳо ба натиҷаи ниҳоии фаъолият ё кори объект батафсил муоина гардад, ҳамон қадар тадбири татбиқ ва ҷоринамоии он дар амалия аниқтар ва мувофиқтар мегардад. Усулҳои эконометрикӣ имкон медиҳанд, ки ба ду саволи асосӣ ҷавоб дода шавад: дар оянда чӣ рух медиҳад (пешгӯйӣ, ояндабинии рушди вазъияти иқтисодӣ) ва чӣ тавр тағйирёбии як бузургӣ метавонад ба дигаре таъсир расонад (вазифаи таҳлил барои идоракунии равандҳои иқтисодӣ).

Дар байни моделҳои татбиқшаванда метавон ду намуди асосии онро ҷудо намуд: сохторӣ ва функсионалӣ. Моделҳои сохторӣ ташкили техникию иқтисодии объекти иқтисодӣ, қисмҳои таркибӣ ва хусусиятҳои дохилии онро инъикос менамоянд. Ба ин гурӯҳ метавон моделҳои тавозуни байнисоҳавӣ, моделҳои мувофиқнамоӣ, моделҳои идораи захираҳо ва ғайраро дохил намуд. Моделҳои функсионалӣ дар заминаи қоидаҳои дигар бунёд меёбанд. Онҳо рафтори объектро дар натиҷаи бунёди робитаи мутақобил байни параметрҳои дохилшаванда ва хориҷшаванда бе ҷалби маълумоти иловагӣ доир ба сохтори дохилии он тавсиф менамояд [2].

Мувофиқи назари С. Фишер эконометрика – ин қисми иқтисодиёт аст, ки ба коркард ва татбиқи усулҳои оморӣ барои ченкунии робитаи мутақобила байни тағйирёбандаҳои иқтисодӣ машғул мебошад [3].

Моделҳои эконометрикӣ, ки системаи баробариҳои регрессионӣ ва айниятҳоро ифода карда, ҳар яке барои муайян намудани як нишондиҳандаи тадқиқшаванда истифода мешаванд, ба намуди функсионалӣ дохил мешаванд. Дар ин маврид нишондиҳандаҳое баромад мекунанд, ки дар як баробарӣ ба сифати тағйирёбандаҳо, дар дигаре ба сифати далел истифода шуда, ба қимати тағйирёбандаҳои боқимонда таъсир мерасонанд. Дар маънии нисбатан маҳдуди сухан, моделҳои эконометрикӣ, системаҳои баробарие ба ҳисоб мераванд, ки хислати эҳтимолии равандҳои иқтисодиро ифода менамоянд [9,с.104]

Баробарии моделҳои эконометрикӣ, ҳамчунин, тағйирёбандаҳои тасодуфиро дар бар гирифта, бузургиҳои он дар асоси қаторҳои вақтӣ, инчунин, дар заминаи маълумоти интихобӣ муқаррар мегарданд.

Се намуди моделҳои эконометрикӣ мавҷуд аст, ки дар расми 1 оварда шудааст [9].

**Расми 1. Моделҳои иқтисодӣ**
**Figure 1. Economic models**




Татбиқи якҷониба, махсусан, муқобилгузории усулҳои тарҳрезии сохторӣ ва функсионалӣ сатҳи дурустии ҳисобҳои иҷрошударо паст мекунад. Ин намуди моделҳо якдигарро пурра менамоянд, чунончи ҳангоми бунёди моделҳои сохторӣ метавон оид ба аксуламали системаҳо ба тағйироти берунии шароит маълумот ба даст овард, аммо ҳангоми омӯзиши моделҳои функсионалӣ фарзияҳо оид ба сохтори дохилии объект пеш меоянд [4]. Гузашта аз ин, аз сабаби мураккабии хислати методӣ, математикӣ, иттилоотӣ то ҳол модели томи рушди иқтисодӣ, ки дар ҳамаи сатҳҳои идоракунӣ ба кор ояд, сохта нашудааст. Аз ин рӯ, танҳо бунёд ва ҳамҷоякунии моделҳои гуногуни эконометрикӣ, тавозунӣ ва муносиб дар як низом имкони тавсифи маҷмуи робитаи мутақобила ва тамоюли рушди иқтисодиро дар шароити муносиботи бозорӣ пеш меорад.

Мутобиқи сохтор марҳилаҳои ташаккули моделҳои эконометрикиро метавон дар ҷадвали 1 нишон дод.

**Ҷадвали 1. Марҳилаҳои тарҳрезии эконометрикӣ**
**Table 1. Stages of econometric design**

| | |
|---|---|
| Гузориш | Мақсади таҳқиқот (таҳлил, пешгӯйӣ, имитатсияи рушд, тадбирҳои идорӣ ва ғ.) ба шакл даровarда мешавад, моделҳои тағйирёбии иқтисодӣ муайян мегардад. |
| Априорӣ | Падидаҳои иқтисодии омӯхташаванда таҳлил мегарданд: маълумоти то оғози тарҳреҳӣ дардастбуда ташкил ва ташаккул меёбанд. |
| Параметризатсия | Намудҳои моделҳои иқтисодиро муайян намуда, робитаҳои мутақобилаи байни тағйирёбандаҳои он дар шакли математикӣ зоҳир мегардад, заминаи ибтидоӣ ва маҳдудаҳои моделҳо шакл мегирад. |
| Иттилоотӣ | Ахбори оморӣ зарурӣ ҷамъоварӣ мегардад. |
| Идентификатсияи моделҳо | Таҳлили омории моделҳо гузаронида мешавад, бузургиҳои сифатӣ арзёбӣ мегардад. |
| Верификатсияи моделҳо | Асолати модел санҷида шуда, муайян карда мешавад, ки то чӣ андоза модели сохташуда ба падидаҳои воқеии иқтисодӣ мувофиқат мекунад. |

Татбиқи моделҳои эконометрикиро метавон бо сабабҳои зерин асоснок намуд [15].

Якум, механизми танзими истеҳсолот, истеъмолот, таботул ва тақсимот дар иқтисодиёт бо маҷмуи тадбирҳои автономӣ ва марказонидашуда тавсиф меёбад, ки натиҷаи он дар сатҳи умумӣ танҳо ҳамчун раванди стохастикӣ баён мегардад. Таҳлили эконометрикӣ махз барои тарҳрезии чунин равандҳо пешбинӣ шудааст. Танҳо дар ҳамон асос сохтани он имконпазир мегардад, ки байни нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ кадом вобастагӣ вуҷуд дорад, муносибати хислати таҳлилӣ ва робитаи мутақобила байни падидаҳои иқтисодӣ чӣ хел аст ва моҳияти ададии онҳо чӣ гунаанд.

Дуюм, истифодаи маҷмуи моделҳои эконометрикии илман асоснок имкон медиҳад, таҳлили мундариҷавӣ ва ояндабинии рушди иқтисодӣ гузаронида шавад. Усулҳои эконометрикӣ имкон медиҳанд, ки ба ғайр аз вариантҳои асосии пешгӯйиҳо, инчунин,

вариантҳои зиёди минбаъдае тарҳрезӣ гарданд, ки дар натиҷа дигаргуниҳои пешбинишавандаи сиёсати иқтисодӣ ба тағйирёбандаҳои ҷудогонаи додашудаи беруна (экзогенӣ) иваз мешаванд. Чунин истифодаи моделҳои эконометрикӣ имкони муайян намудани натиҷаи як қатор вариантҳои рушдро медиҳад ва дар як вақт мувофиқат ва алоқамандии нишондиҳандаҳои тадқиқшавандаро таъмин менамояд.

Сеюм, моделҳои эконометрикӣ воситаи самараноки назорат бар рушди мутаносиби иқтисодиёт маҳсуб мегарданд. Маҷмуи моделҳои эконометрикӣ якҷоя тағйироти таркибӣ ва динамикиро инъикос менамоянд. Ин ба санҷиши риояи таносуби асосии нишондиҳандаҳои муҳимтарин дар муҳлати муайян имкон медиҳад ва барои ҳосил шудани тадбирҳои нисбатан мақсадноки чораҷӯйиҳои сиёсати иқтисодӣ маълумот пешниҳод менамояд. Мавриди қайд аст, ки усули тарҳрезии эконометрикӣ моҳиятан беҳаракат буда, ба экстраполятсияи марҳилаи ибтидоии вобастагиҳо асос меёбад, аз ин рӯ, нисбатан самаранок ва устувор дар раванди татбиқ ба ҳисоб меравад.

Мақсади асосӣ аз сохтани моделҳои эконометрикӣ, ба даст овардани воситаи самараноки пешгӯйикунанда аст. Ҳамчунин, моделҳои эконометрикии коркардшуда ва намудҳои онҳо метавонанд на танҳо дар пешнигарӣ ба кор оянд. Доираи татбиқи ин моделҳо нисбатан васеъ аст. Бо ёрии ин моделҳо метавон мутобиққунии нишондиҳандаҳоро ҳосил кард, таъсири нишондиҳандаҳои макроиқтисодии ҷамъбастиро ба минтақавӣ ҳангоми ҳалли вазифаҳои гуногуни ҳудудӣ ба назар гирифт.

Вазифаҳои эконометрикиро метавон аз рӯйи мақсадҳои ниҳоии амалӣ дар ду намуди асосӣ гурӯҳбандӣ намуд: пешгӯйии нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии тавсифдиҳандаи ҳолати низомҳои таҳлилӣ; такрори имконпазири сенарияҳои иҷтимоӣ-иқтисодии рушди низомҳои таҳлилӣ [4].

Арзёбии ҳолати молиявӣ (estimation of financial position) роҳи имконпазир барои ошкор сохтани созгориҳои молиявӣ ва динамикаи рушди субъекти хоҷагӣ. Воситаи асосии баҳогузории экспертии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории ташкилот аудит – таҳлил ба ҳисоб меравад, ки ҳисоботи муҳосибавӣ ба ҳайси асос хизмат мекунад. Арзёбии ҳолати молиявӣ, ҳисоботи таҳлили мантиқӣ ва таҳрири онро аз рӯйи маълумоти аудит бо роҳи хориҷ намудани активҳои корношоям ва муқаррар намудани арзиши онҳо, ҳамчунин, таҳлили миқдории бо ҳисобкунии коэффитсиентҳои молиявӣ (бозоргирӣ, гирдгардиши активҳо, таркиби сохтор ва уҳдадориҳо) сохташударо дар бар мегирад.

Робитаи мутақобилаи мафҳумҳои "нарх" ва "фоида" тақсимнопазир аст. Ҳар қадар нарх баланд аст, фоида зиёд, ҳар қадар нарх паст аст, фоида ҳамон қадар кам мебошад. Мол ё хизматрасонии камарзишро фурӯхтан осон аст; дар ҳамон як муҳлати вақт моли нархаш паст нисбат ба ҳамтои гаронарзиш дар ҳаҷми калон фурӯхта мешавад. Ҳангоми нархгузорӣ, байни нархи маҳсулот ва ҳаҷми фурӯши он бояд робитаи мутақобила барқарор гардад.

Ду тарзи муайян кардани нархҳо ба маҳсулот мавҷуд аст: якум, бо назардошти хароҷот ба истеҳсолот ва фурӯши маҳсулот, нархгузорӣ аз рӯйи хароҷот; дуюм – нархгузорӣ аз рӯйи талабот, вақте аз имкониятҳои бозор вобаста ба қобилияти харидорон убур менамояд. Ҳамчунин, се тарзи нархгузории ба нархи маҳсулоти рақобатӣ асосёфта ба кор меравад.

Маълумоти арзишмандро доир ба ҳолати молиявии корхона метавон ба роҳи муқоисаи нишондиҳандаҳои таҳлилӣ ба даст овард. Ҳисобдиҳии мазкур, ки ба таври алоҳида муоина мегардад, муқоисаи вақту фазоро фаро намегирад, аз ин рӯ, бояд вобаста ба динамика гузаронида шавад. Бо ин мақсад тавозуни таҳлили муқоисавӣ дар асоси тавозуни муҳосибии корхона бо роҳи иловаи нишондиҳандаҳои сохтори актив ва пассив дар динамика гузаронида мешавад. Дар баробари тавсифи умумии ҳолати молиявӣ нишондиҳандаҳои устувори молиявии корхона таҳлил мегарданд. Устувории молиявӣ аз рӯйи таносуби воситаҳои худӣ ва қарзӣ дар активҳо ва пассивҳои корхона, суръати андӯхти маблағҳои худӣ дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ, таносуби дарозмуддат ва кӯтоҳмуддати уҳдадориҳои ширкат, таъмини воситаҳои гардон аз ҳисоби манбаъҳои худӣ ва ғ. баҳогузорӣ мегардад.

Арзёбии устувории молиявӣ ҳам барои шарикони тиҷоратӣ ва ҳам барои сармоягузорони боиқтидори корхона аҳамияти калон дорад.

Зери мафҳуми ҳолати моливии корхона, қобилияти маблағгузории корхона ба фаъолияти худ фаҳмида мешавад. Он бо таъминот бо захираҳои молиявии барои кори муътадили корхона зарурӣ, ҷобаҷогузории мақсаднок ва истифодаи самаранок, бо равобити тарафайн бо ашхоси ҳуқуқӣ ва воқеӣ, бо пардохтпазирӣ ва уствории молиявӣ тавсиф меёбад.

Дар расми 2 мебинем, ки кадом қисм таҳлили молиявӣ-иқтисодии ҳолати корхонаро дар бар мегирад.

**Расми 2. Қисмҳои молиявӣ-иқтисодии ҳолати корхона**
**Figure 2. Financial and economic parts of the state of the enterprise**




Ҳолати молиявии корхона метавонад устувор, ноустувор ва буҳронӣ бошад. Қобилияти корхона дар пардохтпазирии саривақтӣ, таъминоти куллии фаъолияти худ бо маблағ аз ҳолати хуби молиявии он шаҳодат медиҳад. Ҳолати молиявии корхона аз натиҷаи истеҳсолӣ, фаъолияти тиҷоратӣ ва молиявии он вобаста аст. Агар нақшаи истеҳсолӣ ва молиявӣ бомуваффақият иҷро гардад, пас он ба ҳолати молиявии корхона таъсири мусбат мерасонад ва баръакс, дар натиҷаи иҷро нашудани нақшаи истеҳсолӣ ва фурӯши маҳсулот арзиши аслии он меафзояд, даромад ва маблағи фоида паст шуда, мутобиқан, ҳолати молиявии корхона ва пардохтпазирии он коҳиш меёбад.

Ҳолати устувори молиявӣ дар навбати худ ба иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва таъминоти эҳтиёҷоти истеҳсолот бо воситаҳои зарурӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, фаъолияти молиявӣ ҳамчун қисми таркибии фаъолияти хоҷагидорӣ ба таъминоти нақшавии вуруд ва харҷи воситаҳои пулӣ, иҷрои интизоми ҳисобӣ, ба даст овардани тақсимоти ҳақиқии сармояи худӣ, қарзӣ ва истифодаи нисбатан сарараноки он равона гардидааст. Мақсади асосии фаъолияти молиявӣ тадбири дар куҷо, кай ва чӣ хел истифода бурда шудани захираҳои молиявӣ барои рушди самараноки истеҳсолот ва ба даст овардани ҳадди аксари фоида ба ҳисоб меравад.

Таҳлили фаъолияти молиявии корхона, барои муайян намудани дараҷаи устувории молиявии корхона, арзёбии фаъолнокии тиҷоратӣ ва самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ зарур аст.

Таҳлил (аз юн. analisis) – ин ба ҷузъ ҷудо кардан, таҷзияи объекти омӯзиш ба қисмҳо, унсурҳои мансуб ба объекти мазкур бо мақсади таҳқиқ ва ошкор намудани тамоюли тағйирёбӣ аз таъсири омилҳои гуногун мебошад. Вобастагии ҷойдошта ва қонунгузорӣ барои ошкор намудани хосияти фарққунандаи он аз хусусияти унсурҳо ҷамъбаст ва дар як низом муттаҳид мегарданд.

Мақсади асосии таҳлили молиявӣ ба даст овардани параметрҳои калидии бозгӯкунандаи тасвири аниқ ва объективии ҳолати молиявии корхона, фоида ва зарарҳои он, тағйирот дар таркиби активҳо ва пассивҳо ва ғ. маҳсуб мегардад. Мақсади таҳлил дар натиҷаи ҳалли як даста вазифаҳои муайяни баҳампайванди таҳлилӣ ҳосил мегардад.

Вазифаҳои таҳлилӣ мушаххаснамоии мақсади таҳлилро бо назардошти имконоти методӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ ва техникии гузаронидани ин таҳлил ифода мекунад [1].

Манбаи иттилоотӣ барои таҳлили молиявӣ шаклҳои зерини ҳисоботи муҳосибӣ ва Дастурамал оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ «Бухгалтерская отчетность организации» (ПБУ 4/99) ба ҳисоб меравад:

- шакли № 1 «Тавозуни муҳосибӣ»;
- шакли № 2 «Ҳисобот оид ба фоида ва зарар»;
- шакли № 3 «Ҳисобот оид ба гардиши сармоя»;
- шакли № 4 «Ҳисобот оид ба гардиши воситаҳои пулӣ»;
- шакли № 5 «замима ба тавозуни муҳандисӣ»;
- «варақаи тавзеҳӣ» бо баёни омилҳои асосии таъсиррасони соли ҳисоботӣ ба натиҷаҳои ҷамъбастии фаъолияти корхона бо арзёбии ҳолати молиявӣ;
- қисми ҷамъбастии хулосаи санҷишгарӣ.

Таҳияи ҳисоботи молиявӣ дар шароити бозор ба як қатор қоидаҳое асоснок аст, ки онро ба таври кофӣ ба воситаи самараноки идоракунии молиявӣ табдил медиҳад. Ба он шомиланд:

- пуррагии инъикоси ҳамаи амалиёти хоҷагидорӣ дар ҳисобҳо барои соли ҳисоботӣ;
- дурустии мансубияти даромад ва хароҷот ба давраи ҳисоботӣ дар мутобиқат бо Нақшаи ҳисобкунии баҳисобгирии муҳосибӣ ва Дастурамал оид ба бурдани баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи муҳосибии ҶТ;
- айнияти маълумоти ҳисоби таҳлилии гардиш ва бақия бо ҳисобу китоби ҳисобкунии таҷзиявӣ барои гузаронидани инвентаризатсияи солона;
- риояи сиёсати баҳисобгирии қабулшуда дар давоми соли ҳисоботӣ.

Методикаи таҳлили молиявӣ барои таъмини идоракунии вазъи молиявии ташкилот ва баҳодиҳии суботи молиявии шарикони тиҷоратии он дар шароити иқтисоди бозорӣ вуҷуд дорад. Он дорои унсурҳои таҳлили беруна ва дохилӣ мебошад.

Д.В. Лисенко ақида дорад, ки «усулҳои омӯхташудаи таҳлили вазъи молиявӣ имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои кори таҳлилӣ баҳогузорӣ карда шаванд. Дар заминаи мафҳуми методика "ин маҷмуи усулҳо ва тарзҳои тадқиқоти умумӣ мебошад", дар рафти тадқиқот ошкор карда шудааст, ки дар маҷмуъ як қатор тарзҳои асосии дар тадқиқи вазъи молиявии ташкилот истифодашаванда, дар таълифи муаллифони гуногун фарқият доранд. Аммо, дар ҳолати маҷмуи усулҳои мушаххасе, ки барои татбиқи усулҳои умумӣ истифода мешаванд, яъне усулҳои хусусӣ, методикаҳо баъзе фарқиятҳо доранд» [7,с.204-215].

Методикаи таҳлили иқтисодӣ тадқиқи пурраи таъсири сабабҳо ва шароитҳоро ба натиҷаҳои фаъолияти ширкат, бо мақсади баланд бардоштан ва зиёд гардонидани самаранокии истеҳсолот пешбинӣ мекунад.

Таҳти маънои методика маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои иҷрои оқилонаи ягон намуди кор фаҳмида мешавад. Дар таҳлили молиявӣ методология - ин маҷмуи қоидаҳо ва усулҳои омӯзиши иқтисоди корхона, ки бо тарзи муайян ба ҳадафи таҳлил тобеъ ҳастанд, мебошад [5,с.224].

Арзиши педагогии кори мустақилона аз он вобастагӣ дорад, ки бо чӣ тарз фаъолияти донишҷӯён ташкил карда шудааст. Шаклҳои ташкили фаъолияти мустақилонаи донишҷӯён дорои аҳамияти муҳимми тарбиявӣ мебошанд [12,с.280].

Сигидов Ю.И., Кучеренко С.А. ақида доранд, ки «мувофиқи равиши Мелник М.В. амалияи таҳлили молиявӣ аллакай методикаи таҳлили ҳисоботи молиявиро таҳия кардааст. Методикаи таҳлили вазъияти молиявӣ шаш тарзи асосиро истифода менамояд:

- ✓ таҳлили уфуқӣ (вақтӣ) - муқоисаи ҳар як унсури ҳисоботгузорӣ бо марҳилаи қаблӣ;
- ✓ таҳлили амудӣ (сохторӣ) - муқаррар намудани сохтори нишондиҳандаҳои молиявӣ;
- ✓ таҳлили тамоюлҳо (трендҳо) - ба ҳам таносуб гардонидани ҳар як ҷузъи ҳисоботгузорӣ бо як қатор давраҳои қаблӣ ва муайян кардани тамоюл, яъне, тамоюли асосии динамикаи нишондиҳанда, ки аз таъсири тасодуфӣ ва хусусиятҳои инфиродии давраҳои алоҳида тоза карда шудаанд;

✓ таҳлили нишондиҳандаҳои нисбӣ (коэффитсиентҳои иқтисодӣ) - ҳисоб кардани таносуби ададии шаклҳои гуногуни ҳисоботгузорӣ, муқаррар намудани робитаи хусусиятҳо;

✓ таҳлили муқоисавӣ, таҳлили мазкур тақсим мешавад: а) дохилихоҷагӣ - муқоисаи нишондиҳандаҳои асосии ташкилот ва бахшҳо ва зервоҳидҳо; б) байнихоҷагӣ - муқоисаи нишондиҳандаҳои ташкилот бо нишондиҳандаҳои рақибон, бо ҳисоби миёнаи соҳавӣ;

✓ таҳлили омилҳо - омӯзиши таъсири омилҳои (сабабҳои) алоҳида ба нишондиҳандаи натиҷа» [14,с.120].

Тибқи ақидаи А.Д. Шеремет, методикаи таҳлили молиявӣ се қисмати ба ҳам алоқамандро дар бар мегирад, ки дар расми 3 нишон дода шудааст:

**Расми 3. Методикаи таҳлили молиявии корхона**
**Figure 3. Methodology of financial analysis of the enterprise**




Таҳлили молиявӣ ҳамчун усули омӯзиши равандҳо ва падидаҳои иқтисодӣ дар низоми идоракунии корхона мавқеи муҳимро ишғол мекунад [6,с.335].

Таҳлили фоидаи ташкилот на танҳо фоидаи соф, балки фоидаи умумӣ ва маржиналиро низ баҳо медиҳад. Алҳол мафҳумҳои мазкурро тавсиф медиҳем.

**Фоидаи умумӣ** даромади ширкатро бо назардошти хароҷоти мустақим барои истеҳсол ва фурӯши мол/хизматрасонӣ ба назар мегирад.

**Фоидаи маржиналӣ** фарқи байни даромад ва хароҷоти тағйирёбанда мебошад.

**Даромади холис** - ин даромади ҷамъбастии дар ширкат пас аз пардохти музди меҳнат, андозҳо ва пардохтҳои дигари ҳатмӣ ба фондҳо, қарзҳо ё пардохтҳои иҷора, иҷора ва ғайра боқимонда.

**Нишондиҳандаҳои асосии таҳлили фоида**: инак, фоида аз нуқтаи назари сифат - ин нишондиҳандаи динамикаи мусбати рушди тиҷорат, муваффақият мебошад. Аз нуқтаи назари нишондиҳандаи миқдорӣ фоида нишон медиҳад, ки хароҷот ва даромад бо ҳам чӣ гуна таносуб доранд.

Ҳангоме ки таҳлили ташаккули фоида амалӣ мешавад, муайян карда мешавад, ки хароҷоти тағйирёбанда ва доимӣ дар арзиши аслӣ ба даромад то кадом андоза таъсир мерасонад. Ғайр аз ин, таносуби фоида ва даромад ба назар гирифта шуда, ҳамчун фишанги амалиётӣ муайян карда мешавад: ҳар қадар фишанг калонтар бошад, ҳамон қадар афзоиши динамикии даромад фоидаро бештар мекунад.

Таҳлили молиявии фоида барои муайян кардани нуқтаи фаъолияти бидуни зиён кумак мекунад - қимате, ки ҳангоми он арзиши маҳсулот/хизмат ба фоидаи аз фурӯш гирифташуда баробар аст. Ин нишондиҳанда ҳамчун нишонаи интиқодӣ аст. Агар даромади ташкилот танҳо хароҷотро пӯшонад (ҳам хароҷоти доимӣ ва ҳам тағйирёбанда), он гоҳ он ба сифр баробар мешавад. Барои ба даст овардани фоида, бояд аз рӯйи ҳаҷм ва афзоиши фурӯш кор кунед. Агар ҳаҷми ҷории истеҳсолот кам шавад, ширкат дар нишондиҳандаҳои манфӣ ғарқ мешавад [16].

Таҳлили фоида ва даромаднокӣ ба ҳалли вазифаҳои зерин мебарад:

- Вазифаи 1: фаҳмидани сохтори ширкат;
- Вазифаи 2: гирифтани баҳои он ки нақша ва стратегияи рушди ширкат чӣ тавр риоя мешаванд, оё нишондиҳандаҳои молиявӣ бо нишондиҳандаҳои пешгӯйишуда мувофиқат мекунанд ё не;
- Вазифаи 3: таваҷҷуҳ додан ба омилҳое, ки ба ҷараёнҳои молиявӣ таъсир мерасонанд;
- Вазифаи 4: муайян кардани тамоюлҳои тақсимоти фоида;
- Вазифаи 5: пайдо кардани имконитяҳои иловагӣ барои зиёд кардани фоидаи соф.

Усулҳои асосии таҳлил дар ҷадвали 2 оварда шудаанд.

**Ҷадвали 2. Усулҳои асосии таҳлили фоида [16]**
**Table 2. Main methods of profit analysis**

| Усулҳо | Моҳияти усул |
|---|---|
| Сохторӣ | Вазифаи чунин таҳлил - муайян кардани ҳиссаи фоида аз намуди асосии фаъолият ва ҳамаи фаъолияти боқимонда. Ин ҷо ба тағйир ёфтани фоиданокии самти асосӣ таваҷҷуҳ зоҳир кардан муҳим аст. Агар фоиз паст шавад, ин аз пастшавии самаранокӣ шаҳодат медиҳад. Ҳатто агар ҳаҷми умумии фоида дар як сатҳ боқӣ монад ё аз ҳисоби намудҳои дигари фаъолият зиёд мешавад, ҳамин хулоса дуруст хоҳад буд. Инчунин, таҳлили сохтории фоидаро тибқи мавқеи маҳсулот гузаронидан мумкин аст, то ки маҳсулоти нисбатан манфиатбахш дар номгӯй дарёфт карда шавад. |
| Омилӣ | Таҳлили омилии фоида имкон медиҳад, ки чӣ гуна омилҳои беруна ва дохилӣ ба фоида таъсир мерасонанд. Натиҷаҳои ду ва ё зиёда давраҳо муқоиса карда мешаванд. Ширкат метавонад минбаъд ба омилҳои дохилӣ таъсир расонад. Масалан, бо роҳи зиёд кардани ҳаҷми истеҳсол, бо истифодаи иқтидорҳои зиёдтар ва ҷорӣ намудани технологияҳои муосир. Ё тағйир додани шароити кори кормандон, таъминоти моддӣ ва ғайра. Мутаносибан, омилҳои беруна ин вазъияти бозорӣ мебошанд, ки ба онҳо ширкат махсус таъсир намерасонад, вале бояд онро ба назар гирад. Ҳамин тавр, шумо метавонед ҳар қадар шикоят кунед, аммо гумон аст, ки ба иқлим, тарофаҳо, таваррум ё рафтори "ғайриварзишӣ" -и контрагентҳо таъсир расонидан мумкин бошад. |
| Динамикӣ | Бо гузаронидани чунин таҳлил, динамикаи афзоиши фоида ҳисоб карда шуда, нишондиҳандаҳо муқоиса карда мешаванд. Метавон ҳамон як намуди фоидаро дар давраҳои гуногун баррасӣ кард ё метавон намудҳои гуногуни фоидаро дар як давра муқоиса намуд. |
| Муқоисавӣ | Ин усул барои муайян кардани самаранокии ширкат бо дигар иштирокчиёни бозор пешбинӣ шудааст. Дар ин ҳолат, фоида бо нишондиҳандаҳои соҳавӣ, ширкатҳои пешрафта, ширкатҳои дигари ҳамон қисмат, инчунин, ташкилотҳое, ки дар соҳаҳои шабеҳ кор мекунанд, муқоиса карда мешавад. |
| Таҳлили даромаднокӣ | Даромаднокӣ - яке аз нишондиҳандаҳои асосии тиҷорат мебошад, ки фоизи фоидаро барои ҳар як воҳиди сармоягузорӣ нишон медиҳад. Ҳангоми арзёбии даромаднокӣ дар давраҳои гуногуни фаъолият, дар динамика самаранокии истифодаи пули муомилот ва сармоягузорӣ равшан мегардад. |

Усуле, ки мо барои таҳлили нарх ва фоида истифода хоҳем кард, динамикӣ аст.

Дар мақолаи зерин мафҳум ва моҳияти самаранокии истифодаи моделҳои эконометрикӣ барои арзёбии ҳолати иқтисодии корхона баррасӣ карда шуданд. Муайян карда шуд, ки эконометрика - ин соҳаи иқтисодиёт мебошад, ки бо таҳия ва истифодаи усулҳои омории ченкунии муносибатҳо байни тағйирёбандаҳои иқтисодӣ машғул аст. Моделҳои эконометрикӣ низоми муодилаҳо ва баробариҳои регрессионӣ буда, ҳар кадоми онҳо барои муайян кардани як нишондиҳандаи таҳқиқшаванда истифода мешаванд, ҳамчун нишондиҳандаҳои амалӣ номида мешаванд. Ҳамзамон, нишондиҳандаҳое, ки дар як баробариҳо ҳамчун тағйирёбанда баромад мекунанд, дар дигар баробариҳо ҳамчун далеле истифода мешаванд, ки ба қимати тағйирёбандаҳои боқимонда таъсир мерасонанд.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Одинаев М.А.**

**АДАБАЁТ**


1. Балабанов И.Т. Основы финансового менеджмента. Как управлять экономикой / И.Т. Балабанов. -М.: Финансы и статистика, 2005. -349 с.
2. Балалова Е.И. Эконометрические модели в социально-экономической статистике Московской области / Е.И. Балалова // Вопросы статистики. -2005. -№4. -С.39-43.
3. Винн Р. Введение в прикладной эконометрический анализ / Р. Винн, К. Холден; пер. с англ. С.А. Николаенко; под ред. и с предисл. Р.М. Энтова. -М.: Финансы и статистика, 1981. -294 с.
4. Джонстон Дж. Эконометрические методы / Дж. Джонстон; пер. с англ. и с предисл. А.А. Рывкина. -М.: Статистика, 1980. -444 с.

5. Зайцев Н.Л. Краткий словарь экономиста: учеб. пособие / Н.Л. Зайцев. -М.: ИНФРАМ, 2017. -224 с.
6. Карасева И.М. Финансовый менеджмент: учебное пособие / И.М. Карасева, М.А. Ревякина; под ред. Ю.П. Анискина. -М.: Омега-Л, 2006. -335 с.
7. Лысенко Д.В. Комплексный экономический анализ хозяйственной деятельности / Д.В. Лысенко. -М.: ИНФРА-М, 2013. -358 с.
8. Павлова И.В. Управленческий аспект в системе внутреннего контроля / И.В. Павлова, Т.А. Ельшина // Международный сельскохозяйственный журнал. – 2015. -№2. -С.44–47.
9. Практикум по эконометрике: Учеб. пособие / И.И. Елисеева, С.В. Курышева, Н.М. Гордеенко [и др.]. -М.: Финансы и статистика, 2003. -192 с.
10. Рахимов А.А. Методика использование математического пакета MAPLE 17 при изучении темы «Производная и ее применение» в курсе высшей математики для студентов технического вуза / А.А. Рахимов // Известия Тульского государственного университета (технические науки). –Тула, 2020. -№11. -С.308-313.
11. Рахимов А.А. Методикаи истифодабарии барномаи компютерии MAPLE 18 ҳангоми омӯзиши мавзӯи таҳлили математикӣ дар курси математикаи олӣ барои муҳандисон дар донишгоҳҳои олии техникӣ / А.А. Рахимов, С.К. Исмоилова // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2021. -№7. -С.268-277.
12. Рахимов А.А. Технологияҳои педагогии ташкили кори мустақилонаи донишҷӯён аз рӯи фанни математикаи олӣ дар макотиби олии равияи техникӣ / А.А. Рахимов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. -Душанбе, 2020. -№3. -С.279-283.
13. Раҳимов А.А. Асосҳои психологӣ-педагогӣ ва методии муносибати босалоҳият дар таълими фанни информатикаи муасиссаи олии техникӣ / А.А. Раҳимов, З.Р. Одилов // Маҷаллаи Пажуҳишгоҳи рушди маориф ба номи Абдураҳмони Ҷомии академияи таҳсилоти Тоҷикистон. Силсилаи илмҳои педагогӣ ва психологӣ. –Душанбе, 2021. -№4(36). -С.212-217.
14. Сигидов Ю.И. Методика анализа финансового состояния и оценка потенциальности банкротства организаций / Ю.И. Сигидов, С.А. Кучеренко, Н.С. Жминько. -М.: ИНФРА-М, 2015. -120 с.
15. Эконометрическое моделирование / В.Л. Макаров, С.А. Айвазян, С.В. Борисова, Э.А. Лакалин // Модель экономики России для целей краткосрочного прогноза и сценарного анализа. -М., 2002. -Вып. №2.
16. [Электронный ресурс]. URL: https://blog.oy-li.ru/analiz-pribyli/ (дата обращения 12.04.2020).

## МАСОИЛИ НАЗАРИЯВӢ ВА УСУЛҲОИ САМАРАНОКИИ ИСТИФОДАБАРИИ МОДЕЛҲОИ ЭКОНОМЕТРИКӢ БАРОИ АРЗЁБИИ ҲОЛАТИ ИҚТИСОДИИ КОРХОНА: «НАРХИ МАҲСУЛОТ ВА ФОИДАИ КОРХОНА»

Ҳадафи асосии сохтани моделҳои эконометрикӣ - ин ба даст овардани воситаи самарабахши пешгӯйӣ мебошад. Ҳамзамон, моделҳои таҳияшудаи эконометрикӣ ва намудҳои коркардшудаи онҳо метавонанд на танҳо дар пешгӯйӣ татбиқ карда шаванд. Моделҳои эконометрикӣ ҳам дар фаъолияти корхона ва ҳам ҳангоми банақшагирӣ ва таҳлили ҷанбаҳои иқтисодии фаъолияти минтақа ва кишвар дар умум истифода мешаванд. Мақсади кор сохтани моделҳои иқтисодӣ барои ба даст овардани васоити самарноки пешбинӣ, таҳлил ва қабули қарор маҳсуб мегардад. Дар шароити гузариш ба муносибатҳои бозорӣ, татбиқи моделҳои иқтисодию риёзӣ бо мақсади пешгӯйии маҷмуи мураккаби оморӣ муҳим ба ҳисоб меравад, чунончи воситае, ки барои таҳлил ба кор меравад, ба объекти таҳлил – иқтисоди бозорӣ мувофиқ аст. Таносуби мафҳумҳои “нарх” ва “фоида”, ки аз ҳам ҷудонашаванда ҳастанд, муайян карда шуд. Ҳар қадаре ки нарх баланд бошад, фоида ҳамон қадар зиёд мешавад ва ҳар қадаре ки нарх арзон бошад, фоида камтар мешавад. Маҳсулот ё хизматрасонии арзонро фурӯхтан осонтар аст; дар як давра маҳсулоти нархаш арзон дар муқоиса бо маҳсулоти ҳаммонанди нархаш қимат зиёдтар фурӯхта мешавад. Ҳангоми нархгузорӣ байни нархи маҳсулот ва ҳаҷми фурӯши он бояд робитаи мутақобила барқарор гардад. Аз байни усулҳои таҳлили молиявӣ таҳлили самаранокии фаъолияти молиявӣ-хоҷагидории корхона ва аз усулҳои таҳлили фоида методи тамоюл интихоб шудааст.

**Калидвожаҳо:** эконометрика, моделсозӣ, моделсозии математикӣ, фоидаи корхона, нархи маҳсулот, усулҳои омилӣ, динамикӣ, усули муқоисавӣ, таҳлили молиявӣ.

## ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ ВОПРОСЫ И МЕТОДЫ ЭФФЕКТИВНОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЭКОНОМЕТИЧЕСКИХ МОДЕЛЕЙ ДЛЯ ОЦЕНКИ ЭКОНОМИЧЕСКОГО ПОЛОЖЕНИЯ ПРЕДПРИЯТИЯ: «ЦЕНЫ НА ПРОДУКЦИЮ И ПРИБЫЛЬ ПРЕДПРИЯТИЯ»

Основной целью построения эконометрических моделей является получение эффективных средств прогнозирования. При этом разработанные эконометрические модели и их обработанные виды могут применяться не только в прогнозировании. Эконометрические модели используются как в деятельности предприятия, так и при планировании и анализе экономических аспектов региона и страны в целом. Целью работы над экономическими моделями является получение эффективных средств прогнозирования, анализа и принятия решений. В условиях перехода к рыночной экономике применение экономико-математических моделей важно для прогнозирования сложного набора статистических данных, так как инструмент, используемый для анализа, соответствует объекту анализа - рыночной экономике. Определено соотношение понятий «цена» и «прибыль», которые неразделимы. Чем выше цена, тем выше прибыль, чем ниже цена, тем ниже прибыль. Проще продать дешевый товар или услугу. В одном периоде недорогие товары продаются по более высокой цене, чем аналогичные товары. При ценообразовании необходимо установить соотношение между ценой товара и объемом продаж. Из методов

финансового анализа, анализа эффективности финансово-хозяйственной деятельности предприятия и из методов анализа прибыли был выбран метод тенденции.

**Ключевые слова:** эконометрика, моделирование, математическое моделирование, прибыль предприятия, цена продукции, факториал, динамические методы, сравнительный метод, финансовый анализ.

**THEORETICAL QUESTIONS AND METHODS FOR THE EFFECTIVE USING OF ECONOMETRICAL MODELS TO ASSESS THE ECONOMIC SITUATION OF AN ENTERPRISE: "PRODUCT PRICES AND ENTERPRISE PROFIT"**

The main goal of building econometric models is to obtain effective forecasting tools. At the same time, the developed econometric models and their processed types can be used not only in forecasting. Econometric models are used both in the activities of the enterprise and in planning and analyzing the economic aspects of the region and the country as a whole. The purpose of working on economic models is to obtain effective means of forecasting, analysis, and decision-making. In the conditions of transition to a market economy, the use of economic and mathematical models is important for forecasting a complex set of statistical data, since the tool used for analysis corresponds to the object of analysis - a market economy. The ratio of the concepts of "price" and "profit", which are inseparable, is determined. The higher the price, the higher the profit; the lower the price, the lower the profit. It is easier to sell a cheap product or service; In one period, inexpensive goods are sold at a higher price than similar goods. When pricing, it is necessary to establish a relationship between the price of a product and the volume of sales. From the methods of financial analysis, analysis of the effectiveness of the financial and economic activities of the enterprise, and from the methods of profit analysis, the trend method was chosen.

**Keywords:** econometrics, modeling, mathematical modeling, enterprise profit, product price, factorial, dynamic methods, comparative method, financial analysis.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Рустамова Шаҳноза Абдушарифовна* -** Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи М.С. Осимӣ дар шаҳри Хуҷанд, ассистенти кафедраи иқтисоди рақамӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ 226. Телефон: **(+992) 92 822 03 24**. E-mail: **shani7rustamova@gmail.com**
***Рахимов Амон Акпарович* -** Донишгоҳи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистонт ба номи М.С. Осимӣ, дар шаҳри Хуҷанд, номзади илмҳои педагогӣ, дотсенти кафедраи физика ва химия**. Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Хуҷанд, хиёбони Исмоили Сомонӣ, 226. E-mail: **amon_rahimov@mail.ru.** Телефон: (**+992) 927-21-26-07**

**Сведения об авторах***: Рустамова Шахноза Абдушарифовна* - Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, ассистент кафедры цифровой экономике. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, город Худжанд, проспект Исмаила Сомони, 226. Телефон: **(+992) 928-22-03-24.** E-mail: **shani7rustamova@gmail.com**
***Рахимов Амон Акпарович*** - Худжандский политехнический институт Таджикского технического университета имени академика М.С. Осими, кандидат педагогических наук, доцент кафедры физики и химии. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г. Худжанд, проспект Исмоили Сомони, 226. E-mail: **amon_rahimov@mail.ru**. Телефон: (**+992) 927212607**

**Information about the authors***: Rustamova Shahnoza Abdusharifovna* - Khujand Polytechnic Institute of Tajik Technical University named after M.S. Osimi, assistant of Digital Economy department. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand city, Ismoili Somoni Avenue, 226. Phone: **(+992) 92 822 03 24.** E-mail: **shani7rustamova@gmail.com**
***Rakhimov Amon Akparovich*** - Khujand Polytechnic Institute of the Tajik Technical University named after Academician M.S. Osimi, Candidate of Pedagogical Sciences, Associate Professor of the Department of Physics and Chemistry. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, Ismoili Somoni Avenue, 226. E-mail*:* **amon_rahimov@mail.ru**. Phone**: +992927212607**

УДК 338 (575.3)

# РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН

*Аюбов Д.М.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Соҳибкорӣ яке аз заминаи асосии рушди иқтисодии ҳар як мамлакат мебошад. Пайваста бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалии Раҳмон як қатор чораҳо андешида шуда истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрдани собиқ ИҶШС иқтисодиёти номукамалро соҳиб шуд. Ин пеш аз ҳама, бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ алоқамандӣ дорад. Дар ин давра иқтисодиёт ба таназзул рӯ ба рӯ шуд, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба буҳрони шадид дучор шуданд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои иқтисодиёти гуногунсоҳа мебошад. Барои инкишофи иқтисодиёт ҳаргуна стратегия, барномаҳо ва санадҳои Ҳукуматӣ қабул шудааст. Дар самти рушди соҳаи саноати соҳибкорӣ “Стратегияи милли рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” яке аз санадҳои асосии заминагузор ба ҳисоб меравад. Яке аз ҳадафҳои ин санад, саноаткунонии босуръати кишвар мебошад, ки барои аксари соҳибкорон ҳамчун дастур истофода мешавад.

Бо мақсади амалишавии ҳадафи чоруми миллӣ-саноатикунонии босуръати кишвар ва коҳиш додани шиддати омилҳои беруна ба иқтисодиёти кишвар, бояд қайд намуд, ки дар соҳаи саноати кишвар айни замон “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030” амалӣ гардида, дар доираи он барномаҳои соҳавӣ, барномаҳои саноатикунонии босуръати кишвар, рушди металлургияи ранга ва сиёҳ, рушди саноати хӯрокворӣ, рушди соҳаи мошинсозӣ, рушди саноати сабук ва соҳаҳои кирмакпарварӣ ва коркарди пилла то давраи соли 2025 таҳия гардидааст, ки мавриди амал қарор доранд.

Бо мақсади тақвияти корҳо дар самти рушд додани соҳаи саноат, аз ҷумла бо иқтидори пурра ба кор даровардани корхонаҳои саноатӣ, бахусус корхонаҳои азими ҷумҳурӣ тавассути воридоти технологияҳои муосир, коркарди ашёи хоми маҳаллӣ, истеҳсол ва муаррифии маҳсулоти истеҳсоли ватанӣ, ташкили корхонаҳои нави саноатӣ, инчунин, дарёфти бозорҳои содиротӣ, таъмини сокинон бо ҷойҳои корӣ ва бартараф намудани мушкилотҳои ҷойдошта аз ҷониби гурӯҳҳои кории байниидоравӣ якҷо бо корхонаҳои соҳа ва мақомоти иҷроияи хоқимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳои Хатлону Суғд, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ пайваста чораҳои зарурӣ андешида мешаванд [13,с.8].

Таҷрибаи ҷаҳонӣ собит кардааст, ки таъмини рушди муътадили иҷтимоию иқтисодии мамлакат ба хусусият ва сифати тараққиёти корхонаҳои саноатие, ки дар қаламрави он амал мекунанд, вобаста аст. Аз ин рӯ, стратегияи рушдиояндаи Ҷумҳурии Точикистон бо ташаккули минтақаҳои бисёрфунксионалии саноатӣ дар минтақа алоқаманд аст. Ҳамин тариқ, дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Точикистон барои давраи то соли 2030» пешбинӣ шудааст, ки «яке аз афзалиятҳои муҳимми рушди минтақаҳо, ташаккули кластерҳои ҳудудии саноатӣ (ҳудудҳои индустриализатсия ва ҳамгироии нав, минтақаҳои озоди иқтисодӣ, бизнес-инкубаторҳо, паркҳои технологӣ, марказҳои инноватсия) ва рушди долонҳои иқтисодӣ мебошад». Дар шароити муосир ташаккули корхонаҳои нави саноатӣ, муҷаҳҳаз сохтани таҷҳизоти муосир ва технологияҳои нав, аз қабили васеъ намудани имкониятҳои коркарди ниҳоии ашёи хоми ватанӣ, мусоидат ба истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва таҳкими иқтидори содиротии кишвар асос ёфтааст. Натиҷаи ҳалли ин гуна проблемаҳо ба муносибати мунтазам тартиб додани стратегия ва барномаи тараққиёти саноати ҷумҳурӣ зич алоқаманд аст.

Инчунин, бояд қайд кард, ки саноат яке аз соҳаҳои калидии иқтисоди мамлакатҳо ва тавлидкунандаи асосии неъматҳои моддӣ ба ҳисоб рафта, рушди он ба пешрафти бахшҳои

дигари иқтисодиёт заминаи мусоид мегузорад ва нуфузу мавқеи давлатро дар арсаи байналмилалӣ устувор менамояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои заминаҳои воқеии рушди саноат, аз ҷумла захираҳои бойи табиӣ, қувваи корӣ, манбаҳои кофии энергияи сабз, мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, мавҷудияти бозорҳои дохиливу хориҷӣ, иқлими мусоид барои истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ ва дигар омилҳои пешбарандаи истеҳсолоти саноатӣ аст, ки барои тараққиёти босуръати тамоми бахшҳои он, бахусус саноати маъдан ва металлургия, мошинсозӣ, истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ, саноати сабук, хӯрокворӣ, дорусозиву кимиё ва дар ин замина, ба рушди истеҳсолоти миллӣ шароити мусоид фароҳам меорад.

Барои рушди соҳаи саноат якчанд барномаву стратегия ва нақшаи чорабиниҳо, аз ҷумла “Стратегияи рушди саноат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030”, “Барномаи рушди металлургияи ранга ва сиёҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2025”, “Барномаи рушди саноати сабук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2022”, “Барномаи рушди соҳаи кирмакпарварӣ ва коркарди пилла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2020” ва “Барномаи рушди қолинбофӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2014-2020”, “Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025” қабул гардиданд. Санадҳои мазкур ба афзун намудани ҳаҷми маҳсулот, таъмини рақобатнокии он, ташкили корхона ва коргоҳҳои нав, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва гузариши иқтисодиёти кишвар аз шакли тавлидкунандаи ашёи хом, ба истеҳсолкунандаи маҳсулоти ниҳоӣ бо арзиши иловашудаи баланд замина мегузорад.

**Ҷадвали 1. Шумораи корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2016-2020 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (адад) [11,с.397]**

**Table 1. The number of industrial enterprises in the years 2016-2020 in the Republic of Tajikistan (number)**

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Шумораи корхонаҳо, воҳид | 2043 | 1999 | 2161 | 2164 | 2283 |

Сарчашма: таҳлили муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмуи омори 30 солагӣ

Чуноне аз нишондиҳандаҳои оморӣ бар меояд, дар соли 2016 шумораи корхонаҳои саноатӣ ба 2043 адад баробар буд. Дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 2283 адад баробар шуд, ки нисбат ба соли 2016, 240 адад ё бо фоиз тақрибан 12% зиёд. Ин нишондиҳанда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки иқтисодиёти мамлакат дар ҷараёни рушд қарор дорад.

**Ҷадвали 2. Ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолшудаи корхонаҳои саноатӣ дар солҳои 2016-2020 (бо нархҳои соли 2020) млн. сомонӣ [11,с.400]**

**Table 2. Volume of manufactured products of industrial enterprises in 2016-2020 (at 2020 prices) mln. Somoni**

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми маҳсулот | 18695 | 22677 | 25080 | 28391 | 30890 |

Сарчашма: таҳлили муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмуи омори 30 солагӣ

Ҳангоми таҳлили ҷадвали 2 бар меояд, ки соҳаи саноатии ҷумҳурӣ сол аз сол рушд карда истодааст. Агар дар соли 2016 ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ ба 18 миллиарду 695 миллион сомонӣ баробар бошад, дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 30 миллиарду 890 миллион сомонӣ баробар шуд, ки дар қиёс нисбат ба соли 2016, 65% зиёд шудааст.

Аз расми 1 бар меояд, ки дар иқтисодиёти мамлакат соҳаи саноати коркард бартарият дорад. Саноати коркард гурӯҳи зиёди корхонаҳоро дар бар мегирад, ки бештари онҳо дар вилояти Суғд, ш.Душанбе ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ҷойгир мебошанд.

Сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаҳои гуногунро дар бар мегирад. Аммо, новобаста ба ин бояд соҳаи саноат диверсификатсия карда шавад, то ин, ки рақобати шадиди бозори байналхалқию ҷаҳонӣ тобовар бошад.

**Расми 1. Сохтори соҳаи саноат дар соли 2020**
**Figure 1. The structure of the industry in 2020**




**Ҷадвали 3. Сохтори соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2016-2020 бо нархҳои дахлдор бо млн. сомонӣ [11,с.400]**
**Table 3. The structure of the industry of the Republic of Tajikistan for the years 2016-2020 with the corresponding prices in mln. somoni**

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ саноат | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 |
| Саноати истихроҷи маъдан | 3004 | 4524 | 4686 | 4853 | 4309 |
| Саноати коркард | 9368 | 11776 | 13520 | 15952 | 19054 |
| Истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об | 2718 | 3729 | 5688 | 6808 | 7527 |

Сарчашма: таҳлили муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмуи омори 30 солагӣ

Ҳангоми таҳлили ҷадвали 3 хулосабарорӣ карда мешавад, ки ҳиссаи соҳаи коркард дар сохтори саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳама зиёд мебошад. Дар соли 2016 ҳиссаи саноати истихроҷи маъдан ба 19,9%, ҳиссаи саноати коркард ба 62,1% ва ҳиссаи истеҳсолу тақсими неруи барқ, газ ва об ба 18% баробар буд. Ин нишондиҳанда дар соли 2020 мутаносибан ба 13,9%, ба 61,7% ва ба 24,4% баробар шуданд.

Бояд қайд кард, ки бахши ғайридавлатии соҳаи саноат аз рӯзи ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ дар аввали солҳои 90-уми асри гузашта ба вуҷуд омад. Дар ин давра, дар саросари кишварамон ҷараёни хусусигардонӣ оғоз шуд. Имрӯз аксарияти корхонаҳои бахши ғайридавлатии соҳаи саноат дар шакли ҷамъиятҳои масъулияташ маҳдуд, ҷамъиятҳои саҳомӣ ва корхонаҳои муштарак фаъолият мекунанд. Дар аввали солҳои 90-ум бахши ғайридавлатии соҳаи саноат ҳамагӣ 3,3%-ро, бахши давлатии соҳаи саноат 96,7%-ро ташкил медод. Имрӯз бошад, бахши ғайридавлатии соҳаи саноат 88,8%-ро, бахши давлатии соҳаи саноат ҳамагӣ 11,2%-ро ташкил медиҳад. Илова ба ин гуфтаҳо, бояд қайд кард, ки соҳибкории соҳаи саноат имрӯз дар иқтисоди милли Тоҷикистон бениҳоят саҳми калон дорад.

**Ҷадвали 4. Истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳо аз рӯи шаклҳои моликият бо нархҳои солҳои дахлдор (миллион сомонӣ) [11,с.403]**
**Table 4. Production of products of enterprises according to forms of ownership with prices of the respective years (millions of somoni)**

| Солҳо | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ саноат | 15090 | 20029 | 23894 | 27613 | 30890 |
| Бахши давлатӣ | 1572 | 1852 | 2079 | 2347 | 3473 |
| Бахши ғайридавлатӣ | 13519 | 18177 | 21816 | 25266 | 27417 |

Сарчашма: таҳлили муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои маҷмуи омори 30 солагӣ

Нишондиҳандаҳои омории ҷадвали 4 нишон медиҳад, ки соҳаи саноат сол аз сол рушди мунтазамро доро мебошад. Агар дар соли 2016 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти

саноатӣ 15 миллиарду 90 миллион сомониро ташкил дода бошад, пас дар соли 2020 ба 30 миллиарду 890 миллион сомонӣ баробар шуд, ки нисбат ба соли 2016, 15 миллиарду 800 миллион сомонӣ зиёд буда, суръати афзоиши соҳаи саноат дар як сол зиёда аз 25%-ро ташкил медиҳад. Чунин рушди босуръати соҳаи саноат ҳатто дар мамлакатҳои тараққикардаи саноатӣ ба чашм намерасад. Инчунин, қобили қайд аст, ки дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон бахши ғайридавлатӣ нисбат ба бахши давлатӣ бартарияти бе ниҳоят калон дорад. Агар ба ҷадвали 3 назар афканем, аз он бар меояд, ки истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2016 дар бахши ғайри давлатӣ ба 13 миллиарду 519 миллион сомонӣ баробар буда, дар бахши давлатӣ ба 1 миллиарду 572 миллион сомонӣ баробар мебошад. Аз ин гуфтаҳо бар меояд, ки бахши ғайри давлатии соҳаи саноат нисбат ба бахши давлатии соҳаи саноат 8,6 маротиба зиёд мебошад.

Дар натиҷаи тадбирҳои амалигардида, саҳми соҳаи саноат дар Маҷмуи Маҳсулоти Дохилӣ аз 12,1%-и соли 2014 ба 17,4% дар соли 2020 расонида шуд.

Рушди саноат ва истеҳсолоти миллӣ бо истифодаи ашёи хоми ватанӣ метавонад ба таъсиси корхонаҳои истеҳсолӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, гардиши дохилии молу маҳсулот, устувории низоми иқтисодӣ ва дар маҷмуъ ба таъмини зиндагии шоистаи аҳолӣ мусоидат намояд.

Вобаста ба ин, бахши коркарди ашёи хом ва то маҳсулоти ниҳоӣ расонидани он дар ҳамаи бахшҳои соҳаи саноати мамлакат яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор рафта, дар ин самт чораҳои зарурӣ амалӣ шуда истодаанд.

Тоҷикистон дар заминаи рушди саноати ватанӣ ҳадафҳои стратегии худро татбиқ намуда, Ҳукумати мамлакат тавассути сиёсати самараноки саноатӣ, сармоягузорони дохилӣ ва хориҷиро ҷалб менамояд ва захираҳои дохилии худро барои баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии аҳолии кишвар бо маром истифода намуда истодааст.

Қобили зикр аст, ки яке аз бахшҳои муҳимми иқтисодиёти мамлакат саноати сабук ба ҳисоб рафта, он дар иқтисодиёти ҷаҳон саҳми муассир дорад ва дар корхонаҳои нассоҷӣ дар ҷаҳон беш аз 60 миллион кормандон фаъолият мекунанд. Дар Чин саноати сабук 19%-и ММД-ро ташкил медиҳад. Ин танҳо 2% камтар аз даромади соҳаи кишоварзӣ ва нисфи ҳиссаи умумии саноати коркард мебошад.

Инчунин, саноати сабук ҳиссаи назарраси ММД-ро дар иқтисодиёти чунин кишварҳо, ба монанди Португалия-22%, Италия-12%, Германия-6% ва ИМА-4% ишғол мекунад. Бо назардошти андозаи иқтисодиёти ин кишварҳо метавон гуфт, ки саноати сабук дар ММД ва шуғли умумии аҳолии қобили меҳнат саҳми назаррас дорад.

Бозори ҷаҳонии саноати бофандагӣ ва дӯзандагӣ дар соли 2019 арзиши бозори чаканаи 1,9 триллион доллари амрикоиро ташкил дод ва пешбинӣ шудааст, ки соли 2030 ба 3,3 триллион доллар расад ва бо суръати рушди солонаи 3,5% афзоиш меёбад.

Содироти нассоҷӣ ва либос дар якчанд кишварҳо ҳиссаи муҳимми содиротро ташкил медиҳад: 85% дар Бангладеш, 59% дар Покистон, 12% дар Туркия ва 11% дар Миср. Ин бахши меҳнатталаб миллионҳо нафарро бо кор таъмин мекунад ва ҳиссаи шуғл дар ин бахш, дар шумораи умумии неруи корӣ, дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ назаррас аст.

Дар ҷумҳурии мо низ саноати сабук яке аз соҳаҳои ояндадору таҳкимбахшандаи иқтисодиёт ба шумор меравад. Зеро, дар ҷумҳурӣ заминаҳои устувори рушди ин соҳа мавҷуд буда, имкони истифодаи пурраи захираҳои ашёи хом ва истеҳсоли моли ҷавобгӯ ба талаботи замони муосир фароҳам оварда шуда истодааст.

Мутобиқи нишондиҳандаҳои омории соли 2020, шумораи корхонаю коргоҳҳои соҳаи саноати сабук қариб 490 корхонаро ташкил дода, ҳиссаи соҳа дар маҷмуи шумораи корхонаҳои саноатӣ якҷо бо корхонаҳои хурд зиёда аз 21%-ро ташкил медиҳад.

Бо ташаббус ва дастгириҳои пайвастаи Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи саноат, аз ҷумла саноати сабук имтиёзҳои назаррас, ба монанди озод намудан аз супоридани андоз аз фоида вобаста ба ҳаҷми сармоягузориҳо аз 2 то 5 сол, озод намудан аз АИИ ва боҷи гумрукӣ барои воридоти дастгоҳҳо ва таҷҳизоти технологӣ, ашёи хом барои истеҳсолот, ки дар ҷумҳурӣ истеҳсол карда намешавад, ба муддати 12 сол аз андози фоида, андози замин ва андози моликият озод кардани корхонаҳои нави коркади нахи пахта то маҳсулоти тайёр дар сурати бунёди занҷираи пурраи коркарди нахи пахта ва

дигар имтиёзҳо фароҳам оварда шуда, фазои муосиди сармоягузорӣ муҳайё гардидааст. Тибқи қонунгузории мамлакат соҳибкорону сармоягузорони дохиливу хориҷӣ аз лиҳози ҳуқуқӣ имтиёзҳои якранг доранд.

Маҳсулоти соҳаи саноати сабук, аз ҷумла маҳсулоти нассоҷию дӯзандагӣ, аз қабили риштаи пахтагин, матои пахтагини хом ва тайёр, маҳсулоти кешбофӣ, ҷӯробҳо, либосҳои тайёри дӯхташуда ба якчанд кишварҳои хориҷи дуру наздик содирот шуда истодаанд.

Дар баробари ин, бо мақсади таъмини рушди саноати сабук, амалӣ намудани якчанд тадбирҳои маҷмуӣ, аз ҷумла ҷиҳозонидани корхонаҳои амалкунанда бо таҷҳизоти технологияи муосир, тақвият бахшидани бахшҳои пахтакорӣ, пиллапарварӣ ва чорводорӣ бо мақсади таъмини корхонаҳои ватанӣ бо ашёи хом; мутобиқ намудани сифати маҳсулот ба талабот ва табъи мизоҷон, мусоид намудани арзиши маҳсулоти ниҳоӣ, ташкили брендҳои нав ва бандубаст, таъмини корхонаҳо бо мутахассисони баландихтисоси муҳандисӣ ва коргарони ихтисосҳои асосӣ, мунтазам баланд бардоштани маллакаи касбӣ, васеънамоии дастрасӣ ба маблағгузорӣ барои пурра намудани фондҳои гардишӣ, ташкили кластерҳои агросаноатӣ бо занҷираи арзиши иловашудаи баланд, пайдо намудани бозорҳои нави ҷаҳонӣ ва густариши ҳамкорӣ бо корхонаҳои асосии саноати сабук дар кишварҳои дар ин соҳа пешрафта ҷиҳати қабули фармоиш барои истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Соҳаи дигари муҳим саноати хӯрокворӣ маҳсуб ёфта, бунёди корхонаҳои саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ва истеҳсоли маводи хӯрока дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ, махсусан аз солҳои 2000-ум то имрӯз ба натиҷаҳои назаррас ноил гардид. Соҳибкорон аввалин шуда, ба бунёди корхонаҳои истеҳсоли маҳсулоти хӯрока машғул шуданд.

Миқдори корхонаҳо дар ҳама соҳаҳои саноати хӯрокворӣ соли 2020-ум ба зиёда аз 520 адад расонида шуда, ҳиссаи саноати хӯрокворӣ дар таркиби маҷмуи умумии маҳсулоти саноатии мамлакат қариб 23% ва дар ҳаҷми саноати коркард зиёда аз 37%-ро ташкил дод.

Дар аксари корхонаҳо технологияи муосири коркард ҷорӣ гардида, бастабандии маҳсулот ба таври муосир роҳандозӣ гардид. Мутахассисони соҳа барои боз ҳам баланд намудани сифати маҳсулот корҳои зиёдеро ба анҷом расонида истодаанд.

Дар баробари ин, то ҳол якчанд навъҳои маҳсулоти хӯрокворӣ аз дигар кишварҳо ворид гардида, дар ҳама соҳаҳои саноати хӯрокворӣ истифодаи самараноки иқтидорҳои истеҳсолӣ муҳим аст.

Зеро саноати хӯрокворӣ ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар рушди саноати ҷумҳурӣ саҳми калон дошта, рушди минбаъдаи он метавонад ба иҷрои ҳадафи стратегии таъмини амнияти озуқаворӣ ва ғизои босифат такони ҷиддӣ бахшад.

Барои таъмини рақобатпазирии маҳсулоти хӯрокворӣи истеҳсоли корхонаҳои ватанӣ шароити мусоид, аз қабили иқлими муътадил ва аз ҷиҳати экологӣ тоза барои парвариши маҳсулоти кишоварзӣ, сифати баланди таъму лаззати маҳсулот, мавҷудияти бозорҳои дохиливу беруна ва қувваи кории ихтисоснок фароҳам аст.

Дар баробари ин, амалисозии якчанд тадбирҳо, ба монанди роҳандозии нақшаҳои тадқиқоти маркетингӣ; истеҳсоли маҳсулоти воридотивазкунанда, тақвият бахшидани ҷоринамоии технологияҳои нав барои истеҳсоли маҳсулот, тарғибу ташвиқи васеи тамғаи молӣ, аз ҷумла коркарди сомонаҳои корпоративӣ ва ҷойгир кардани онҳо дар шабакаҳои интернетӣ, истифодаи васеи шабакаҳои иҷимоӣ, ташкил кардани намоишгоҳҳо ва ё иштирок дар онҳо, ташкили кластерҳои агросаноатӣ ва дигар чораҳо зарур аст.

Дар маҷмуъ, пешравии ояндаи саноати хӯрокворӣ бе тараққӣ додани заминаи ашёи хоми кишоварзӣ имконнопазир аст. Афзоиши ҳаҷми маҳсулоти кишоварзӣ ба зиёд гардидани миқдори корхонаҳои саноати хӯрокворӣ мусоидат намуда, фаъолияти муназзами корхонаҳоро давоми сол таъмин менамояд.

Дар ҳама давру замон ҳаёти инсонро бунёдкориву созандагӣ, сохтмони роҳҳою нақбҳо, биноҳои маъмурию манзилӣ ҳамроҳӣ менамоянд. Заминаи амалӣ намудани ҳамаи он ободкориҳо рушди истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ ба ҳисоб меравад. Имрӯз аҳамияти ин соҳа дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон аз ҳарвақта дида муҳимтар мебошад.

Саноати масолеҳи сохтмонӣ тибқи нақшаву барномаҳои соҳавӣ рушд ёфта, барои расидан ба ҳадафҳои стратегии давлат мусоидат намуда истодааст.

Аз ин рӯ, дар як муддати начандон тулонӣ, шумораи корхонаҳои саноати масолеҳи сохтмонӣ аз 30 адади соли 2004 ба 530 корхона дар соли 2020 расонида шуд, инчунин, садҳо соҳибкорони инфиродӣ ба истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ машғул шуданд.

Солҳои охир дар соҳа истеҳсоли маҳсулоти нави воридотивазкунанда ва ба содирот нигаронидашуда, аз ҷумла семент, пахтаи минералӣ аз санг, рангҳои аккрилӣ, қубурҳои пластикӣ, хишти ороишӣ, шиферҳои гуногун, сангҳои ороишӣ ва ғайра густариш ёфт.

Дар соли 2021 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 38 миллиарду 826 миллион сомонӣ расонида шуда, нисбати соли 2020 ба 22% ё 8 миллиард сомонӣ зиёд мебошад.

Ҳаҷми истеҳсоли махсулоти саноатӣ дар саноати коркард ба 22 миллиарду 306 миллион сомонӣ расонида шудааст, ки нисбат ба соли 2020, 16,3% ё ин, ки ба маблағи 3 миллиарду 126 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Дар давраи ҳисоботӣ дар саноати истихроҷ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба 8 миллиарду 401 миллион сомонӣ баробар шудааст, ки нисбат ба соли 2020, 2 миллиарду 763 миллион сомонӣ ё 50% зиёд гардидааст.

Ҳиссаи соҳаҳои саноати коркард 57,5%, таъминоти нерӯи барқ, газ, буғ ва тозакунии ҳаво 20,4%, саноати истихроҷ 21,6% ва таъминоти об, тозакунӣ, коркарди партовҳо ва дастрасии коркарди дуюмдараҷа 0,5%-ро ташкил медиҳад.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки афзоиши истеҳсоли маҳсулот дар соҳаҳои саноати коркард дар давраи ҳисоботӣ нисбат ба соли пешин дар зерсоҳаҳои зерин мушоҳида мешавад, аз ҷумла истеҳсоли маҳсулоти хӯроквории якҷо бо нӯшокиҳо ва тамоку (104,7%), истеҳсоли нассоҷӣ, дӯзандагӣ, чарм, маҳсулот аз чарм ва пойафзол (140%), истеҳсоли металлургӣ ва истеҳсоли маҳсулоти тайёри филизӣ (109,4%), истеҳсоли маҳсулоти кимиёвӣ (160%), истеҳсоли маснуоти резинӣ ва пластмасса (123,9%) ва истеҳсоли маҳсулоти фармасевтикӣ (97,4%), ки ҳиссаи соҳаҳои зикршуда дар ҳаҷми умумии маҳсулоти саноати коркард 97,3%-ро ташкил дод.

Тибқи маълумоти оморӣ, ҳаҷми сармоягузорӣ ба сармояи асосӣ аз рӯи намудҳои фаъолияти иқтисодӣ дар соҳаи саноат ҳамагӣ 4 миллиард 979,2 миллион сомониро ташкил медиҳад. Аз ҷумла, саноати истеҳсол ва тақсимоти неруи барқ 3 миллиарду 891,6 миллион сомонӣ, саноати коркард 934,7 миллион сомонӣ, саноати истихроҷ 152,9 миллион сомонӣ мебошад.

Ҳаҷми сармоягузорӣ нисбат ба соли 2020 дар соҳаи истихроҷ 83,1 миллион сомонӣ ва коркард 645,1 миллион сомонӣ, дар маҷмуъ 728,2 миллион сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар давраи ҳисоботӣ 162 корхона бо таъсиси 2139 ҷойи корӣ ва 147 коргоҳ бо 2991 ҷойи корӣ ва дар маҷмуъ 309 корхонаву коргоҳ бо 5130 ҷойи корӣ сохта ба истифода дода шудааст, аз ҷумла дар соҳаи саноати сабук 90 корхонаву коргоҳ бо 1206 ҷойи корӣ, саноати хӯрокворӣ 82 корхонаву коргоҳ бо 873 ҷойи корӣ, соҳаи масолеҳи сохтмон 76 корхонаву коргоҳ бо 815 ҷойи корӣ, мошинсозӣ - 42 корхонаву коргоҳ бо 417 ҷойи корӣ, соҳаи маъдан 4 корхона бо 1561 ҷойи корӣ, саноати ангишт 4 корхона бо 150 ҷойи корӣ ва дигар соҳаҳо 11 корхонаву коргоҳ бо 108 ҷойи корӣ.

Аз ҳисоби корхонаҳои нав дар ҳамин давра 472,5 миллион сомонӣ маҳсулот истеҳсол карда шудааст.

Ҳамин тавр дар охир қайд кардан мумкин аст, ки соҳаи саноати Ҷумхурии Тоҷикистон дар ҷараёни рушд мебошад ва мақоми соҳибкории саноатӣ рӯз аз рӯз авҷ гирифта истодааст. Имрӯз хушбахтона мо дар мамлакати азизи соҳибистиқлоламон дорои ҳамаи имкониятҳо на танҳо барои рушди иқтисодиёти кишварамон, балки барои рушди бевоситаи соҳаи саноатӣ доро мебошем. Барои дастгири соҳибкорӣ дар Ҷумҳури Тоҷикистон тамоми шароитҳо фароҳам оварда шудааст ва Ҳукумати мамлакат кафили амният мебошад.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ДМТ – Аҳмадов Р.Р.**

## АДАБИЁТ


1. Артюшина, Е.В. Исследование прогнозного новшества на наличие стратегического соответствия в диверсифицированной организации / Е.В. Артюшина // Менеджмент в России и за рубежом: журнал. – 2013. - №2. -С.425.
2. Барномаи саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020-2025 аз 27.05.2020 с.
3. Беляев, А.А. Антикризисное управление / А.А. Беляев. -М.: ЮНИТИ, 2013. -311 с.
4. Боброва, О.С. Организация коммерческой деятельности. Учебник и практикум для СПО / О.С. Боброва. -М.: Юрайт, 2015. -141 с.
5. Бухарова, М. Управление трансфером технологических инноваций: отраслевая цепочка ценностей / М. Бухарова // Проблемы теории и практики управления. – 2013. -№1. -С.260.
6. Крымов С.М. Стратегические альянсы как инструмент развития предприятий промышленности и сферы услуг / С.М. Крымов, Ж.С. Рогачева // В сборнике: Развитие сферы обслуживания на инновационной основе: методология, теория и практика. III Международная научно-практическая конференция: материалы и доклады. - 2014. -С.50-58.
7. Левенцов В.А. Анализ современных форм и особенностей развития стратегических альянсов / В.А. Левенцов // Инновационная экономика: перспективы развития и совершенствования. - 2017. -№5(23). -С.85-92.
8. Месхи Б.Ч. Модели развития промышленного предприятия как процесса взаимодействия производства и природной среды / Б.Ч. Месхи, С.М. Крымов, О.А. Чернецова // Вестник Донского государственного технического университета. - 2010. -Т.10. -№6(49). -С.926-936.
9. Муравьев, А.И. Предпринимательство / А.И. Муравьев, А.М. Игнатьев, А.Б. Крутик. -М.: Лань, 2018. -696 с.
10. Наумов, В.Н. Основы предпринимательской деятельности: Уч. / В.Н. Наумов. -М.: НИЦ ИНФРА-М, 2016. -313 с. (ВО)(п+Z) / В.Н. Наумов. –М.: ИЛ, 2016. -366 с.
11. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллии, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомали Раҳмон аз 26.01.2021 сол.
12. Панибратов, А. Ю. Введение в бизнес / А.Ю. Панибратов. -М.: Издательство СПбГУ, 2017. -188 с.
13. Стратегияи милии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.
14. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмуаи оморӣ.
15. Филиппов, Ю.В. Основы развития местного хозяйства / Ю.В. Филиппов, Т.Т. Авдеева. -М.: Логос, 2015. -974 с.


## РУШДИ СОҲАИ САНОАТИ СОҲИБКОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: МАФҲУМ, МОҲИЯТ ВА СОХТОРИ ОН


Дар мақолаи мазкур рушди соҳаи саноати соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: мафҳум, моҳият ва сохтори он таҳлил ва баррасӣ карда шудааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати ҷавон мебошад. Аммо новобаста ба ин, дар тамоми ташкилотҳою ширкатҳои минтақавию ҷаҳонӣ шомил буда, аъзои комилҳуқуқи ҷомеъаи ҷаҳонӣ мебошад. Аз ин лиҳоз, барои тақвияту рушди иқтисодиёти миллӣ тамоми чораҳои зарурӣ андешида шуда истодааст. Рушди фаъолияти соҳибкорӣ аке аз самтҳои афзалиятноки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Барои амалӣ гардидани ин ҳадаф аз ҷониби Ҳукумати мамлакат ҳамагуна дастгириҳо имтиёзҳо, барномаҳо ва стратегияҳо дар самти соҳибкорӣ андешида шуда истодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон пас аз пошхӯрдани собиқ ИҶШС, иқтисодиёти номукамалро соҳиб шуд. Ин пеш аз ҳама, бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ алоқамандӣ дорад. Дар ин давра иқтисодиёт ба таназзул рӯ ба рӯ шуд, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ ба буҳрони шадид дучор шуданд.



**Калидвожаҳо:** соҳибкорӣ, соҳа, саноат, иқтисодиёти миллӣ, рақобатпазирӣ, стратегия, моликият, сохтор, ҷараён, иқтисоди бозоргонӣ, имтиёзҳо, истеҳсол, ҳадаф, коркард, маҳсулот, истихроҷ, корхона, сармоягузорӣ, моликият, хусусигардонӣ, технологияи муосир, афзоиш.


## РАЗВИТИЕ СЕКТОРА ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЙ ПРОМЫШЛЕННОСТИ В РЕСПУБЛИКА ТАДЖИКИСТАН: ЕГО СУЩНОСТЬ, ЗНАЧЕНИЕ И СТРУКТУРА


В данной статье анализируется развитие сектора предпринимательской промышленности в Республика Таджикистан: сущность, значение и его структура. Республика Таджикистан – молодое государство. Однако, вне зависимости от этого, она входит во все региональные и глобальные организации и является полноправным членом международного сообщества. С этой точки зрения, принимаются все необходимые меры для укрепления и развития народного хозяйства. Развитие предпринимательской деятельности является одним из приоритетов Правительства Республики Таджикистан. Для реализации этой цели Правительство страны предпринимает всевозможные меры поддержки, льготы, программы и стратегии в направлении предпринимательства. После распада бывшего Советского Союза Республика Таджикистан получила несовершенную экономику. В первую очередь, это связано с началом гражданской войны. В этот период экономика пришла в упадок, и все отрасли народного хозяйства столкнулись с жесточайшим кризисом.



**Ключевые слова:** предпринимательство, отрасль, народное хозяйство, конкурентоспособность, стратегия, собственность, структура, рыночная экономика, выгоды, производство, цель, переработка, продукт, добыча, предприятие, инвестиции, имущество, приватизация, современные технологии, рост.

**DEVELOPMENT OF THE SECTOR OF THE ENTREPRENEURIAL INDUSTRY IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN: ITS ESSENCE, SIGNIFICANCE AND STRUCTURE**

This article analyzes the development of the business industry sector in the Republic of Tatarstan: the essence, meaning and its structure. The Republic of Tajikistan is a young state. However, regardless of this, it is included in all regional and global organizations and is a full member of the international community. From this point of view, all necessary measures are being taken to strengthen and develop the national economy. The development of entrepreneurial activity is one of the priorities of the Government of the Republic of Tajikistan. To achieve this goal, the Government of the country accepts all kinds of support, benefits, programs and strategies in the direction of entrepreneurship. After the collapse of the former Soviet Union, the Republic of Tajikistan acquired an imperfect economy. This is primarily related to the outbreak of civil war. During this period, the economy went into decline, and all sectors of the national economy faced a severe crisis.

**Keywords:** entrepreneurship, industry, national economy, competitiveness, strategy, property, structure, market economy, benefits, production, purpose, processing, product, extraction, enterprise, investment, property, privatization, modern technology, growth, benefits, production, purpose, processing, product, extraction, enterprise, investment, property, privatization, modern technology, growth.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Аюбов Диловар Мирзошарифович*** **-** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент, мудири кафедраи умумидонишгоҳии назарияи иқтисод. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. Телефон: **(+992) 934-55-41-40.** E-mail: **d-ayubov@list.ru**

**Сведения об авторе:** ***Аюбов Диловар Мирзошарифович*** **-** Таджикский государственный педагогический университет имени С. Айни, кандидат экономических наук, доцент, заведующий кафедрой экономической теории. **Адрес**: 734003, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 121. Телефон: **(+992) 934-55-41-40.** E-mail: **d-ayubov@list.ru**

**Information about the author:** ***Ayubov Dilovar Mirzosharifovich*** - Tajik State Pedagogical University named after S. Aini, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor, Head of the Department of Economic Theory. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 121. Phone: **(+992) 934-55-41-40.** E-mail: **d-ayubov@list.ru**

**УДК 26.1/5**

# САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РАВАНДИ ҶОРИКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ РАҚАМӢ

*Маъмуров А.М.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба таҳқиқи моҳияти маъмурикунонии андоз, дар раванди татбиқи васеи дастовардҳои пешрафти илму техника, дар соҳаи молия ва рақамикунии босуръати иқтисодиёт таваҷҷӯҳи махсус зоҳир шуда истодааст, ки ин зарурати омӯзиши алоҳидаи тағйироти сифати муносибатҳои субъектҳои андозиро дар шароити муосири иқтисодию сиёсӣ бо назардошти хусусиятҳои тафаккури андозии миллӣ тақозо мекунад.

Ҷанбаҳои маъмурикунонии рақамии андоз тамоюли муосири иқтисоди ҷаҳонӣ буда, ба ин масъала дар корҳои олимони ватанию хориҷа аз ҷониби Э.Л. Гулкова, М.В. Карп, Д.А. Мирпочоев, Э.Г. Лиманская, М.М. Салимова, В.Е. Леонтьев, Б.Б. Раҳматов, А.В. Вихров, М.Т. Макурова, Х.Р. Улугходжаева ва дигарон асосҳои назариявию методии маъмурикунонии рақамии андоз дар иқтисодиёти минтақа амиқ таҳқиқ ва баррасӣ шудааст. Вале таҳқиқи моҳияти иқтисодии маъмурикунонии рақамии андози минтақа дар таҳқиқоти олимони ватанӣ чандон зиёд ба мадди назар намерасад. Баъзе омилҳои таъсиррасон ба сатҳу сифати иқтисодиёти рақамӣ бештар дар асарҳои олимони соҳа А.М. Солехзода, М.В. Мишустин, И.Р. Иброҳимов И.Т. Батаев ва дигарон баррасӣ ва тавсияҳо шудаанд.

Мақсади таҳқиқот ин афзалиятҳо дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ, инчунин, муайян ва ҳалли мушкилоти фаъолияти он мебошад. Бе ташкили низоми муосири иқтисоди рақамӣ, ки ба принсипҳои бозор мутобиқ карда шудааст, ҳалли мушкилоти ба фаъолияти самараноки иқтисоди бозорӣ таъсири манфӣ мерасонанд, ғайриимкон аст, таҷрибаи хориҷӣ дар муносибатҳои андоз инро исбот менамояд.

Бори аввал истифодаи истилоҳи «иқтисодиёти рақамӣ», ки маънои истифодаи технологияҳои нави иттилоотӣ ва телекоммуникатсиониро дошт, соли 1995 аз ҷониби олими амрикоӣ Николас Негропонте пешниҳод карда шудааст [15].

Консепсияи рақамикунонии иқтисодиёти миллӣ ба «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» [10] асос ёфта, назари ягонаи истифодаи технологияҳои муосири рақамиро барои ноил шудан ба ҳадафи олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон, яъне баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии кишвар ифода мекунад.

Такия ба Консепсияи иқтисоди рақамӣ, доир ба тавсеаи сатҳи маърифати андозӣ дар ҷумҳурӣ чунин принсипҳои раванди маъмурикунонии андозро пешниҳод менамоем:

- принсипи мубодилаи иттилоот миёни мақомоти андоз ва дигар сохторҳои давлатӣ, ҳангоми амалӣ гардонидани маъмурикунонии андоз бояд таъсири байниҳамдигарӣ ва табодули иттилоот миёни мақомоти андоз ва дигар мақомоти ваколатдори давлатӣ бо мақсади муносибгардонии маъмурикунонии андоз таъмин карда шавад;
- принсипи рақамӣ дар доираи низоми андозбандӣ ба мақсади дастгоҳи маъмурикунонии андоз бояд низоми ягонаи электронии рақамӣ амал намояд, ки ин имкон медиҳад, иттилоот оид ба андозсупорандагон ҷамъоварӣ, мубодила, маҳфуз ва таҳлил карда шавад. Инчунин, ин принсип имкон медиҳад, ҳуқуқвайронкуниҳои андоз ошкор карда шуда, мониторинги фаврӣ ва назорат гузаронида шавад [2,с.122];
- принсипи мувофиқати таъсиррасонии субъектҳои муносибатҳои андоз ҳангоми пешбурди маъмурикунонии андоз. Андозсупорандагон дар ҳолатҳои пешбинӣ намудаи қонунгузорӣ бояд ҳуқуқи интихоби тарз ва низоми таъсири байниҳамдигариро бо мақомоти андоз дошта бошад.

Дар маҷмуъ, технологияҳои муосири иттилоотию коммуникатсионӣ омили муҳиме мебошанд, ки муҳити ба рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар таъсир мерасонанд. Рушди босуръати раванди тиҷоратӣ дар интернет, инчунин, таъсиси марказҳои бузурги иттилоотию молиявӣ ва шабакаҳои ҷаҳонии алоқаи мобилӣ омилҳои асосии марҳалаи нави рушди иқтисодӣ ва ташаккули иқтисоди рақамии байналмилалӣ мебошанд [1,с.280].

Айни замон татбиқи низомии идоракунии андоз ва рушди фаъоли раванди рақамкунонӣ дар Тоҷикистон мушоҳида мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар низоми идоракунии андоз назарияи онро ба таври назаррас тағйир медиҳад. Раванди рақамикунонии иқтисодиёт имкон медиҳад, ки барои рушди маъмурикунонии андоз имкониятҳои нав фароҳам оварад, аммо дар баробари ин, боиси эҷоди мушкилоти нав дар соҳаи танзим ва назорати андоз мегардад. Инчунин, олимони ин соҳа қайд намудаанд: «зарурати тавсеаи манбаи андоз дар шароити муосири мураккаби ташаккули буҷетҳо таваҷҷуҳи зиёдро ба масъалаҳои фаъолияти самараноки низоми андоз тақозо менамояд, ки аз бисёр ҷиҳат бо шароити ташкилию ҳуқуқии идоракунии андозбандӣ ва сифати маъмурикунонии андоз муайян карда мешавад» [14,с.92].

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар қонуни ассосӣ оид ба соҳаи андозу андозбандӣ чунин омадааст «воситаҳои электронии пардохт – восита ва усулҳое, ки мақсад аз онҳо интиқоли маблағ дар доираи шаклҳои истифодашавандаи ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, омилҳои электронии иттилоот, аз ҷумла кортҳои пардохтии бонкӣ ва таҷҳизоти дигари техникӣ бо ва (ё) бе кушодани суратҳисоби бонкӣ ба андозсупорандагон буда, барои таҳия, тасдиқ ва додани фармоиши пардохтӣ имкон медиҳанд» [6,с.26]. Ҳоло зарур мешуморем, ки барои расидан ба ҳадафи таҳқиқи вазъи кунунии ҷорисозии технологияҳои иттилоотию рақамиро дар низоми муносибатҳои андозӣ баррасӣ намоем.

Бо мақсади амалигардонии «Барномаи давлатии рушд ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ барои солҳои 2018-2020», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2018, таҳти №519 тасдиқ гардидааст, Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Барномаи рушди маъмурикунонии андоз, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ ва таҷҳизоти муосир, доду гирифт ва коркарди маълумотро ба роҳ монда, кӯшиш дорад, ки сатҳ ва сифати хизматрасониро ба андозсупорандагон ва шаҳрвандон давра ба давра беҳтар намояд.

Зикр кардан зарур аст, ки аз 1.05.2018 бо ҷалби ташкилотҳои қарзӣ шакли нави хизматрасонӣ барои шаҳрвандон ва андозсупорандагон ҷорӣ карда шуд, ки бо истифода аз он андозсупорандагон имконият пайдо намуданд бе ташриф овардан ба нуктаҳои хизматрасонии «Амонатбонк» маблағи андозҳои маҳаллӣ ва боҷи давлатиро бо истифода аз кортҳои пардохтии бонкӣ («Visa» ва «Корти миллӣ») пардохт намоянд.

Баробари гуфтаҳои болозикр дар назди Корхонаи воҳиди давлатии «Маркази барномасозии маъмурикунонии андоз» Корхонаи фаръии «Маркази сертификатсияи калидҳои кушод» ташкил шудааст, ки мақсади он ба андозсупорандагон додани имзои электронӣ мебошад. Андозсупорандгон танҳо бо истифодаи имзои электронӣ, ба сомонаи Кумитаи андоз ворид гардида, метавонанд маълумоти лозимаро доир ба ҳисоббароркуниҳои субъектҳои хоҷагидор бо буҷети давлатӣ ва фондҳои мақсадноки давлатӣ дастрас намоянд, имзои электронии андозсупоранда чунин маънидод шудааст, яъне воситаи махсуси криптографии таъмини ҳаққоният, пуррагӣ ва муаллифии ҳуҷҷатҳои электронӣ мебошад [6,с.21].

Бояд зикр намуд, ки аз 1.01.2018 модули нави хизматрасонии «Утоқи шахсӣ барои шахсони воқеӣ» мавриди истифода қарор дода шуд, ки он имконият медиҳад дар баробари шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, кулли шахсони воқеии андозсупоранда низ, минбаъд бе ҳозир шудан ба мақомоти минтақавии андози маҳалли зист мақомоти аз қайд ва ё ҳисоботи андозро бо таври электронӣ пешниҳод намоянд.

Тибқи махзани маълумотҳои Кумитаи андоз то санаи 31 декабри соли 2021 дар миқёси ҷумҳурӣ аз 39,7 ҳазор шахсони ҳуқуқӣ, ҳамагӣ 31,0 ҳазор адад, ё худ 78,0%-и онҳо эъломияҳои андозро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанд. Пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон 85,2%, дар вилояти Суғд 82,4%, дар шаҳри Душанбе 84,3,0%, дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 87,5,0% ва дар дастгоҳи марказии Нозироти андозсупорандагони калон 100,0%-ро ташкил медиҳад.

**Ҷадвали 1. Тамоюли тағйирёбии шумораи шахсони ҳуқуқии эъломияи андозро бо тариқи электронӣ пешниҳодкунанда дар минтақаҳо (бо фоиз)**

**Table 1. The trend of changes in the number of legal entities submitting tax returns electronically in the regions (in percentage)**

| Минтақа /сол | ВМКБ | | Хатлон | | Суғд | | Душанбе | | ШНТҶ | | НАК | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | Соҳибкори инфироди | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфироди | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфироди | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфироди | Шахсони ҳуқуқӣ | Соҳибкори инфироди | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 2016 | | | 76,2 | 84,1 | 84,1 % | 59,0 | 77,6 | 77,5 | 88,4 | 87,3 | 81,2 | **79,5** |
| 2017 | - | - | 76,0 | 76,5 | 77,0 | 80,0 | 76,5 | 74,0 | **80** | 83,0 | 97,0 | **77,9** |
| 2018 | - | - | **77,3** | 78,3 | 80,0 | 83,0 | 76,9 | 75,0 | **81,6** | 83,0 | 98,7 | **81.5** |
| 2019 | - | - | 78,1 | 79,2 | 81.2 | 84,1 | 77,1 | 76,8 | 82,4 | 84,2 | 100 | **82,6** |
| 2020 | - | - | 79,3 | 80,2 | 82,8 | 85,5 | 79,3 | 80,1 | 83,6 | 85,4 | 100 | **84,1** |
| 2021 | - | - | 84,3 | 85,2 | 87,5 | 88,4 | 82,8 | 84,3 | 86,6 | 87,5 | 100 | **87,4** |

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2016-2021.

Пешниҳоди эъломияҳо аз ҳисоби соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолиятдошта (бо назардошти хоҷагиҳои деҳқонӣ), дар миқёси Ҷумҳурӣ, дар маҷмуъ 117,7 ҳазор ё худ 77,3%-ро ташкил додааст, аз он ҷумла, дар вилояти Хатлон 84,3,0%, вилояти Суғд 87,50%, шаҳри Душанбе 82,8% ва дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дар маҷмуъ 86,6%. Дар давраи ҳисоботӣ нишондиҳандаҳои паст доир ба пешниҳоди эъломияҳои андоз аз ҳисоби шахсони ҳуқуқӣ дар вилояти Хатлон, дар ноҳияҳои Шурообод, Темурмалик, Н.Хусрав, дар вилояти Суғд, дар ноҳияи Ашт ба назар расида, аз 23% то 59%-ро ташкил медиҳад.

Дигар ҷанбаи татбиқ намудани чораҳои рақамикунонии соҳаи андозбандӣ ин ташаккули манбаи иттилооти рақамӣ мебошад. Масъалаи самаранокии маъмурикунонии андоз ва сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои пешниҳоди иттилоот, почтаи электронӣ, рақами содакардашудаи телефонии «151», ба роҳ монда шудааст. Инчунин, андозсупорандагон метавонанд ҳамарӯза 24 соат бо Call – center дар тамос бошанд, ва ба муҳлати аз 5 дақиқа то 1 рӯзи корӣ ба саволҳои худ ҷавоб гиранд.

**Ҷадвали 2. Хизматрасониҳо ба мурочиати андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 2. Services for taxpayers in the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи хизматрасониҳо | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| 1. | Муроҷиат ба бахши иттилоотии Кумитаи андоз | 7800 | 12260 | 12790 | 33430 | 34700 | 35100 | 35765 |
| 2. | Муошират тариқи «ЧАТ» | - | - | - | 2035 | 895 | 921 | 967 |
| 3. | Муроҷиат тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» | 391 | 448 | 682 | 721 | 757 | 781 | 801 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси махзани иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2022.

Дар давраи таҳлилшуда, шумораи дархостҳои воридшуда ҳамасола афзоиш меёбанд, ки зиёда аз 50% дархостҳо тариқи онлайн амалкунанда ва дар тули 5 сол шумораи дархостҳо тадриҷан афзудааст. Дар соли 2022 ба Бахши иттилоотии Кумитаи андоз, дар маҷмуъ, 35765 муроҷиат оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба соли 2021-ум 665 адад зиёд мебошад.

Дар баробари ин, таҳлилҳо нишон медиҳад, ки ҷиҳати тақвият додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва дар заминаи таҷрибаи муосир ба роҳ мондани машваратдиҳӣ бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар асоси Фармоиши расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.11.2017, таҳти рақами №507 «Тартиби пешниҳоди машварат дар низоми вақти мустақим бо истифодаи усули «ЧАТ» дар Кумитаи андоз» тасдиқ гардидааст. Аз шумораи умумии муроҷиатҳо дар соли 2020 19101 адад ба шахсони воқеӣ, 1472 адад ба шахсони ҳуқуқӣ ва 912 адад ба шахсоне, ки тавассути усули «ЧАТ» муоширát намудаанд, рост меояд.

Тавре аз додоҳои ҷадвали 2 мушоҳида мегардад аз шумораи умумии муроҷиатҳои телефонӣ ба шаҳри Душанбе 2019 адад, вилояти Суғд 3472 адад, вилояти Хатлон 5011 адад, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 205 адад ва ШНТҶ, дар маҷмуъ, 3690 адад муроҷиат рост меояд. Илова бар ин, дар соли 2021 ба гурӯҳи иттилоотии Раёсати андоз дар ВМКБ тавассути рақами «20262» ҳамагӣ 519 адад, Раёсати андоз дар вилояти Суғд бо рақами «909» 388 адад ва Раёсати андоз дар вилояти Хатлон тавассути рақами содакардашудаи «154» 190 ҳамагӣ адад муроҷиат ворид шудааст, ки 1097 муроҷиати телефониро ташкил медиҳад. Инчунин, дар ин давра 757 адад муроҷиат тавассути почтаи электронии «info@andoz.tj» ва 5833 адад муроҷиат ҷиҳати гирифтани маълумот оид ба РМА бо рақами содакардашудаи «152» ворид гардидааст, ки ба ҳамаи онҳо ҷавобҳои қаноатбахш пешниҳод шудааст.

Дар мактубҳои шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ аксар саволҳои машваратӣ вобаста ба истифодаи шаклҳои нави ҳуҷҷатҳои барои бақайдгирии давлатӣ истифодашаванда, талаботи нав оид ба бақайдгирии онҳо, дар феҳристи ягонаи давлатӣ, ба назар мерасиданд. Зарур мешуморем, ки ҳамасола барои муайян намудан ва ҳалли масъалаҳои пешниҳоди нодуруст додани РМА, додани ҳамон як рақами мушаххаси андозсупоранда ба андозсупорандагони гуногун ё додани зиёда аз як рақами мушаххаси андозсупоранда ба ҳамон як андозсупоранда, инчунин, муайян кардани тартиби додани шаҳодатномаи нави бақайдгирии шахси воқеӣ вобаста ба тағйир додани насаб ё ҷойи истиқомат сабт карда шудаанд. Асосан, андозсупоранда дар муроҷиатҳои худ ба мақомоти андоз дар бораи қонуншиканиҳои гуногуне, ки шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми гузаронидани фаъолияти молиявию иқтисодӣ содир мекунанд, хусусан дар бораи напардохтани андози даромад аз иҷораи амвол шикоят кардаанд.

Зикр менамоем, ки қисми зиёди шикоятҳои аз андозсупорандагон воридшуда, дар бораи мушкилоти пешниҳоди ҳисоботи андоз, алалхусус мураккабии шаклҳои пур кардан ва рад кардани мақомоти андоз аз қабули эъломия дар шакли коғазӣ аз ҷониби мақомоти андоз қайд карда шудаанд. Дар бораи далелҳои рафтори нодуруст ё муносибати расмии кормандони мақомоти минтақавии андоз ба андозсупорандагон, дар бораи сифати пасти ташкили қабули шахсӣ ва хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, аз ҷумла саривақт пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳо, рад кардани тавзеҳот дар бораи мавҷудияти навбат дар як қатор санҷишҳои назоратӣ аз ҷониби мақомоти андоз, инчунин, имконнопазирии муроҷиат тавассути телефон ба кормандон маълумот дода шудааст.

Маълумоти дигари оморию таҳлилӣ чунинанд, дар соли 2021 мундариҷаи бештари муроҷиатҳо ба татбиқи модули нави барномаи компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» [11], «Утоқи шахсии андозсупоранда» 10391 адад, оид ба тартиби электронии таҳияи эъломияҳои андоз аз арзиши иловашуда ва аксиз 3812 адад, тартиби истифодабарии «Анбори электронӣ» ва таҳияи ҳисобнома-фактураҳо 3473 адад, пешниҳоди тавозун 1722 адад, хоҷагиҳои деҳқонӣ 1362 адад, тартиби ҳисоб ва пардохт кардани андозҳо аз молу мулки ғайриманкул 1069 адад, тартиб додани санади муқоисавӣ 998 адад, оид ба тартиби ҳисоб ва пардохти маблағи патент ва бақияи қарзи он 872 адад, тартиби ҳисоб ва пардохт намудани низоми содакардашудаи андозбандӣ 767 адад рост меоянд, ки дар маҷмуъ, 26541 ададро ташкил медиҳад.

Тавре аз ҷадвали 3 мушоҳида мегардад, мавқеи аввалро шахсони алоҳида ишғол мекунанд, ки зиёда аз нисфи ташрифи расмиро ташкил медиҳанд. Боиси дарк аст, ки дар оянда нақшаи 18% афзоиш додани трафики вебсайтҳо тавассути тарғиби вебсайти Кумитаи андоз дар воситаи ахбори омма ва ҷойгиркунии таблиғоти иҷтимоӣ дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ба нақша гирифта шудааст.

**Ҷадвали 3. Мурочиати расмӣ ба сомона ва почтаи электронии Кумитаи андоз дар соли 2019**
**Table 3. Official address to the website and e-mail of the Tax Committee in 2019**

| Нишондиҳанда | Ҳиссаи ташриф, бо % |
|---|---|
| Шахсони воқеӣ | 57 |
| Соҳибкорони инфиродӣ | 9 |
| Шахсони ҳуқуқӣ ва намояндагони ваколатдори онҳо | 13 |
| Дигар шахсон | 13 |

Таҳияи муаллиф мутобиқи вебсайти расмии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Таҳлили мурочиатҳои андозсупорандагон шаҳодат медиҳад, ки сарфи назар аз талаботи қонунгузорӣ, ҳоло ҳам иддае аз кормандони мақомоти минтақавии андоз дар муносибат бо шаҳрвандон ва андозсупорандагон дар баъзе ҳолатҳо талаботи муқарраршуда ва одоби хизматиро дуруст риоя намекунанд.

Таъкид кардан зарур аст, ки кормандони минтақавии ҳудудии андоз ҳангоми муошират бо андозсупорандагон талаботи Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дигар талаботи муқарраршудаи соҳаи андозро бояд риоя намоянд.

**Ҷадвали 4. Микдори шикоятҳои воридгардида тавассути рақами телефонии «151» ва почтаи электронии Кумитаи андоз**
**Table 4. The number of complaints received through the telephone number "151" and the e-mail of the Tax Committee**

| Минтақа ҳо /солҳо | ВМКБ | Хатлон | Суғд | Душанбе | Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ | Ҳамагӣ |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 2015 | - | 22 | 15 | 29 | 21 | 87 |
| 2016 | - | 35 | 20 | 39 | 24 | 118 |
| 2017 | - | 48 | 39 | 49 | 31 | 167 |
| 2018 | 1 | 42 | 39 | 44 | 28 | 154 |
| 2019 | 4 | 79 | 71 | 89 | 67 | 310 |
| 2020 | 6 | 83 | 79 | 92 | 71 | 368 |

Таҳияи муаллиф мутобиқи ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2015-2020

Тавре мушоҳида мегардад дар соли 2020 тавассути рақами телефонии «151» ва рақами телефонии боварии Раиси Кумитаи андоз 368 адад шикоят ворид шудааст, лекин мутаассифона нисбат ба соли 2019 84,2% шикоятҳо, яъне 58 адад бештар гардидааст. Аз шумораи умумии шикоятҳо 298 адад шикоят оид ба саривақт иҷро накардани уҳдадориҳои ҳатмии мансабӣ ва дағалона рафтор намудани нозирони минтақавии андоз, 70 адад шикоят дар бораи бе қайд фаъолияти намудани соҳибкорӣ дар мақомоти андоз ва аз тарафи соҳибкорон ҳангоми муомилоти пулӣ истифода нашудани МНХ ба ҳисоб меравад.

Қисми зиёди шикоятҳои дар ҳудуди минтақаҳо воридшаванда, шикоятҳое мебошанд, ки оид ба қарорҳо дар натиҷаи санҷишҳои андози камералӣ ва амалиётӣ қабул карда шудаанд. Шикоятҳо доир ба андозҳою пардохтҳо, аксар вақт бо ҳисобкунии нодурусти андоз, аз ҷониби андозсупорандагон нагирифтани огоҳиномаҳо оид ба пардохти андоз, маблағҳои қарзи андоз аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз пешбинишуда, инчунин, саривақт иҷро накардани ҳисоббаробаркуниҳо бо дархости андозсупорандагон алоқаманд мебошанд.

Аз ҷумла, пурра ҷорӣ намудани барномаҳои компютерии «Системаи иттилоотии андоз» тафсири нави «Баҳисобгирии андозҳои маҳаллӣ аз шахсони воқеӣ» ва «Идоракунии мониторинги қарзи андозҳо» имкон медиҳад, ки объектҳои андозбандӣ ва объектҳои ба андозбандӣ алоқаманди андозҳои маҳаллӣ пурра ба қайд гирифта шуда, минъбад, андозбандӣ карда шаванд. Инчунин, рафти қабули қарорҳо оид ба маҷбуран ситонидани бақияи қарзи андозҳо ва ҳолати иҷрои онҳо зери назорати пайвастаи Кумитаи андоз қарор гирад. Дар баробари ин, ҳаҷми маблағи бақияи қарзи андозҳо тадриҷан кам карда шаванд [5,с.23].

Иттилоот барои таҳлили шумораи шикоятҳои қонеъшудаи андозсупорандагон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюл мавҷуд нест, аммо бо назардошти арзиши ин додаҳо барои солҳои 2013-2019 дар баъзе минтақаҳо чунин мушоҳида мегардад, ки он аслан бетағйир мондааст. Маълумот дар бораи таносуби шикоятҳои қонеъшуда ва шумораи умумии мурочиатҳои баррасишуда оид ба амалӣ ва беамалии кормандони мақомоти андоз дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҷадвали 5 иникос шудааст.

**Ҷадвали 5. Микдори шикоятҳои қонеъшуда ва баррасишудаи андозсупорандагон оид ба амалӣ ва беамалии кормандони мақомоти андоз дар солҳои 2013-2019 (бо %)**
**Table 5. The number of satisfied and considered complaints of taxpayers regarding the actions and inactions of tax officials in 2013-2019 (in %)**

| Минтақа /сол | ВМКБ | | Хатлон | | Суғд | | Душанбе | | ШНТҶ | | Ҳамагӣ дар ҷумҳурӣ | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъшуда | баррасӣ | қонеъ | баррасӣ |
| 2015 | 34 | 17 | 49 | 17 | 45 | 16 | 46 | 32 | **41** | 26 | 43 | 21,6 |
| 2016 | 36 | 12 | 51 | 22 | 41 | 32 | 53 | 34 | 44 | 33 | 45 | 26.6 |
| 2017 | 49 | 22 | 52 | 18 | 55 | 26 | 49 | 28 | 49 | 37 | 50,8 | 29,8 |
| 2018 | 33 | 21 | 45 | 19 | 51 | 29 | 61 | 39 | 52 | 41 | 48,4 | 29,8 |
| 2019 | 31 | 19 | 44 | 23 | 47 | 23 | 51 | 35 | 48 | 29 | 44,3 | 25,8 |
| 2020 | 34 | 21 | 45 | 31 | 50 | 35 | 56 | 34 | 44 | 38 | 40,5 | 31,1 |

Ҳисоби муаллиф дар асоси маълумотҳои ҳисоботи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2015-2020.

Тамоюли индикатор аз рӯи минтақа фарқ мекунад. Дар аксарияти минтақаҳои таҳқиқшуда, афзоиши ин нишондиҳанда ба назар мерасад. Фаъолияти кормандони баъзе мақомоти андоз хеле назаррас мебошанд, масалан, дар вилояти Суғд дар тули 12 моҳи соли 2020, нисбат ба соли 2019, шумораи шикоятҳои қонеъкардашудаи андозсупорандагон 3 банди фоиз коҳиш ёфтааст.

Тибқи маълумоти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар соли 2021, дар маҷмуъ, тавассути самтҳои гуногун (телефонӣ, хаттӣ, электронӣ ва ғайра) ба мақомотҳои андози мамлакат тақрибан 289 шикоятҳо оид ба амалӣ ва беамалии кормандони андоз қабул карданд. Ба манфиати андозсупорандагон 41% шикоятҳо ҳал шуда, 23%-и баҳсҳо дар бораи маблағи андозсупорандагон қонеъ карда мешаванд.

Барои дар сатҳи дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои мансабӣ, вайрон намудани талаботи «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [13] ва «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» [10] дар асоси 183 шикоят ва ба 113 корманди мақомоти андоз соли 2021 муҷозоти интизомӣ татбиқ гардидааст. Тибқи гузоришҳои раёсатҳои дахлдори дастгоҳи марказӣ дар мувофиқа бо Кумитаи андоз нисбати 70 шикоят ҷиҳати ислоҳ намудани камбудиҳо, бо кормандони мақомоти андоз корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, талаботи мурочиаткунандагон қонеъ гардонида шудаанд.

Сабабҳои асосии қонеъ гардонидани шикоятҳои андозсупорандагон ин нодуруст татбиқ шудани меъёрҳои қонунгузории андоз аз ҷониби мақомоти андоз, татбиқи вазъи сабуккунандаи масъулияти андозсупоранда, набудани заминаи далелҳои мувофиқ ва дигар сабабҳои қаноатмандӣ мебошад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз, пешбурди корҳои фаҳмондадиҳиву тавзеҳотӣ миёни андозсупорандагон тавассути гузаронидани семинар-машварат, вохӯриҳо ва бо истифода аз воситаҳои ахбори омма барномаҳои телевизионӣ мебошад, ки ба ин самти фаъолият роҳбарияти Кумитаи андоз пайваста диққати махсус зоҳир менамояд. Маҳз бо мақсади саривақт ба маълумоти андозсупорандагон расонидани навгониҳои соҳа дар соли 2020, тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар минтақаҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон зиёда аз 3400 семинар – машварат

ва вохӯриҳо баргузор карда шуд, ки нисбати соли 2019 ба 433 адад, ё худ 13% зиёд мебошад [8].

**Ҷадвали 6. Самтҳои афзалиятноки хизматрасонии фаъолияти мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Table 6. Priority areas of service of tax authorities of the Republic of Tajikistan**

| № | Номгӯи хизматрасониҳо | Солҳо | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| 1. | Шумораи семинару машваратҳо, адад | 1900 | 2081 | 2202 | 2330 | 2983 | 3400 | 3833 |
| 2. | Корҳои фаҳмондадиҳӣ бо воситаҳои ахбори омма, (адад) | 381 | 420 | 460 | 602 | 1383 | 775 | 834 |
| | *Инчунин:* | | | | | | | |
| а) | тавассути телевизионҳо, адад | 171 | 189 | 195 | 205 | 834 | 369 | 561 |
| б) | тавассути радиоҳо, адад | 76 | 84 | 91 | 149 | 202 | 216 | 321 |
| в) | тавассути маҷаллаҳо, адад | 133 | 147 | 174 | 248 | 347 | 190 | 267 |

Таҳияи муаллиф тибқи маводи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2014-2019.

Ҳамин тариқ, таҳлили мисолу далелҳо тасдиқ мекунад, ки андозсупорандагон, аз як тараф, бо мушкилоти мураккабии иҷрои уҳдадориҳои андоз, қонунгузории «бесифат»-и андоз ва нофаҳмии муқаррароти он дучор меоянд (мураккабии дарёфт ва дарки иттилоот, тафсирҳои духӯраи (шабеҳи) қонун; пайгирии саривақтии иттилоот бинобар тағйироту иловаҳои доимо воридшуда), аз тарафи дигар, муносибати беадолатонаи кормандони мақомоти андоз дар иҷрои вазифа ва уҳдадориҳои ба зиммаашон гузошташуда, аз ҷумла бо андозсупорандагон ба истиснои назорати андоз бо роҳҳои дигар муносибат кардани онҳо монеъ мегардад.

Муносибатҳое, ки миёни мақомоти андоз ва андозсупорандагон, ташкил шудаанд, аз рӯи мавқеи мобайнии равишҳои ҳокимият ва қонун, ба талаботи муносибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ дар шароити рақамикунонии иқтисод ҷавобгӯ нестанд.

Сарфи назар аз рушди бомуваффақият ва фаъолонаи иқтисоди рақамӣ ва афзалиятҳои он дар низоми маъмурикунунонии андоз, дар самти ташкили маъмурикунонии муосири андозсупории рақамӣ, ҳанӯз ҳам мушкилоти муайян мавҷуданд [7,с.234] (расми 1).

**Расми 1. Мушкилоти раванди рақамисозии маъмурикунонии андоз**

**Figure 1. Problems of the digitization process of tax administration**

**Мушкилоти рақамикунонии маъмурикунонии андоз**

Мушкилоти монеаи рақамикунонӣ ё хориҷкунии рақамии баъзе андозсупорандагон: набудани имконият ё хоҳиши андозсупорандагон барои ҳамкории фосилавӣ бо мақомоти андоз

Мушкилоти амнияти ҳифзи маълумоти махфӣ: қобилияти дастрасӣ ба маълумоти махфӣ тавассути ҳуҷумҳои хакерӣ бо назардошти кушода будани алоқаи электронӣ

Мушкилоти арзиш ва мураккабии раванди гузариш ба модели рақамии маъмурикунии андоз: раванди гузариш метавонад якчанд сол тул кашад ва дар муддати кӯтоҳ хароҷоти рақамикунонии ҳам андозсупорандагон ва ҳам мақомоти андоз зиёд мешаванд

Мушкилоти зарурати интиқоли маълумот аз низомҳои иттилоотии пешина ба низомҳои нави хизматрасонӣ: дар раванди интиқол, имконияти аз даст додани як қисми маълумот ё таҳрифи иттилоот истисно карда намешавад

Мушкилоти пешниҳодшудаи раванди рақамикунонии маъмурикунонии андоз на танҳо хусусияти технологӣ, балки инсонӣ низ доранд. Албатта, на ҳар як андозсупоранда бинобар маҳдудият ва хусусиятҳои молиявӣ ё шахсии худ, инчунин, дониш ва маллакаи нокифо дар истифодаи технологияҳои компютерӣ имкон дорад аз технологияҳои иттилоотӣ истифода барад. Бо назардошти ин ҳолатҳо, барои чунин дараҷаҳои андозсупорандагон ҳамкории анъанавии худро бо мақомоти андоз нигоҳ медоранд.

Раванди маъмурикунонии рақамии андоз, ин вусъатдиҳӣ ва навсозии низомҳои иттилоотӣ мебошад, бинобар ин, ҳангоми гузаштан аз низомҳои иттилоотии пешина ба низомҳои нав, мушкилоти интиқоли иттилоот ба миён меояд, ки метавонад боиси аз байн рафтан ё иваз шудани қисме аз маълумоти мавҷуда гардад. Инчунин, илова бар ин омил, зарурати пайвасткунии низомҳои гуногуни иттилоотии сохтор ва мақомотҳо, масалан, мақомоти гумрук, фондҳои нафақа ва ғайра низ бояд ба назар гирифта шавад [9,с.23].

Ҳамин тариқ, ҳалли ин мушкилот имкон медиҳад, ки низомҳои маъмурикунонии андоз ба сатҳи нави рушд гузорад ва мақомоти андоз эътибори мусбат ва боварии андозсупорандагонро ба даст оранд.

Бо мақсади такмил додани маъмурикунонии андоз дар заминаи рақамикунонӣ, маҷмуи чорабиниҳоеро муайян кардан мумкин аст, ки ба рушди иқтисоди рақамӣ мусоидат мекунанд (расми 2).

**Расми 2. Тадбирҳо оид ба рушди иқтисодиёти рақамӣ**
**Figure 2. Measures for the development of the digital economy**




Ҳамаи ин чорабиниҳо аллакай дар сифати маъмурикунонии андоз натиҷаҳои мусбат дода истодаанд. Аз ҷумла, татбиқи хизматрасониҳои нави интернетӣ ва хизматрасонии интерактивӣ сатҳи қаноатмандии андозсупорандагонро аз сифати хизматрасониҳои давлатии пешниҳоднамудаи мақомоти андоз баланд мебардорад. Васеъ намудани доираи хизматрасониҳои электронӣ, ҳамкории байниидоравии электронии мақомоти андоз тавассути коҳиш додани хавфҳо, фароҳам овардани ташкили ягонаи иттилоотӣ ва ошкор сохтани нақшаҳои коррупсионӣ оид ба сифати маъмурикунонии андоз, таъсири судманд мерасонад.

Кулли ин иқдомҳои болозикр, бешубҳа барои болоравии сатҳи самаранокии маъмурикунонии андоз дар минтақа таъсир расонида, тарзи ташкили он сифатан тағйир ёфтааст. Аммо, бо вуҷуди ин, дар минтақаҳои ҷумҳурӣ баъзе мушкилотҳо ҷой дорад, ки ба ташкили маъмурикунонии рақамии андоз дар минтақа таъсир мерасонанд, ба ин омилҳо дохил мешаванд:

- сатҳи пасти саводнокии андозии андозсупорандагон. Зеро баъзе аз андозсупорандагон дониши лозимӣ дар самти технологияи иттилоотӣ надоранд, иҷрои

уҳдадориҳои ихтиёрии худро ба шахсони дигар мегузоранд. Чунин вазъият бештар дар аҳолии деҳот, ки ҳамчун истеҳсолкунандагони маҳсулотҳои кишоварзӣ мебошанд, мушоҳида мегардад;

- мавҷуд набудани инфрасохтори коммуникатсионӣ. Баҳогузории экспертии мо нишон медиҳад, ки дар минтақаҳо суръати таъмини аҳолӣ бо компютер ва дигар таҷҳизоти коммуникатсионӣ нокофия мебошад. Дар натиҷа қисми зиёди андозсупорандагон дастрасӣ аз хизматрасониҳо маҳдудият доранд ва боз бо низоми анъанавӣ фаъолияти худро дар самти андозбандию андозпардозӣ ба роҳ мемонанд;
- арзиши хароҷот ва гаронии андоз хусусан интернет. Таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар манотиқи кишвар арзиши интернет нисбат ба мамлакатҳои ҳамсоя хеле (3-4 маротиба) гарон аст. Бо вуҷуди ин, интернет - алоқа дар баъзе маҳаллҳо хеле бо сифати паст қарор дошта, имконияти андозсупорандаро дар самти истифодабарии хизматҳои электронии мақомоти андоз маҳдуд месозад.

Боиси зикр аст, ки мо ба нишондиҳандаҳои дигари самаранокии рушди маъмурикунонии андоз, вобаста ба истифодаи технологияҳои нав ниёз дорем (ва ба интенсивӣ таҳия карда истодаем). Гарчанде ин нишондиҳанда ва ҳисобҳо метавонанд ба соҳаҳои гуногуни истифодаи технология робита дошта бошанд, аммо, мутаассифона натиҷаҳо танҳо бо истифодаи баҳисобгирии мутамарказ ба даст оварда мешавад.

**Муқарриз: д.и.и., профессори ДДҲБСТ - Дадоматов Д.Н.**

**АДАБИЁТ**


1. Алимов А.А. Налоговая реформа и налоговое бремя в условиях переходной экономики Таджикистана / А.А. Алимов, А.М. Маъмуров // Научное обозрение. Серия 1: Экономика и право. - 2011. -№6. -С.278-284.
2. Бабкин Ф.В. Электронная коммерция и новые организационные формы компаний / Ф.В. Бабкин // Менеджмент в России и зарубежом. - 2000. -№1. -С.121-130.
3. Давлатов Д.С. Ҳолати муосири танзими механизми андози иқтисоди миллӣ / Д.С. Давлатов, С.Ш. Қаюмов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – Душанбе, 2022. -№7. –С.79-90.
4. Иброхимов, И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана: автореферат дис. к.э.н. / И.Р. Иброхимов. -Душанбе, 2006. -24 с.
5. Каъбатулло М. Истифодабарӣ ва татбиқи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти андоз / Каъбатулло М. // Паёми андоз. -Душанбе, 2014. -С.12-14.
6. Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844. -Душанбе: Шарқи озод, 2022. -395 с.
7. Ҷумъабоев, Х.Қ. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назоратии андоз дар сатҳи минтақа / Х.Қ. Ҷумъабоев, А.М. Маъмуров // Паёми молия ва иқтисод. – 2021. -№4(28). –С.91-101.
8. Майбуров И.А. Налоги в цифровой экономике. Теория и методология: монография: «Экономика. Финансы и кредит» / И.А. Майбурова, Ю.Б. Иванова. –М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2019. -279 с.
9. Маълумоти ҳисоботии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021.
10. Маъмуров, А.М. Дурнамо ва самтҳои такмили низоми маъмурикунонии андоз бо мақсади таъмини амнияти андозии минтақа / А.М. Маъмуров // Ахбори Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ ва иқтисодӣ. – 2021. -№1-2(86). -С.178-185.
11. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, аз 1.12.2016 №636. – Душанбе, 2016 -99 с. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj/uploads/strateg2030.pdf (санаи муроҷиат: 02.11.2022 с.).
12. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби касбии корманди мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз - 22.06.2017, -№ 270. [Манбаи электронӣ]. URL: www.andoz.tj (санаи муроҷиат: 22.07.2022 с.).
13. Фармони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон. «Дар бораи татбиқ ва тартиби истифодаи нархҳои бозорӣ барои мақсадҳои андозбандӣ тавассути барномаҳои компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» аз 15.08.2019. - №388.
14. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Кодекси одоби хизматчии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 11.08.2017, №916. [Манбаи электронӣ]. URL: www. president (санаи муроҷиат: 05.10.2022 с.).
15. Negroponte, N.f. (1995). Being digital. knopf.(Paperback edition, 1996, Vintage books. [Манбаи электронӣ]. URL: isbn 0-679-76290-6).


## САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ РУШДИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР РАВАНДИ ҶОРИКУНИИ ТЕХНОЛОГИЯИ ИТТИЛООТИИ РАҚАМӢ

Мақола ба таҳқиқи назариявии самтҳои афзалиятноки рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ равона шудааст. Дар мақолаи илмӣ ақидаҳои гуногуни олимони

соҳа мавриди омӯзиш қарор дода шуда, ҷанбаҳои назариявии рушди маъмурикунонии андоз дар раванди ҷорикунии технологияи иттилоотии рақамӣ муайян карда шуд. Дар заминаи таҳқиқ нишондиҳандаҳои арзёбии технологияи иттилоотии рақамӣ низомбандӣ гардидани нишондиҳандаҳои сифати фаъолияти мақомоти андоз ошкор карда шудаанд. Хулоса карда шуд, ки шароити муосири иҷтимоӣ ва иқтисодии рушди кишвар ба такмили технологияи иттилоотии рақамии нав ниёз дорад ва пеш аз ҳама, низоми маъмурикунонии андозро дар самти баланд бардоштани саводнокии андозии андозсупорандагон оид ба технологияи иттилоотӣ тақозо менамояд.

**Калидвожаҳо:** иқтисодиёти рақамии рақамикунонии муносибатҳои андозӣ, технологияи иттилоотӣ, маъмурикунонии андоз, мақомоти андоз, муносибатҳои андоз, назорати андоз, шикоят, муроҷиат, хизматрасонии андозӣ.

**ПРИОРИТЕТЫ РАЗВИТИЯ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В ПРОЦЕССЕ ВНЕДРЕНИЯ ЦИФРОВЫХ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ**

Статья посвящена теоретическому иследованию опережающего развития налогового администрирования в процессе внедрения цифровых информационных технологий. В научной статье изучены различные теории ученых в данной области и определены теоретические основы развития налогового администрирования в процессе внедрения цифровых информационных технологий. В ходе исследования выявлены показатели для оценки деятельности налоговых органов в области цифровых и качественных информационных технологий. Сделан вывод, что современные социально-экономические условия развития страны, которые требуют совершенствования новых цифровых информационных технологий, в первую очередь, направлены на совершенствование системы налогового администрирования для повышения налоговой грамотности налогоплательщиков в области информационных технологий.

**Ключевые слова:** цифровая налоговая экономика, информационные технологии, регион, налоговое администрирование, налоговые органы, налоговые отношения, налоговый контроль, жалобы, обращения. налоговые услуги.

**PRIORITIES FOR THE DEVELOPMENT OF TAX ADMINISTRATION IN THE PROCESS OF INTRODUCING DIGITAL INFORMATION TECHNOLOGIES**

The article is devoted to the theoretical substantiation of the advancing development of tax administration in the process of introducing digital information technologies. The scientific article explores various theories of scientists in this field and defines the theoretical foundations for the development of tax administration in the process of introducing digital information technologies. The study identified indicators for assessing the activities of tax authorities in the field of digital and high-quality information technologies. It is concluded that the current socio-economic conditions of the country's development, which require the improvement of new digital information technologies, are primarily aimed at improving the tax administration system to improve the tax literacy of taxpayers in the field of information technology.

**Keywords:** digital tax economy, information technology, region, tax administration, tax authorities, tax relations, tax control, claims, appeals, tax services.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маъмуров Анварҷон Маҳмудҷонович*** - Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Хуҷанд, микрорайони 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 117-71-17-17**. E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Мамуров Анваржон Махмуджонович*** - Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, кандидат экономических наук, доцент кафедры налогов и налогообложения. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, г.Худжанд, 17 Микрорайон, дом.1. Телефон: **(+992) 117-71-17-17.** E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mamurov Anvarjon Mahmudjonovich*** - Tajik State University of Law, Business and Politics, Candidate of Economic Sciences, Associate Professor of the Department of Tax and Taxation. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Khujand, 17 Microdistrict, building 1. Phone: **(+992) 117-71-17-17.** E-mail: **a.mamurov1974@mail.ru**

**УДК 330.1+338.48+004+(045)/(575.3)**

# РУШДИ ТИҶОРАТИ САЙЁҲӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ

***Маҳмадҷонов И.Қ.***
**Донишгоҳи технологии Тоҷикистон**

Аз нигоҳи илми иқтисодӣ, мафҳуми сайёҳӣ ин низоми васеи иқтисодӣ бо рангорангии робитаҳои байниҳамдигарӣ дар чорчӯбаи хоҷагии халқи кишвари ҷудогона баҳо дода мешавад. Ба ибораи дигар, вожаи сайёҳӣ таъминкунанда ва пайвандгари иқтисоди миллӣ бо хоҷагии ҷаҳонӣ ба ҳисоб рафта, бо фаъолиятҳои иқтисодии хеш истифода аз захираҳои туристӣ ва хизматрасонӣ маҳсули худ ва хадамоти ташкилотҳои гуногунро пешниҳод менамояд [5].

Ба ибораи дигар, ҳоло сайёҳии байналмилалӣ ва дохилӣ яке соҳаҳои пуриқтидори хизматрасонии савдо ба ҳисоб меравад. Илова бар ин, сайёҳии муосирро як тиҷорати компютерии ҷаҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ба ин тиҷорат ширкатҳои бузурги ҳавопаймоӣ, маҷмуи меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳии саросари ҷаҳонро дар бар мегиранд [2]. Сайёҳӣ дар Тоҷикистон - яке аз соҳаҳои рушди иқтисоди кишвар мебошад, ки солҳои охир босуръат рушд ёфтаистодааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои мероси ғании таърихиву фарҳангӣ ва захираҳои табиӣ буда, барои ҷалби теъдоди зиёди сайёҳони хориҷӣ ба кишвар иқтидори воқеиро доро мебошад. Бо дарназардошти омилҳои зикршуда, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳаи сайёҳиро самти афзалиятноки сиёсати иқтисодии кишвар эълон намудааст [10].

Маҳз ба ҳамин хотир, соли 2018 аз ҷониби Пешвои муаззами миллат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардид, ки ба рушд ва тараққиёти ҳамаҷонибаи ин соҳаи ояндадор дар мамлакат заминаҳои воқеии ҳуқуқиву бунёдиро гузошт [9].

Дар ҳамин радиф, соли 2018 эълон гардидани «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз қатори ҳамин заминаҳо ва воситаи расидан ба иқтисодиёти иҷтимоии устувор мебошад. Чуноне ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии хеш дар Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (22.12.2017) қайд карданд «...сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳимми бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад» [4].

Воқеан ҳам аз ҷониби Пешвои муаззами миллат эълон гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва баъдан эълон гаштани солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» сари вақтӣ буда, зеро аз ҷониби созмонҳои байналмилалӣ хуб арзёбӣ гардида, дар радифи ин ташаббуси фарогир Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ бо мақсади муаррифии фарҳанги асил, ҳунарҳои маҳаллӣ, урфу одат ва анъанаҳои мардумии кишварҳои узви созмон мавзуи Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ барои соли 2020, Соли рушди сайёҳӣ ва минтақаҳои деҳот эълон дошт. Узвияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Созмони ҷаҳонии сайёҳӣ, пазируфта шудани пойтахти Ватанамон - шаҳри Душанбе ба узвияти Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ, эълон гардидани шаҳри Душанбе - пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020-2021 симои сайёҳии Тоҷикистонро ба ҷаҳониён муаррифӣ ва машҳур намуд [12]. Инчунин, дар сафи 10 кишварҳои ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон эълон шудани кишвар, дар сархати даҳгонаи мамолики ҷолиб барои сайёҳони саргузаштӣ ҷой додани Тоҷикистон, ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил гаштани шоҳроҳи Помир [16], ҳамчун даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона, ба қатори 10 шаҳри дар айёми баҳор ва тирамоҳ барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил эътироф шудани шаҳри Душанбе, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ, саргузаштӣ шомил шудани Тоҷикистон ва ба панҷгонаи беҳтарин аз рӯи низоми содаи пешниҳоди раводид ворид шудани ҷумҳурӣ, шаҳодати аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гаштани сайёҳии мамлакат ва дар ин росто касб намудани мавқеи намоён дар арсаи байналмилалӣ мебошад [10].

Ҳамин тариқ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи вусъат додани соҳаи сайёҳӣ яке аз масъалаи муҳимми сиёсати иҷтимоию иқтисодии Ҳукумати кишвар ба ҳисоб меравад, ки вазифаҳои он ба рушди соҳаи сайёҳӣ ва субъектони бозори он бо мақсади такомули шаклҳои хизматрасонии сайёҳӣ тавассути он то як андоза мустаҳкам гардонидани мавқеи сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ равонаанд [4]. Мавриди тазаккур аст, ки барои рушд додани соҳаи сайёҳӣ ва тиҷорати сайёҳӣ яке аз ҷузъҳои муҳим ин шабакаҳои компютерӣ ва системаи технологияи иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд.

Ба шарофати технологияҳои иттилоотӣ (ТИ) маҳсулоти сайёҳӣ бештар фардӣ ва чандир ва инчунин, барои ҳар як истеъмолкунанда дастрастар мегардад.

Ба андешаи мо, ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар якчанд марҳила сурат гирифт.

- Марҳилаи якум - «сохтани маълумот». Ҳадафи асосии он баланд бардоштани самаранокии фаъолияти оперативии ширкатҳои сайёҳӣ тавассути автоматикунонии равандҳо дар асоси истифодаи иттилоот мебошад.
- Марҳилаи дуюм - ҷорӣ намудани «системаҳои идоракунии иттилоотӣ» ва таҳияи чунин технологияҳои иттилоотӣ, ки ба баланд бардоштани самаранокии идоракунӣ тавассути такмил додани талабот ба ташкили интиқоли иттилоот мусоидат мекунад.
- Марҳилаи сеюм - истифодаи системаҳои иттилоотии стратегӣ мебошад, ки рақобатпазирии ширкатро баланд мебардорад. Барои беҳтар намудани фаъолияти бевоситаи агентиҳои саёҳат, инчунин, барқарор намудани алоқа бо ташкилотҳои берунӣ навъҳои гуногуни шабакаҳои интегралӣ ҷорӣ карда шудаанд.
- Марҳилаи чорум - «марҳилаи шабакаҳо» мебошад, ки ба шарофати он ҳама сатҳҳо ба шабакаҳо пайваст шуданд гирифтанд, ки онҳоро бо чунин намудҳо ҷудо мекунанд: маҳаллӣ, минтақавӣ, шаҳрӣ ва глобалӣ. Хусусиятҳои асосии марҳилаи зерин баланд бардоштани самаранокии технологияи иттилоотӣ, кам кардани андозаи таҷҳизот, кам кардани арзиши хариди он, баланд бардоштани эътимоднокӣ ва ташкили пайвастшавии терминалҳои воқеъ дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон мебошанд. Ҳамаи ин ба он мусоидат кард, ки технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти тамоми ташкилотҳои сайёҳӣ нақши бориз бозид. Натиҷа ин аст, ки ҳамаи ташкилотҳо, сарфи назар аз ҳаҷм, таклифи маҳсулот ва ҷуғрофияашон, ҷараёни ҷиддии азнавташкилдиҳии кори худро аз сар гузаронданд.

Технологияҳои иттилоотӣ имрӯз дар соҳаи рушди техникии сайёҳӣ нақши асосиро мебозанд, ки бо як қатор хосиятҳои мушаххаси технологияҳои иттилоотӣ (самаранокӣ ва дастрасӣ) муайян карда мешавад. Дар ин радиф, асоси бозори сайёҳиро сохторҳои зерин ташкил медиҳанд: ширкатҳои туроператорӣ (ташкилоти сайёҳӣ, ки хидматҳои худ ва дигаронро ба маҳсулоти нави мустақили сайёҳӣ – тури ҳамаҷониба муттаҳид мекунад) ва агентҳои сайёҳӣ (ширкатҳое ташкил медиҳанд, ки барои фурӯши турҳои комплексӣ ба сифати миёнарав хизмат мекунанд). Ин ду сохтор ба ташкили саёҳатҳои туристӣ, фурӯши чиптаҳо, ташкили хизматрасонӣ оид ба пешниҳоди ҷойҳои истиқоматӣ, ҷойҳои хӯроккӯрии сайёҳон, меҳмонхонаҳо, меҳмонхонаҳои дар сатҳи байналмилалӣ ва ғайра, инчунин, барои ба ҷои истироҳат расонидани сайёҳон ба воситаи ҳавопаймо, нақлиёти роҳи оҳан ва ғайра дар саросари кишвар машғуланд. Дар соҳаи сайёҳӣ ба ғайр аз ширкатҳои сайёҳӣ дигар корхонаҳои соҳаҳои гуногун низ ба монанди (корхонаҳои фарҳангӣ, савдо ва ғайра) кор ва фаъолият менамоянд, ки ташкил ва хизматрасонии туристон барои онҳо фаъолияти асосӣ нест. Ба хизматрасониҳои сайёҳӣ ва молҳои сайёҳӣ дохил мешаванд: сайёҳатҳо, маҷмуи сафарҳо, хизматрасониҳои ҷобаҷокунонӣ, хӯрокворӣ, нақлиёт, фарҳангӣ, фароғатӣ, варзишӣ, сайёҳӣ, аз ҷумла, молҳои махсуси сайёҳӣ ва сувенир (туҳфаи хотиравӣ) ва ғайраҳо. Истеъмоли сайёҳӣ ҳамчун арзиши маҳсулоти туристӣ барои қонеъ кардани ниёзҳои сайёҳ истифода мешавад. Маҷмуи ҳамаи ин хидматҳоро консепсияи туристӣ муттаҳид мекунад [8].

Дар асоси ин, се хусусияти характерноки сайёҳии муосирро ҷудо кардан мумкин аст:

- ✓ савдои муттаҳид ва хизматрасонии соҳаҳои гуногун;
- ✓ хизматрасонии ҳамаҷониба, аз нуқтаи назари истеҳсолкунанда ва истеъмолкунанда;

- ✓ сайёҳӣ яке аз хизматрасонии пур аз иттилоот ва як соҳаи афзояндаи барномаҳои технологияҳои иттилоотӣ мебошад.

Айни замон сайёҳӣ соҳаест, ки дар он ҷамъоварӣ, коркард, татбиқ ва интиқоли иттилоот, ҷузъи муҳимми фаъолияти ҳаррӯза мебошад. Дар соҳаи сайёҳӣ хизматрасониҳоро мисли дигар молҳои саноатӣ ё истеъмолӣ дар нуқтаи фурӯш намоиш додан ва дидан номумкин аст. Хизматрасонии туристӣ, чун коида, пешакӣ ва аз ҷои истеъмол дур харидорӣ мешавад. Аз ин рӯ, сайёҳӣ дар бозор қариб пурра аз тасвирҳои аксбардорӣ, тавсифҳо, воситаҳои алоқа ва интиқоли иттилоот вобаста аст.

Технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳии муосир як маркази коммуникатсионӣ мебошад, ки истеҳсолкунандагони гуногунро дар соҳаи сайёҳӣ нигоҳ медоранд. Маҳз иттилоот робитаи байни истеҳсолкунандагони хизматрасониҳои сайёҳиро таъмин мекунад. Ин маълумот дар бораи мавҷудият, арзиш ва сифати ин хизматрасониҳо мебошад. Пардохтҳои воқеӣ аз ширкатҳои сайёҳӣ ба таъминкунандагони сайёҳӣ ва комиссияҳо аз таъминкунандагони сайёҳӣ ба агентиҳои сайёҳӣ гузаронида намешаванд, танҳо маълумот дар бораи пардохтҳо ва расидҳо интиқол дода мешавад [7].

Илова бар ин, системаи технологияи иттилоотӣ, ки дар соҳаи сайёҳӣ истифода мешавад, аз системаи идоракунии автоматӣ, системаи бронкунӣ, системаҳои видеоӣ, шабакаҳои телефонӣ, системаи телеконференсия, системаҳои иттилоотии ширкатҳои ҳавопаймоӣ, интиқоли маблағи электронӣ, алоқаи мобилӣ ва ғайра иборат аст. Системаи дар боло ишорашудаи технологияҳо на аз ҷониби агентиҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо ё ширкатҳои ҳавопаймоӣ, балки ҳама якҷоя татбиқ карда мешаванд. Истифодаи ҳар як сегменти сайёҳии системаи технологияҳои иттилоотӣ барои кулли иштирокчиёни ин система муҳим аст. Масалан, системаҳои идоракунии дохили меҳмонхонаҳо метавонанд ба шабакаҳои ҷаҳонӣ пайваст шаванд, чунки барои иртибот бо дигар системаҳои бронкуниии меҳмонхонаҳо замина фароҳам меоранд.

Ҳамин тариқ, дар соҳаи сайёҳӣ системаи технологияҳои коммуникатсионӣ ва компютерии ба ҳам алоқаманд амал мекунад. Ҳамаи ин имкон медиҳад, ки сайёҳӣ ҳамчун хизматрасонии муттаҳидкардашудаи сатҳи олӣ ҳисоб карда шавад. Айни замон асоси ташкили бомуваффақияти тиҷорати сайёҳӣ ин қобилияти кор бо иттилоот (ҷамъоварӣ, коркард ва қабули ягонаи қарори дуруст дар асоси он, таҳияи стандартҳои иттилоотӣ) мебошад. Аҳамияти технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ дар он аст, ки афзоиши чандкаратаи ҳосилнокӣ дар соҳаи хизматрасониро таъмин мекунанд.

Ҳоло, муҳимтарин системаҳои иттилоотӣ дар соҳаи сайёҳӣ системаҳои бронкунии компютерӣ мебошанд. Вақтҳои охир, бинобар сабаби афзоиши миқёси истифодаи системаҳои бронкунии компютерӣ, системаҳо номи навро қабул карданд - системаҳои глобалии бронкунӣ. Асоси системаҳои муосири бронкунии компютерӣ дар солҳои 50-уми асри XX гузошта шуда буд. Аз сабаби афзоиши парвозҳои ҳавоӣ ба ширкатҳои ҳавопаймоӣ лозим шуд, ки марказҳои бронкунии глобалӣ таъсис дода шавад, ки вазифаи онҳо коркарди дастӣ барои бронкунӣ, чиптаҳои ҳавопаймоҳо аз ташкилотҳои сайёҳӣ ва муштариёни ниҳоӣ буд. Сарфи назар аз андозаи бузург ва шумораи зиёди кормандон, марказҳои бронкунӣ ба афзоиши ҳаҷми иттилоот тоб оварда натавонистанд. Ин барои оғози таҳияи системаҳои бронкунии компютерӣ ва ширкатҳои бузурги ҳавопаймоӣ таъсири манфии худро расонд. Системаҳои бронкунӣ на танҳо хидматҳои нақлиётӣ, балки ҷойгиршавии меҳмонхонаҳо, сайёҳатҳои баҳрӣ (круиз), маълумот оид ба ҷойгиршавӣ, ҳаракати автобус, роҳи оҳан ва ҳавоӣ, қурби асъор, ҳисоботи обу ҳаво ва ғайраро пешниҳод мекунанд, яъне онҳо ба шумо имкон медиҳанд, ки тамоми ҷузъҳои асосии сайёҳиро захира кунед [11]. Имрӯз, бузургтарин системаҳои бронии компютерӣ дар бозори байналмилалии сайёҳӣ системаҳои Saber, Amadeus, Worldspan ва Galileo мебошанд. Қайд кардан ба маврид аст, ки истифодаи ин системаҳо аз тарафи агентҳои сайёҳӣ дар саросари ҷаҳон бо маротиб боло рафта истодааст, айни ҳол зиёда аз 800 ҳазор агентҳои сайёҳӣ ин системаҳоро истифода мебаранд.

*Системаи бронӣ Saber.* Системаи автоматикунонидашудаи бронкунии Saber (System Global Distributors, GDS) яке аз бузургтаринҳо дар ҷаҳон аст. Он ба ширкати холдингии амрикоии Saber Travel Network тааллуқ дорад, ки барои таъмин намудани нақлётҳои боркашонӣ ба мусофирон ва тиҷорати сайёҳӣ хизмат мекунад. Ин система Saber 350 ҳазор

агентиҳои сайёҳӣ, 400 ширкати ҳавопаймоӣ, 100 ҳазор меҳмонхона, 25 ширкати иҷораи мошин, 50 қатораҳои боркашонӣ ва қисми дигари ширкатҳои сайёҳиро муттаҳид мекунад.

Системаи Saber дар охири солҳои 1970-ум пайдо шуд, вақте ки ширкати ҳавопаймоии амрикоӣ United Airlines системаи автоматии фармоиши бронкунии чиптаҳоро ҷорӣ кард [15].

*Системаи бронӣ Amadeus.* Системаи бронӣ Amadeus соли 1987 аз ҷониби бузургтарин ширкатҳои ҳавопаймоии аврупоӣ Air France, Iberia, Lufthansa, SAS сохта шудааст ва яке аз пешрафтатарин ва маъмултарин системаҳои бронӣ мебошад [3].

*Системаи бронӣ Worldspan.* Worldspan системаи иттилоотие мебошад, ки асосан барои нақлиёти ҳавоӣ (487 ширкати ҳавопаймоӣ), меҳмонхонаҳо (39 ҳазор меҳмонхона ва 216 меҳмонхонаҳои шабакавӣ), агентиҳои сайёҳӣ, театрҳо ва дигар корхонаҳои фарҳангӣ, ширкатҳои иҷораи мошинҳо (45 ширкати асосии иҷора) фармоиш медиҳад. Ин системаро беш аз 25 ҳазор ширкатҳои сайёҳии саросари ҷаҳон истифода мебаранд [1].

*Системаи бронӣ Galileo.* Galileo системаи ҷаҳонии тақсимоти фармоиши онлайнӣ буда, чиптаҳои ҳавопаймоҳоро ба агентиҳои сайёҳӣ, ширкатҳои тахассусии нақлиёти тиҷоратӣ ва сайёҳӣ таъмин мекунад [17].

Айни замон, доираи системаҳои васеи бронӣ барои сайёҳӣ ва якчанд равишҳои маъмулӣ барои сохтани системаи бронӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ мавҷуд ҳаст. Онҳоро ба таври зерин тасниф кардан мумкин аст:

- Варианти классикӣ: роҳҳои қадам ба қадами бронкунӣ. Брон кардани саёҳат ё хидмати алоҳида зина ба зина сурат мегирад. Масалан, аввал интихоби кишвар, дуюм - интихоби истирҳатгоҳ (маҳалли таъинот), сеюм - интихоби санаи рафтан ва ғайра.
- Бронкунӣ тавассути сабади фармоиш: агенти сайёҳӣ бо варақаи нархномаҳо кор мекунад. Пас аз ташкили сабади фармоиш аз ҷузъҳои гуногуни хидматӣ (бастаҳои сайёҳӣ, хидматҳои инфиродӣ ё бастаҳои хидматӣ), фармоиш додан мумкин аст.
- Бронкунӣ тавассути варақаи нархҳои динамикӣ: бо истифода аз маҷмуи филтрҳо, шумо метавонед маҳсулоти сайёҳиеро, ки лозим аст, интихоб намоед. Усули номбаршуда барои самтҳои оммавӣ хеле маъмул аст.
- Брон кардани саёҳат тавассути интихоби (ҷустуҷӯӣ) беҳтарин нарх, ё интихоби пешниҳоди махсус ё интихоби меҳмонхона ва ғайра.
- Бо истифода аз ин варианти бронкунӣ, интихоби саёҳат дар асоси маҷмуи меъёрҳои ҷустуҷӯ, ба монанди номи истироҳатгоҳ, рейтинги ситораҳои меҳмонхона, хидматрасонӣ дар меҳмонхона, ғизо, диапазони тахминии нархҳо ва ғайра қулай аст.
- Бронкунии саёҳатҳои баҳрӣ (круиз). Барои дуруст интихоб ва фармоиш додани саёҳатҳои баҳрӣ (круиз), харидорӣ бояд миқдори зиёди маълумотро дар бар гирад - тавсифи ширкати круизӣ, худи киштии круизӣ, ҷадвали он, нархҳои кабина, тавсифи кабина ва ғайра.
- Бронкунии нақлиётҳои сайёҳӣ. Сафарҳои нақлётӣ низ хусусиятҳои хосси худро доранд. Чун қоида, ин саёҳатҳо бо маршрутҳои мураккаб ба бисёр шаҳру мамлакатҳо равона мешаванд. Ҳангоми бронкунии нақлиётҳои сайёҳӣ бояд сайёҳ маршрути дақиқ ва миқдори бори воқеии худро нишон диҳад.
- Бронкунии объектҳои табобатӣ (барои барқароркунии саломатӣ), осоишгоҳҳо ва ҷойҳои истироҳатӣ. Дар чунин системаҳо интихоби тахассусии осоишгоҳ мувофиқи нишондодҳои тиббӣ ва афзалиятҳои бемор сурат мегирад. Барои дуруст интихоб кардани объекти осоишгоҳӣ - истироҳатӣ муолиҷаи барқароркунии номгӯи бемориҳо ва баъзе маълумотҳои асосиро дар бораи бемор ба мисли (муҳлати тахминии табобат, ҷои истиқомат, иқлими тавсияшаванда ва ғайра) нишон додан лозим аст. Барои интихоби бемор дар бораи осоишгоҳҳо маълумоти зиёди тиббӣ пешниҳод кардан лозим аст [6].
- Имрӯзҳо барномаи идоракунии тиҷорати сайёҳӣ имкон медиҳад, ки мушкилотҳои гуногун ҳаллу фасл карда шаванд. Ширкатҳои сайёҳӣ, ки ба бозори сайёҳӣ ҷиддӣ муносибат мекунанд, наметавонанд бо сарфи назар кардани барномаи навтарини идоракунии сайёҳӣ ҳосилнокии худро ба таври назаррас афзоиш диҳанд. Онҳоро шартан ба бахшҳои зерин тақсим кардан мумкин аст:

✓ кор бо мизоҷон;

- ✓ гузаронидани экскурсияҳо;
- ✓ нигоҳдории маълумотномаҳо;
- ✓ гузаронидани пардохтҳо;
- ✓ таҳияи ҳуҷҷатҳои баромад;
- ✓ режимҳои хизматрасонӣ.

Бахши «Саёҳатҳо» имкон медиҳад, ки мустақилона барномаҳои сайёҳӣ (нақлиёт, ҷойгиркунӣ, хизматрасониҳои иловагӣ) барои агентиҳои сайёҳӣ таҳия карда шаванд ё маҳсулотҳои тайёри сайёҳӣ ба базаи маълумот ворид карда шаванд. Қисми мизоҷони барнома имкон медиҳад, ки манбаи додашудаҳои сайёҳон ташкил ва фармоиш қабул карда, арзиши тур бо назардошти тахфифҳои мавҷуда ҳисоб карда шавад. Бахши муҳосиботии барнома имкон медиҳад, ки ба таври худкор ҳама намуди ҳисоботҳо ва ҳуҷҷатҳои пардохтӣ (ордерҳои хароҷот ва воридоти касса, ҳисобнома-фактура «Рӯйхати молҳои ба фурӯш пешниҳод шуда» ва ғайра таҳия карда шаванд. Бастаи барнома, инчунин, кори боэътимодро дар шабакаи маҳаллӣ, мутобиқат ва истифодаи бефосила бо барномаҳои дигар таҳиягаронро таъмин мекунад. Пойгоҳи додаҳои маълумот ҷузъи ҷудонашавандаи ҳама гуна барномаҳои агенти компютерӣ мебошанд.

Бастаҳои барномаҳои номбаршуда дорои функсияҳое, ки имкони зуд ва самаранок идора кардани агентии сайёҳӣ, посух додан ба тағйироти босуръати талабот ва пешниҳод, инчунин, ноил гаштан дар муддати кӯтоҳ ба натиҷаҳои беҳтарин мебошанд [12].

Дар ин ҷода бе мавҷудияти интернет фаъолияти агентии сайёҳиро тасаввур кардан ғайриимкон аст. Интернет қариб дар ҳама равандҳои асосӣ, тиҷорати дохилӣ ва агентии сайёҳӣ истифода мешавад, аз ҷустуҷӯ ва ҷалби муштариён, ҳамчун воситаи муоширaт, маркетинг ва то ташаккули маҳсулоти туристӣ, миқдори зиёди иттилооти зарурииро барои кори агентҳои сайёҳӣ - аз суроғаи меҳмонхонаҳо ва ҷадвали парвозҳо то қоидаҳои раводид, гумрукӣ ва пешниҳодҳои таъминкунандагони сайёҳии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хориҷ аз он маълумоти номаҳдуди ҳаҷм - аз нархномаҳо то тамоми каталогҳоро пешкаш мекунад. Иттилоот дар интернет барои корбарони агентӣ ё муштариён 24 соат дар як рӯз, 7 рӯз дар як ҳафта дастрас аст [16].

Истифодаи интернет дар соҳаи сайёҳӣ дигар имкониятҳоро низ дар бар мегирад.

✓ Дастрасӣ ба истифодаи системаҳои муосири алоқа, аз ҷумла почтаи электронӣ, телефони рақамӣ ва ғайра, ки хароҷоти корхонаҳои туристиро барои гуфтушунид, мукотибаи корӣ ва ғайра хеле кам мекунад.

✓ Қобилияти эҷод ва бомуваффақият истифода бурдани системаҳои дохилии корпоративӣ барои брон кардани саёҳатҳо тавассути интернет. Агентҳои сайёҳӣ аз базаи саёҳатҳои дар интернет ҷойгиршуда, яке аз пешниҳодҳоро интихоб намуда, тафсилоти онҳо, маълумот дар бораи сайёҳоне, ки ба базаи дохилии туроператор дохил мешаванд, ворид мекунад. Система ба таври автоматӣ тағйироти нархҳои бастаҳои сайёҳиро дар вақти асосӣ аз нав ҳисоб карда, ҷойгиркунии ғайристандартии талаботро ба назар мегирад. Ҳамзамон, агентӣ метавонад марҳилаҳои фармоишро дар вақти воқеӣ пайгирӣ намуда, баҳодиҳии ҷойгиршавии меҳмонхона, парвозҳо ва ғайраро арзёбӣ кунад.

✓ Гирифтани маълумотҳои гуногун, аз ҷумла барои кишварҳо, тарифҳо, нархҳо, пешгӯии обу ҳаво дар қисматҳои гуногуни ҷаҳон, ки дар вақти воқеӣ ба ташаккули маҳсулоти сайёҳии баландсифат мусоидат мекунад.

✓ Дастрасӣ ба системаҳои глобалӣ, бронкунӣ ва захиракунӣ.

✓ Имконияти таъсиси роҳҳои нави маркетингӣ барои пешбурди хидматрасонии сайёҳӣ, аз ҷумла таъсиси Web - сайтҳои шахсии ширкатҳо, ки ба кормандон имкониятҳои васеъ медиҳад, ба монанди дарёфти маълумотҳо дар бораи шароити фароғат, нархҳо, хидматҳои пешниҳодшуда, инчунин маълумоти муфассал дар бораи ташкили саёҳат ва инчунин, саҳифаҳои баррасии сайёҳӣ, форумҳо (онлайн конференсияҳо), офисҳои сайёҳии виртуалӣ, тиҷорати электронӣ ва ғайра.

✓ Татбиқи технологияҳои мултимедиявии онлайнӣ, аз ҷумла, маълумотномаҳо ва рӯйхатҳо. Мултимедиа - ин технологияи интерративие мебошад, ки кор бо видео, аниматсия, матн ва садоро таъмин мекунад. Айни замон, дар интернет роҳнамо ва рӯйхатҳои сайёҳӣ ҷойгир карда шудаанд. Рӯйхатҳои электронӣ имкон медиҳанд, ки аз рӯи хатсайрҳои пешниҳодшудаи маҷозӣ саёҳат карда, ин хатсайрҳоро дар ҳолати фаъол

тамошо кунед ва маълумотҳои муфидро дар бораи кишвар, объектҳои дар хатсайр ҷойгиршуда, меҳмонхонаҳо, лагерҳо ва дигар иншооти ҷойгиронӣ соҳиб гашта бо низоми имтиёзҳо, тахфифҳо ва бо қонунгузориҳои соҳаи сайёҳӣ шинос шавед. Илова бар ин, ин рӯйхатҳо одатан маълумотро дар бораи қоидаҳои додани ҳуҷҷатҳои сайёҳӣ, расмиятҳои сайёҳӣ, моделҳои рафтори сайёҳӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва ғайраро пешниҳод мекунанд. Мизоҷ метавонад, барномаи саёҳатро худаш ба нақша гирад, онро мувофиқи шароитҳои муносиби додашуда (нарх, системаи имтиёзҳо, системаи нақлиёт, мавсим ва ғайра) интихоб кунад. Ҳангоми истифодаи технологияҳои мултимедиявӣ ба муштарии эҳтимолӣ сари вақт маълумот дар бораи ҳар як саёҳате, ки мавриди таваҷҷуҳи ӯ дода мешавад ва ба ин васила имкон медиҳад, ки маҳсулоти сайёҳии мувофиқро зуд ва дақиқ интихоб кунад. Технологияҳои мултимедиявӣ дар соҳаи таблиғотӣ технологияҳои PROMO ва PR самаранок истифода мешаванд.

✓ Рушди босуръати интернет дар тағйири муносибати ширкатҳои сайёҳӣ ба таблиғ низ хеле муҳим аст. Масалан, баъзе ширкатҳои сайёҳӣ ба кам кардани ҳаҷми таблиғоти нашри рӯзномаҳо шуруъ намуда, ба ҷойгиркунии таблиғоти худ дар интернет бартарӣ медиҳанд. Ҳоло таблиғоти калон дар рӯзномаҳо бо таблиғоти хурд ва бо нишон додани суроғаи саҳифаи ширкат ба воситаи иттилоот дар интернет иваз мешавад. Интернет имкон медиҳад, ки ширкатҳои таблиғотӣ - оммавиро бо хароҷоти миёна гузаронанд. Агар маълумоти тиҷоратӣ дар як нашрияи машҳури электронӣ ҷойгир карда шавад, он ба тамоми шаҳрвандони ҷаҳон бо муддатҳои тулонӣ дастрас хоҳад буд. Бартарии интернет дар ин аст, ки бо пардохти ночиз метавонед, маълумоти васеътаринро дар бораи ширкат, маҳсулот ва хидматҳои он, шароити кор бо мизоҷон ва ғайра нашр кунед.

Хусусияти хизматрасонии сайёҳӣ имрӯз дар он аст, ки онҳо чун қоида шакли моддиро ба даст намеоранд. Вобаста ба ин, хулосаҳои зерин бояд бароварда шаванд: хидмат пеш аз пешниҳоди он вуҷуд надорад, яъне маҳсулот дар ҷараёни хизматрасонӣ ба вуҷуд оварда мешавад. Дар натиҷа, ду фурӯшандаи гуногунеро, ки хидматҳои якхела пешниҳод мекунанд, пеш аз гирифтани онҳо муқоиса кардан ғайриимкон аст; Аксар вақт, пешниҳоди хидматҳои сайёҳӣ дониш ва малакаҳои махсусро талаб мекунад, ки барои харидор на танҳо баҳо додан, балки баъзан вақт фаҳмидани он душвор аст, бинобар ин, харидорони хадамоти сайёҳӣ одатан бо як фурӯшанда кор мекунанд.

Хусусиятҳои бозори хизматрасонии сайёҳӣ, тафсилотҳои мушаххаси хидматҳо ва хусусиятҳои дарки онҳо аз ҷониби истеъмолкунандагонро дар ин соҳа маркетинг муайян мекунад. Вазифаи асосии он кумак расонидан ба муштарӣ дар арзёбии ширкат ва хидматҳои он мебошад. Ҳама хидматҳои сайёҳӣ, оғоз аз нақлиёт то ба миёнарав, маҳсулоти сайёҳӣ мебошанд. Ҳамин тариқ, маҳсулоти сайёҳӣ хидмати ҳамагонӣ буда, барои қонеъ гардонидани талаботи муайяни сайёҳоне хизмат мекунад, ки барои пардохти он омодаанд.

Дар баробари нишондиҳандаҳои умумӣ, маҳсулоти сайёҳӣ як қатор хусусиятҳои фарқкунандаро дорад:

- маҷмуаи хизматрасонӣ ва молҳо (ҷузъҳои моддӣ ва ғайримоддӣ), ки бо системаи мураккаби муносибатҳои байни унсурҳои гуногун муайян карда мешавад;
- талабот ба хизматрасониҳои сайёҳӣ аз рӯи даромад ва нархҳо хеле чандир аст, вале аз бисёр ҷиҳат аз шароити иҷтимоӣ вобаста аст;
- муштарӣ, чун қоида маҳсулоти туристиро пеш аз истеъмоли он дида наметавонад ва худи истеъмол асосан, бевосита дар маҳалли истеҳсоли хидмати сайёҳӣ сурат мегирад;
- муштарӣ масофае, ки ӯро аз маҳсулот ва ҷои истеъмол ҷудо мекунад, бартараф мекунад, на баръакс ҳамин тариқ ба чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди фазо ва вақт вобастаст;
- таъминоти хизматрасонии сайёҳӣ бо истеҳсолоти ноустувор хос аст ва онҳоро танҳо дар худи маҳал истеъмол кардан мумкин аст. Меҳмонхона, фурудгоҳ ва марказҳои фароғатӣ. Хизматрасонии сайёҳӣ наметавонад бо мурури замон ба тағйироти талабот мутобиқ шавад;

- маҳсулоти сайёҳӣ бо саъю кӯшиши бисёр ширкатҳо ба вуҷуд меояд, ки ҳар кадоми онҳо усулҳои кори худ, эҳтиёҷоти мушаххас ва мақсадҳои гуногуни тиҷоратӣ доранд;
- сифати баланди хизматрасониҳои сайёҳӣ дар сурати мавҷуд будани камбудиҳои ночиз имконнопазир аст, зеро хизматрасонии сайёҳон аз ҳамин ҷузъиёти хурдтарин иборат аст;
- баҳодиҳи сифати хизматрасонии сайёҳӣ аз субъективӣ хеле зиёд фарқ мекунад;
- таъсири назаррас ба баҳодиҳии истеъмолкунанда аз ҷониби шахсоне, ки бевосита ба бастаи хидматҳои харидорӣ алоқаманд нестанд (масалан, сокинони маҳаллӣ, аъзоёни гурӯҳи сайёҳӣ);
- ба сифати хизматрасониҳои сайёҳӣ аз омилҳои берунии хусусияти форс-мажорӣ (шароити табиӣ, обу ҳаво, сиёсати сайёҳӣ, чорабиниҳои байналмилалӣ ва ғ.) таъсир мерасонад.

Хусусиятҳои зикргардида хосси маҳсулоти туристӣ ба маркетинг дар сайёҳӣ ва ҷузъи иттилоотии он таъсири назаррас доранд. Маркетинги сайёҳӣ ҳамчун муайян кардан ва қонеъ гардонидани талаботи одамон бо пуррагӣ аз нуқтаи назари омилҳои иҷтимоӣ ва равонӣ, инчунин, ошкор намудани роҳҳои оқилонаи тиҷорат аз нуқтаи назари молиявии агентиҳои сайёҳӣ муайян карда мешавад, ҳамзамон, имкон медиҳад, ки эҳтиёҷоти пинҳонӣ ба хадамоти сайёҳӣ ба назар гирифта шавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, бахусус интернет, ба соҳибкорон ва фурӯшандагон имкон медиҳад, ки имкониятҳои нави бозорро барои хидматрасонии сайёҳии худ кашф кунанд, сегментҳои гуногуни бозорро (ҷуғрофӣ, демографӣ, касбӣ, ташкилӣ, рафторӣ ва ғ.) муайян ва омӯзанд. Пайгирии иттилооти дахлдор метавонад барои пешгӯии рушди ояндаи талаботи муштариён ва муайян кардани тамоюлҳои нав дар рафтори муштариёни мавҷуда ва эҳтимолӣ истифода шавад.

Агар ширкат фаъолияти комилан гуногун дошта бошад, пас метавонад, интернетро барои ворид шудан ба соҳаҳои нави тиҷорат дар назди дигарон истифода барад, на кӯшиши рақобат дар доираи амалиёти ҷории худ. Хусусияти асосии бозори тиҷорати электронӣ интерактивии он мебошад. Истеҳсолкунанда метавонад, дар ҳар лаҳза аз корбурди фикри маҳсулот ё хидмати истеъмолшударо фаҳмад, маълумоти гирифташударо коркард ва қарор қабул кунад. Ин ба истеҳсолкунанда имкон медиҳад, ки сиёсати маркетингии худро вобаста ба вазъият тағйир диҳад.

Интернет ба ширкатҳои сайёҳӣ на танҳо имкони ташкили самаранокии фикру мулоҳиза ва зуд омӯхтани талаботи ҷорӣ, балки имконияти тағйир додани нақшаҳои маркетингро вобаста ба вазъият пешниҳод мекунад. Интернет дар шароити муосир як воситаи мустақили хизматрасонӣ барои дарёфти иттилооти нави маркетингӣ шудааст, ки саҳмгузориаш нисбат ба васоити ахбори омма хеле баланд аст. Илова бар ин, истифодаи интернет хароҷоти изофӣ барои пешбурди молҳо ва хидматҳоро ба таври назаррас ва ҳамзамон, хатари кам кардани сармоягузориро коҳиш медиҳад.

Маркетинги интернетӣ маҷмуи ширкатҳои мустақил, аз ҷумла, на танҳо таблиғоти баннерӣ ва робита бо ҷомеа, балки омӯзиши талаботи аудиторияи истеъмолкунанда ва таҳияи алгоритмҳои ташаккули маъракаҳои таблиғотии сермаҳсул, роҳҳои дуруст ҷойгир кардани тамғаи молӣ ва технологияҳои тиҷорати электронӣ дар бозорро дар бар мегирад. Ин имкон медиҳад, ки маркетинги интернетӣ босуръат инкишоф ёбад ва ба рушди тиҷорати сайёҳӣ таъсир расонад [2].

Ҳамин тариқ, истифодаи интернет ташаккули фазои ягонаи сайёҳии иттилоотиро таъмин менамояд, ки дар он кулли иштирокчиёни бозори сайёҳӣ (туроператорҳо, агентиҳои сайёҳӣ, мизоҷон) имкон доранд, ки иттлооти заруриро зуд ва дар вақти воқеӣ ҷойгир ё интихоб кунанд ва инчунин, омилҳои асосии «фаҳмо» ва «ҳақиқат» будани ин иттилоотҳо барои ҳама муҳим мебошанд, яъне ҳамаи иттилоотҳо бояд аз ҷониби истифодабарандагон баробар қабул карда шаванд.

Бо шарофати технологияҳои иттилоотӣ мавқеи ягонаи иттилоотии сайёҳӣ таъсис дода мешавад, ки ба муштариён ташкил намудани сафарҳои шахсии худ бидуни иштироки ширкатҳои сайёҳӣ ва инчунин, ба таври назаррас сарфа намудани захираҳои молиявии худро имкон медиҳад. Қайд кардан ба маврид аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қатори

дигар давлатҳои рушдкардаи ҷаҳон ҷойгоҳи хосси худро дорост. Инчунин, ба бозорҳои сайёҳӣ ворид гардида, соҳаи сайёҳиро рӯз то рӯз рушд дода истодааст, ки дар маҷмуъ ин барои рушди иқтисоди миллӣ саҳми арзандае хоҳад гузошт.

**Муқарриз: н.и.и., дотсенти ИИ ва Д АМИТ – Маҳкамов Б.Б.**

**АДАБИЁТ**


1. Боровский В.П. Глобальные системы бронирования в туризме / В.П. Боровский // Всеукраинськой науково-практичной конференции «Сучасни технологии управлення туристичним та готельно-ресторанним бизнесом» (м. Мариуполь, 28 вересня 2018 р.)
2. Бочарников В.Н. Информационные технологии в туризме / В.Н. Бочарников, Е.Г. Лаврушина, Я.Ю. Блиновская. -М.: Флинта, 2008.
3. Информационные технологии в гостинице. [Электронный ресурс]. URL: https://studbooks.net.
4. Кабутов Қ.Р. Вазъи кунунии соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / Қ.Р. Кабутов, И.Қ. Маҳмадҷонов // Паёми Донишгоҳи технологии Тоҷикистон. -Душанбе, 2021. -№4(47). –С.199-204.
5. Маҳмадҷонов И.Қ. Асосҳои назариявии сайёҳӣ ва нақши он дар иқтисодиёт / И.Қ. Маҳмадҷонов // Конференсияи VIII-уми илмию амалии байналмилалӣ Тоҷикистон ва ҷаҳони муосир: масоили мубрами рушди иқтисодиёти инноватсионӣ. -Душанбе, 2020. -С.140-141.
6. Маҳмадҷонов И.Қ. Системаҳои бронӣ дар рушди тиҷорати сайёҳӣ / И.Қ. Маҳмадҷонов, У.М. Ризвонова // Саноатикунонии босуръати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамбастагӣ бо эълон шудани «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф». –Душанбе, 2022. -Қ.1. -С.115-120.
7. Морозов М.А. Информационные технологии в социально-культурном сервисе и туризме / М.А. Морозов. -М.: Академия, 2004.
8. Плотникова Н.И. Комплексная автоматизация туристского бизнеса / Н.И. Плотникова // Информационные технологии в турфирме. -М.: Советский спорт, 2001.
9. Рушди сайёҳӣ ба пешрафти устувори кишвар замина хоҳад гузошт // Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://investcom.tj
10. Сайёҳӣ дар Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ]. URL: https://tg.wikipedia.org/wiki
11. ТУТ туристские технологии: электрон. версия журн. - 2005. -№3. [Электронный ресурс]. URL: http://www.astt.ru/magazine_2005.shtml (дата обращения: 07.02.2010).
12. Шаҳноз Қурбон. Сайёҳӣ. Соҳае, ки метавонад шиносномаи тоҷикистон бошад. [Манбаи электронӣ]. URL: www.jumhuriyat.tj.
13. Шодиев Д.Р. Вклад туризма в развитие экономики Таджикистана / Д.Р. Шодиев, Б.Б. Махкамов, Х. Мансурджони // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2019. -№10. –часть 1. -С.81-89.
14. Шодиев Д.Р. Кластерный и другие подходы к исследованию туризма / Д.Р. Шодиев, Б.Б. Махкамов // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. - 2017. -№2/3. -С.126-132.
15. Энциклопедия ньюсмейкеров. [Электронный ресурс]. URL: https://news_enc.academic.ru.
16. 10 самых красивых автодорог мира. [Электронный ресурс]. URL: http://www.nat-geo.ru.
17. AviaTourExpert. [Электронный ресурс]. URL: https://www.aviatour-expert.ru


## РУШДИ ТИҶОРАТИ САЙЁҲӢ БО ИСТИФОДАИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТӢ


Тиҷорати сайёҳӣ яке аз омилҳои муҳимми муаррификунандаи давлату миллат, таъриху фарҳанг, табиат, анъанаҳои мардумӣ ва рушди ҳамаҷонибаи соҳаҳои иқтисодии ҳар як кишвар ба ҳисоб меравад. Имрӯз сайёҳии байналмилалӣ ва дохилӣ як соҳаи пуриқтидори хизматрасонии савдо мебошад. Илова бар ин, сайёҳии муосирро як тиҷорати компютерии ҷаҳонӣ гуфтан мумкин аст. Ин тиҷорат ширкатҳои бузурги ҳавопаймоӣ, маҷмуи меҳмонхонаҳо ва ширкатҳои сайёҳиро дар саросари ҷаҳон дар бар мегирад. Дар мақолаи мазкур асосҳои назариявии соҳаи сайёҳӣ, тиҷорати сайёҳӣ, истифодаи шабакаҳои интернетӣ, таъсири технологияҳои иттилоотӣ, технологияҳои мултимедиявии онлайнӣ ва системаҳои бронии Saber, Amadeus, Worldspan ва Galileo-ро дар рушди соҳаи мазкур ва рушди соҳаи сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Дар ҳамин радиф, эълон гардидани соли 2018 ҳамчун «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» ва солҳои 2019-2021 ҳамчун «Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зикр гардидаанд. Инчунин, ворид гаштани Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сафи 10 кишвари ҷолибтарин барои боздиди сайёҳон, ба 10 роҳи зеботарини дунё шомил гаштани шоҳроҳи Помир, ба даҳгонаи кишварҳои беҳтарин аз рӯи сайёҳии пиёдагардӣ, ҳамчун даҳгонаи мавзеъҳои бехатар аз рӯи таъмини амнияти шабона, инчунин, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гаштани сайёҳии мамлакат ва дар ин росто касб намудани мавқеи намоён дар арсаи байналмилалӣ мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудаанд. Ҳамзамон, хизматҳои шоёни Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар рушди ин соҳа муҳим ва назаррас аст, оварда шудааст.

**Калидвожаҳо:** сайёҳӣ, тиҷорати сайёҳӣ, технологияҳои иттиллотӣ, Интернет, мултимедиа, саёҳат, хизматрасонӣ, соҳа, система, Saber, Amadeus, Worldspan, Galileo, бронкунӣ, меҳмонхонаҳо, туроператорҳо, агентиҳои сайёҳӣ, рушд, даромад, иқтисодиёт.

## РАЗВИТИЕ ТУРИСТИЧЕСКОГО БИЗНЕСА С ИСПОЛЬЗОВАНИЕМ ИНФОРМАЦИОННЫХ ТЕХНОЛОГИЙ

Туристический бизнес считается одним из важных факторов, представляющих государство и нацию, историю и культуру, природу, народные традиции и всестороннее развитие экономической сферы каждой страны. Сегодня международный и внутренний туризм представляет собой мощную сферу услуг и торговли. Кроме того, современный туризм можно назвать глобальным компьютерным бизнесом. В этот бизнес входят крупные авиакомпании, гостиничные сети и туристические компании по всему миру. В данной статье представлены теоретические основы индустрии туризма, коммерческого туризма, использование интернет-сетей, влияние информационных технологий, мультимедийных онлайн-технологий и систем бронирования Sabre, Amadeus, Worldspan и Galileo на развитие этой отрасли и развитие индустрии туризма в Республике Таджикистан. В связи с этим Основателем национального мира и единства, Лидером нации, Президентом Республики Таджикистан Эмомали Рахмоном 2018 год был объявлен «Годом развития туризма и народных промыслов», а 2019-2021 гг. - «Годами развития села, туризма и народных промыслов». А также в результате присоединения Республики Таджикистан к 10-и странам с самыми интересными для посещения туристов мест, вхождения Памирского тракта в 10 самых красивых дорог мира, включения туризма республики в список 10 самых безопасных мест, с точки зрения обеспечения ночной безопасности, а также признание туризма страны международным сообществом, туризм республики может занять видное место на международной арене, подлежащее анализу и изучению. Наряду с этим приведены заслуги Основателя мира и национального единства, Лидера нации, Президента Республики Таджикистан уважаемого Эмомали Рахмона в развитии данной важной области.

**Ключевые слова:** туризм, туристический бизнес, информационные технологии, Интернет, мультимедиа, путешествие, сервис, отрасль, система, Sabre, Amadeus, Worldspan, Galileo, бронирование, гостиницы, туроператоры, туристические агентства, развитие, доход, экономика.

## DEVELOPMENT OF TOURISM BUSINESS BY USING INFORMATION TECHNOLOGIES

The tourism business is considered one of the important factors representing the state and nation, history and culture, nature, folk traditions and the comprehensive development of the economic sphere of each country. Today, international and domestic tourism is a powerful service and trade sector. In addition, modern tourism can be called a global computer business. This business includes major airlines, hotel chains and travel companies around the world. This article presents the theoretical foundations of the tourism industry, commercial tourism, the use of Internet networks, the impact of information technology, online multimedia technologies and Saber, Amadeus, Worldspan and Galileo booking systems on the development of this industry and the development of the tourism industry in the Republic of Tajikistan. In this regard, the Founder of National Peace and Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan Emomali Rahmon declared 2018 the «Years of Development of Tourism and Folk Crafts», and 2019-2021 «Years of rural development, tourism and folk crafts». As well as the accession of the Republic of Tajikistan to the ranks of 10 countries with the most interesting places for tourists to visit, the entry of the Pamir Highway into the 10 most beautiful roads in the world, the inclusion of the tourism of the republic in the list of 10 safest places in terms of ensuring night safety, as well as the recognition of the country's tourism by the international community , and thus occupy a prominent place in the international arena, subject to analysis and study. Along with this, the befitting merits of the Founder of Peace and National Unity, the Leader of the Nation, the President of the Republic of Tajikistan, respected Emomali Rahmon, in the development of this important area, which are of great importance, are given.

**Keywords:** tourism, tourism business, information technology, Internet, multimedia, travel, service, industry, system, Saber, Amadeus, Worldspan, Galileo, booking, hotels, tour operators, travel agencies, development, income, economy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Маҳмадҷонов Исмонҷон Қосимхоҷаевич*** – Донишгоҳи технологии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи математикаи олӣ ва информатика. **Суроға**: 734018, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Н.Қарабоев, 63/3. Телефон: **(+992) 555-55-04-22.** E-mail: **ismonjonm@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Махмадджонов Исмонджон Косимходжаевич*** – Технологический университет Таджикистана, ассистент кафедры высшей математики и информатики. **Адрес**: 734061, Республика Таджикистан, г.Душанбе, улица Н.Карабаева, 63/3. Телефон: **(+992) 555-55-04-22**. E-mail: **ismonjonm@mail.ru**

**Information about the author:** ***Mahmadjonov Ismonjon Qosimkhojaevich*** – Technological University of Tajikistan, assistant of the Department of Higher Mathematics and Informatics. **Address**: 734061, Republic of Tajikistan, Dushanbe, st. N. Karabaeva 63/3. Tel.mob: **(+992) 555-55-04-22**. E-mail: **ismonjonm@mail.ru**

УДК 33: 950 (575.3)

# КАТЕГОРИИ СТРАНОВОГО РИСКА, ВЛИЯЮЩИЕ НА ПРОЦЕНТНУЮ СТАВКУ ПРИ ФОРМИРОВАНИИ ИНВЕСТИЦИЙ В ЗОЛОТОДОБЫЧУ В ТАДЖИКИСТАНЕ

***Маматкулов А.А., Разыков Б.Х.***
**Российско-Таджикский (славянский) университет**

В системе управления доходами от природных ресурсов большое значение имеет деятельность государственного менеджмента, связанная с выбором инвестиционных проектов, особенно в части недропользования. Оценка финансовых потоков и в связи с этим сроков окупаемости капитальных вложений очень часто становится главным критерием при выдаче разрешений на проведение геологоразведочных, а затем и эксплуатационных работ на месторождениях минерального сырья. В качестве приоритетных действий при выборе пользователей и заключении контрактов выступает оценка рисков. Особенно важной становится она при осуществлении международных проектов, привлечении иностранных инвестиций и создании совместных предприятий. О некоторых специфических характеристиках лицензирования деятельности при использовании минерально-сырьевых ресурсов и инвестировании в горнодобывающую промышленность мы уже писали [2; 3]. Ниже коснемся проблемы рисков, сопутствующих принятию управленческих решений.

Одной из таких проблем являются вопросы политического или странового риска. Нетрудно понять, что степень таких рисков, безусловно, определяется какими-то экономическими и финансовыми параметрами. Очевидно, что здесь, как и в целом, о чем мы выше упомянули, можно опираться на сроки окупаемости в сочетании с процентными ставками, влияющими на дисконтирование финансовых потоков [1]. Напомним, что означают некоторые из употребленных терминов [там же]. Необходимость этого напоминания связана с высокой значимостью оценок экономической эффективности в ходе инвестиционного анализа. Надо заметить, что эта операция крайне редко осуществляется в отечественной практике. А это, в свою очередь, приводит к реальным просчетам при управлении доходами от природных ресурсов.

**Денежный поток** – показатель, учитывающий все поступления средств и все затраты денежных средств. Английское обозначение денежного потока – CF (кэш-флоу). Под CF понимают также отчет о движении денежных средств. План и отчет CF используются для **бюджетирования** деятельности предприятия.

Численное значение CF характеризуют величину **притока денег**, если оно больше нуля, или **оттока денег**, если оно меньше нуля.

Для решения задач инвестиционного анализа **денежный поток** представляется в виде численного ряда, состоящего из распределенных по времени значений, рассчитанных как разница между поступлением денежных средств и платежами за соответствующий период времени.

$$CF = CF_1 + CF_2 + \ldots + CF_n.$$

Понятно, что знаки слагаемых и всей суммы могут меняться ( + ; -).

Вся сумма платежей за рассматриваемый будущий период приводится к **настоящему времени** с помощью операции, которая называется **дисконтирование**.

**Дисконтирование** – это определение стоимости денежного потока (CF) путем приведения всех выплат к определенному (в нашем случае – к настоящему) моменту времени. Оно приводится по формуле:

$$PV = FV \times \frac{1}{(1+R)^n},$$

*PV (present value)* – стоимость средств в данный момент;
*FV (future value)* - стоимость средств в будущем;
*R* – процентная ставка;
*n* – число лет;

$\frac{1}{(1+R)^n}$ - фактор дисконтирования.

Экономическая эффективность в инвестиционном процессе рассматривается с помощью показателей *NPV* и *IRR* [1].

*NPV (net present value)* – чистый приведенный эффект;

*IRR (internal rate of return)* – внутренняя доходность.

В некоторых зарубежных источниках, вернее – их переводах на русский язык, *NPV* определяется как «чистая современная стоимость» [6]. Нам кажется, что приведенное выше значение *NPV* (чистый приведенный эффект) наилучшим образом отражает его содержание: он является по существу разностью между притоком и оттоком денежных средств. В соответствии с [1] алгоритм расчета *NPV* таков:

- устанавливается (рассчитывается) стоимость каждого элемента *CF* (см. выше), дисконтированная по цене капитала данного проекта;

- все значения числового ряда с соответствующим знаком (+, -) суммируются, т.е. находится *NPV*;

- если *NPV > 0*, проект можно принимать, если *NPV < 0* проект отвергается;

- при сравнении двух положительных результатов выбирается проект, для которого *NPV* больше.

*NPV* рассчитывается по формуле:

$$NPV = \sum_{t-0}^{n} \frac{CF_t}{(1+k)},$$

здесь $CF_1$ – ожидаемый отток (приток) денежных средств за период *t*;

*k* – цена капитала проекта;

*t* - количество лет или периодов.

Логика критерия *NPV* определена авторами [1] следующим образом. «Нулевой *NPV* означает, что генерируемого проектом денежного потока вполне достаточно: 1) для возмещения вложенного в проект капитала и 2) для обеспечения требуемой отдачи на этот капитал. Если *NPV > 0*, тогда денежный поток генерирует прибыль, и после расчета с кредиторами по фиксированной ставке оставшаяся прибыль накапливается исключительно для акционеров (читай - владельцев Г.К., Б.Р.) фирмы».

*IRR* (внутренняя доходность) определяется как такая дисконтная ставка, которая уравнивает приведенные стоимости ожидаемых поступлений по проекту и осуществленных инвестиций:

*PV* (притоки) = *PV* (инвестиции)

или

$$\sum_{t=0}^{n} \frac{CF_1}{(1+IRR)^2} = 0.$$

Как правильно указано в [1,с.216], приведенная последняя формула по сути дела аналогична формуле *NPV*, приведенной выше, в которой при ставке дисконта, равной *IRR*, *NPV = 0*.

Очевидно, при оценке экономической эффективности инвестиционного проекта предпочтительней пользоваться критерием *NPV*, т.к. последний находится при заданных ставках дисконта, что на практике позволяет объективно оценивать будущий результат.

Итак, мы убедились, что *NPV* в значительной степени зависит от выбранной процентной ставки. Многие компании имеют внутренние руководящие принципы для ее выбора. В качестве такого принципа, как правило, берутся государственные облигации, т.е. долгосрочные капитальные инвестиции с наименьшим риском. Если эти облигации дают процентную ставку 10%, как это было 25 лет назад, то дисконтирующий фактор для проектов в области горной добычи должен составлять, по крайней мере, 15%, чтобы компенсировать связанные с горной добычей риски. На сегодня, когда государственные облигации имеют гораздо более низкую

процентную ставку (для США около 3% [6]), некоторые компании выбирают ее величину порядка 10%.

Как мы сказали выше, одной из проблем, с которыми сталкиваются инвестиционные ожидания при недропользовании в ходе международных взаимоотношений, являются вопросы политического, т.е. странового риска. Чем выше этот риск, тем больше должна быть процентная ставка и короче приемлемый период окупаемости. Это означает, что политические риски должны преобразовываться в диапазон процентных ставок для проектов с параметрами, сравниваемыми иным образом. В 1991 году Ainsworch [4] начал, а в 1995 году Bhappu и Guzman [5] продолжили исследования необходимых внутренних ставок дохода проектов по горной добыче, которые мы, в свою очередь, можем взять в качестве процентных ставок для расчета *NPV*.

Ainsworth разделил страны на четыре категории риска, но их, в сущности, всего три, поскольку он рассматривает США отдельно. По данным автора, ставки, требуемые горнодобывающей отраслью для дисконтирования при расчетах чистого приведенного эффекта, варьируются в диапазоне от 10 до 15% для стран с наиболее низким страновым риском, 15-20% - для стран со средним риском и 20-25% - при наивысшем страновом риске.

Страновые риски меняются с политической ситуацией. Фрейзеровский институт в Ванкувере проводит «Ежегодное исследование горнодобывающих компаний» [7], результаты которого обычно публикуются в февральском номере «Engineering and Mining Journal». Кроме того, следует упомянуть карту политического и экономического риска «Aon Group, Inc.» (Оксфорд, Великобритания) [8], изучающей эти проблемы.

Кроме информации, которая дается Фрейзеровским институтом, есть еще две организации, предоставляющие данные, которые особенно полезны, когда необходимо установить категорию страны: негосударственная организация «Transparency International» [9] - международная организация по борьбе с коррупцией, которая ежегодно публикует «Индекс репутации в плане коррупции» («Corruption Perceptions Index») и Мировой банк [10], публикующий «Руководящий индекс» («Governance Index»). Мировой банк рассматривает шесть параметров для 229 стран, которыми необходимо руководствоваться: гласность и финансовая ответственность, политическая стабильность и отсутствие насилия, эффективность работы правительства, качество законодательного регулирования, верховенство права и контроль над коррупцией. По каждому из этих параметров дается оценка в баллах от -2,5 (наиболее негативная) до +2,5 (наиболее позитивная).

Для получения показателя странового риска рекомендуется следовать правилу, изложенному Ainsworth, и делить страны на три категории по риску, а также использовать информацию Фрейзеровского института или, что предпочтительнее, Мирового банка, которая более всеобъемлюща, чем у Фрейзеровского института, рассматривающего мнения специалистов в области горной добыче и, соответственно, только те страны, где эти специалисты уже имеют опыт работы.

Рассмотрим в качестве примера возможность осуществления проекта по добыче золота в Таджикистане. Инвестору необходимо определить категорию риска для Таджикистана, чтобы выбрать процентную ставку для *NPV* в целях дисконтирования. Таджикистан не входит в число стран, для которых страновые риски определяются Фрейзеровским институтом. Согласно данным Мирового банка на 2015 год оценка в баллах по 6-ти параметрам «Руководящего индекса» у Таджикистана следующая:

| | |
|---|---|
| - гласность и финансовая ответственность: | -1,42 |
| - политическая стабильность: | -0,87 |
| - эффективность работы правительства: | -1,21 |
| - качество законодательного регулирования: | -1,13 |
| - верховенство права: | -1,43 |
| - контроль над коррупцией: | -1,05 |

**Среднеарифметическое значение равно -1,185.**

Далее мы последовательно проведем следующие расчеты:

*Шаг 1:* Используем список Фрейзеровского института для определения верхней и нижней ранговой оценок. В списке для «Индекса потенциала в области политики» на 2015-2016 гг. (Фрейзеровский институт, 2017 г.), четыре верхние позиции занимают Республика Ирландия, Вайоминг (США), Швеция и Саскачеван (Канада) (Фрейзеровский институт делит такие крупные страны, как США, Австралия и Канада, на отдельные провинции или штаты потому, что власти провинций и штатов сами отвечают за свое собственное независимое законодательство по горной добыче и экологии). Поскольку «Руководящий индекс» Мирового банка учитывает только страны в целом, для высшей ранговой оценки принимаем во внимание только страны: Республику Ирландию, США, Швецию и Канаду.

• *Шаг 2:* Сверяемся с «Руководящим индексом» Мирового банка (Данные за 2015 г.) и находим оценку в баллах вышеперечисленных параметров для Республики Ирландия:

- гласность и финансовая ответственность: +1,35
- политическая стабильность: +0,93
- эффективность работы правительства: +1,54
- качество законодательного регулирования: +1,81
- верховенство права: +1,79
- контроль над коррупцией: +1,64

**Среднеарифметическое: +1,51**

Находим то же самое для США, Швеции и Канады:

- США: +1,25
- Швеция: +1,75
- Канада: +1,64

Находим среднее количество баллов для Республики Ирландия, США, Швеции и Канады и, таким образом, подсчитываем верхний предел: **+1,54** (средняя величина).

- организована регистрация хозяйствующих субъектов посредством «Единого окна». С учетом усовершенствования технической базы компьютерной программы использования Единого государственного реестра, обеспечивается обмен информацией в режиме онлайн с Агентством по статистике при Президенте Республики Таджикистан и Агентством осуществляется выдача статистических кодов хозяйствующим субъектам, включенных в Единый государственный реестр. Введен порядок предоставления документов для государственной регистрации в электронном формате;

- усовершенствован и введен в действие сайт Налогового комитета, охватывающий все аспекты налогового законодательства, в том числе Налоговый кодекс Республики Таджикистан, другие нормативные правовые акты о налогах и налогообложении, инструкции, пояснительные и разъяснительные письма Налогового комитета и другие необходимые материалы для исполнения реализации налогового законодательства;

- для оперативного приема звонков граждан и налогоплательщиков в Налоговом комитете создан Центр связи;

- разработан и внедрен порядок составления плана налоговых проверок хозяйствующих субъектов на основе оценки рисков и так далее.

По мнению Касировой Ф.Дж., «использование информационно-коммуникационных технологий считаются мировой тенденцией глобального развития. Применение сегодняшних технологий и обработка данных значимо как для увеличения конкурентоспособности экономики и расширения способности с целью интеграции ее в глобальную систему хозяйства, так и для увеличения результативности базы государственного управления на всех уровнях власти, в муниципальные и негосударственные секторы экономики» [5,с.215-223].

Сегодня в налоговых органах в Республике Таджикистан растет количество и качество электронных государственных услуг. Данные услуги предназначены для юридических лиц, государственных организаций, физических лиц, коммерческих организаций, фермерских хозяйств и индивидуальных предпринимателей. Каждому налогоплательщику предоставляется доступ к личной налоговой информации с помощью электронного сервиса «Личный кабинет налогоплательщика» [10].

**Рисунок 1. Общая посещаемость электронных сервисов Налогового комитета**
**Figure 1. Total attendance of electronic services of the Tax Committee**




Составлено автором. На основе результатов анализа и мониторинга применения электронных сервисов Налогового Комитета при Правительстве РТ.

По итогам результатов проведённого анализа и мониторинга применения электронных сервисов Налогового комитета, более 85% налогоплательщиков являются активными пользователями сайта Налогового комитета, 70% из них обладают информацией о контакт-

центре Налогового комитета (упрощённый телефонный номер 151) и более 60% использовали предоставленные налоговыми органами электронные услуги [11].

**Таблица 2. Внедрения электронных услуг в Налоговом комитете Республики Таджикистан 2009-2022**

**Table 2. Introduction of electronic services in the Tax Committee of the Republic of Tajikistan 2009-2022**

| № | Период | Количество электронных услуг | Количество компьютерных программ |
|---|---|---|---|
| 1 | 2009 | 3 | 1 |
| 2 | 2010 | 5 | 4 |
| 3 | 2011 | 5 | 10 |
| 4 | 2012 | 7 | 12 |
| 5 | 2013 | 9 | 20 |
| 6 | 2014 | 13 | 21 |
| 7 | 2015 | 17 | 22 |
| 8 | 2016 | 19 | 24 |
| 9 | 2017 | 22 | 27 |
| 10 | 2018 | 24 | 28 |
| 11 | 2019 | 40 | 30 |
| 12 | 2020 | 53 | 32 |
| 13 | 2021 | 63 | 36 |
| 14 | 2022 | 73 | 40 |

Составлено автором на основе данных Налогового комитета при Правительстве Республики Таджикистан.

Налоговый Комитет при Правительстве РТ начал разработку и внедрение электронных услуг в 2009 году. Уже в 2010 году были внедрены 4 услуги, а в 2015 количество предоставляемых услуг было увеличено до 17.

Если обратить внимание на таблицу, которая нами представлена, можно сделать вывод, что с каждым годом число электронных услуг и количество компьютерных программ в Налоговом Комитете возрастает по мере развития инновационных технологий. Так, если в 2009 году количество электронных услуг составляло всего 3 единицы, а количество компьютерных программ составляло всего одну ед., то к 2022 году число электронных услуг составило более 73 ед., а количество компьютерных программ возросло до 40 ед.

Полученные результаты послужат базовым исследованиям для оценки ключевых показателей эффективности для предстоящих инвестиций. Отзывы, полученные от налогоплательщиков, опрошенных во время подготовки программы, особенно субъекты предпринимательства в городе, отметили улучшения в упрощении подачи налоговых деклараций, поскольку бумажные копии больше не требуются для подачи электронных документов.

Электронная подача документов все еще менее популярна среди индивидуальных предпринимателей и фермеров, у которых может быть ограниченный доступ к Интернету.

Согласно новым источникам, с учетом развития современных информационно-коммуникационных технологий портал электронных услуг Налогового Комитета был поэтапно расширен, и к 1 января 2022 года количество услуг для граждан и налогоплательщиков достигло более 66 модулей [12]. Между тем уже в августе 2022 года количество электронных услуг составляет 73 единицы.

В современных условиях усовершенствуется работа по цифровизации сервисов и услуг. В том числе речь идет и о развитии «личного кабинета налогоплательщика».

По мнению первого заместителя Налогового Комитета, при Правительстве РТ А.М. Солехзода, который указал в своей статье «Цифровизация налогового администрирования в Республике Таджикистан»: «…физические лица все чаще пользуются такими услугами, как онлайн-консультации, налоговый калькулятор, проверка ИНН, онлайн-запись на посещение налоговой инспекции, подача электронного обращения» [9].

Суммарные ключевые показатели эффективности (КПЭ) всех услуг, оказываемых налогоплательщикам Налоговым комитетом Республики Таджикистан, составили 82%. Удовлетворенность предоставленными налогоплательщикам услугами была основана на определенных ключевых процессах, и ключевые показатели эффективности НК были оценены следующим образом:

**Таблица 3. Суммарные ключевые показатели эффективности (КПЭ) всех услуг, оказываемых налогоплательщикам**

**Table 3. Cumulative key performance indicators (KPIs) of all services provided to taxpayers**

| Электроные услуги | Проценты |
|---|---|
| Центр обработки звонков | - 95%; |
| Веб-сайт | - 75%; |
| Электронная подача заявления в Налоговый комитет Республики Таджикистан | - 54%; |
| Электронная подача деклараций | - 81%; |
| Электронное выставление счетов по НДС | - 90%; |
| Услуги в налоговых инспекциях | - 90%; |
| Услуги «единого окна» | - 92%; |
| Семинары | - 81%; |
| Общая удовлетворенность услугами | - 82%. |

Источник: составлено автором: на основе данных Налогового комитета при Правительстве РТ.

Полученные результаты послужат базовым исследованием для оценки ключевых показателей эффективности для предстоящих инвестиций. По отзывам, полученным от налогоплательщиков, опрошенных во время подготовки программы, особенно субъектов предпринимательства в городе, можно отметить улучшение в упрощении подачи налоговых деклараций, поскольку бумажные копии больше не требуются для подачи электронных документов.

Электронная подача документов все еще менее популярна среди индивидуальных предпринимателей и фермеров, у которых может быть ограниченный доступ к Интернету.

На сегодняшний период времени значительный результат оптимизации экономики находится в прямой зависимости от модернизации процессов налогообложения [7,с.41-49].

С нашей точки зрения, существующая налоговая система в нашей стране не отвечает сегодняшним потребностям в плане технической безопасности конфиденциальной информации. Существует ряд проблем, с которыми приходится сталкиваться налоговым органам. По нашему мнению, одной из главных задач налоговых служб в Республике Таджикистан является обеспечение информационной безопасности налоговых систем.

Другой проблемой являются постоянные сбои сроков направления информации, а также несвоевременная обработка сформированных и направленных данных, кроме того, существует проблема направления сведений, имеющих неточную и недостоверную информацию. Для решения данных проблем и задач имеется необходимость создания информационного ресурса, который может обеспечить постоянный контроль за соблюдением установленных сроков передачи документов.

Во многих развитых странах налоговые органы создают свои сервисы в первую очередь для интересов налогоплательщика. Такую модель некоторые называют превентивной, а другие партнерской моделью налогового администрирования. В отличие от принудительного налогового администрирования, который давит, в частности, на бизнес и воспринимает налогоплательщиков в качестве потенциальных преступников, превентивный способ налогового администрирования старается учесть недостатки и действует в интересах налогоплательщиков, а также строит доверительные отношения взаимодействия налоговых органов и налогоплательщиков.

С нашей точки зрения, существует необходимость формирование единого механизма таможенного и налогового администрирования. Задача этого объединения будет направлена на отслеживание «всей цепочки прохождения товаров - от нахождения на границе до конкретных потребителей».

Также необходимо доработать программное обеспечение системы, улучшить управления рисками до использования при назначении плановых налоговых проверок. Введение в многоопытное использование программного обеспечения с целью рассмотрения транзакций и взаимосвязей налогоплательщиков и выявления типовых схем уклонения от налогообложения. Результатом проведённой работы станет объединение сведений налоговой с онлайн-ККТ (контрольно-кассовые технологии), это приведет к полному контролю по всей цепочке развития НДС в Республике Таджикистан. Получив данные и сведения таможни, банков, онлайн-ККТ и счетов-фактур из налоговых деклараций, можно объединить товарно-денежный оборот. Следовательно, можно выделить, что налоговые инспекторы обязаны использовать автоматические исследования взаимосвязей для поиска подтверждений недобросовестных согласованных действий. Они представляют собой методы контроля, которые должны сопоставлять законные и незаконные связи: учредители, руководители и действия, которые могут говорить о скрываемом взаимодействии и о какой-то подконтрольности.

Таким образом, на основе проведенного анализа можно сделать вывод о том, что:

а) существует необходимость формирования единого механизма таможенного и налогового администрирования. Задача этого объединения будет направлена на отслеживание «всей цепочки прохождения товаров - от нахождения на границе до конкретных потребителей;

б) необходимо доработать программное обеспечение системы, улучшить управления рисками до использования при назначении плановых налоговых проверок. Введение в многоопытное использование программного обеспечения с целью рассмотрения транзакций и взаимосвязей налогоплательщиков и выявления типовых схем уклонения от налогообложения.

**Рецензент: к.э.н., доцент ТНУ – Гулов Ш.М.**

**ЛИТЕРАТУРА**

1. Давлатов Д.С. Совершенствование налогового регулирования национальной экономики (на материалах районов Республиканского подчинения): автор. дис. …канд. экон. наук. – 08.00.10 / Д.С. Давлатов. -Душанбе, 2021. -58 с.
2. Иброхимов И.Р. Налогово-бюджетное регулирование экономики Таджикистана: автореф. дис. …канд. экон. наук: 08.00.05 – эк. и упр. нар. хоз.(макроэкономика) / И.Р. Иброхимов. -Душанбе, 2006. -45 с.
3. Касирова, Ф.Дж. Теоретические и методологические вопросы системы налогообложения в условиях цифровой экономики / Ф.Дж. Касирова, О.М. Алиев // Финансово-экономический Вестник. –Душанбе, 2022. -№1(30). -С.198-205.
4. Касирова Ф.Дж. Теоретические модели регулирования автоматизации системы налогообложения в Республике Таджикистан / Ф.Дж. Касирова // Таджикистан: Экономика и управление. – 2021. -№4. -С.75-81. ISSN 2709-7250.
5. Касирова Ф.Дж. Основы автоматизации системы налогообложения / Ф.Дж. Касирова // Таджикистан и современный мир. - 2021. -№2(74). -С.215-223.
6. Об оценке результатов работы Республики Таджикистан 27.12.2019 года: / Доклад World Bank Group. [Электронный ресурс] *URL*: https://andoz.tj/images/news/TADAT2020.pdf 64 с.
7. Пономарев, А.И. Модернизация налогового администрирования в современной России / А.И. Пономарев // Налоги и налогообложения. - 2011. -№12(90). -С.41-49.
8. Постановление Правительства Республики Таджикистан «О программе реформы налогового администрирования» от 23.08.2016г., №354.
9. Солехзода А.М. Цифровизация налогового администрирования в Республике Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: audit-it.ru
10. Цифровизация налоговых органов Республики Таджикистан. Народная газета Печатный орган Правительства РТ. [Электронный ресурс]. URL: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=15397:2022-03-31-04-04-32&catid=53:economika&Itemid=58. Дата обращения 27.07.2022.
11. Цифровизация налоговых органов Республики Таджикистан. Народная газета Печатный орган Правительства РТ. [Электронный ресурс]. URL: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=15397:2022-03-31-04-04-32&catid=53:economika&Itemid=58. Дата обращения 27.07.2022.
12. Цифровизация налоговых органов Республики Таджикистан. [Электронный ресурс]. URL: http://www.narodnaya.tj/index.php?option=com_content&view=article&id=15397:2022-03-31-04-04-32&catid=53:economika&Itemid=58. Дата обращения 26.07.2022

## АРЗЁБИИ САМАРАНОКИИ РАҚАМИСОЗИИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН


Дар ҷаҳони имрӯза, иқтисодиёт бо технологияҳои муосир, ба монанди зеҳни сунъӣ (искуственный интелект), биометрия, блокчейн, Big Data ва ғайрҳо рӯбарӯ мешавад. Ҳамаи ин технологияҳоро метавон зери калимаи рақамисозӣ ҷамъбаст кард. Рақамисозӣ имкон медиҳад, ки иттилоот дар ҳаҷми калон коркард ва нигоҳ дошта шавад, вақт ва пулро сарфа мекунад, инчунин, хидматҳое пешкаш мекунад, ки ба ҷонибҳои манфиатдор барои табодули маълумот ва анҷом додани транзаксияҳо дар фазои кибербехатарӣ имкон дорад. Барои бисёри давлатҳо, беҳтар кардани риояи андоз яке аз вазифаҳои муҳим аст. Бо ин мақсад мақомоти андоз дар саросари ҷаҳон низоми худро ба таври рақамӣ табдил медиҳад ва автоматӣ мекунад. Қабули технология метавонад ислоҳоти бомуваффақият ва устувори андозро таъмин кунад, андозбандии дурустро дар иқтисодиёти рақамӣ таъмин карда ва монеаҳоро барои риояи ихтиёрии андозҳо коҳиш диҳад. Бо гузашти кишвари мо ба иқтисодиётӣ бозорӣ самти асосии фаъолияти ҳадамоти андоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон такмили маъмурикунонии андоз мебошад, зеро сари вақт ва пурра ҷамъ овардани даромадҳои андоз ба буҷети давлатӣ аз сифат ва даромади он вобастагии калон дорад. Бинобар ин, самаранокии технологияҳои иттилоотӣ бо суръати бениҳоят зиёд рушд мекунанд, ки дар навбати худ ба низоми андозбандӣ таъсир нарасонда наметавонад. Дар ин марҳила, ҳукумати электронӣ ва иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун афзалиятҳои стратегияи иттилоотӣ муайян карда мешаванд. Дар ин мавзуъ як қатор барномаҳо барои рушди иқтисоди рақамӣ ва ҷомеаи иттилоотӣ дар саросари ҷаҳон амалӣ карда мешаванд. Пеш аз ҳама, сухан дар бораи истифодаи сервисҳои электронии ҳуҷҷатгузорӣ ва усулҳои таълими технологияҳои ҳукумати электронӣ ба роҳбарони мақомоти давлатӣ меравад. Аз ин бармеояд, ки иттилоотикунонии хадамоти андоз ва автоматикунонии расмиёти андоз самти муҳим ва самараноки рушди маъмурикунонии андоз ба ҳисоб меравад.



**Калидвожаҳо:** андоз, маъмурикунонии андоз, иқтисоди рақамӣ, рақамисозии маъмурикунонии андоз, танзими андоз, хизматрасониҳои электронӣ, автоматикунонӣ, низоми андоз, андозбандӣ, сиёсати андоз.


## ОЦЕНКА ЭФФЕКТИВНОСТИ ЦИФРОВИЗАЦИИ НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН


В современном глобализационным мире все чаще экономика сталкивается с такими передовыми технологиями, как искусственный интеллект, биометрия, блокчейн, «Big Data» и т.д. Все эти технологии можно обобщить под таким словом, как цифровизация. Сегодня все сферы жизнедеятельности человека невозможно представить без информационно-коммуникационных технологий. Цифровизация позволяет обработать и хранить информацию в больших объемах, экономит время и деньги, также предоставляет услуги, которые дает возможность интересующимся сторонам обмениваться данными и совершать сделки в киберпространстве. Для многих государств повышение соблюдения налогового законодательства является одной из важных задач. С этой целью налоговые органы по всему миру проводят цифровую трансформацию и автоматизируют свою систему. Внедрение технологий может обеспечить успешное и устойчивые налоговые реформы, обеспечить надлежащее налогообложение в условиях цифровой экономики и уменьшить препятствия для добровольного соблюдения требований налогового законодательства. С переходом нашей страны на рыночную экономику основным направлением деятельности налоговых служб в Республике Таджикистан является совершенствование налогового администрирования, поскольку от его качества и эффективности зависят своевременность и полнота собираемости налоговых поступлений в бюджет государства. С немыслимой скоростью развиваются информационные технологии, которые в свою очередь не могут не влиять на систему налогообложения. На данном этапе электронное правительство и цифровая экономика определены в качестве приоритетов стратегии информатизации. По данной тематике реализовываться ряд программ для развития цифровой экономики и информационного общества во всем мире. В первую очередь речь идет об использовании систем электронного документооборота и методики обучения технологиям электронного правительства руководителей органов гос. управления. Исходя из этого, важным и эффективным направлением развития налогового администрирования считается информатизация налоговых служб и автоматизация налоговых процедур.



**Ключевые слова:** налог, налоговое администрирование, цифровая экономика, цифровизация налогового администрирования, налоговое регулирование, электронные услуги, автоматизация, налоговая система, налогообложение, налоговая политика.


## ASSESSMENT OF THE EFFICIENCY OF DIGITALIZATION OF TAX ADMINISTRATION IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN


In today's globalized world, the economy is increasingly confronted with such advanced technologies as artificial intelligence, biometrics, blockchain, Big Data, etc. All these technologies can be summarized under the word digitalization. Today, all spheres of human life cannot be imagined without information and communication technologies. Digitalization allows processing and storing information in large volumes, saves time and money, and also provides services that enable interested parties to exchange data and make transactions in cyberspace. For many states, improving tax compliance is one of the important tasks. To this end, tax authorities around the world are digitally transforming and automating their system. The adoption of technology can ensure successful and sustainable tax reforms, ensure proper taxation in the digital economy, and reduce barriers to voluntary tax compliance. With the transition of our country to a market economy, the main activity of the tax services in the Republic of Tajikistan is the improvement of tax administration, since the timeliness and completeness of the collection of tax revenues to the state budget depend on its quality and efficiency. Information technologies are developing at an incredible speed, which, in turn, cannot but affect the taxation system. At this stage, e-

government and the digital economy are identified as priorities for the informatization strategy. On this topic, a number of programs are being implemented for the development of the digital economy and the information society around the world. First of all, we are talking about the use of electronic document management systems and methods of teaching e-government technologies to heads of state bodies. management. Proceeding from this, informatization of tax services and automation of tax procedures are considered an important and effective direction in the development of tax administration.

**Keywords:** tax, tax administration, digital economy, digitalization of tax administration, tax regulation, electronic services, automation, tax system, taxation, tax policy.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Касирова Фарангис Ҷунайдуллоевна*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ассистенти кафедраи андоз ва андозбандӣ. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **917-37-42-24.** E-mail: **kasirova89@bk.ru**

**Сведения об авторе:** ***Касирова Фарангис Джунайдуллоевна*** – Таджикский наќиональный университет, ассистент кафедры налоги и налогообложения. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **917-37-42-24.** E-mail: **kasirova89@bk.ru**

**Information about the author:** ***Kasirova Farangis Dzhunaydulloevna*** - Tajik National University, Assistant of the Department of Taxes and Taxation. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe city, Rudaki avenue 17. Phone: **917-37-42-24.** E-mail: **kasirova89@bk.ru**

**УДК: 343.2**

# ТАЪЛИМОТ ОИД БА МАФҲУМИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ

*Шарипов Т.Ш., Сайдалиев О.И.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,**
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон**

Такмил ва тағйир ёфтани сохти давлатӣ боиси дигаргунии куллӣ дар сиёсати давлатӣ, аз ҷумла ҷиноятӣ мегардад. Дар шароити ислоҳоти ҳуқуқӣ, пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, мунтазам тағйиру илова ворид шудан ба қонунгузории ҷиноятӣ зарурати амиқтар омӯхтани институтҳои асосии ҳуқуқи ҷиноятӣ, махсусан таркиби ҷиноят ва ҳар як унсури он мебошад. Бояд қайд кард, ки яке аз аломатҳои асосии таркиби ҷиноят ин субъекти ҷиноят мебошад, ки бидуни мавҷудияти он кирдори содиршударо ҳамчун ҷиноят эътироф кардану ба он баҳои ҳуқуқӣ донан ғайриимкон аст. Ин бевосита дар муқарраироти моддаи 11 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода ёфтааст: “Асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ содир намудани кирдоре мебошад, ки дорои тамоми аломатҳои таркиби ҷинояти дар ҳамин Кодекс пешбинӣ гардида мебошад”. Аз ин бармеояд, ки субъекти ҷиноят яке аз аломатҳои муҳимтарини таркиби ҷиноят ба ҳисоб меравад. Бе мавҷудияти ин аломати асосӣ мо наметавонем кирдори содиршударо ҳамчун ҷиноят эътироф кунем. Дар баробари ин субъекти ҷиноят ин шахси воқеии мукаллафи ба синну соли аз тарафи Қонуни ҷиноятӣ муайян карда расидае мебошад, ки ҷиноят содир намудааст. Инчунин, дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин пешбинӣ шудааст: “танҳо шахси воқеии мукаллаф ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад, ки ба синну соли муқаррар намудан ҳамин Кодекс расидааст”.

Маврид ба зикр аст, ки на ҳамаи ҷиноятҳое, ки дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд аз ҷониби шахси воқеии мукаллафи ба синну соли муайяннамуда расида (субъекти умумӣ) содир мешаванд, балки баъзе ҷиноятҳое ҳастанд, ки субъектони содиркунандаи он дар баробари аломатҳои умумӣ боз дорои аломатҳои иловагӣ мебошанд, ки бевосита аз диспозитсияҳои ҳамон модда бармеояд. Бояд қайд кард, ки ин аломатҳо танҳо ба ҳамон субъекти мушаххас тааллуқ доradну халос. Аз ин бармеоянд, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар баробари субъекти умумӣ боз субъекти махсус маълум будааст.

Тамоюлҳои муосири рушди сиёсати ҷиноятӣ зарурати ислоҳоти қонунгузории ҷиноятии амалкунандаро ба амал меоранд. Аз ин рӯ, омӯзиши категорияи “субъекти махсуси ҷиноят” дорои аҳамияти зиёди назариявию амалӣ мебошад. Дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ба проблемаи субъекти махсуси ҷиноят кам диққат дода шудааст.

Ба ақидаи Т.Ш. Шарипов, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ дар қатори субъекти умумӣ субъекти махсуси ҷиноятро низ фарқ мекунанд. Агар аломатҳои субъекти умумии ҷиноят дар қисми умумии Кодекси ҷиноятӣ муқаррар шуда бошанд, пас аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят дар диспозитсияи меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ё дар эзоҳи онҳо муқаррар шудаанд [20,с.103]. Аммо бар хилофи субъекти умумии ҷиноят, субъекти махсуси ҷиноят ба қадри кифоя мавриди тадқиқоти илмӣ қарор нагирифтааст, гарчанде ки масъалаи ташаккули мафҳум ва аломатҳои он дар илми ҳуқуқи ҷиноятӣ падидаи нав нест. Яъне, ба ақидаи В.В. Устименко коркарди мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар охирҳои солҳои панҷоҳуми асри гузашта ба таври фаъол оғоз шуда буд.

Кӯшиши муҳаққиқон барои таҳияи мафҳуми умумии «субъекти махсуси ҷиноят» ҳанӯз дар замони Шуравӣ сурат гирифта буд [16,с.103]. Бо вуҷуди ин, масъалаи мазкур то имрӯз баҳснок мебошад [5,с.142].

Дар адабиёти ҳуқуқӣ дар мавриди мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят нуқтаҳои назари гуногунро дидан мумкин аст. В.С. Орлов, А.М. Лазарев, Г.Н. Борзенков бар он ақидаанд, ки субъекти махсуси ҷиноятро шахсе фаҳмидан лозим аст, ки дар баробари аломатҳои умумии субъект, инчунин аломатҳои иловагӣ низ дорад [1,с.123]. Муҳаққиқони

дигари ин масъала пешниҳод кардаанд, ки субъекти махсуси ҷиноят бояд ҳамчун шахсе дарк карда шавад, ки дорои аломатҳои хосси дар диспозитсияи моддаҳо зикргардида мебошад. Ин нуқтаи назарро Н.С. Лейкина, Н.П. Грабовская дастгирӣ мекунанд [4,с.389]. Камбудии назарраси чунин таъриф дар он аст, ки дар он нишондоди чунин аломатҳои ҳатмии субъекти умумии ҷиноят, ба монанди мукаллафӣ ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ мавҷуд нест. Чунин таърифи субъекти махсуси ҷиноятро муаллифон пешниҳод карда буданд, ки субъекти махсуси ҷиноят шахси мукаллафи воқеии дар содир намудани кирдори барои ҷамъият хавфнок гунаҳкор мебошад, ки таркиби он ба ғайр аз аломатҳои ҳатмӣ, инчунин аз аломатҳои муайяне, ки ҷинояткории онро тавсиф мекунанд, иборат мебошад [11,с.67]. Аммо дар ин таъриф низ баъзе аз аломатҳои ҳатмии субъекти ҷиноят дида намешаванд. Гурӯҳи сеюми муаллифон пешниҳод менамоянд, ки субъекти махсуси ҷиноят шахсе дониста мешавад, ки ба ғайр аз аломатҳои зарурии субъекти умумӣ бояд аломатҳои махсуси иловагӣ дошта бошад, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахсони дигарро барои содир намудани ин кирдор маҳдуд мекунанд. Бо ин таъриф розӣ нашудан душвор аст, аммо онро метавон бо иловаи "аломатҳои дахлдори субъекти махсус бояд дар меъёрҳои дахлдори қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ мавҷуд бошанд", пурра кард [1,с.124].

Зимнан, чунонки натиҷаҳои пурсиш нишон медиҳанд, 87%-и коргарон субъекти махсуси ҷиноятро шахсе мефаҳмад, ки ба ғайр аз аломатҳои зарурии субъекти ҷиноят (ба синни муайян расидан, мукаллафӣ) ҳамзамон дорои аломатҳои иловагие мебошанд, ки вобаста ба фаъолият ё хусусияти вазифаҳои ба зиммааш гузошташуда, ки мувофиқи он танҳо ӯ метавонад ин ҷиноятро содир кунад, маънидод мекунанд; 9% шахсеро, ки дар диспозитсияи модда нишон дода шудааст, субъекти махсус қайд кардаанд ва танҳо 4% субъекти махсусро ҳамчун шахсе нишон додаанд, ки дар баробари аломатҳои умумии субъект сифатҳои иловагӣ низ дорад [13,с.85].

Бояд тазаккур дод, ки ҳамаи тавсифҳои субъекти махсусе, ки мо дар боло дида баромадем нисбатан дурустанд. Дар баробари ин, онҳо нопурра ва номуккаммал буда, на ҳамаи аломатҳои субъекти мафҳуми мазкурро пурра мекунанд. Чун қоида, дар маҳфум бояд тамоми аломатҳои умумӣ ва иловагӣ пешбинӣ шаванд. Дар баробари маҳфумҳои додашуда аз олимони Россия О.Ю. Крюков ба субъекти махсуси ҷиноят нисбатан таърифи пурратар додааст: "Субъекти махсуси ҷиноят шахси воқеие ба ҳисоб меравад, ки кирдори ба ҷамъият хафнокро содир кардааст ва дар баробари аломатҳои умумӣ, яъне мукаллафӣ ва ба синну соли муайян расидан, дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар меъёрҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ пешбинӣ шудаанд" [3,с.14-15]. Тибқи таҳқиқоти Ф.Ф. Рашковский, субекти махсуси ҷиноят ҳамон шахсе мебошад, ки ба ғайр аз аломатҳои зарурии субекти умумӣ (яъне синну сол ва мукаллафӣ), ки қонун пешбинӣ кардааст, боз бояд аломатҳои махсуси иловагие дошта бошад, ки имконият диҳад чунин шахс барои содир кардани ҷиноят ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад [9,с.202].

Ҳамин тавр, мафҳуми классикии субъекти махсуси ҷиноятро як қатор муҳаққиқон чунин пешниҳод кардаанд: субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки дар баробари мукаллаф будан ва расидан ба синни ҷавобгарии ҷиноятӣ, дигар аломатҳои ҳуқуқии иловагии дар қонуни ҷиноятӣ зикргардидаро низ дорад [21,с.345]. Д.В. Подилипский [8,с.247], О.Ю. Микитюк [6,с.328], А.А. Рогожкин [10,с.54], Н.С. Лейкина, Н.П. Грабовская [4], Д.М. Зурабова, И.А. Фаргиев [10,с.54], Р. Оримбоев [7,с.46], М.В. Чесноков [17,с.121] ва дигарон низ дар таҳқиқоти худ инро қайд кардаанд.

Бояд тазаккур дод, ки олимони ватанӣ низ оид ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят андешаронӣ кардаанд. Тибқи назари олимони ватанӣ, "субъекти махсуси ҷиноят ин шахсе мебошад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд" [18,с.180; 19,с.105]. Ба андешаи Ғ.С. Сатторов, субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки ғайр аз аломатҳои умумӣ дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияҳои моддаҳои дахлдори қисми махсуси Кодеси ҷиноятӣ баён карда шудаанд [12,с.29]. Т.Ш. Шарипов қайд мекунад, ки зери мафҳуми субъекти ҷиноят дар ҳуқуқи ҷиноятӣ шахси ҷиноят содирнамудае фаҳмида мешавад, ки шахси воқеии мукаллаф буда, ба синну соли ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан расидааст, дар ҳолатҳои алоҳида бошад, дорои аломатҳои

иловагӣ мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд [18,с.172]. Дар ҷойи дигар ӯ субъекти махсуси ҷиноятро чунин таъриф додааст: субъекти махсуси ҷиноят – ин шахсе ҳисоб мешавад, ки дар қатори аломатҳои умумии субъекти ҷиноят дорои боз аломатҳои иловагие мебошад, ки барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан заруранд [20,с.103].

Тавре аз таҳқиқи мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят бармеояд, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ мафҳуми умумиэътирофшуда ва ягонаи субъекти махсуси ҷиноят вуҷуд надорад. Олимони хориҷию ватанӣ мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро бо фарогирии аломатҳои гуногун пешниҳод кардаанд. Маврид ба зикр аст, ки муайян кардани мафҳуми субекти махсуси ҷиноят ҳам аҳамияти назариявӣ ва ҳам аҳамияти амалӣ дошта, дар фаъолияти мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бо ҷинояткорӣ зарур мебошад. Аз мафҳумҳои пешниҳодшудаи олимон чунин нуқтаи умумӣ баровардан мумкин аст, ки субъекти махсуси ҷиноят шахсе мебошад, ки ба ғайр аз аломатҳои умумӣ, ки қонун пешбинӣ кардааст, боз бояд аломатҳои иловагӣ дошта бошад, ки танҳо ба ӯ хос мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят аз ҷумлаи масъалаҳое мебошад, ки аҳамияти назариявӣ ва амалӣ дошта, дар ҳуқуқтатбиқсозӣ таъсисри калон мерасонад. Бинобар ин, танзими он аз нигоҳи қонунгузорӣ муҳим мебошад. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ягона сарчашмаи ҳуқуқии танзимкунандаи масъалаи мазкур мебошад, вале мутаассифона, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар қисми умумии санади мазкур муқаррар нагардидааст. Моддаи 22-и Кодекси ҷиноятӣ шартҳои умумии ҷавобгарии ҷиноятиро номбар кардаасту халос [2]. Дар қонунгузории ҷиноятии як қатор кишварҳо мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят муқаррар гардидааст. Масалан, Кодекси ҷиноятии Украина дар моддаи 18 муқаррар менамояд, ки субъекти ҷиноят шахси воқеии гунаҳгоре ба ҳисоб меравад, ки кирдори ҷиноятиро дар синну соле содир намудааст, ки тибқи Кодекси мазкур метавонад ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шавад. Дар банди дуюми моддаи номбурда зикр гардидааст, ки субъекти махсуси ҷиноят шахси воқеии гунаҳгоре ба ҳисоб меравад, ки кирдори ҷиноятиро дар синну соле содир намудааст, ки метавонад танҳо нисбати шахсони муайян ҷавобгарии ҷиноятӣ татбиқ карда шавад. Дар қисми се ва чоруми моддаи мазкур мафҳуми шахси мансабдор бо аломатҳояш дар шакли васеъ муқаррар гардидааст [15]. Бояд гуфт, ки чунин муқарраротро наметавон рад кард, зеро новобаста аз он, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят бисёр маҳдуд муқаррар гардидааст ва аломатҳои он ишора нашудаанд, вале ба ҳар ҳол нисбат ба қонунгузории дигар кишварҳо дуруст мебошад. Ҳақ ба ҷониби С.А. Андреев мебошад, ки гуфтааст: "Мафҳум ва аломатҳои субъекти махсуси ҷиноят бояд дар меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ қатъиян муайян ва ифода карда шаванд, зеро субъекти махсуси ҷиноят яке аз аломатҳои муҳимтарини таркиби ҷиноят мебошад" [1,с.125]. Мо андешаи олимро дастгирӣ мекунем, зеро борҳо ёдовар шудем, ки мавҷудияти мафҳуми муайяни субъекти махсуси ҷиноят ва аломатҳои он дар татбиқи меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ ва адолати судӣ таъсиррасон мебошанд.

Бинобар ин, мо бар он андешаем, ки муқаррароти мазкур дар қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ пешбинӣ карда шаванд. Дар баробари ин, қисми дуюми моддаи 26-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Қазоқистон муқаррар менамояд, ки субъекти махсуси ҷиноят шахсе дониста мешавад, ки аломатҳои қисми якуми моддаи мазкурро доро буда, ҷиноятҳоеро содир намудааст, ки субъекти онҳо метавонанд танҳо шахсони муайян бошанд [14]. Мафҳуми муқарраршуда нисбат ба мафҳуми дар Кодекси ҷиноятии Украина пешбинигардида беҳтар аст, вале ин ҳам ҳанӯз пурра намебошад. Зеро асоси субъекти махсуси ҷиноятро на аломатҳои умумӣ, балки аломатҳои иловагӣ ташкил медиҳанд. Аз ин рӯ, дар мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ба ҷуз аз аломатҳои субъекти умумӣ, бояд аломатҳои иловагӣ пешбинӣ карда шаванд.

Ҳамин тавр, дар натиҷаи таҳқиқоти мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят ба хулосаҳои зерин омадан мумкин аст:

1. Мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят барои амалия ва назария аҳамияти калон дошта, дар раванди татбиқи адолати судӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ нақши калон мебозад, зеро дар бисёре аз меъёрҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус пешбинӣ гардидааст.

2. Дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят фикру мулоҳизаҳои умумӣ ва ягона вуҷуд надоранд. Ҷой надоштани мафҳуми умумиэътирофшудаи субъекти махсуси ҷиноят низ аз он дарак медиҳад, ки дар байни олимон гуногунфикрӣ мебошад. То кунун дар ҳеҷ сарчашмаи ҳуқуқӣ ягон мафҳуми пешниҳодшударо ҳамчун мафҳуми пурра ва дурусти субъекти махсуси ҷиноят эътироф накардаанд.

3. Дар натиҷаи таҳқиқоти масъала, омӯзиши андешаҳои олимон ва хулосабарорӣ, мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро ба ду маъно пешниҳод менамоем: ба маънои маҳдуд ва васеъ. Ба маънои маҳдуд: субъекти махсуси ҷиноят шахсе дониста мешавад, ки ба ғайр аз аломатҳои субъекти умумӣ, инчунин дорои аломатҳои иловагӣ мебошад. Ба маънои васеъ бошад: субъекти махсуси ҷиноят шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ҷуз аз аломатҳои умумӣ (воқеӣ, мукаллафӣ, синну соли муайян), инчунин дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар гардида, барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани дигар шахсонро маҳдуд намуда, субъекти чунин ҷиноятҳо танҳо шахсони муайяни муқаррарнамудаи Кодекси ҷиноятӣ мебошанд. Бинобар сабаби он, ки аломатҳои иловагии субъекти махсуси ҷиноят васеъ буда, дар меъёрҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ ба таври омехта муқаррар гардидаанд, зарур нест, ки онҳо дар мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят пешбинӣ карда шаванд.

4. Пешниҳод менамоем, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят дар қисми дуюми моддаи 22-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шакли зайл муқаррар карда шавад: "субъекти махсуси ҷиноят шахсе дониста мешавад, ки ба ҷуз аз аломатҳои қисми якуми моддаи мазкур инчунин дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси Кодекси мазкур муқаррар гардида, барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки субъекти чунин ҷиноятҳо танҳо шахсони муайян мебошанд".

**Муқарриз:Сафарзода Анвар- д.и.ҳ, профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Андреев, С.А. Специальный субъект преступления / С.А. Андреев // Вестник Омской юридической академии. – 2012. – № 2 (19). – С. 122-125.
2. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 маи соли 1998, №574 [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://mmk.tj (санаи муроҷиат: 13.08.2022).
3. Крюкова, О.Ю. Специальный субъект в преступлениях, посягающих на нормальное функционирование органов и учреждений, реализующих лишение свободы, арест, содержание под стражей: автореф. дис. ... канд. юрид. наук / О.Ю. Крюкова. – М., 2010. – 30 с.
4. Лейкина, Н.С., Грабовская, Н.П. Субъект преступления // Курс советского уголовного права. -Т.1 Под ред. Н.А. Беляева, М.Д. Шаргородского. – Л., 1968. – С. 389–390.
5. Лукьянчикова, Е.Ф. Специальный субъект преступления / Е.Ф. Лукьянчикова, И.А. Лифинцев // Наука и образование: отечественный и зарубежный опыт: 23 междунар. науч.-практ. конф., Белгород, 30 сент. 2019 г. : сб. ст. / ред. кол.: С. И. Линник-Ботова, О.А. Гагауз. – Белгород, 2019. – С. 241-244.
6. Микитюк, О.Ю. Возраст как признак специального субъекта преступления / О.Ю. Микитюк // В сборнике: уголовное законодательство: вчера, сегодня, завтра // Материалы ежегодной всероссийской научно-практической конференции. – 2019. – С. 327-332.
7. Орымбаев, Р. Специальный субъект преступления / Р. Орымбаев. – Алма-Ата: Наука, 1977. – 152 с.
8. Подлипский Д.В. Понятие специального субъекта преступления / Д.В. Подлипский // Наука и современность. – 2013. – № 21. – С.272-277.
9. Рашковская, Ш.С. Советское уголовное право / Ш.С. Рашковская // Часть Общая. – М., 1972. – С. 202.
10. Рогожкин, А.А. Особенности специального субъекта преступления / А.А. Рогожкин // Евразийский Союз Ученых (ЕСУ). – 2020. – № 10 (79). – С. 54-55.
11. Семенов, С.А. Понятие специального субъекта преступления / С.А. Семенов // Журнал российского права. – 2005. – № 7. – С. 67.
12. Сатторов, Ғ.С. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) / Ғ.С. Сатторов. – Душанбе, 2018. – С. 29.
13. Тарасова, Ю.В. Специальныи субъект преступления и его значение в уголовном праве: дис. … канд. юрид. наук / Ю.В. Тарасова. – М., 2006. – 195 с.
14. Уголовный кодекс Республики Казахстан от 3 июля 2014 года № 226-V (с изменениями и дополнениями по состоянию на 02.07.2021 г.). [Электронный ресурс]. URL: https://online.zakon.kz/ (дата обращения 05.02.2022).
15. Уголовный кодекс Украины от 5 апреля 2001, № 2341-III (с изменениями от 15.03.2016 г.) [Электронный ресурс]. URL: https://kku.com.ua/ (дата обращения 05.02.2022).

16. Устименко, В.В. Специальный субъект преступления / В.В. Устименко. – Харьков, 1989. – 104 с.
17. Чесноков, М.В. К понятию специального субъекта преступления / М.В. Чесноков // Общество: политика, экономика, право. – 2016. – № 4. – С.121-122.
18. Шарипов, Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ бо истифода аз усули тадриси интерактивӣ (Қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, Ш.Н. Саидов. – Душанбе, 2016. – С. 180.
19. Шарипов, Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, Н.Б. Азимов, З.А. Камолов, М.Н. Насриддинов. – Душанбе, 2010. – С. 105.
20. Шарипов, Т.Ш. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми умумӣ) / Т.Ш. Шарипов, А.И. Сафарзода, З.А. Камолов, Ш.Л. Холиқзода, З.Х. Зокирзода, М.Н. Зиёбоева. Нашри 5-ум, такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – 223 с.
21. Энциклопедия уголовного права: в 35 т. Т. 6: Соучастие в преступлении / Л.Д. Ермакова [и др.]. Отв. ред. В.Б. Малинин. – СПб.: издание Малинина, 2005. – 562 с.

## ТАЪЛИМОТ ОИД БА МАФҲУМИ СУБЪЕКТИ МАХСУСИ ҶИНОЯТ

Дар мақолаи мазкур масъалаи таълимот оид ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллифон бо истифода аз адабиётҳои ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва андешаҳои муҳаққиқон мафҳуми субъекти махсуси ҷиноятро ҳамчун таълимот таҳлилу баррасӣ намудаанд. Зимни таҳлили масъала муаллифон ба хулосае омадаанд, ки мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят барои амалия ва назария аҳамияти зиёд дошта, дар раванди татбиқи адолати судӣ ва ҳуқуқтатбиқнамоӣ низ нақши муассир дорад, зеро дар бисёре аз меъёрҳои моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиноятҳо бо иштироки субъекти махсус пешбинӣ гардидаанд. Таҳқиқоти муаллифон нишон медиҳад, ки дар назария ва амалияи ҳуқуқи ҷиноятӣ доир ба мафҳуми субъекти махсуси ҷиноят фикру мулоҳизаҳои умумӣ ва ягона вуҷуд надоранд. Ҷой надоштани мафҳуми умумиэътирофшудаи субъекти махсуси ҷиноят низ аз он дарак медиҳад, ки дар байни олимон гуногунфикрӣ мебошад. То кунун дар ҳеҷ сарчашмаи ҳуқуқӣ ягон мафҳуми пешниҳодшударо ҳамчун мафҳуми пурра ва дурусти субъекти махсуси ҷиноят эътироф накардаанд. Ба андешаи муаллифон, субъекти махсуси ҷиноят шахсе ба ҳисоб меравад, ки ба ҷуз аз аломатҳои умумӣ (мукаллафӣ, синну соли муайян), инчунин дорои аломатҳои иловагие мебошад, ки дар диспозитсияи моддаҳои қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ муқаррар гардида, барои содир намудани ҷиноятҳое ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд, ки имконияти ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани дигар шахсонро маҳдуд намуда, субъекти чунин ҷиноятҳо танҳо шахсони муайяни муқаррарнамудаи Кодекси ҷиноятӣ мебошанд.

**Калидвожаҳо:** таълимот, мафҳум, субъекти махсус, ҷиноят, аломатҳои иловагӣ, аломатҳои асосӣ, қонунгузории ҷиноятӣ.

## ДОКТРИНА ПОНЯТИЯ СПЕЦИАЛЬНОГО СУБЪЕКТА ПРЕСТУПЛЕНИЯ

В данной статье рассматривается вопрос докторины понятия специального субъекта преступления. Авторы, используя юридическую литературу, нормативные правовые акты и мнения исследователей, проанализировали и рассмотрели понятие специального субъекта преступления как докторины. В ходе анализа проблемы авторы пришли к выводу, что понятие специального субъекта преступления имеет важную значение для практики и теории, играет большую роль в процессе применения судебной справедливости и правоприменения, поскольку во многих нормах статей Особенной части УК РТ предусмотрены преступления с участием специального субъекта. Авторское исследование показывает, что в теории и практике уголовного права нет общих и единых взглядов на понятие специального субъекта преступления. Отсутствие общепризнанного понятия специального предмета преступления также свидетельствует о наличии разногласий среди ученых. До настоящего времени ни в одном из юридических источников ни одно из предложенных понятий не признавалось полным и правильным понятием специального предмета преступления. По мнению авторов, специальным субъектом преступления является лицо, которое помимо общих признаков (вменяемое лицо, возраст) имеет и дополнительные признаки, установленные в диспозиции статей Особенной части Уголовной Кодекса, ответственность за совершение преступлений осуществляется, ограничивая возможность привлечения других лиц к уголовной ответственности, а субъектами таких преступлений являются только определенные лица, установленные УК РТ.

**Ключевые слова:** докторина, понятие, специальный субъект, преступление, дополнительные признаки, основные признаки, уголовное законодательство.

## DOCTRINE ON THE CONCEPT OF SPECIAL SUBJECT OF CRIME

This article discusses the doctor's question about the concept of a special subject of a crime. The authors, using legal literature, normative legal acts and the opinions of researchers, analyzed and considered the concept of a special subject of a crime as a doctorate. During the analysis of the problem, the authors came to the conclusion that the concept of a special subject of a crime is of great importance for practice and theory, plays an important role in the process of applying judicial justice and law enforcement, since many norms of the articles of the Special Part of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan provide for crimes involving a special subject. The author's research shows that in the theory and practice of criminal law there are no common and unified views on the concept of a special subject of a crime. The absence of a universally recognized concept of a special subject of a crime also indicates the presence of disagreements among scientists. Until now, none of the legal sources has recognized any of the proposed concepts as a complete and correct concept of a special subject of a crime. According to the author, a special subject of a crime is a person who, in addition to general features (a sane person, age), also has additional features established in the disposition of the articles of the Special Part of the Criminal Code, and responsibility for committing crimes is carried out, limiting the possibility of bringing other

persons to criminal liability, and the subjects of such crimes are only certain persons established by the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**Keywords:** doctorate, concept, special subject, crime, additional features, main features, criminal law.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Шарипов Тақдиршоҳ Шарифович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-40-86-00**. E-mail: **Takdirshoh@mail.ru**
***Сайдалиев Орзуҷон Илҳомович*** **–** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D курси 2. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Сведения об авторах:** ***Шарипов Такдиршох Шарифович*** **–** Национальный университет Таджикистана, доктор юридических наук, профессор кафедры уголовного права и противодействия коррупции юридического факультета. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 918-40-86-00.** E-mail: **Takdirshoh@mail.ru**
***Саидалиев Орзуджон Ильхомович*** **-** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинов Национальной академии наук Таджикистана, докторант (PhD) 2 курса. **Адрес:** 734025, г. Душанбе, Республика Таджикистан, пр. Рудаки, 33. Телефон: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

**Information about the authors:** ***Sharipov Takdirshoh Sharifovich*** **–** National University of Tajikistan, Doctor of Law, Professor of the Department of Criminal Law and Anti-Corruption of the Faculty of Law. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 17. Phone: **(+992) 918-40-86-00**. E-mail: **Takdirshoh@mail.ru**
***Saidaliyev Orzudzhon Ilhomovich*** **-** Institute of Philosophy, Political Science and Law. A Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, doctoral student (PhD) 2nd year. **Address:** 734025, Dushanbe, Republic of Tajikistan, Rudaki Ave., 33. Phone: **(+992) 907567777**. E-mail: **orzu-saidaliev97@mail.ru**

УДК: 327.1

# КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН НАМУДИ НАВИ АМАЛИ ТЕРРОРИСТӢ

*Давлатзода К.Д.*
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Марҳилаи муосири рушди ҷомеаи ҷаҳонӣ бо тараққиёти босуръати пешрафти илмӣ-техникӣ, ки соҳаи технологияи баландро дар бар мегирад, тавсиф меёбад. Дар хартияи Окинаваи ҷамъияти глобалии иттилоот қайд шудааст, ки «...технологияҳои иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ яке аз омилҳои муҳимтарине ба ҳисоб меравад, ки ба ташаккули ҷомеа дар асри XXI таъсир мерасонанд. Таъсири инқилобии онҳо ба тарзи зиндагӣ, таҳсил ва фаъолияти кории одамон, инчунин ба ҳамкории мутақобилаи байни давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дахл дорад». Ин бо он маънидод карда мешавад, ки дар тафовут аз ҷиноятҳои компютерӣ, ки дар киберфазо содир мешаванд ва тадқиқотчиён дар муносибат ба онҳо амалан ҳамфикр ҳастанд, ҳам дар арзёбии хатари ҷамъиятӣ ва ҳам дар муайян кардани ин ҷиноятҳо, оид ба масъалаи кибертерроризм ва ҷангҳои иттилоотӣ андешаҳои зиёде вуҷуд доранд. Ин фикру мулоҳизаҳо аз таърифи ин мушкилот, ҳамчун яке аз масъалаҳои «мубрам»-и соҳаи амнияти давлат ва ҷамъият [14], то баҳодиҳии хеле шубҳанок ба таҳдиди бевоситаи содиршавии чунин амалҳо тағйир меёбанд [6,с.189-191]. Мушкилоти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти террористӣ дар шароити ҳозира хеле тезутунд қарор гирифтааст, ки бо нақши махсуси иттилоот дар фаъолияти объектҳои энергетикӣ, нақлиётӣ, телекоммуникатсионӣ, муассисаҳои низоми молиявию бонкӣ ва ғайра алоқаманд аст.

Бо вуҷуди эътироф гардидани принсипи умумии инсондӯстӣ, танҳо дар давоми 70 соли баъди Ҷанги дуюми ҷаҳон 25-30 ҷанги миёна ва зиёда аз 400 ҷанги хурд ба вуқуъ омаданд. Онҳо дар муқоиса бо Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ, на камтар аз он кишварҳои зиёдеро фаро гирифтанд. Дар онҳо беш аз 40 миллион нафар кушта ва беш аз 30 миллион нафар гуреза шуданд.

Имрӯз мутахассисон шаклҳои зерини ҷангҳои навро ҷудо мекунанд:

1) ҷангҳои маҳаллӣ;
2) муноқишаҳои ҳарбӣ;
3) ҷангҳои иттилоотӣ;
4) ҷанги пешгиркунанда (ғасби пешгиркунанда ё таъсири қувва баҳри пешгирӣ);
5) ҷанги террористӣ (терроризм) [1,с.310].

Яке аз навъҳои муосири терроризм кибертерроризм ба ҳисоб меравад. Истилоҳи «кибертерроризм» миёнаи солҳои 1980-ум аз ҷониби ходими калони илмии Пажуҳишгоҳи амният ва истихбороти Амрико Барри Коллин ҷорӣ шудааст, ки ӯ амалҳои террористиро дар фазои маҷозӣ қайд кардааст. Худи истилоҳи «кибертерроризм» бо омезиши ду мафҳум: «кибер» («киберфазо») ва «терроризм» ташаккул ёфтааст [13]. Дар адабиётҳои илмӣ аксар вақт мафҳумҳои «фазои маҷозӣ» ва «ҷаҳони маҷозӣ» истифода мешаванд. Муайян кардани мафҳуми «кибертерроризм» кори хеле душвор аст, зеро муқаррар кардани сарҳади дақиқ барои фарқ кардани он аз ҷанги иттилоотӣ ва ҷиноятҳои иттилоотӣ осон нест. Мушкилии дигар дар он аст, ки бояд мушаххасоти маҳз ин шакли терроризмро ҷудо кард. Кибертерроризмро метавон ба истилоҳ ба навъҳои технологии терроризм мансуб кард.

Коршиноси маъруф Д. Деннинг кибертерроризмро ҳамчун «ҳамлаи ғайриқонунӣ ё таҳдиди ҳамла ба компютерҳо, шабакаҳо ва ё иттилооти дар онҳо мавҷудбуда, ки бо мақсади маҷбур кардани мақомоти давлатӣ барои мусоидат дар расидан ба ҳадафҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ анҷом дода мешавад», муайян мекунад [13]. В.А. Голубев кибертерроризмро ҳамчун ҳамлаи барқасдона ба иттилооте, ки тавассути компютер, низоми компютерӣ ё шабака коркард мешавад, мефаҳмад, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон хатар ё дигар оқибатҳои вазнин меорад, агар ин амалҳо бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ ё иғвои ҷанги ҳарбӣ содир шуда бошанд [3].

Е. Старостина бошад, таърифи зерини мафҳуми кибертерроризмро пешниҳод мекунад: «ин амали маҷмуӣ, ки дар ҳамлаи қасдан ва дорои ангезаҳои сиёсӣ ба иттилооте,

ки тавассути компютер ва низомҳои компютерӣ коркард мешавад ва хатар ба ҳаёт ё саломатии инсон эҷод мекунад ё боиси дигар оқибатҳои вазнин мегардад, агар ин гуна кирдорҳо бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсондани аҳолӣ, иғвои ҷанги ҳарбӣ содир карда шудаанд, ифода меёбад» [8,с.192].

Муҳаққиқон М.Ҷ. Девост, Б.Х. Хютон, Н.А. Поллард терроризми иттилоотиро (кибертерроризм бошад, як навъи он аст) чунин муқаррар менамоянд:

– алоқаманд намудани истифодаи ҷиноятии низоми иттилоотӣ тавассути қаллобӣ ё суиистифодаи зӯроварии ҷисмонии хосси терроризм;

– қасдан суиистифода аз низоми иттилоотии рақамӣ, шабакаҳо ё ҷузъҳои ин низомҳо ё шабакаҳо бо мақсадҳое, ки ба амалӣ намудани амалиётҳо ё актҳои террористӣ мусоидат мекунанд [10,с.165].

Кибертерроризм озод будани интернетро барои бадном кардани ҳукуматҳо ва давлатҳо, ҷойгир кардани сомонаҳои террористӣ, вайрон кардан ва нобуд кардани низомҳои калидӣ, тавассути ворид кардани маълумоти бардурӯғ ба онҳо ё ба таври доимӣ ғайрифаъол кардани ин низомҳо истифода мебарад, ки тарсу изтиробро ба вуҷуд меорад ва як навъ илова ба терроризми анъанавӣ ҳисобида мешавад [7,с.23-41].

Ба андешаи мо, ду намуди кибертерроризмро метавон ҷудо кард:

1. Содир намудани амалҳои террористӣ бо ёрии компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ.

2. Истифодаи киберфазо бо мақсадҳои гуруҳҳои террористӣ, вале на барои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ.

Навъи якуми кибертерроризмро метавон тавассути омезиши мафҳумҳои «киберфазо» ва «терроризм» таъриф дод. Ҳамин тариқ, кибертерроризм (содир намудани амалҳои террористӣ бо ёрии компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ) ҳамлаи барқасдона ба компютерҳо, барномаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ ё иттилооти коркардшудаи онҳо мебошад, ки хатари марги одамонро ба вуҷуд оварда, боиси зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои ба ҷамъият хатарнок мегардад. Ин кирдор бояд бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсондани аҳолӣ ва ё таъсир расондан ба қабули қарорҳое, ки ба давлату миллат басо муҳимад, содир карда шавад. Ба ин навъи терроризм метавон, инчунин таҳдиди содир намудани чунин амалҳоро барои ноил шудан ба ҳадафҳои дар боло зикршуда, мутааллиқ донист [4,с.29-33].

Дар мавриди навъи дуюми кибертерроризм бошад, масъалаи ба кибертерроризм тасниф намудани истифодаи фазои маҷозӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ барои амалӣ ва оммавӣ гардонидани фаъолияти худ, вале на барои бевосита анҷом додани ҳамлаҳои террористӣ, масъалаи баҳснок ба ҳисоб меравад. Дар ҳамин ҳол, сарфи назар аз он ки таърихи гурӯҳҳои террористӣ дар фазои маҷозӣ ба наздикӣ оғоз шуда буд, то соли 2000-ум тақрибан ҳамаи гурӯҳҳои террористӣ ҳузури худро дар интернет пайдо карданд. Дар соли 1998 аз 30 созмони террористӣ, ки ба феҳристи ташкилотҳои «террористии хориҷӣ» аз ҷониби ИМА дохил карда шудаанд, тақрибан нисфи онҳо вебсайтҳои интернетӣ доштанд. Ҳамин тариқ, якчанд усулҳое вуҷуд доранд, ки гурӯҳҳои террористӣ интернетро бо мақсадҳои худ истифода мебаранд:

1. Таъсиси сомонаҳо бо маълумоти муфассал дар бораи ҳаракатҳои террористӣ, ҳадаф ва вазифаҳои онҳо, нашр намудани маълумот дар ин сомонаҳо дар бораи вақт ва вохӯрии шахсоне, ки оид ба дастгирии террористон манфиатдоранд, дастур оид ба шаклҳои эътироз ва ғайра, яъне таъсиррасонии синергетикӣ (таъсиррасонии руҳӣ тавассути мошинаҳои ҳисоббарор-компютер бо мақсади якҷоя фаъолият намудан)* ба фаъолияти гурӯҳҳое, ки террористонро дастгирӣ мекунанд.

2. Гирифтани маблағ аз муассисаҳои молиявӣ, то ки онҳо аз амалҳои кибертеррористӣ канорагирӣ карда, эътибори худро аз даст надиҳанд.

3. Истифодаи интернет барои муроҷиат ба омма барои гузориш додан дар бораи амалҳои оянда ва аллакай банақшагирифташуда дар саҳифаҳои сомонаҳо, ё ирсоли чунин

* Ба ақидаи физики олмонӣ Герман Хакен, дар доираи «Синергетика» амали муштараки зерсохторҳои зиёде, ки дар натиҷаи онҳо дар сатҳи макроскопӣ сохтор ва фаъолияти мувофиқ ба вуҷуд меояд, омӯхта мешавад.

паёмҳо тавассути почтаи электронӣ, инчунин ба таври васеъ бо истифода аз интернет таблиғ намудани масъулияти террористон барои содир намудани амалҳои террористӣ.

4. Истифодаи интернет барои таъсири иттилоотӣ-равонӣ, аз ҷумла оғоз намудани «терроризми равонӣ». Бояд қайд намуд, ки бо ёрии интернет метавон тасаввури беасоси даҳшатнокро паҳн кард, гумроҳ намуд, ба вайроншавии чизе оварда расонид. Шабакаи умумиҷаҳонӣ - заминаи мусоидро барои паҳн кардани сару садоҳои гуногун, муҳайё месозад, ки созмонҳои террористӣ аз он истифода мекунанд.

5. Интиқоли пойгоҳҳои таълимии амалиётҳои террористӣ. Азбаски электронҳоро, дар тафовут аз одамон, «дар сарҳад боздоштан номумкин аст ва нишон додани шиносномаро маҷбур кардан намешавад», терроризм дигар бо қаламрави давлате, ки террористон пинҳон мешаванд, маҳдуд намешавад. Гузашта аз ин, пойгоҳҳои таълимии амалиётҳои террористӣ дигар, чун қоида, дар кишварҳое, ки ҳадафҳои террористон ҷойгиранд, ҷойгир нестанд.

6. Ба шабакаҳои террористӣ шомил намудани шариконии бехабар (нафароне, ки аз моҳияти аслии мақсадҳои ҷинояткорона огоҳ нестанд) – масалан, хакерҳо, ки намедонанд кирдорашон ба кадом ҳадафи ниҳоӣ оварда мерасонад. Илова бар ин, агар қаблан шабакаи террористонро одатан як сохтори серҷабҳа бо маркази пурқувват намояндагӣ мекард, ҳоло онҳо шабакаҳоеро ташкил медиҳанд, ки марказҳои фармондеҳии онҳоро муайян намудан ғайриимкон аст ва чунин имконияторо интернет фароҳам меорад.

Бо такя ба корҳои муҳаққиқони самти кибертерроризм, дар марҳилаи кунунии фаъолияти кибертерроризм дар кишварҳои Осиёи Миёна ҳамчун падидае, ки ба амнияти миллии давлат таҳдид мекунад, метавон тамоюли зерини рушди онро ошкор кард [5].

1. Афзоиши бемайлони хатари ҷамъиятии бавуҷудоварандаи он дар он ифода меёбад, ки сатҳи умумии зуҳуроти ифротгароӣ ва терроризм дар тамоми ҷаҳон пайваста меафзояд.

2. Васеъ кардани миқёси таъсир ба табақаҳои гуногуни иҷтимоӣ. Ин тамоюл дар истифодаи кибертеррористон аз шабакаҳо ва низомҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки тавассути онҳо таъсир ба оммаи васеи одамон (масалан, шабакаҳои иҷтимоӣ) ё тамоман набудани ягон назорати давлат сурат мегирад, инчунин дар паҳнкунии иттилооти зуд ва нисбатан арзон зоҳир мегардад.

3. Ба омили дарозмуддати раванди сиёсӣ табдил додани кибертерроризм. Ин бо мавҷуд набудани дар давоми даҳсолаи охир дар муқовимат ба он муваффақиятҳои калон, ташаккули заминаҳои нави паҳншавии минбаъдаи он (ҷаҳонишавӣ, пешрафти илмию техникӣ), дар як қатор кишварҳо тезутунд шудани марказҳои сершумори мубориза барои аз нав дида баромадани сарҳадҳои давлатӣ, зиддиятҳои динӣ, ғоявию сиёсӣ асоснок карда мешавад.

4. Баланд бардоштани сатҳи ташкили он, ки дар худ таъсиси инфрасохтори ҷойгиршудаи фаъолияти террористӣ дар интернет, ҳамоҳангсозии мавқеи идеологӣ ва сиёсӣ, табодули иттилоот, ҳамоҳангсозии амалҳо ва ҳамлаҳои ҷорӣ бидуни дахолати беруна аз ҷониби хадамоти махсус ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ғ. дар бар мегирад.

5. Афзоиши кирдорҳои ғайриинсонии кибертеррористон бо он асоснок карда мешавад, ки имрӯз онҳо имкони воқеии халалдор кардани фаъолияти муътадили иншооти муҳимми давлатиро (реакторҳои ҳастаӣ, лабораторияҳои биологӣ ва кимиёвӣ ва ғайра) доранд, ки метавонад шумораи барзиёди қурбониёнро ба вуҷуд орад [9,с.235].

6. Таҷҳизоти техникии кибертеррористон. Кибертерроризм ба навъҳои технологии терроризм тааллуқ дорад. Бар хилофи терроризми анъанавӣ, ин навъи терроризм дар амалҳои террористӣ дастовардҳои навтарини илму техникаро дар соҳаи технологияҳои компютерӣ ва иттилоотӣ, радиоэлектроникӣ истифода мебарад.

7. Сиёсатгардонии кибертерроризм, ки дар кӯшиши кибертеррористон барои таъсир расонидан ба қабули қарорҳои давлатӣ бо мақсади суст намудани фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, боздоштани ташаббусҳои қонунгузорӣ бо усулҳои зӯроварӣ (дуздӣ ё нобуд кардани иттилоот, найранг, таҳдид, расонидани зарар ба компютерҳо) ифода меёбад.

Дар маҷмуъ, ҳам кибертерроризм ва ҳам баъзе ҳолатҳои истифода аз киберфазо бо ҳадафҳои террористӣ (ба монанди таъсири равонӣ) як шакли падидаест, ки бо истилоҳи «ҷангҳои шабакавӣ» ишора шудааст. Онро аз шаклҳои дигар мавҷудияти ҳадаф фарқ мекунад - террористон амалҳои худро бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ,

тарсонидани аҳолӣ ё таъсир расонидан ба қабули қарорҳои мақомоти ҳокимият анҷом медиҳанд. Агар кирдор ҳадафҳои дигаре дошта бошад (масалан, зарар расонидан ба амнияти иқтисодӣ ва мудофиавии давлат, несту нобуд ё зарар расонидан ба молу мулк), пас ин амалҳо шаклҳои дигари ҷанги шабакавӣ – кибердиверсия (вайронкорие, ки бо истифода аз технологияи компютерӣ анҷом дода мешавад), несту нобуд кардани молу мулк ва ғ., ба ҳисоб меравад.

Аз гуфтаҳои боло 3 намуди кибертерроризмро ҷудо кардан мумкин аст

1. сода – сохторнашуда;
2. васеъ – таркибдошта;
3. комплексӣ – ҳамоҳангшуда.

• Сода – сохторнашуда. Дар ин шакли кибертерроризм аз барномаҳое, ки аз ҷониби дигарон сохта шудааст, истифода мебаранд. Ин намуди ҳамлаҳо соддатарин ҳисобида мешаванд, зеро талафот аз онҳо камтар аст.

• Васеъ – таркибдошта. Ҳамлаҳои мураккабтар зидди низомҳо ё шабакаҳои сершумор ва шояд, тағйир додан ё таҳияи воситаҳои асосии хакерӣ (шикаст) вуҷуд доранд. Илова бар ин, аъзоёни ин гуна гурӯҳҳо навкоронро таълим медиҳанд.

• Комплексӣ – ҳамоҳангшуда. Намуди душвортарини кибертерроризм, чунки дар ин сурат террористон қодиранд, ки низоми амниятии кишварро ба таври оммавӣ вайрон кунанд. Онҳо қобилияти эҷоди воситаҳои мураккаби хакериро доранд. Сохтори қатъӣ вуҷуд дорад, аксар вақт онҳо ташкилотҳое мебошанд, ки қодиранд амалҳои худро таҳлил кунанд, нақшаҳои ҳамаҷонибаи ҳамларо таҳия кунанд ва ғайра.

Лозим ба ёдоварист, ки тадқиқотчиён сабабҳои зерини пайдоиши кибертерроризмро муайян мекунанд: 1) сиёсӣ; 2) иҷтимоӣ; 3) иқтисодӣ [11,с.186-188].

**1. Сабабҳои сиёсӣ.** Ин сабабҳо ба берунӣ ва дохилӣ тақсим мешаванд. Ба сабабҳои беруна ҷаҳонишавӣ, амиқтар шудани тафовут миёни сатҳи некуаҳволии кишварҳои гуногун, сиёсати хашмгинона нисбат ба давлати дигар ва ишғоли он, афзоиши муқовимати ҷаҳонии рақамӣ ва тафовут дар сатҳи рушди иттилоотии кишварҳо, бархӯрди манфиатҳои сиёсии кишварҳои гуногун, дохил мешаванд. Ба сабабҳои дохилӣ ноустувории сиёсӣ ва тезутунд гаштани низоъҳои сиёсӣ дар дохили давлат, набудани механизмҳои ҳамкории мутақобилаи ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷониби табақаи ҳукмрон ҷорӣ намудани ислоҳоти иҷтимоию сиёсӣ ва дигар навгониҳои барои ин ҷомеа номақбул, норозигии шаҳрвандони кишвар нисбат ба фаъолияти ҳукуматҳои давлатҳои хориҷӣ; ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва воситаҳои ахбори омма ва ғ. дохил мешаванд.

**2. Сабабҳои иҷтимоӣ.** Тадқиқотчиён дар ин ҷо сабабҳои зеринро қайд мекунанд: афзоиши тафриқаи иҷтимоӣ дар ҷомеа, ба гурӯҳҳои дорои вазъи иқтисодиашон гуногун тақсим шудани он, ба таври намоён коҳиш ёфтани сифати зиндагии одамон, раванди сусти ташаккули табақаи миёнаи ҷомеа.

**3. Сабабҳои иқтисодӣ.** Тадқиқотчиён ба сабабҳои пайдоиши кибертерроризм буҳрони давомдори иқтисодӣ ва энергетикӣ, болоравии нархҳо, таваррум ва бекориро низ дохил мекунанд [12].

Дар асоси таҳлили адабиёти илмӣ, санадҳои байналмилалӣ ва қонунгузории як қатор кишварҳо имконият пайдо шуд, ки баъзе хусусиятҳои фарққунандаи кибертерроризмро ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ ҷудо кунем.

Аввалин хусусияти фарққунандаи кибертерроризм дар он аст, ки он хатари умумиеро ба вуҷуд меорад, ки дар натиҷаи таҳдид ё содир намудани кирдорҳои барои ҷамъият хатарнок ба вуҷуд меояд. Дар ин маврид хатар бояд воқеӣ бошад ва ба доираи номуайяни одамон таҳдид кунад.

Хусусияти дуюми фарққунандаи кибертерроризм дар он аст, ки амалҳои кибертерроризм бояд хусусияти оммавӣ дошта бошанд ва аз ҷониби ҷомеа ошкор шаванд. Дарвоқеъ имрӯз, кибертерроризм як шакли хушунатест, ки барои дарки омма пешбинӣ шудааст.

Хусусияти сеюми фарққунандаи кибертерроризмро муҳаққиқон ҳамчун барқасдона фароҳам овардани фазои шиддат, афсурдагӣ, тарс дар сатҳи иҷтимоӣ таъкид мекунанд, ки омили объективии муқарраргардидаи иҷтимоӣ-психологӣ ба ҳисоб меравад ва ба одамони

дигар таъсир расонида, онҳоро маҷбур месозад амалҳоеро ба манфиати кибертеррористон анҷом диҳанд ё шартҳои онҳоро қабул кунанд.

Хусусияти чоруми фарқкунандаи кибертерроризм аз он иборат аст, ки ҳангоми содир намудани кирдори кибертеррористӣ зӯроварии умумии хавфнок нисбати шахсони алоҳида ё созмонҳо бо мақсади таъсири равонӣ ва ё водор намудани дигарон ба рафтори муайяне истифода мешавад [2,с.76-78].

Аломати панҷуми кибертерроризм ин дур будан аз макони ҳамлаи мустақими террористӣ, ифшои шахсияти ҷинояткорон, паст будани хароҷоти моддӣ (чунки он силоҳ, маводи таркандаро талаб намекунад) ва инчунин, амалан ғайриимкон будани пешгӯйӣ ва пайгирии ҳамлаҳои кибертеррористӣ дар вақти ҳақиқӣ.

Дар асоси андешаҳои зикргардида, чунин хусусиятҳои кибертерроризмро метавон қайд кард:

1. Он аслиҳаи иттилоотӣ мебошад, зеро он низомҳо ва шабакаҳои компютерӣ, нармафзори махсус ва технологияҳои иттилоотиро истифода мебарад.

2. Кибертерроризм хусусияти байналмилалӣ дорад, чунки ҷинояткорон дар дигар давлат ва қурбониёни онҳо дар хориҷа қарор доранд.

3. Кибертерроризм бо ҳадафҳои гуногун содир мешавад.

4. ба кибертерроризм сатҳи баланди зоҳирнашавӣ ва сатҳи пасти ошкорнашавӣ хос аст.

5. Хароҷоти нисбатан хурди молиявиро талаб мекунад ва зарари бузурги моддӣ мерасонад. Ҳамин тавр бояд қайд кард, ки то имрӯз байни дараҷаи рушди инфрасохтори иттилоотӣ, компютеркунонии кишвар ва шумораи чунин ҳамлаҳои террористӣ, вобастагии мустақим вуҷуд дорад. Дар айни замон, мушкилоти кибертерроризм махсусан барои кишварҳое, ки дар истифодаи низомҳои алоқаи моҳвораӣ ва шабакаҳои ҷаҳонӣ пешсафанд, муҳим арзёбӣ мегардад.

Ба ақидаи коршиносон, кибертерроризм як таҳдиди ҷиддие барои башарият ба ҳисоб меравад, ки аз ҷиҳати самаранокӣ бо силоҳи қатли ом қиёс карда мешавад. Воқеан, дар ҷаҳон ягон давлате вуҷуд надорад, ки аз ҳамлаҳои кибертеррористон комилан ҳифз карда шавад.

Кибертерроризм ҳам ба шаҳрвандони алоҳида ва ҳам созмонҳои гуногун ва ҳатто ба давлатҳо метавонад зарар расонад. Дар натиҷаи омӯзиши маводҳои зарурӣ оид ба ин мавзуъ дар адабиёти таълимӣ, мақолаҳои илмӣ, инчунин муқаррароти қонунгузорӣ метавон мафҳуми «кибертерроризм»-ро муайян кард. Ҳамин тариқ, кибертерроризм таҷовузи қасдан ҷиноятӣ ба манбаи иттилоотӣ ё истифодаи ин манбаъ бо мақсади тарсонидани аҳолӣ, эҷоди муҳити хатарноке мебошад, ки боиси марги одамон, расонидани зарари калони молумулкӣ ё фарорасии дигар оқибатҳои вазнин бо роҳи таъсир расонидан ба қабули қарорҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ мегардад, ба ҳисоб меравад. Кибертерроризм - як намуди фаъолияти террористие мебошад, ки аз ҳамлаи ҳамаҷонибаи барқасдона ба иттилооти компютерӣ, аз ҷумла мусодира, ғайрифаъол гардонидан ва нобуд кардани объектҳо иборат буда, дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ хатари ҳолати фавқулодаро ба вуҷуд меорад, ки боиси зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок мегардад.

Чунин ҳамлаҳо бо мақсади вайрон кардани амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ, барангехтани низоъҳои ҳарбӣ, печидатар сохтани муносибатҳои байналмилалӣ, таъсир расонидан ба мақомоти ҳокимиятӣ ё ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба созмонҳои муайяни сиёсӣ, динӣ ва дигар ташкилотҳо сурат мегиранд. Тафовути хосси миёни кибертерроризм ва киберҷиноят ошкоро будани он аст, вақте ки талабҳои террорист ба таври васеъ интишор мешаванд.

Имрӯз кибертерроризм дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз хатарноктарин навъҳои ҷиноят ба шумор меравад. Ҳамлаҳои киберӣ метавонанд дар сатҳи маҳаллӣ, миллӣ ва ҳатто байналмилалӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Зеро ҳамлаҳои киберӣ нисбат ба ҷамъоварии маълумоти ғайрифаъол, ҳадафҳои ҷиддитарро дунбола карда метавонанд ва объектҳои кибертерроризм бошанд, метавонанд маълумоти молиявӣ ва махфӣ, таҷҳизоти идоракунии асбобҳои кайҳонӣ, неругоҳҳои атомӣ, комплексҳои ҳарбӣ ва ғайра бошанд.

Зери мафҳуми «кибертерроризм» одатан истисмори барқасдонаи шабакаҳои компютерӣ бо мақсади оғози ҳамла, фаҳмида мешавад. Чунин ҳамлаҳо маъмулан барои вайрон намудани кори дурусти ҳадафҳо, аз қабили низомҳои компютерӣ, серверҳо ё инфрасохтори асосии онҳоро ташкил мекарда, тавассути ҳамлаҳои хакерӣ, технологияҳои АРТ (таҳдиди рушдёфтаи устувор), вирусҳои компютерӣ, нармафзори зараровар, боркунӣ ва дигар воситаҳои дастрасии беиҷозат ё зараровар, анҷом дода мешаванд.

**Муқарриз: Назаров Аваз – д.и.ҳ., професссори ДМТ**

### АДАБИЁТ


1. Гибридные войны XXI века: материалы межвузовского круглого стола. – М.: ВУ, 2015. – 310 с.
2. Голубев В.А. Угроза кибертерроризма: факторы и противодействие / В.А. Голубев // Актуальные проблемы политики. – Одесса, 2004. – С. 76-86.
3. Голубев, В. А. Кибертерроризм как новая форма терроризма [Электронный ресурс]. URL: http://www.cnme-research.org. (дата обращения: 05.04.2022).
4. Дзлиев М. Общество и насилие: от традиционного терроризма к информационному / М. Дзлиев // Информационные ресурсы России. – 2002. – №1-2. – С. 29-33.
5. Панарин И.Н. Технология информационной войны [Электронный ресурс]. URL: https://www.labirint.ru/ (дата обращения: 10.12.2022).
6. Работы российских и зарубежных ученых: Шогенов Т.К., Гяургиев А.А. Угроза энергоинформационной безопасности как форма терроризма / Т.К. Шогенов, А.А. Гяургиев // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. XI межд. конф. – М., 2002. – С. 189-191.
7. Роговский Е.А. Кибербезопасность и кибертерроризм / Е.А. Роговский // США, Канада – экономика, политика, культура. – 2003. – №8. – С. 23-41;
8. Старостина Е.В. Защита от компьютерных преступлений и кибертерроризма. Вопросы и ответы / Е.В.Старостина, Д.Б. Фролов. – М.: Эксмо, 2005. – 192 с.
9. Тропина Т.Л. Киберпреступность: понятие, состояние, уголовно-правовые меры борьбы: дис. ... канд. юрид. наук / Т.Л.Тропина. – Владивосток, 2005. – 235 с.
10. Цит. по Томас Т.Л. Сдерживание ассиметричных террористических угроз, стоящих перед обществом в информационную эпоху / Т.Л. Томас // Мировое сообщество против глобализации преступности и терроризма. Материалы международной конференции. – М., 2002. – С. 165.
11. Щетилов А. Некоторые проблемы борьбы с киберпреступностью и кибертерроризмом / А. Щетилов // Информатизация и информационная безопасность правоохранительных органов. XI межд. конф. -М., 2002. - С.186-188.
12. [Электронный ресурс]. URL: http://w\v\v.crimc-research.ni/articles/Golubev0804/ (дата обращения: 02.11.2022).
13. Denning D. Activism, Hacktivism, and Cyberterrorism: The Internet as a Tool for Influencing Foreign Policy [Электронный ресурс]. – Режим доступа: URL: http://www.nautilus.org/info-policv/workshop/papers/denning.html (дата обращения: 01.10.2022).
14. Shinder D.L. Scene of the Cybercrime. Computer Forensics Handbook. – Rockland, 2003. – P. 33.


### КИБЕРТЕРРОРИЗМ ҲАМЧУН НАМУДИ НАВИ АМАЛИ ТЕРРОРИСТӢ


Бояд қайд намуд, ки дар шароити имрӯзаи ҷаҳон, ҷорӣ шудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, мутаассифона, боиси пайдо шудани навъҳои нави ҷиноятҳо, аз қабили ҷиноятҳои компютерӣ ва кибертерроризм – дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти компютерҳо, системаҳо ва шабакаҳои компютерӣ, дуздӣ ва азонихудкунӣ гардидааст. Кибертерроризм як шакли нави терроризм буда, террористон барои расидан ба ҳадафҳои ғаразноки худ аз компютерҳо ва шабакаҳои электронӣ, технологияҳои муосири иттилоотӣ истифода мекунанд. Дар мақолаи мазкур, намудҳои зерини кибертерроризм мавриди таҳлил қарор гирифтаанд: 1. содир намудани амалҳои террористӣ бо ёрии компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ; 2. истифодаи киберфазо бо мақсадҳои гурӯҳҳои террористӣ, вале на барои содир намудани ҳамлаҳои террористӣ. Асоснок шудааст, ки кибертерроризм (содир намудани амалҳои террористӣ бо ёрии компютерҳо ва шабакаҳои компютерӣ) ҳамлаи барқасдона ба компютерҳо, барномаҳои компютерӣ, шабакаҳои компютерӣ ё иттилооти коркардшудаи онҳо мебошад, ки хатари марги одамонро ба вуҷуд оварда, боиси зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои ба ҷамъият хатарнок мегардад.



**Калидвожаҳо:** киберҷиноят, кибертерроризм, амалҳои террористӣ, барномаҳои компютерӣ, технологияҳои иттилоотӣ, ҷангҳои иттилоотӣ низоми иттилоотии рақамӣ, киберфазо, интернет, амнияти ҷамъиятӣ.


### КИБЕРТЕРРОРИЗМ КАК НОВАЯ РАЗНОВИДНОСТЬ ТЕРРОРИСТИЧЕСКОГО АКТА


Следует отметить, что в современных мировых условиях внедрение современных информационных технологий, к сожалению, привело к возникновению новых видов преступлений, таких как компьютерные преступления и кибертерроризм – незаконное вмешательство в деятельность компьютеров, компьютерных систем и сетей, кража и присвоения. Кибертерроризм – новая форма терроризма, террористы используют компьютеры и электронные сети, современные информационные технологии для достижения своих злонамеренных целей. В данной статье анализируются следующие виды кибертерроризма: 1. совершение террористических актов с

помощью компьютеров и компьютерных сетей; 2. использование киберпространства в целях террористических групп, но не для совершения террористических атак. Обоснованно, что кибертерроризм (совершение террористических актов с использованием компютеров и компьютерных сетей) – это умышленное посягательство на компютеров, компютерные программы, компьютерные сети или их обрабатываемую информацию, создающее опасность гибели людей, причинение значительного имущественного ущерба или иные последствия опасными для общества.

**Ключевые слова:** киберпреступность, кибертерроризм, террористические акты, компьютерные программы, информационные технологии, информационная война, цифровая информационная система, киберпространство, интернет, общественная безопасность.

## CYBERTERRORISM AS A NEW VARIETY TERRORIST ACT

It should be noted that in the current world conditions, the introduction of modern information technologies, unfortunately, has led to the emergence of new types of crimes, such as computer crimes and cyberterrorism - illegal interference in the operation of computers, computer systems and networks, theft and misappropriation. Cyberterrorism is a new form of terrorism, terrorists use computers and electronic networks, modern information technologies to achieve their malicious goals. This article analyzes the following types of cyberterrorism: 1. committing terrorist acts using computers and computer networks; 2. use of cyberspace for the purposes of terrorist groups, but not for terrorist attacks. It is substantiated that cyberterrorism (committing terrorist acts using computers and computer networks) is a deliberate attack on computers, computer programs, computer networks or their processed information, creating a danger of death, causing significant property damage or other consequences dangerous to society.

**Keywords**: cybercrime, cyberterrorism, acts of terrorism, computer programs, information technologies, information warfare, digital information system, cyberspace, internet, public safety.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсенти кафедраи криминалистика ва экспертизаи судӣ, ёвари муовини аввали ректор, муовини ректор оид ба корҳои таълимӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Сведения об авторе:** ***Давлатзода Комрон Давлат*** - Таджикский национальный университет, кандидат юридических наук, доцент кафедры криминалистики и судебно-экспертной деятельности, памощник первый проректор, проректор по учебной работе. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

**Information about the author:** ***Davlatzoda Komron Davlat*** - Tajik National University, candidate of legal sciences, Associate Professor of the Department of Criminalistics and Forensic Science, Assistant First Vice-Rector, Vice-Rector for Academic Affairs. **Address**: 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue, 17. E-mail: **Komron231823@gail.com**

УДК 342.15(575.3)

# ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*Мазарифов М.К.*
**Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ**

Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ҷиноятҳое ба ҳисоб мераванд, ки ба муносибатҳои истеҳсолӣ, мубодилавӣ, тақсимотӣ, истеъмолӣ ва манфиатҳои давлат, ҷомеа, шахсони алоҳида таҷовуз менамоянд. Ба ҷамъият хавфнокии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар он ифода меёбад, ки дар натиҷаи чунин таҷовузҳо ба манфиатҳои иқтисодии давлат ва дигар субъектоне, ки ба фаъолияти иқтисодӣ алоқа доранд, мумкин аст зарари ҷиддӣ расонида шавад [3,с.229].

Мафҳуми ҷиноятҳои иқтисодӣ дар замони мавҷудияти Иттиҳоди Шуравӣ дар зери идеологияи сотсиалистӣ монда буд. Аслан, ба ин гурӯҳ ҷиноятҳое дохил мешуданд, ки бо роҳҳои гуногун моликияти сотсиалистиро тасарруф менамуданд. Як гурӯҳ аз олимон таҷовуз ба молу мулки шахсӣ бо мақсади бойшавии беасос, таҷовуз ба моликияти сотсиалистиро, ки бо суиистифода аз мақоми хизматӣ содир мегардид, низ дохил менамуданд. Ҳамин гуна ифода намудани ин масъала бо дарназардошти мақоми марказӣ доштани моликияти давлатӣ дар муносибатҳои истеҳсолии Иттиҳоди Шуравӣ қобили дастгирӣ буд.

Аммо, бо пош хӯрдани Давлати Шуравӣ ва гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ ва эътирофи гуногуншаклии моликият, на танҳо субъекти ин ҷиноятҳо, балки мазмуни муносибатҳое, ки ин кирдорҳо ба онҳо таъсир мерасонанд, тағйир ёфт.

Муҳит ва шароити нави ҷомеа бошад, талаб менамуд, ки як қатор меъёрҳои ҳуқуқӣ аз низоми қонунгузорӣ берун карда шуда, ба ҷойи онҳо меъёрҳои муносибатҳои нави ҷомеаро танзимкунанда муқаррар карда шавад. Гузариш ба иқтисоди бозорӣ, инкишофи фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии рақобати солим ва васеъ намудани муносибатҳои иқтисодӣ зарурияти объективии аз нав дида баромадани меъёрҳоро ба миён овард.

Дар натиҷаи гузаронидани ислоҳот дар қонунгузории ҷиноятӣ дар бахши ҷиноятҳои иқтисодӣ низ тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Пас аз қабули Кодекси ҷиноятии ҶТ аз 21 майи соли 1998 як қатор кирдорҳо бинобар сабаби аз байн рафтани хавфи ҷамъиятиашон аз шумули ҷиноятҳо хориҷ карда шуданд. Аз қабили, вайрон намудани қоидаҳои савдо, фаъолияти соҳибкории хусусӣ, миёнаравии тиҷоратӣ ва ғайраҳо. Дар баробари ин, бо назардошти ҳифзи муносибатҳои нави иқтисодӣ як зумра кирдорҳои нав, ба монанди соҳибкории ғайриқонунӣ, соҳибкории сохта, қонунигардонии даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, муфлисии бадқасдона ва ғайраҳо чун ҷиноят эътироф гардиданд.

Бояд зикр намуд, ки дар замони шуравӣ ҷиноятҳое, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ таҷовуз менамуданд, дар бобҳои гуногуни қонуни ҷиноятӣ ҷойгир буданд ва ҳамчун ҷиноятҳои хоҷагӣ ном бурда мешуданд. Вале дар Кодекси ҷиноятии нав ин гурӯҳи ҷиноятҳо дар як фасл (фасли 11 Кодекси ҷиноятии ҶТ) ҷамъоварӣ гардида, ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодиёт номида шудаанд.

Вобаста ба мафҳум ва моҳияти ҷиноятҳои иқтисодӣ олимон ақидаҳои гуногун доранд. Аз он ҷумла, Н.А. Лопашенко ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодиро чун кирдорҳое, ки субъект барои ба даст овардани манфиатҳои иқтисодӣ, ба мисли манфиатҳои ғаразнок ё барои расонидани зарар ба манфиатҳои давлат, ҷамъият, субъектони хоҷагидор ё шахсони алоҳида равона карда шудаанд, мефаҳмад. Аз мазмуни ин мафҳум фаҳмида мешавад, ки ба сифати аломати ин ҷиноятҳо манфиатҳои ғаразноки субъектони он баромад мекунад. Манфиатҳои ғаразнок, бошанд дар гурӯҳи ҷиноятҳои иқтисодӣ ба субъекти он имконият медиҳанд, ки арзишҳои моддии худро дар натиҷаи фаъолияти иқтисодӣ, масалан, бо гирифтани кредити боимтиёз ва барнагардонидани он зиёд намоянд [13,с.18].

Муҳаққиқи рус С.В. Максимов ҷиноятҳои иқтисодиро ҳамчун кирдори ба ҷамъият хавфноке, ки ба муносибатҳои истеҳсолӣ, истеъмолӣ, тақсимот ва мубодилаи неъматҳои моддӣ ва ғайримоддӣ таҷовуз мекунанд, тавсиф менамояд [10,с.491].

Дар адабиёти илмӣ оид ба объекти ҷиноятҳо дар соҳаи иқтисодӣ фикри ягона вуҷуд надорад. Ҳамчун объекти ин гуруҳи ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки дар фаъолияти иқтисодӣ ҳангоми истифода, мубодила, тақсимот ва истеъмоли маҳсулот ба миён меоянд, қайд менамояд, Б. В. Ятселенко [15,с.143]. Ба андешаи Б.В. Волженкин бошад, объекти ҷиноятҳои иқтисодӣ ин муносибатҳои ҷамъиятии аз тарафи давлат муҳофизатшавандае мебошад, ки асоси фаъолияти иқтисодиро дар ҷараёни инкишофи иқтисодиёти бозорӣ ташкил менамояд [1,с.53]. Олими дигари рус Б.М. Леонтев муносибатҳои ҷамъиятии таъминкунандаи манфиатҳои давлат ва субъектони алоҳидаро дар соҳаи фаъолияти иқисодӣ ба сифати объекти ҷиноятҳои иқтисодӣ пешниҳод менамояд [16,с.246].

Механизми ҳифз намудан аз таҷовузҳои ҷинояткорона ба муносибатҳои иқтисодӣ муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ мебошад [13,с.97]. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷинояҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ фасли алоҳида бахшида шуда, меъёрҳои он бевосита аз Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегиранд.

Дар Конститутсия меъёрҳои хусусияти ҳуқуқи ҷиноятӣ дошта мавқеи муҳим дошта, дар моддаҳои гуногун ҷойгир карда шудаанд. Ин меъёрҳо барои қонунҳо ва дигар санадҳои зерқонунии соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ ҳамчун сарчашма баромад менамоянд. Аз он ҷумла, дар асоси моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад [7].

Дар заминаи ин моддаи Конститутсия дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёрҳое муқаррар карда шудаанд, ки озодии фаъолияти иқтисодӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, моликият, манфиатҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ ва давлатро аз таҷовузҳои ҷинояткорона ҳифз менамоянд. Аз он ҷумла, моддаи 258 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ бахшида шудааст, ки мазмуни онро радди ғайриқонунии бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, радди ғайриқонунии додани иҷозат барои татбиқи фаъолияти муайян, ғайриқонунӣ маҳдуд сохтани ҳуқуқ ва манфиатҳои соҳибкорони инфиродӣ ё шахсони ҳуқуқии тиҷоратӣ, дахолати ғайриқонунӣ ба фаъолияти онҳо аз ҷониби шахси мансабдор бо истифодаи мақоми хизматӣ ташкил медиҳад [5]. Дар асоси меъёри зикргардида фаъолияти қонунии соҳибкорӣ ҳифз карда мешавад.

Давлат тавассути қонунгузорӣ ҳуқуқи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро кафолат додааст ва бахри амалисозии ин ҳуқуқ як зумра меъёрҳои дигарро муқаррар кардааст. Аз он ҷумла, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ” аз 26 июли соли 2014 қабул гардидааст, ки танзими муносибатҳои ҷамъиятии ба ҳимоя, дастгирии давлатӣ ва рушди соҳибкорӣ алоқамандро фаро мегирад. Мутобиқ ба қонуни зикршуда шахс ҳуқуқ дорад, ки ҳамаи намуди фаъолияти соҳибкорӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ намояд. Вале, ин меъёр маънои онро надорад, ки соҳибкорон ҳангоми ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ аз тарзу воситаҳои ғайриқонунӣ истифода баранд. Аз ин лиҳоз, шахсе, ки мехоҳад ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шавад, бояд бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ аз қайди давлатӣ гузарад. Баъдан метавонад ба намуди бақайдгирифташудаи фаъолият машғул шавад.

Барои бидуни бақайдгирии дахлдор ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул шудан дар моддаи 259 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст, ки он соҳибкории ғайриқонунӣ номида шудааст.

Соҳибкории ғайриқонунӣ барои гирифтани даромади беназорат имконият фароҳам оварда, манфиатҳои давлат, пеш аз ҳама манфиатҳои молиявии он ва инчунин тартиби муқарраргардидаи машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро халалдор менамояд [4,с.372].

Мувофиқи банди 5 қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 июни соли 2004, бидуни бақайдгирӣ ба амал баровардани фаъолияти соҳибкорӣ дар чунин ҳолатҳо ҷой дорад:

а) агар шахс бе ба даст овардани мақоми соҳибкор ба чунин фаъолият машғул шавад;

б) то қабул шудани қарор дар бораи бақайдгирии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ ба он машғул шавад;

в) гарчанде ки барои бақайдгирии давлатӣ раднома гирифтааст, аммо фаъолияти соҳибкориро оғоз намудааст [4,с.373].

Мавриди зикр аст, ки боби 26 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷиноятҳо ба муқобили моликият бахшида шуда, дуздӣ (моддаи 244 КҶ ҶТ), азонихудкунӣ ё исрофкорӣ (моддаи 245 КҶ ҶТ), қаллобӣ (моддаи 247 КҶ ҶТ), тамаъҷӯйӣ (моддаи 250 КҶ ҶТ), қасдан несту нобуд ё вайрон кардани амвол (моддаи 255 КҶ ҶТ) ва дигар ҷиноятҳоро дар бар мегирад. Тамоми меъёрҳое, ки дар ин боб пешбинӣ гардидааст, ҳуқуқ ба моликиятро ҳифз менамоянд.

Вобаста ба гурӯҳи дигари ҷиноятҳо, ба монанди саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахси ҳуқуқӣ, саркашии шахси воқеӣ аз пардохти андоз ва ғайраҳо, ки ба манфиати давлат таҷовуз менамоянд, муқаррароти ҷиноятӣ вуҷуд дорад.

Мувофиқ ба моддаи 45 Конститутсияи Тоҷикистон супоридани андоз ва пардохтҳое, ки қонун муқаррар кардааст, ҳатмӣ мебошад. Дар асос ва заминаи меъёри мазкур Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет" аз 28 июли соли 2006 ва Кодекси андоз аз 23 декабри соли 2021 қабул гардидааст, ки намудҳои пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, имтиёзҳо, объектҳои андозбандӣ, давраҳои андозбандӣ, меъёрҳои андозбандиро муқаррар менамояд.

Ҳамчунин, дар ҳолати саркашӣ намудани шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ аз супоридани андоз ва пардохтҳои муқаррargardida Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамояд. Аз он ҷумла, дар моддаи 292 Кодекси мазкур саркашӣ аз супоридани андоз ё пардохтҳо аз ҷониби шахси ҳуқуқӣ, ки қонун муқаррар намудааст, бо роҳи дидаю дониста ба асноди муҳосибавӣ ё декларатсияи андоз дохил намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷот ё бо роҳи дигар пинҳон доштани объектҳои андозбандишаванда, ки ба миқдори калон (агар ҳаҷми андоз ё пардохтҳои пардохтнашуда аз бист ҳазор нишондиҳанда барои ҳисобҳо бештар бошад) содир шудааст, ҷиноят эътироф карда шудааст [5].

Дар замони муосир, яъне иқтисоди бозорӣ, фаъолияти бонкӣ ҳамчун як намуди фаъолияти озоди иқтисодӣ хеле рушд намудааст. Дар фаъолияти молиявии давлат амалиёти бонкҳо ва дигар ташкилотҳои қарзӣ вобаста ба муомилоти воситаҳои пулӣ аҳамияти калон дорад [2,с.162]. Ҷиҳати танзими муносибатҳо дар соҳаи фаъолияти бонкӣ якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба монанди Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи фаъолияти бонкӣ" аз 19 майи соли 2009 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Бонки миллии Тоҷикистон" аз 28 июни соли 2011 қабул гардидааст. Ин қонунҳо асосҳои ҳуқуқию ташкилии фаъолияти бонкиро муқаррар намуда, барои фароҳам овардани шароити мусоид ба ин намуди фаъолият нигаронида шудаанд.

Дар илми ҳуқуқшиносӣ дар баробари мафҳуми фаъолияти бонкӣ истилоҳи низоми бонкӣ низ вуҷуд дорад. Ба андешаи П.З. Мирзоев, низоми бонкӣ ин низоми ташкилотҳои махсусгардонидашудаи дар қонун аниқ муайяншудае мебошад, ки дар соҳаи молия ва муносибатҳои пулию қарзӣ фаъолият намуда, барои иҷрои фаъолияти бонкӣ ваколати махсус доранд. Низоми бонкӣ аз бонки марказӣ, бонкҳои тиҷоратӣ ва филиалҳои онҳо, филиалҳо ва намояндагиҳои бонкҳои хориҷӣ, ташкилотҳои молиявии ғайрибонкӣ иборат мебошад [12,с.19].

Тибқи муқаррароти қонунгузорӣ фаъолияти бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси иҷозатнома барои анҷом додани ин намуди фаъолият амалӣ карда мешавад. Чунин иҷозатнома аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ба ташкилотҳои қарзӣ дар шакли хаттӣ, бемуҳлат ва бе ҳуқуқи ба шахси дигар вогузор кардани он дода мешавад [10].

Дар асоси моддаи 263 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҳамчун ҷиноят эътироф гардида, яке аз аломатҳои тарафи объективии он ба амал баровардани фаъолияти бонкӣ бидуни иҷозати махсус мебошад. Дар ҳолате ки гирифтани чунин иҷозат ҳатмӣ бошад. Ҳадафи асосии ин муқаррароти

меъёрӣ таъмин намудани мустаҳкамӣ ва боэътимодии низоми бонкӣ ба ҳисоб меравад [6,с.214].

Муносибатҳо вобаста ба фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бозорҳои мол низ тавассути қонунгузорӣ танзими худро ёфтааст. Аз 28 июли соли 2006 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи рақобат ва маҳдудкунии фаъолияти инҳисорӣ дар бозорҳои мол” қабул гардидааст, ки асосҳои ташкилию ҳуқуқии маҳдудкунӣ ва қатъ кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона муқаррар карда, барои барпо намудан ва самарабахш амал кардани бозорҳои мол шароит муҳайё менамояд. Ин қонуни болозикр баҳри пешгирӣ, маҳдудкунӣ ва қатъ намудани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати бевиҷдонона, мусоидат ба ташаккули муносибатҳои бозоргонӣ дар асоси рушди рақобат ва соҳибкорӣ, назорати давлатӣ дар ин соҳа равона гардидааст.

Дар зери мафҳуми ҷиноятҳо ба муқобили тартиби қонунии фаъолияти рақобатӣ, инҳисорӣ ва муфлисшавӣ – кирдор (ҳаракат ё беҳаракатӣ)-и ба ҷамъият хавфноки бо қонуни ҷиноятӣ пешбинишудае фаҳмида мешавад, ки қасдан содир шуда, ба тартиби қонунии фаъолияти рақобатӣ, инҳисорӣ ва муфлисшавӣ таҷовуз менамояд. Ба сифати объекти ин гурӯҳи ҷиноятҳо муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи рақобат, фаъолияти инҳисорӣ ва муфлисшавӣ баромад мекунанд [13,с.97].

Ҷиҳати таъмини ҳифзи ин муносибатҳо дар моддаи 273 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Мувофиқи моддаи мазкур кирдори инҳисорӣ (монополистӣ), ки бо роҳи муқаррар намудани нархҳои баланди инҳисорӣ ё нархҳои пасти инҳисорӣ содир шудааст, инчунин маҳдуд кардани рақобат бо роҳи тақсим кардани бозор, маҳдуд кардани дохилшавӣ ба бозор, аз он танг карда баровардани дигар субъектҳои фаъолияти иқтисодӣ, муқаррар намудан ё нигоҳ доштани нархи ягона ҷиноят эътироф гардидааст [5].

Дар замони муосир яке аз соҳаҳои нави муносибатҳои иқтисодӣ ин муносибатҳои рекламавӣ мебошад. Мафҳуми реклама ҳамчун як намуди иттилоот оид ба шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, мол ва хизматрасониҳо фаҳмида мешавад, ки ба доираи васеи шахсон пешбинӣ мегардад ва барои фурӯхтани молу хизматрасониҳо мусоидат менамояд. Муносибатҳои рекламавӣ бошанд, як намуди муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки дар ҷараёни пешниҳод, таҳиясозӣ ва паҳнкунии реклама пайдо мешаванд. Мувофиқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” аз 1 августи соли 2003 иштирокчиёни муносибатҳои рекламавӣ рекламадиҳанда, истеҳсолкунандаи реклама, паҳнкунандаи реклама ва истифодабарандагони реклама мебошанд.

Бояд зикр намуд, ки Қонуни мазкур ҳамзамон муносибатҳои рекламавиро аз рақобати бевиҷдонона ҳифз менамояд ва рекламаи номуносибе, ки метавонад истифодабарандагонро ба иштибоҳ андозад ё ба саломатии онҳо, молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонад, ба манфиатҳои ҷамъиятӣ, принсипҳои башардӯстӣ ва ахлоқӣ таҳдид кунад, пешгирӣ ва манъ менамояд [9].

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дидаву дониста додани рекламаи бардурӯғ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ кардааст. Мувофиқи моддаи 276 ин Кодекс, аз ҷониби рекламадиҳандагон, таҳиякунандагон ё фурӯшандагони онҳо дидаю дониста додани маълумоти бардурӯғ оид ба мол, кор ё хизматрасонӣ бо нияти ғаразнок чун ҷиноят эътироф карда шудааст.

Аз таҳлили мавзуи мазкур чунин хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки қонунгузор қариб ҳамаи паҳлуҳои муносибатҳои иқтисодиро мавриди танзим қарор дода, механизми ҳифз намудан аз таҷовузҳои ҷиноятиро низ муқаррар намудааст. Дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сар карда аз Конститутсия ва дигар қонунҳову санадҳои зерқонунӣ меъёрҳои ҳам кафолатдиҳанда ва ҳам ҳифзкунандаи фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, ҳифзи манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат ба назар мерасад.

Дар байни онҳо Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи муҳим дорад, зеро яке аз механизмҳои ҳифзи фаъолияти иқтисодӣ дар замони муосир муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб меравад. Дар он кирдорҳои муайяне, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ таҷовуз меоваранд, ҳамчун ҷиноят муқаррар гардида, барои онҳо ҷавобгарии ҷиноятӣ муқаррар карда шудааст. Аз он ҷумла, ҷиноятҳо ба муқобили моликият,

фаъолияти соҳибкорӣ, фаъолияти молиявии давлат, манфиатҳои шахсони ҳуқуқӣ, муносибатҳои андоз, гумрук ва ғайраҳо.

Дар маҷмуъ, қонунгузории ҷиноятӣ тавонистааст, ки то андозаи лозимӣ муносибатҳои иқтисодиро ҳифз намояд. Аммо бо рушд ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, ки қисмати муҳимми иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад, зарурати танзими муносибатҳои нави иқтисодӣ ба миён меояд.

Мавриди зикр аст, ки имрӯзҳо иқтисодиёт аз тарзи муқаррарӣ ба иқтисодиёти рақамӣ гузашта истодааст. Дар иқтисодиёти рақамӣ истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ ва рақамӣ пешбинӣ карда мешавад, ки дорои хусусиятҳои ба худ хос мебошад.

Дар ин замина бояд механизми нави ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ муқаррар карда шавад. Зеро бо механизми анъанавӣ ҳифз намудани муносибатҳои иқтисодии рақамӣ мушкил ва дар баъзе ҳолатҳо номумкин мегардад.

Дигар паҳлуи масъала ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ мебошад, ки бояд бештар хусусияти ғайримаҳрумсозӣ аз озодиро дошта бошад. Зеро бо маҳрум намудани субъект ба ҷомеа ва давлат фоидае намерасад. Мо бо ин гуна амал танҳо фаъолияти ӯро маҳв ва сатҳи иқтисодиёти кишварро паст менамоем. Баръакс, агар мо он шахсро ба андозаи муайян ҷаримабандӣ намуда, ба ӯ имконияти дар доираи қонун идома додани фаъолияташро диҳем, фаъолияти иқтисодии ӯ, ки қисми иқтисодиёти кишвар мебошад, рушд хоҳад намуд.

Ҳамин тавр, ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии муносибатҳои иқтисодӣ имкон фароҳам меоварад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва моликияти хусусӣ рушд намуда, кишвар ба нишондиҳандаҳои хуби макроиқтисодӣ ноил гардад.

**Муқарриз: Холиқов Ш. – н.и.и., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Волжекин Б.В. Экономические преступления / Б.В. Волжекин. - С-Пб, 1999. -342 с.
2. Ғаюров Ш.К. Ҳуқуқи молиявии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ / Ш.К. Ғаюров. -Душанбе, 2005. -216 с.
3. Ғоибов Р. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (қисми махсус). Дастури таълимӣ / Р. Ғоибов. - Хуҷанд, 2009. -336 с.
4. Исмоилов Ш.М. Ҳуқуқи иқтисодӣ / Ш.М.Исмоилов, Ф.М.Нодиров. - Душанбе, 2010. -466 с.
5. Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 21.12.2022).
6. Коллективи муаллифон. Тафсир ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе, 2005. -365 с.
7. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 20.12.2022).
8. Криминология: Учебник. Под ред. В.Н. Кудрявцева и В.Е. Эминова. -М., 2009. -502 с.
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи реклама” аз 1 августи соли 2003 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 21.12.2022).
10. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти бонкӣ” аз 19 майи соли 2009 [Манбаи электронӣ]. URL: http://mmk.tj/content/#collapse-266 (санаи муроҷиат: 22.12.2022).
11. Лопашенко Н.А. Преступления в сфере экономической деятельности: понятие, система, проблемы квалификации и наказания: автореф. дисс. … докт. юрид. наук / Н.А. Лопашенко. - Саратов, 1997. -345 с.
12. Мирзоев П.З. Ҳуқуқи бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон: васоити таълимӣ (маҷмуи лексия ва масъалаҳои амалӣ) / П.З. Мирзоев. – Душанбе, 2014. -142 с.
13. Сафаров А.И. Ҷиноятҳои иқтисодӣ / А.И.Сафаров, Ш.Н.Саидов, Н.А. Қудратов. - Душанбе, 2015. -176 с.
14. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат / Р.Ш. Сотиволдиев. -Душанбе, 2003. -552 с.
15. Уголовное право России. Особенная часть. Учебник. Под ред. А.И. Рарога. Москва, 1996. -452 с.
16. Уголовное право РФ. Особенная часть. Под ред. В.С. Комиссарова. Москва, 1997. 587 с.


**ҲИФЗИ ҲУҚУҚӢ-ҶИНОЯТИИ ФАЪОЛИЯТИ ИҚТИСОДӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**


Ҳуқуқ ва иқтисодиёт алоқамандии бевосита дошта, фаъолияти муътадили иқтисодиётро бидуни ҳуқуқ тасаввур намудан номумкин мебошад. Нақши ҳуқуқ дар танзим ва ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ хело бузург мебошад. Бахусус, ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии фаъолияти иқтисодӣ имконият медиҳад, ки иқтисодиёт ба таври зарурӣ рушду такомул дошта бошад. Ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳамчун як гурӯҳи калони ҷиноятҳо ба ҳисоб рафта, омӯзиши ҷиддиро талаб менамоянд. Гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ, инкишофи намудҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ, дастгирии рақобати солим, рушди бемайлони истеҳсолот, васеъ гаштани фазои сармоягузорӣ, ривоҷ ёфтани муносибатҳои иқтисодии ҷаҳонӣ зарурияти таҳлили паҳлуҳои гуногуни ин масъаларо пеш овардааст. Танзими муносибатҳои иқтисодӣ яке аз самтҳои муҳимми сиёсати ҳар як давлат ба ҳисоб рафта, бо роҳҳои гуногун ба амал бароварда мешавад. Яке аз воситаҳои ҳифзи муносибатҳои иқтисодӣ кафолат дар қонунгузорӣ мебошад. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз Конститутсияи

Ҷумҳурии Тоҷикистон сарчашма мегирад, фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад ва ҳамчун механизми ҳифз намудан ҷавобгарии ҷиноятиро барои таҷовузҳои ҷинояткорона ба муносибатҳои иқтисодӣ муқаррар намудааст. Хавфнокии ҷамъиятии ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар он ифода мегардад, ки дар натиҷаи чунин таҷовузҳо ба манфиатҳои иқтисодии давлат ва дигар субъектони фаъолияти иқтисодӣ зарар мерасад. Дар баробари ин, меъёрҳои ҷиноятие, ки ҷавобгариро барои ҷиноятҳои мазкур пешбинӣ менамоянд, муносибатҳои ҷамъиятии ба фаъолияти иқтисодӣ алоқамандро ҳимоя менамоянд. Дар мақолаи мазкур табиати ҳуқуқии ҷиноятҳои иқтисодӣ, асосҳои ҳуқуқии мубориза бар зидди ин гурӯҳи ҷиноятҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

**Калидвожаҳо:** ҷиноятҳои иқтисодӣ, муносибатҳои иқтисодӣ, ҷавобгарии ҷиноятӣ, фаъолияти озоди иқтисодӣ, иқтисоди бозорӣ, моликияти хусусӣ, соҳибкорӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, сиёсати иқтисодӣ, рақобати солим, рушди истеҳсолот, танзими иқтисодиёт, иқтисодиёти рақамӣ, реклама.

## УГОЛОВНО-ПРАВОВАЯ ЗАЩИТА ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ДЕЯТЕЛЬНОСТИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

Право и экономика напрямую связаны, невозможно представить нормальное функционирование экономики без права. Роль права в регулировании и защите экономических отношений очень велика. В частности, уголовно-правовая защита экономической деятельности позволяет экономике развиваться и совершенствоваться по мере необходимости. Экономические преступления рассматриваются как большая группа преступлений и требуют серьезного изучения. Переход к рыночной экономике, развитие различных видов предпринимательской деятельности, поддержка здоровой конкуренции, неуклонное развитие производства, расширение инвестиционного пространства, развитие мирохозяйственных связей обусловили необходимость анализа различных сторон экономической деятельности. Регулирование экономических отношений считается одним из важных направлений политики каждого государства и осуществляется по-разному. Одним из средств защиты экономических отношений является гарантия в законодательстве. Законодательство Республики Таджикистан, восходящее к Конституции Республики Таджикистан, гарантирует свободу экономической деятельности, предпринимательства, равноправие и правовую защиту всех форм собственности, в том числе частной собственности, устанавливает уголовную ответственность за преступные посягательства на экономическую отношения как механизм защиты. Общественная опасность преступлений в сфере экономической деятельности выражается в том, что в результате таких агрессий наносится ущерб экономическим интересам государства и других субъектов экономической деятельности. В то же время уголовные нормы, предусматривающие ответственность за указанные преступления, защищают общественные отношения, связанные с экономической деятельностью. В данной статье рассматривается правовая природа экономических преступлений, правовые основы борьбы с данной группой преступлений.

**Ключевые слова:** экономические преступления, экономические отношения, уголовная ответственность, свободная экономическая деятельность, рыночная экономика, частная собственность, предпринимательство, правовая защита, экономическая политика, здоровая конкуренция, развитие производства, регулирование экономики, цифровая экономика, реклама.

## CRIMINAL LEGAL PROTECTION OF ECONOMIC ACTIVITIES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Law and economics are directly related, it is impossible to imagine the normal functioning of the economy without law. The role of law in regulating and protecting economic relations is very important. In particular, the criminal law protection of economic activity allows the economy to develop and improve as needed. Economic crimes are considered as a large group of crimes and require serious study. The transition to a market economy, the development of various types of entrepreneurial activity, the support of healthy competition, the steady development of production, the expansion of investment space, the development of world economic relations have necessitated the analysis of various aspects of economic activity. The regulation of economic relations is considered one of the important directions of the policy of each state and is carried out in different ways. One of the means of protecting economic relations is a guarantee in the legislation. The legislation of the Republic of Tajikistan, which goes back to the Constitution of the Republic of Tajikistan, guarantees freedom of economic activity, entrepreneurship, equality and legal protection of all forms of ownership, including private property, establishes criminal liability for criminal encroachments on economic relations as a protection mechanism. The social danger of crimes in the sphere of economic activity is expressed in the fact that as a result of such aggression, damage is done to the economic interests of the state and other economic entities. At the same time, criminal norms providing for liability for these crimes protect social relations related to economic activity. This article discusses the legal nature of economic crimes, the legal basis for combating this group of crimes.

**Keywords:** economic crimes, economic relations, criminal liability, free economic activity, market economy, private property, entrepreneurship, legal protection, economic policy, healthy competition, production development, economic regulation, digital economy, advertising.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Мазарифов Манучеҳр Каримҷонович* -** Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи А.Рӯдакӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, саромӯзгори кафедраи ҳуқуқ ва муносибатҳои байналмилалӣ. **Суроға**: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров, 16. Телефон: (**+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

**Сведения об авторе:** ***Мазарифов Манучехр Каримджонович*** **-** Кулябский государственный университет имени А.Рудаки**,** кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры права и международных отношений. **Адрес:** 735360, Республика Таджикистан, г. Куляб, улица С. Сафарова, 16. Телефон: (**+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

**Information about the author:** ***Mazarifov Manuchehr Karimdzhonovich*** **-** Kulyab State University named after A. Rudaki, Candidate of Law, Senior Lecturer of the Department of Law and International Relations. **Address:** 735360, Republic of Tajikistan, Kulyab, S. Safarov street 16. Phone: **(+992) 88 321 2222.** E-mail: **985404848m@gmail.com, info@kgu.tj**

УДК: 347

# ХУСУСИЯТҲОИ МУРОФИАВИИ АМАЛҲОИ МАРБУТ БА ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

*Раҳматуллоева Р.Р.*
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон**

Аз мавқеи илми назарияи давлат ва ҳуқуқ мавҷуд будани меъёрҳо ва қоидаҳои умумӣ дар ин ё он соҳаи қонунгузорӣ яке аз асосҳои мураттабсозии он маҳсуб меёбад. Ҳамзамон, бояд ба инобат гирифт, ки истеҳсолоти иҷро, намуди муносибатҳои хуқуқии омма мебошад, ки танзими ҳамаҷониба ва дақиқро тақозо менамоянд.

Низоми қонунгузории истеҳсолоти иҷро дар тақсимбандии меъёр ва қоидаҳои умумӣ ва махсуси он зоҳир мегардад. Меъёрҳо ва қоидаҳои умумии қонунгузории истеҳсолоти иҷро муносибатҳои ҷамъиятиеро танзим мекунанд, ки ҳангоми амалӣ намудани ҳамаи чораҳои иҷрои маҷбурӣ ба вуҷуд меоянд. Аз ҷониби дигар, меъёр ва қоидаҳои махсуси ҳуқуқии қонунгузории истеҳсолоти иҷро тартиби анҷом додани амалҳои ҷудогонаи маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷроро танзим менамоянд.

Косолапов А.В. чунин қайд мекунад, ки андешидани чораҳои ҷудогонаи маҷбурии ҳуҷҷатҳои иҷро оиди нигаронидани ситониш ба воситаҳои пулии қарздор бо роҳи ситониши маблағҳои пулии нақдӣ, амалӣ карда мешавад. Ситониши маблағҳои пулии нақди қарздор бо роҳи тартиб додани санад оид ба ситониш бо иштироки на камтар аз ду нафар шахси холис амалӣ карда мешавад [12,с.14]. Агар қарздор маблағҳои пулии бо асъори миллӣ, ки барои қонеъгардонидани талаботи ситонанда кифояро надошта бошад, ситониш ба воситаҳои пулии бо асъори хориҷӣ доштаи қарздор нигаронида мешавад. Ҳангоми ошкор кардан ва аз қарздор ситониши маблағҳои пулӣ бо асъори хориҷӣ иҷрочии мақомоти иҷро бояд на дертар аз рӯзи дигар пас аз ситонидан бо қарори худ онро барои мубодила ба асъори миллӣ ба бонк ё дигар ташкилоти кредитие, ки ҳуқуқи амалӣ намудани чунин амалро дар бозори дохилии асъории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорад, диҳад.

Треушникова М. К., чунин иброз медорад, ки ҳабси молу мулки қарздор, ки дар ихтиёри ситонанда ё шахси сеюм қарор дорад ва ӯ розӣ ҳаст, ки ин молу мулкро диҳад [2,с.361], мувофиқи талаботи қисмҳои 10 ва 11 моддаи 46 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” ба амал бароварда мешавад.

Ҳангоми иҷрои ҳуҷҷатҳои иҷро нисбати молу мулке, ки қонунгузорӣ ба чунин молу мулк ситонишро манъ кардааст, ситониш нигаронида намешавад.

Ҳабси молу мулки қарздор аз ба рӯйхат гирифтани молу мулк, эълони манъи ихтиёрдории он ва ҳангоми зарурат аз маҳдуд кардани ҳуқуқи истифодаи молу мулк, кашида гирифтан ва ё барои нигаҳдорӣ супоридани он иборат мебошад. Намуд, ҳаҷм ва муҳлати маҳдуд карданро дар ҳар як ҳолати мушаххас иҷрочии мақомоти иҷро бо дарназардошти хусусияти молу мулк, аҳамияти он барои соҳибмулк ё шахсе, ки онро соҳибӣ менамояд, истифодаи хоҷагӣ, маишӣ ва дигар омилҳо муайян мекунад. Вайрон намудани манъи иҷрочии мақомоти иҷро ҷиҳати ихтиёрдорӣ, ё ин ки риоя накардани маҳдудияти ҳуқуқи истифодабарии молу мулки қарздор, ки ба он ҳабс гузошта шудааст, боиси ҷавобгарии пешбининамудаи қонун мегардад [1,с.401].

Барои таъмини муҳофизати молу мулки қарздор, ки бояд минбаъд ба ситонанда супорида, ё ин ки дар оянда фурӯхта шавад, ҳангоми иҷрои санади судӣ оид ба ситонидани молу мулки қарздор, инчунин ҳангоми иҷрои таъиноти суд оид ба нигаронидани ҳабс ба молу мулки қарздор, ки ба ӯ тааллуқ дорад ё дар ихтиёри ӯ ва шахсони дигар қарор дорад, ҳабси молу мулки қарздор татбиқ карда мешавад. Ба ақидаи Раҳимова М. З., ситонидани молу мулки ҳабсшуда бо супоридани он ҷиҳати фурӯхтан дар оянда дар муҳлати муқаррар намудаи моддаи 12 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро” ба амал бароварда мешавад [16,с.545].

Молу мулки зуд вайроншаванда ё хӯрдашаванда кашида гирифта шуда, фавран барои фурӯш супорида мешавад. Маблағҳои пулӣ бо асъори миллӣ ва асъори хориҷӣ, металлҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, ҷавоҳирот ва дигар маснуоти аз тилло, нуқра, платина ва металлҳои гурӯҳи платина, сангҳои қиматбаҳо ва марворид, инчунин

шикастапора ва қисмҳои алоҳидаи чунин маснуоти ҳангоми барӯйхатгирии молу мулки қарздор ошкор кардашуда, ки ба он ҳабс гузошта шудааст, ҳатман кашида гирифта мешаванд. Ба қоғазҳои қиматнок мувофиқи тартиби муқараргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳабс гузошта мешавад. Бо ҳабс гузоштан ба молу мулки қарздор ситонанда ҳуқуқи гаравро ба молу мулки баҳабсгузоштташуда ба даст меорад. Ҳуқуқи гарав, ки аз молу мулки пештар ҳабсгузоштташуда бармеояд, дар муқоиса бо ҳуқуқе, ки аз гарави баъдтар бармеояд, бартарият дорад. Ҳуқуқи гарав, ки аз ҳабс гузоштан ба молу мулки қарздор бармеояд, ба ситонанда ҳамон ҳуқуқҳоро дар муносибат ба дигар ситонандагон медиҳад, чунонки гарав дар асоси шартномаи гражданӣ оид ба гарав баста мешавад

Нисбат ба масъалаи ҳабс гузоштан Яркова В.В., қайд кардааст, ки ба молу мулки манқул, ки дар соҳибияти воқеии қарздор қарор дорад, ба гузаштани ин молу мулк ба соҳибияти иҷрочии мақомоти иҷро боис мегардад [3,с.251]. Иҷрочии мақомоти иҷро рӯйхат тартиб медиҳад ва вобаста ба миқдори ситониш тамоми молу мулк ё қисми онро ҳабс намуда, дар ин бора ба мақомоти дахлдори давлатии бақайдгирии молу мулки ғайриманқул, гарави молу мулк ва нотариати давлатӣ қарор оид ба манъи амалҳои бо молу мулки ҳабсшуда алоқамандро ирсол менамояд. Дар бораи гузоштани ҳабс ба молу мулки ба гарав гузоштташуда иҷрочии мақомоти иҷро гаравгирро фавран хабардор менамояд.

Иҷрочии мақомоти иҷро рӯйхати молу мулки қарздорро ба миқдоре, ки ҷиҳати пардохтани маблағи ба фоидаи ситонанда муқарраршуда ва хароҷоти иҷро зарур аст, тартиб медиҳад. Иҷрочии мақомоти иҷро метавонад ба молу мулки ба рӯйхат гирифташуда мухр гузорад. Барӯйхатгирии молу мулки қарздор бо иштироки қарздор ва шахсони холис ба амал бароварда мешавад. Дар ҳолати набудани қарздор, барӯйхатгирӣ бо иштироки яке аз аъзои болиғи оилаи ӯ, шахсони мансабдори шахси ҳуқуқӣ, дар сурати набудани ин шахсон бо иштироки шахсони холис тартиб дода мешавад. Дар вақти барӯйхатгирӣ қарздор ҳуқуқ дорад ба иҷрочии мақомоти иҷро оиди дар навбати аввал ба кадом молу мулк нигаронидани ситониш арз намояд. Ичрочии мақомоти иҷро ба шарте чунин арзро қонеъ мегардонад, ки ин ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро монеъ нашавад. Иҷрочии мақомоти иҷро қарор дар бораи ҳабси молу мулкро қабул намуда, нусхаи онро ба тарафҳо месупорад. Дар қарор оид ба ҳабси молу мулк бояд маълумоти зерин зикр карда шавад: сана ва маҳалли тартиб додани қарор; ном, номи падар ва насаби иҷрочии мақомоти иҷро; номи суд ё мақомоти дигаре, ки ҳуҷҷати иҷрои он ба ичро расонида мешавад; ном, номи падар ва насаби ситонанда ва қарздор; номи ҳар як молу мулки ба қарор дохилкарда шуда, нишонаҳои фарққунандаи он (вазн, андоза, дараҷаи дошти он ва ҳоказо), баҳои тахминии ҳар як молу мулк дар алоҳидагӣ ва арзиши тахминии ҳамаи молу мулк; ишора ва мухр зада шудани молу мулк, агар он иҷро шуда бошад; ном, номи падар ва насаби шахси воқеӣ, номи шахси ҳуқуқӣ, ки молу мулк барои нигаҳдошт ба онҳо супорида шудааст, суроғаи онҳо, агар нигаҳдошти молу мулк ба зиммаи худи қарздор вобаста карда нашуда бошад; қайд дар бораи ба қарздор ва дигар шахсон фаҳмонида додани тартиб ва мӯҳлати шикоят аз болои амали ичрочии мақомоти иҷро, инчунин дар бораи ба қарздор ва нигаҳбони молу мулк фаҳмонида додани уҳдадориҳои онҳо оид ба нигаҳдошт, дар бораи ҷавобгарӣ ҷиҳати исрофкорӣ, азхудкунӣ ё пинҳонкунии молу мулки ба нигоҳдорӣ супоридашуда; эрод ва арзи ситонанда, қарздор ва шахсоне, ки дар вақти барӯйхатгири иштирок доштанд ва фармоишҳои аз рӯйи онҳо додаи иҷрочии мақомоти иҷро [8,с.293].

Нархгузории молу мулки ҳабсшудаи қарздор аз ҷониби иҷрочии мақомоти ичро аз рӯйи нархҳои бозории дар рӯзи ичрои ҳуҷҷати ичро амалкунанда, ба истиснои ҳолатҳое, ки нархгузорӣ бо нархҳои танзимшаванда муқаррар карда шудаанд, сурат мегирад. Ҳамзамон, созишномаи байни ситонанда ва қарздор дар бораи нархгузорӣ мумкин аст ба назар гирифта шавад. Агар ба баъзе молу мулк муайян кардани нарх душвор бошад, қарздор, ё ин ки ситонанда ба нархгузории иҷрочии мақомоти ичро норозӣ бошанд, иҷрочии мақомоти иҷро барои муайян кардани арзиши молу мулк мутахассисро ҷалб менамояд. Қоғазҳои қиматнок, маснуоти заргарӣ ва маҳсулоти дигар аз металлҳои қимматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳо, маҳсулоти антиқӣ (антиквариат), асарҳои санъати тасвирӣ ва ҳайкалҳо бо иштироки ҳатмии мутахассисон нархгузорӣ карда мешаванд [15].

Тарафе, ки нархи гузоштаи иҷрочии мақомоти иҷро ба молу мулки ҳабсшударо мавриди баҳс қарор медиҳад, хароҷоти ҷалб намудани мутахассисро танҳо дар ҳолате пардохт менамояд, ки талаботи ӯ оид ба аз нав нархгузорӣ тасдиқ нашуда бошад [9]. Дар ҳамаи дигар ҳолатҳо хароҷот оид ба ҷалби мутахассис барои нархгузории молу мулк аз тарафи дигар рӯёнида мешавад.

Иҷрочии мақомоти иҷро молу мулки ҳабсшударо дар асоси шартномаи нигаҳдошт, бо гирифтани забонхатти нигоҳдошт ба нигаҳбон месупорад. Нигаҳбон бо иҷозати иҷрочии мақомоти иҷро аз ин молу мулк метавонад истифода барад, ба шарте ки аз рӯйи хусусиятҳои молу мулк истифодаи он боиси нобуд шудан ё кам шудани қимати он нагардад. Агар нигаҳбон худи қарздор ё аъзои оилаи ӯ набошад, барои нигоҳдошт подошпулӣ мегирад. Ба нигаҳбон хароҷоти зарурии сарфкардааш оид ба нигаҳ доштани молу мулк бо назардошти фоидаи воқеии аз ин молу мулк бадастовардааш ҷуброн карда мешавад. Дар сурати исроф кардан, бегона кардан ё пинҳон намудани молу мулки ҳабсшудаи барои нигаҳдошт супоридашуда нигаҳбон мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Хароҷоте, ки барои нигоҳдошти молу мулк сарф шудааст, ба хароҷоти иҷрои ҳуҷҷати иҷро тааллуқ дорад.

Фурӯхтани молу мулки ҳабсшуда, ба ғайр аз молу мулке, ки мувофиқи қонун аз гардиш гирифта шудааст, новобаста аз асосҳои ҳабсгирӣ ва намудҳои молу мулк аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро дар музоядаҳои оммавӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал баровoff мешавад, агар бо қонун тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад. Коршунов Н.М., Мареев Ю.Л., менависанд, ки ҳангоми нигаронидани ситониш ба молу мулки қарздор, агар дар вақти қабули қарор дар бораи фурӯхта шудани молу мулке, ки мебоист ба он ситониш нигаронида шавад, оид ба муфлисшавии қарздор истеҳсолот оғоз шуда бошад, то моҳиятан ҳал кардани ин масъала фурӯхтани молу мулк боздошта мешавад. Иҷрочии мақомоти иҷро бо розигии хаттии тарафҳо ҳуқуқ дорад молу мулкро бе гузаронидани музоядаи оммавӣ, бо роҳи савдои он ба шахси муайян анҷом диҳад [11,с.305]. Ҳангоми фурӯхтани молу мулки қарздор дар музояда иҷрочии мақомоти иҷро уҳдадор аст ба воситаи матбуоти даврие, ки ҳуқуқи нашри ахбороти расмиро дорад, дар бораи музоядаи барпошаванда на дертар аз даҳ рӯз то гузаронидани савдо хабар диҳад. Дар огоҳинома оид ба вақт, маҳал ва шакли савдо, молу мулки ба савдо баровардашаванда, тартиби бақайдгирии иштирок дар савдо, тартиби гузаронидани он, тартиби муайян намудани шахси бурдкарда дар савдо, инчунин оид ба нархи ибтидоӣ бояд маълумот дода шавад. Дар бораи вақт ва маҳалли дар музояда фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда иҷрочии мақомоти иҷро гаравгирро фавран огоҳ месозад. Барои таъмини талаботи истеҳсолоти иҷро дар қисми баргардонидани маблағҳои ситонанда молу мулки баҳабсгирифташудаи қарздор бо тариқи музояда ба фурӯш бароварда мешавад. Шахсоне, ки дар музояда иштирок кардан мехоҳанд, уҳдоранд ба иҷрочии мақомоти иҷро дар ҳаҷми 5% арзиши нархи молу мулк пешпардохт супоранд. Маблағи супоридаи шахси дар музояда ғолиб омада ба ҳисоби нархи харид дохил мешавад. Ба иштирокчиёни боқимонда маблағи пешпардохтнамудаи онҳо пас аз анҷоми музояда, дар давоми се рӯз баргардонида мешавад. Музояда аз нархи дар қарор оид ба ҳабс нишондодашуда, бо дарназардошти нархи аввалаи молу мулк оғоз меёбад. Молу мулк ба ҳамон шахсе фурӯхташуда ҳисоб меёбад, ки дар музояда аз ҳама нархи баландро пешниҳод кардааст. Ғолиби музояда уҳдадор аст дар давоми панҷ рӯз пас аз ба охир расидани музояда маблағи пурраи молу мулки ба дастовардашударо бо назардошти пешпардохти супоридашуда пардохт намояд. Ҳангоми аз ҷониби ғолиби музояда дар муҳлати муқарраргардида пардохт нашудани ҳамаи маблағи зикршуда, пешпардохти пеш аз музояда пардохтнамудааш ба ӯ баргардонида нашуда, ба фоидаи давлат гузаронида мешавад. Инчунин, пешпардохт ба фоидаи давлат дар он ҳолат гузаронида мешавад, ки агар муайян карда шавад, ки ғолиби музояда ҳуқуқи дар музояда иштирок карданро надошт. Пас аз пардохти ҳамаи маблағи зикргардида аз ҷониби ғолиби музояда иҷрочии мақомоти иҷро ба ӯ нусхаи санадро дар бораи музоядаи барпогардида месупорад, ки он асос барои бақайдгирии молу мулки фурӯхташуда ба моликияти ӯ мегардад. Дар музояда иҷрочиёни мақомоти иҷро ва судяҳое, ки оид ба истеҳсолоти иҷрои

мазкур қарор қабул намудаанд, инчунин аъзои оила ва хешовандони наздики онҳо, инчунин шахсе, ки молу мулкаш дар музояда гузошта шудааст, иштирок карда наметавонанд.

Иҷрочии мақомоти иҷро дар мавридҳои зерин музоядаро барпонашуда эълон мекунанд, агар: ба музояда камтар аз се нафар харидор ҳозир шуда бошанд; ҳеҷ яке аз иштирокчиёни музояда дар бораи пардохти нархи аввалаи молу мулк таклиф пешниҳод накунад; ғолиби музояда дар муддати панҷ рӯз маблағи пешниҳоднамудаи худро барои молу мулки дар музояда гузошташуда насупорад [6,с.344].

Дар бораи барпонашуда эълон кардани музояда иҷрочии мақомоти иҷро қарор мебарорад, ки аз болои он дар муҳлати даҳ рӯз шикоят овардан мумкин аст. Агар музояда барпо нагардад, пешпардохт ба он шахсоне, ки онро супурда буданд, ба истиснои онҳое, ки ҳамчун ғолиби музояда маблағҳои худро пешниҳод накардаанд, баргардонида мешавад.

Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музояда ба ситонанда ҳуқуқ дода мешавад, ки молу мулкро аз арзиши аввалааш бист фоиз кам карда, ба моликияти худ гирад. Дар ҳолати барпонашуда эътироф намудани музояда ва даст кашидани ситонанда аз ба ихтиёри худ гирифтани молу мулк, иҷрочии мақомоти иҷро бо риояи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» музоядаи такрорӣ таъин мекунад. Дар ин маврид нархи барои музоядаи такрорӣ муқарраршуда, то ҳамон вақте, ки яке аз иштирокчиён барои харидани молу мулк бо нархи эълоншуда розӣ нашавад, паст карда мешавад. Аммо он набояд аз панҷоҳ фоизи нархи аввалаи арзиши молу мулки ба музояда гузошташуда кам бошад. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музоядаи такрорӣ, молу мулк бо нархи охирини эълоншуда ба ситонанда пешниҳод карда мешавад.

Дар вақти даст кашидани ситонанда ҷиҳати ба моликияти худ қабул намудани молу мулки ба фурӯш гузошташуда, ҳабс аз ин молу мулк бардошта мешавад. Дар ҳолати барпонашуда эълон намудани музояда ва ба ихтиёри худ гирифтани молу мулк аз ҷониби ситонанда иҷрочии мақомоти иҷро қарор қабул менамояд. Қарори қабулнамудаи иҷрочии мақомоти иҷро барои бақайдгирии молу мулке, ки мутобиқи қонунгузорӣ бақайдгирии ҳатмиро талаб менамояд, асос мебошад.

Агар ситониш ба талаботи пулии мавҷудбудаи қарздор нигаронида шавад, иҷрочии мақомоти иҷро ҳангоми мавҷуд будани супориши дахлдор аз ҷониби ситонанда дар муҳлати ду ҳафта бе огоҳонидани қарздор дар бораи гузоштани ҳабс қарор мебарорад [5,с.405]. Дар қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи пулии қарздор бояд маълумот оид ба ситонанда, асос ва ҳаҷми ситониш, қарздор, талаботи пулии вай нисбати шахси сеюми уҳдадор, инчунин шахси сеюми уҳдадор нишон дода шаванд. Иҷрочии мақомоти иҷро дар қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи пулии қарздор шахси сеюми уҳдадорро ҷиҳати супоридани маблағ ба қарздор манъ мекунад. Ҳамзамон, иҷрочии мақомоти иҷро қарздорро, ки қарздиҳанда нисбати шахси сеюми уҳдадор мебошад, водор месозад, ки аз ҳама гуна ихтиёрдори нисбати ин талабот, махсусан аз талаб карда гирифтани он худдорӣ намояд.

Нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба шахси сеюми уҳдадор супорида шуда, ба ситонанда ва қарздор ирсол карда мешавад. Гузоштани ҳабс ба талаботи зикршуда дар ҳаҷми талаби пулии ситонанда аз лаҳзаи супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба шахси сеюми уҳдадор эътибори қонунӣ пайдо мекунад. Баъд аз ба шахси сеюми уҳдадор супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи қарздиҳандаи ӯ, ки аз рӯйи ҳуҷҷати иҷро қарздор ба ҳисоб меравад, иҷрочии мақомоти иҷро нусхаи тасдиқшудаи қарори зикргардидаро бо ҳуҷҷате, ки супорида шуданро тасдиқ мекунад ва нусхаи варақаи иҷро ба ситонанда медиҳад. Қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба талаботи қарздор нисбати музди меҳнати ӯ ё дигар пардохтҳои марҳилавӣ нисбат ба шахси сеюми уҳдадор, инчунин ба маблағҳое, ки баъд аз гузоштани ҳабс то иҷрои пурраи ҳуҷҷати иҷро, аз он ҷумла хароҷот оид ба истеҳсолоти иҷро пардохт мешавад, паҳн мегардад.

Розигии расмии қарздор оид ба гузашти ҳуқуқ ба талаботе, ки аз он тибқи қонун имконияти ихтиёрдории ҳуқуқи талабкунӣ вобаста аст, боиси беэътибор донистани қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқи талабкунии қарздор мегардад. Дар мавридҳои дигар

қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ситонанда ҳуқуқ медиҳад, ки аз шахси сеюми уҳдадор қонеъ намудани талаботи қонунии ӯро дар ҳаҷми маблағи ба фоидаи ӯ рӯёнидашуда бо назардошти хароҷоти амалӣ намудани иҷрои маҷбурӣ талаб намояд.

Дар мӯҳлати ду ҳафта аз рӯзи супоридани қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқи талаботи қарздор шахси сеюми уҳдадор бояд ба ситонанда ба таври зайл арз намояд: оё ӯ асоснокии талаботро эътироф менамояд ва ба амалӣ намудани пардохт розӣ аст; оё дигар шахсон ба ҳамин талабот ҳуқуқи худро арз намудаанд; оё ба ҳамин ҳуқуқи талабкунии дар алоқамандӣ бо талаботи дигар ситонандаҳо ҳабс гузошта шудааст.

Коваленко А.Г., Мохова А.А., Филиппова П.М., бар он ақидаанд, ки шахси сеюми уҳдадор, дар сурати иҷро накардани ин талабот ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешавад. Дар худи қарор бошад дар бораи гузоштани ҳабс оид ба зарурати чунин арз маълумот оварда мешавад [4,с.453]. Арзи шахси сеюми уҳдадор мумкин аст ба иҷрочии мақомоти иҷро ҳангоми супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ё дар давоми ду ҳафтаи баъди он пешниҳод карда шавад.

Агар шахси сеюми уҳдадор қонеъ намудани талаботи ситонандаро рад намояд, ситонанда метавонад нисбати ин шахс ба суд даъво пешниҳод намояд. Ситонандае, ки нисбати шахси сеюми уҳдадор ба суд даъво пешниҳод намудааст, бояд барои иштирок дар мурофиа қарздорро ҷалб намояд, агар он расонидани ҳуҷҷатҳоро ба хориҷи кишвар ё хабардоркунии оммавиро талаб нанамоянд.

Дар ҳолати аз ҷониби ситонанда кашол додани ситониш ба ҳуқуқи талаботи қарздор, вай дар назди қарздор барои зарари бо сабаби кашолкорӣ расонидашуда ҷавобгарии моддӣ дорад. Ситонанда ҳуқуқ дорад ҳуқуқи талаботи ҳабсшударо ба қарздор бозгардонад. Агар ситонанда сари вақт ҳуқуқи талаботро ба қарздор бозгардонад, ҷавобгарии моддӣ нисбати ситонанда татбиқ намегардад.

Қарздорӣ оид ба ҳамаи уҳдадориҳои алиментӣ аз молу мулки қарздор ситонида мешавад, ғайр аз молу мулке, ки тибқи қонун ба он нигаронидани ситониш манъ аст. Ҳаҷми қарздорӣ бо қарори иҷрочии мақомоти иҷро дар маҳалли иҷрои ҳалнома ва фармони судӣ бо тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Дар ҳолати аз рӯйи алимент ба вуқуъ омадани қарздорӣ дар натиҷаи саркашии қарздор аз пардохти онҳо ба маблағи қарздорӣ, тибқи талаботи Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ноустуворона ҳисоб карда мешавад. Тартиби ситонидани алиментро аз қарздоре, ки ба давлати хориҷӣ барои истиқомати доимӣ ё барои кор рафтааст, қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд [10].

Ҳангоми аз ҷониби корфармо иҷро накардани талаботи ҳуҷҷати иҷро дар бораи барқарор намудан ба ҷойи кор, иҷрочии мақомоти иҷро оид ба баровардани қарор дар бораи ба корманд пардохт намудани музди меҳнати миёна, ё ин ки фарқияти дар музди меҳнат барои ҳамаи он муддати аз рӯзи баровардани ҳалнома оид ба барқароркунии корманд то рӯзи иҷрои он ба суд бо пешниҳод муроҷиат менамояд [14,с.318]. Иҷрои ҳалнома оид ба барқарор намудан ба кор аз лаҳзаи воқеан ба кор роҳ додани корманди ғайриқонунӣ аз кор озодшуда, ё ин ки ба иҷрои вазифаи пештараащ шуруъ намудани корманди ба кори дигар гузаронидашуда, ки баъди бо фармон бекор намудани амри ғайриқонунӣ оид ба аз кор озодкунӣ ё ба кори дигар гузаронидани корманд сурат гирифтааст, анҷомёфта ҳисоб карда мешавад.

Ситониш ба музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор ҳангоми иҷрои ҳалнома дар бораи ситонидани маблағҳои даврагӣ, ситонидани маблағе, ки аз андозаи даҳ нишондиҳанда барои ҳисобҳо зиёд набошад ва ҳангоми набудани имконияти ситониш аз маблағҳои пулӣ ва дигар молу мулки қарздор ба амал бароварда мешавад. Ҳангоми нигаронидани ситониш ба музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор бо дарназардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» иҷрочии мақомоти иҷро қарор мебарорад, ки дар он ҳаҷми ҳармоҳаи ситонишро нишон дода, онро барои пурра ҷуброн намудани маблағи муқарраршуда, барои иҷро ба корфармое, ки қарздор бо вай муносибатҳои меҳнатӣ дорад ё аз меҳнат мегирад, равон менамояд.

Иҷрочии мақомоти иҷро ва ситонанда уҳдадоранд, ки оид ба дуруст ва сари вақт ситонидан аз музди меҳнат ва дигар намудҳои даромади қарздор, инчунин сари вақт ба ситонанда фиристодани маблағҳои ситонидашуда, мунтазам назоратро амалӣ намоянд.

Ҳангоми аз кор озод кардани қарздор корфармое, ки бо қарздор дар муносибатҳои меҳнатӣ қарор дошт, уҳдадор аст, ки дар муддати се рӯз оид ба қатъ шудани муносибатҳои меҳнатӣ ба иҷрочии мақомоти иҷро хабарномаро бо замимаи ҳуҷҷати иҷро ирсол намояд. Ҳангоми тағйири ҷойи истиқомати қарздор уҳдадор аст, ки суроғаи нави худро ба иҷрочии мақомоти ичро хабар диҳад.

Аз шахсоне, ки ба корҳои ислоҳӣ маҳкум шудаанд, ситониш аз рӯйи ҳуҷҷатҳои ичро аз маблағи пурраи музди меҳнат, бе назардошти нигоҳдории маблағе, ки тибқи ҳукм ва қарори суд сурат гирифтааст, амалӣ гардонида мешавад.

Аз маҳкумшудагоне, ки дар муассисаҳои ислоҳӣ, колонияҳои сукунатӣ, ҳабсхонаҳо, колонияҳои тарбиявӣ ҷазоро адо менамоянд, инчунин аз шахсоне, ки дар шуъбаҳои наркологӣ, диспансерҳои равонпизишкӣ ва муассисаҳои табобатии статсионарӣ қарор доранд. Ситониш аз тамоми музди меҳнаташон бе назардошти пардохтҳо барои ҷуброни хароҷоти вобаста ба нигоҳдории онҳо дар ин муассисаҳо, нигаронида мешавад.

Аз кумакпулиҳо аз рӯйи суғуртаи иҷтимоӣ, ки ҳангоми муваққатан гум кардани қобилияти меҳнатӣ ва аз кумакпулиҳое, ки ба занон дар давраи рухсатии иҷтимоӣ, вобаста ба нигоҳубини кӯдак дода мешаванд, инчунин аз идрорпулиҳои хонандагон ва кумакпулиҳо аз рӯйи бекорӣ ситониш бо қарори суд танҳо бо мақсади ситонидани алимент, ҷуброни зарар, ки дар натиҷаи зарари ҷисмонӣ ё зарар ба саломатӣ, ё ин ки вобаста ба фавти саробон расидааст, мумкин аст нигаронида шавад.

Нигаронидани ситониш аз даромадҳои зерин мумкин нест: аз маблағҳое, ки қарздор барои маъюбӣ ва ё дигар зарари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин бо сабаби фавти саробон гирифтааст; аз маблағҳои суғуртавӣ ва кумакпулии яквақтае, ки бо сабаби маъюби (латхӯрӣ, садама) ҳангоми адои вазифаи хизматӣ ва маблағҳое, ки барои фавти (ҳалоки) онҳо ба аъзои оила дода мешаванд; аз кумакпулӣ ба модарони серфарзанд ва модарони танҳо бо сабаби таваллуди фарзанд барои нигоҳубини кӯдакони ноболиғ дар давраи кофтукови падару модари онҳо ва аз маблағе, ки барои нигоҳубини нафақагирон ва маъюбони гурӯҳи 1 ва 2 дода мешаванд; аз маблағе, ки ба ҷабрдидагон барои ғизои иловагӣ, табобатҳои истироҳатию шифобахшӣ ва гузоштани узви сунъӣ, инчунин барои хароҷоти нигоҳубини онҳо дар ҳолатҳои расонидани зарар ва ё дигар зарари ба саломатӣ расонидашуда, пардохт карда мешаванд; аз ҷубронпулӣ барои меҳнате, ки дар шароити зараровар ва ғайриодӣ, ҳамчунин аз маблағе, ки ба шаҳрвандон, дар натиҷаи офатҳои экологӣ ё таъсири радиатсионӣ, ки дар натиҷаи бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенӣ дошта расонда шудааст; аз мукофотпулӣ ва ёрдампулиҳои яквақта, новобаста аз манбаи пардохти онҳо; аз кумакпулӣ ҳангоми аз кор рафтан ё истеъфои корманд; аз ҷубронпулӣ барои рухсатии меҳнатии истифоданашуда (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки рухсатии меҳнатии якчандсолаи истифоданашуда якҷоя карда шудаанд); аз кумакпулӣ барои дафнкунӣ; дигар пардохтҳое, ки мутобиқи қонунгузори хусусияти доимӣ надоранд.

Иҷрочии мақомоти ичро дар асоси аризаи қарздор ҳуқуқ дорад андозаи ситониши даврагии рӯёнидашавандаро дар ҳолатҳои зерин кам намояд: ба вуҷуд омадани хароҷоти ҷиддии иловагии қарздор, махсусан бо сабаби дармондагӣ, заифӣ ва ё бемории шахси сеюми уҳдадор ё аъзои оилаи ӯ, ки дар таъминоти ӯ мебошанд; бад шудани вазъи молумулкии қарздор бо сабаби маъюбӣ ё расидан ба синни нафақа; агар кам кардани андозаи ситониши даврагии рӯёнидашаванда ба манфиатҳои ситонанда зарари ҷиддӣ нарасонад.

Дар бораи кам кардан ё рад намудани кам кардани андозаи ситониши даврагии рӯёнидашаванда иҷрочии мақомоти иҷро қарор қабул менамояд.

Иҷрочии мақомоти иҷро дар асоси аризаи ситонанда ҳуқуқ дорад андозаи ситониши даврагии рӯёнидашавандаро зиёд намояд, агар вазъи молумулкии қарздор беҳтар шуда бошад ва ҳаҷми ситониш мувофиқи моддаи 71 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» кам карда шуда бошад. Гурвич М.А. менависад, ки дар бораи зиёд намудан ё рад кардани андозаи ситониши даврагии рӯёнидашаванда иҷрочии мақомоти

иҷро қарор қабул менамояд [7,с.336]. Дар ҳолате ки агар ба суратҳисоби бонкии қарздор маблағҳое, ки нисбат ба онҳо мувофиқи м. 70 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» ҳабс гузоштан мумкин нест, ворид шаванд, иҷрочии мақомоти иҷро аз рӯйи аризаи қарздор гузоштани ҳабсро ба суратҳисоб ба андозаи маблағи умумии даромадҳое, ки нисбат ба онҳо гузоштани ҳабс мумкин нест, аз рӯзи гузоштани ҳабс то дафъаи дигари пардохт бекор менамояд. Ҳангоми аниқ набудани он, ки ба кадом қисми даромади қарздор ҳабс гузошта мешавад, суд аз рӯйи аризаи ситонанда, қарздор ё шахси сеюми уҳдадор маблағеро, ки бояд ба ҳабс гирифта шавад, муқаррар менамояд ва дар ин хусус дар муҳлати ду ҳафта баъди пешниҳоди аризаи зикргардида қарор қабул менамояд. Аризадиҳанда дар якҷоягӣ бо аризаи худ бояд ҳуҷҷатҳоеро пешниҳод намояд, ки маблағи ба ҳабс гирифташавандаро тасдиқ намояд.

Дар сурати набудани шахси сеюми уҳдадор, гузоштани ҳабс ба ҳуқуқҳои молумулкии қарздор аз лаҳзаи ба қарздор супоридани нусхаи қарор дар бораи гузоштани ҳабс ба ҳуқуқҳои молумулкӣ бо нишон додани уҳдадорӣ ҷиҳати худдорӣ аз амалӣ намудани ин ҳуқуқҳо эътибори қонунӣ пайдо мекунад.

Агар ҳуҷҷати иҷро ба қарздор уҳдадории содир намудани амали муайянеро вогузор намояд ва ӯ талаботи мазкурро иҷро накунад, ситонанда ҳуқуқ дорад бо ариза ба суд оид ба ҷалби қарздор ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ, ё ин ки оид ба гирифтани иҷозати содир намудани амали мазкур аз ҷониби худ, агар содир намудани он аз ҷониби дигар шахс мумкин бошад, мурочиат намояд.

Агар ситонанда ба суд бо ариза оид ба гирифтани иҷозат ба содир намудани амале, ки мумкин аст аз ҷониби шахси сеюм иҷро гардад, мурочиат намояд, суд аризаи мазкурро мутобиқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ менамояд.

Агар қарздор тасдиқ накунад, ки амали талабшавандаро иҷро намудааст, суд ҳуқуқ дорад ситонандаро ба иҷрои амали мазкур ваколатдор намояд ва бо аризаи ситонанда қарздорро ба додани байъона (маблағи пулӣ) уҳдадор менамояд, агар ситонанда асоснок кунад, ки иҷрои амали мазкур аз ҷониби ӯ бо харочоти муайян вобастагӣ дорад. Ситониш оид ба пардохти байъона аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро бо тартиби пешбининамудаи қонуни истеҳсолоти иҷро амалӣ карда мешавад. Агар ҳуҷҷати иҷро қарздорро ба худдорӣ ё тоқат кардан аз содир намудани амалҳои муайян уҳдадор гардонад ва ӯ талаби мазкурро иҷро накунад, ситонанда ҳуқуқ дорад ба суд бо ариза оид ба ҷалби қарздор ба ҷавобгарии маъмурӣ ё ҷиноятӣ мурочиат намояд. Тартиби баррасии аризаи ситонанда тибқи қонунгузории мурофиавии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

Агар ҳуҷҷати иҷро қарздорро уҳдадор намояд, ки ба ситонанда молу мулки манқули муайянро диҳад ва ӯ талаботи мазкурро иҷро нанамояд, ин молу мулк аз ӯ аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро кашида гирифта шуда, ба ситонанда дода мешавад. Дар ҳолати аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро пайдо накардани молу мулки манқули мазкур, қарздор ӯҳдадор аст ба иҷрочии мақомоти иҷро маҳалли ҷойгиршавии ин молу мулки манқулро хабар диҳад. Вақте ки қарздор ин имкониятро надорад, ӯ уҳдадор аст итминон диҳад, ки ин молу мулки манқулро соҳибӣ намекунад ва маҳалли ҷойгиршавии онро намедонад, инчунин маълумоте, ки ӯ пешниҳод менамояд, мукаммал ва ба ҳақиқат мувофиқ мебошад, ки ба протокол ворид карда мешавад.

Агар қарздор итминони пешбининамудаи қисми 2 моддаи 80 Қонуни истеҳсолоти иҷроро иҷро накунад, бо пешниҳоди иҷрочии мақомоти иҷро суди маҳалли истиқомати қарздор ӯро ба ҷавобгарии маъмурӣ мекашад.

Ҳангоми дар муҳлати муқаррарнамудаи иҷрочии мақомоти иҷро ихтиёран иҷро накардани ҳуҷҷат оид ба кӯчонидани қарздор, иҷрочии мақомоти иҷро, кӯчониданро ба тариқи маҷбурӣ амалӣ менамояд. Иҷрочии мақомоти иҷро қарздорро дар бораи рӯз ва вақти кӯчонидани маҷбурӣ расман хабардор менамояд.

Набудани қарздоре, ки аз рӯзи кӯчонидан хабардор карда шуда буд, барои иҷрои ҳуҷҷати иҷро монеъ намегардад.

Кӯчонидан аз холӣ намудани бинои дар ҳуҷҷати иҷро нишон додашуда, аз кӯчонидашаванда (кӯчонидашавандаҳо), молу мулки он (онҳо), ҳайвоноти хонагӣ ва ба ситонанда супоридани бинои холикардашуда ё ба тартиби муқаррargардида барои нигаҳдорӣ супоридашуда иборат мебошад. Кӯчонидан дар ҳузури шахсони холис ва дар

мавридҳои зарурӣ бо мусоидати мақомоти корҳои дохилӣ ва ҳатман бо барӯйхатгирии молу мулк аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро амалӣ карда мешавад.

Иҷрочии мақомоти иҷро дар мавридҳои зарурӣ нигоҳдории молу мулки қарздорро бо ба зиммаи ӯ гузоштани хароҷоти сарфшуда таъмин менамояд. Молу мулки қарздор дар муҳлати на зиёда аз се сол нигоҳ дошта мешавад, пас аз ин муҳлат молу мулки мазкур ҳамчун молу мулки бесоҳиб бо тартиби муқарраршуда ба фурӯш бароварда мешавад [13].

Маблағ аз фурӯши молу мулки қарздор ба буҷети давлатӣ равона карда мешавад. Иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба кӯчонидани қарздор аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро бо тартиб додани санад оид ба кӯчонидан ба расмият дароварда мешавад. Барои таъмини иҷрои маҷбурии саривақтии ҳуҷҷати иҷро, халалдор гардидани манфиати қарздор ва аъзоёни оилаи ӯ, мавҷуд набудани манзили истиқоматии дигар, инчунин фасли сол монеа шуда наметавонад.

Дар мавриди ихтиёран иҷро накардани ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудан дар муҳлати муқаррар намудаи иҷрочии мақомоти иҷро, он аз ҷониби иҷрочии мақомоти иҷро ба таври маҷбурӣ амалӣ гардонида мешавад. Маскун намудан ин аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро бемамониат таъмин намудани воридшавии ситонанда ба бинои дар ҳуҷҷати иҷро нишондодашуда ва аз истиқомат намудани вай дар ин бино иборат мебошад. Дар ин маврид ба қарздор фаҳмонида мешавад, ки маскун намудан, ба таври маҷбурӣ амалӣ шуда истодааст ва ӯ уҳдадор аст барои истиқомати ситонанда (ҳозир буданаш) мамониат накунад. Дар ҳолати мамониат намудани қарздор ба иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда, амалҳои иҷро бо иштироки шахсони холис ва дар мавридҳои зарурӣ бо иштироки мақомоти корҳои дохилӣ амалӣ карда мешавад. Ҳангоми минбаъд мамониат намудан ба истиқомати (ҳозир будани) ситонанда амалҳои зикршуда аз нав гузаронида мешаванд ва чораҳои ҷаримавию дигар чораҳои дар м. 91 қонуни истеҳсолоти иҷро пешбинишуда татбиқ карда мешаванд.

Иҷрои ҳуҷҷати иҷро оид ба маскун намудани ситонанда бо тартиб додани санад оид ба маскун кардан аз тарафи иҷрочии мақомоти иҷро ба расмият дароварда мешавад. Ҳуҷҷати иҷро ба шарте иҷрошуда ҳисоб карда мешавад, ки агар ба ситонанда имконияти ҳамарӯза бемамониат истифодабарии бинои дахлдор таъмин шуда бошад. Ҳангоми барои истиқомати (ҳозир будани) ситонанда мамониат намудани шахсе, ки аз рӯйи ҳуҷҷати иҷро қарздор намебошад, масъалаи маскун намудан тартиби судӣ ҳал карда мешавад.

Дар ҳолати баъди тартиб додани санад оид ба маскун кардани ситонанда қарздор боз аз нав барои истиқомати (ҳозир будани) ситонанда мамониат намояд, истеҳсолоти иҷро аз рӯйи ҳуҷҷати иҷрошуда мумкин аст аз нав оғоз карда шавад.

Қобили таваҷҷуҳ аст, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қонуни ҷудогона оид ба вазъи ҳуқуқии иҷрочиёни мақомоти иҷро дар судҳо мавҷуд нест.

Ҳамзамон, дар асоси таҳлили санадҳои қонунгузорӣ ва фаъолияти амалияи судӣ, мехостем пешниҳоди худро баҳри минбаъд амалигардонии сиёсати давлатӣ баҳри мустаҳкам намудани қоидаҳои мурофиавии марҳилаи истеҳсолоти иҷро доир ба баррасии парвандаҳои гражданӣ оид ба иҷрои санадҳои судӣ ва санадҳои мақомоти дигар бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баён намоем:

1. Бо мақсади таҳкими кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон маҳдудияти ситонидани қарз оид ба уҳдадориҳои алиментӣ аз ҳисоби ягона бино ё хонаи истиқоматии қарздор бардошта шавад.

2. Аз сабаби он ки қисми қарздорон оид ба уҳдадориҳои алиментӣ берун аз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, тавсия мекунем: муқаррароти м. 119 КО ҶТ, ки ба шахсоне, ки ба давлати хориҷӣ барои сукунати доимӣ мераванд, тааллуқ дорад, ба ҳолатҳои барои кор ба давлати хориҷӣ рафтани қарздорон низ паҳн карда шавад. Ба ин мақсад ба м. 119 КО ҶТ тағйироти мувофиқ ворид намудан лозим аст.

3. Бо дарназардошти аҳамияти қонеъ гардонидани талабот оид ба ситонидани алимент, талабот оид ба ҷуброни зарари ҷисмонӣ ё зарари дигари ба саломатӣ расонидашуда, инчунин вобаста ба фавти саробон тавсия менамоем, ки дар ихтилофоти дар боло зикршуда ба талаботи дар м. 85 Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» дарҷ

гардида афзалият дода шавад.

4. Тартиби судии кам ё зиёд намудани андозаи ситониш оид ба ҳуҷҷатҳои иҷро ҷорӣ карда шуда, ҳамзамон м. 120 КО ҶТ, ки тартиби тағйир додани андозаи алимент ва озод намудан аз пардохти онро танзим мекунад, ба роҳбарӣ гирифта шавад.

5. Дар Қонуни ҶТ «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» пешниҳод намудани шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни мақомоти иҷро бо тартиби тобеият (маъмурӣ) бояд ҳамаҷониба танзим карда шавад. Воситаҳои мазкур, *ба андешаи мо,* бояд фарогири унсурҳои зерин бошанд: шакл ва мазмуни шикоят, муҳлатҳои кӯтоҳи пешниҳоди шикоят ва баррасии он, асосҳои рад намудани баррасии шикоят ва бе баррасӣ монондани он, мазмуни қарор оид ба шикоят ва тартиби иҷрои он.

6. Бо мақсади такмили тартиби судии пешниҳоди шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочии мақомоти иҷро ба КМГ ҶТ тағйироту иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

а) ба парвандаҳо аз рӯйи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни мақомоти иҷро қоидаҳои пешбининамудаи бобҳо 23 ва 24 КМГ ҶТ паҳн карда шаванд;

б) ҳалномаҳои судиро оид ба парвандаҳо аз рӯйи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни мақомоти иҷро бояд ба ҳалномаҳои судие, ки фавран иҷро карда мешаванд, шомил намуд.

7. Ҳамчунин, тавсия менамоем, ки салоҳияти суд ҷиҳати ба тавсиб расонидани таъиноти судӣ (м. 231КМГ ҶТ) ба унвони иҷрочии мақомоти иҷрое, ки ба қонунвайронкунӣ роҳ додааст, мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

8. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи истеҳсолоти иҷро» пешниҳод намудани воситаи шикоят нисбат ба қарор, амал (беамалии) иҷрочиёни мақомоти иҷро дар суд бо тартиби тобеият (маъмурӣ) бояд ҳамаҷониба танзим карда шавад. Воситаҳои мазкур, ба андешаи мо, бояд фарогири унсурҳои зерин бошанд: шакл ва мазмуни шикоят, муҳлатҳои кӯтоҳи пешниҳоди шикоят ва баррасии он, асосҳои рад намудани баррасии шикоят ва бе баррасӣ монондани он, мазмуни қарор оид ба шикоят ва тартиби иҷрои он.

Ҳамин тариқ, ба самаранокии истеҳсолоти иҷро қисми хулосавии санадҳои судӣ, ки дуруст таҳия гардидааст, инчунин аз ҷониби суд ҳамаҷониба баррасӣ кардани баҳсҳои оилавӣ бо назардошти сархатҳои 1 ва 2 м. 24 КО ҶТ низ метавонад таъсир расонад. Судяҳо ҳангоми баррасии баҳсҳои оилавӣ бо ихтилофот байни меъёрҳои КМГ ҶТ ва КО ҶТ дучор мешаванд, ки мумкин аст ба вазъи ҳуқуқии кӯдакон ва занҳои камбизоат таъсири манфӣ расонад. Натанҳо судяҳо дар ҷараёни мурофиаи гражданӣ ба баъзе иштибоҳ роҳ медиҳанд, инчунин ҳолатҳои аз ҷониби адвокатҳо додани машваратҳои нодуруст, ки пешбурди парвандаро мураккаб мекунад ё боиси иштибоҳи минбаъда мегардад, низ кам нестанд. Бинобар ин, ба андешаи мо, хуб мешуд бо назардошти махсусияти баррасии баҳсҳои оилавӣ, ки дар сархатҳои 1 ва 2 м. 24 КО ҶТ пешбинӣ шудаанд, ба КМГ ҶТ тағйироти мувофиқ ворид карда шавад. Ҳамчунин, тавсия менамоем, ки салоҳияти суд ҷиҳати ба тавсиб расонидани таъинот ва ҳалномаҳои судӣ ба унвонии иҷрочии мақомоте, ки ба қонунвайронкунӣ роҳ додааст, мавриди истифодаи васеъ қарор гирад.

Албатта, пешниҳод ва таклифҳои ҷойдошта, дар баъзе ҳолатҳо баҳснок бошанд ҳам, лекин онҳо хусусияти тавсиявӣ дошта, хулосаҳои муаллифро ифода мекунад.

**Муқарриз: Муминзода Н. – н.и.иҳ., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Гражданский процесс. Отв. ред. Мусина В. А., Чечина Н.А.,Чечот Д.М. - М.: Проспект, 1999.- 410 с.
2. Гражданский процесс. Под. ред. М. К. Треушникова. -М.: Спарк, 1997.- 560 с.
3. Гражданский процесс. Под ред. В.В. Яркова. - М.: БЕК. 2000.- С.251.
4. Гражданский процесс: Учебник. Под.ред. А.Г. Коваленко, А.А. Мохова, П.М.Филиппова. -М.: Юридическая фирма «Контракт»: «Инфра – М», 2008.- 460 с.
5. Гражданский процесс: Учебник для вузов. Под ред. М. К.Треушникова. -М.: Городец, 2008. – 525 с.
6. Гражданский процесс: Учебник для вузов. Издание третье, переработанное и дополненное. Под ред. В. А.Мусина, Н.А. Чечиной, Д.М.Чечота.- М.: ПБОЮЛ Гриженко Е.М., 2000.- 444 с.
7. Гурвич М. А. Судебное решение: теоретические проблемы.- М.: Юр. лит., 1986 – 436 с.

8. Иброҳимов С.И. Мурофиаи гражданӣ // Комплекси таълимӣ- методӣ / С.И.Иброҳимов, Н. А. Табаров. - Душанбе: Эр- граф, 2009. – 331 с.
9. Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. 05.01.2008. (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2008, №1, қ. 1, мод. 6, мод. 7; с. 2010, №1, мод. 6; с. 2012, №7, мод. 721; с. 2014, №7, қ. 1, мод. 388; №12, мод. 821; с. 2015, №11, мод. 953; с. 2016, №5, мод. 360; Қонуни ҶТ аз 02.01.2018 с., №1474; аз 02.01.2019 с., № 1559; аз 20.06.2019 с., №1612; аз 04.07.2020 № 1697; аз 18.03.2022 № 1587). [Манбаи электронӣ] - Сомонаи расмии www. mmk. tj. (санаи истифодабарӣ 30.09.2022).
10. Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1998, № 22, с. 2006, № 4, с. 2008, № 3, с. 2010, № 7, с. 2011, № 3, № 12, с. 2013, № 3, с. 2015, №11, с. 2016, №3, №11, Қонуни ҶТ аз 24.02.2017 с., № 1395). [манбаи электронӣ] - Сомонаи расмии www. mmk. tj. (санаи истифодабарӣ 01.10. 2022).
11. Коршунов Н.М. Гражданский процесс: Учебник для вузов / Н.М.Коршунов, Ю.Л. Мареев. - М.: Норма, 2006. - 405 с.
12. Косолапов А.В. Жалоба как правовое средство (общетеоретический аспект): дис. канд. юрид. наук / А.В. Косолапов. – Саратов, 2016. - 184 с.
13. Маводи бойгонӣ аз сомонаи расмии Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Манбаи электронӣ] www. sudi oli.tj, парвандаи № 5 маълумоти соли 2020 ба ҳолати ёздаҳ моҳи соли 2020.
14. Маҳмудзода М. Тафсири Кодекси меҳнатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.Маҳмудзода, Б.Худоёрзорда, С.Муқимӣ, Д. Ҳошимзода.– Душанбе: Эр- граф, 2019 .- 418 с.
15. Проблемы исполнительного производства: Сборник статей. // Отв. за выпуск С. П. Гришин. -Н. Новгород: Нижнегородская правовая академия, 2000 .- Вып. 2.
16. Рахимова М. З. Комментарий к Гражданскому процессуальному кодексу Республики Таджикистан. Под ред. профессора М.З. Рахимова. -Душаебе: Эр-граф, 745 с.

## ХУСУСИЯТҲОИ МУРОФИАВИИ АМАЛҲОИ МАРБУТ БА ИСТЕҲСОЛОТИ ИҶРО

Дар мақола яке аз масъалаҳои муҳимми истеҳсолоти иҷро марбут ба амалҳои муайяни мурофиавӣ ва хусусиятҳои татбиқи он таҳлил шуда, масъалаҳои назариявӣ ва муаммоҳои дар амалия ҷойдоштаи истеҳсолоти иҷро мавриди муҳокима қарор дода мешавад. Муаллиф дар натиҷаи таҳлили муқоисавӣ - ҳуқуқӣ ба хулосае омадааст, ки номувофиқатии байни мазмуни меъёрҳои қонунгузории мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунгузории оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи истеҳсолоти иҷро”, ки бо тартиби иҷрои санадҳои судиро, аз ҷумла аз рӯйи парвандаҳо оид ба амали (беамалии) иҷрочиёни судӣ вобаста ба иҷрои уҳдадориҳои оид ба парвандаҳои гражданӣ танзимкунанда, дар мисоли кӯчонидан аз манзили истиқоматӣ, ситонидани алимент алоқамандӣ дорад, боиси нодуруст татбиқ гаштани онҳо мегардад. Бинобар ин, ҷиҳати беҳтар кардани сифати кории фаъолияти иҷрочиёни мақомоти иҷро ва ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории амалкунанда, пешниҳодҳои муаллиф асоснок карда мешавад.

**Калидвожаҳо:** марҳилаи иҷро, ситонанда, қарздор, санадҳои судӣ, парвандаҳои гражданӣ, оилавӣ, истеҳсолоти иҷро, ҳуҷҷатҳои иҷро, уҳдадории исбот, чораҳои иҷрои маҷбурӣ, амалҳои мурофиавӣ, молу мулк, алимент, маскун кардан.

## ПРОЦЕССУАЛЬНАЯ ОСОБЕННОСТЬ ДЕЙСТВИЙ, СВЯЗАННЫХ С ИСПОЛНИТЕЛЬНЫМ ПРОИЗВОДСТВОМ

В статье анализируется один из важных вопросов исполнительного производства, связанный с отдельными процессуальными действиями и особенностями его осуществления, рассматриваются теоретические вопросы и практические проблемы исполнительного производства. В результате сравнительно-правового анализа автор пришел к выводу о несоответствии содержания норм гражданского процессуального законодательства Республики Таджикистан, Гражданского кодекса Республики Таджикистан семейному законодательству Республики Таджикистан и Закону Республики Таджикистан «О производстве исполнительных производств», которые по порядку исполнения судебных актов, в частности, по делам о действиях (бездействии) судебных должностных лиц, связанных с исполнением обязательств в гражданско-правовых случаях, например, переезд с места жительства, взыскание алиментов приводят к их неправильному применению. Поэтому обоснованы предложения автора по повышению качества работы руководящих работников органов исполнительной власти и внесению изменений и дополнений в действующее законодательство.

**Ключевые слова:** исполнительная стадия, взыскатель, должник, судебные документы, гражданские, семейные дела, исполнительное производство, исполнительные документы, обязанность доказывания, исполнительные меры, процессуальные действия, имущество, алименты, выселение.

## PROCEDURAL FEATURE OF ACTIONS RELATED TO THE ENFORCEMENT PROCEEDINGS

The article analyzes one of the important issues of enforcement proceedings related to individual procedural actions and the peculiarities of its implementation, discusses theoretical issues and practical problems of enforcement proceedings. As a result of a comparative legal analysis, the author came to the conclusion that the content of the norms of the civil procedural legislation of the Republic of Tajikistan, the Civil Code of the Republic of Tajikistan, and the family law of the Republic of Tajikistan are inconsistent. of Tajikistan and the Law of the Republic of Tajikistan “On Enforcement Proceedings”, which, in accordance with the procedure for the execution of judicial acts, in particular, in cases of actions (inaction) of judicial officials related to the fulfillment of obligations in civil law cases, for example, moving from a place

of residence, the collection of alimony is connected, leads to their incorrect application. Therefore, the author's proposals to improve the quality of work of senior executives of executive authorities and to introduce amendments and additions to the current legislation are substantiated.

**Keywords:** enforcement stage, recoverer, debtor, court documents, civil, family cases, enforcement proceedings, enforcement documents, burden of proof, enforcement measures, legal proceedings, property, alimony, eviction.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Раҳматуллоева Райҳон Рашидовна*** **-** Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, унвонҷӯйи кафедраи назария, таърихи давлат ва ҳуқуқ. **Суроға:** 735700, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Суғд, ш. Хуҷанд, маҳаллаи 17, бинои 1. Телефон: **(+992) 644-58-00**

**Сведения об авторе:** ***Рахматуллаева Райхон Рашидовна*** **–** Таджикский государственный университет права, бизнеса и политики, соискатель кафедры теории, истории государства и права. **Адрес:** 735700, Республика Таджикистан, Согдийская область, г. Худжанд, мкр, 17, дом 1. Телефон**: (+992) 644-58-00**

**Information about the author:** ***Rakhmatullaeva Raikhon Rashidovna*** - Tajik State University Law, Business and Politics, Applicant for the Department of Theory, History, State and Law. **Address**: 735700, Republic of Tajikistan, Sughd region, Khujand, microdistrict, 17, building 1. Phone**: (+992) 644-58-00**

УДК: 341.3

# МАФҲУМИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ТИБҚИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚӢ

*Ҳабибов С.И.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳовaддинови АМИТ**

Асри XXI назар ба якчанд даҳсолаи пеш вобаста ба таҳдидҳо ва хатарҳо ба давлат, ҷомеа ва шаҳрвандон ба куллӣ фарқ мекунад. Аҳамияти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ вобаста ба тараққиёти ҷомеа ва беҳтар гардидани вазъи иҷтимоию иқтисодӣ мунтазам меафзояд. Таъмини амнияти фард, ҷомеа ва давлат муҳимтарин самти даҳсолаҳои наздик гардида, яке аз ҳадафҳои асосии стратегии мавҷудияти тамаддунҳо гардидааст. Бешубҳа, масъалаҳои амниятӣ таҳти таваҷҷуҳи ҳар як давлат қарор доранд.

Бояд гуфт, ки таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, дар байни афзалиятҳои таъмини манфиатҳои давлатии бисёр кишварҳо яке аз мавқеъҳои марказиро ишғол мекунад. Ҳалли масъалаҳои таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бевосита аз хусусиятҳои татбиқи самтҳои асосии сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ мебошад.

Дар замони муосир, ки бо шиддати баланд зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва нақлиёт ба назар мерасад, чорабиниҳо баҳри таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ гуногунҷанба мебошанд. Зарурати танзими ҳуқуқии масъалаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ дар ибтидои асри XX дар мамлакатҳое, ки дар он вақт истеҳсоли нақлиётҳо ба дараҷаи хеле баланд расонида буданд, шиддат гирифт. Ҳамин тариқ, дар ибтидои асри бистум (1 январи соли 1900) дар саросари ҷаҳон 6200 нақлиёт мавҷуд буд ва инҳо танҳо нақлиётҳои сабукрав буданд. Аллакай дар соли 1910 шумораи нақлиётҳо ба 487 ҳазор, аз он ҷумла ба 10 ҳазор нақлиёти боркаш ва дар соли 1920 ба 70834 адад, аз он ҷумла ба 960 ҳазор нақлиёти боркаш ва 6000 автобус расид [3,с.7]. 17 августи соли 1896 дар Британияи Кабир аввалин ҳодисаи пахш шудани пиёдагард бо нақлиёт бо суръати 6 км/соат ба қайд гирифта шуд [1,с.5].

Аз солҳои 70-уми асри XX дар мамлакати Шуравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили он буд олимон ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқӣ, ташкилию идоравии бехатарии ҳаракат дар роҳро таҳия намуданд, вале фаҳмиши умумии он то ҳоло вуҷуд надорад. Бояд гуфт, ки хусусиятҳои мушаххас, мафҳумҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа мавриди баррасӣ қарор дошта, олимону донишмандон назарияҳои мухталифи худро доранд. Инчунин, мафҳуми бехатарии ҳаракат дар роҳ дар низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баъд аз соҳибистиқлол гардидан ба таври мушаххас дарҷ гардидааст.

Аҳамияти мусбати нақлиёткунонӣ, ки қисми муҳимми пешрафти техникӣ мебошад, баҳснашаванда ва равшан аст. Аммо хатари онро набояд нодида гирифт. Дар баробари ба таври васеъ рушд намудани нақлиёт хавфи зиёд шудани талафоти инсонӣ, зарарҳои моддӣ ва инчунин, корношоям гардидани қувваи кории инсонӣ мунтазам меафзояд.

Ҳангоми арзёбии аҳамияти бехатарии ҳаракат дар роҳ бояд қайд кард, ки ин мушкилот дорои хусусиятҳои хосси ҳуқуқӣ ва инчунин ташкилию идоракунӣ мебошад. Инро чунин маънидод бояд кард, ки ҳалли он аз доираи фаъолияти идоравӣ берун баромада, характери васеи ҷамъиятӣ мегирад.

Бояд гуфт, ки таъминоти бехатарии ҳаракат дар нақлиёти роҳи оҳан, баҳрӣ, дарёӣ, ҳавоӣ, хатҳои алоқа ё таҷҳизоте, ки ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт хизмат мерасонанд, стансияҳои парвоз ва таъинот, бандарҳо, истгоҳҳо, паноҳгоҳҳо, аэропортҳо, ки тобеи як ташкилоти идоравии соҳа мебошанд, зарур мебошад. Ба сифати шахсоне, ки бевосита ба ҳаракати қаторaҳо, киштиҳои баҳрӣ ва ҳавопаймоҳо назорат мекунанд, гурӯҳи нисбатан хурди одамоне интихоб карда мешаванд, ки ба талаботи хеле баланди психофизиологӣ ҷавобгӯ буда, аз курси махсуси тайёрӣ гузаштаанд. Кори онҳо таҳти назорати доимии кормандони масъули ташкилоти идоравӣ мебошад. Шахсоне, ки аз нақлиёти роҳи оҳан, ҳавоӣ, дарёӣ ва баҳрӣ истифода мебаранд, танҳо ҳамчун мусофире баромад мекунанд, ки ба кори нақлиёт халал расонида наметавонанд.

Дар нақлиёти автомобилӣ вазъияти тамоман дигар ба амал меояд. Роҳҳоро бисёр ташкилотҳо ва идораҳо дар ихтиёр нигоҳ медоранд. Нақлиётҳо моликияти даҳҳо ҳазор

корхонаву муассиса, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ мебошанд. Миллионҳо нафар шаҳрвандон, хоҳ бо касби худ ва чи соҳиби нақлиётҳои шахсии худ, ба бехатарии ҳаракат дар роҳ ниёз доранд ва ниҳоят, қариб тамоми аҳолӣ ҳамчун пиёдагард ва мусофир баромад мекунанд. Ҳамин тавр, мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ характери ниҳоят васеи иҷтимоӣ дорад, ки аҳамияти умумидавлатии онро муайян мекунад.

Ҳолати тараққиёти босуръати воситаҳои нақлиёт ва пешомадҳои онро баҳо дода, тахмин кардан мумкин аст, ки дар оянда нақлиёти автомобилӣ бо суръати баланд тараққӣ карда, нақши он дар ҷомеа боз ҳам баланд гардида, мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ хеле зиёд мегардад.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати ташкилию ҳуқуқии ҳалли ин мушкилот тезутунд гардида, лозим меояд, ки меъёрҳои ҳуқуқӣ ва механизми фаъолияти системаи бехатарии ҳаракат дар роҳ барои ноил шудан ба сатҳи ҳадди аксари самаранокии ин система такмил дода шавад.

Сарфи назар аз он ки ҳалли мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ бо омилҳои зиёди техникӣ (сифати мошин, ҳолати хуби техникӣ, сифати шароити роҳ) вобаста аст, аксарияти садамаҳои нақлиётие, ки ба амал меоянд, бевосита сабаби асосиаш аз тарафи иштирокчиёни он вайрон карда шудани қоидаҳои ҳаракат дар роҳ мебошад. Ин зарурияти ба мақсад мувофиқ гузарондани кори бештари таблиғотиро байни иштироккунандагони ҳаракат дар роҳ ба миён меорад. Аммо дар баробари ин ҳангоми баҳо додан ба самараи ин кор омили муайяни худтанзимкунии муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ ба назар нагирифтан мумкин нест. Чунки шахс тавассути дарки бевоситаи фактҳои воқеияти атроф маҳорати рафтори худро дар таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ инкишоф медиҳад.

Раванди нақлиёткунонии ҷомеа бо тамоми бартариҳои иқтисодию иҷтимоии худ падидаҳои муайяни манфиро ба миён меорад. Ба ин хисороти молумулкӣ дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ ва ҷароҳатҳои гуногун дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ, ки боиси зарар ба саломатии иштирокчиёни ҳаракат ва аксаран боиси марг мегардад, дохил мешаванд. Омили дигари манфии бо суръати баланд нақлиёткунонӣ зарарҳои кимиёвӣ, зиёдшавии гармӣ дар табиат, зиёдшавии садоҳои дилхарош дар ҷойҳои ҷамъиятӣ ва ифлосшавии электромагнитии муҳити зист мебошад.

Барои ҷомеа зарур аст, ки талафоти мутлақ дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ кам карда шавад, чунки ин омилест, ки ба пешрафти соҳаҳои иқтисодию иҷтимоии ҷомеа зарари калон ворид месозад.

Ҷанбаи иқтисодии масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дар ҳаҷми ниҳоят зиёд талафоти моддии марбут ба садамаҳо, аз тарафи дигар, мураккабӣ ва гуногунии роҳҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, моддию техникӣ ва молиявии ҳалли онҳо, ба ҳисоб меравад.

Муносибати байни ҷароҳатҳои нақлиётӣ ва талафоти иқтисодӣ дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ бояд таъкид карда шавад. Ин муносибат ба таври зерин ифода меёбад. Зарари иқтисодие, ки дар натиҷаи садамаҳои нақлиётӣ ба миён меояд, аз рӯйи маблағи зараре, ки бо корношоямии муваққатӣ ё пурраи шахсони дар натиҷаи садама зарардида, инчунин марги онҳо, вайрон гардидани воситаҳои нақлиёт, нобудшавӣ ё осеб дидани молу мулк, ба таъхир афтодани истеҳсолот вобаста аст, муайян карда мешавад.

Аҳамияти масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро арзёбӣ намуда, бояд гуфт, ки ҳалли он ба омодагии оммавии ҷомеа вобастагии зич дорад, зеро аксарияти садамаҳои нақлиётӣ дар натиҷаи вайрон кардани меъёрҳои ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракати нақлиёт ба амал меоянд. Бехатарии роҳ аз тарафи иштирокчиёни он, қасдона ё аз рӯйи беэҳтиётӣ риоя карда намешавад.

Бояд гуфт, ки бидуни танзими муфассали ҳуқуқии соҳае, ки дар он воситаҳои нақлиёт – гирифтори хатари зиёданд, ё бе низомии дақиқи иҷозат ба мамнуиятҳо, инчунин назорат аз болои иҷрои онҳо амал намекунад, ҳамлу нақли бор ва мусофиронро бехатар анҷом додан ғайриимкон аст.

Бояд вазорату идораҳо дар доираи салоҳияти худ вазифаҳои худро оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ иҷро намоянд. Оид ба ин масъала қарорҳо қабул намуда, стандартҳои идоравӣ таҳия созанд. Иҷрои онҳоро ташкил намуда, риояи онҳоро назорат кунанд.

Бо дарназардошти мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ системаеро муайян кардан лозим аст, ки дорои хусусияти умумидавлатӣ буда, ҳалли масъалаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳадафи махсуси он бошад. Шакли самараноктарини танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ меъёри ҳуқуқӣ мебошад, ки иҷрои ҳатмии он бо қудрати ҳокимияти давлатӣ таъмин карда мешавад, ки ин ба соҳаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ низ дахл дорад.

Моҳияти кори системаи бехатарии ҳаракат дар роҳ аз он иборат аст, ки бо роҳи боваркунонӣ, дар мавридҳои зарурӣ маҷбурнамоӣ ба қувваи ҳокимияти давлатӣ такя намуда, дар ҳамаи вазоратҳо, идораҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, ҳамаи шахсони мансабдор, шахсони алоҳида ва шахсони ҳуқуқӣ талаботи меъёрҳои марбут ба бехатарии ҳаракат дар роҳро бо мақсади ташаккул додани ҳолати бехатарии ҳамаи иштирокчиёни он аз садамаҳои нақлиётӣ ва оқибатҳои онҳо риоя намоянд.

«Ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳрҳо, посёлкаҳо ва шоҳроҳҳо», «ҳаракат дар кӯчаҳо», «ҳаракат дар шаҳрҳо», - инҳо ва инчунин ибораҳои дигар қаблан барои номи раванде истифода мешуданд, ки истилоҳи «ҳаракат» фаро гирифта шудааст.

Истилоҳи «ҳаракат дар роҳ» бори аввал ба амалияи байналмилалӣ тавассути Конвенсия оид ба ҳаракат дар роҳ, ки соли 1949 дар Конфронси умумиҷаҳонии ҳаракат дар роҳ дар Женева таҳти сарпарастии СММ қабул шуда буд, ворид карда шудааст. Соли 1959 ИҶШС ба он дохил шуд [2,с.5-8], вале ин истилоҳ дар мамлакати Шуравӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон шомили он буд, танҳо дар соли 1971, баъд аз он ки бо пешниҳоди мақомоти давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии ИҶШС аз тарафи Комитети истилоҳоти илмию техникии Академияи илмҳои ИҶШС тасдиқ карда буд, эътироф карда шуд.

Масъалаи шартҳои консептуалии идоракунии бехатарии роҳ яке аз масъалаҳои камтар омӯхташуда мебошад. Бояд гуфт, ки асарҳое, ки дар давоми 20 соли охир ба вуҷуд омадаанд, барои ҳалли ин мушкилот таҳлил карда шудаанд, вале онҳо чун қоида яктарафа буда, фақат аҳамияти мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро баён кардаанд. Имрӯз зарурият пеш омадааст, ки роҳҳои ҳалли он ва расидан ба дараҷаи “фавти сифр” аз ҷониби муҳаққиқон пешниҳод карда шавад.

Дар баробари ин, ин бухрони системавии солҳои 1980-1990 уми асри XX ва оғози дигаргунсозиҳои иҷтимоию иқтисодӣ ба инкишофи мушкилоти бехатарии ҳаракат такони пурзӯре бахшид.

Тадқиқотҳое, ки то солҳои 70-ум дар ИҶШС дар соҳаи бехатарии ҳаракат дар роҳ гузаронида мешуданд, асосан ба масъалаҳои техникии автомобилсозӣ ва сохтмони роҳ нигаронида шуда буданд, зеро онҳо махсусан ба хислатҳои ҷудонашавандаи ҳаракат дар роҳ - автомобил ва роҳ алоқаманд буданд.

Имрӯз метавон гуфт, ки мафҳуми «бехатарии роҳ» ба ҳуҷҷатҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ дохил шуда, на танҳо дар мубоҳисаҳои илмӣ, балки дар мубоҳисаҳои ҷамъиятию сиёсӣ низ мавқеи мустаҳкам пайдо кардааст. Дигаргуниҳо дар ҳаёти сиёсию иқтисодии кишвар, дар системаи идоракунии давлатӣ такмили низоми ташкилию ҳуқуқии таъмини бехатарии ҳаракатро тақозо мекунанд. Асоси системаи ҳуқуқии ин фаъолият дар кишвари соҳибистиқлоли мо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 ноябри соли 1995 таҳти №195 "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" мебошад.

Як қатор таърифҳои ҳаракат дар роҳ дар маъхазҳои гуногун пайдо шудаанд, ки ҷиҳатҳои гуногуни ин падидаро инъикос мекунанд. Тибқи назари В.В. Лукянов, «ҳаракат дар роҳ ҷараёни ҳаракати воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо мебошад, ки дар он амалиёти иштирокчиёни он - ронандагон, пиёдагардон ва мусофирон бо қоидаҳои махсус муайян карда мешавад» [8,с.15].

Г.И. Клинковштейн ҳаракати нақлиётро дар роҳҳо "системаи мураккаби динамикӣ, ки маҷмуи ҳаракати пиёдагардон ва намудҳои гуногуни нақлиёти механикӣ ва ғайримеханикӣ " номидааст [5,с.8].

Як мафҳуми дигари муфассалтар аз ҷониби И. Шахриманян пешниҳод гардидааст: «Ҳаракати муосир дар роҳ ин ҳаракати одамон ва молҳо тавассути воситаҳои нақлиёти механикӣ, инчунин одамон берун аз ин воситаҳои нақлиёт дар роҳҳо мебошад, ки бо

меъёрҳои махсуси ҳуқуқӣ танзим карда шуда, аз ҷониби мақомоти давлатӣ танзим карда мешавад” [9,с.12].

Ҳамчунин, объекти танзими ҳуқуқии ҳаракати нақлиётро Р.И. Денисов баҳогузорӣ намуда, чунин арзёбӣ намудааст. Вай нақлиётро ҳамчун маҷмуи муносибатҳои иҷтимоӣ муаррифӣ кардааст, ки аз зарурати кашонидани мусофирону бор ва омодагӣ ба ин раванд бармеояд [4,с.34].

Масъалаи истифодаи истилоҳоти возеҳ, дуруст ва аз ҷиҳати ҳуқуқӣ салоҳиятдор тасодуфӣ нест. Истилоҳи «бехатарии ҳаракат» моҳияти падидаи таъиншударо дақиқ инъикос мекунад. Дар собиқ Шуравӣ то соли 1973 «Коидаҳои ҳаракат дар кӯчаҳои шаҳрҳо, посёлкаҳо ва роҳҳои ИҶШС» амал мекард. Дар асоси тафсири аслии ҳуқуқии ин санад, доираи он расман бо "кӯчаҳои шаҳрҳо, шаҳракҳо ва роҳҳо" маҳдуд карда шуда буд, ки дар бораи имкони истифодаи он дар арзёбии ҳодисаҳо ва кирдори ашхосе, ки берун аз ҳудуди муайяншуда ба амал омадаанд, шубҳаҳои комилан қонуниро ба вуҷуд овардааст. Шабакаи расман эътирофшудаи кӯчаву роҳҳо, масалан, дар саҳро, ҷангал ва ғ. Бо вуҷуди ин, таҳлили амалияи судии ин давра нишон медиҳад, ки судҳо гунаҳгоронро барои ҷиноятҳои ҳаракат дар роҳ, сарфи назар аз ҷойи содиркардаашон ба ҷавобгарӣ кашидаанд. Ҳамин тариқ, ворид шудани истилоҳи «ҳаракат» имкон дод, ки ин падидаи гуногунҷанба аз ҷиҳати ҳуқуқӣ дуруст тавсиф карда шавад.

Тавсифи каме фарққунандаи ҳаракат дар роҳ ба мо аз ҷониби Қонуни амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" пешниҳод карда шудааст [7]:

**Ҳаракат дар роҳ -** маҷмуи муносибатҳое, ки дар раванди ҷойивазкунии одамон ва бор тавассути воситаҳои нақлиёт ё бе онҳо дар ҳудуди роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд.

**Бехатарии ҳаракат дар роҳ -** маҷмуи чорабиниҳое, ки ба таъмини бехатарии иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ равона гардидаанд [7].

Баъзе ибораҳое, ки дар ин мафҳумҳо истифода мешаванд, равшаниро талаб мекунанд.

Ҳамин тариқ, **роҳ** як рахи замин ё сатҳи иншооти сунъӣ мебошад, ки барои ҳаракати воситаҳои нақлиёт муҷаҳҳаз ё мутобиқ карда шудааст ва истифода мешавад. Роҳ як ё якчанд қисмҳои мошингард, инчунин роҳҳои трамвай, пиёдагардҳо, канорҳо ва хатҳои ҷудокуниро, агар мавҷуд бошанд, дар бар мегирад.

Дар раванди ҳаракат дар роҳ ҷойи марказиро одам ишғол мекунад. Аломате, ки мансубияти ӯро ба раванди ҳаракат дар роҳ муайян мекунад, иштироки ӯ дар ин раванд ҳамчун ронанда, пиёдагард ё мусофир мебошад.

**Истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард -** шахсоне, ки иштирокчиёни ҳаракат дар роҳ мебошанд, инчунин, дар роҳҳои автомобилгард ба фаъолияти иҷозатдодашуда машғуланд, ба ғайр аз фаъолияти роҳдорӣ ва корҳои роҳсозӣ.

**Иштирокчиёни ҳаракат дар роҳҳои автомобилгард -** шахсоне, ки аз роҳҳои автомобилгард ва ҷойҳои дигаре, ки барои аз як ҷой ба ҷойи дигар расондани одамон ва интиқоли бор тавассути воситаҳои нақлиёт пешбинӣ шудаанд, истифода бурда, дар раванди ҳаракат ҳамчун ронанда, пиёдагард, мусофир, велосипедрон, чорворон, аробакаш ва шахсони дигар бевосита иштирок менамоянд.

**Ронанда** – шахсе, ки ягон намуди воситаи нақлиётро идора мекунад, галабон (подабоне), ки ҳайвоноти боркаш, саворӣ ё подаро бо роҳ пеш мебарад.

**Пиёдагардон** – шахсе, ки дар ҳаракат дар роҳ берун аз воситаи нақлиёт иштирок менамояд ва ягон кореро дар роҳ анҷом намедиҳад [6].

**Мусофир -** шахс ба ғайр аз ронанда, ки дар дохили воситаи нақлиёт (дар болои он) мебошад, инчунин шахсе, ки ба воситаи нақлиёт ворид (савор) мешавад ё аз воситаи нақлиёт мефарояд ва дар дохили он қарор дорад, аммо ба идораи он алоқа надорад.

Раванди ҳаракат дар роҳ, вобаста ба эҳтиёҷоти инсон ба интиқоли мусофирон ва борҳо бо воситаи нақлиёт ва бо суръати муайян анҷом додани он ба вуҷуд омада ва инкишоф мёебад. Суръати ҳаракат хусусияти асосии воситаи нақлиёт мебошад, ки маҳдудияти он бо қувваи муҳаррик, сарфи энергия вобастагӣ дорад. Аммо, суръати меъёрии ҳаракат назар ба қобилияти нақлиёт хеле паст аст. Сабаби ин шароити роҳ - маълумот дар бораи роҳ (параметрҳои геометрии он, ҳолати қисми мошингузар, канораҳои роҳ), муҳити ҳаракат (ҳавои абрнок, боронӣ, барфу яхбандӣ), ҳолати техникии

наклиёт (мавкеи он дар роҳ, нисбат ба дигар наклиётҳо) Ҳолати равонӣ (баҳодиҳии ҳолати психофизиологии худ) мебошад. Ҳамин тариқ, ронанда хоҳиши бо суръати баландтарин ҳаракат карданро дорад, аммо ба ин хоҳиш хатари садамаи наклиётӣ, зарурати маҳдуд кардани суръат бо мақсади пешгирӣ кардани ҳолати фавкулода муқобилият мекунад.

Воқеан, суръати воқеӣ на танҳо ба қувваи мошин, балки ба сифатҳои конструктории он вобаста аст, ки ин ба роҳҳо ва ҳолати хуби онҳо низ дахл дорад.

Ихтилофи мафҳумҳои "суръати баланд – хатар аст" дар тамоми зинаҳои бехатарии ҳаракат дар роҳ дучор мешавад. Бартараф намудани ин зиддият танҳо дар сурати самарабахшии фаъолияте, ки ташкили ҳаракати нақлиёт ном дорад, имконпазир аст. Бо дарназардошти ин, истилоҳи «ташкили ҳаракати нақлиёт», аз ҷониби В.В. Лукянов чунин шарҳ шудааст: **ташкили бехатарии ҳаракат дар роҳ -** фаъолиятест оид ба таъмини суръати баландтарини таъмини бехатарӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи иштирокчиёни он, беҳтар намудани воситаҳои нақлиёт, шароити роҳ, дар ҳолати коршоям нигоҳ доштани онҳо, танзими бехатарии ҳаракат, назорати риояи қоидаҳои ҳаракати роҳ мебошад [8,с.25].

Аммо, дар айни замон мафҳуми дигари ташкили ҳаракати нақлиёт ба таври меъёрӣ дар қонунгузории муосир муқаррар карда шудааст [7 ]. Ин равандро ҳамчун маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, ташкилию техникӣ ва амалҳои маъмурӣ оид ба назорати ҳаракати нақлиёт дар роҳҳо нишон медиҳад.

**Таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ**– маҷмуи чораҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ, таълимӣ, назоратӣ, ташвиқотию тарғиботӣ, муҳандисию техникӣ ва чораҳои дигаре, ки ба пешгирӣ намудани ҳодисаҳои роҳу нақлиёт ва сабук гардондани вазнинии оқибатҳои он равона шудаанд [7].

**Ҳаракат дар роҳ**– маҷмуи муносибатҳое мебошад, ки дар раванди ҷойивазкунии одамон ва бор тавассути воситаҳои нақлиёт ё бе онҳо дар ҳудуди роҳҳои автомобилгард ба вуҷуд меоянд.

Дар амал натиҷаҳои ин фаъолиятро оид ба таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ аз рӯйи нишондиҳандаҳои ҳолати садамаҳо арзёбӣ кардан мумкин аст. Вазъияти фалокатҳо аз рӯйи шумора ва вазнинии оқибатҳои фалокатҳои нақлиётӣ муайян карда мешавад.

Масъалаҳои ҳодисаҳои нохуш ва таъмини бехатарии ҳаракатро ба назар гирифта, мо ногузир ба мафҳуми садамаи нақлиётӣ дучор мешавем.

**Садамаи нақлиётӣ -** ҳодисае мебошад, ки ҳангоми ҳаракати воситаи нақлиёт дар роҳ ва бо иштироки он ба вуҷуд омада, дар он одамон ҳалок ё маҷруҳ шудаанд, воситаҳои нақлиёт, иншоот, бор зарар дидаанд ё дигар хисороти моддӣ расонида шудааст [6].

Дар роҳ ҳодисаҳое рӯй медиҳанд, ки боиси ҷавобгарии ҷиноятӣ мегарданд. Барои далел овардан ба ин гуна ҳодисаҳо истилоҳи «ҷинояткории нақлиётӣ»-ро истифода бурдан ба мақсад мувофиқ аст.

**Ҳуқуқвайронкунии ҳаракати нақлиёт -** як садамаи нақлиётӣ мебошад, ки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.

Дарвоқеъ, ҷинояти нақлиётӣ як навъ садамаҳои нақлиётист. Аз шумораи умумии садамаҳои нақлиётӣ ҳолатҳоеро ҷудо кардан мумкин аст, ки дар онҳо фарорасии оқибатҳои зараровар бо ҷавобгарии ҷиноятӣ алоқаманд аст.

Ҳаракат дар роҳро ба назар гирифта, ба он диққат додан лозим аст, ки ин равандест, ки системаи муайяни иҷтимоӣ буда, аз як қатор қисмҳо иборат аст. Инсон ҷузъи асосии раванди ҳаракат дар роҳ мебошад. Дар ҳаракати нақлиёт, тавре ки дар боло зикр карда шуд, шахс метавонад ҳамчун ронанда, мусофир ё пиёдагард баромад кунад. Гузашта аз ин, ба гуфтаи В.В. Лукянов [8,с.16-17], агар сухан дар бораи ронанда равад, пас он бояд аз нақлиёташ ҷудонашаванда ҳисобида шавад, зеро «...на ронанда ва на воситаҳои нақлиёт, ки алоҳида баён мешаванд, раванди ҳаракатро ташкил карда наметавонанд...» [8,с.17]. Роҳе, ки дар он воситаи нақлиёти ронандагӣ ҳаракат мекунад, инчунин ҷузъи ҳатмии унсури ҳаракати роҳ мебошад.

Ҳамин тариқ, дар охири асри XIX пайдоиши воситаи нақлиёт ва паҳншавии васеи он заруриятеро пеш овард, ки танзими ҳуқуқии ҳаракати воситаҳои нақлиёт бо мақсади таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ дида баромада шуда, дар асоси қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалию минтақавӣ заминае пайдо гардид, ки дар асоси он

маънои мафҳумҳои ҳаракат дар роҳ ва унсурҳои муҳимми он ва инчунин дигар мафҳумҳои марбут ба бехатарии ҳаракат дар роҳ равшан гардиданд.

Бояд гуфт, ки баҳри баланд бардоштани таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ, ҷомеа ва давлат пайваста талош меварзад, то ин ки оқибатҳои хавфноки ҳодисаҳои нақлиётӣ ва таъмини некуаҳволии мардум ҳифз карда шавад. Маҷмуи тадбирҳои дар ин самт андешидашуда, системаи таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳро ташкил медиҳад. Низоми таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ маҷмуи чорабиниҳои бисёрсатҳаи мутақобилан мувофиқашудаи ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, назоратӣ ва дигар чорабиниҳо мебошад, ки аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ амалӣ карда мешавад. Инчунин, ташкил намудани чорабиниҳо аз ҷониби ташкилотҳои ҷамъиятӣ, баҳри пешгирии садамаҳои нақлиётӣ ва баланд бардоштани сатҳи ҳифзнамоии мардум аз оқибатҳои ногувори садамаҳои нақлиётӣ мебошад.

**Муқарриз: Назарзода Н.Ҷ. – д.и.ҳ., профессори АВКД ҶТ**

**АДАБИЁТ**


1. Абдульзянов, А.Р. Безопасность дорожного движения в системе государственной политики страны / А.Р. Рашидович // Власть. – 2018. 08. -С.130-135.
2. Афанасьев М.Б. Водителю о дорожном движении / М.Б. Афанасьев.- Москва, 1977.- 158 с.
3. Блинкин, М.Я. Безопасность дорожного движения: история вопроса, международный опыт, базовые институции / М.Я. Блинкин. - М.: НИУ ВШЭ, 2012.- 240 с.
4. Васильев Н.М. Организация движения наземного нерельсового транспорта / Н.М. Васильев, В.Н. Иванов.- Москва, 1971. – 143 с.
5. Великанов Д.П. Будущее автомобильного транспорта / Д.П. Великанов.- Москва, 1972. – 64 с.
6. Головко, В.В. Административная деятельность Государственной инспекции безопасности дорожного движения / В.В. Головко, В.И. Майоров, Ортман, Е.А. - учебное пособие. - Омск, 2008. – 187 с .
7. Денисов, Р.И. Административный надзор в сфере дорожного движения / Р.И. Денисов. -М.: ВНИИБД МВД СССР, 1982. -142 с.
8. Епифанов В.В. История организации дорожного движения: учебное пособие / В.В. Епифанов. -Ульяновск: УлГТУ, 2019. - 104 с.
9. Калюжный Ю.Н. Основные направления государственной политики в области обеспечения безапасности дорожного движения / Ю.Н. Калюжный // Проблемы правоохранительной деятельности. – 2016. -№1(16). -С.56-59.
10. Клинковштейн Г.И. Организация дорожного движения / Г.И. Клинковштейн. –М., 1975. -150 с.
11. Қоидаҳои ҳаракат дар роҳ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 июни соли 2017, № 323 тасдиқ шудааст // Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳ. -Душанбе: Ирфон, 2017. -282 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" // Маҷмуи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти бехатарии ҳаракат дар роҳ // Бо қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 апрели соли 2018, №1069 қабул карда шуд. Бо қарори Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 11 майи соли 2018, № 542 ҷонибдорӣ карда шуд.
13. Лукьянов В.В. Безопасность дорожного движения / В.В. Лукьянов. –М., 1983. -262 с.
14. Тишаков М. П. Неделя безопасности дорожного движения / М.П. Тишаков // История и современность. - 2021. - №1(14). -С.115-127.
15. Шахриманьян И.К. Безопасность дорожного движения / И.К. Шахриманьян. –М., 1979. -78 с.


## МАФҲУМИ БЕХАТАРИИ ҲАРАКАТ ДАР РОҲ ТИБҚИ САРЧАШМАҲОИ ҲУҚУҚӢ


Дар мақола мафҳуми бехатарии ҳаракат дар роҳ тибқи сарчашмаҳои ҳуқуқӣ, ки яке аз масъалаҳои мубрами ҷомеаи муосир ба ҳисоб меравад, баррасӣ карда мешавад. Пайдоиши системаи бехатарии ҳаракат дар роҳ падидаи стихиявӣ набуда, рушди он аз марҳилаҳои муайяни таърихӣ гузаштааст, ки дар давоми онҳо шартҳои зарурии ташаккули чунин система ба вуҷуд омада, рушд ёфтаанд. Мушкилоти таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ҳанӯз пеш аз пайдоиши нақлиёт ба миён омада, танҳо бо пайдоиши он ҷомеа бо як мушкилоти ҷиддӣ рӯ ба рӯ шуд. Дар баробари аҳамияти мусбати автомобилсозӣ, хатари афзоиши талафоти инсонӣ ва моддии марбут ба садамаҳои нақлиётӣ низ афзоиш ёфт. Дар ин шароит чорабиниҳо оид ба пешгирии марги одамон ва осеб дидани онҳо дар натиҷаи фалокатҳои роҳ аҳамияти махсус пайдо карданд. Дар ин масъала ба мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ мақоми хосса дода шуд. Яке аз масъалаҳои асосие, ки дар мақола таҳлил карда мешавад, бехатарии ҳаракат дар роҳҳо мебошад, ки аз ҷониби мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ба танзим оварда мешавад. Дар адабиёти ҳуқуқӣ ва техникӣ дар бораи мафҳуми ҳаракат дар роҳ андешаҳои гуногун мавҷуданд. Мутахассисони соҳаи ҳаракати роҳ ҳаракат дар роҳро ҳамчун системаи мураккаби динамикӣ, ки аз се унсури ба ҳам алоқаманд -одам, воситаи нақлиёт ва роҳ иборат аст дурусттар дарк намуда ва баррасӣ мекунанд. Ин таъриф хусусияти мураккаби ҳаракати нақлиётро таъкид намуда, сохтори онро нишон медиҳад.



**Калидвожаҳо:** бехатарии ҳаракат, роҳ, унсурҳои роҳ, садама, ронанда, пиёдагард, мусофирон.

## ПОНЯТИЕ БЕЗОПАСНОСТИ ДОРОЖНОГО ДВИЖЕНИЯ ПО ИСТОЧНИКАМ ЗАКОНОДАТЕЛЬСТВА

В статье рассматривается понятие безопасности дорожного движения в соответствии с правовыми источниками, что является одним из наиболее актуальных вопросов современного общества. Возникновение системы безопасности дорожного движения не является спонтанным явлением, ее развитие прошло определенные исторические этапы, в ходе которых возникали и развивались необходимые условия для формирования такой системы. Проблема безопасности дорожного движения возникла еще до появления транспорта, и только с его появлением общество столкнулось с серьезной проблемой. Наряду с позитивным значением автомобильной промышленности увеличился и риск человеческих и материальных потерь, связанных с дорожно-транспортными происшествиями. В этом контексте особое значение приобретают меры по предотвращению гибели и травматизма в результате дорожно-транспортных происшествий. В связи с этим органам Государственной автомобильной инспекции был присвоен особый статус. Одним из основных вопросов, анализируемых в статье, является безопасность дорожного движения, которая регулируется Государственной автомобильной инспекцией. В юридической и технической литературе существуют разные мнения о понятии дорожного движения. Специалисты в области дорожного движения понимают и рассматривают движение как сложную динамическую систему, состоящую из трех взаимосвязанных элементов: человека, транспортного средства и дороги. Это определение подчеркивает сложный характер трафика и показывает его структуру.

**Ключевые слова:** безопасность движения, транспорт, дорога, элементы дороги, ДТП, водитель, пешеход, пассажир.

## THE CONCEPT OF ROAD SAFETY ACCORDING TO THE SOURCES OF LEGISLATION

The article discusses the concept of road safety in accordance with legal sources, which is one of the most pressing issues of modern society. The emergence of a road safety system is not a spontaneous phenomenon, its development has gone through certain historical stages, during which the necessary conditions for the formation of such a system arose and developed.The problem of road safety arose even before the advent of transport, and only with its advent did society face a serious problem. Along with the positive value of the automotive industry, the risk of human and material losses associated with road traffic accidents has also increased. In this context, measures to prevent road traffic deaths and injuries are of particular importance. In this regard, the bodies of the State Automobile Inspectorate were given a special status.One of the main issues analyzed in the article is road safety, which is regulated by the State Automobile Inspectorate. In the legal and technical literature, there are different opinions about the concept of road traffic. Traffic specialists understand and view traffic as a complex dynamic system consisting of three interrelated elements: a person, a vehicle, and a road. This definition emphasizes the complex nature of traffic and shows its structure.

**Keywords:** traffic safety, transport, road, road elements, road accident, driver, pedestrian, passenger.

**Маълумот дар бораи муаллиф*: Ҳабибов Сиёвуш Изатуллоевич* –** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А.Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, докторанти Ph.D. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Сведения об авторе: *Хабибов Сиёвуш Изатуллоевич* -** Институт философии, политологии и права им. А. Баховаддинова НАНТ, докторант Ph.D. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, проспект Рудаки, 33. Телефон: **985-25-35-24**

**Information about the author: *Khabibov Siyovush Izatulloevich* -** Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A. Bahovaddinov of the National Academy of Sciences of Tajikistan, Ph.D. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **985-25-35-24**

УДК: 347.16

# КЛАССИФИКАЦИЯ ПРАВОВЫХ СПОРОВ В АКЦИОНЕРНЫХ ПРАВООТНОШЕНИЯХ: ПОСТАНОВКА ПРОБЛЕМЫ

*Косимов Ф.А.*
**Таджикский национальный университет**

Стабильность современной экономики зависит от корпоративного сектора, между тем общее состояние акционерного законодательства свидетельствует о его несовершенстве, следствием которого является порождение конфликтных ситуаций, что в свою очередь влияет на экономику. Рассматривая вопросы акционерных правоотношений, нельзя обойти вниманием такую правовую категорию, как «корпоративный спор», именно в процессе корпоративного управления возникает такое явление. Научное исследование сущности и содержания корпоративного спора позволяет не только понять предпосылки и условия его возникновения, но и является необходимым элементом при исследовании теоретических проблем защиты корпоративных прав, проблем, связанных с разграничением подведомственности категорий таких дел. Следовательно, исследование квалифицирующих признаков и сущности корпоративного спора поможет определить механизмы и способы предупреждения и наиболее эффективного разрешения корпоративных конфликтов.

Термин «правовые споры» получает в современном обществе все большее распространение. Деловая пресса пестрит сообщениями об акционерных войнах, агрессивных поглощениях, оспариваниях результатов общих собраний акционеров, шантаже эмитентов со стороны миноритарных акционеров, умышленных банкротствах и т. д. Подчас правовые споры принимают самые уродливые формы: силовой захват предприятий, личные угрозы акционерам и менеджерам, уголовные иски. Очень часто корпоративный конфликт сопровождается нарушением норм и требований российского законодательства и практически всегда – нарушением или ущемлением прав той или иной группы акционеров.

Мировой опыт показывает, что правовые споры являются неизбежным злом. Однако лавинообразное нарастание их количества в стране в последние годы заставляет серьезно задуматься о причинах их возникновения и способах преодоления.

Что же такое правовые споры? В чем причина их возникновения? В каких формах они проявляются? Как не допускать возникновения споров, а если таковой случился - как максимально безболезненно для акционерного общества и его акционеров такой спор погасить?

В последние годы корпоративные споры стали центром внимания судебной практики и юристов-теоретиков. Несовершенство правового регулирования акционерных отношений, отсутствие активного реформирования акционерных законодательства, эффективной доктрины корпоративного права и низкое качество локальных актов обществ становятся основой недружественного поглощения, произвола чиновников и принятия незаконных судебных решений. Кроме этого, увеличение судебного сбора, стало основанием для уменьшения количества дел в хозяйственных судах, возникающих по поводу нарушений корпоративных прав, что в свою очередь актуализирует исследование альтернативных форм защиты нарушенных прав.

В литературе отмечалось, что решение проблем предотвращения и разрешения корпоративных конфликтов должно быть системным, с учетом комплекса факторов – экономических, правовых, культурных и т.д. Фрагментарные шаги в этом направлении не обеспечат достижения цели, а лишь усугубят ситуацию. Четкое определение механизмов реализации прав акционеров является основой формирования эффективной системы их защиты. Так что правовые механизмы при этом играют особую роль, обеспечивая цивилизованное решение указанных вопросов даже при отсутствии других факторов.

В разрезе исследования защиты корпоративных прав необходимо определиться с правовой природой корпоративного конфликта как понятие, имеющее самостоятельный характер, проявляющийся в его особенностях, имеющее специфические признаки и определенные формы проявления. Наряду с этим следует определиться с критериями для

видовой дифференциации корпоративных споров, ведь от объекта корпоративного конфликта зависит избрание того или иного способа защиты корпоративных прав и определение формы правовой защиты.

Вопрос о сущности правовых споров был предметом исследования, выводы которого были сведены к тому, что правовой спор исключительно материально-правовым явлением, и впервые были определены признаки правового спора, такие как: предположение участников спора о существовании материальных правоотношений между ними; материальные субъективные интересы участников, противоречащих друг другу; практическая ценность понятия правового спора, заключающаяся в возможности путём его решения устанавливать определенность в содержании правоотношений, чем достигается защита законных прав и интересов участников[4].

Корпоративный конфликт является специфическим состоянием корпоративных отношений, которому присущи основные характеристики, в частности:

- наличие не менее двух сторон конфликта (акционер, АО, участник АО, органы управления АО, реестрополучатель и.т.д.);

- правовой характер конфликта, обусловленный противоположностью цели и интересов участников акционерных отношений. Субъекты акционерных отношений обладают общим интересом (в лице АО) и частным интересом (в лице акционеров);

- объектом конфликта являются корпоративные отношения, а также отношения, связанные с деятельностью АО;

-содержанием конфликта желание изменять свой статус или юридическое положение, влиять на поведение других участников,

- предпосылкой конфликта является противоречие, заключающееся в злоупотреблении своим правом, неисполнении обязанностей и т.д.;

Признаком корпоративного спора является не только предположение о существовании корпоративных отношений, но и предположение о состоянии нарушения субъективного корпоративного права.

Субъектом корпоративного спора, с одной стороны, является лицо, которое является носителем корпоративных прав при наличии доказательств нарушения, оспорения и непризнания его корпоративных прав.

Если проанализировать судебную практику, разъяснения и рекомендации высших судебных инстанций, то можно сделать вывод, что к корпоративным спорам отнесены споры:

- по искам о признании недействительными учредительных документов АО;

- о ликвидации АО или отмене его государственной регистрации;

- по искам акционеров АО о переводе на них прав и обязанностей покупателя акций в связи с нарушением их преимущественного права на приобретение акций, продаваемых другими акционерами общества;

- по искам акционеров публичных АО и акционеров – владельцев привилегированных акций о переводе на них прав и обязанностей покупателя акций в связи с нарушением их преимущественного права на приобретение акций допэмиссии, распространяемых путем частного размещения ;

- споры между участниками АО и АО по поводу права собственности на имущество, переданное как вклад в уставный капитал;

- по иску участника АО о возмещении ущерба, причиненного АО;

- споры, связанные с эмиссией ценных бумаг;

Таким образом, корпоративный спор является видовым понятием родового понятия «корпоративный конфликт», обуславливается гражданско-правовой природой, поскольку связан с правовым требованием защиты корпоративного права участника, ввиду преобладающей роли гражданско-правовых способов в защите корпоративных прав и интересов, и характеризуется комплексным характером, квалификация которого зависит от субъектного и предметного критерия. Корпоративный спор является сложной категорией и несет двойную содержательную нагрузку, поскольку определяется субъектным составом

спорного корпоративного правоотношения и особым объектом спора, реализуемого в процессуальном документе - корпоративном иске.

В зависимости от структуры корпоративных правоотношений корпоративные споры предлагается разделить на две группы:

1-я группа – внутриправовые конфликты, возникающие между: 1) членами АО: 2) АО и членами; 3) органами АО и между членами АО; 4) членами АО и управленцами;

2-я группа – внешнеправовые конфликты, возникающие между: 1) членами АО и третьими лицами (контрагентами), связанные с обжалованием сделок с оснований их «заинтересованности»; 2) АО (его членами) и госорганами (другими организациями), связанными с правовым статусом АО, заключением сделок с акциями (в частности, согласование соглашений по концентрации активов с антимонопольным органом); 3) АО (дочерним предприятием), контролирующим хозяйственное объединение лицом и третьими лицами, в том числе связанными с субсидиарной ответственностью холдинговой организации и других контролирующих корпорацию лиц по долгам дочерней корпорации при банкротстве последней.

В зависимости от цели создания АО целесообразно выделять следующие споры:

- споры, возникающие между акционерами и юридическим лицом, созданным для получения прибыли (холдинговые компании, корпорации);

- споры, возникающие между акционерами и АО созданным без цели извлечения прибыли (кооперативы, кредитные союзы).

В зависимости от вида корпоративных прав целесообразно выделять:

- корпоративные споры по организационному праву;

- корпоративные споры по имущественным правам; - корпоративные споры по поводу информационных прав.

Наряду с этим на легальном уровне в ЭПК РТ следует закрепить классификацию корпоративных споров, в перечень которой включить:

1) споры, связанные с созданием, ликвидацией АО;

2) споры о признании недействительными учредительных документов;

3) споры, связанные с принадлежностью акций;

4) споры между участниками;

5) споры, вытекающие из сделок участников юридического лица по поводу управления этим юридическим лицом, включая споры, вытекающие из корпоративных договоров;

7) споры, связанные с эмиссией ценных бумаг;

8) споры, вытекающие из деятельности держателя реестра владельцев ценных бумаг;

9) споры об обжаловании решений органов управления АО.

В подведомственность корпоративных споров экономическим судам обусловлена:

- экономическим характером спора; основанием возникновения спорного правоотношения (участие в хозяйственном обществе, кооперативе);

- формой корпорации (хозяйственное общество, кооператив, хозяйственное объединение);

- связью с деятельностью юридического лица через корпоративное управление, а именно организационно-хозяйственными и внутренне-хозяйственными отношениями.

Однако корпоративный спор не является хозяйственным спором, поскольку возникает между участниками корпоративных отношений не по поводу хозяйственной деятельности, а по материальным, организационным правоотношениям относительно приобретения, осуществления и прекращения их корпоративных прав и интересов. Поэтому представляется целесообразным, учитывая специфику дел, возникающих по корпоративным спорам, по аналогии с системой судов по делам интеллектуальной собственности, создать также суды по корпоративным делам, предметом рассмотрения которых будут корпоративные споры независимо от вида участников.

Так решение корпоративного спора возможно только в рамках формализованного процессуального порядка с вынесением судебного акта, основываясь на материальных нормах права, с возможностью принудительного исполнения, что также имеет определенные особенности.

В научной литературе существует три главных подхода к вопросу правовой природы правового спора:

1) правовой спор – это явление процессуального права;

2) правовой спор – это категория, которая включает в себя признаки как материального, так и процессуального права;

3) правовой спор – явление сугубо материальное. Эксперты отмечают, что при оценке корпоративного спора учитываются не только его правовые аспекты (применимые нормы права), но и экономические, социальные и другие факторы, характеризующие поведение участников спора.

Наряду с этим в литературе встречается критика использования в законодательстве словосочетания «корпоративные споры» в связи с его неоднозначностью. Г.А. Аболонин отметил, что «корпоративный спор» является еще одним синонимом давно известных ситуаций экономической жизни, характеризующихся посредством понятий «корпоративные конфликты» или «корпоративные войны»[1,с.56].

Согласно законодательству к корпоративным спорам относятся споры между хозяйственным обществом и его участником (учредителем, акционером), в том числе выбывшим участником, а также между участниками (учредителями, акционерами) хозяйственных обществ, связанных с созданием, деятельностью, управлением и прекращением деятельности этого общества, кроме трудовых споров. Конечно, такой подход законодателя к корпоративному спору сужал его сущность, ведь таким образом сужались формы корпоративных прав и исключалась возможность защиты корпоративных прав участников хозяйственных объединений, кооперативов. Ведь корпоративные права могут существовать в разных формах - как часть в уставном капитале общества, как акция или пай. На сегодняшний день новый ЭПК РТ расширил круг участников корпоративных отношений, имеющих возможность обратиться за защитой своего субъективного права и интереса, обусловив это корпоративными спорами, возникающими между участниками (учредителями, акционерами, членами) юридического лица или между юридическим лицом и его участником (учредителем, акционером, членом), в том числе выбывшим участником, связанным с созданием, деятельностью, управлением или прекращением деятельности такого юридического лица, кроме трудовых споров. Впрочем, законодательное определение корпоративного спора так и не предоставлено, хотя закрепление его необходимо для обеспечения юридической экономии и усовершенствования юридической техники.

Следует упомянуть, что законодателем были предложены некоторые новые нормативные решения, а именно связанные с расширением перечня дел, подведомственных экономическим судам. Был расширен субъектный состав участников корпоративных споров и наряду с этим расширен круг подведомственности дел хозяйственным судам, а именно дополнен спорами между хозяйственным обществом и его должностным лицом (в том числе должностным лицом, полномочия которого прекращены) о возмещении ущерба, причиненного таким должностным лицом хозяйственному обществу его действиями (бездействием). Впрочем, дополняя ЭПК РТ спорами между хозяйственным обществом и его должностным лицом (в том числе должностным лицом, полномочия которого прекращены) о возмещении ущерба, причиненного таким должностным лицом хозяйственному обществу его действиями (бездействием), вновь возникал вопрос субъектного состава, и юристы прогнозировали возникновение проблем в судебной практике в связи с применением данной нормы, в частности связанных с толкованием ее положений. Полагаясь на положительную новеллу, воплотившую наработку судебной практики за последние годы в сфере корпоративных отношений, мы не получили ни понятия «корпоративный спор», ни перечень дел с учетом существующих разногласий относительно понятийного аппарата и терминологии. Речь идет о субъективной составляющей таких споров и ограничениях юридических лиц, имеющих иную организационно-правовую форму, чем хозяйственное общество, а между тем относятся к предприятиям корпоративного типа с учетом организационных форм предприятий, предусмотренных ГК

Таким образом, в ЭПК РТ к юрисдикции судов отнесены дела, возникающие из корпоративных отношений в спорах между учредителями, акционерами, членами, в том числе

выбывшим участником, а также между участниками АО связанными с созданием, деятельностью, управлением и прекращением деятельности такого лица, кроме трудовых споров. Вместе с тем, на сегодняшний день к корпоративным спорам легально отнесены дела в спорах между хозяйственным обществом и его должностным лицом о возмещении убытков. Сегодня соответствующее закрепление такой категории корпоративных споров отражено и исправлена ошибка ранее действовавших редакций, где при определении подведомственности дел этой категории суды учитывали только закон «Об акционерных обществах» и применяли данные предписания исключительно к хозяйственным обществам. Следовательно, учитывая, что дела в спорах между юридическим лицом и его должностным лицом (в том числе должностным лицом, полномочия которого прекращены) о возмещении ущерба, причиненного юридическому лицу действиями (бездействием) такого должностного лица, по иску владельца (участника, акционера) такого юридического лица, представленным в его интересах, подведомственные хозяйственным судам, спорность позиций относительно наличия корпоративных отношений в производственных кооперативах, фермерских хозяйствах, частных предприятиях, основанных на собственности двух или более лиц, прекращена.

Однако, учитывая правовую природу корпоративного спора, не затрагивая видовую принадлежность к хозяйственным спорам, которую описывают ученые хозяйственники, следует определить, что корпоративный спор обуславливается конфликтами, возникающими в процессе создания юридического лица, в процессе управления юридическим лицом и по поводу некоммерческого спора коммерческого партнерства, которое присуще как хозяйственным обществам, предприятиям корпоративного типа, так и хозяйственным объединениям[2,с.20].

В литературе активно обсуждается вопрос о защите прав меньшинства.[9:10] При этом считаем, что не стоит путать игнорирование воли и нарушение его прав. Игнорировать волю меньшинства возможно так как они приобретая незначительное количество акций заранее косвенно с этим согласен. В связи с чем, принятое решение общего собрания, нарушением прав меньшинства не является. Нарушением прав меньшинства будет являться несоответствие решения общего собрания, требованиям законодательства.

В последнее время многие таджикские АО начали кконсолидацию своих акций, и как результат ообразовались дробные акции выпускаемые АО по рыночной цене, таким образом акционеры без ведома лишились своих целых акций. Конституционность положений о консолидации акций проверена Конституционным Судом РТ.[11] Обосновывали свою позицию заявители следующими аргументами:

1. Несоразмерность такое ограничение.

2. Введением в оборот дробных акций, в результате консолидации, законодатель устранил оспариваемость нормы о консолидации целых акций.

3. Новая правовая конструкция – дробная акция – не укладывается в понятия действующих правовых институтов рынка ценных бумаг.

Проблема защита прав акционеров была актуально.[13:14:7:5]

Муҳимтарин ва барҷастатарин унсури плюрализми сиёсӣ ҳизбҳои сиёсӣ ба шумор мераванд, ки дар системаи сиёсии ҷомеа нақши муҳим доранд. Онҳо ифодагари манфиатҳои умумиятҳои муайяни ҷомеа, воситаи танзими муносибатҳои системаи сиёсӣ амал менамоянд. Ҳизбҳои сиёсӣ дар системаи сиёсии ҷомеа вазифаҳои гуногунро ба ҷо меоранд. Пеш аз ҳама, онҳо алоқаи байни ҷомеа ва давлатро таъмин менамоянд. Манфиатҳои гурӯҳҳо, табақаҳо, синфҳои ҷомеаро ошкор менамоянд ва ба қарори мақомоти давлатӣ таъсири бевосита мерасонанд. Табақаҳои ҷамъиятиро муттаҳид ва фаъол мегардонанд. Ҳизбҳои сиёсӣ ба ташаккулу инкишофи таълимот ва иделогия, ки моҳияту хусусиятҳои объекти мазкурро дар бар мегиранд, диққати зарурӣ медиҳанд. Ҳизбҳои сиёсӣ, махсусан, ташкилотҳои болоии онҳо, дастгоҳи ҳизбӣ дар ташаккул ва такмили системаҳои сиёсӣ бевосита ширкат меварзанд. Яке аз вазифаҳои асосии ҳизбҳои сиёсӣ мубориза барои ҳокимият мебошад. Ҳизб ба ҳокимият ҳамчун ба воситаи зарурии амалигардонии мақсадҳои ниҳоӣ менигарад.

Муносибати байниҳамдигарии ҳизбҳои сиёсӣ ва унсурҳои дигари системаи сиёсиро тартиби сиёсию ҳуқуқии ҳар як мамлакат банизом медаророрад. Ин аз хусусиятҳо ва анъанаҳои ҳаёти сиёсии ҷомеаи мазкур вобаста аст. Дар кишвари мо фаъолияти ҳизбҳои сиёсӣ тавассути Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (1998) танзим мешавад. Дар Қонуни мазкур ҳуқуқи шаҳрвандон дар бораи муттаҳид гаштан дар ҳизбҳои сиёсӣ, озодона баромадан аз онҳо таъкид мегардад ва барои озодии ташкили ҳизбҳои сиёсӣ кафолат дода мешавад.

Дар Тоҷикистон танҳо ҳизбҳои сиёсии ҷумҳуриявӣ таъсис дода мешаванд. Ҳизби сиёсиро шаҳрвандони Тоҷикистон дар анҷумани муассисон таъсис дода, ойинномаро қабул карда, мақомоти роҳбарии ҳизбро интихоб менамоянд. Ҳизби сиёсӣ бояд на камтар аз 1000 нафар шаҳрвандони аксари ноҳияҳои ҷумҳуриро дар сафҳои худ муттаҳид намояд. Гурӯҳи ташаббускор як моҳ пеш аз маҷлиси муассисон дар бораи нуктаҳои асосии лоиҳаи оиннома, мақсадҳои ҳизб ва макону замони барпо гаштани маҷлиси муассисон тавассути воситаҳои ахбори умум, иттилоот нашр менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии давлатҳои дигар номумкин аст. Ҳизбҳои сиёсие, ки мақсади зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ, барангехтани низои нажодӣ, миллӣ, маҳаллӣ, иҷтимоӣ ва диниро доранд, таъсис ёфта наметавонанд ва фаъолияти онҳо манъ карда мешавад.

Ташаккулу инкишофи плюрализми сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат ба принсипи «тақсими ҳокимият» вобастагӣ дорад. Масъалаи «тақсими ҳокимият» дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб менамояд. Раванди ташаккули ҳокимият ва тақсими мутаносиби он дар таърихи таълимоти сиёсӣ ҳанӯз аз таълимоти мутафаккирони замони куҳан тавсиф мешаванд. Онҳо на танҳо хусусиятҳои идораи давлатро маънидод кардаанд, балки кӯшидаанд роҳу воситаҳои истифодаи самараноки онро низ пайдо намоянд.

Ба Ш.Л. Монтескё муяссар гардид, ки дар асари «Дар бораи руҳи қонунҳо» принсипи «тақсимоти ҳокимият»-ро ҳамаҷониба асоснок намояд. Ӯ пешниҳод намуд, ки ҳокимияти ягона ба шохаҳои қонунбарор, иҷроия ва судӣ тақсим гардад.

Назарияи «тақсими ҳокимият»-ро Ҷ. Мэдисон ва А. Гамилтон дар мақолаҳои «Федералист» дар заминаи таҳкими институтсионализм инкишоф додаанд. Мувофиқи он ду шакли ҳукумати намояндагии демократӣ - идоракунии парламентӣ ва идоракунии президентӣ эътирофи умум пайдо намудаанд.

Аз ҳамон замон то ба рӯзҳои мо бо каме тағйиротҳо ғояи «тақсими ҳокимият» асоси ба шохаҳои гуногун тақсим шудани ҳокимияти давлатиро дар мамлакатҳои мутамаддин ташкил менамояд. Ҳоло принсипи «тақсими ҳокимият»-ро новобаста аз оне ки дар кадом сатҳ онро амалӣ менамоянд, қариб тамоми давлатҳо эътироф намудаанд.

Принсипи «тақсими ҳокимият» яке аз шартҳои принсипиалӣ ва системаи асосии амали тамоми шаклҳо ва навъҳои ҳокимият - ҳокимияти сиёсӣ ё ғайрисиёсӣ, ки бо равандҳои дигари фундаменталии инкишофи ҷомеа дар алоқамандӣ қарор дорад, ба ҳисоб меравад. Тақсимоти ҳокимият аз хосиятҳои он бармеояд. Он муносибатест байни

субъектҳо, ки онҳо манбаи ҳаракатанд ва субъектҳое, ки чунин ҳаракатро қабул менамоянд. Чунин муносибат бедориеро пайдо месозад, ки доранда ва иҷрокунандаи ҳокимият мегардад. Ин тақсими одии ҳокимият дар ҳолати мавҷудияти раванди институтсионалии ҳаёти сиёсӣ мураккаб мегардад.

Ҳоло дар аксарияти конститутсияҳои давлатҳои мутамаддин принсипи мазкур расмият ёфтааст. Аз ҷумла, дар Конститутсияи (Сарқонуни) Ҷумҳурии Тоҷикистон моддаи 9 принсипи «тақсимоти ҳокимият» таҷассум ёфтааст: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад» [17,с.9].

Ташаккул ва таркиби плюрализми сиёсӣ аз ҳисоби иттиҳодияҳои гуногуни ҷамъиятӣ ғанӣ мегардад. Ташаккул ва инкишофи шаклҳои мухталифи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ хосияти мушаххасро соҳиб буда, ба анъанаҳои демократӣ, сатҳи кифояи озодиҳои иқтисодию иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва махсусан, сиёсии одамон вобастаанд. Дар ҷомеаи демократӣ баҳри ташаккул ва инкишофи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ шароиту имкониятҳои васеътар муҳайё мебошанд.

Пайдоиш ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ яке аз шаклҳои иштироки фаъоли оммаи мардум дар равандҳои ҳаёти сиёсии ҷомеа ва ба ин восита таъмини иштироки онҳо дар идораи корҳои давлатӣ мебошад.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ, ки шахсони алоҳида, коллективҳо, гурӯҳҳо ва умумиятҳои гуногуни иҷтимоиро муттаҳид месозанд, дар ҳолате ташаккул меёбанд, ки умумияти манфиатҳои одамон ва озодона изҳори ақида намудани шаҳрвандон ҷой дошта бошанд. Мақсад аз таъсиси иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ амалӣ гардонидан ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва шаҳрвандии одамон: инкишофи фаъолияти гуногунҷанбаи онҳо; таъмини мунтазам ва пурсамари иштироки онҳо дар корҳои давлатдорӣ; дар фаъолияти мақомоти давлатӣ ва унсурҳои дигари қонеъ гардонидани талаботу манфиатҳои одамон ва ғайраҳо мебошад.

Аз ҷиҳати расмӣ ташаккул ёфтани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ба қонунҳои мавҷудаи ин ё он давлати соҳибихтиёр вобаста аст. Чигунагии ташаккул ва фаъолияти онҳоро дар Тоҷикистон Қонун «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [18. №21]. аз таърихи 20 майи соли 1998 танзим менамояд. Мувофиқи моддаи 10-и Қонуни мазкур, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бо ташаббуси муассисони он - на камтар аз се нафар созмон дода мешаванд. Барқарор намудани робитаи байни одамон, ташаккули мақсади умумӣ, вазифаҳо ва ба ҳисоб гирифтани бори масъулият ба одамон имконият медиҳанд, ки ташкилоти худро барпо намоянд ва онро комил гардонанд.

Ҳама гуна иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ дар асоси принсипҳои муайян ташаккул меёбанд ва фаъолият мегузаронанд. Аксарияти онҳо дар асоси ихтиёрӣ, ҳуқуқҳои баробар таъсис меёбанд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ принсипҳои ташаккул ва фаъолияташонро дар ҳуҷҷатҳои расмии худ сабт менамоянд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоӣ ҳамчун шакли махсуси робитаи ҷамъиятӣ амал менамоянд. Онҳо дар самаранокии равандҳо ва муносибатҳои ҷомеа нақши асосӣ мебозанд.

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои иҷтимоии ғайридавлатӣ берун аз таркиботи ҳукуматӣ фаъолият менамоянд. Онҳо дар фаъолияти худ мустақил буда, ба мақомоти маъмурӣ ва ҷамъиятии дигар тобеъ нестанд. Вобаста ба авзои сиёсии ҷомеа муносибатҳои сиёсии байни одамон, гурӯҳҳои иҷтимоӣ ва сохти иҷтимоию сиёсӣ, сатҳи робитаҳои байни ташкилотҳои ҷамъиятию ҳаракатҳои иҷтимоӣ ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ гуногун мешаванд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ мақсади асосии худ - инъикос ва ҳимояи талаботу манфиатҳои аъзои худро дар ҳолате ба амал бароварда метавонанд, ки робитаи онҳо бо мақомоти давлатӣ қавӣ ва мунтазам бошанд.

Дар ҷомеа навъҳо ва шаклҳои гуногуни иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳаракатҳои иҷтимоӣ амал мекунанд. Ҳаракатҳои оммавӣ, иттифоқҳои касаба, созмони занон, собиқадорон, маъюбон, ҷавонон ва наврасон, илмӣ, техникӣ, маданию маърифатӣ, варзишӣ, иттифоқҳои эҷодӣ, хазинаҳо, ассотсиатсияҳо, созмонҳои ихтиёрӣ ва ғайраҳо аз қабили онҳо мебошанд. Ҳамин тариқ, дар ҷомеа ташкилотҳо ва ҳаракатҳои иҷтимоии зиёде мавҷуданд, ки дар инкишофи муносибатҳои байни одамон мақом ва нақши муассир доранд.

Солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ дар ҳимояи

ҳуқуқҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии шаҳрвандон нақши муассир доранд. Болоравии мақоми онҳо аз инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагӣ дорад.

Қарор дар бораи таъсис, тасдиқи оинннома ва ташкили мақомоти роҳбарикунанда ва назорату тафтиш дар анҷуман ё дар маҷлиси умумии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ қабул мешавад. Аз лаҳзаи қабули қарорҳои мазкур иттиҳодияи ҷамъиятӣ таъсисёфта ҳисобида мешавад; фаъолияти оммавии худро амалӣ менамояд, ҳуқуқ пайдо мекунад ва уҳдадориҳои пешбинишударо ба зимма мегирад. Чун шахси ҳуқуқӣ қобили амали ҳуқуқӣ будани иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ аз лаҳзаи бақайдгирии давлатии он оғоз меёбад. Ба ҳайати муассисони иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар қатори шахсони воқеӣ шахсони ҳуқуқӣ низ дохил мегарданд.

Мувофиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ки хусумати нажодӣ, миллӣ, иҷтимоӣ, динию мазҳабиро тарғиб менамоянд ё ба зӯран сарнагун кардани сохти конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват мекунанд, манъ аст. Амали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» нисбати ҳамаи иттиҳодияҳое, ки бо ташаббуси шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ таъсис дода шудаанд, татбиқ мегарданд, ба истиснои созмонҳои динӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои тиҷоратӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ, ки тартиби таъсис ва фаъолияти онҳо бо қонунҳои ҷудогона муайян карда мешавад. Инчунин, амали онҳо нисбати фаъолияти воҳидҳои сохтории иттиҳодияҳои хориҷии ғайритиҷоратии ғайриҳукуматӣ ва ташкилоту комитетҳо, шуъбаҳо ва намояндаҳои онҳо, ки дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудаанд, татбиқ мегардад.

Дар раванди ташаккул ва инкишофи плюрализми сиёсӣ дар Тоҷикистон масъалаҳои зиёди ҳалталаб вуҷуд доранд. Омилҳое ҷой доранд, ки садди роҳи инкишофи он мегарданд. Мавҷудияти чунин омилҳо метавонанд монеаи асосии рушди плюрализми сиёсӣ, ё боиси тадриҷан таназзулёбии он гарданд.

Дар инкишофи плюрализми сиёсӣ омилҳои мухталиф таъсири манфӣ мерасонанд. Пеш аз ҳама, рушд наёфтани плюрализми сиёсӣ дар Тоҷикистон ба амали омили таърихӣ иртибот дорад. Яъне, ҷомеаи демократӣ дар кишвар чандон собиқаи зиёде надорад. Аз назари таърихӣ давраи ташаккули плюрализми сиёсӣ дар кишвар ба замони муосир рост меояд. Ҷиҳати дигари рушд наёфтани плюрализми сиёсӣ дар омили психологӣ ниҳон аст. Дар ташаккулу инкишофи арзишҳои демократӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ вижагиҳои рӯҳии мардум низ метавонанд таъсири манфӣ расонанд. Масалан, яке аз монеаҳои асосии рушди арзишҳо ва унсурҳои демократӣ дар шуури мардуме, ки дар замони режими тоталитарӣ ба воя расидаанд, ниҳон аст. Психологияи ҷомеаи Тоҷикистон психологияи худкифоя нест. Аксарияти мардум иҷрои вазифаҳо ва масъулиятҳои бузургро ба давлат нисбат медиҳанд. Гӯё қувваи фаъол дар ҷомеа танҳо давлат - дасти пурзӯр аст. Аз ин хотир, одамон ҳавзаи фаъолияти сиёсию иҷтимоиро хосси давлат дониста, аз иштироки фаъол дар ҳаёти сиёсӣ худдорӣ мекунанд. Умед бар он мебанданд, ки рӯзе мерасаду фаъолияти давлат хуб мегардад ва ҳалли масъалаҳо осон мешавад. Чунин бефаъолиятии одамон монеа дар рушди плюрализми сиёсӣ аст.

**Муқарриз: Зокиров Г.Н. - д.и.с., профессори ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Зокиров, Г.Н. Донишномаи сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. Ҷ. I, II, III. – Душанбе, 2015.
2. Зокиров, Г.Н. Зӯроварии сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2018. – 132 с.
3. Зокиров, Г.Н. Истиқлолияти сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2006. – 157 с.
4. Зокиров, Г.Н. Системаи сиёсӣ: масъалаҳои рӯз ва дурнамои инкишоф / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2011. – 350 с.
5. Зокиров, Г.Н. Таърихи таълимоти сиёсӣ / Г.Н. Зокиров. –Душанбе, 2010. – 385 с.
6. Зокиров, Г.Н. Ҳокимияти сиёсӣ: тавоноӣ, тақсимот ва самаранокии он / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2013. – 173 с.
7. Муҳаббатов, А. Ҳизбҳои сиёсӣ: воқеият ва дурнамо / А. Муҳаббатов. – Душанбе, 2011. – 144 с.
8. Ведомости Съезда народных депутатов СССР и Верховного Совета СССР. – М., 1990. – № 12, от 21 марта.
9. Доклад ООН о развитии человека за 2003 год. – Минск, 2003. – 369 с.
10. Изҳорот дар бораи Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон // Ахбори Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1991. – №18.

11. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1998. – № 22.
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» аз 20 майи соли 1998 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. -1998. -№21.
14. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. – Душанбе, 2016.

## ДУРНАМОИ РУШДИ ПЛЮРАЛИЗМИ СИЁСӢ ДАР ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

Дар мақолаи мазкур проблемаҳои инкишофи плюрализми сиёсӣ дар Тоҷикистони муосир тадқиқ карда шуда, дурнамои рушди он муайян карда шудааст. Плюрализми сиёсӣ дар Русия ва кишварҳое, ки дар зери таъсири фарҳангии он монда буданд, дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX паҳн гардидааст. Дар ташаккулу инкишофи плюрализми сиёсӣ дар Тоҷикистон ба сифати заминаи қонунӣ ва ҳуқуқии санадҳои гуногун Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баромад менамояд. Санадҳои расмии гуногуни ватанӣ ва байналмилалӣ муносибатҳои соҳаи мазкурро ба низом меоранд. Асоси ҳуқуқии бунёдии ташаккули иттиҳодияҳо ва созмонҳои гуногуни иҷтимоӣ аз моддаи 28-уми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пайдо мегардад. «Шаҳрванд ҳақ дорад дар ташкили ҳизбҳои сиёсӣ, аз ҷумла ҳизбҳои характери демократӣ, динӣ, атеистӣ дошта, иттифоқҳои касаба ва дигар иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ иштирок намояд, ихтиёран ба онҳо дохил ва аз онҳо хориҷ гардад». Ташаккулу инкишофи плюрализми сиёсӣ аз ҳар ҷиҳат ба принсипи «тақсими ҳокимият» вобастагӣ дорад. Масъалаи «тақсими ҳокимият» дер боз диққати муҳаққиқонро ба худ ҷалб кардааст. Раванди ташаккули ҳокимият ва тақсими мавзуни он дар таърихи таълимоти сиёсӣ ҳанӯз аз таълимоти мутафаккирони замони куҳан тавсиф мешаванд. Онҳо на танҳо хусусиятҳои идораи давлатро маънидод кардаанд, балки кӯшидаанд роҳу воситаҳои истифодаи самараноки онро низ пайдо намоянд. Ҳоло дар аксарияти конститутсияҳои давлатҳои мутамаддин принсипи мазкур расмият ёфтааст. Аз ҷумла, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 9 принсипи «тақсимоти ҳокимият» таҷассум ёфтааст: «Ҳокимияти давлатӣ дар асоси таҷзияи он ба ҳокимияти қонунбарор, иҷроия ва судӣ амалӣ мегардад».

**Калидвожаҳо:** плюрализми сиёсӣ, конститутсионализм, таҷзияи ҳокимият, оппозитсияи сиёсӣ, низоми бисёрҳизбӣ, шакли демократии сохтори сиёсӣ, гурӯҳи фишоровар, гурӯҳи манфиатҳо, ҳокимияти сиёсӣ, муколама, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, созиш.

## ПЕРСПЕКТИВЫ РАЗВИТИЯ ПОЛИТИЧЕСКОГО ПЛЮРАЛИЗМА В СОВРЕМЕННОМ ТАДЖИКИСТАНЕ

В данной статье исследуются проблемы развития политического плюрализма в современном Таджикистане и определяются перспективы его развития. Политический плюрализм в России и странах, находившихся под его культурным влиянием, распространился в конце XIX-начале XX веков. В формировании и развитии политического плюрализма в Таджикистане правовым основанием выступают различные акты на основе Конституции Республики Таджикистан. Отношения в этой сфере регулируются различными внутренними и международными официальными актами. Основополагающая правовая основа для образования ассоциаций и различных общественных организаций содержится в статье 28 Конституции Республики Таджикистан. «Гражданин имеет право участвовать в организации политических партий, в том числе демократических, религиозных, атеистических, профсоюзов и других общественных объединений, добровольно вступать в них и выходить из них». Формирование и развитие политического плюрализма зависит от принципа «разделения властей». Проблема «разделения властей» давно привлекала внимание исследователей. Процесс формирования власти и распространение ее субъекта в истории политического образования описаны в учениях античных мыслителей. Они не только интерпретировали особенности государственного управления, но и пытались найти пути и средства его эффективного использования. Ныне этот принцип закреплен в большинстве конституций цивилизованных стран. В частности, в статье 9 Конституции РТ закреплен принцип «разделения властей»: «Государственная власть осуществляется на основе ее разделения на законодательную, исполнительную и судебную».

**Ключевые слова:** политический плюрализм, конституционализм, разделение властей, политическая оппозиция, многопартийность, демократическая форма политической структуры, группа давления, группа интересов, ограниченная политическая власть, диалог, согласованные переговоры, компромисс.

## DEVELOPMENT PROSPECTS OF POLITICAL PLURALISM IN MODERN TAJIKISTAN

This article examines the problems of the development of political pluralism in modern Tajikistan and determines the prospects for its development. Political pluralism in Russia and countries under its cultural influence spread in the late XIX and early XX centuries. In the formation and development of political pluralism in Tajikistan, various acts under the shadow of the Constitution of the Republic of Tajikistan act as a legal basis. Relations in this area are regulated by various domestic and international official acts. The fundamental legal basis for the formation of associations and various public organizations is contained in Article 28 of the Constitution of the Republic of Tajikistan. "A citizen has the right to participate in the organization of political parties, including democratic, religious, atheistic, trade unions and other public associations, to voluntarily join and leave them." The formation and development of political pluralism depends on the principle of "separation of powers". The problem of "separation of powers" has long attracted the attention of researchers. The process of formation of power and the spread of its subject in the history of political education are described in the teachings of ancient thinkers. They not only interpreted the features of state administration, but also tried to find ways and means of its effective use. Today this principle is enshrined in most constitutions of civilized countries. In particular,

Article 9 of the Constitution of the Republic of Tajikistan establishes the principle of “separation of powers”: “State power is exercised on the basis of its division into legislative, executive and judicial”.

**Keywords**: political pluralism, constitutionalism, separation of powers, political oppositions, multiparty system, democratic form of political structure, pressure group, interest group, limited political power, dialogue, negotiated negotiations, compromise

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Остонақулов Тоҷиддин Шукурович*** – Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, муаллими калони кафедраи умумидонишгоҳии фалсафа. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 917-23-23-43**

**Сведения об авторе:** ***Остонакулов Тоджиддин Шукурович*** – Таджикский национальный университет, старший преподаватель общеуниверситетской кафедры философии. **Адрес**: 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 917-23-23-43**

**Information about authors:** ***Ostonakulov Tojiddin Shukurovich*** - Tajik National University, Senior Lecturer, Department of Philosophy. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 917-23-23-43**

УДК 32 (091)

# РУШДИ НИЗОМИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ

***Ғафуров Қ.С., Салимов Ф.Н.***
**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

Яке аз хусусиятҳои муҳимми таҳаввулоти ҷомеаи ҷаҳонӣ дар замони муосир ташаккули равандҳои ҳамгироии минтақавӣ мебошад. Ин тамоюлотест, ки сараввал дар солҳои 1950 дар Аврупои Ғарбӣ тавлид гашта, дар имрӯз амалан тамоми минтақаҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Осиёи Марказиро фаро мегирад.

Дар солҳои аввали истиқолияти давлатӣ, давлатҳои Осиёи Марказӣ, самтҳои нави рушди сиёсӣ ва иқтисодии худро муайян намуда, як қатор бухронҳои шадидро пушти сар намуданд. Бо мурури вақт дар натиҷаи суръатгирии равандҳои ҷаҳонишавӣ вазъияти иқтисодиву иҷтимоии ин кишварҳо боз ҳам мураккаб гардид.

Мушкилоти давраи гузариш дар фазои пасошуравӣ, ба туфайли ташкили сохторҳои гуногуни ҳамоҳангсозӣ, пеш аз ҳама, Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, то дараҷае пушти сар карда шуд. Чи гунае ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дуруст қайд мекунанд: «Ҳаёт худаш нишон дод, ки созмон додани ИДМ дар шакли имрӯза дар Алма-Ато моҳи декабри соли 1991, дар ҳамон вазъи хеле мураккаб, қарори ягона муносиб ва дуруст буд. Бо созмони ИДМ на танҳо бартараф кардани муноқишаҳои ҷиддии байни кишварҳои мо, балки бартараф кардани пароканиши фоҷианоки робитаҳои иқтисодӣ, гуманитарӣ, маҳз инсонӣ дар байни давлатҳои ҷавони соҳибистиқлол муяссар гашт» [6].

Имрӯзҳо амалан давлатҳои Осиёи Марказӣ дар фаъолияти сохторҳои гуногуни байналмилалӣ ва минтақавии шарикӣ иштирок меварзанд, ки дар байни онҳо Созмони Милали Муттаҳид (СММ), Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА), Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Иттиҳоди Авруосиёии иқтисодӣ (ЕврАзЭС) ва дигарон мебошанд.

Тоҷикистону Россияро таърихан анъанаҳои бисёрасраи ҳамкориҳои зич ва дӯстии халқҳо, ҳамкориҳои дуҷонибаи фарҳангӣ ба ҳам мепайвандад. Россия яке аз аввалинҳо шуда истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф намуд. Заминаи рушди шакли нави равобити Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро дар шароити рушди мустақилона Протокол оид ба истиқрори муносибатҳои дипломатӣ байни ду кишвар, ки дар Душанбе 8 апрели 1992 ба имзо расида буд, ташкил медиҳад. Санадҳои асосии муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россияро Шартнома оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобила, ки 25 майи соли 1993 дар Маскав ба имзо расидааст ва Шартномаи ҳамкории шарикӣ байни ин ду кишвар (16.04.1999) ташкил медиҳанд [9].

Дар байни Тоҷикистон ва Россия зиёда аз 140 аҳднома ва созишномаҳои гуногун [12], инчунин 230 созишномаҳои байнидавлатӣ, байниҳукуматӣ ва байниташкилотие ба имзо расонида шудааст, ки ҳамкориҳоро дар соҳаи сиёсӣ, иқтисодӣ, ҳарбӣ-техникӣ, фарҳангӣ-гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо ба танзим медарорад [9]. Тоҷикистон ва Россия доир ба бисёр масъалаҳои консептуалии сиёсати байналмилалӣ, минтақавӣ ва ҳамкориҳои шарикиро ҷонибдорӣ мекунанд.

Федератсияи Россия шарики асосии иқтисодӣ ва тиҷоратии Тоҷикистон мебошад, ки бо он аз солҳои нахусти эълон намудани истиқлолият (8 апрели соли 1992), равобити дипломатӣ баста шуда буданд. Яке аз самтҳои муҳимми ҳамкории иқтисодии Россия ва Тоҷикистон, ки ҳам ба иқтисодиёти Тоҷикистон ва ба равандҳои шарикӣ дар минтақа мусоидат мекунад, бешак маблағгузориҳои бевоситаи Россия ба чунин соҳаҳои иқтисодиёти Тоҷикистон, мисли неруи барқ, истеҳсолоти саноатӣ, маъданҳои кӯҳӣ, нақлиёти ҳавоӣ ва роҳи оҳан, соҳаи технологияи олӣ ва ғайра мебошад [11].

Равобити сиёсӣ дар сатҳи олӣ ва баланд ба таври мунтазам роҳандозӣ мегардад. Рушди муносибатҳои тоҷику рус тамоюли устувори густариши марҳилавиро бо назардошти сиёсати дурандешона дар бар мегирад. Дар заминаи густариши возеҳи

дипломатияи иқтисодӣ дар онҳо кӯшиши дуҷонибаи кишварҳо ба ҳамкории зич тибқи қобилият, талабот ва манфиатҳои дуҷонибаи ҶТ ва ФР, бо назардошти манфиатҳои якдигарӣ ва наздик будани мавқеъҳо нисбати масъалаҳои сиёсати минтақавӣ ва ҷаҳонӣ мушоҳида карда мешавад [5].

Дар таҳкиму тақвияти робитаҳои шарикӣ, густариш ва тавсеаи муносибатҳои дуҷониба, Сарони ду кишвар нақши асосӣ доранд, ки ба шарофати вохӯриҳои дуҷонибаи сатҳи олӣ, ҳамкориҳои дуҷониба мақоми хосси шарокати стратегиро касб кардаанд. Дар рафти ҷаласаҳои Шурои сарони давлатҳои аъзои ИДМ ва Шурои Байнидавлатии кишварҳои аъзои Иттиҳоди Авруосиёии иқтисодӣ, сессияҳои Шурои амнияти дастаҷамъонаи давлатҳо-иштирокчиёни Аҳднома оид ба амнияти дастаҷамъона, саммитҳои Созмони Ҳамкории Шанхай вохӯрӣ ва мулоқотҳои зиёде баргузор гариданд.

Дар ҷараёни ин мулоқотҳо ба таври воқеӣ масъалаҳои баланд бардоштани самаранокии ҳамкориҳои дуҷонибаи бисёрнақшавӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтанд [8].

Маҷмуи муносибатҳои дуҷониба бо Федератсияи Россия дар системаи авлавиятҳои сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи аввалро ишғол мекунад. Дар ин самт, пеш аз ҳама, манфиатҳои муҳимми иқтисодӣ ва стратегии кишвари мо ба вуқуъ мепайвандад. Рушди пайдарпайи ҳамкории ҳамаҷонибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Федератсияи Россия дар заминаи манфиатҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ – гуманитарӣ ва дигар соҳаҳо ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон ва талаботҳои халқи он ҷавобгӯст [3,с.53].

Тули солҳои истиқоли кишвар ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи ҳарбӣ, сиёсӣ-иқтисодӣ, гуманитарӣ соҳиби таҷрибаи бой гашта, заминаи устувори аҳдномавию ҳуқуқӣ ба даст омада, механизмҳои мувофиқи институтсионалии ҳамкорӣ ба миён омадаанд.

Муносибатҳои ду кишвар дар асоси принсипҳои шарикии стратегӣ, созишномаҳои муҳимми байнидавлатӣ - Шартнома оид ба дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки мутақобилаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия аз 25 майи соли 1993, Аҳднома оид ба ҳамкории шарикӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия, аҳднома оид ба мақом ва шартҳои сафарбарии пойгоҳи ҳарбии Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон сохта шудааст. Мисоли равшани рушди пешраванда ва густариши муносибатҳои шарикӣ байни Тоҷикистон ва Россия ташрифи расмии президенти Россия В. Путин ба Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки 5-уми октябри соли 2012 баргузор гардид буд ва дар рафти он ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи ҳарбӣ, энергетика, интиқоли нафт ва рушди соҳаи муҳоҷират ба имзо расонида шуд [1].

17 апрели соли 2019 пас аз анҷоми вохӯрӣ ва мулоқот дар сатҳи олӣ дар Кремл маросими баимзорасии ҳуҷҷатҳо дар бораи ҳамкориҳо байни Тоҷикистон ва Россия баргузор гашт [3].

Зери изҳороти Сарони давлатҳо Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва Президенти Федератсияи Россия Владимир Путин имзо гузоштанд.

Дар рафти мулоқоти расмӣ 17 номгӯй ҳуҷҷатҳои нав оид ба ҳамкорӣ, аз он ҷумла:

-Созишнома дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи саноати алюминий дар байни муассисаи давлатии мустақили «Ширкати алюминийи тоҷик» ва ҷамъияти оммавии саҳомии «Банк ВТБ» (17 апрели соли 2019).

-Меморандум дар бораи ҳамкорӣ байни Кумитаи миллии олимпии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи олимпии Федератсияи Россия.

-Созишнома дар бораи ҳамкории илмӣ байни Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон ва Академияи илмҳои Россия.

-Созишнома байни Кумитаи иҷроияи давлатии ҳокимияти вилояти Суғд (Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва Ҳукумати вилояти Нижегородск (Федератсияи Россия) дар бораи ҳамкории тиҷоратию иқтисодӣ, илмӣ-техникӣ ва гуманитарӣ.

-Нақшаи тадбирҳои якҷоя байни Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати фарҳанги Федератсияи Россия барои соли 2019.

-Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

- Меморандуми байниҳукуматӣ дар бораи тафоҳум оид бамасъалаҳои таъмини амнияти биологӣ.

-Созишнома байни Вазорати мудофиаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати мудофиаи Федератсияи Россия оид ба ҳамкориҳои мутақобила дар соҳаи муайянкунӣ ва санҷиши вазъи радиатсионӣ, химиявӣ ва биологӣ ба манфиати ҷузъу томҳои ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар амалиётҳои якҷоя ва ғайра [7].

Дар тули тамоми марҳилаи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои мо Тоҷикистон пайдарпай марзи нигоҳдории муносибатҳои шарики стратегиро гузаронидааст. Тоҷикистон ва Россияро ба таври маъмулӣ мувофиқат ва қаринии мавқеъ доир ба масъалаҳои муҳимми байналмилалӣ, амният, ҳамкориҳои мутақобилаи судбахш дар соҳаи сиёсати хориҷӣ, аз он ҷумла дар доираи Созмони Милали Муттаҳид, СҲШ ва дигар созмонҳои байналмилалию минтақавӣ ва форумҳо ба ҳам наздик мекунад.

Мулоқоти даврӣ дар сатҳи олӣ байни сарони кишварҳои Тоҷикистон ва Россия имкон медиҳад на танҳо масъалаҳои мубрами рӯз ва ояндаи ҳамкориҳои стратегӣ, балки вазъи мубодилаи фикру ақидаҳо доир ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ муҳокима карда шавад.

Дар ин мулоқот созишномаҳои нави байнидавлатие ба имзо расонида шуданд, ки робитаҳои стратегии байни давлатҳоро нишон медиҳанд. Ин созишномаҳо ҷанбаҳои муҳимми сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ ва ҳамкориҳоро дар бар мегиранд. Мо зарур донистем номгӯйи созишномаҳои байнидавлатии байни Тоҷикистону Россияро нишон диҳем.

Ҳамкориҳои мутақобила дар самти сохторҳои мудофиавӣ, аз он ҷумла тайёр намудани кадрҳои ҳарбӣ устувор гашта, мулоқот ва ҳамкориҳо байни сохторҳои сарҳадӣ нигоҳ дошта мешавад. Байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар сатҳҳои гуногун 2 аҳднома, 21 созишнома, 5 шартнома, 5 протокол ва 25 созишномаи иловагӣ дар соҳаи ҳарбӣ ба имзо расонида шудааст [2]. Дар ҳудуди ду садсола ҳамкориҳо дар доираи Аҳднома оид ба амнияти дастаҷамъӣ фаъол гаштаанд, ки давлатҳои моро оид ба ташкили воқеии системаи амнияти дастаҷамъона муттаҳид намудааст [5,с.31].

Дар ҳамкориҳои байни Тоҷикистон ва Россия дар доираи СҲШ кишварҳо фаъолона доир ба ташкили камарбанди зидди маводи мухаддир дар атрофи Афғонистон иштироки мунтазма доранд. То ҳанӯз зиёда аз 30 аҳдномаи дуҷониба ва бисёрҷониба ба имзо расонида шудааст. Илова бар ин, таваҷҷуҳи хосса ба мустаҳкамгардонии ҳамкориҳо бо идораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси Россия дода мешуд. Аз ҷумла аз ҷониби Агентии назорати маводи мухаддири назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор созишномаҳои дуҷонибаи байниидоравӣ, протоколҳо ва нақшаҳо оид ба ҳамкорӣ ва ҳамкориҳои мутақобила бо идораҳои ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои қудратии Россия дар соҳаи мубориза бо гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ ба имзо расонида шуданд [14,с.178].

Масъалаҳои ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, инчунин дар доираи сохторҳои бисёрҷонибаи амният баррасӣ мегарданд. Заминаи устувори ҳуқуқӣ ва истеҳсолӣ дар рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ гузошта мешавад. Мисоли чунин сохтор Комиссияи Байнидавлатӣ доир ба ҳамкории ҳарбӣ-иқтисодии ОДКБ мебошад.

Дар ибтидои асри XXI дар шароити сохти нави ҷаҳонӣ, вақте ки ҷомеаи ҷаҳониро бухрону пандемияю каронавирус фаро гирифта буд, дар назди давлатҳои Осиёи Марказӣ масъалаи коркарди қоидаҳои байналмилалии муносиб бар зидди ситезаҷӯйиҳои нав ва такомули низоми амнияти минтақавӣ меистод. Дар роҳи амалигардии лоиҳаҳои мушаххаси рушди Тоҷикистон омилҳои сарҳад бо Афғонистон ва масъалаҳои сиёсию этникии дар водии Фарғона мавҷудбуда душвориҳоро ба миён меоранд. Агар хулосагирӣ намоем, пас дар ҳоли ҳозир таҳдидҳои асосии амният, ки на танҳо Тоҷикистон, балки тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ ва Россияро фаро мегирад, инҳоянд: фаъолияти ташкилотҳои террористии байналмилалӣ дар минтақаҳои наздисарҳадии Афғонистон; паҳншавии экстремизми динӣ; афзоиши гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир; таҳдид ва истифодаи силоҳи биологӣ; қочоқи силоҳ, савдои одамон, фаъолияти гурӯҳҳои муташаккили ҷиноятӣ; киберҷиноятҳо ва дигар ҷиноятҳои фаромилӣ. Ситезаҷӯйиҳо ва хатарҳои дар боло зикршуда ба амният ба татбиқи стратегияи миллии Тоҷикистон таъсир мерасонанд.

Хатарҳои нави амнияти минтақавӣ (ҷангҳои биологӣ, пайвандӣ, шабакавӣ, экологӣ)

давлатҳои навро ба табаддулоти низоми кӯҳнаи амният бо назардошти воқеиятҳои нав такон медиҳад, дар ҳоле ки равандҳои умумӣ бо махсусияти худ дар сатҳи минтақавӣ акс мегарданд. Барои нигоҳдошти сулҳу суботи Осиёи Марказӣ имрӯзҳо устувории камарбанди амният дар минтақаҳои фаромарзӣ, танзими марзӣ ва ҳалли масъалаҳои анклав дар водии Фарғона мебошад, ки аксаран муноқишаҳоро дар Ворух, Сух, Шоҳимардон ба амал меоранд.

Ҳузури ҳарбии Россия дар Тоҷикистон омили муътадилкунандаи нигоҳдории амният ва қисми ҷудонашавандаи системаи амнияти дастаҷамъонаи минтақа мебошад. Унсури муҳимми шарокият ва иттиҳоди Россияву Тоҷикистон ҳамоҳангии амалҳои якҷоя дар арсаи байналмилалӣ дар шакли дуҷониба, инчунин дар доираи созмонҳои умумӣ ва минтақавӣ мебошад.

Ҳамкории Тоҷикистону Россия на танҳо дар асоси дуҷониба, балки бисёрҷониба, дар доираи чунин созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, мисли СММ, ИДМ, ЕАЭС (Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё) СҲШ ва САҲА густариш меёбад. Ҳудуди ҳамкориҳо дар доираи ин созмонҳо хеле васеъ буда, ҳам масъалаҳои коркард ва ҳамоҳангсозии якҷояи муносибатҳои сиёсати хориҷиро доир ба ҳалли масъалаҳои мубрами байналмилалӣ, аз он ҷумла таъмини амнияти минтақавӣ ва сулҳу субот, муқобилат ба хатарҳои нав ва ҳам рушди равандҳои шарикиро дар тамоми фазои Иттиҳод дар бар мегирад. Саммитҳои Душанбе, ки дар моҳи октябри соли 2007 баргузор гардида буданд, бешак, ба рушди ҳамкориҳои мутақобила такон бахшиданд [13].

Ҳамин тариқ, стратегияи ҳамкории Тоҷикистон бо Россия заминаи муҳимми устувории сиёсӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми фазои ИДМ мебошад.

Дар рафти вохӯрӣ ва мулоқотҳои зиёд масъалаи амниятро муҳокима намуда, сарони давлатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Россия таваҷҷуҳи зиёдро ба таъмини амнияти минтақавӣ, мубориза якҷоя бар зидди хатари ҷаҳони муосир, мисли терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва ҷиноятҳои муташаккилона, вазъи мураккаб дар сарҳади давлатӣ бо Афғонистон равона намуданд, ҳамкориҳои ҳарбӣ ва ҳарбӣ-техникӣ бошанд, ҳамчун самтҳои афзалиятнок дар муносибатҳои Тоҷикистону Россия баҳогузорӣ карда шуданд.

Ба фикри мо, ҳамкориҳои мутақобилаи байни Тоҷикистону Россия, ки ба ташкили манбаи устувори аҳдномавию ҳуқуқӣ такя мекунанд, аз ин баъд бояд дар пойгоҳи якчанд самтҳо ва механизмҳои доимоамалкунанда қарор гиранд:

1. Машваратҳои даврии сиёсӣ дар сатҳи олӣ ва баланд.

2. Ҷаласаҳои даврӣ ва банақшагирифтаи комиссияи байниҳукуматии Тоҷикистону Россия, ки фаъолияти онҳо бояд дар асоси коркард, татбиқи назорати иҷрои барномаҳои васеъ доир ба устуворгардонии минбаъдаи робитаҳои ҳамаҷонибаи байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия қарор гирад.

3. Ҳамоҳангии мунтазами фаъолияти сиёсати хориҷии худ бо мақсади татбиқи амалҳои якҷоя ё мувофиқгардонидашуда дар ҳолатҳои зарурӣ, аз он ҷумла доир ба масъалаҳои амнияти минтақавӣ;

4. Ҳамкории амиқ ва боэътимоди сохторҳои ҳарбӣ ва ҳифзи ҳуқуқ ва хадамоти махсуси ду давлат дар сатҳи сифатан нав дар соҳаи манфиатҳои мутақобила ва доираи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

5. Истифодаи амалии аҳдномаҳое, ки дар доираи созишномаҳои мухталифи дуҷониба ва самараноки татбиқи онҳо дар умум ба даст омадаанд.

6. Ҳамкориҳои мутақобилаи шарикӣ дар доираи ташкилотҳои байналмилалӣ.

Ҳамин тариқ, стратегияи ҳамкории Тоҷикистон бо Россия заминаи муҳимми устувори сиёсӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ ва рушди на танҳо минтақа, балки тамоми фазои ИДМ мебошад. Ҳангоми саммити сарони давлатҳои СҲШ дар Душанбе қайд карда шуд, ки ҳамкории дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон ва Россия дар роҳи мустаҳкамии сулҳ ва амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ, инчунин устувории сарҳади давлатӣ бо Афғонистон дар оянда ҳам натиҷаҳои хуб дорад, ҳамчунин аз ҷониби сарони давлати Тоҷикистон ва Россия қаноатмандӣ аз рушди бомуваффақияти ҳамкориҳо дар соҳаи илм, фарҳанг, афзоиши муомилоти мол ва ҳамкориҳои бевоситаи байни минтақаҳои

Тоҷикистон ва Россия баён карда шуд. Дар умум, ба ақидаи мо, амалигардонии ҳамкориҳои иқтисодии байни Тоҷикистон ва Россия, инчунин марҳила ба марҳила якҷоякунии ҳамкориҳои иқтисодӣ дар доираи Иттиҳоди Авруосиёии иқтисодӣ (ЕврАзЭС) ва Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) дар дурнамо метавонад ба ташкили иттифоқи тавонои иқтисодие оварда расонад, ки Россия, Чин ва кишварҳои Осиёи Марказиро фаро гирад.

**Муқарриз: Розиқов Ф.М. – н.и.т., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Алимов Б.Х., Ризоев Б.М. Стратегическое партнёрство Республики Таджикистан и Российской Федерации в начале XXI века // Известия Института философии, политологии и права имени А. Баховаддинова Академии наук Республики Таджикистан. -№ 2. -2019. – С.261-268.
2. Встреча с Министром обороны Российской Федерации Сергеем Шойгу [Электронный ресурс]. URL:http://www.president.tj/ru/node/20259.
3. Встречи и переговоры высокого уровня Таджикистана и России [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/19889 (дата обращения: 20.07.2020).
4. Дипломатия Таджикистана. Внешняя политика: Хроника и документы. - № 13/ 2006. -210 с.
5. Международная экономика. -№ 12. -2008. -76 с.
6. Министерство иностранных дел Таджикистана. URL: http://mfa.tj/ru/.
7. Между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией подписаны новые документы о сотрудничестве [Электронный ресурс]. URL: http://www.president.tj/ru/node/19890 (дата обращения: 21.07.2020).
8. Низамова Т.Д. Реструктуризация промышленных предприятий Таджикистана в условиях переходной экономики / Т.Д. Низамова. – Душанбе: Диловар-ДДМТ, 2009.
9. Насибов Н.Н. Современные международно-правовые проблемы экономического сотрудничества государств-членов Содружества Независимых Государств / Н.Н. Насибов. - М.: МГИМО (У) МИД России,2008.
10. Назаров, Т.Н. Таджикистан: горизонты настоящего и будущего / Т.Н. Назаров; пер. на анг. Л. Лапшина. - Нью-Йорк, 1999. -26 с.
11. Н.А. Попов. Шанхайская организация сотрудничества и ее взаимодействие с Республикой Таджикистан / Н.А. Попов, М.С. Содиков, С.Б. Шарипов // Экономика и управление: Научно-практический журнал. - 2015. - №3(125). -С.33-37.
12. Статистический сборник Республики Таджикистан за 2013 год.
13. Сулаймони Ш. Формирование структуры региональной безопасности Центральной Азии в контексте трансформации современной системы международных отношений. -М.: МГИМО,2008.
14. Саидов З. Российско-таджикские отношения на современном этапе и перспективы их развития / З. Саидов, А. Сатаров // Материалы научно-практической конференции. – Душанбе, 2002.
15. Саидов, З.Ш. Внешняя политика Республики Таджикистан на современном этапе / З.Ш. Саидов. - Душанбе: Авесто, 2006.-196 с.
16. Салимов Ф.Н. Таджикистан в региональной политике // Ф.Н. Салимов // Международные процессы. Журнал теории международных отношений. - 2006. – Т. 4. №2(11), май-август. – С. 129-137.
17. Салимов Ф.Н. Динамика геополитических интересов и политика Российской Федерации в Центральной Азии / Ф.Н.Салимов //Актуальные проблемы теории и истории права и государства на современном этапе: сб.науч.тр.VIII Межд. науч.-практ. конф. -Кострома: Изд-во Костром.гос.технол.ун-та, 2011. –С.28-33.


## РУШДИ НИЗОМИ ҲАМКОРИҲОИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ВА ФЕДЕРАТСИЯИ РОССИЯ


Дар мақола шарикии сиёсӣ ва стратегии Тоҷикистон ва Россия таҳқиқ карда шуда, баъзе ҷанбаҳои ин ҳамкорӣ таҳлил шудаанд. Баъзе самтҳои муҳимми ҳамкории иқтисодӣ, сиёсӣ ва стратегии Россия ва Тоҷикистон, ки ҳам ба иқтисодиёти ҶТ ва ҳам ба равандҳои шарикӣ дар минтақа таъсир доранд, муҳокима карда мешаванд. Лаҳзаҳои муҳимми муносибатҳои дуҷониба тайи солҳои охир доир ба масъалаҳои ҳамкории байнидавлатӣ дар Осиёи Марказӣ, бо назардошти зарурати бамиёномадаи ҷустҷӯйи ҳалли мувофиқи масъалаҳои муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии ҳамаи кишварҳои минтақа баррасӣ шудаанд. Вохӯриҳои мунтазам ва мулоқотҳои байни сарони Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия дар сатҳи олӣ имкон медиҳанд на танҳо масъалаҳои мубрами сиёсии рӯз муҳокима карда шаванд, балки доир ба масъалаҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ ақидаҳо мубодила карда шаванд. Муносибатҳои ду кишвар дар принсипҳои шарикии стратегӣ, созишномаҳои муайяни мабдавии байнидавлатӣ –Аҳднома дар бораи дӯстӣ, ҳамкорӣ ва кумаки байниҳамдигарӣ байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия сохта мешаванд. Тули тамоми давраи ҳамкориҳои мутақобилаи кишварҳои мо Тоҷикистон пайдарпай муносибатҳои шарикии стратегиро ба роҳ мондааст. Масъалаҳои ҳамкории ҳарбӣ-техникӣ, инчунин дар доираи сохторҳои бисёрҷонибаи амният баррасӣ мегарданд. Заминаи устувори ҳуқуқӣ ва истеҳсолӣ дар рушди ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ гузошташуда оварда шудааст. Стратегияи ҳамкории Тоҷикистон бо Россия заминаи муҳимми устувории сиёсӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодӣ на танҳо дар минтақа, балки дар тамоми фазои ИДМ мебошад.



**Калидвожаҳо:** Россия, Тоҷикистон, шарикӣ, ҳамкорӣ, сиёсат, стратегия, иқтисодиёт, созишнома.

## РАЗВИТИЕ СИСТЕМЫ СОТРУДНИЧЕСТВА РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН И РОССИЙСКОЙ ФЕДЕРАЦИИ

В статье прослеживается политическое и стратегическое партнерство между Таджикистаном и Россией и анализируются некоторые аспекты этого сотрудничества. Обсуждается некоторые важные направления экономического, политического и стратегического сотрудничества России и Таджикистана, имеющие воздействие как на экономику РТ, так и на интеграционные процессы в регионе. Рассматриваются важнейшие моменты двусторонних отношений по вопросам межгосударственного сотрудничества в Центральной Азии, с учетом назревшей необходимости поиска согласованных решений ключевых проблем социально-экономического развития всех стран региона. Регулярные встречи и диалоги между главами Республики Таджикистан и Российской Федерации на высшем уровне позволяют обсуждать не только актуальные политические вопросы современности, но и обмениваться мнениями по региональной и международной проблематике. Отношения двух стран строятся на принципах стратегического партнерства, определенные базовыми межгосударственными соглашениями - Договор о дружбе, сотрудничестве и взаимной помощи между Республикой Таджикистан и Российской Федерацией. В течение всего периода взаимодействия наших стран Таджикистан последовательно проводил линию на поддержание отношений стратегического партнерства. Вопросы военно-технического сотрудничества рассматриваются также в рамках многосторонних структур безопасности. Приведена устойчивая правовая и производственная база в развитии военно-технического сотрудничества. Стратегия сотрудничества Таджикистана с Россией является важной основой политической стабильности и социально-экономического развития не только в регионе, но и на всем пространстве СНГ.

**Ключевые слова:** Россия, Таджикистан, партнёрство, сотрудничество, политика, стратегия, экономика, соглашение.

## DEVELOPMENT OF THE COOPERATION SYSTEM OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN AND THE RUSSIAN FEDERATION

The article traces the political and strategic partnership between Tajikistan and Russia and analyzes some aspects of this cooperation. Some important areas of economic, political and strategic cooperation between Russia and Tajikistan are discussed, which have an impact both on the economy of the Republic of Tajikistan and on integration processes in the region. The most important moments of bilateral relations in recent years on issues of interstate cooperation in Central Asia are considered, taking into account the urgent need to find agreed solutions to key problems of socio-economic development of all countries in the region. Regular meetings and dialogues between the heads of the Republic of Tajikistan and the Russian Federation at the highest level make it possible to discuss not only the current political issues of the day, but also exchange views on regional and international issues. Relations between the two countries are built on the principles of strategic partnership, defined by the basic interstate agreements - the Treaty of Friendship, Cooperation and Mutual Assistance between the Republic of Tajikistan and the Russian Federation. Throughout the entire period of interaction between our countries, Tajikistan has consistently pursued a policy of maintaining strategic partnership relations. Questions of military-technical cooperation are also being considered within the framework of multilateral security structures. A stable legal and industrial base in the development of military-technical cooperation is given. The strategy of cooperation between Tajikistan and Russia is an important basis for political stability and socio-economic development not only in the region, but throughout the CIS.

**Keywords:** Russia, Tajikistan, partnership, cooperation, politics, strategy, economics, agreement.

**Маълумот дар бораи муаллифон:** ***Гафуров Қосим*** **-** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, докторанти Ph.D-и факултети муносибатҳои байналхалқӣ. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 98-730-25-85**. E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**
***Салимов Фаррух Насимович*** **–** Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои таърих, дотсенти кафедраи дипломатия ва сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. **Суроға:** 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17. Телефон: **(+992) 918-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com**

**Сведения об авторах:** ***Гафуров Косим Сафархонович*** **-** Таджикский национальный университет, доктор Ph.D факультета международных отношений. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 98-730-25-85**. E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**
***Салимов Фаррух Насимович*** - Таджикский национальный университет, кандидат исторических наук, доцент кафедры дипломатии и внешней политики Республики Таджикистан. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г. Душанбе, проспект Рудаки, 17. Телефон: **(+992) 938-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com,fsalimov@tojikiston.com**

**Information about authors:** ***Gafurov Kosim Safarkhonovich*** **-** Tajik National University, PhD, Faculty of International Relations. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 17. Phone: **(+992) 987-30-25-85**. E-mail: **kosim.gafurov.97@mail.ru**
***Salimov Farrukh Nasimovich*** - Tajik National University, candidate of historical sciences, associate professor of the department of diplomacy and foreign policy of the Republic of Tajikistan. **Address**: 734025. Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Avenue, 17. Phone: **(+992) 938-61-48-86.** E-mail: **farrukh.n.salimov@gmail.com,fsalimov@tojikiston.com**

УДК: 327.1

# КИБЕРТЕРРОРИЗМ ТАҲДИД БА СУБОТИ СИЁСӢ

*Юсупов Ғ.М.*
**Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ**

Дар замони муосир таҳдиду хатарҳо ба суботи сиёсӣ ва амнияти миллӣ хеле зиёданд. Дастовардҳои замони муосир дар соҳаи технологияи иттилоотию коммуникатсионӣ, инчунин масъалаҳои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаҳои мазкур, боиси пайдо гардидани хавфу хатар ва таҳдидҳои нави замонавӣ гардидаанд. Дар чунин шароит шабакаи интернет афзалиятҳои бемаҳдудро соҳиб гардида, ҷомеаро ба як қатор мушкилиҳо рӯ ба рӯ намудааст. Дар миёни онҳо ҷиноятҳои иттилоотию коммуникатсионӣ яке аз мушкилиҳои асосӣ ба шумор мераванд. Мубориза бо онҳо амали саривақтӣ ва хеле зарурист. Яке аз чунин шакли таҳдидҳо ба амнияту субот, ки дар баробари рушди инфрасохтори иттилоотию коммуникатсионӣ ба амал омадааст – кибертерроризм маҳсуб меёбад. Баррасии масъалаи таъсири кибертерроризм ба амнияти миллӣ аз манфиат холӣ набуда, яке аз масъалаҳои мубрами рӯз ба ҳисоб меравад.

Бо шарофати рушди босуръати технологияҳои иттилоотӣ амалиётҳои мубодила, ҷустуҷӯ ва ҷамъоварии иттилоот ба таври назаррас сода гашта, дар баробари омилҳои мусбии ин раванд, омилҳои манфии он низ ба назар мерасанд. Пайдоиши ҷиноятҳои сифатан нав – киберҷиноятҳо яке аз масъалаҳое мебошанд, ки дар ҷодаи таъмини амнияти миллӣ мубориза бо ин гуна ҷиноятҳо амри зарурист. Масъалаи паҳншавии киберҷиноятҳо имрӯз тамоми миқёси ҷаҳонро фаро гирифта, хисорот ва зарари расонидаи он ба миллиардҳо доллари амрикоӣ мерасад ва таҳдиди воқеӣ барои амнияту субот аст. Аз ин рӯ, вазифаи таъмини амнияти иттилоотӣ ва киберамният баҳри рушди давлатдорӣ ва оромии ҷомеаву шаҳрвандон аввалиндараҷа ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки кибертерроризм аз ҷониби муаллифон гуногун арзёбӣ мегардад. Онро ҳам ба ҷиноятҳои интернетӣ, яъне вайрон кардани компютерҳо ва ҳам ба ҷиноятҳои глобалӣ (терроризм ва экстремизм) дохил мекунанд. Ба ақидаи олимони рус, киберҷиноятҳо як шакли фаъолияти экстремистӣ дар фазои иттилоотӣ ба ҳисоб мераванд. Яъне, сухан дар бораи истифодаи ҷиноятии технологияҳои қабул, коркард, интиқол, нигоҳдорӣ ва паҳн намудани паёмҳои иттилоотии дорои хусусияти экстремистӣ, ки дорои таҳқир нисбати ҳама гуна гурӯҳҳои иҷтимоӣ (пеш аз ҳама этникӣ ва динӣ), даъват ба зӯроварӣ нисбати онҳо мебошад [13,с.1550].

Дар асари бунёдии «Киберҷанг ва кибертерроризм» таърифи зерини мафҳуми кибертерроризм дода шудааст: «Кибертерроризм - ин ҳамлаҳои дорои ангезаи сиёсӣ буда, аз ҷониби гурӯҳҳои зермиллӣ ё агентҳои махфӣ ё шахсони алоҳида бар зидди низомҳои иттилоотӣ ва компютерӣ, барномаҳои компютерӣ ё нишондодҳо анҷом дода мешавад, ки натиҷаи он зӯроварӣ ба ҳисоб меравад» [15,с.13]. Дар “Луғати терроризм” кибертерроризм ҳамчун ҷиноят тавсиф мешавад, ки дар оянда ҷиноятколон бо истифода аз компютерҳо метавонанд ба он даст зананд. Ҳамзамон қайд карда мешавад, ки кибертеррористон бо назардошти манфиатҳои сиёсӣ ҷиноятҳои худро амалӣ мекунанд [17,с.61]. Коршиноси соҳа М. Каветли мафҳуми зерини кибертерроризмро пешниҳод мекунад: «Кибертерроризм ҳамчун ҳамлаи ғайриқонунии субъектони ғайридавлатӣ ба компютерҳо, шабакаҳо ва иттилооти дар онҳо мавҷудбуда фаҳмида мешавад, ки бо мақсади тарсонидани ҳукумат (ё аҳолӣ) ё барои ноил шудан ба рафтори муайяни субъект, ки тарсонда мешавад, амалӣ карда мешавад. Киберҳуҷум метавонад ҳамчун кибертерроризм танҳо дар сурате фаҳмида шавад, ки агар он боиси зӯроварии ҷисмонӣ нисбат ба одамон ё молу мулк гардад ё дар робита ба эҳтимоли чунин оқибатҳо тарси ҷиддӣ вуҷуд дошта бошад [14,с.1]. Таърифи пешниҳодкардаи пажуҳишгари амрикоӣ К.Уилсонро метавон муваффақтарин эътироф кард: «Кибертерроризм - ин аз ҷониби гурӯҳҳои байналмилалӣ ё миллӣ ва ё агентҳои махфии дорои ангезаи сиёсӣ истифода аз компютерҳо ҳамчун аслиҳа мебошад, ки боиси расонидани зарар ё таҳдиди расонидани зарар, ё воҳима кардан, бо мақсади ба аҳолӣ ё ҳукумат таъсир расонидан аст, то ки сиёсат тағйир дода шавад» [16,с.1].

Ҳамин тавр, кибертерроризм ба ақидаи баъзе муаллифон, бояд дар ду ҷиҳат баррасӣ шавад: технологӣ ва диалектикӣ. Дар мавриди аввал, кибертерроризмро ҳамчун истифодаи технологияҳои иттилоотӣ аз ҷониби гурӯҳҳои террористӣ ва шахсони алоҳида фаҳмидан лозим аст. Ин метавонад истифодаи технологияҳои иттилоотиро барои ташкил ва анҷом додани ҳамлаҳо алайҳи шабакаҳо, низомҳои компютерӣ ва инфрасохтори телекоммуникатсионӣ, мубодилаи иттилоот ё таҳдидҳо ба таври электронӣ дар бар гирад. Яъне, шикасти низомҳои компютерӣ, ворид кардани вирусҳо ба шабакаҳои осебпазир, нобуд кардани вебсайтҳо ва дигар амалҳое, ки метавонанд ба технологияи компютерӣ зарар расонанд [12,с.90]. Дар мавриди дуюм, кибертерроризмро метавон чунин маънидод кард: «фаъолияти қасдан харобкунанда ё таҳдиде, ки тавассути истифодаи компютерҳо ва ё шабакаҳо бо мақсади расонидани зарар ё расонидани зарари минбаъдаи иҷтимоӣ, идеологӣ, динӣ, оқибатҳои сиёсӣ, ё тарсондани ягон шахс бо мақсади пеш бурдани чунин мақсадҳо ва ғайра» [6,с.1].

Муҳаққиқ В.А.Голубев ва як қатор дигар коршиносони рус кибертерроризмро ҳамлаи барқасдона ба иттилооти компютерӣ, низом ё шабака медонанд, ки ҳадафи он эҷоди таҳдид ба амнияти давлатӣ ва байналмилалӣ, тарсонидани ҷомеа ё таҳрики низоъ дар ҳама гуна минтақа мебошад [2,с.1].

А.А. Паненков [10,с.12], М.А. Ефремова [5,с.10-13], инчунин бисёре аз муаллифони хориҷӣ, масалан, мутахассиси соҳаи технологияҳои иттилоотӣ аз ИМА Д. Деннинг чунин мешуморанд, ки кибертерроризмро ҳамчун амали ғайриқонунӣ, ки ба низомҳои компютерӣ, шабакаҳо ё иттилооти дар онҳо мавҷудбуда равона карда шуда, бо мақсади фишор овардан ба ҳукуматдорон дар ҳалли масъалаҳои сиёсӣ ё иҷтимоӣ фаҳмидан лозим аст. Дар навбати худ муҳаққиқ Н.В.Григорев қайд мекунад, ки бар хилофи шаклҳои анъанавии терроризм терроризми компютерӣ дараҷаи баландтари махфӣ дошта, ҳамзамон зарурати наздикии ҳудудӣ ба ҳадафро аз байн мебарад, ки онро боз ҳам ҷолибтар мегардонад, зеро барои ҷинояткор ҳангоми ҳамла эҳтимолияти дастгир ё нобуд кардан камтар мешавад [3,с.7].

Тамоюлхое, ки ба рушди ҷомеаи муосири постиндустриалӣ (иттилоотӣ) хосанд, шумораи зиёди зиддиятҳоро ба вуҷуд оварда, на танҳо оқибатҳои мусбӣ ба бор меоранд, балки ба пайдоиши таҳдидҳои нав низ мусоидат мекунанд. Гуфтан мумкин аст, ки ҳамзамон бо ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ, афзоиши фаъолияти шаҳрвандӣ ва бедории умумии сиёсӣ дар ҷомеа тамоюлу унсурҳои харобиовар, аз қабили терроризм ва гурӯҳҳои террористӣ, инчунин фаъолияти хакерҳо, хусусияти фаъолияти экстремистидошта ва амсоли инҳо ба назар мерасад. Марҳилаи кунунии рушди соҳаи иттилоотӣ бо имкони таъсири иттилоотӣ ба шуури шахс ва шуури ҷамъиятӣ тавсиф мешавад. Дараҷаи таъсири технологияҳои иттилоотии муосир он қадар баланд аст, ки ҳатто метавон дар бораи хатари ҷангҳои иттилоотӣ ҳарф занем.

Дар шароите, ки раванди иттилоотикунонӣ босуръат рушд мекунад, фазои ягонаи иттилоотӣ фаъолона ба вуҷуд меояд, ки дар доираи он маълумот миёни субъектҳои гуногуни ин фазо, хоҳ одамон, созмонҳо ва хоҳ давлатҳо ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва мубодилаи иттилоот сурат мегирад. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ таъмини иттилоотии равандҳои қабули қарорҳои сиёсиро дар ҳама сатҳҳои ҳокимият ба сатҳи баландтар меорад, мазмуни намудҳои гуногуни фаъолияти сиёсиро тағйир медиҳад. Ҳамин тариқ, дар шароити иттилоотонии назарраси соҳаи сиёсӣ иқтидори манипулятсияи шуури ҷамъиятӣ, муносибатҳои сиёсии гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоӣ меафзояд [7,с.84-90]. Таҳдидҳои нави иттилоотӣ пайдо мешаванд, ки бо ёрии низомҳои махсуси иттилоотӣ вазъи ҷомеаро ноором карда метавонанд.

Бори дигар таъкид кардан бамаврид аст, ки дар шароити муосир иқтидори киберэкстремизм ва ҷиноятҳои киберӣ ҳамчун роҳи ҳалли мушкилоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ афзоиш меёбад. Зиёда аз он, аз ҷониби ифротгароён ва ё гурӯҳҳои алоҳида изҳорот шунида мешавад, ки бо вайрон кардан ё аз кор мондани объектҳои муҳимми таъминоти ҳаётӣ, фонди манзил ва ё корхонаҳои саноатӣ ба кишварҳо таҳдидҳо мекунанд. Мусаллам аст, ки бидуни пешниҳод намудани талаботи дорои хусусияти сиёсӣ, чунин изҳорот ва ё бароматҳо метавонанд вазъияти сиёсиро ба таври шадид ноором созанд,

ангезаи тазоҳуроти оммавии муташаккил ё стихиявӣ гарданд, ки ҳатман боиси паст гардидани сатҳи қонуниятии ҳокимият мегардад.

Таҳдиди экстремизми киберӣ ва терроризми киберӣ ё истифодаи воситаҳои онлайнӣ барои ғайрифаъол кардани ҷузъҳои муҳимми инфрасохтори ҳукуматӣ, барои маҷбур кардан ё тарсонидани мақомот пайваста афзоиш меёбад. Махсусан нақши онҳо дар бесуботии сиёсӣ, таҳаввулот ва шикастаҳое, ки давлатҳо дар раванди рушди худ давра ба давра дучор меоянд, зиёд аст, чунин тамоюл хосси ҳар ҷомеа буда, боиси тағйироти ҷиддие дар шароит ва тарзи зиндагии мардум мегардад. Чунин таҳаввулот бештар ба ташаккули як навъ холигии арзишҳо, тағйирёбии нишондодҳои моддӣ, номуайянии дурнамои зиндагӣ ва ногузир тезутунд шудани зиддиятҳо оварда мерасонанд, ки дар натиҷа ифротгароӣ ба яке аз мушкилтарин ва хатарноктарин омилҳо табдил меёбад.

Бояд қайд кард, ки мубориза бо кибертерроризм ба сатҳи байналмилалӣ гузашта, тарафҳои ҳуқуқии он, бо қабули қонуну консепсияҳо аз ҷониби кишварҳои гуногун ва созмонҳои байналмилалӣ баррасӣ шудааст. Ҳамин тавр, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм” [9,с.1], баррасӣ шуд, ки паҳлуҳои гуногуни мубориза бо терроризм ва шаклҳои онро дар бар мегирад. Соли 2001 Шурои Аврупо «Конвенсия оид ба ҷиноятҳо дар соҳаи иттилооти компютерӣ»-ро қабул кард, ки яке аз ҳуҷҷатҳои бунёдии мубориза бо ҷиноятҳои киберӣ ба ҳисоб меравад [8,с.1]. Ҳамчунин, қатъномаи мубориза бо истифодаи ҷиноятгоронаи технологияҳои иттилоотӣ, ки соли 2001 аз ҷониби давлатҳои узви СММ қабул шудааст, ҳуҷҷати муҳим ба ҳисоб меравад. Дар ин Резолютсия чунин тадбирҳои зарурӣ дар мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ муайян карда шудаанд, аз қабили: таҳкими қонунгузории ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои компютерӣ; ҳамкории байнидавлатии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, омодагӣ ва таълими дахлдори онҳо дар ҷомеаи иттилоотӣ, табодули иттилоот оид ба проблемаҳои ҷиноятҳои компютерӣ; таъмини сатҳи кофии ҳифзи низомҳои компютерӣ аз дахолати ғайриқонунӣ; саривақт ҷамъ овардани далелҳо дар тафтишоти ҷиноятҳои содиршуда ва ғ. [1,с.1].

Ҳамкорӣ дар сатҳи байналмилалӣ оид ба масъалаҳои кибертерроризм ҳамчунин таъсиси созмонҳои гуногуни байналмилалиро дар бар мегирад. Дар соли 2013 дар Гаага Маркази аврупоӣ таъсис дода шуд, ки кори он ҷамъоварӣ ва таҳлили маълумот оид ба ҷиноятҳои компютерӣ, таҳияи чораҳо оид ба тафтиши онҳо; мубодилаи таҷрибаи мубориза ва пешгирии ҷиноятҳои компютерӣ бо кишварҳои дигар мебошад [18,с.376]. Кишварҳои ИДМ дар таҳияи чораҳои пешгирии кибертерроризм дар миқёси байналмилалӣ низ фаъолона иштирок мекунанд. Масалан, дар оғози соли 2015 кишварҳои узви Созмони Ҳамкории Шанхай Кодекси рафтор дар соҳаи амнияти иттилоотиро таҳия ва ба Маҷмааи Умумии Созмони Милали Муттаҳид пешниҳод карданд, ки қоидаҳои рафтор дар фазои киберӣ дар сатҳи байналмилалиро дар бар мегирад [11,с.1]. Дар охири соли 2018 Ассамблеяи Генералии Созмони Милали Муттаҳид қатъномаи “Пешрафтҳо дар соҳаи иттилоотсозӣ ва телекоммуникатсия дар заминаи амнияти байналмилалӣ”-ро қабул кард, ки аз ҷониби 119 кишвари ҷаҳон ба имзо расид [4,с.1].

Сарфи назар аз тадбирҳое, ки аллакай таҳия шудаанд, мубориза бар зидди ҷиноятҳои киберӣ дар сатҳи байналмилалӣ бо як қатор мушкилоти муҳим дучор аст: ҳар як кишвар маънои худиро ба таърифу мафҳумҳои асосӣ таҳия мекунад; инчунин аксар вақт давлатҳо оид ба масъалаҳои таъмини амнияти маълумоти шахсӣ мавқеъҳои гуногунро ишғол мекунанд; дар сатҳи байналмилалӣ дар байни падидаҳои гуногун, ки механизмҳои гуногуни ҳамкориро тақозо мекунанд, сарҳадҳои аниқ вучуд надоранд. Ҳамаи ин ба ҳамкории байни давлатҳо дар шароити дараҷаи баланди нобоварии ҳамдигар, таъсири махсусан калон мерасонад.

Сарфи назар аз таҳдиде, ки васоити ахбори омма ба вуҷуд меорад, паҳнои бузурги интернет ҳамчун як ҳаҷми тақрибан идоранашавандаи иттилоот ба назар мерасад. Ин шабакаи байналмилалӣ пур аз сомонаҳо ва саҳифаҳои созмонҳои ифротгаро аст, ки дар он ба ҷуз рамзу даъватҳо ба силоҳ ба даст гирифтан, наворҳои задухӯрдҳои авбошӣ, латукӯби хориҷиён ва амсоли инҳо чизеро пайдо кардан ғайримумкин аст. Технологияҳои интернетӣ ба ифротгароён (киберэкстремистҳо) имкони беназири ҷанги иттилоотиро бо давлат тавассути паҳн кардани ғояҳо, шиорҳо, мурочиатҳои онҳо дар шакли мурочиат ба оммаи васеъ тавассути вебсайтҳо, форумҳо ва чатҳо, файлҳо, шабакаҳои муштарак

фароҳам меорад. Инчунин бояд қайд кард, ки сарфи назар аз талошҳои сохторҳои гуногун, ки кӯшиши бастани ин гуна манбаъҳои иттилоотро доранд, бояд ба мақомоти кишваре мурочиат кард, ки сервери ифротгароён он ҷо ҷойгир аст. Ин талошҳо дар баробари харочоти молӣ, вақти зиёдро талаб мекунад ва ҳатто агар ин ҷузъиёти зарурӣ иҷро шавад ҳам, муваффақият дар мубориза бо паҳншавии ин ё он навъ кафолат дода намешавад. Дар айни замон, маълум аст, ки шумораи одамоне, ки аз интернет ҳамчун воситаи дастрастарини тарғиби ифротгароӣ ва даъват ба терроризм истифода мебаранд, меафзояд. Соҳибони ин гуна вебсайтҳо дарк мекунанд, ки фаъолияти онҳо ғайриқонунӣ аст, аз ин рӯ онҳо тамоми кӯшишро ба харҷ медиҳанд, то ки худро эмин нигоҳ доранд. Барои ин, онҳо на танҳо кӯшиш мекунанд, ки вебсайтро аз низомҳои ҷустуҷӯӣ пинҳон кунанд, балки онро дар серверҳои хориҷӣ ҷойгир кунанд, то барои муфаттишон пайдо кардани соҳиби манбаи ғайриқонунӣ мушкил гардад.

Ҳамин тавр, кибертерроризм - як намуди фаъолияти террористӣ ба ҳисоб рафта, ки аз ҳамлаи маҷмуии барқасдона ба иттилооти компютерӣ, аз ҷумла мусодира, ғайрифаъол гардонидан ва нобуд кардани объектҳо иборат буда, дар шабакаҳои телекоммуникатсионӣ хатари ҳолати фавқулодаро ба вуҷуд оварда, боиси зарари калони молумулкӣ ё дигар оқибатҳои ба ин монанд мегардад. Ин кор бо мақсади вайрон кардани субот ва амнияти ҷамъиятӣ, тарсонидани аҳолӣ, барангехтани низои ҳарбӣ, тезутунд кардани муносибатҳои байналмилалӣ, таъсир расонидан ба мақомот ё ҷалби таваҷҷуҳи ҷомеа ба созмонҳои алоҳидаи сиёсӣ, динӣ ва дигар ташкилотҳо сурат мегирад. Дар баробари ин, низомҳои иттилоотии давлатӣ барои кибертеррористон таваҷҷуҳи хосса доранд. Унсурҳои муҳимми инфрасохтори давлатӣ (низомҳои идоракунӣ ва истифодаи иншооти атомӣ, неругоҳҳо, роҳи оҳан, фурудгоҳҳо ва ғайра) объекти фаъолияти террористон мегарданд.

Кибертерроризм барои ворид шудан ба низоми иттилоотӣ ва телекоммуникатсионӣ, боздоштани идоракунӣ, рафъи воситаҳои табодули иттилооти шабакавӣ ва анҷом додани дигар амалҳои харобиовар равона карда шудааст. Хавфи ин навъи терроризми иттилоотӣ дар он аст, ки он сарҳади миллӣ надорад ва муайян кардани террорист дар фазои иттилоотӣ мушкил аст, зеро ҳакерҳо тавассути компютерҳои қалбакӣ амалҳои террористиро анҷом медиҳанд, ки муайян ва пайдо кардани онҳоро мушкил мегардонад.

Имрӯзҳо, кибертерроризм махсусан дар кишварҳои Осиёи Марказӣ яке аз хатарноктарин навъҳои ҷиноят ба шумор меравад. Ҳамлаҳои киберӣ метавонанд дар сатҳи маҳалӣ, миллӣ ва ҳатто байналмилалӣ зарари ҷиддӣ расонанд. Дар ниҳоят, ҳамлаҳои киберӣ низ метавонанд ҳадафҳои ҷиддитареро дунбол кунанд ва объектҳои кибертерроризм метавонанд маълумоти пулӣ ва махфӣ, таҷҳизоти назоратии асбобҳои кайҳонӣ, нерӯгоҳҳои атомӣ, комплексҳои низомӣ ва амсоли инҳо бошанд.

Танҳо татбиқи ҳамаҷонибаи механизмҳои дар боло зикршуда ва ширкати ҳар як давлати фаъол дар ин раванд ҳамкориҳои байналмилалиро дар мубориза бо кибертерроризм муассир ва муваффақ мегардонад. Ҳамкории бомуваффақияти байналмилалӣ дар натиҷаи татбиқи чунин тадбирҳо, аз қабили конвергенсияи низомҳои ҳуқуқии миллӣ нисбат ба мафҳумҳои асосӣ, инчунин ҷавобгарӣ барои ҷиноятҳои киберӣ имконпазир аст; таъсиси сохторҳои давлатӣ барои мубориза бо ҳамлаҳои компютерӣ; мубодилаи маълумот дар бораи таҳдидҳо барои анҷом додани ҳамлаҳои киберӣ, усулҳо ва воситаҳои аз ҷониби кибертеррористҳо истифодашаванда; мубодилаи таҷриба ва таҷрибаи назорати захираҳои иттилоотӣ, ҷустуҷӯ ва пайгирии мундариҷаи вебсайтҳои террористӣ ва ғайра.

Илова бар ин, дида баромадани чунин чораҳои зарурӣ аз манфиат холӣ нест:

1) гузаронидани сиёсати босалоҳият оид ба ҷавонон (муҳайё намудани шароите, ки дар он ҷавонон ба оянда боварии комил дошта бошанд, ки ин, дар навбати худ, онҳоро аз таъсири таблиғоти аксаран ибтидоӣ, ки ба амалӣ намудани иқтидори эътирозии харобиовар бо мақсадҳои сиёсӣ нигаронида шудааст, пешгирӣ мекунад);

2) фаъол гардонидани корҳои иттилоотӣ-маърифатӣ ҷиҳати тарғиби арзишҳои маънавию ахлоқӣ ва анъанаҳо (ватандӯстӣ, эҳтиром ба таърихи кишвари худ, таҳаммулпазирии динӣ, риояи қонун), боз ҳам дар байни насли наврас;

3) инкишоф додани шароити дастрасии маданию истироҳатии аҳолӣ (ба мисли он ки дар Иттиҳоди Шуравӣ ташкил карда шуда буд);

4) ҷорӣ намудани сензураи ҳадди ақал вобаста ба синну сол барои бозиҳои компютерӣ, ки аксари онҳо зӯроварӣ ва бераҳмиро тарғиб мекунанд;

5) баланд бардоштани огаҳии ҷомеа дар бораи хатари кибертерроризм ва киберэкстремизм, бо мақсади пешгирӣ намудани аҳамият надодан ба иқтидори харобиовари иҷтимоию сиёсии ин падидаҳо;

6) гузарондани корҳои назариявӣ бо аҳолӣ, бо мақсади тарбия намудани ҷомеа дар қобилияти муқовимат бо ин таҳдидҳо;

7) аз ҷониби мақомоти махсуси давлатӣ пайгирӣ ва саривақт бартараф намудани иттилооти дорои хусусияти экстремистидошта, муайян намудани манбаъҳои паҳнкунии чунин маълумот ва дар ҳолати имкон пешгирӣ намудани фаъолияти онҳо.

**Муқарриз: Муҳаммад А.Н. – д.и.с., профессори АМИТ**

**АДАБИЁТ**


1. Борьба с преступным использованием информационных технологий: резолюция, принятая Генеральной Ассамблеей ООН 19 дек. 2001 г. [по докладу Третьего комитета (A/56/574)] 56/121. [Электронный ресурс]. URL: https://undocs.org/ru/A/RES/56/121 (дата обращения: 25.06.2022).
2. Голубев В.А. Кибертерроризм - угроза национальной безопасности Центр исследования проблем компьютерной преступности. [Электронный ресурс]. URL: http://www.crimeresearch.ru/articles/Golubev_Cyber_Terrorism/ (дата обращения: 25.06.2022).
3. Григорьев Н.В. Влияние кибертерроризма на молодежную среду / Н.В. Григорьев // Вестник национального антитеррористического комитета. 2017. -№2. -С.5–8.
4. Достижения в сфере информатизации и телекоммуникаций в контексте международной безопасности : резолюция Генеральной Ассамблеи ООН от 5.12.2018 (73-я сессия Генеральной Ассамблеи ООН). [Электронный ресурс]. URL: https://undocs.org/ru/A/RES/73/27 (дата обращения: 25.06.2022).
5. Ефремова М.А. Уголовно-правовое обеспечение кибербезопасности / М.А. Ефремова // Информационное право. -2015. -№5. -С.10–13.
6. Кибертерроризм- определения, классификация, опасность. [Электронный ресурс]. URL: http://elcomrevue.ru/opredeleniekiberterrorizma (дата обращения: 22.06.2022).
7. Клименский М.М. Кибертерроризм как социально-политическое явление: отличительные признаки и основные причины активизации на современном этапе / М. М. Клименский. Г. Пятигорск. Сборник научных трудов. - 2014. -С.84-90.
8. Конвенция о преступности в сфере компьютерной информации ETS № 185 (Будапешт, 23 ноября 2001 г.) (с изм. от 28.01.2003).
9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мубориза бар зидди терроризм”. Қонуни ҶТ аз 25.12.2015с., №1266.
10. Паненков А.А. Кибертерроризм как реальная угроза национальной безопасности России / А.А. Паненков // Право и кибербезопасность. -2018. -№1. -С.12–19.
11. Правила поведения в области обеспечения международной информационной безопасности: прил. к письму постоянных представителей Казахстана, Китая, Кыргызстана, Российской Федерации, Таджикистана и Узбекистана при ООН от 9 янв.2015 г. на имя Генерального секретаря (69-я сессия Генеральной Ассамблеи ООН). [Электронный ресурс]. URL: https://undocs.org/pdf?symbol=ru/a/69/723 (дата обращения: 25.06.2022).
12. Скрыль С.В. Кибертерроризм как форма проявления информационного экстремизма. МГТУ им. Н.Э. Баумана / С.В. Скрыль, С.В. Зарубин. - Воронеж, 2009. -Том 12. -№1. -С.89-92.
13. Старкова Н.А. Киберэкстремизм в молодежной среде как социальная проблема / Н.А.Старкова, А.Н.Старков, Е.В.Чернова // Фундаментальные исследования. – 2014. – №12-7. -С.1550-1554.
14. Myriam Dunn Cavelty. Cyberwar: concept, status quo, and limitations [Electronic resource] / Center for Security Studies (CSS), ETH Zurich. Access mode: www.sta.ethz.ch
15. Cyber Warfare and Cyber Terrorism (edited by Lech J. Janczewski and Andrew M. Colarik). Hershey, PA: Information Science Reference, 2008.
16. Clay W. Computer Attack and Cyberterrorism (Vulnerabilities and Policy Issues for Congress) [Electronic resource] / Federation of American Scientists. [Электронный ресурс]: URL: http://www.fas.org/sgp/crs/terror/index.htm (Муроҷиати охирон: 27.06.22).
17. Thackrah J. R. Dictionary of Terrorism. -NY.: Taylor & Francis, 2004.
18. Якимова Е.Н. Международное сотрудничество в борьбе с киберпреступностью / Е.Н.Якимова, С.В. Нарутто // Криминологический вестник Байкальского государственного университета. -2016. -Т. 10. -№2. -С.369–378.



**КИБЕРТЕРРОРИЗМ ТАҲДИД БА СУБОТИ СИЁСӢ**

Дар мақолаи мазкур муаллиф масъалаи мубрам ва рӯзмарра – кибертерроризм ва таъсири онро ба амнияти миллӣ аз ҷиҳати назариявӣ зери таҳлилу омӯзиш қарор додааст. Имрӯз тамоми аҳли ҷомеа аз интернет ва шабакаҳои он истифода мебаранд. Албатта, ин ҷо ҷиҳатҳои мусбӣ хело ҳам зиёданд, аммо бо

истифода аз ин, шахсоне пайдо мешаванд, ки интернетро барои манфиатҳои шахсии худ истифода бурда, барои таблиғи идеяҳои номатлуб пешбарӣ мекунанд. Кибертерроризм ба яке аз таҳдидҳои замони муосир дохил шуда, он метавонад ба кулли ҷомеа, давлат ва муносибатҳои байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад. Аз ҷумла, муаллиф қайд мекунад, ки дар шароите, ки раванди иттилоотикунонӣ босуръат рушд мекунад, фазои ягонаи иттилоотӣ фаъолона ба вуҷуд меояд ва дар доираи он маълумот миёни субъектҳои гуногуни ин фазо, хоҳ одамон, созмонҳо ва хоҳ давлатҳо ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва мубодилаи иттилоот сурат мегирад. Ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ таъмини иттилоотии равандҳои қабули қарорҳои сиёсиро дар ҳама сатҳҳои ҳокимият ба сатҳи баландтар меорад, мазмуни намудҳои гуногуни фаъолияти сиёсиро тағйир медиҳад. Илова бар ин, имрӯз тавассути интернет ва шабакаҳои интернетӣ террористон ва экстремистон ба шуури ҷавонон таъсири ҷиддӣ расонда, онҳоро ба ҳар гуна гурӯҳҳои сиёсӣ, террористӣ ва экстремистӣ даъват мекунанд. Ҷавонон такя ба шароити зиндагӣ карда, худро ба вартаи марг ва ҳаёти нодуруст равона мекунанд, ки ин ба ҳаёти умумии ҷомеа ва давлат, албатта, таъсири манфӣ хоҳад расонд. Барои ҳамин баррасӣ ва омӯзиши паҳлуҳои гуногуни ин масъалаи мубрам дар шароити ҳозира аз манфиат холӣ нест.

**Калидвожаҳо:** терроризм, ҷаҳонишавӣ, геополитика, сиёсат, кишварҳои рӯ ба тараққӣ, кибертерроризм, амният, манфиат, кишвар, усул, методҳо, воситаҳо, мубориза, устуворӣ.

## КИБЕРТЕРРОРИЗМ УГРОЗА ПОЛИТИЧЕСКОЙ СТАБИЛЬНОСТИ

В данной статье автор теоретически анализирует актуальный и злободневный вопрос - кибертерроризм и его влияние на национальную безопасность. Сегодня все сообщество ежедневно пользуется Интернетом и интернет-сетями. Конечно, в этом много положительных моментов, но есть люди, которые используют Интернет в своих интересах и для продвижения нежелательных и чуждых идей. Кибертерроризм является одной из современных угроз и может оказывать негативное влияние на общество, государство и международные отношения. В частности, автор отмечает, что в условиях стремительного развития информационного прогресса активно создается единое информационное пространство, в котором осуществляется сбор, обработка, хранение и обмен информацией между разными субъектами этого пространства, будь то отдельные лица, организации или государства. Внедрение информационных технологий повысит информационное обеспечение процессов принятия политических решений на всех уровнях власти, изменит содержание различных видов политической деятельности. Кроме того, сегодня через Интернет и интернет-сети террористы и экстремисты оказывают серьезное влияние на сознание молодежи, призывая их в какие-либо политические, террористические и экстремистские группировки. Молодежь в соответствии с условиями жизни и ведет себя неправильно, подвергая себя риску, что безусловно негативно скажется на жизни общества и государства. Поэтому полезно рассмотреть и изучить различные аспекты этого вопроса в современном контексте.

**Ключевые слова:** терроризм, глобализация, геополитика, политика, развивающиеся страны, кибертерроризм, безопасность, интересы, страна, методы, инструменты, средства, борьба, устойчивость.

## CYBERTERRORISM A THREAT TO POLITICAL STABILITY

In this article, the author theoretically analyzes the topical and topical issue - cyberterrorism and its impact on national security. Today, the whole community uses the Internet and Internet networks on a daily basis. Of course, there are many positive aspects, but using it, there are people who use the Internet for their own interests and to promote undesirable and external ideas from society. Cyberterrorism is one of the modern threats and it can have a negative impact on society, the state and international relations. In particular, the author notes that in the context of rapid development of the information process, a single information space is actively created, in which information is collected, processed, stored and exchanged between different subjects of this space, whether individuals, organizations or states. information takes place. The introduction of information technology will increase the information support of political decision-making processes at all levels of government, change the content of various types of political activity. In addition, today, through the Internet and Internet networks, terrorists and extremists have a serious impact on the minds of young people, calling them to any political, terrorist and extremist groups. Young people rely on living conditions and lead themselves to the abyss of death and wrong living, which, of course, will have a negative impact on the general life of society and the state. Therefore, it is useful to consider and study various aspects of this issue in the current context.

**Keywords:** terrorism, globalization, geopolitics, politics, developing countries, cyberterrorism, security, interests, country, methods, tools, means, struggle, sustainability.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Юсупов Ғайрат Маъруфҷонович*** **-** Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳоваддинови АМИТ, аспирант. **Суроға**: 734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 33. Телефон: **92 916 16 40**. E-mail: **gairati.m@mail.ru**

**Сведения об авторе:** ***Юсупов Гайрат Маъруфджонович*** - Институт философии, политологии и права им. А.М. Баховаддинова НАНТ, аспирант. **Адрес:** 734025, Республика Таджикистан, г.Душанбе, пр.Рудаки, 33. Телефон: **92 916 16 40**. E-mail: **gairati.m@mail.ru**

**Information about the author:** ***Yusupov Gairat Marufdzhonovich*** **-** Institute of Philosophy, Political Science and Law named after A.I. A.M. Bahovaddinova NAST, postgraduate student. **Address:** 734025, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki Ave., 33. Phone: **92 916 16 40.** E-mail: **gairati.m@mail.ru**

УДК. 327.8 (575.3)

# НАҚШИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ

*Тошов Ҳ.М.*
**Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ**

Дар шароити имрӯза равандҳои ҷаҳонишавӣ муносибатҳои минтақавию байналмилалиро хеле мураккаб ва норавшан гардонида, хавфу хатари зиёдро ба вуҷуд оварда истодаанд. Дар чунин шароит ҳеҷ як кишвар аз таҳдиду хатари ҷаҳони муосир дар канор буда наметавонад ва аксари онҳоро дар танҳоӣ наметавонад безарар гардонад. Ба ҳамаи ин нигоҳ накарда, ки созмонҳои минтақавию байналмилалӣ барои таъмини сулҳ ва амният кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ҳамоно зиддиятҳои объективӣ ва субъективӣ, рақобати доимӣ барои нуфуз, захираҳои табиӣ ва энергетикӣ дар ҳоли афзоиш мебошанд.

Осиёи Марказӣ минтақаест, ки дар равандҳои муосири байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, барои бозингарони минтақавӣ ва байналмилалӣ маъруфияти хосса пайдо намудааст. Омили асосии маъруфият пайдо намудани минтақа дар он зоҳир мегардад, ки он аз лиҳози геополитикӣ дар мавқеи хеле муфид ҷой гирифта, дорои захираҳои бузурги табиӣ мебошад. Инчунин, минтақа пайвандгари қораи Осиё бо қораи Аврупо ба ҳисоб меравад. Кишварҳои минтақа бо мақсади пойдории сулҳу субот ва таъмини манфиатҳои миллӣ ба тамоюлҳои ҷаҳонӣ пайравӣ намуда, иштироки худро дар фаъолияти сохторҳои гуногуни ҳамгироӣ тақвият медиҳанд [14,с.23]. Ба гуфтаҳои боло метавон пайвастани кишварҳои минтақа ба созмони нисбатан ҷавони минтақавӣ - Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ (СААД)-ро мисол овард. Аз ин лиҳоз, ҳамкориҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар мубориза бо терроризм ва экстремизм дар доираи СААД бояд ба таври доимӣ мавриди таҳлил қарор дода шавад.

Аз лаҳзаи таъсисёбӣ СААД самти асосии фаъолияти худро бевосита дар тақвият додани ҳамкориҳо ҷиҳати амнияти дастаҷамъӣ, ҳимояти манфиатҳо, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишварҳои узви созмон нигаронидааст.

СААД яке аз созмонҳои бонуфузи минтақавӣ ба ҳисоб рафта, дорои фаъолияти самтҳои гуногунҷанбаи ҳамкорӣ ҷиҳати таъмини амният ва ҳифзи субот дар минтақа ва қаламрави ҷумҳуриҳои пасошуравӣ мебошад. Инчунин, ягона воситаи дастаҷамъӣ дар фазои ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ, ки ҷиҳати таъмини амнияти минтақавӣ дар замони осоишта ва рафъи ҳамлаҳои мусаллаҳона ва ҷангҳо ҳиссагузор аст, ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, созмони мазкурро метавон ҳамчун воситаи асосии муқовимат бо таҳдидҳои дорои хусусияти низомию сиёсӣ ва низомию стратегӣ, аз қабили терроризм ва экстремизм ва бахусус чолишҳои минтақавӣ арзёбӣ намуд.

Вазифаи асосии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ таъмини амнияти кишварҳои узв, ҳифзи соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии онҳо мебошад. Дар ин замина СААД яке аз муҳимтарин сохторҳои байналмилалӣ аст, ки ҳадафи он таҳкими амнияти низомӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ мебошад.

СААД дар аввал ҳамчун Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ 15 майи соли 1992 аз ҷониби сарони шаш кишвари ИДМ – Арманистон, Қазоқистон, Қирғизистон, Россия, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон дар шаҳри Тошканди Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба имзо расидааст. Моҳи октябри соли 2002 баъди дар Кишинёв ба имзо расонидани Оиномаи созмон ва Созишнома оид ба мақоми ҳуқуқии СААД он мақоми байнналмилалиро касб намуд ва соли 2004 бо қарори Ассамблеяи Генералии СММ, СААД дар мақоми нозир пазируфта шуд. Дар замони эътибор пайдо кардани шартнома дар соли 1994 СААД дорои 9 аъзо буд ва айни ҳол дорои 6 аъзо аст. Мақоми олии он Шурои амнияти дастаҷамъӣ ба ҳисоб меравад, ки Дабири кулли ин созмонро таъин мекунад.

Ҳамчунин, дар баробари Шурои амнияти дастаҷамъӣ СААД дорои дигар сохторҳо, аз қабили Шурои вазирони корҳои хориҷӣ, Шурои вазирони мудофиа, Кумитаи котибони Шуроҳои амният, Котиботи Созмон ва Ситоди муштараки СААД мебошад. Танҳо ду

сохторе, ки дар охир номбар карда шуданд, ба таври доимӣ ҷиҳати пешрафт ва рушди муносибатҳои узви созмон кор ва фаъолият менамоянд.

Бояд қайд намуд, ки яке аз вазифаҳои аввалиндараҷа ва муҳим барои СААД ин таҳкими амният дар минтақаи Осиёи Марказӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамчунин, диққати асосӣ ба ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникии кишварҳои аъзо нигаронида шудааст. Барои боз ҳам тақвият додани ҳамкориҳо байни кишварҳои аъзо дар соҳаи амният зарурият пайдо гардид, ки заминаи ҳуқуқӣ ҷиҳати ҳамбастагии бештар ва ҳамкории кишварҳои аъзо фароҳам оварда шавад. Бо ин мақсад, 16 ноябри соли 2006 Ассамблеяи парлумонии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ таъсис дода шуд [8,с.2-11].

Ҳамин тариқ, доираи вазифаҳо ва самтҳои ҳамкории кишварҳои узви созмон ба таври назаррас аз масъалаҳои мудофиа ва амният, ҳамкориҳои сиёсӣ ва байналмилалӣ то масъалаҳои иҷтимоию иқтисодӣ васеъ гардиданд.

Бояд қайд намуд, ки дар қаламрави минтақаи Осиёи Марказӣ ҷиҳати таҳкими амният ва ҳифзи сулҳу субот, СААД нақши муассирро мебозад. Кишварҳои узви ин созмон ҳамкориҳои афзалиятноки дуҷониба ва бисёрҷонибаро бо кишварҳои минтақа ба роҳ мондаанд ва созмони мазкур дар сиёсати хориҷии ин кишварҳо мақому манзалати хоссаро касб намудааст. Яке аз самтҳои афзалиятноки СААД ин рушди ҳамкориҳои мутақобила ҷиҳати пешгирии таҳдидҳои замони муосир, аз ҷумла терроризми байналмилалӣ, экстремизмӣ динӣ ва ғайра ба ҳисоб меравад.

Ҳамчунин, самти дигари фаъолияти СААД вобаста ба бунёди системаи амнияти дастаҷамъӣ дар фазои кишварҳои узв, ҳимояи манфиатҳои онҳо, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии кишварҳои узви созмон ба ҳисоб меравад.

Инчунин, ҷанбаҳои афзалиятноки аҳдномаи баимзорасида иштирок дар ташкил намудани системаи амнияти дастаҷамъӣ дар Аврупо ва Осиё, тақвият ва ба роҳ мондани ҳамкориҳои дуҷониба ва бисёрҷониба бо ташкилотҳои гуногуни ҳарбӣ-сиёсӣ бо мақсади таҳким ва ҳифзи сулҳ, пешгирӣ аз таҳдидҳои гуногуни беруна, аз ҷумла гурӯҳҳои террористӣ, экстремистӣ ва киберӣ ба ҳисоб меравад. Ҷанбаи аз ҳама муҳимми аҳдномаи мазкур дар он ифода меёбад, ки он кафолати таъмини амнияти мудофиавӣ барои кишварҳоеро, ки аҳдномаро ба имзо расонидаанд, фароҳам меоварад. Чуноне ки аз моддаи 4 Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ бармеояд, дар ҳолати таҷовуз нисбати ягон кишвари узви Аҳднома дигар кишварҳои узв метавонанд ёрӣ расонанд ва инчунин метавонанд дар асоси моддаи 51 Оинномаи СММ кумакҳои низомиро пешниҳод намоянд. Метавон қайд намуд, ки Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ маҳз бо мақсади пайдо нагардидани бухрон дар байни кишварҳои узв ва бо роҳҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ эмин нигоҳ доштани фазои амниятӣ аз таҳдидҳои беруна ба имзо расонида шудааст. Инчунин, истифодаи қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун чораи охирин ва танҳо бо мақсади дифоъ намудан аз таҷовузи беруна тибқи ин аҳднома аз эҳтимол дур нест [13,с.15].

Дар баробари мубориза бо таҳдидҳои замони муосир кишварҳои узви СААД бар зидди терроризм ва экстремизм, ки дар моддаи 8-уми Оинномаи СААД оварда шудааст, ҳамкориҳоро васеъ ба роҳ мондаанд. Дар ҳамоиши 23 июни соли 2006 дар Минск кишварҳои узви созмон ба созиш омаданд, то дар самти мубориза бар зидди терорризми байналмилалӣ, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ, силоҳ, ҷинояткории муташаккилонаи фаромиллӣ, муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар хатарҳои таҳдидкунанда якҷоя амал намоянд.

СААД саҳми худро дар мубориза бо чолишҳо ва таҳдидҳои минтақавӣ васеъ намуда, дар мубориза бар зидди ифротгароии сиёсию динӣ ва амалҳои террористӣ дар фазои кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ саҳми арзанда мегузорад. Ҳамчунин, вобаста ба мубориза бо терроризм ва экстремизм дар доираи созмон бо иштироки кишварҳои минтақа 28 ноябри соли 2019 дар Бишкек Нақшаи амалиёти дастаҷамъонаи кишварҳои узви СААД оид ба татбиқи Стратегияи глобалии зиддитеррористии Созмони Милали Муттаҳид барои солҳои 2019-2021 таҳия гардида, мавриди амал қарор гирифт.

Яке аз ҷузъҳои муҳимми ҳамгироии кишварҳои узви созмон ба роҳ мондани ҳамкориҳои ҳарбӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад. Кишварҳои узви созмон ҳамкориҳоро дар асоси созишномаҳои бисёрҷониба ва ҳам дуҷониба ба роҳ мондаанд. "Созишнома дар бораи Принсипҳои асосии ҳамкориҳои ҳарбию техникии давлатҳои аъзои СААД"-ро, ки

соли 2000 ба тавсиб расидааст, метавон заминае хуб ҷиҳати ба роҳ мондани ҳамкориҳои мутақобила дар ин самт ҳисобид.

Инчунин, барои ҳамгироии минбаъда дар самти таъмини силоҳ ва муҷаҳҳазгардонӣ бо силоҳҳои муосир, дар моҳи апрели соли 2003 аз ҷониби кишварҳои узви созмон тасмим гирифта шуд, ки силоҳ ва аслиҳаҳои истеҳсолнамудаи Федератсияи Россия бо имтиёзҳои пешбинишуда харидорӣ гардида, ба кишварҳои узви созмон дастрас карда мешавад. Сараввал имтиёз танҳо ба силоҳ ва аслиҳаҳое, ки бевосита ба манфиати таъмини амнияти дастаҷамъӣ равона мегардиданд, сурат мегирифт. Баъдан, шуруъ аз соли 2004 то ба имрӯз, низоми имтиёзноки интиқоли аслиҳа ва техникаи низомӣ ба неруҳои мусаллаҳи тамоми кишварҳои СААД, аз ҷумла ба узви кишварҳои Осиёи Марказӣ, амал намуда истодааст.

Кишварҳои узви СААД дар минтақаи Осиёи Марказӣ бештар ҳамкориҳои низомӣ, ҳарбӣ-техникӣ ва ҳарбию иқтисодӣ, инчунин муқовимати дастаҷамъона ба чолишҳои глобалӣ ва минтақавӣ ва таҳдидҳои амниятиро ба роҳ мондаанд. Самти фаъолияти созмон банақшагирии амалиёт, омодагии ҷангӣ, ҳамкориҳои ҳарбию техникӣ ва омода намудани кадрҳоро дар бар мегирад.

Барои ҳимоят аз амалҳои террористӣ ва таҳдидҳои беруна дар минтақаи Осиёи Марказӣ инчунин, Неруҳои зудамали минтақавии амнияти дастаҷамъии Осиёи Марказӣ (НЗМАД ОМ) моҳи августи соли 2001 дар асоси Қарори Шурои амнияти дастаҷамъии СААД аз 25 майи соли 2001 таъсис дода шудааст. Аз ҳисоби неруҳои кишварҳои узви созмон теъдоди қувваҳо ба 5000 нафар баробар аст. Мақсади аввалиндараҷаи НЗМАД ОМ бартараф намудани ҳама гуна таҳдидҳои низомӣ аз берун дар минтақа ва иштирок дар амалиётҳои зиддитеррористӣ мебошад.

Соли 2006 аз ҷониби кишварҳои узви СААД Созишнома дар бораи тартиби ҷойгиркунии сареъ, истифода ва дастгирии ҳамаҷонибаи Неруҳои дастаҷамъии зудамали Минтақаи амнияти дастаҷамъии Осиёи Марказӣ ба тавсиб расонида шуд, ки дар созишномаи мазкур истифода ва самаранокии НЗМАД ОМ нишон дода шудааст.

Дар баробари таъсиси НЗМАД ОМ инчунин, дар доираи созмон кишварҳои узви СААД соли 2004 баъди ба тавсиб расонидани “Консепсияи ташаккул ва фаъолияти механизми сулҳпарварии Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ” заминаи хуберо ҷиҳати таъсиси неруҳои муштараки посдори сулҳ замина гузоштанд. Ҳамзамон, дар нишасти мазкур чаҳор ҳуҷҷати муҳим дар самти нигоҳдории амният аз ҳама гуна таҳдидҳо, аз ҷумла терроризм ва экстремизм таҳия гардиданд.

Баъдан моҳи октябри соли 2007 дар Душанбе Созишномаи неруҳои муштараки посдори сулҳ дар нишасти сарони кишварҳои узви СААД ба имзо расид ва аз ҳисоби воҳидҳои низомии кишварҳои узви созмон низомиёни сулҳпарвари СААД-ро таъсис дод, ки имрӯзҳо теъдоди онҳо тақрибан ба 3600 нафар мерасад. Ҳадафи асосии неруҳои муштараки посдори сулҳ нигоҳдории тартибот, пойдории сулҳу субот, ҳимоят аз аҳолии осоишта дар вақти даргирии ҷонибҳо, мониторинги иҷрои шартҳои созиш, мусоидат ба фароҳам овардани муҳити амн дар минтақаҳои буҳронӣ, муҳофизати объектҳои ҳаётан муҳим, намояндагиҳои дипломатӣ, созмонҳои байналмилалӣ ва ғайра мебошад.

Бояд қайд намуд, ки неруҳои СААД бо даъват ва дархости расмии кишварҳои узви созмон дар дохили кишвари алоҳидаи созмон фиристода мешаванд. Ҳамчунин, бо қарори Шурои амнияти дастаҷамъӣ ё Шурои Амнияти Созмони Милали Муттаҳид, метавонанд, ки барои истиқрори сулҳ дар кишварҳои берун аз қаламрави созмон ҷалб шаванд.

Маълум аст, ки пас аз сар задани ҳодисаи моҳи январи соли 2022 дар Ҷумҳурии Қазоқистон бо даъвати Президенти ин кишвар Қосим Ҷомарт Тоқаев дар робита ба тазоҳуроти оммавӣ, ки ба задухӯрди мусаллаҳона миёни тазоҳургарон ва неруҳои ҳукуматӣ оварда расонид, неруҳои посдори сулҳи СААД бо мақсади ҳифзи муҳимтарин иншооти давлатӣ ва стратегии Қазоқистон, барои мусоидат ба ҷониби Қазоқистон ҷиҳати ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ даъват гардиданд [3].

Дар муроҷиатномаи худ Қосим Ҷомарт Тоқаев иброз намуд, ки дар кишвараш «таҳдиди террористӣ» вуҷуд дорад. Инчунин, иддао намуд, ки дар Қазоқистон “гурӯҳҳои террористие, ки дар хориҷа таълим гирифтаанд”, амал мекунанд [9].

Баъди мурофиат, пас аз муҳокимаи сарони кишварҳои узви созмон ва розигии онҳо бо қарори раиси Шурои амнияти дастаҷамъии СААД, сарвазири Ҷумҳурии Арманистон

Никол Пашинян ба Ҷумҳурии Қазоқистон неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ интиқол дода шуд [11].

Санаи 10 январи соли 2022 Президенти Ҷумҳурии Қазоқистон дар ҷаласаи ғайринавбатии Шурои амнияти дастаҷамъии СААД, ки тариқи онлайн баргузор гардид, иттилоъ дод, ки теъдоди Неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ, ки ба Ҷумҳурии Қазоқистон интиқол гардидаанд, 2030 нафар низомиён ва 250 техникаҳои ҳарбиро ташкил медиҳад. Интиқоли неруҳои посдори сулҳ аз ҳисоби низомиёни Федератсияи Россия, Белорус, Арманистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон ба Қазоқистон дар муҳлати кӯтоҳтарин тавассути ҳавопаймоҳои Неруҳои кайҳонии Вазорати дифои Федератсияи Россия сурат гирифт. Дар амалиёти мазкур неруҳои дастаҷамъии посдори сулҳ дар қаламрави Ҷумҳурии Қазоқистон танҳо иншооти ҳаётан муҳимро ҳимоя намуданд.

Бояд қайд намуд, ки тибқи сарчашмаҳо аз Ҷумҳурии Белорус 200 нафар низомиён [7], аз Ҷумҳурии Қирғизистон пас аз розигии парлумони ин кишвар 150 нафар низомиён, 8 мошини зиреҳпӯш ва 11 автомашина [5], аз Ҷумҳурии Тоҷикистон 200 нафар низомиён [6], аз Ҷумҳурии Арманистон зиёда аз 100 нафар низомиён [1] ва аз Федератсияи Россия теъдоди зиёди низомиён ва техникаҳои ҷангӣ ба Ҷумҳурии Қазоқистон интиқол дода шуд.

Самти дигари таҳкими амнияти минтақавии Осиёи Марказиро метавон ба мавҷудияти пойгоҳҳои низомии Федератсияи Россия, ки аъзои СААД мебошад, рабт дод. Мавҷудияти ин пойгоҳҳои ҳарбию низомӣ басо нақши муҳимро мебозанд. Маълум аст, ки дар доираи созишномаи байниҳукуматӣ Федератсияи Россия дар ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон ва Тоҷикистон пойгоҳҳои худро мустақар намудааст.

Дар доираи созишномаи ҳамкории Ҷумҳурии Қазоқистон ва Федератсияи Россия дар қаламрави ин кишвар якчанд иншооти хусусияти ҳарбидоштаи Федератсияи Россия маскун гардидаанд [4,с.36-38], ки инҳоянд: «Шабакаи радиолакатсионии "Балхаш-9", Истгоҳи Радиолокатсионии СПРН ва СККП "Днестр" ва ду Истгоҳи радиолокатсионии "Днепр"). Тибқи созишномаи байниҳукуматие, ки ҷонибҳо моҳи декабри соли 1994 ба тавсиб расонидаанд, шабакаи "Балхаш" моликияти Ҷумҳурии Қазоқистон ба шумор меравад ва ба истифодаи Федератсияи Россия ба муҳлати 10 сол бо тамдиди минбаъда вогузор мегардад.

Шабакаи алоҳидаи радиотехникии мавҷуда бо як истгоҳи радиолокатсионии "Днестр" ва ду истгоҳи радиолокатсионии "Днепр" барои ошкор намудани мушакҳои баллистикӣ ва иншооти кайҳонӣ дар Осиё фаъолият мекунанд. Он метавонад ҳадафҳоро дар тули тақрибан 3000 км муайян намояд [2].

Инчунин, ҷонибҳо дар самти кайҳоннавардӣ низ ҳамкориҳои устуворро ба роҳ мондаанд. Ҷониби Федератсияи Россия истгоҳи кайҳонии «Байконур»-ро аз Ҷумҳурии Қазоқистон то соли 2050 ба маблағи $115 млн доллари амрикоӣ дар як сол иҷора гирифтааст ва ҳамчунин, ҷиҳати истифодаи иншооти истгоҳи кайҳонӣ ба таври иловагӣ $100 млн доллар сармоягузорӣ менамояд. Созишномаи иҷораи истгоҳи кайҳонӣ миёни Федератсияи Россия ва Қазоқистон аз 10 декабри соли 1994 мавриди истифода қарор дорад. Сараввал ба муҳлати 20 сол қарордод ба тавсиб расид, баъдан соли 2004 муҳлати иҷораи истгоҳ то соли 2050 тамдид карда шуд.

Дар Ҷумҳурии Қирғизистон аз 23 октябри соли 2003 то инҷониб ягона Пойгоҳи низомии авиатсионии 999-уми Федератсияи Россия дар минтақаи Осиёи Марказӣ дар шаҳри Кант ҷойгир карда шудааст. Федератсияи Россия бо Қирғизистон дар доираи Неруҳои зудамали дастаҷамъии СААД пойгоҳи низомии авиатсиониро дар Кант сарравал ба муҳлати 15 сол ва баъдан аз соли 2009 муҳлати онро бо имконияти тамдид додани он ба муҳлати 25 сол ба тавсиб расонидааст. Ҳадафи асосии пойгоҳи ҳавоии мазкур иштирок дар амалиёти қисмҳои низомии Неруҳои дастаҷамъии зудамал бар зидди ҳама гуна таҳдидҳо ва инчунин, дар ҳолати зарурӣ зарба задан ба дастаҳои мусаллаҳи террористӣ дар фазои минтақа ба ҳисоб меравад.

Дар Тоҷикистон низ пойгоҳи низомӣ дар заминаи дивизияи 201-уми мототирандозӣ таъсис дода шудааст. Дивизияи мазкур дар ибтидо бо мақсади таъмини сулҳу субот, сохти конститутсионӣ ва таъмини устувории вазъияти ҳарбӣ-сиёсӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир гардида, пас аз анҷоми амалиёти ҷангӣ дар якҷоягӣ бо неруҳои

марзбонии Кумитаи амнияти Хадамоти федералии амнияти Федератсияи Россия ба таъмини амнияти марзии Тоҷикистону Афғонистон машғул буд.

Соли 2004 Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасмим гирифт, ки мустақилона ҳимояи марзи давлатӣ бо Афғонистонро ба даст гирад. Баъди ин тасмим марзбонони рус аз Тоҷикистон бароварда шуданд. Худи ҳамон сол созишномаи байниҳукуматии Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расонида шуд, ки тибқи он пойгоҳи низомии хушкигарди Федератсияи Россия дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис гардид. Бояд қайд намуд, ки пойгоҳи низомии 201-ум яке аз бузургтарин пойгоҳҳои низомии хушкигарди Федератсияи Россия маҳсуб меёбад, ки берун аз қаламрави ин кишвар қарор дорад. Ҳамин тариқ, пойгоҳи мазкур дар таҳкими марзу буми минтақаи Осиёи Марказӣ нақши калидиро мебозад.

Дар рафти сафари расмии Президенти Федератсияи Россия В.В. Путин моҳи октябри соли 2012 ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар самти ҳарбӣ миёни Тоҷикистон ва Федератсияи Россия Созишнома дар бораи мақом ва шароити будубоши Пойгоҳи ҳарбии Федератсияи Россия дар қаламрави Тоҷикистон ба тавсиб расонида шуд. Тибқи созишномаи мазкур ҳузури пойгоҳи мазкур то соли 2042 дар Тоҷикистон тамдид гардид.

Инчунин, ҷонибҳо ба мувофиқа омаданд, ки Федератсияи Россия ба ивази тамдиди муҳлати пойгоҳи 201-ум дар Тоҷикистон, ба қувваҳои мусаллаҳи Тоҷикистон техникаҳои муосири ҳарбӣ дастрас менамояд ва ҷиҳати омода намудани кадрҳои баландихтисоси ҳарбӣ кумак мерасонад.

Барои тақвият додани ҳамкориҳо ва ҳимояи марзу бум шуруъ аз соли 2004 ҳамасола дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ бо иштироки ҷузъу томҳои ҳарбӣ ва гурӯҳҳои зудамали кишварҳои узви созмон ва бо истифода аз техникаҳои муосири ҷангӣ машқҳои муштараки зиддитеррористӣ "Рубеж"(Марз) гузаронида мешаванд, ки бевосита ба муқобили таҳдидҳо ба амнияти минтақа ва барои несту нобуд кардани гурӯҳҳои шартии мусаллаҳи ғайриқонунӣ, ки ба қаламрави як кишвари узви СААД ҳамла менамоянд, нигаронида шудааст. Дар ҷараёни машқҳо иштирокчиён малакаи гузаронидани амалиётҳои муштараки зиддитеррористӣ, таҳия ва омодабошии худро дар мубориза бар зидди чунин зуҳуроти номатлуб сайқал медиҳанд.

Дар доираи СААД ҳамчунин ҷонибҳо созишномаеро ба тавсиб расонидаанд, ки дар ҳолати сар задани ноамнӣ дар кишварҳои узви созмон тартиби интиқоли изтирории воҳидҳои Неруҳои зудамали дастаҷамъона ва аслиҳаҳои ҷангиро танзим менамояд. Аз ҷумла, метавон қайд намуд, ки "Созишнома дар бораи таъсиси системаи ягонаи рӯйпӯши техникии роҳҳои оҳани узви кишварҳои СААД" 28 апрели соли 2003 дар шаҳри Душанбе ба тавсиб расонида шудааст, замимаи хуб ҷиҳати зудтар интиқол додани низомиён ва аслиҳаҳои ҷангӣ ба минтақаи зарурӣ ба ҳисоб меравад. Тибқи созишномаи болозикр дар ҳолатҳои зарурӣ, расмиёти убури низомиён ва аслиҳаҳои ҷангӣ аз сарҳадоти кишварҳои уви созмон сода гардид. Метавон гуфт, ки вобаста ба интиқоли низомиён ва аслиҳаи ҷангӣ СААД дорои таҷрибаи хубе ҳам аст, зеро ки пайваста дар кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ машқҳои муштараки Неруҳои зудамали дастаҷамъона гузаронида мешаванд.

Самти дигари афзалиятнок барои кишварҳои минтақа ва узви СААД ин тақвият додани ҳамкориҳо дар самти мудофиаи зиддиҳавоӣ ба ҳисоб меравад. Бояд қайд намуд, ки ҳамкории кишварҳо баъди ба имзо расидани созишнома оид ба таъсиси системаи муштараки мудофиаи зиддиҳавоии давлатҳои аъзои ИДМ "Иттиҳод", ки соли 1995 ба имзо расид, оғоз гардид ва минбаъд дар доираи СААД рушд намуд. Ҳамзамон, шуруъ аз соли 2014 то инҷониб Қӯшунҳои дастаҷамъии авиатсионӣ дар ҳайати неруҳо ва воситаҳои амнияти дастаҷамъии СААД таъсис дода шудааст, ки ҳамкориҳои кишварҳои узви созмонро дар ҳарими фазоӣ боз тақвият мебахшад.

Дар баробари дигар минтақаҳои кишварҳои узви СААД дар минтақаи Осиёи Марказӣ низ системаи мудофиавии ҳавоии минтақавӣ ташкил гардиданд. Бояд қайд намуд, ки Туркманистон ва Ӯзбекистон дар узвияти созмон шомил нестанд, вале иштироки худро дар фаъолияти системаи мудофиавии ҳавоии минтақаи Осиёи Марказӣ қатъ накардаанд. Мақсади асосии фаъолияти системаи мудофиавии зиддиҳавоӣ дар

минтақа табодули иттилоот, мунтазам гузаронидани машқҳо ва навбатдории ҷангии неруҳои мудофиаи зиддиҳавоӣ мебошад. Ҳамин тариқ, дар моҳи июли соли 2018 таҳияи лоиҳаи Созишнома оид ба таъсиси Системаи ягонаи мудофиавии зиддиҳавоӣ барои минтақаи Осиёи Марказӣ, ки системаҳои мавҷудаи дифои зиддиҳавоӣ дар минтақаҳои Аврупои Шарқӣ ва Қафқоз мавҷударо мукаммал хоҳад кард, аз ҷониби Котибот ва штаби муштараки СААД пешниҳод гардид [10].

Дар хулоса метавон қайд намуд, ки ҷолишҳо ва таҳдидҳои замони муосир зарурати муқовимати муштаракро тақозо мекунанд, зеро ҳеҷ як давлат қодир нест, ки дар танҳоӣ аз амали террористиву экстремистӣ пешгирӣ кунад. Аз ин рӯ, кишварҳо дар доираи СААД ҳамкориҳои худро тавқият дода, бар зидди ҳама гуна таҳдидҳо аз ҷумла, гурӯҳҳо ва созмонҳои алоҳидаи террористӣ ва экстремистӣ мубориза бурда истодаанд. Муҳимтарин вазифаи СААД таҳияи хатти ягонаи кишварҳои узв барои мубориза бо терроризми байналмилалӣ ва экстремизми динӣ дар ҳама шаклу зуҳуроти ҷиноятҳои фаромиллӣ, қочоқи моводи мухаддир, прекурсорҳо, силоҳ ва муҳоҷирати ғайриқонунӣ боқӣ мемонад.

**Муқарриз: Бедилзода Ҳ. – н.и.с., дотсенти ДДОТ ба номи С. Айнӣ**

## АДАБИЁТ


1. Армения направила в Казахстан более 100 миротворцев [Электронный ресурс]. –URL: https://www.rbc.ru/rbcfreenews/61d81e289a7947cb428f0b4c (Дата обращение: 20.10.2022)
2. Военно-техническое сотрудничество России с Казахстаном [Электронный ресурс]. –URL: https://studopedia.org/11-63293.html (Дата обращение: 22.10.2022)
3. Генеральный секретарь ОДКБ Станислав Зась в интервью агентству МИА "Россия-Сегодня" [Электронный ресурс]. –URL: https://odkb-csto.org/news/news_odkb/generalnyy-sekretar-odkb-stanislav-zas-v-intervyu-agentstvu-mia-rossiya-segodnya-rasskazal-o-chislen/#loaded (дата обращения: 25.01.2022 г.)
4. Калыков Д.Д. Военно-техническое сотрудничество России и Казахстана: история и современность / Д.Д. Калыков, Е.В. Разумова // Научный вестник ВВИМО. -№4 (40). -2016. – С. 36-38.
5. Кыргызские миротворцы вылетели в Казахстан//Министерство обороны Кыргызской Республики [Электронный ресурс]. –URL: https://mil.gov.kg/7124/?lang=ru (дата обращения: 25.01.2022 г.)
6. Неруњои Тољикистон ба Ќазоќистон парвоз карданд [Манбаи электронї]. –URL: https://sputnik-tj.com/20220107/tojikiston-neru-qazoqiston-parvoz-1044643101.html (санаи муроњиат: 29.01.2022)
7. Объекты особой важности: как миротворцы ОДКБ выполняют свои задачи в Казахстане [Электронный ресурс]. –URL: https://mir24.tv/news/16491120/obekty-osoboi-vazhnosti-kak-mirotvorcy-odkb-vypolnyayut-svoi-zadachi-v-kazahstane (дата обращения: 25.01.2022 г.)
8. ОДКБ: история и перспективы. Международный Институт Новейших Государств. –М., 2016. –С.2-11.
9. Президент Казахстана обратился к лидерам ОДКБ с просьбой о поддержке [Электронный ресурс]. –URL: https://www.rbc.ru/politics/05/01/2022/61d5e5cb9a7947499455195e (дата обращения: 25.01.2022 г.)
10. Проект объединенной системы ПВО в ЦА направлен на согласование странам ОДКБ [Электронный ресурс]. –URL: https://ru.sputnik-tj.com/asia/20180711/1026065125/proekt-obedinennoy-sistemy-pvo-central-asia-napravlen-soglasovanie-stranam-odkb.html (дата обращения: 29.01.2022 г.)
11. Совет ОДКБ решил направить Коллективные миротворческие силы организации в Казахстан [Электронный ресурс]. –URL: https://tass.ru/mezhdunarodnaya-panorama/13360605 (дата обращения: 25.01.2022 г.)
12. Устав Организации Договора о коллективной безопасности. Кишинев, 7 октября 2002 http://www.dkb.gov.ru/b/azg.htm;
13. Хакимов, Б. Коллективная безопасность в СНГ [Текст] / Б. Хакимов // Международная жизнь. – 2001. – №7. – С.15
14. Эмомалӣ Раҳмон – бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. – Душанбе: Ирфон, 2012. –С.23.


## НАҚШИ СОЗМОНИ АҲДНОМАИ АМНИЯТИ ДАСТАҶАМЪӢ ДАР САМТИ МУБОРИЗА БО ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР МИНТАҚАИ ОСИЁИ МАРКАЗӢ


Дар мақолаи мазкур нақш ва мақоми СААД дар самти мубориза бар зидди терроризм ва эктсремизм дар минтақаи Осиёи Марказӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамкориҳои мутақобилан судманди кишварҳои узви созмон боиси пешгирӣ намудани ҳама гуна таҳдидҳо ва ҷолишҳои хатарзои эҳтимолӣ дар фазои амниятии минтақа мебошад. Кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ дар чаҳорчӯбаи Созмони мазкур барои тақвият бахшидани амнияти минтақавӣ басо кӯшиш намуда, дар ҳамгироии минтақавӣ фаъолона иштирок менамоянд. Муаллиф дар мақола ба хулосае меояд, ки ҳамгироии минтақавӣ ба нафъи кишварҳои минтақа буда, дар ҳамбастагӣ бо дигар кишварҳои узви СААД метавонанд ҳама гуна таҳдиду ҷолишҳои мавҷуда ва эҳтимолиро бартараф намоянд. Инчунин, дар мақола ҳамкории ҳарбӣ-техникии кишварҳои минтақаи Осиёи Марказӣ бо Федератсияи Россия, ҳузури пойгоҳи низомии Федератсияи Россия дар минтақа ва уҳдадориҳои дастаҷамъонаи кишварҳои узви созмон ҷиҳати таъмини амнияти минтақавӣ дар чаҳорчӯбаи СААД омили асосии пешгирикунанда ҷиҳати мубориза бо ҳама ҷолишҳо ва таҳдидҳои эҳтимолӣ дар Осиѐи Марказӣ нишон дода шудааст.



**Калидвожаҳо:** таъмини амният, терроризм, экстремизм, ҳамкорӣ, таҳдидҳо, ҳамгироии минтақавӣ.

## РОЛЬ ОРГАНИЗАЦИИ ДОГОВОРА О КОЛЛЕКТИВНОЙ БЕЗОПАСНОСТИ В БОРЬБЕ С ТЕРРОРИЗМОМ И ЭКСТРЕМИЗМОМ В ЦЕНТРАЛЬНОАЗИАТСКОМ РЕГИОНЕ

В данной статье исследуются роль и статус ОДКБ в борьбе с терроризмом и экстремизмом в Центральноазиатском регионе. Взаимовыгодное сотрудничество государств-членов организации ведет к предотвращению любых возможных вызовов и угроз в сфере безопасности региона. Страны центральноазиатского региона проводят большую работу по укреплению региональной безопасности в рамках этой организации и активно участвуют в региональной интеграции. В статье также сделан вывод, что региональная интеграция выгодна для стран региона, и в солидарности с другими странами-членами ОДКБ они могут устранить любые существующие и возможные вызовы и угрозы. Также в статье рассмотрены военно-техническое сотрудничество стран центральноазиатского региона с Российской Федерацией, наличие в регионе военной базы Российской Федерации, а также коллективные обязательства стран-членов организации перед обеспечением региональной безопасности в рамках ОДКБ, которые являются основными превентивными факторами в борьбе со всеми возможными вызовами и угрозами в Центральной Азии.

**Ключевые слова:** обеспечение безопасности, терроризм, экстремизм, сотрудничество, угрозы, региональная интеграция.

## ROLE OF THE COLLECTIVE SECURITY TREATY ORGANIZATION IN THE COMBAT TOWARDS TERRORISM AND EXTREMISM IN CENTRAL ASIAN REGION

This article discusses the role and status of the CSTO in the combat towards terrorism and extremism in the Central Asian region. Mutually beneficial cooperation of the member states of the organization leads to the prevention of any possible challenges and threats in the field of security in the region. The countries of the Central Asian region are undertaking lots of activities to strengthen regional security within the framework of this organization and actively participate in regional integration. The article also concluded that regional integration is beneficial for the countries of the region, and in solidarity with other CSTO member countries, they can eliminate any existing and possible challenges and threats. The article also considers the military-technical cooperation of the countries of the Central Asian region with the Russian Federation, the existing of a military base of the Russian Federation in the region, as well as the collective obligations of the member countries of the organization to ensure regional security within the framework of the CSTO are the main preventive factors in the combat towards all possible challenges and threats in Central Asia.

**Keywords:** ensuring security, terrorism, extremism, cooperation, threats, regional integration.

**Маълумот дар бораи муаллиф:** ***Тошов Ҳоҷиакбар Муҳидинович –*** Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ, доктораниб Ph.D-и кафедраи сиёсатшиносӣ. **Суроға:** 734003, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 121. E-mail: **akbar.00007@mail.ru**. Телефон: **(+992) 93-442-7707**

**Сведения об авторе:** ***Тошов Ходжиакбар Мухидинович*** - Таджикский государственный педагогический университет имени Садриддина Айни, докторант Ph.D кафедры политологии. **Адрес:** 734003, Республика Таджикистан, город Душанбе, проспект Рудаки, 121, E-mail: **akbar.00007@mail.ru.** Телефон: **(+992) 93-442-7707**

**Information about the author:** ***Toshov Hojiakbar Muhidinovich*** - Tajik State Pedagogical University named after Sadriddin Aini, doctoral student Ph.D of the Department of Political Science. **Address:** 734003, Republic of Tajikistan, Dushanbe, Rudaki avenue 121, E-mail: **akbar.00007@mail.ru**. Phone: **(+992) 93-442-7707**

УДК: 327.3 (575.3)

# ТАШАККУЛЁБИИ ИДЕЯИ МИЛЛӢ Ё ИДЕОЛОГИЯ ДАР РАВАНДИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

***Захруддинов И.З.***
**Донишгоҳи милии Тоҷикистон**

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст, ки «Дар Тоҷикистон ҳаёти ҷамъиятӣ дар асоси равияҳои гуногуни сиёсӣ ва мафкуравӣ инкишоф меёбад. Мафкураи ҳеҷ як ҳизб, иттиҳодияи ҷамъиятӣ, динӣ, ҳаракат ва гурӯҳе наметавонад ба ҳайси мафкураи давлатӣ эътироф шавад. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсӣ дар доираи Конститутсия ва қонунҳо таъсис меёбанд ва амал мекунанд. Иттиҳодияҳои динӣ аз давлат ҷудо буда, ба корҳои давлатӣ мудохила карда наметавонанд. Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои бо зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Дар Тоҷикистон фаъолияти ҳизбҳои сиёсии дигар давлатҳо, таъсиси ҳизбҳои хусусияти миллӣ ва динидошта, инчунин маблағгузории ҳизбҳои сиёсӣ аз ҷониби давлатҳо ва созмонҳои хориҷӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва шаҳрвандони хориҷӣ манъ аст» [3]. Дар такя ба моддаи 8-уми Конститутсия баъзан хулоса мекунанд, ки дар давлат идеологияи ягона вуҷуд дошта наметавонад ва чунин пешниҳодҳо хилофи қонун аст. Ин гуна андешаҳо, шояд таъсире аз таҷрибаи даврони ҳукмронии шӯравӣ дорад, зеро вуҷуд доштани идеологияи ягона то дараҷае самараи андак дошт. Бояд дарк кард, ки дар моддаи мазкури Конститутсия монополизатсияи идеологияи давлатӣ дар назар дошта шудааст, лекин мавҷудияти идеологияи давлат манъ нашудааст. Сарфи назар аз ҳамаи ин, барои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон коркарди идеологияи давлатӣ ё идеяи умумимиллӣ зарур мебошад. Бояд консепсияи идеяи миллӣ ё идеологияи давлат таҳия карда шавад, то ки шаҳрвандон дар руҳияи он тарбия ва камол ёбанд.

Дар қомуси фалсафӣ омадааст, ки «идеология (калимаҳои юнонии «идея» ва «логос» – калима, мафҳум, таълимот; таълимот оид ба идеяҳо) – маҷмуи як қатор идеяҳо, арзишҳо, мақсадҳо ва андешаҳоест, ки ба воситаи онҳо умумиятҳои муайяни одамон муносибати худро ба воқеияти иҷтимоии мавҷуда, мушкилот ва низоъҳои алоҳидаи он изҳор мекунанд» [13,с.199]. Мафҳуми «идеология»-ро муҳаққиқи фаронсавӣ Антуан Дестют де Траси дар охири асри XVIII тавассути асари чорҷилдаи «Унсурҳои идеология» (1801), ки барои мактабҳои элитаи Франсия иншо гардида буд, ба илм ворид намудааст. Он маънои «илм дар бораи ғояҳо»-ро дошт. Ӯ идеологияро ҳамчун илм дар бораи ташаккул, таҷассум ва паҳн гардидани ғояҳо маънидод намудааст [2,с.7].

Дар моддаи якуми Конститутсия омадааст, ки «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад» [3]. Ин маънои онро надорад, ки демократия идеологияи давлатии Тоҷикистон аст, зеро демократия идеология буда наметавонад. Демократия ин воситаи ба даст овардани ин ё он мақсадҳои гузошташуда дар марҳалаи муайяни таърихии рушди давлат мебошад. Аз ҷумла, демократия ба сохти давлат низ мутааллиқ мебошад. Ҳар як давлат барои худ ин ё он идеологияи сиёсӣ ё идеяи миллии мувофиқро таҳия мекунад, то идоракунии давлату ҷомеа осон гардад. Барои амнияти миллӣ ҳар як давлат ба таъсиси ин ё он низоми пуриқтидор зарурат дорад. Ин низом тавассути ин ё он усул роҳандозӣ шуда метавонад. Масалан, дар ИМА як низом ё худ қолаби муайяни идоракунии давлат рӯйи кор омадааст, ки давлат мувофиқ ба он амал мекунад ва президенти интихобшуда тибқи он кору фаъолият мекунад. Яъне, президентҳои ИМА, ба ҳар ҳол бештари онҳо президентҳои созгор бо низом буда, аз доираи он берун намебароянд, зеро инро манофеи ҳаётан муҳимми ИМА тақозо дорад. Агар дар ИМА президенти бурунниозомӣ, ба монанди Ҷ. Кеннеди ё Д. Трамп ба сари қудрат омада, аз доираи ин низом берун амал кунанд, пас ин низом онҳоро берун аз сиёсат мекунад, ё пурра онҳоро нобуд мекунад. Тақдири Ҷ. Кеннеди маълум, Д. Трамп бошад дар интихоботи ИМА ҳамчун президенти бурунниозомӣ бо усулҳои мухталифи сунъӣ аз сиёсат барканор карда шуд ва ҳамаи талошҳои ӯ барои исбот намудани ғалабааш

дар интихобот ё шикаст додани ӯ бо роҳҳои ғайриқонунӣ ягон натиҷа надоданд. Гузашта аз ин, як гурӯҳ ҳамҳизбиҳояш низ на тарафи ӯ, балки ҷониби низомро гирифтанд. Аз ин бармеояд, ки дар ИМА як қолаби суфта ба низом дароварда шудааст ва ҷомеаи амрикоӣ метавонад то андозае оромтар бошад, чун ояндаи давлатро ин низом назорат мекунад. Шояд гурӯҳе аз чунин низом розӣ набошанд ва барои танқиди он далелҳои раднопазирро низ оранд, аммо маҳз чунин низомҳо, махсусан дар марҳилаҳои ҳассоси таърихӣ, ки марҳилаи муосири ҷомеаи ҷаҳонӣ низ ба он мувофиқат мекунад, барои ҳифзу амнияти давлатӣ муҳим мебошад. Барои манофеи давлат расидан ба мақсадҳои асосӣ аввалиндараҷа буда, камбудиҳои низому танқиди дагарон дуюмдараҷа мебошанд. Давлат ё аниқтараш ҳукумат ҳуқуқ надорад, ки мувофиқи хоҳишу талаботи дигар давлатҳо амал кунаду баъдан истиқлолияти худро зери суол монад ё умуман ҳифзи амнияти давлатиро аз даст дода, давлатро ба ҳалокат бурда расонад. Ба ҳамин монанд, аммо дар дигар шаклу тарзи амал дар Ҷумҳурии Исломии Ирон Сипоҳи посдорони Инқилоби исломӣ вуҷуд дорад, ки раванди идораи давлат ва роҳи оянда онро назорат мекунад. Ба ин низом наздикро дар Туркия дидан мумкин аст, ки онро ҳокимияти таҳҷоӣ (Deep state ё derin devlet) меноманд ва ғайра.

Аз дигар тараф, агар демократия ба ҳайси идеология қабул карда шавад, магар ҳамаи давлатҳои ҷаҳонӣ низоми демократиро татбиқ намудаанд? Курёи Шимолӣ ва давлатҳои монанди он парвои татбиқи демократияи ғарбиро дар қаламрави худ надоранд (номи расмии Курёи Шимолӣ Ҷумҳурии халқӣ-демократии Корея мебошад). Ё агар дар Курёи Шимолӣ низоми демократӣ вуҷуд надошта бошад, пас дар он ҷо идеологияи давлатӣ вуҷуд надорад? Аз чунин мулоҳиза ба хулосае омадан мумкин аст, ки демократия идеология шуда наметавонад, чунки дар давлатҳои ғайридемократӣ як қисми мардум аз тарси ҷазои сиёсӣ хомӯш бошанд, аммо қисми зиёди аҳолӣ ба идеологияҳои давлати худ боварӣ доранд ва ба он содиқ мебошанд.

Пас, барои ҷомеаи имрӯзаи тоҷик ба ҳайси идеяи миллӣ ё идеология, ки на манфиатҳои гурӯҳӣ, балки манфиати тамоми шаҳрвандони мамлакатро новобаста аз халқият, миллат, дину фарҳанг фаро гирад ва тамоми ҷомеа аз он тарафдорӣ намуда, онро ҳифз намоянд, кадом идеяро пешниҳод кардан мумкин аст? Албатта, бояд ба ҷомеа идеяи муттаҳидкунандаеро пешниҳод намуд, ки шаҳрвандон онро мусбат қабул намоянд. Дар ин ҷо мафҳуми «халқ» ва «миллат»-ро истифода накарда, мафҳуми «шаҳрвандон» истифода шудааст, ки ин бесабаб нест. Давлат ҳифз ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои тамоми халқияту миллатҳои маскуни кишварро кафолат дода, дар тафаккури онҳо Тоҷикистонро ҳамчун ватани ҳамаи халқияту миллатҳои он мешиносонад. Маҳз чунин шаҳрвандон барои ин давлат ва ҳифзи истиқлолияти он талошҳо хоҳанд кард. «Фаромӯш набояд кард, ки танҳо шахси воқеии ватандӯст метавонад дилсӯзона ва бо тамоми ҳастӣ ҳифзи амният ва ободии Ватани худро таъмин созад» [7,с.147].

Метавон гуфт, ки идеология ё идеяи миллӣ ин як ҳисси экзистенсиалӣ мебошад ва аз ин рӯ, онро бо калимаю ибораҳои зебою сохта ифода карда наметавон. Ин як неруи ботиниест, ки одамонро сафарбар мекунад ва онҳо барои татбиқи чунин идеяи миллӣ талошҳо ва ҳатто ҷоннисорӣ мекунанд. Вобаста ба ин мавзуъ, аз суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон иқтибос оварда мешавад, ки хеле нишонрас мебошанд: «Таркиб, моҳият ва мазуни андешаи миллиро муҳаббат ва садоқат ба Ватан, ифтихор аз гузаштаи пурифтихор, ҳифзи арзишҳои миллӣ ва дастовардҳои истиқлолият, бунёди ҷомеаи пешрафта ва мутамаддини шаҳрвандӣ ва дар маҷмуъ ғояи асосии давлати миллиро ташкил медиҳад. Андешаи миллӣ равандҳои дохилии иттиҳоди миллатро ташаккул дода, ба ҷавонон худшиносиву худогоҳӣ, ватанпарастӣ ва ифтихори миллӣ мебахшад» [7,с.159].

Оид ба идеяи миллӣ ё идеология мутафаккирони мухталиф андешаронӣ намудаанд, аммо дар ин ҷо вобаста ба таҳқиқи мавзуъ аз баррасии таълимоти классикони фалсафа ва илми сиёсӣ худдорӣ намуда, танҳо андешаҳои муҳаққиқони муосири ватанӣ перомуни масъалаи мазкур таҳлил мешаванд.

Идеяи миллӣ низ вобаста ба ҳадафҳои давлат ва воқеияти таърихӣ тағйир меёбад. Вобаста ба ин, идеяи миллиро ба мавсимӣ (як марҳилаи муайян) ва тӯлонӣ (стратегӣ) тақсимбандӣ мекунанд. Идеяи миллии мавсимӣ вобаста ба манфиатҳои миллӣ дар

марҳилаи мушаххас таъйин карда шуда, дар амал татбиқ карда мешавад. Бо баробари амалишавӣ он аҳамияти худро мунтазам аз даст медиҳад ва ҳатто фаромӯш ҳам мешавад.

Идеяи миллии тӯлонӣ ё хусусияти стратегидошта марҳилаи бузурги таърихиро дар бар гирифта, мақсадҳои бузургро дар худ таҷассум мекунад. Албатта, бо гузашти замон он низ метавонад тағйир ёбад, вале кадом замонҳоро фаро гирифтани онро вақт доварӣ хоҳад кард. Идеяҳои миллии тӯлонӣ метавонанд дар ҳаёти якчанд наслҳо ҳузур дошта ва ҳатто аз байн нарафта, худро мукаммал ё дигаргун кунанд.

Маҳмадов А.Н. дар «Муқаддимаи идеяи миллӣ» як идеяи миллии мушаххас ё як идеологияи мушаххасро пешниҳод накардааст. Ӯ бештар дар бораи ҷанбаҳои назариявии ин падидаҳо ва ба таври умумӣ андеша баён намудааст ва барои аксари хонандагон дарки мағзи асосии мавзуи мавриди таҳқиқ мушкил боқӣ мемонад. Шояд ин аз он хотир бошад, ки китоби зикршуда дар шакли китоби дарсӣ пешниҳод шудааст. Дар он ба ҳайси идеяи миллӣ ё идеология чунин падидаҳое ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ, ваҳдат, миллат ва манфиатҳои миллӣ ва амсоли инҳо мисол оварда мешаванд ва чунин метобад, ки муаллиф ба хонанда аз миёни онҳо интихоб намуданро пешниҳод мекунад, вале на ҳамаи хонадагон ва донишҷӯён ин амалро дуруст иҷро карда метавонанд. Маҳмадов А.Н. бештар ба идеяҳои миллии мавсимӣ такя намуда, роҳи рушди давлатро дар партави онҳо мебинад [5]. Албатта, бо идеяҳои миллии мавсимӣ, яъне идеяҳо барои марҳилаи рушди мушаххаси таърихӣ низ рушди ояндаи давлатро дуруст ба роҳ мондан мумкин аст, аммо, агар дар пояи идеяи миллии тӯлонӣ онҳоро пиёда созанд, ба мақсад наздиктар мебуд. Сарфи назар аз инҳо, агар муаллиф идеяи миллӣ ва идеологияи мушаххасро пешниҳод намуда, мазмуну муҳтавои китобро дар атрофи он муттаҳид менамуд, боз ҳам хубтар мешуд.

Муҳаққиқи дигар Зокиров Г.Н. дар монографияи худ «Идеологияи сиёсӣ» перомуни идеологияҳои дар ҷаҳон вуҷуддошта: либерализм ва неолиберализм; консерватизм ва ҷараёнҳои навини он; сотсиализм ва марксизм; сотсиал-демократия; фашизм ва неофашизм, идеологияи миллатгароӣ, идеологияи динию исломи сиёсӣ; экстремизми сиёсӣ маълумоти муфассал додааст. Муаллифи китоб барои рушди давлат вуҷуд доштани ғояи миллиро қобили қабул мешуморад. Ғояи миллии ваҳдати миллӣ; рӯоварӣ ба таърих, мероси ниёгон ва идеализатсияи анъанаҳо; рӯоварӣ ба таълимоти либерализм; ба ҳам пайвастани анъанаҳои миллӣ ва либерализму сотсиализм; идеологияи динӣ ва идеологияи сотсиалистӣ баён ва таҳлил шуда, истифодаи баъзеи онҳо дар марҳилаҳои рушди давлат пешниҳод низ мегарданд.

Зокиров Г.Н. барои инкишофи Тоҷикистон мавқеи миллатгароиро махсус қайд мекунад. Ба андешаи ӯ, «миллатгароӣ ба сифати ғояи марказии инкишофи Давлати Тоҷикистон амал карда метавонад. Аммо тарзи зуҳури онро махсус ба инобат бояд гирифт. Миллатгароӣ ҳамчун ғояи инкишофи Давлати Тоҷикистон на дар сатҳи идеологияи давлатӣ, балки дар сатҳи шуури омма эътибор пайдо намояд. Ҳеҷ гоҳ миллатгароиро ба сатҳи идеологияи давлатӣ бардоштан лозим нест. Зеро он заминаи ташаккули мухолифатҳо ва моҷароҳои байнимиллӣ мегардад. Пеш аз ҳама аз мақоми идеологияи давлатии миллатгароӣ миллати сершумор ва соҳибунвон, яъне миллате, ки кишвар номи онро гирифтааст, истифода намуда, ба ақаллиятҳои миллӣ фишор меоварад» [3,с.172]. Албатта, Зокиров Г.Н. зери идеяи миллии миллатгароӣ шакли мусбати онро пешниҳод намуда, барои рушди давлат идеологияи мушаххасро пешниҳод намуда, дар пояи риояи муқаррароти Конститутсия тарафдори плюрализми сиёсӣ, идеологияҳо ва андешаҳо мебошад…

Сиёсатшиноси ватанӣ Ятимов С. барои мавҷудияти давлат идеологияеро муҳим мешуморад, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ қарор дошта бошад, чунки ба андешаи ӯ, «аз байн рафтани идеологияи миллӣ, аз байн рафтани давлати миллиро дар назар дорад» [15,с.11]. Муаллиф дуруст қайд мекунад, ки идеология барои идоракунии ҷомеа, назорат ва танзими он мусоидат мекунад ва боиси ташаккули ниҳодикунонӣ дар ҷомеа гашта, дар пайдоиш ва ташаккули ниҳоди асосии ҷомеа – давлат кумак расонидааст. Ятимов С. наздикии идеологияро бо ҳақиқат махсус қайд мекунад ва ҳатто онро бидуни ҳақиқат қабул надорад. Тахмин намудан мумкин аст, ки дар шакли идеалӣ бояд ҳамин тавр ҳам бошад. Аммо, агар дар ин ҷо манфиатҳои миллиро ба асос гирифта, сиёсати имрӯзаи

байналмилалӣ ва умуман таърихи сиёсати бузургро ба инобат гирифта, он дар пояи манфиатҳои миллӣ таҳлил карда шавад, пас сиёсатгузории давлатҳои миллӣ дар баъзе мавридҳои зарурӣ (масалан, вобаста ба низои абарқудратҳо) аз ҳақиқат дур ва ҳатто пурра ҷудо мебошанд. Аз ин рӯ, андешаи Ятимов С. перомуни ҷудонашавандагии идеология ва ҳақиқат як дараҷа баҳсангез аст. Дуруст мебуд, агар гуфт, ки идеология бидуни ҳақиқат ва манфиатҳои миллӣ аз нигоҳи этикӣ ғайриахлоқӣ мебошад, аммо онро нодуруст гуфтан маънои зид баромадан ба сиёсати макиавелчигӣ ва прагматизмро дорад, ки дутои охир асоси сиёсати имрӯзаи ҷаҳониро ташкил медиҳанд.

Албатта, Ятимов С. дар бахши идеология андешаронӣ намуда, сарфи назар аз таҳлилҳои сиёсию геополитикӣ бештар ба идеологияи илмӣ диққат медиҳад. Воқеан, идеологияи илмӣ барои рушди давлат ҳаётан муҳим мебошад, зиёда аз ин, барои татбиқи ҳамаи шаклҳои идеология пеш аз ҳама ташаккулёбии идеологияи сиёсӣ ё идеяи миллӣ аввалиндараҷа мебошад, чунки идеологияи сиёсӣ ё идеяи миллӣ барои рушди давлат ва ҳифзи манфиатҳои миллии он ба сифати таҳкурсӣ баромад хоҳад кард. Бидуни идеяи миллӣ ё идеологияи мушаххас ҳамаи гомҳои давлат метавонанд ноустувор ва осебпазир бошанд. Дар ташаккул ва пешбурди идеологияи илмӣ Ятимов С. ҷойгоҳи зиёиёнро махсус қайд мекунад, чунки «агар дар муборизаи идеологии замони муосир ин қишри нисбатан саводноки ҷамъият бепарвоӣ зоҳир кунад, тақдири миллат ба дасти ҷоҳилони зиёимаоб мегузарад» [15,с.38]. Андешаҳои Ятимов С. дар пояи ҳифзи манфиатҳои миллӣ бунёд мегарданд ва ӯ дар чандин маврид мафҳуми «идеологияи миллӣ»-ро, ки мағзи онро Ватан, ваҳдати миллӣ, давлатдории тоҷикон, ватанпарастӣ ташкил медиҳад, низ ба такрор қайд мекунад, аммо ӯ худ ягон идеяи миллӣ ё идеологияи сиёсии мушаххасро ошкоро талқин намекунад ва плюрализми идеологиро дар ҷомеаҳои демократӣ қобили қабул меҳисобад [15,с.36]. Аз ин рӯ, барои рушду амнияти давлатӣ ягон идеяи миллӣ ё идеологияро на дар шакли абстрактӣ, балки ба таври мушаххас васеъ таҳия намуда, пешниҳод менамуд ба мақсад наздиктар буд.

Абдулло Раҳнамо ғояи давлатмеҳварӣ ва ниҳодикунониро дар Тоҷикистони муосир дастгирӣ намуда, зинаҳои ташаккул ва роҳҳои расидан ба онро таҳлил карда, қайд мекунад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеан ба зинаи камолоти худ расидааст, чун дар ин айём дар ҷумҳурӣ зинаҳои бухроние, ки ҷумҳурӣ ба онҳо рӯ ба рӯ шуд, паси сар шуданд ва кишварро ояндаи дурахшон интизор аст. Он давлате, ки Абдулло Раҳнамо онро тасвир мекунад – ин орзуи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ мебошад, ки муҳаққиқ онро хеле хушбинона баён намудааст. Воқеан, дар таърихи навини давлатдорӣ миллати тоҷик имтиҳони ҷиддии сиёсию таърихиро паси сар намудааст, аммо ин маънои онро надорад, ки монеаҳои асосии бунёди давлатдории миллӣ бартараф шудаанд ва кишвар ба ояндаи бемушкилоти давлатдорӣ қадам мемонад. Бо ин андешаҳо фикри президенти Федератсияи Россия В.В. Путинро муқоиса кардан мумкин аст, ки қайд кардааст: «Бисёр давлатҳо барои соҳиб гаштан ба давлатдории худ, барои сабти чунин давлатдорӣ, барои ташаккули фарҳанги давлатдории худ гомҳои аввалро гузошта истодаанд. Ба бештари ҳамкорони худ арз намудам, ки нисбати рушди давлатдории ҳамаи давлатҳои фазои пасошӯравӣ бояд бодиққат ва боэҳтиёт муносибат намуд. Ҳаргиз ба онҳо, аз берун набояд бо ин ё он маслиҳатҳо дахолат намуд, чун ин метавонад ба ниҳодҳо, истиқлолият ва давлатдории нозуки ин давлатҳо зарба занад. Бояд ба одамон имкон дода шавад, ки худашон муносибатҳоро дар ҷомеашон бунёд намоянд. Ба чунин давлатҳо намуна нишон додан лозим аст, на мисли фили ба дӯкони зарфиёт вурудшуда, бо пешниҳодҳои худ ин ё он неруҳои сиёсиро маблағгузорӣ намуда, суботро дар дохили он давлатҳо вайрон кард» [6].

Перомуни ин масъала ба маврид аст, ки аз суханони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон низ иқтибос оварда шавад: «Воқеан, демократикунонии ҷомеа раванди мавсимӣ нест ва демократияро дар як давраи муайяни кӯтоҳ ҷорӣ кардан ва фароҳам овардан ғайриимкон мебошад. Ҳамзамон дар марҳилаи аз як сохт ба сохти дигар гузаштани ҷамъият ба миён омадани мушкилоту норасоиҳои зиёд ногузир аст. Тоҷикистон ҳоло дар саргаҳи роҳи рушди ҷомеаи демократӣ қарор дорад. Аз ин рӯ, ҷомеаро ба таври сунъӣ ба татбиқи пурраи механизмҳои демократия водор кардан мумкин нест. Ҷомеаи Тоҷикистон ҳоло бояд имкониятҳои имрӯзаро воқеъбинона арзёбӣ намояд ва дар заминаи ризоияту ваҳдати миллӣ, сулҳу осоиш ва таъмини амният тадриҷан пеш

равад. Зеро ҳар як халқ ба фарҳанг ва анъанаву суннатҳои миллӣ такя намуда, бо роҳи хоси худ инкишоф меёбад» [7,с.46].

Маҳдудияти дидгоҳи давлатмеҳвар дар он аст, ки он пойбанди давлат мешавад ва бидуни давлат он ҳеҷ аст. ба андешаи мо, мафҳуми «ватанпарастӣ», аз мафҳуми «давлат» ҳам васеътар буда, дар зери ин мафҳум на танҳо муҳаббат ба давлат, инчунин ба халқияту миллат низ дохил мешавад. На ҳамаи халқияту миллатҳо соҳиби давлати худ мебошанд, аммо ин сабаб шуда наметавонад, то эълон карда шавад, ки онҳо соҳиби идеяи миллӣ нестанд. Соҳиби давлат будан, албатта, идеяи миллӣ, дар мавриди Тоҷикистон – ватанпарастӣ тавсеа дода мешавад. Дидгоҳи давлатмеҳвар ва ватанпарастӣ аслан хилофи якдигар набуда, баръакс, якдигарро мукаммал мекунанд, аммо ватанпарастӣ, нисбат ба давлатмеҳварӣ васеътар мебошад. Гузашта аз ин, барои дарки дурусти дидгоҳи давлатмеҳвар тафаккури фалсафӣ зарур аст, чунки назари омиёна эҳтимолан ба дарки ғалати он роҳ медиҳад. Ба андешаи А. Раҳнамо, дар маркази сиёсат ва давлат, яъне дидгоҳи давлатмеҳвар маҳз инсон қарор дорад [10,с.34-45]. Бинобар ин, таҳлили васеи ин дидгоҳ ба хонанда маънии онро мекушояд, аммо на ҳамаи хонандагон барои дарки дурусти маънии он омодаанд. Барои хонандаи одӣ дарки амиқи дидгоҳи давлатмеҳвар чандон осон нест ва шояд бидуни хондани матни пурраи он хулосаи рӯякӣ ва маҳдуд барорад.

Аслан дидгоҳи давлатмеҳвар ба ҳайси як идеяи миллӣ ё идеология баромад намекунад. Ин дидгоҳ як заминае барои бунёди идеяи миллӣ ё идеологияи мушаххас мебошад. Ин дидгоҳ таҳкурсӣ барои идеяи миллӣ буда, бидуни он рушди дуюмин бисёр мушкил мебошад. Барои расидан ба дидгоҳи давлатмеҳвар идеяи миллӣ зарур аст ва идеяи миллии ватанпарастӣ ин дидгоҳро эҳё, муттаҳид ва ташаккул хоҳад дод. Аз мағзи дидгоҳи давлатмеҳварии А. Раҳнамо бармеояд, ки идеяи миллӣ аз ватанпарастӣ маншаъ мегирад. Тасдиқи ин суханҳоро А. Раҳнамо чунин баён мекунад: «Бинобар ин, дар ҳеҷ сурат бояд муносибати мо ба давлат ҳамчун ниҳод, ҳамчун арзиш ва ҳамчун асли муқаддас тағйир наёбад. Дар ҳеҷ сурат, дар натиҷаи амали шахси алоҳида бояд руҳияи давлатмеҳвару ватандӯстонаи мо нашиканад» [10,с.134]. Аз дигар тараф, дурустар аст гуфт, ки А. Раҳнамо тарафдори идеологияи давлатӣ набуда, то андозае идеяи миллиро дастгирӣ мекунад ва ҳатто зиёда аз ин, ӯ тафаккури давлатиро пайрав мебошад. Ба андешаи ӯ, ташаккули тафаккури давлатӣ аксари мушкилоти ҷомеаи тоҷикро бартараф хоҳад кард [12]. А. Раҳнамо дар марҳилаи мушаххаси рушди таърихии давлати миллӣ барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳатто идеяи миллии «Зиндагии шоиста дар Тоҷикистони соҳибихтиёр»-ро низ пешниҳод мекунад [10,с.236]. Аз ин рӯ, шахсоне, ки дидгоҳи давлатмеҳварӣ А. Раҳнаморо ҳамчун идеяи миллӣ ё идеологияи аз тарафи он пешниҳодшуда қабул доранд, то андозае ғалат мекунанд, зеро он тамоман маънои дигарро дорад, ки дар боло шарҳ ёфт.

Ҳайдаров Р.Ҷ. ба саволи «оё – тоҷикон идеяи миллӣ доранд ё на?» чунин ҷавоб медиҳад: мо тоҷикон идеяи миллӣ дорем ва бунёди онро ватандӯстию ваҳдати миллӣ ташкил медиҳад.

Идеяи миллии мо тоҷикон дар ватандӯстӣ инъикоси худро меёбад ва ин ҳиссиёт дар қалби мо ҷойгир асту онро касе ба воситаи дастуру фармон ва ё тавассути шиорпардозӣ наметавонад интиқол диҳад. Миллате, ки идеяи миллӣ надорад, қурбонии таҷовузгарони хориҷӣ гашта, рӯ ба олами фано хоҳад овард. Агар ин падида аз назари фалсафӣ тафсир карда шавад, пас идеяи миллӣ ба савол дар бораи маънии ҳастӣ ва ҳадафи мавҷудияти як ҷомеаи муайяни таърихӣ, яъне миллат ва давлат, инчунин, рисолати маънавии миллати мушаххас посух медиҳад [14,с.23-28]. Ҳайдаров Р.Ҷ. дуруст қайд мекунад, ки идеяи миллӣ ба ҳадафи бузург – сифатан тағйир додани воқеият ва бо ин роҳ тағйир намудани тақдири миллат равона мешавад. Ба андешаи ӯ, «идеяи миллӣ барои амалишавии чор падида зарур аст: ташаккули миллат, ҳимояи миллат аз таҳдидҳо, маҳфуз доштани миллат ва таъмин намудани рушду нумуи миллат вобаста ба тағйирёбии вазъи иқтисодӣ-сиёсии ҷаҳони муосир» [14,с.24]. Дастовардҳои моддию маънавии солҳои охир дар соҳаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон, аз қабили Пайкараи Исмоили Сомонӣ, Нишон, Парчам, Суруди миллӣ, Конститутсия, Китобхонаи миллӣ, Осорхонаи миллӣ, Кохи Наврӯз, НБО «Роғун», ҷашнҳои миллию арзишҳои фарҳангӣ ва амсоли инҳоро Ҳайдаров Р.Ҷ. ба маврид ҳамчун рамзҳои миллӣ инъикоскунанда ва таҷассуми идеяи

умумии миллии тоҷикону тоҷикистониён ҳисоб мекунад. Ҳайдаров Р.Ҷ. идеяи миллӣ ва ваҳдати миллиро дар таҳкими Истиқлолияти давлатӣ ва дурнамои рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим меҳисобад.

Агар А. Раҳнамо барои ташаккули идеяи миллӣ, бигзор чунин қабул шавад, давлатмеҳварӣ ва ниҳодикунонӣ ва Ҳайдаров Р.Ҷ. ваҳдати миллӣ ва ватанпарастиро пешниҳод кунанд, пас мо бошем ба ҳайси идеяи миллӣ ё идеология барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ватанпарастиро пешниҳод мекунем, ки дигар омилҳо дар атрофи он муттаҳид мешаванд. Яъне, ватанпарастиро ҳамчун идеяи миллӣ ё идеология аввалиндараҷа ҳисобида, ваҳдати миллӣ, ниҳодикунонӣ ва ғайра на таъсиррасони бевосита, балки бавосита ҳисоб мешаванд. Агар андешаи Ҳайдаров Р.Ҷ. таҳлил карда шавад, пас ваҳдати миллӣ ба ватанпарастӣ овардааст. Савол пайдо мешавад, ки агар ваҳдати миллӣ набошад, пас тақдири ватанпарастиро чӣ мунтазир аст? Курдҳо, ирландиҳо, баскҳо, каталониҳо оид ба чунин масъалагузорӣ каме андеша мекарданд. Ваҳдати миллӣ барои татбиқи ин мақсад мусоидат мекунад ва ҳатто ба ин раванд суръат мебахшад, аммо бидуни он ба ватанпарастӣ хотима гузоштан ҳам дуруст нест.

Дар масъалаи идеяи миллӣ ё идеологияи ватанпарастӣ назари мо ба назари Р.Ҷ. Ҳайдаров наздиктар мебошад. Албатта, ин ғоя на танҳо назари мо ё Р.Ҷ. Ҳайдаров мебошад, балки ин назаре мебошад, ки ба он аксарият ниёз доранд. Ҳаводиси ҷаҳони муосир тасдиқ мекунад, ки таҳияи маҳз чунин идеяи миллӣ ё идеология ба давлатҳои миллӣ имконият медиҳад, то истиқлолияти худро ҳифз намоянд. Пас, дар ин ҷо ягон кашфиёти нав нашудааст, баръакс, мо ба равиши марҳилаи мушаххаси таърихӣ гом мегузорем, ки аз назари прагматистӣ дарак медиҳад. Дар ҷаҳони муосир интихобҳои прагматистӣ дар рушди давлат ва дурнамои он нақши назаррас мебозанд.

Идеяи миллӣ сарфи назар аз он, ки як ҳисси экзистенсиалӣ мебошад, аслан табиӣ ё модарзодӣ нест, ки онро ҳанӯз дар батни модар инкишоф диҳанд. Пас, идеяи миллӣ ин арзиш ва қобилиятест, ки одам дар натиҷаи ҳаёт ба даст меорад. Идеяи миллӣ бояд як идеяе бошад, ки тавонад тамоми шаҳрвандони давлатро дар атрофи худ муттаҳид намояд. Агар дар ин ҷода идеяи миллиро ба миллатгароӣ бурда расонанд, пас онро дар фаҳмиши маҳдуд маънидод менамоянд ва ин бар нафъи давлат ва ҷомеа нахоҳад буд. Идеяи миллии тоҷикистониён ватанпарастӣ шуда метавонад. Агар ин идея амиқтар ва аз нигоҳи фалсафӣ таҳлил карда шавад, пас он дар чунин маънидодкунӣ аз мафҳуми «миллат» низ васеътар мебошад. Ин нукта бо он тасдиқ мешавад, ки имрӯз дар ҷаҳони глобализатсионӣ давлатеро пайдо кардан душвор аст, ки таркиби давлат аз як миллат иборат бошад. Дар ҳар як давлатҳои дунё миллатҳои мухталиф вуҷуд доранд ва метавонад ягон миллат дар давлат ба ҳайси миллати меҳварӣ ё таҳҷоӣ ҳисоб шавад. Агар дар давлат миллатгароӣ ташвиқ карда шавад, пас ақаллиятҳои миллӣ дар қаламрави давлат аз ин нороҳат мешаванд ва дар онҳо аввалан, ҳисси бадбинӣ нисбат ба дигарон ва давлат пайдо мешавад ва дувум, кӯшиши ҷудошавӣ ё тарки давлат шуруъ мешавад. Ҳадафи ташаккули идеяи миллӣ ин берун намудани халқияту миллатҳои камнуфус ва ё поймол намудани ҳуқуқу озодиҳои онҳо нест. Бояд идеяи миллиро чунин ташвиқ намуд, ки ҳамаи шаҳрвандон новобаста аз мансубияти миллӣ, нажодӣ, эътиқоди динии худ нисбати ин давлат ҳисси муҳаббат ва вафодорӣ дошта бошанд, дар лаҳзаҳои зарурӣ ҳатто ҷони худро барои ин Ватан фидо намоянд. Дар сурати интишор гардидани миллатгароии манфӣ бошад, ватанпарастӣ дар фаҳмише, ки зарур аст, баръакс, барои давлат мушкилсоз мегардад. Ин аст, ки як гурӯҳе дар вақти муҳокимаи масъалаи ватанпарастӣ канораҷӯӣ мекунанд, ё метарсанд, ки андешаи худро перомуни ин масъала ошкоро баён намоянд, гурӯҳи дигаре намехоҳанд, ки дар назари худ иштибоҳ ё хато кунанд. Аз ин рӯ, барои баъзеҳо «даҳони пӯшида сад тилло» муҳим буда, аз ин масъала худро дар канор мегиранд. Аз дигар тараф, имрӯз дар бисёр давлатҳои ҷаҳонӣ кӯшишҳои ҷудоихоҳӣ мушоҳида мешавад. Масалан, курдҳо дар Ироқу Ирон ва Туркия, ирландиҳо ва шотландиҳо дар Британияи Кабир, баскҳо ва каталониҳо дар Испания ва ғайра мехоҳанд ҷудо шуда, давлати мустақили худро таъсис диҳанд. Ин аз ватандӯстӣ маншаъ мегирад ё аз миллатгароӣ? Миллатгароӣ имрӯз аксаран бо ватанпарастӣ дар як пайроҳа набуда, баръакс, барои давлат номувофиқ мебошад ва ин баръало дар Украинаи муосир мушоҳида мегардад, ки чӣ тавр барои бунёди идеяи миллӣ, дар асоси идеологияи миллатгароӣ давлат рӯ ба таназзул овард ва

хатари парокандашавӣ низ онро таҳдид мекунад. Миллатгароӣ махсусан барои давлатҳои бисёрмиллат хатарсоз буда, маҳз чунин давлатҳоро идеяи ватанпарастӣ наҷот медиҳад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон қайд мекунад, ки «Ғояҳои ватандӯстӣ, худогоҳиву худшиносӣ, эҳтироми анъанаву суннатҳои фарҳанги миллӣ ҳама якҷоя қисми таркибии сиёсати мо оид ба таъмини амният, таҳкими истиқлолият ва давлатдории миллӣ мебошанд» [9,с.45]. Аз ин рӯ, дар замони муосир дар давлатҳои миллӣ ба ҳайси идеяи миллӣ ё идеология на тамоюли миллатгароӣ, балки ватандӯстиро амалӣ намудан дуруст аст. Дар мафкураи ҷавонону шаҳрвандон, сарфи назар аз халқияту миллатҳои мухталифи дохилидавлатӣ, татбиқ намудани ҳисси ватандӯстӣ барои устуворию ягонагӣ ва рушди ояндаи давлат муҳим мебошад.

Ҳисси ватандӯстиро дар шаҳрвандон чӣ хел пайдо ё зинда намудан мумкин аст? Агар ин табиӣ ва ё биологӣ набошад, пас тарбияи ин ҳисро аз кадом лаҳзаи ҳаёти фард шуруъ намудан лозим аст? Чӣ хеле мегӯянд, он аз «шири модар сарчашма мегирад». Ба истилоҳи дигар, агар фарзандро аз рӯзҳои аввали ҳаёташ ба ватандӯстию ахлоқ, тарбияи хуб, китобхонӣ сафарбар накунанд, он гоҳ дар ӯ ин ҳис пайдо шуданаш ба гумон аст. Дар инсони баркамол мумкин, ки ватанпарастиро пайдо кард, аммо ин заҳматталаб буда, инро наметавон дар ҳама амалӣ намуд. Агар одам аз масъала дур бошад ва барои ӯ ҳазм намудани чунин талабот вазнинӣ кунад, бор кардани идеяи миллӣ дар кадом шакле, ки бошад, гарон меафтад ва ба ҷойи ватанпарастӣ метавонад ҳисси манфӣ пайдо гардад. Зимнан, яке аз мушкилоти асосӣ дар ҷомеаи тоҷик ин ташвиқоти заифи ватанпарастӣ мебошад. Бо гуфтани он, ки «Ман перомуни ин масъала мақола навиштаам, ё ман дар ягон барнома баромад намудаам» натиҷаи самаранокро намедиҳад. Агар одамон худро бо чунин суханҳо ором намоянд, ки «ман вазифаи шаҳрвандиамро иҷро намудам, пас давомаш аз ман вобастагӣ надорад», он гоҳ ин хатогии аввал ва асосии онҳо ҳисоб мешавад. Беҳуда В.И. Ленин нагуфта буд, ки шакли олии санъат – кино ба ҳисоб меравад. Яъне, барои паҳн намудани ҳисси ватандӯстӣ дар баробари тарбия аз хурдсолӣ, инчунин аз тамоми намудҳои санъат, махсусан аз ҳама таъсиргузори он – кино дурустар истифода намудан лозим аст. Имрӯз тавассути филмҳои амрикоӣ, ҳиндӣ, туркӣ ва ғайра ормонҳои миллию фарҳангии муайян самаранок паҳн карда мешавад. ИМА бо Голливуд шакли ҳаёт, фарҳанг ва идеяи миллии амрикоӣ – «Нури илоҳӣ дар теппа»-ро дар тафаккури ҳам насли амрикоӣ ва ҳам барои аҳолии давлатҳои дигар ҷой кардааст.

Имрӯз, мазмун ва сифати образии кинои тоҷик дар сатҳи паст қарор дорад. Филмҳои барои ҷавонон сабтшударо тамошо карда, таассуф меҳӯрӣ, чунки дар онҳо ягон сужаи мушаххас, бомаънӣ ва бо ҳадафи асосӣ, ки барандаи идеологияи давлатӣ бошад, қариб вуҷуд надорад. Вазорати фарҳанг ва сохторҳои марбута дар кадом асос онҳоро барои намоиш иҷозат медиҳанд, номаълум аст. Бале, намояндагони санъат низ бояд ташвиқгари идеяи миллӣ ё худ идеологияи миллӣ бошанд. Имрӯз баръало мушоҳида мешавад, ки чӣ хел Голливуд тобеи ҳукумати ИМА мебошад ва дар он ҷо ягон озодии интихоб, махсусан дар масъалаи сиёсати давлатӣ ва идеологияи он иҷозат нест. Онҳо ба воситаи кино, мусиқӣ ва дигар воситаҳои таъсиррасонӣ сиёсат, идеология ва фарҳанги худро ба дигарон бор мекунанд.

Агар идеяи миллӣ дар қалби ҳар шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷой карда шавад, пас ҷумҳурӣ аз таъсирҳои манфии равандҳои глобализатсионии муосир эмин мебошад. «Андешаи миллӣ ҷавҳари ҳастии миллат, шарти бақои ҷовидонаи он аст ва дар заминаи фаҳмидану дарк кардани манфиатҳои миллӣ ташаккул меёбад. Ба ин маънӣ, андешаи миллӣ муҳимтарин рукни ҳастӣ ва ҳифзи хусусиятҳои равонии миллат мебошад» [8]. Дар сурати дигар, паҳн шудани раванди глобализатсия бо ҳамаи шаклҳои таъсиррасониҳояш тавассути рушди технологияҳои нави информатсионӣ ва интишори арзишҳои ғарбгароёна бо воситаи Интернет тафаккури шаҳрвандон, махсусан ҷавононро махшуш карда, назари онҳоро нисбат ба давлат тағйир медиҳад. Агар ба шаҳрвандон мазмуну муҳтавои идеяи миллӣ дуруст фаҳмонида шавад, пас дар ҳифзу гиромидошти истиқлолияти давлатӣ ба муваффақиятҳо ноил мешавем. «Асоси тафаккури нави сиёсӣ ва фарҳангии ҷавононро ғояи такмили истиқлолияти давлатӣ, ваҳдату худшиносии миллӣ, ҳисси ватандӯстиву ватанпарастӣ, таъмини амнияти давлату миллат, ҳифзи тамомияти арзӣ ва манфиатҳои умумимиллӣ ташкил медиҳад. Арзишҳои умумимиллӣ ва умумидавлатии Тоҷикистони

соҳибистиқлол ва ҳифзи манфиатҳои кишвар бояд аз ҳама гуна манфиатҳои сиёсӣ, мазҳабӣ ва гурӯҳӣ боло бошад ва пойдевори тарбияи ватандӯстии ҷавононро фаро гирад» [7,с.146].

Барои татбиқи идеология ё идеяи миллӣ амалишавии иқдомҳои зерин мувофиқи мақсад мебошанд:

а) Идеология бояд бо пояи иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмину устувор бошад. Бидуни он идеология неруманд буда наметавонад ва ба таъсиру фишороварихои мухталиф муқовимат карда наметавонад. Яъне, барои ташаккул ва ҳифзи идеологияи мушаххас на танҳо тарбия, инчунин пояи моддӣ, маблағгузорӣ лозим аст.

б) Идеология бидуни стратегияи мукаммал дуруст амал карда наметавонад. Яъне, имрӯз эълон кардани идеологияи мушаххас маънои онро надорад, ки пагоҳ тамоми ҷомеа онро истиқбол мегирад ва аз паси он равона мегардад. Аз ин рӯ, бояд вазъияти ҷомеаро ҳаматарафа омӯхта, муқарраротиидеология зина ба зина паҳн карда шавад, то дар ин раванд ба нокомӣ рӯ ба рӯ нагарданд. Албатта, дар ибтидо мушкилиҳои зиёд пеш меоянд, вале агар онҳоро бартараф карда, самти дурусти корбарӣ интихоб гардад, ҳатман мақсадҳо амалӣ мегарданд.

Як гурӯҳи равшанфикрон бар андешае ҳастанд, ки идеология, махсусан идеологияи ягонаи давлатӣ метавонад барои давлат мушкилсоз гардад, чунки имкониятҳои давлат дар доираи он маҳдуд шуда, метавонад дар ҷомеа норозигиҳоро барангезад. Барои бо чунин мушкилиҳо рӯ ба рӯ нашудан, бояд идеология ё идеяи миллиеро таҳия намудан лозим аст, ки новобаста ба сари қудрат омадани ин ё он субъекти сиёсӣ ин идеология пазируфта шавад. Яъне, бояд чунин идеология ё идеяи миллиеро таҳия намуд, ки тавассути он манфиатҳои тамоми ҷомеа ва давлат дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ дуруст инъикос ва ҳифз карда шаванд.

Дар маҷмуъ, ба ҳайси чунин идеология ва ё идеяи миллӣ – ватанпарастӣ мувофиқат мекунад. Воқеан, ватанпарастӣ хусусияти универсалиро дар худ касб намуда, ҳамаи шаҳрвандони давлатро новобаста аз мансубияти миллӣ, динӣ ва манфиатӣ метавонад муттаҳид кунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки дар давлат метавонад идеологияи давлатӣ ва ё идеологияе бошад, ки аксарият онро дастгирӣ менамоянд.

Мо тарафдори идеологияи ватанпарастӣ дар давлат мебошем, аммо ин идеология дар давлат ҳоло статуси давлатиро касб накардааст. Барои он, ки статуси идеологияи давлатиро соҳиб шавад, дар ин ҷода бояд гомҳои дуруст гузоштан лозим аст.

Идеологияро ба догма табдил додан кори начандон душвор ва ҳамзамон ғалати бузург аст, ки онро ба нокомию шикаст дурчор карда метавонад. Ин масъалаи хеле ҷиддӣ аст, ки ҳалли он фаъолмандию ташаббускории масъулини закиро талаб менамояд.

Умуман, дар ҷумҳурӣ идеяи миллиро дар пояи ғояи ватанпарастӣ ташаккул дода, баъдан дар асоси он метавон идеяи миллиро ба идеологияи давлатӣ мубаддал гардонд. Ҳар як идеяи миллӣ метавонад ба идеология табдил ёбад, яъне аз идеяи миллӣ оғоз ёфта, ба идеология сабзида рассад.

**Муқарриз: Муминов И.М. – д.и.ф., дотсенти ДМТ**

**АДАБИЁТ**


1. Захруддинов, И.З. Ҳифзи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ҷаҳонишавии муосир [Матн] / И.З. Заҳруддинов // Маҷмуаи мақолаҳои конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Масоили мубрами илмҳои ҷомеашиносӣ дар замони муосир» бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 20-солагии таъсисёбии факултети фалсафаи ДМТ (27 октябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 365-372.
2. Зокиров, Г.Н. Идеологияи сиёсӣ [Текст] / Г.Н. Зокиров. – Душанбе, 2008. – 184 с.
3. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 64 с.
4. Маҳмадов, А.Н. Истиқлоли сиёсӣ ва таҳкими давлатдории миллӣ. Монография [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: ЭР-граф, 2016. – 264 с.
5. Маҳмадов, А.Н. Муқаддимаи идеяи миллӣ: китоби дарсӣ [Матн] / А.Н. Маҳмадов. – Душанбе: ЭР-граф, 2013. – 180 с.
6. Путин призвал не вмешиваться в дела постсоветских стран [Электронный ресурс]. – URL: https://www.ria.ru – РИА НОВОСТИ, от 22.10.2020 г. (дата обращения: 24.07.2022).
7. Раҳмонов, Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат. Ҷ. 6 [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 544 с.

8. Раҳмонов, Э. Суханронӣ ба муносибати 14-умин солгарди Истиқлолияти давлатӣ, аз 08.09.2005 [Захираи электронӣ]. – URL: http://president.tj/node/13739 (санаи муроҷиат: 02.06.2022).
9. Раҳмонов, Э. Тоҷикон дар оинаи таърих. Аз Ориён то Сомониён (китоби сеюм) [Матн] / Э. Раҳмонов. – Душанбе: Ирфон, 2006. – 228 с.
10. Раҳнамо, А. Дидгоҳи давлатмеҳвар [Матн] / А. Раҳнамо. – Душанбе, 2021. – 248 с.
11. Раҳнамо, А. Мо дар куҷо ҳастем ва ба куҷо равонаем? [Захираи электронӣ]. – URL: ozodi-org.turbopages.org (санаи муроҷиат: 24.07.2022).
12. Раҳнамо, А. Муқаддимае ба тафаккури давлатӣ [Матн] / А. Раҳнамо // Набзи замон, нашрияи Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (шумораи махсус). – Душанбе, 2013. – № 1.
13. Философский словарь [Текст] / Под ред. И.Т. Фролова. – М.: Издательство «Республика», 2001. – 719 с.
14. Ҳайдаров, Р.Ҷ. Ваҳдати миллӣ ва ватандӯстӣ – ҷавҳари идеяи миллии тоҷикон [Матн] / Р.Ҷ. Ҳайдаров // Рушди давлатдории миллӣ дар замони соҳибистиқлолӣ. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (03 сентябри соли 2021, ш. Душанбе). – Душанбе: Абдураҳмон-Р. – 2021. – С. 23-28.
15. Ятимов, С. Идеология ва манфиати миллӣ [Матн] / С. Ятимов. – Душанбе: Ганҷ нашриёт, 2015. – 192 с.

## ТАШАККУЛЁБИИ ИДЕЯИ МИЛЛӢ Ё ИДЕОЛОГИЯ ДАР РАВАНДИ ТАҲКИМИ ИСТИҚЛОЛИЯТИ ДАВЛАТӢ

Дар мақола барои ҳифз ва таҳкими истиқлолияти давлатӣ таҳияи идеяи миллӣ ё идеология муҳим ҳисоб шуда, андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ оид ба масъалаи мазкур мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Маҳмадов А.Н. дар «Муқаддимаи идеяи миллӣ» як идеяи миллии мушаххас ё як идеологияи мушаххасро пешниҳод накарда, дар бораи ҷанбаҳои назариявии ин падидаҳо ба таври умумӣ андешаи назар намудааст. Ӯ идеяҳои миллӣ ё идеологияҳо, ба монанди Ҷумҳурии Тоҷикистон, сулҳ, ваҳдат, миллат ва манфиатҳои миллӣ ва амсоли инҳоро баён намудааст. Зокиров Г.Н. дар монографияи «Идеологияи сиёсӣ» перомуни идеологияҳои дар ҷаҳон вуҷуддошта муфассал маълумот додааст. Ӯ барои рушди давлат мавҷудияти ғояи миллиро ба мақсад наздик мешуморад. Зокиров Г.Н. дар рушди Тоҷикистон идеяи миллии миллатгароиро пешниҳод намуда, шакли мусбати онро баррасӣ мекунад. Ятимов С. барои мавҷудияти давлат идеологияеро муҳим мешуморад, ки дар пояи манфиатҳои миллӣ қарор дошта бошад. Идеология барои идоракунии ҷомеа, назорат ва танзими он мусоидат мекунад ва боиси ташаккули ниҳодикунонӣ дар ҷомеа гашта, дар пайдоиш ва ташаккули ниҳоди асосии ҷомеа – давлат кумак расонидааст. Ятимов С. сарфи назар аз таҳлилҳои сиёсию геополитикӣ бештар ба идеологияи илмӣ диққат медиҳад. Абдулло Раҳнамо ғояи давлатмеҳварӣ ва ниҳодикуниро дар Тоҷикистони муосир дастгирӣ намуда, зинаҳои ташаккул ва роҳҳои расидан ба онро таҳлил кардааст. Раҳнамо дидгоҳи давлатмеҳварро ба ҳайси як идеяи миллӣ ё идеология пешниҳод накарда, онро заминае барои бунёди идеяи миллӣ ё идеологияи мушаххас меҳисобад. Ин дидгоҳ таҳкурсӣ барои идеяи миллӣ буда, бидуни он рушди дуюмин бисёр мушкил мебошад. Ҳайдаров Р.Ҷ. идеяи миллии ватандӯстию ваҳдати миллиро пешниҳод мекунад. Ҳайдаров Р.Ҷ. қайд мекунад, ки идеяи миллӣ ба ҳадафи бузург – сифатан тағйир додани воқеият ва бо ин роҳ тағйир намудани тақдири миллат равона мешавад. Андешаҳои муҳаққиқони ватанӣ бо андешарониҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Э. Раҳмон мустаҳкам карда шудаанд. Муаллиф ба ҳайси идеяи миллӣ ё идеология барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ватанпарастиро пешниҳод мекунад, ки дигар омилҳо дар атрофи он муттаҳид мешаванд.

**Калидвожаҳо:** давлати миллӣ, идеяи миллӣ, идеология, ваҳдати миллӣ, ватанпарастӣ, миллатгароӣ, идеологияи илмӣ, плюрализм, давлатмеҳварӣ, Ватан, Конститутсия.

## ФОРМИРОВАНИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ИДЕИ ИЛИ ИДЕОЛОГИИ В ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ ГОСУДАРСТВЕННОЙ НЕЗАВИСИМОСТИ

